ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2019. №7

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2019. №7

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2019. No.7

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2019

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳринисso Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2019. – №7. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2019

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2019. – №7. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.
Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.
Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2019

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2019. – №7. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.
The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2019

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 811.21/.22-3+82

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ДАСТУРИИ ЯК ҒАЗАЛИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Хоҷаев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Миробид Сайидои Насафӣ дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоири тараннумкунандаи аҳли ҳунар машҳур аст. Ашъори ӯ дар тӯли чаҳорсад сол ба мазмунҳои иҷтимоӣ, ишқӣ ва бо содагии забону тарзи баён мақбулу писанди хосу ом гаштааст. Шоир натанҳо дар шеъру осори ба ҳунармандон бахшидааш аз калимаю таркиб ва ибораю ифодаҳои умумиистеъмол, вожаю истилоҳоти касбӣ истифода бурдааст, инчунин дар ғазалиёти ишқию иҷтимоии хеш низ ба равонию содагии тарзи баён диққати махсус додааст. Шиблии Нӯъмонӣ барҳақ мегӯяд: «Маънии содагӣ он аст, ки хосу ом ҳарду бидуни такаллуфу заҳмат битавонанд, онро дарк кунанд» [4, с.241]. Ба назари мо, агар содагии шеър, аз як тараф, ба асоси истифодаи калимаю таркиб ва ибораҳои саҳлу осон ва умумиистеъмолу аслан тоҷикӣ бошад, аз сӯйи дигар, ба риоя кардани таносуби лафзу маънӣ, тартиби аъзоҳои ҷумла, тарзу воситаҳои алоқаи наҳвии онҳо дар таркиби ҷумла вобаста мебошад. Агар ҷумласозиҳои шоир мутобиқ ба меъёрҳои дастури забони адабӣ бошад, дарки маънӣ низ ба осонӣ ба фаҳм мерасад. Риоя нашудани қоидаҳои дастури забон сабаби печидагӣ дар баёни андеша шуда, шеърро аз фаҳми хонанда дур месозад. Бояд батаъкид бигӯем, ки аз ин ҷиҳат ашъори Сайидои Насафӣ аз ашъори тамоми шуарои ҳамзамонаш тафовути ҷиддӣ дорад. Ин шоири дар ҳунари шеъргӯйӣ хеле устоди забардаст дар ғазалҳояш қонунҳои дастури забони тоҷикиро нозуконаю борикбинона риоя кардааст. Ба сифати намуна мо як ғазали шоирро аз нигоҳи корбурди луғат ва сохтори сарфию наҳвӣ баррасӣ менамоем. Ғазал ин аст:

Эй маҳ, шабе ба хонаам оӣ, чӣ мешавад?
Бар ман даре зи ғайб кушоӣ, чӣ мешавад?
То кай зи пеши дидаи ман бигузарӣ ба ноз?
Дар чашми ман чу сурма дароӣ, чӣ мешавад?
Ях бастаам чу шамъ зи сармои рӯзгор,
Эй офтоб, рӯй намоӣ, чӣ мешавад?
Истодаем дар раҳи ту нақди ҷон ба каф,
Аз мо ба як нигаҳ рабоӣ, чӣ мешавад?
Гардам ба гирди кӯйи ту ҳар шаб чу Сайидо,
Як дам ту ҳам зи хона бароӣ, чӣ мешавад?

Ин ғазал дар баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф эҷод шудааст, ки чунин хонда мешавад:

мафъулу фоъилоту мафоъилу фоъилун.
– – v\ – v – v\ v– – v\ – v–

Дар ғазали фавқ ягон вожаи нофаҳмо, ки маънии он аз фаҳми хонанда ё шунавандаи одӣ дур бошад, истифода нашудааст. Вожаҳои исмии **маҳ, шаб, хона, дар, дида, ноз, чашм, сурма, ях, шамъ, сармо**, **рӯзгор, офтоб, рӯй, раҳ, ҷон, каф, нигаҳ, кӯй, дам** имрӯз ҳам аз серистеъмолтарин калимаҳои таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба шумор мераванд.

Дар ғазал аз санъатҳои бадеӣ, асосан, санъати ташбеҳ ва истиора ба кор бурда шудааст, ки он ҳам хеле саҳлу осон буда, ба фаҳми хонанда наздику дастрас мебошад.

Ғазали мавриди назар аз 10 мисраъ иборат буда, дар маҷмӯъ аз 50 вожа таркиб ёфтааст, ки аз ин миқдор 39 вожаи мустақимаъно ва 11 вожа ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ мебошад. Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки аз 50 адад вожаи дар ғазал корбастшуда танҳо 3 вожа: **ғайб, шамъ, нақд** арабианд, дигар ҳама калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд. Он 3 вожаи иқтибосии арабӣ низ калимаҳои арабии ҳазмшудаи умумиистеъмоланд. Ана ҳамин таркиби луғавии аслан тоҷикии ғазал онро равону сода, хушоҳангу ба фаҳм наздик гардондааст. Дигар аз вижагиҳои луғавии ғазал ин ҳамнишинӣ ё таносуби маъноии вожаҳо аст, чунончи: маҳу шаб; хонаву дар; чашму сурма; яху сармо; офтобу рӯй; роҳу истодан; нигоҳу рабудан ва ғайра.

Миробид Сайидои Насафӣ дар таърихи адабиёти классикии тоҷик шоирест, ки бо истифодаи ана ҳамин вожаю таркиб ва ибораҳои халқӣ забону тарзи баёни шеърро оммафаҳму сода гардонд.

Вижагиҳои сарфии ғазал низ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Яке аз вижагиҳои сарфии ғазал ин аст, ки шоир аз ҳиссаҳои нутқ бештар исм (21 адад), дуюм феъл (10 адад), сеюм ҷонишин (5 адад)-ро ба кор бурдааст. Дигар ҳиссаҳои нутқ –сифат, шумора, зарф танҳо як маротиба корбаст шудаанд. Аз ҳиссаҳои ёвари нутқ шоир, асосан, аз пешоянд (9 адад) ва ҳиссача (2 адад) истифода бурдааст. Дигар аз вижагиҳои сарфии ғазал ин аст, ки шоир ҳам дар истифодаи ҳиссаҳои мустақилмаъно ва ҳам ёвари нутқ калимаҳои аз нигоҳи

сохт содаро интихоб кардааст, ки ин омил ҳам яке аз роҳҳои содабаёнӣ ва салосату равонии ғазал гардидааст ва аз забондонию мӯйшикофиҳои шоир дар интихоби вожаҳо башорат медиҳад. Шоир бо ин тавоноии забони тоҷикиро нишон додааст. Дар ин замина сохтори наҳвии ғазал низ осону ба фаҳм наздик шудааст. Аз вижагиҳои наҳвии ғазали мазкур, махсусан, ду ҷиҳатро метавон таъкид кард: аввал-ин, ки сохти наҳвиёти ғазал хеле равон аст, ҳарчанд ки шоир аз ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб зиёд истифода кардааст. Шоир дар сохтани ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб кӯшиш кардааст, ки ҷумлаҳои содаи таркиби он зиёд тафсилӣ набошанд ва печидагии баён рух надиҳад.

Дар адои ин матлаб саҳми ибораҳои феълии масдарӣ хеле назаррас буда, шоир аз онҳо устодона истифода кардааст, чунончи: ба хона омадан, даре зи ғайб кушодан, зи пеши дида бигузаштан, дар чашм чу сурма даромадан, зи сармо ях бастан, нақди ҷон ба каф истодан, ба як нигоҳ рабурдан, ба гирди кӯй гаштан, зи хона даме баромадан, ба ноз бигузаштан ва ғайра. Ибораҳои феълии фавқ дар ғазали шоир нақши ҷумлаҳои пайравро адо намудаанд ва содагию равонии сохти наҳвии ғазалро таъмин кардаанд. Дигар аз вижагиҳои наҳвии ғазал ин аст, ки шоир матлаъи ғазалро бо мухотаб шурӯъ намуда, сипас матлаъро дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави шарт рехтааст, чунончи:

Эй маҳ, шабе ба хонаам оӣ, чӣ мешавад?
Бар ман даре зи ғайб кушоӣ, чӣ мешавад?

Чунонки мебинем, матлаи ғазал дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои ҳампайрави чидаи шартӣ сохта шудааст ва ин қолаби якуми аслии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб буда, дар шакли нақша ин тавр аст:



Сарҷумла дар шакли ҷумлаи саволӣ «чӣ мешавад»? такрор гардида, ду ҷумлаи пайрави шартро ба сурати чида ба худ тобеъ кардааст. Ҷумлаҳои пайрави шарти чида бе пайвандак, тавассути мутобиқати шаклҳои феълӣ ба сарҷумла тобеъ шудаанд, яъне хабари ҷумлаҳои пайрав ва сарҷумла бо сиғаи музореъ (шакли замони ҳозира – ояндаи сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ) ифода шудаанд.

Ҷумлаи саволии «чӣ мешавад»?, ки дар нақши сарҷумлаи ҳамаи ҷумлаҳои пайрави ғазал омадааст, саволу пурсиши аслӣ нест, балки оҳангу маънии хоҳишу таманно дорад, яъне қолаби халқии он «Чӣ мешавад, ки шабе ба хонаам биёӣ?» ё «хуб мешуд, агар шабе ба хонаам биёӣ» мебошад.

Мисраи аввали байти дуюми ғазал, ки пас аз матлаъ меояд, ҷумлаи содаи саволӣ аст, аммо мисраи дуюми ҳамин байт дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарӣ буда, аз сарҷумла ва ҷумлаи пайрави шарт иборат мебошад, чунончи:

То кай зи пеши дидаи ман бигузарӣ ба ноз?
Дар чашми ман чу сурма дароӣ, чӣ мешавад?

Пас аз ин, ҳар байти минбаъд дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа омада ва ҷумлаи пайрави дараҷаи якум ҷумлаи пайрави шарт буда, ҷумлаи пайрави дараҷаи дуюм ҷумлаи пайрави сабаб аст, чунончи:

Ях бастаам чу шамъ зи сармои рӯзгор,
Эй офтоб, рӯй намоӣ, чӣ мешавад?

Дар шакли нақша ин қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб чунин аст:



Ду байти минбаъдаи ғазал низ дар ҳамин қолаб буда, ҷумлаҳои пайравашон шарту сабабанд. Азбаски қаҳрамони лирикӣ шарту хоҳиш ва таманнои хешро пеш гузошта, сабаби он шарту хоҳиш ва таманноро иброз медорад, аксаран матлаб ба воситаи ҳамин қолаби ҷумла баён гаштааст.

Ба ҳамин тариқ, сохтори наҳвии ғазали таҳлилшаванда аз як ҷумлаи содаи саволӣ, як ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави шартии чида, як ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарӣ бо ҷумлаи пайрави шартӣ ва се ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа мураттаб гаштааст. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки сохти наҳвиёти ғазал,

ҳарчанд ки аксаран аз баҳамоии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб иборат бошад ҳам, баёни шоирро печидаю душвор насохтааст, балки калимаю ибораҳои содаю ширин ва муътадилмаъно он ҷумлаҳоро равону хушоҳанг ва сохти наҳвиёти ғазалро осону ба фаҳми хонандаи хосу ом наздик кардааст.

Хулоса, Миробид Сайидои Насафӣ дар эҷоди ин ғазал ва умуман ғазалиёташ аз истифодаи калимаҳои душворфаҳм, иқтибосӣ хеле худдорӣ кардааст. Ӯ, асосан, аз вожаҳои ҳамафаҳму умумиистеъмол ва аслан тоҷикӣ истифода бурдааст, ки намунааш ғазали мавриди назари мо мебошад. Ҳамин вожаҳои умумиистеъмол ва аслан тоҷикӣ сохти сарфию наҳвии забони ғазалро осону равон гардондааст. Омили дигаре, ки ин ғазалро содаю ба фаҳми хосу ом наздик кардааст, риояи тартиби муқаррарии аъзоҳои ҷумла мебошад. Дар ғазал ба истиснои чаҳор мавриде, ки бо тақозои вазн ва оҳангнокии ғазал: дар як мавриди ҳоли тарзи амал (ба ноз) ва се мавриди дигар хабар (ях бастаам, истодаем, гардам) дигар ҷойи аъзоҳои ҷумла ба сурате риоя шудааст, ки назираш гоҳо дар наср мушоҳида намешавад.

Бо калимаҳои умумиистеъмолу муътадилмаъно, ибораю ҷумлаҳои равону беобуранги зиёдатӣ ба тарзи содаю табиӣ баён намудани мавзӯи ишқӣ дар ғазал ҳунари волоро талаб менамояд ва на ҳар шоире дар ин боб дасти тавоно дошта метавонад. Шиблии Нуъмонӣ дар ин бобат хеле дуруст таъкид кардааст: «Ин маънии табииву сода ва берангро хуб мулоҳиза кунем, ба маротиб беҳтар аз он ҳама рангрезӣ ва такаллуфоту тасаннуоти мутааххирин аст». Футӯҳии Марвазӣ чунин мегӯяд:

Надиҳӣ ҳар ду-се маҳе бӯс,
В-ар диҳӣ, низ ба сад ноз диҳӣ.
Аз сари бандanавозӣ чӣ шавад?
Гар маро як шабе овоз диҳӣ [4, с.270].

Ин мулоҳизаи Шиблии Нуъмонӣ дар шинохту сифати ғазали таҳқиқшавандаи Миробид Сайидои Насафӣ ва умуман назми ин шоири тавоно мувофиқ аст. Воқеан, Миробид Сайидои Насафӣ бо камоли ҳунар берангу ороишҳои лафзӣ ва суханпардозиҳо тавонистааст, бо ҳамин вожаҳои одию беобуранги баланди эҳсосотӣ ва сохтори содаи наҳвӣ низ маънию мазмуни дилкашу муассири ишқиро баён кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум / Б.Ғафуров. – Душанбе, 1998. – 412 с.
2. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев. – Сталинобод: Таджикгосиздат, 1947. - 199 с.
3. Насриддинов А. Маърифат ва шарҳи адабиёт / А.Насриддинов. – Душанбе, 1991. – 186 с.
4. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ. 3. – Душанбе, 2016. – 575 с.
5. Ҳалимова С. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ / С.Ҳалимова. – Душанбе, 2014. – 151 с.

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ДАСТУРИИ ЯК ҒАЗАЛИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Муаллифи мақола вижагиҳои луғавию дастурии як ғазали шоири асри XVII тоҷикро ба таври мушаххас таҳлили лингвистӣ кардааст. Аз таҳлили ғазал маълум мегардад, ки ин шоири ҳунарманд дар тамоми осори манзуми хеш, аз ҷумла, ғазалиёти ишқиаш низ ба содагии забон ва тарзи баён эътибори ҷиддӣ додааст. Ӯ дар як ғазале, ки аз 50 вожа таркиб ёфтааст, ягон калимаю таркиб ва ибораи душворфаҳмро ба кор набурдааст. Дигар ин ки аз тамоми 50 вожаи ғазал танҳо се калимаи арабӣ истифода шудааст, ки онҳо низ арабии ҳазмшудаанд (ғайб, шамъ, нақд). Дар ғазал таносуби маъноии вожаҳо хеле ҳунармандона риоя гардидааст. Аз вижагиҳои сарфии (морфологии) ғазал ин аст, ки бо истиснои як-ду вожа дигар ҳама калимаҳо содаанд. Калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ ғайр аз исми «рӯзгор» ва феъли «чӣ мешавад» дар ғазал дида намешавад. Сохти наҳвиёти ғазал низ осону ба фаҳми хонанда наздик аст.

Калидвожаҳо: ғазал, луғат, вожа, сода, равон, умумиистеъмол, сарф, наҳв, таносуб, вижа, исм, феъл, шеър, шоир.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ОДНОЙ ГАЗЕЛИ САЙИДО НАСАФИ

Автор статьи провел тщательный лингвистический анализ лексических и грамматических особенностей одной газели таджикского поэта XVII века. Анализ показывает, что этот талантливый поэт во всех своих поэтических произведениях, в том числе в любовных газелях, обратил серьёзное внимание на язык и стиль изложения и красноречие. В одной газели, которая состоит из 50 слов, он не использовал ни одного трудного слова или словосочетания. Более того из всех 50 слов газели он использовал только три арабских слова, которые усвоены таджикским языком (гайб, шамъ, накд). В этой газели мастерски соблюдены семантические соотношения слов. Морфологическими особенностями этой газели является то, что, кроме одного или двух слов, все остальные являются простыми. Кроме существительного «рузгор» и глагола «чи мешавад», в газели не встречаются производные, сложные и составные слова. Синтаксическая структура газели также является простой и общедоступной для читателя.

Ключевые слова: газель, словарь, слово, простой, беглый (благозвучный), общеупотребительный, морфология, синтаксис, соотношение, особенность, имя существительное, глагол, стихотворение, поэт.

LEXICAL AND GRAMMATIC FEATURES OF ONE GAZELLE SAIDO NASAFI

The author of the article carried out a thorough linguistic analysis of the lexical and grammatical features of a gazelle of a Tajik poet of the 17th century. Analysis shows that this talented poet, in all his poetic works, including in love gazelles, paid serious attention to the language and style of presentation and eloquence. In one gazelle, which consists of 50 words, he did not use a single difficult word or phrase. Moreover, out of all 50 words of the gazelle, he used only three Arabic

words, which were acquired by the Tajik language (gaib, sham, nakd). In this gazelle, semantic correlations of words are masterfully observed. The morphological features of this gazelle is that, in addition to one or two words, all the rest are simple. Except for the noun “rozgor” and the verb “chi meshavad”, derivatives, complex and compound words are not found in the gazelle. The syntactic structure of the gazelle is also simple and generally accessible to the reader.

Keywords: gazelle, dictionary, word, simple, fluent (harmonious), commonly used, morphology, syntax, correlation, singularity, noun, verb, poem, poet.

Сведения об авторе: ***Ходжаев Д.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Khodzhaev D.*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 811.21/.22-4

ҲАМНИШИНИИ ОВОЗҲО ВА ТАҲАВВУЛУ ЗУҲУРИ ПАДИДАҲОИ САВТӢ

Кабиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нахустунсуре, ки боиси ташаккули воҳидҳои дигари забон мегардад, овоз (фонема) мебошад. Дар забонҳои дорои сохти фонемагӣ, аз ҷумла дар забони муосири адабии тоҷикӣ низ ҳадди хурдтарини таҷзияи овозӣ фонема ба шумор рафта, «… аммо дар талаффуз ҳадди охирини таҷзияи нутқи овозӣ ҳиҷо аст» [10, с.5]. Далели ин иддао он аст, ки ҳангоми талаффузи ҳар як калима он ба ҳиҷоҳо ҷудо шуда, дигар онҳоро «…ба порчаҳои овозии аз ҳиҷо хурдтар ҷудо карда наметавонем» [10, с.5]. Воқеан, агар ба талаффузи ибтидоии кӯдакон эътибор диҳем, равшан мегардад, ки онҳо бешуурона вожаҳоро ҷудо - ҷудо: да-да, бу-бу, ма-ма, па-па талаффуз мекунанд. Яъне, ҳисса ё порчаи овозии калима, ки бо як нафас талаффуз мегардад, ҳиҷо буда, лекин дар таҷзияи овозӣ баъди фонема, яъне дар зинаи дуюм қарор дорад ва ташаккули ҳиҷоҳо, ки ба асоси меъёрҳои ҳамнишинии овозҳои садоноку ҳамсадоҳо сурат мегиранд, восита ва сабаби ташкили ритм ё худ мавзунияти нутқ мегарданд. Мусалламан, «Нутқи муттасил занҷири овозҳост, ки дар ин ҳиҷоҳо ба воситаи ҳамнишинии ҳамсадою садонокҳо сохта мешаванд ва занҷирҳои овозии сершумору гуногуни нутқи овозиро ба амал меоранд» [10, с.6].

Тавре ки зикр шуд, нахустунсур ё худ воҳиди хурдтарини забон фонема (овоз) вақте «Забони инсониро ба низом медарорад ва онро аз унсурҳои дигари табиӣ фарқ мекунанд» [9, с.45], ки бо ҳамдигар ҳамнишин мешаванд. Воқеан, табиати забони тоҷикӣ ва дастгоҳи тавлиди овозии он дар тӯли асрҳо бетағйир намондааст. Бо вуҷуди он ки унсурҳои савтӣ (низоми савтиёт) нисбат ба дигар воҳидҳои забон камтар ба таҳаввулу тағйирот мувоҷеҳ мешаванд, лекин онҳо низ дар ҷараёни инкишофи таърихии забон аз ин доира мустасно нестанд ва зуҳури ҳодисаҳои савтӣ ба қонунияту меъёрҳои таърихӣ, забонӣ, арӯз, лаҳҷавӣ ва иқтибосӣ вобаста мебошанд. Чунончи, дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар аввали калима ҳамнишинии ду ҳамсадо роиҷ нест, зеро ки тибқи тақозои талаффуз душвориро эҷод мекунанд ва ҷиҳати осонӣ ва суҳулати талаффуз бояд ҳиҷо ба сифати порчаи овозӣ вуҷуд дошта бошад. Маълум аст, ки бе садонок ташаккули ҳиҷо ғайриимкон аст. Лекин дар аҳди бостон – дар забони форсии қадим ҳамнишинии ду ҳамсадо дар оғози калима маъмул буд. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар марҳалаи аввали инкишофи забонамон, яъне дар забони форсии қадим (дар аҳди салтанати Ҳахоманишиҳо) забонамон 8 ҳолат (падеж) ва баъдан 6 ҳолатро доро буд ва ҳамнишинии ду ҳамсадо дар оғози калима зиёд ба назар мерасид, ки баъдан тадриҷан ҳолатҳо маҳдуд гардида, дар давраи миёна ҳамнишинии ҳамсадоҳои оғозӣ низ тадриҷан матрук шуда ва боиси ташаккули ҳиҷоҳои алоҳида гардиданд. Масалан:

brātar> bar ādar
bruk>abruk>abru
spanta> ispand //sipand
prazanta> farzand
spaita>spet>ispet // safed
spahān> isfahān
ksandra (skandra) > iskandar // sikandar ва ғайра.

Ин раванд, аз як тараф, барои суҳулат ва равонии талаффуз сурат гирифта бошад, аз ҷониби дигар, барои эҷоди ҳиҷои дилхоҳ анҷом дода шудааст.

Баъдан таҷзияи ҳамсадоҳои ҷуфти аввали калимаҳо ба ду ҳиҷо ба сурати пеш аз он ҷуфти ҳамсадоҳо ва ё дар байни онҳо илова шудани садонокҳо амалӣ гардида, боиси ба миён омадани ду шакли калимаҳо шудааст: акнун // кунун, шикам // ишкам, ситора // истора, сипор // испор, фитод // афтод, афзуд // физуд ва дар ҳамин замина қобили зикр аст,

ки ба миён омадани ду шакли калимаҳо ба арӯз низ вобаста буда, шоирон барои эҷод намудани ҳиҷои дарозу кӯтоҳ шаклҳои гуногуни вожаҳоро месозанд. Аз ҷумла, чун муште аз хирвор ба вожаҳои зерин аз Мавлои Рум таваҷҷуҳ намоед: фитод // афтод, афзуд // физуд, шикаста // бишкаста, ситеза // истеза, Исрофил // Сирофил, Аҳриман // Оҳарман, Авасто// Авсито ва ғ.

Ситеза: Ӯ гумон бурда, ки ман кардам чу ӯ,
Фарқро кай донад он **истезарӯ**? [Маснавӣ].

Ситора: Лек дар зулмат яке дузде ниҳон,
Мениҳад ангушт бар **исторагон** [Маснавӣ].

Сафед: Зоҳири нуқра гар **испед** асту нӯ,
Дасту ҷома месияҳ гардад аз ӯ [Маснавӣ].

Шутур: Гуфт пайғамбар ба овози баланд:
«Бо таваккул зонуи **уштур** бибанд» [Маснавӣ].

Шикаста: Ҷабр чӣ бувад? Бастани ишкастаро,
Ё бипайвастан раге **бигсаста**ро [Маснавӣ].

Ҷолиби қайд аст, ки дар ҳамин радиф Мавлоно ин амалро дар нисбати исмҳои хос аз қабили: Авасто, Исрофил, Аҳриман, Иблис, Ҷабраил ва ғ. низ корбаст намудааст. Чунончи:

Бинӣ андар дил улуми анбиё,
Бе Китобу бе Муъиду **Авсито** [Маснавӣ].

З-он зи **Оҳарман** раҳидастем мо,
Кӣ харидӣ ҷони моро аз амо [Маснавӣ].

Ман ба ҳуҷҷат бар наоям бо **Билис**,
К-ӯст фитна (й) ҳар шарифу ҳар [Маснавӣ] ва ғ.

Сониян, ҳунари волои вожашиканиии Мавлоно тавассути корбурди пешванди **би-** (**бу-**) сурат гирифтааст. Албатта, пешванди шаклсози би- (бу-)-ро адибони пешину муосир бо феълҳо ҳамнишин намуда, барои таъкиду тақвияти амал (феъл) ва зинати сухан фаровон истифода кардаанд, ки аз ин рӯ, пешванди мазкур дар фарҳангу дастурҳои пешин бо номҳои бо-и таъкид ва бо-и зинат ёд шудааст.

Тавре ки зикр шуд, пешванди би- (бу-) дар тӯли таърих дар ташаккули ҳиҷоҳои дилхоҳ барои адибон хизмати шоиста кардааст, лекин Мавлои Рум ин **бо-и вожашикан**ро то ҳадде дар шикасти вожаҳо корбаст намудааст, ки дар ин самт аз истеъдоди фавқулодаи эшон дар калимасозӣ дарак медиҳад. Чунончи:

Гусастан: Банд **бугсил**, бош озод, эй писар!
Чанд бошӣ банди симу банди зар? [Маснавӣ].

Гузидан: Ишқи он **бигзин**, ки ҷумла (й) анбиё,
Ёфтанд аз ишқи ӯ кору киё [Маснавӣ].

Буридан: Обро **бибриду** ҷӯро пок кард,
Бояд аз ин дар ҷӯ равон кард оби х (в)ард [Маснавӣ].

Гаравидан: Ҳаст инро хуш ҷавоб ар бишнавӣ,
Бигзарӣ аз куфру дар дин **бигравӣ** [Маснавӣ].

Фирефтан, шикофтан: Гуфташон: Шоҳи маро **бифрефтед**?
Аз хиёнат в-аз тамаъ **нашкефтед**? [Маснавӣ] ва ғ.

Тавре ки дида мешавад, вожашиканиии Мавлоно тавассути пешванди би- (бу-) барои ҳосил намудани ҳиҷои дароз бо роҳи ҳазфи яке аз садонокҳои кӯтоҳи ду ҳиҷои аввали феълҳо амалӣ шуда ва дар ин амалия ҳамнишинии овозҳо (садонокҳои кӯтоҳ) мавқеи хос дорад ва бояд гуфт, ки ин раванд ба табиати забонамон (содагиву равонпазирӣ) ва талаботи арӯз вобаста мебошад [3, с.91; 4, с.7-10].

Дар асари ҳамин раванд, ки аз ҷараёни сайқалёбӣ ва равонпазирии забон далолат мекунад, алҳол дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар оғози калима ҳамнишинии ду ҳамсадо ба назар намерасад, лекин ҳанӯз ҳам ҳамасадоҳои оғозии ҷуфт дар баъзе шеваҳо аҳёнан мушоҳида мешавад: бринҷ (биринҷ // гурунҷ), драхт (дарахт), бланд (баланд), шътър (шутур) ва ғ. Ҳамчунин дар мавриди таҳаввули унсурҳои савтӣ метавон ишора кард, ки дар забони форсии қадим дар марҳалаи аввал ду ҷуфт дифтонг (сонанти муракқаб): ai, au, āi, āu ва дар марҳалаи дувум: ai, au мустаъмал буд, ки тадриҷан онҳо то аҳди салтанати Доро ба монофтонгҳои о (ӯ) ва е (е, и) табдил шудаанд [6, с.243; 8, с.27].

Илова бар ин, дар тӯли таърих таҳаввул дар доираи ҳамсадоҳо низ сурат гирифтааст. То ҷое, ки маводи осори хаттии аҳди бостон – давраи салтанати Ҳахоманишиён шаҳодат медиҳад, дар забони форсии қадим ҳамсадоҳои ҷуфт (мураккаб) - и ҳамхон, аз ҷумла fr, zm, xv, xs, hr… роиҷ буданд ва ҳамсадоҳои ҳамхони мазкур бештарашон то марҳалаи дуюми инкишофи забонамон, яъне то давраи миёна ба ҳамсадоҳои холис (сода) таҳаввул карда ва табдил шуданд. Вале ҳамсадои ҷуфти xv (хв) тақрибан то асрҳои XIII- XIV мавриди истифода қарор доштааст. Масалан:

Айбгӯю айбҷӯйи **х(в) ад** будаст,

Бо ҳама некуву бо худ бад будаст [Мавлавӣ].

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин **х (в) аш** аст [Фирдавсӣ].

Ҳар ду най хӯрданд аз як **обх(в) ар,**
Он яке холиву он пур аз шакар [Мавлавӣ]

ва чун хат то ҷое майли куҳнапарстӣ дорад, бинобар ин, ҳамсадои мазкур (хв) дар имлои ниёгон то кунун дар якчанд вожа навишта шуда, вале хонда намешавад ва ба номи вови маъдула ё таърихӣ ёд мегардад: **хвоҳар** (**хоҳар**), **хвоб** (**хоб**), **хвоҷа** (**хоҷа**), **устухвон** (**устухон**), **Хворазм** (**Хоразм**) ва ғ.

Тавре ки маводи забонӣ шаҳодат медиҳад, дар байни решаи вожаҳои тоҷикӣ се ҳамсадо ҳамнишин намешавад (ба истиснои калимаҳои сохтаву мураккаб: шармсор, чоштгоҳ, сахтгир, мушкбӯй, пандшунав, дастболо, пӯстканда ва ғ.), зеро талаффузи се ҳамсадои пасиҳам душвор буда, дар равонии вожа сакта ворид мекунад.

Инчунин, дар раванди инкишофи забон ҷиҳати суҳулати талаффузу суфтаву равон гаштани забон як силсила падидаҳои савтие зуҳур намуданд, ки падидоии онҳо низ ба талаботҳои илми арӯз ҳамбастагии зич доранд, зеро илми арӯз то ҳадде ба илми савтиёт асос ёфтааст, яъне дарозиву кӯтоҳии садонокҳо, устувориву ноустувории онҳо, вижагиҳои ҳиҷоҳо, лаҳну зада, ки ҳама унсурҳои савтӣ мебошанд, дар низоми илми арӯз нақши калидӣ доранд.

Воқеан, ба туфайли ҳамнишинии овозҳои садоноку ҳамсадо ҳиҷоҳои мавриди назар ташаккул меёбанд. Лекин маҳз садонок боиси ташаккули ҳиҷо мегардад. Аммо ногуфта намонад, ки вобаста ба тақозои вазн ҳолатҳое низ ба назар мерасад, ки ба низоми садонокҳо ва меъёрҳои ҳиҷоҷудокунии савтиёт мутобиқат намекунад. Аз ҷумла, маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ шаш садонок муқаррар шудааст, лекин: «Донишмандони арӯзи тоҷикӣ хусусиятҳои овозии шеърро ба назар гирифта, меъёр ва андозаҳои ҳиҷосозиро муайян кардаанд, ки минбаъд чун қонуни сохти фонетикии шеър мавриди истифодаи шоирон қарор гирифт. Таркиби ҳиҷоҳои шеъри арӯзиро дувоздаҳ овози садонок (а, и, у, о, ӯ, э, ӣ, е, ё, ю, я) ва бисту чаҳор ҳамсадо… ташкил медиҳад» [15, с.38]. (Бубинед, ки ҳарфҳои ётбарсар ба қатори садонокҳо дохил карда шудаанд). Ҳамзамон қайд менамоянд, ки: «… дар ҳиҷои арӯзӣ гоҳе ҳарфҳои ҳамсадо ҳарфи марказии ҳиҷоро ташкил медиҳанд. Масалан, калимаи «кошт» дар арӯз ҳукми ду ҳиҷоро дорад: ҳиҷои «ко», бешубҳа, ҳарфи асосӣ ё марказии он садоноки «о» мебошад. Ҳиҷои дуюм «шт», ки, албатта, ҳарфи асосии онро ҳамсадои «ш» ташкил медиҳад. Дар ин маврид арӯзиён ба он садоноки кӯтоҳеро илова карда, талаффуз менамоянд» [15, с.38].

Бояд гуфт, ки ин шакли иловакунии садоноки кӯтоҳ дар вожаҳои якҳиҷоие сурат мегирад, ки бо ду ҳамсадо хатм мешаванд. Илова бар ин, як силсила падидаҳои савтие ба назар мерасад, ки онҳо низ, аз як тараф, барои равониву осонии талаффуз зуҳур карда бошанд, аз ҷониби дигар, ба асоси муқтазои авзони шеър ба миён омада ва ҳар ду маврид дар доираи талаботу меъёрҳои ҳамнишинии овозҳо сурат гирифтааст.

Тавре дар боло зикр шуд, дар ҳамин замина иловакунии садонок ва баъзан ҳамсадо низ, ки дар савтиёт бо номи **афзоиш** ёд мешавад, барои осонии талаффузу равонии ҳиҷо ва таъмини талаботи вазни шеър корбаст мегардад. Ин падида бештар бо афзудану бо илова кардан, яъне ҳамнишин намудани як садонок дар байни ҳамсадоҳо сурат мегирад. Масалан, **вожаҳои пирзан, пирмард, мавҷвард, шаҳрёр**… дар асари ҳодисаи савтии **афзоиш** ба шакли зерин омадаанд:

Паси ҳафта омад дамон **пиразан,**
Пур аз ханда рафта ба ҳар сӯ даҳан [Савдо].

Худовандо, закоти **шаҳриёрӣ,**
Зи ман магзар, шитоб ар меҳр дорӣ [Мавлавӣ].

Иловашавии ҳамсадо дар байни ду садонок дар доираи ҳамнишинии пешвандҳои **ба** бо ҷонишинҳои **ӯ, эшон, ин, он** ба мушоҳида расида, дар натиҷа, аз як тараф, вазни дилхоҳ ҳосил гардида, аз сӯйи дигар, барои ҳамнишинии унсурҳои мазкур созгор меафтад. Чунончи:

Сафар кард Рустам аз ин достон,
Навишта **бад-ин** хок аз бостон [М. Қаноат].

То ин чизҳоро **бад-эшон** намой,
Бимон, то бибошанд он ҷо ба ҷой [Фирдавсӣ].

Афзоиш ё худ иловакунии садонок дар охири калима «бо мақсади риояи қофия» низ сурат мегирад [7, с.15-16].

Масалан:

Гарчи шавад хонаи дил рахна зи муши ҳасаде,
Муш кӣ бошад бирамад аз дами гурба ба**маве** [Мавлавӣ].

Ҳар яке мар асли худро бандаанд,
Эҳтиёте кун ба ҳам **монандаанд** [Мавлавӣ].

Дар мисолҳои мазкур ба хотири риояи вазну қофия ба вожаи **мав е** ва ба вожаи **монанд** садоноки **а** илова карда шудааст.

Ҳодисаи савтии **тахфиф** бошад, дар доираи қонуниятҳои садонокҳо зуҳур карда, асосан, ба хотири ҳосил намудани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи вазни шеър корбаст мешавад ва боиси зуҳури муодилҳои вожаҳо мегардад. Муҳаққиқи савтиёт Т.Н. Ҳаскашев низ ҳодисаи тахфифро хосси фонемаҳои садонок қайд намудааст [10, с.104]. Лекин дар фарҳангномаҳои эронӣ, аз ҷумла дар «Фарҳанги Амид», ки муътабартарин фарҳанг аст, дар ин доира ҳазфи ҳуруф низ зикр гардидааст. Чунончи: «Тахфиф – (а) сабук кардан, костан, мухтасар сохтани калима бо кам кардани яке аз ҳуруф ё ҳазфи ташдид барои суҳулати талаффуз ё зуҳуроти шеър, мисли гоҳ ва гаҳ, кулоҳ ва кулаҳ, агар ва ар» [13, с.247].

Бояд зикр кард, ки забоншинос С. Саломов оид ба ҳодисаи тахфиф таваққуф намуда, аз ҷумла вожаҳои навъи **бирбуд** (аз рабудан), **бипзир** (аз пазируфтан) ва **бибрид** (аз буридан)-ро ба ҳодисаи тахфиф мансуб донистааст [9, с.69]. Ба андешаи ин ҷониб, дар ин мисолҳо ҳодисаи тахфиф набуда, балки, тавре ки қаблан зикр карда будем, таҳти таъсири пешванди би-(бу-) –решаи калима шикаста мешавад.

Ҳодисаи дигари савтӣ, ки баръакси ҳодисаи савтии афзоиш мебошад, ҳодисаи **ихтисоршавӣ ё коҳиш** буда, падидаи мазкур тобеи талаботи вазни арӯз маҳсуб мешавад. Падидаи ихтисоршавӣ, асосан, дар доираи феълҳо, пайвандаку пешояндҳо ва ҷонишинҳо ба назар мерасад. Чунончи:

Офарин бар забони ширинат,
К-ин ҳама шӯр дар ҷаҳон андохт [Саъдӣ].

Заҳмат он бошад, ки як ҷинсе аз он ҳосил шавад,
В-арна дар куштор заҳмат мекашад ҷаллод ҳам.
Мурда бод ин олами зулму хиёнат, к-андар ӯст,
Бенаво ҳам, ағниё ҳам, банда ҳам, озод ҳам! [Лоҳутӣ]

Ҳам ту, эй дони хӯшаи гандум,
К-аз сафеди -т рӯсафедам ман [Лоиқ].

Аз миллату аз забони худ ёд кунед.
Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.
То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,
Дунёи **варо** тоҷикӣ бунёд кунед [Аскар Ҳаким].

Дар ҳамин доира баъзан коҳишёбӣ то ҳадде сурат мегирад, ки аз калимаи бутун танҳо як ҳарфаш боқӣ мемонад. Ин ҳодиса таваҷҷуҳи забоншинос М. Саломовро ҷалб намуда, барҳақ қайд мекунад, ки: «… шоирон барои он ки талаботҳои вазни арӯзро вобаста ба ҳиҷоҳои калима ба инобат гиранд, баъзе калимаҳоро дар шакли ихтисоршуда коҳиш медиҳанд. Дар ин маврид як калима пурра оварда мешавад ва аз калимаи дуюм танҳо як фонема зикр мегардад, ки берун аз матн он калима маъноеро ифода карда наметавонад. Масалан, дар байти зерин калимаи **инчунин**–ро шоир дар шакли **ин- ч** овардааст:

Пӯсти суханат **ин-ч** гуфтем,
Аз пӯст кӣ ёфт мағзи он роз?» [9, с.71].

Бояд зикр кард, ки ҳодисаи **коҳиш** (**ихтисоршавӣ**) дар забони омиёна ва лаҳҷаҳо бештар ба назар мерасад, ки ин тамоюл, асосан, ба хотири **сарфаи неруи гуфтор** (универбатсия) ва равониву осонии талаффуз сурат мегирад. Чунончи, **мчум** (**ман чӣ донам**), **ким** (**кӣ медонад**), **пиёва** (**пиёз+об+а**), **чиба**? (**барои чӣ?**), **куст**? (**дар куҷост?**) ва ғ.

Аз воқеият дур нест, ки сифатҳои **таъкидии суп-сурх, сип-сиёҳ, заб-зард, каб-кабуд** ва амсоли инҳо низ дар ҳамин замина ташаккул ёфтаанд ва ҳамнишин шудаанд.

Дар назм дар феълҳо низ ҳиссачаи инкории **на**-коҳиш меёбад:

Ҳар кӣ **н-омӯхт** аз гузашти рӯзгор
Низ **н-омӯзад** зи ҳеҷ омӯзгор [Рӯдакӣ].

Дар заминаи коҳишёбӣ баъзан дар назм, яъне дар як мисраъ се-чор калима ба ҳодисаи ихтисоршавӣ мувоҷеъ мешаванд. Масалан, ба мисоли зерин аз Мавлавӣ таваҷҷуҳ намоед:

В-ар з-он-к бичӯиву наёбӣ,
Бидҳем нишон, ки мо куҷоем.
Гуфт:– «Буд фазли Худои додгар,
Варна з-он ч-ам гуфта шуд, ҳастам батар

в-ар з-он- к коҳишёфтаи **ва агар аз он ки** ва **вагарна з-он чӣ-ам** мебошад [7, с.15].

Ҳодисаи **ҷойивазкунӣ** (метатеза) падидаи маъмулии савтиёт аст, ки овозҳои ҳамсоя ҷойи якдигарро иваз мекунанд. Ҳодисаи мазкур ба ҳамсадоҳо хос буда, ба ҳамнишинии онҳо вобаста мебошад. Ҳодисаи ҷойивазкунӣ, аз як тараф, барои ҳосил намудани ҳиҷоҳои дилхоҳ барои вазни шеър бошад, аз ҷониби дигар, барои равонӣ ва суҳулати талаффуз дар

раванди инкишофи таърихии забон дар тӯли асрҳо ба миён омадааст. Зуҳури ҳодисаи мазкур дар доираи тамоми ҳиссаҳои мустақили нутқ ба мушоҳида мерасад. Масалан, китф//кифт, хумра//хурма, қуфл//қулф, тубра//турба, шикам//ишкам, афв//авф, ҳавло//ҳалво, афсун//фусун, уштур//шутур, афзун // фузун ва ғ.

Ду мори сияҳ аз ду **китфаш** бируст,
Ғамин гашту аз ҳар сӯе чора ҷуст.

Саранҷом бубрид аз ҳар ду **кифт,**
Сазад гар бимонӣ аз ин дар шигифт [Фирдавсӣ].

Ғафлату густохии ин муҷримон,
Аз вуфури **авфи** туст, эй **афвлон** [Мавлавӣ].

Об, ки аз **хумраи** равған хӯранд,
Ҷӯши дил аз валвалаи тан хӯранд [Хусрави Деҳлавӣ].

В- он ки **уштур** гум накард ӯ аз мирӣ,
Ҳамчу он гумкарда ҷӯяд **уштуре.**
Ки бале, ман ҳам **уштур** гум кардаам,
Ҳар кӣ ёбад, уҷраташ овардаам [Мавлавӣ] ва ғ.

Ҳодисаи савтии **монандшавӣ** дар занҷираи гуфтор бештар дар доираи овозҳои ҳаммахраҷ рух медиҳад. Чун фонемаҳои ҳаммахраҷ ҳамнишин мешаванд, дар талаффуз душвориро эҷод мекунанд. Ин нуктаро дар андешаи олими мумтози эронӣ Хусрави Фаршедвард низ дармеёбем. Ӯ дар хусуси забони шеър таҳқиқот анҷом дода, барои рангиниву ҷаззобӣ ва дилнишинии шеър риояи ҳафт нуктаро таъкид менамояд, ки аз ҷумла: «Калима набояд дорои танофури ҳуруф ва ситезовоӣ бошад, авомили ситезовоӣ фаровонанд, ки бояд дар бораи онҳо бо ёрии илми савтшиносӣ таҳқиқ кард… чаҳорум, иҷтимои воҷҳо ва ҳуруфи қариб-ул-махраҷ ва ҳамвоҷгоҳ, панҷум, такрори ду сомит,… ҳафтум, вуҷуди ҳуруфи сангин дар калима» [12, с.569]. Ҳамнишинии фонемаҳои ҳаммахраҷ, ки ба ҷарангнокӣ ва баҷарангии ҳамсадоҳои ҳамнишин низ вобастагӣ дорад, сабаби монандшавии комил ё ноқис дар занҷираи овозӣ мегардад. Аз ҷумла, дар вожаи **ибтидо** таҳти таъсири овози беҷаранги **т** овози ҷарангдори **б** ба овози **п** табдил шуда, ба шакли **иптидо** талаффуз мегардад. Ё ин ки овози **н** пеш аз овози **б** дар талаффуз чун **м** талаффуз шуда, ҳодисаи монандшавӣ рух медиҳад: **шанбе (шамбе), танбал (тамбал), анбар (амбар), пунба (пумба), занбӯр (замбӯр), сунбул (сумбул), ҷанба (ҷамба)** ва ғ.

Дар вожаҳои **садто, бадтар** монандшавии пурра сурат гирифта, онҳо ба шакли **сатто, баттар** талаффуз мешаванд ва ҳатто баъзан яке аз ҳамсадоҳои ҳамнишин ҳазф мегардад:

Дар дарди туам, ту фориғ аз ман,
Кас дарде аз ин **батар** надорад [Хоқонӣ].

Яке аз падидаҳои дигари савтӣ **имола** буда, ҳодисаи мазкур бо тақозои назм дар мавриди қофиясозӣ тавлид мешавад ва он дар «Фарҳанги Амид» чунин тавзеҳ шудааст: «Имола- (а.) майл додан, баргардонидан, моил гардонидан, хам додан ва дар истилоҳ майл додани фатҳа ба касра, ба тавре ки алиф сурати (йот) пайдо кунад. Мисли китеб имолаи китоб ва рикеб имолаи рикоб… [13, с.125]. Тавзеҳи Абдурраҳим бинни Абдулкарими Сафипурӣ оид ба имола низ тавзеҳи Ҳасан Амидро мемонад: «Имола дар луғат моил кардани чизе бувад аз ҷое ва дар истилоҳ фатҳаро моил ба касра кардан [1, с.80].

Ин ҳодисаи савтии нодир таваҷҷуҳи профессор М.Н. Қосимоваро низ ба худ ҷалб намуда, чунин менигоранд: «Дар баъзе калимаҳои арабии асосан духиҷо, ки дар ҳиҷои охир овози «о» доранд, ба ҷойи он овози «э [е]» ё ки «и» менависанду мехонанд. Дар ин навъ калимаҳо ҳиҷои пеш аз имола кӯтоҳ буда, бо овози «и» (кӯтоҳ) ба итмом мерасад» [5, с.14].

Тавре зикр шуд, ин ҳодисаи савтӣ, асосан, барои риояи қофия зуҳур мекунад. Чунончи:

Бар зану бар феъли зан дил мениҳед ?
Ақли ноқис в-он гаҳонӣ **эътимед?** [Мавлавӣ].

Омад аз Ҳақ сӯйи Мӯсо ин **итеб**
К-ой тулӯи моҳ дида ту зи ҷеб [Мавлавӣ].

То ба ҷойи ӯ шинонемаш **имем,**
Дасту доманро ба дасти ӯ диҳем [Мавлавӣ].

Аз маводи оид ба имола чунин ба назар мерасад, ки шарҳу тавзеҳи ду донишманди аввал чандон ба ҳақиқат мувофиқ нест, зеро ки дар имола фатҳа (а) ба касра (и) моил нашуда, балки овози «о» ба овози «е» табдил мешавад ва ин нуктаро муҳаққиқ М. Саломов низ баён намуда, тавзеҳи Хоҷа Ҳасани Нисориро барҳақ ҷонибдорӣ кардааст [9, с.66], ки чунин аст: «Бидон, ки дар истилоҳи порсиён имола ба касраи ҳамза табдили

ҳуруфи иллат аст ва тарҳим андохтани ҳарфе аз калима, хоҳ аз аввал бошад ё охир ва он барои зарурати шеър ва қофияд.

Саъдӣ мефармояд:

Ба қудрат нигаҳдори болову шеб,
Худованди девони рӯзу **ҳисеб.**
Зиҳӣ мулки даврон, ки сар дар нишеб,
Падар рафту пойи писар дар **рикеб.**

«Нун»- и «нишеб»-ро тарҳим карда, «шеб» гуфта. Агар «нишеб» мегуфт, шеър номавзун мегардид ва дар «ҳисеб » ва «рикеб» қоидаи имола ҷорӣ намуда, чаро ки дар лафзи нишеб «йо» ҳарфи радиф аст ва бо ҳарфи равии паси қофияи «нишеб» ва «ҳисеб» ва «рикоб» намешавад, аз ин сабаб «алиф»-и «ҳисоб» ва «рикоб»-ро «йо»-и маҷқул бадал карда, қофия сохта» [11, 1998, с.53].

Муҳаққиқон имоларо хосси вожаҳои арабӣ дониста, корбурди онро дар вожаҳои тоҷикӣ мадди назар нагирифтаанд, ҳол он ки ҳодисаи мазкур дар бандакҷонишинҳои ҳар се шахс ба назар мерасад, ки ин нуктаро муҳаққиқ М. Саломов бо далелҳо аз Ҷалолуддини Балхӣ ва Саъдии Шерозӣ собит менамояд [9, с.67].

Чунончи:

Гуфтам зи куҷоӣ ту, тасхир заду гуфт, эй ҷон,
Нимем зи Туркистон, **нимем** зи Фарғона [Мавлавӣ].

Эй оқил, агар пой ба **сангет** барояд,
Фарҳод бидонӣ, ки чаро санг буридаст [Саъдӣ].

Гар Худованди таоло ба**гуноҳет** бигирад,
Гӯ, биёмурз, ки ман ҳомили авзори туам [Мавлавӣ].

Ҷон надорад, ҳар ки **ҷононеш** нест,
Тангайш аст, он ки **бӯстонеш** нест [Саъдӣ].

Дар мисолҳои мазкур имола на танҳо барои эҷоди қофия, инчунин ба тақозои вазни шеър мавриди истифода қарор гирифтааст.

Профессор С. Сабзаев оид ба забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ таҳқиқоти арзанда анҷом дода, муарработро (бо дарназардошти чор ҳарфи хосси тоҷикӣ – п, ч, ж, г) дар силсилаи ҳодисаҳои савтӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст [7, с.25-28], ки оид ба муарработ мо дар боби луғатшиносӣ таваққуф хоҳем кард.

Қобили зикр аст, ки дар доираи баҳси фоносемантика мавқеъ ва ҷилваҳои маъноии ҳуруфи арабиасоси тоҷикиро месазад, ки мавриди таҳқиқ карор дод. Маълум аст, ки ҳарфҳо маҷмӯи аломатҳои шартӣ буда, ифодаи графикии (тасвирии) овозҳои забон ба шумор мераванд. Ҳарфҳои алифбои арабиасоси тоҷикӣ илова бар он ки рақам (адад)-и мушаххасро доро мебошанд, боз дар тӯли беш аз ҳазор сол ҳамчунин барои ифодаи мафҳумҳои гуногун низ хизмат намудаанд, ки дар ин замина забоншиноси маъруф А. Ҳасанов низ таъкид менамояд: «Вобаста ба ин нукта бояд афзуд, ки ифодаи маъноҳои муайян тавассути ҳарфҳои алоҳида дар таърихи фарҳангу тамаддуни форсу тоҷик суннати беш аз ҳазорсола дорад. Лозим ба таъкид аст, ки чунин равиши ифодаи матлаб аз «Қуръон», тафсирҳои он ва тарҷумаи чунин тафосир сарчашма гирифтааст» [14, с.101] ва бояд гуфт, ки таҳқиқу баррасии ин хусусияти фоносемантикии ҳарфҳои мазкур аз назари зумрае аз донишмандони муосир ҳам дар канор намондааст [2, с.18-24;14, с.99-107; 9, с.78-87].

Аз ашъори шоирон бармеояд, ки ба асоси санъати ташбеҳ эшон дар ин маврид асосан аз шабеҳияти ҳарфи алоҳида ба мафҳуми мавриди назар кор гирифтаанд. Чунончи, дар тасвири зулф ҳарфҳои ҷиму дол, дар ифодаи қадду қомати росту расо ҳарфи алифу нисбати қомати пири хамгашта ҳарфи дол, дар баёни камонабру ҳарфи нуну дар ифодаи даҳон ҳарфи мим ва ғ. мавриди истифода қарор гирифта, ба асоси шабеҳияту монандӣ робитаи шаклӣ, зоҳирӣ ба миён омадааст. Дар ҳолатҳои тасвири баъзе мафҳумҳо, ки бо як ҳарф ифодаи он ғайриимкон аст, эҷодгар бо ҳамнишин намудани ду- се ҳарф мафҳум, шайъ ё ҳодисаи мавриди назарро инъикос ё тасвир мекунад, ки ин санъат то ҷое муамморо мемонад. Масалан, калимаи арабии **дам** ба тоҷикӣ **хун** тарҷума мешавад ва ҳамнишин намудани ҳарфҳои **долу мим** (садоноки кӯтоҳи а ифодаи ҳарфӣ надорад, вале хонда мешавад) **дам** (хун) хонда мешавад.

Чунончи:

З-он сари зулфу даҳон дил хун шудаст,
Хун шавад, чун «**дол**» пайвандад ба «**мим**» [Камол].

Ё ки:

«**Дол**»- и зулфу «**алиф**»-и қомату «**мим**»-и даҳанаш,
Ҳар се «**дом**»- анду бад-он сайди ҷаҳоне чу манаш [Камол].

Дар мисоли дуюм, тавре ки дида мешавад, аз ҳамнишинии ҳуруфи **д** (**дол**), **о** (**алиф**) ва **м** (**мим**) вожаи **дом** ҳосил шуда, ба вожаи **сайд** таносуби маъноӣ дорад. Ба таври дигар,

маҳбубаи шоир то ҳадде зебову ҷаззоб будааст, ки зулфу қадду даҳон (долу алифу мим) - и ӯ барояш дому шоир сайди ин дом аст [2, с.21; 9, с.82] ва ғ.

Ҳамин тариқ, ба асоси маводи баррасишуда метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки овозҳо дар занҷираи гуфтор дар раванди инкишофи тадриҷии забон дар тӯли таърих тибқи меъёру қонунҳои савтӣ ҳамнишин шуда, ҷиҳати равониву суҳулати талаффуз падидаҳои гуногуни савтӣ, аз ҷумла: тахфиф, коҳиш, афзоиш, монандшавӣ, табдилёбӣ, ҷойивазкунӣ, имола ва ғайра, ки ба талаботи вазну қофия низ иртибот доранд, зуҳур намудаанд. Омилҳои мазкур дар маҷмӯъ боиси суфтагӣ, равонӣ ва гӯшнавозии забони тоҷикӣ гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳим бинни Абдукарими Сафипурӣ. Ғоят- ул - баён / Сафипурӣ Абдурраҳим бинни Абдукарим. – Ҳиндустон, 1235ҳ. – 141 с.
2. Кабиров Ш. Ҷилваҳои маҷозии ҳуруфи форсӣ дар ғазалиёти Камол / Ш. Кабиров // Паёми донишгоҳ. – Душанбе, 2000. - №2. – С.18-24.
3. Кабиров Ш. Сухан аз арши барин омадааст / Ш. Кабиров. – Душанбе, 2014. – 263 с.
4. Кабиров Ш. Ҳунари вожашикании Мавлои Рум / Ш. Кабиров // Забон – рукни тоат. – Душанбе, 2018. - №11. – С.7-11.
5. Қосимова М.Н. Мухтассар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешин / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 113 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – С. 19-45.
7. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. – М.: Наука, 1979. – 387 с.
8. Сабзаев С. Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ / С. Сабзаев. – Душанбе, 2014. – 519 с.
9. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2008. – 190 с.
10. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (Ба асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М.Саломов. – Душанбе, 2017. – 266 с.
11. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе, 1984. – 98 с.
12. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор; таҳияи У. Назир, Д. Хоҷа / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. – Душанбе: Шарқи озод, 1988. – 116 с.
13. Хусрави Фаршедвард. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ. Ҷ.2 / Фаршедвард Хусрав. – Теҳрон: Сипеҳр, 1378. – 1003 с.
14. Ҳасан Амид. Фарҳанги Амид / Амид Ҳасан. – Теҳрон, 1351ҳ. – 1178 с.
15. Ҳасанов А. Ифодаи маъно бо ёрии ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ дар осори Ҷомӣ / А. Ҳасанов // Абдурраҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ. – Хуҷанд: Нашир, 2014. – С.99-107.
16. Шарифов Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.

ҲАМНИШИНИИ ОВОЗҲО ВА ТАҲАВВУЛУ ЗУҲУРИ ПАДИДАҲОИ САВТӢ

Нахустунсуре, ки боиси ташаккули воҳидҳои дигари забон мегардад, фонема (овоз) мебошад. Бояд зикр кард, ки овозҳо дар тӯли таърих нисбат ба дигар воҳидҳои забон хеле кам ба тағйирот дучор шудаанд, ки ин ба ҷиҳати биологӣ-–дастгоҳи тавлидии овозҳо (базаи артикулятсионӣ), яъне ба узвҳои нутқ вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин, дар раванди тӯлонии инкишофи таърихии забони тоҷикӣ дар низом (система)- и савтиёти он, чи дар доираи садонокҳо ва чи дар доираи ҳамсадоҳо ва ҳамнишинии онҳо, таҳаввулу тағйирот ба назар мерасад. Чунончи, дифтонгҳои забони форсии қадим дар раванди инкишофи забон то забони форсии давраи миёна ба монофтонгҳо мубаддал шуданд. Ҳамсадоҳои думахраҷаи (ҷуфт) форсии қадим низ то давраи миёна ба ҳамсадоҳои холис (сода) табдил ёфтанд. Дар ин раванд вобаста ба ҳамнишинии овозҳо ҳодисаҳои гуногуни савтӣ, аз қабили тахфиф (редуксия), монандшавию бадалшавӣ (ассимилятсияву диссимилятсия), ҷойивазкунии овозҳо (метатеза), имола, коҳиш (ихтисоршавӣ) ва ғ. зуҳур намуданд, ки ин ҳодисаҳои савтӣ боиси суфтагӣ ва равониву гӯшнавозии забони тоҷикӣ гардиданд.

Калидвожаҳо: ҳамнишинӣ, овоз, падидаҳои савтӣ, монандшавӣ, бадалшавӣ, тахфиф, ҷойивазкунӣ, забони тоҷикӣ.

СОЧЕТАЕМОСТЬ ЗВУКОВ И ПРОЯВЛЕНИЕ ФОНЕТИЧЕСКИХ ЯВЛЕНИЙ

Первоначальным элементом, который способствует образованию других единиц языка, является фонема (звук). Надо отметить, что звуки на протяжении своей истории претерпели мало изменений, так как это связано с биологическими явлениями – аппарат образования звуков (артикуляционная база), то есть звукообразовательные органы. Несмотря на это, в истории развития таджикского языка в его системе и певучести в рамках и гласных и согласных, а также их сочетаемости наблюдаются изменения. Доказательством этому является то, что дифтонги древнеперсидского языка в процессе развития языка до периода среднеперсидского языка превратились в монофтонги. Парные согласные древнеперсидского языка тоже до средних времён превратились в простые согласные. В этом процессе в связи с сочетаемостью звуков, разными явлениями созвучий, такими как редукция, ассимиляция и диссимиляция, метатеза и сокращения, проявила себя и сочетаемость созвучий, став причиной гладкости и певучести таджикского языка.

Ключевые слова: сочетаемость, звук, фонетическое явление, ассимиляция, диссимиляция, редукция, метатеза, таджикский язык.

COMPATIBILITY OF SOUNDS AND THEIR MANIFESTATION OF PHONETIC PHENOMENA

The initial element that contributes to the formation of other units of the language is the phoneme (sound). It should be noted that throughout its history, sounds have suffered little change, as it is connected with a biological phenomenon- the apparatus for the formation of sounds (articulation base), that is, the sound - forming organs. In spite of this, there are changes in the history of the development of the Tajik language in the system and its melodiousness within the framework of vowels and consonants, as well as their compatibility. Substantiation of this is that the diphthongs of the ancient Persian language in the process of developing the language before the period of the Middle Persian language turned into monophthongs. The paired consonants of the Old Persian language to average times also turned into simple consonants. In this process, due to the compatibility of sounds, different phenomena of consonances such as reduction, assimilation and

dissimilation, metathesis and contraction manifested themselves and the consistency of consonances became the cause of smoothness and melodiousness of the Tajik language.

Key words: compatibility, sound, phonetic phenomenon, assimilation, dissimilation, reduction, metathesis, Tajik language.

Сведения об авторе: ***Кабиров Шаньбоз*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **kabirovf@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 904-09-38-36**

Information about the author: ***Kabirov Shahboz*** - Tajik national university, professor, the Department of Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **kabirovf@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-09-38-36**

УДК: 811.21/.22-3

СЕРМАЪНОӢ ВА ГУНАИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОӢ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бояд гуфт, ки вижагиҳои ашё, ҳодисаҳо, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар амали муназзами тафаккур аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Ҳамагуна амалиёти тафаккур ба воситаи калимаҳо анҷом меёбад. Дар ин раванд як калима метавонад дар ифодаи якчанд мафҳум ба кор бурда шавад [ниг.: 9, с.12-13].

Сермаъноӣ бисёр мавзӯи “мушкил, серпаҳлу ва муҳим” маҳсуб меёбад, ки қабатҳои гуногуни забонро фаро гирифтааст[ниг.: 17, с.116-118].

Дар маъношиносӣ ҳодисаи сермаъноӣ ё полисемия бо назардошти мутобиқу баҳамоии қиёфаи овозӣ ё шаклу маъно омӯхта мешавад.

Муҳаққиқи маъношиносӣ Куруши Сафавӣ 10 маънои феълиафтоданро бо намунаҳо оварда, мегӯяд: “Чандмаъноӣ (сермаъноӣ – Г.Ж) дар забон вежагии бархе аз вожаҳо нест, балки шароите ҳаст, ки бар ҳасби интихоб ва таркиб тамоми воҳидҳои низоми вожагонии забонро шомил мешавад. Вуқӯи ин робитаи мафҳумӣ ба афзоиши маъноӣ ё коҳиши маъноӣ марбут аст” [15, с.117].

Вобаста ба вижагиҳои ин падида ҳанӯз дар асрҳои миёна донишмандону олимон андешаҳои худро иброз намудаанд. Масалан, Насируддини Тӯсӣ меорад, ки “як лафз ба маънии бисёр далолат кунад” ва инчунин бо роҳи ташбеҳ ва маҷоз сермаъно гардидани калимаҳоро қайд мекунад ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ низ дар “Чаҳор гулзор” дар мавриди сермаъноии вожаҳо қайдҳо дорад [ниг.:17, с.116-118].

Ҳангоми баррасии вижагиҳои луғавию маъноии осору асари алоҳидаи адибону шоирон муҳаққиқон хусусияти сермаъноиро низ нишон додаанд. Чунончи, Б.Камолиддинов ҳангоми баррасии “Забон ва услуби Ҳаким Карим” ба маънои *саросемавор хӯрдан* омадани феълишиноданро нишон медиҳад [6, с.6]. С. Сабзаев дар “Забон ва услуби шоирони маорифпарвар” овардааст: “Феълҳо ҳам имконияти васеи сермаъно шудан доранд ” ва барои тақвияти фикр дар намунаи осори шоирони маорифпарвар 19 маънои феълибардоштан ва 20 маънои феълизаданро қайд кардааст [ниг.:12, с.8-10]. М.Н. Қосимова дар китоби “Таърихи забони адабӣ (асрҳо IX-X)” ҳодисаи сермаъноиро дар намунаи маъноҳои феълҳои *шудан* ва *хондан* матраҳ намудааст [ниг.:7, с.110]. А.Ҳасанзода зиёда аз бист маънои феълишуданро дар “Шоҳнома” нишон додааст [ниг.:18, с.108-116]. Муҳаққиқони дигар чун Р. Ғаффоров, Х. Ҳусейнов, Н. Маъсумӣ, Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров, А. Ҳасанов, С. Ҳошимов, Ш. Каримов, М. Саломов, Ш. Ҳаитова, Ф. Шарипова, Р. Усмонов, Р. Шодиев, М.Ҷумъаев, У. Саъдуллоев ва дигарон вобаста ба матлабу равиши таҳқиқ ҳодисаи сермаъноиро баррасӣ намудаанд.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов мегӯяд: “Ҷиҳати муҳимми калимаи сермаъно он аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунад ва ҳамаи он маъноҳо ба ҳам алоқамандӣ доранд. Маъноҳои ҷудогонаи ин калимаҳо дар назар ҳалқаҳои як занҷири муназзамро ба хотир меоваранд” [9, с.45]. Пас, агар полисемия ё сермаъноии як калима омӯхта шавад, зери мафҳуми сохтори маъноӣ ҳамчун воҳиди асосӣ *гунаи луғавӣ-маъноии* калима, яъне воҳиде, ки бо маънои алоҳидаи худ ба калимаи сермаъно муносибат дорад, омӯхта мешавад. Ба сохтори сермаъноӣ фақат вожаҳое, ки сермаъноянд, дохил шуда метавонанд.

Истилоҳи гунаҳои луғавӣ-маъноиро бори аввал А. И. Смирнитский қайд кардааст [ниг.:16,с.36]. Гунаи луғавӣ-маъноӣ воҳиди дурӯя, дутарафа аст, яъне ҳам *лексема* ва ҳам *семемаро* дар худ муттаҳид мекунад. Лексема ва семемаҳои як калима бо ҳам гунаҳои луғавӣ-маъноиро ба вуҷуд меоранд. Лексема қиёфаи овозист, ки дар якҷоягӣ, ҳамзамон ифода кардани маъно ва мундариҷа аст. Семема тарафи мундариҷавӣ ва маъноист. Лексемаҳоро агар бештар дар таркиби луғавии забон дар як сохтори муайян тавассути

бахши луғатшиносӣ омӯзем, семемаҳо бевосита воҳиди маъношиносӣ мебошанд. Чун таркиби луғавии забон бе маъно ва мундариҷаи воҳиди забонӣ муайян карда намешавад, лексема ва семема якҷоя – дар муносибати мутақобилаи якдигар – омӯхта мешаванд. Агар калима сермаъно бошад, як лексема метавонад чанд семемаро ба худ муттаҳид созад, яъне чанд семема мутеи як лексема мебошад. Пас, гунаҳои луғавӣ-маъноӣ аз ҳамдигар танҳо аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд ва ин тафовути маъноӣ шакли ифодаи овозиро тағйир намедиҳад, яъне онҳо сохтори мундариҷавӣ ва маъноии як калимаро ба вуҷуд меоранд. Барои равшантар гардидани баёни матлаб гунаҳои луғавӣ-маъноии феъли *бурданро* дар "Баҳористон"нишон медиҳем:

Ҷадвали 1.

Гунаҳои луғавӣ-маъноии феъли бурдан		
1	Лексема	Бурдан
	Семема	Ба восита ё бе восита чизе ё касеро ба ҷое интиқол додан: *Шиблиро, қаддасаллоҳу таоло сирруҳу, шӯре афтод, ба бемористон бурданд* [1, с.20].
2	Лексема	Бурдан
	Семема	кашидан: *- Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ бореро бо ин гаронӣ чун мебарад?*[1,с.160]
3	Лексема	Бурдан
	Семема	гирифтан; ба даст овардан, ҳосил кардан: *- Валлоҳ, ин хешиест, ки сабаби он мешавад, ки ман аз ту мерос бараму ту аз ман мерос барӣ* [1, с.108].
4	Лексема	Бурдан
	Семема	дур кардан, рафъ кардан, аз миён бардоштан: *Аз самои ғаноёш рахти ҳастӣ ба саҳрои нестӣ бурд[1, с.61]. Аммо муболиға дар он шеъри вайро аз ҳадди салосат берун бурдааст[145]. Бибарад ранҷу меҳнати дерин*[1, с.151].
5	Лексема	Бурдан
	Семема	муваффақ шудан, ғолиб омадан: *Дар мавоизу ҳикам тариқаи ҳаким Саноӣ сипардааст ва дар он гӯйи мусобақат аз акрон бурда*[1,с.137].
6	Лексема	Бурдан
	Семема	ситондан, рабудан: *- Кош он офтобаву сатл, ки аз мо мебарӣ, ҳам ба мо фурӯшӣ* [48]. *Чун ба наздики он хитта расид, ҳар чӣ дошт, бибурданд* [1, с.125].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки вобаста ба мавқеъ, мақсад, матлаб, тарз ва услуб, имконот ва донишу малака як гунаи луғавӣ-маъноӣ мавриди истифодаи чандин маъно қарор мегирад. Лексемаи феъли *бурдан* бо яке аз семемаҳо як гунаи луғавӣ-маъноии калимаи *бурдан*-ро ба вуҷуд меорад. Агар калима сермаъно набуда, дорои як маъно бошад, як семема бо як лексема дар мутобиқат бо ҳамдигар гунаи луғавӣ-маъноиро ба вуҷуд меорад. Л. А. Новиков чунин нигоштааст:

$$\text{Гунаи луғавӣ маъноӣ} = \frac{\text{лексема}}{\text{семема}}$$ [5, с.115].

Дар «Хирадномаи Искандарӣ» Ҷомӣ бо истеъдоду маҳорати хеле воло феълҳои сермаъноро бисёр нуктасанҷона ва моҳирона бо маъноҳои зиёд ба кор бурдааст. Метавон ба ин гурӯҳ феълҳои *рафтан, омадан, хондан, задан, гузаштан, сохтан* ва чанде дигарро дохил кард. Чун намуна мо феъли **гузаштан**ро, ки бо 12 маъно дар асар омадааст, дар ҷадвал нишон медиҳем:

Ҷадвали 2.:

маъно	дар матн
1. убур кардан, мурур кардан	*Ҳаме ронд лашкар ба ҳар кӯҳу дашт,* *Ба ҳар рӯз аз кишваре* ***мегузашт*** *[3, с.361].*
2. гузар кардан:	*Басо сарви гулрух, ки бар вай* ***гузашт,*** *Ки набзи вай аз ҷунбиши худ нагашт [3, с.298].*
3. тай шудан, сипарӣ шудан:	*Чу* ***бугзашт*** *соли вай аз ҳафту ҳашт* *В-аз ӯ фарри шоҳӣ фурӯзанда гашт [3, с.262].*
4. рафтан	*Бар эшон чу бугзашт якчанд рӯз,* ***Гузаштам*** *бар он ғор бо дарду сӯз [3, с.349].*
5. мурдан, даргузаштан:	*Вале бошад он гоҳ ҷони ту ганҷ,* *Ки чун* ***бугзарад*** *з-ин сарои сипанҷ [3, с.344].*

6. ба сар омадан, поён ёфтан:	*Дареғо, ки* ***бигзашт*** *умри шариф* *Ба ҷамъи қафовию фикри радиф [3, с.259].*
7. нақл шудан, мазкур гардидан:	*Бигуфтанд онҳо, ки* ***бигзашта*** *буд,* *Навобахши гӯшу забон гашта буд [3, с.340].*
8. тавфиқ ёфтан, бартар шудан; боло шудан, беҳтар будан:	*Ба наққодии фикри равшан, ки буд,* ***Гузашт*** *аз рафиқон бар ҳар фан, ки буд [3, с.264].*
9. бар рӯз кардан, воқеъ шудан:	*Басе дар миён шӯру ғавғо* ***гузашт****,* *Ки бо вай яке гардад, аммо нагашт [3, с.358].*
10. тарк кардан, раҳо кардан:	***Гузаштам*** *ман аз суҳбати он каниз,* *Агарчи маро буд чун ҷон азиз [3, с.300].*
11. даргузаштан, аз андозаи муқаррарӣ берун шудан:	*Агар* ***бигзарад*** *мавҷи дарё зи фарқ,* *В-агар киштӣ афтад ба тӯфон ғарқ [3, с.345].* *Барояд зи эҳсони ӯ коми ман,* *Зи боми фалак* ***бугзарад*** *номи ман [3, с.354].*
12. расидан:	*Зи меҳнат агар ғуборе* ***бигзарад****,* *Ба домони айшаш гиребон дарад [3, с.377].* *Бад-он омадам, то бад-ӯ* ***бигзарам****,* *Ба чашми шамотат бад-ӯ бингарам [3, с.272].*

Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» низ феълҳо ба ҳодисаи сермаъноӣ дучор гардидаанд. Дар фарҳанги Муин 14 маънои феъли *сохтан* оварда шудааст [10, с.1253]. Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ин феъл бо 12 маънои худ корбаст шудааст:

1. Дуруст кардан, ба амал овардан; сомон додан:

В-агар ҷуз бад-ӯ афканӣ корро,
Нишона шавӣ тири идборро.
Бимонад туро кор **носохта**,
Дил аз нақди иқбол пардохта [3, с.278].

2.Ибдоъ кардан, нав овардан, ихтироъ кардан, эҷод намудан:

Чу тифлон зи най чун фарас **сохтам**,
Ба ЛайлиюМаҷнун фарас тохтам [3, с.258].

Ё ин ки:

Дар ин коргоҳи фусуну фусус
Зи мис **сохтам** панҷ ганҷи фулус [3, с.258].

Мавриди зикр аст, ки дар ин намунаҳо феъли *сохтан* аз маънои зикршуда вобаста ба ҳамнишинӣ бо дигар калимаҳо ба маънои маҷозӣ омадааст. Дар байти аввал *аз най фарас сохтан* бо қалами найӣ эҷод намудан, достони наве навиштан ва *панҷ ганҷи фулус сохтан* панҷ достон эҷод кардан аст, ки ин маъноҳо дар пояи маънои ибдоъ кардан, нав овардан, ихтироъ кардан падид меоянд.

3.Офаридан:

Умедам чунон аст аз кирдигор,
К-аз он гуна, к-аз шоҳиям **сохт** кор [3, с.274].

4.Қарор додан, муқаррар доштан; интихоб намудан:

Зи беқувватиш хост аз ҷон нафир,
Ватан **сохт** гирди яке обгир [3, с.260].

5.Бар пой доштан, тартиб додан:

Қаламвор аз сар қадам **сохтам**,
Зи мушкинхатон нома пардохтам [3, с.257].

6. Оростан, равнақ додан:

Чу бар даст набвад шаш ангушт хваш
Чаро **созам** аз хома ангушт шаш? [3, с.259].

7.Таъйин кардан:

Падар соҳиби аҳди худ **сохташ**,
Ба тоҷи каёнӣ сар афрохташ [3, с.262].

8. Навохтан, соз задан:

Биё, мутрибу пардаи хуш **бисоз**,
В-аз он парда кун чашми айбам фароз [3, с.266].

9. Табх кардан, пухтан:

Зи гетӣ ба ҳар хушку тар **сохта,**
Зи ҳар орзу сина пардохта [3, с.253].

Ё ин ки:

Ба қуте кам аз хони гетӣ **бисоз**,

Макун ранҷат беш аз хӯрдан дароз [3, с.300].

10. Таълиф кардан, тасниф кардан:

Чу аз шуғли дафнаш бипардохтанд,
Ҳакимон хирадномаҳо **сохтанд** [3, с.376].

11.Тадбир кардан, чора кардан:

Саранҷоми хилъатпарастон шинохт,
Зи бехилъатӣ хилъати хеш **сохт** [3, с.288].

Ё ин ки:

Бигуфто пайи давлати зиндагӣ
Ҳамесозам асбоби пояндагӣ [3, с.288].

12.Қаноат кардан:

Машав чун хасон сухраи ҳирсу оз,
Ба чизе, ки имрӯз дорӣ, **бисоз** [3, с.307].

Ё ин ки:

Макаш зери рон маркаби ҳирсу оз,
Зи гетӣ ба қадри кифоят **бисоз** [3, с.292].

М. Саломов қайд мекунад, ки «калимаҳои сермаъно дар забон дар асоси кӯчидани маънои як калима дар асоси муносибатҳои ташбеҳӣ ба мафҳуми дигар сурат мегирад» ва «муҳимтарин ҷанбаи калимаҳои сермаъно дар асоси алоқамандии калимаҳо ва муносибату монандии ашё ва ҳодисаю воқеаҳо кӯчидани як маъно ба маънои дигар аст, ки ин боиси ба вуҷуд омадани ду ҷанбаи муҳимми нутқ ва забон мегардад» [13, с.181-182].

Франк Полмер дар “Нигоҳе тоза ба маъношиносӣ” дар намунаи феъли *хӯрдан* ин масъаларо матраҳ мекунад [ниг.:14, с.115-117].

Системаи маъноии калимаҳои сермаъно бо роҳҳо ва усулҳои ба худ хос муайян карда мешавад. Ҳ.Маҷидов се роҳи пайдо шудани маъноҳоро дар ин ҳодиса зикр мекунад: 1) усули маҷозӣ, ки он боз ба 3 хел (ташбеҳ, истиора ва маҷози мурсал) ҷудо мешавад; 2) инкишофи тадриҷии маъно; 3) таҷзияи воҳиди фразеологӣ [ниг.: 9, с.51-58].

М. Саломов ҳангоми баррасии маҷоз ва навъҳои он дар забони шеър бо такя ба гуфтаҳои муҳаққиқони дигар меорад, ки “дар ташаккулёбии маҷози ақлӣ нақши феъл бештар ба назар мерасад” [13, с.186]. Дар ин маврид феъл амалеро ифода мекунад, ки ҳақиқӣ набуда, маҷозист:

Якоякро салому марҳабо гуфт,
Чу гул дар рӯяшон аз ханда **бишкуфт** [2, с.194].

Дар ин байт феъли *шукуфтан* ба маънои шод шудан, хурсанд гаштан омадааст. Маънои аслии *шукуфтан* ба гул хос аст ва ҳолати қаҳрамон тавассути ин феъл тасвир шудааст, яъне аз ханда чеҳра боз шудан бо феъли шукуфтан ифода ёфтааст.

Агар дар намунаи зикршуда дар мавриди ифодаи маънои феъли *шукуфтан* алоқаю қарина бештар худро нишон дода бошанд, дар намунаи зер мавқеи худи феъл бештар аст:

Табъи Ҳаҷҷоҷ аз он нукта **шукуфт**,
Дод фармон ба халоси ваю гуфт: ... [2, с.34].

Дар ифодаи маънои мавриди назар нақши қарина ва алоқа муҳим аст ва бояд гуфт, ки мафҳуми алоқа дар маҷоз бештар хосси калимаҳои сермаъно аст [ниг.:13, с.189].

Онӣ ту, ки аз номи ту **меборад** ишқ,
Аз номаву пайғоми ту **меборад** ишқ [4, с.334].

Дар намунаи зер тавассути феъли *хандидан* ҳолат дар маҷмӯъ бо мавқеи қарина ва алоқа тасвир шудааст.

Азизи Миср чун он боргаҳ дид,
Чу субҳ аз партави хуршед **хандид** [2, с.194].

Дар ин ҷо дараҷаю андозаи ҳолати шодию нишот ва хандидани қаҳрамон тавассути ташбеҳ ба баромадани офтоб ҳангоми субҳ баробар нишон дода шудааст, ҳол он ки субҳ намехандад, амали хандидан фақат ба инсон хос аст. Мавқеи қарина ва алоқа намоён шудааст.

Нақшаи 1.



Дар ифодаи *хун фурӯ хӯрдан* маҳз маънои ноаён ранҷ кашидан, дар азоб будан, нороҳат будан ифода шудааст.

Фурӯ мехӯрд чун ғунча ба дил **хун**,
Намедод аз дарун як шамма берун [2, с.168].

Бояд дар назар дошт, ки пайдо кардани калимаи сермаъное, ки силсилаи сермаъноии он танҳо бо яке аз усулҳо сурат гирифта бошад, душвор аст [ниг.: 9,с.57].

Умрҳо ранҷи талаб бурд, то ба матлуб расид ва ***зарбати ишқ хӯрд****, то ҷамоли маъшуқ бидид. Ҳанӯз дар базми висол ҷой гарм накарда буд ва* ***аз ҷоми висол ҷуръае беш нахӯрда****, азимати онаш хост, ки аз он манзил дар ҷойи дигар мақом кунад ...* [4, с.482].

Чунончи, маъноҳои феъли **хӯрдан**:

1.чизеро ба даҳон гузоштаву, хоида фурӯ бурдан, ғизо гирифтан, тановул кардан:

Чӣ **хӯрдӣ** дӯш, к-ин зебоият дод,
Зи хубони ҷаҳон болоият дод [2, с.54].

2.ба маънои нӯшидан:

Агар Маҷнун **на** май з-ин ҷом **хӯрдӣ**,
Кӣ ӯро дар ду олам ном бурдӣ? [3, с.55].

Забоншинос М.Н. Қосимова дар омӯзишу баррасии забони осори шоирону адибони асрҳои IX-X ва XI-XII қайд мекунад, ки дар ин давра пешванди инкории на- дар феъл метавонад аз феъл ҷудо корбаст гардад [7; 8]. Дар байти боло ин ҳолат дида мешавад.

Зулайхо гуфт, к-аз ташна маҷӯ тоб,
Кӣ андозад ба фардо **хӯрдан**и об ?[2, с.198].

3.ба маънои расидан, ба ҳам задан:

Бияфтад, чун кунад дар пухтагӣ рӯ,
Нахӯрда санги тифлони ҷафоҷӯ.

4. баҳра бурдан:

Дар ҷаҳон ҳамин орзу дорам, даст дар миёни якдигар кунем, ва азлабу даҳони якдигар шакар ***хӯрем***[4, с.393].

5. парво кардан:

Лайлӣ чу зи меҳри ман занад дам,
Аз кини қабила кай **хӯрам ғам**? [3, с.55].
Дарди ишқ аст маро баҳра зи ҷонон **нахӯрам**
Ғусса, гар з-ӯ дигаре ҳусни таҷаммул бинад [4, с.404].

6. азоб кашидан:

Забон аз нолаву лаб аз фиғон баст,
Чу ғунча **хӯрдани хун**ро миён баст.
Зи **хун хӯрдан** даме беғам намезад,
Зи ғам месӯхт, аммо дам намезад [2, с.198].

7. ҷароҳат гирифтан/бардоштан:

Бештари эшонро кушт, аммо ***захмҳои корӣ хӯрд*** [4, с.396].

Куруши Сафавӣ ҳангоми баррасии масоили сермаъноӣ гуфтаҳои Франк Полмер ва Ҷ. Лайонзро зикр намуда, қайд мекунад, ки ҳодисаи сермаъноӣ бояд берун аз равобити ҷонишинӣ ва ҳамнишинии воҳидҳои забон мавриди таваҷҷуҳ қарор нагиранд, зеро вожаҳо бар ҳасби ҳамнишинӣ бо якдигар таҳти таъсири мафҳуми ҳам қарор мегиранд ва тағйири маъно медиҳанд (муқоиса шавад: хӯрдан – об хӯрдан, шакар хӯрдан ғам хӯрдан, ғусса хӯрдан, зарб хӯрдан, хун хӯрдан). Ташхиси маънои калима вобаста ба бофти забонӣ ва воҳидҳое аст, ки бар рӯйи меҳвари ҳамнишинӣ дар таркиб бо якдигар қарор гирифтаанд [ниг.: 15, с.116-117].

Аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки ҳодисаи сермаъноӣ вижагиҳои худро дорад. Ифодаи маъноҳои мухталифи ҳамон як калима, ки бо ҳам алоқамандӣ доранд, мундариҷаи маъноии он калимаро дар меҳвари ҳамнишинӣ вобаста ба матн ташкил медиҳанд. Дар ин замина гунаҳои луғавӣ-маъноӣ падид меоянд. Сермаъноӣ равишу усули хос дорад, ки дар ин росто маҷоз ва навъҳои он мавқеи муҳим доранд. Вобаста ба мавқеъ, мақсад, матлаб, тарз ва услуб, имконот ва донишу малака калимаҳои сермаъно мавриди истифода қарор мегиранд. Дар осори Ҷомӣ дурахшу ҷилоҳои маъноҳои феълҳо дар падидаи сермаъноӣ низ хеле равшан аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (нашри интиқодӣ) / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – М., 1987. –200 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.Ҷ.4. / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – Душанбе: Адиб, 1988. –382 с.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.Ҷ.5. / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – Душанбе: Адиб, 1990. – 495 с.
4. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.Ҷ.7. / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – Душанбе: Адиб, 1989. – 540 с.
5. Новиков Л. А. Семантика русского языка / Л.А.Новиков. – М., 1982. – 272 с.
6. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик.Ҷ.1. / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 492 с.
8. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Ҷ.2. / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2016. – 238 с.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ.1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 241 с.
10. Муин М. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.2. / М. Муин. – Теҳрон, 1374. - 1894 с.
11. Муъминов А. Полисемия ва омонимия / А. Муъминов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 2. – Душанбе: УДТ, 1975. – С. 268-275.
12. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 79 с.

13. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ(дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М. Саломов. – Душанбе, 2017. – 266 с.
14. Сафавӣ Куруш. Нигоҳи тоза ба маъношиносӣ (баргардон аз Франк Полмер) / Куруш Сафавӣ. – Теҳрон, 1376. – 272 с.
15. Сафавӣ Куруш. Даромаде ба маъношиносӣ / Куруш Сафавӣ. – Теҳрон, 1390. – 460с.
16. Смирницкий А.И. К вопросу о слове/ А.И. Смирницкий // Труды Института языкознания. – М., 1954. – С. 36.
17. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 310 с.
18. Ҳасанзода А. Асолати забон ва маҳорати баён (маҷмӯаи мақолоти мунтахаб) / А. Ҳасанзода. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 516 с.

СЕРМАЪНОӢ ВА ГУНАИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОӢ

Муаллиф дар ин мақола доир ба вижагиҳои сермаъноии феълҳо дар осори Абдурраҳмони Ҷомӣ баҳс мекунад. Бояд гуфт, ки вижагиҳои ашё, ҳодисаҳо, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар амали муназзами тафаккур аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Ҳамагуна амалиёти тафаккур ба воситаи калимаҳо анҷом меёбад. Дар ин раванд як калима метавонад дар ифодаи якчанд мафҳум ба кор бурда шавад. Агар калима сермаъно бошад, як лексема метавонад чанд семемаро ба худ муттаҳид созад, яъне чанд семема мутеи як лексема мебошанд. Пас гунаҳои луғавӣ-маъноӣ аз ҳамдигар танҳо аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд ва ин тафовути маъноӣ шакли ифодаи овозиро тағйир намедиҳад, яъне онҳо сохтори мундариҷавӣ ва маъноии як калимаро ба вуҷуд меоранд. Аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки ҳодисаи сермаъноӣ вижагиҳои худро дорад. Ифодаи маъноҳои мухталифи ҳамон як калима, ки бо ҳам алоқамандӣ доранд, мундариҷаи маъноии он калимаро дар меҳвари ҳамнишинӣ вобаста ба матн ташкил медиҳанд. Дар ин замина гунаҳои луғавӣ-маъноӣ падид меоянд. Сермаъноӣ равишу усули хос дорад, ки дар ин росто маҷоз ва навъҳои он мавқеи муҳим доранд. Вобаста ба мавқеъ, мақсад, матлаб, тарз ва услуб, имконот ва донишу малака калимаҳои сермаъно мавриди истифода қарор мегиранд. Дар осори Ҷомӣ (интихобан дар мисоли феъли *бурдан* аз “Баҳористон”, феъли *гузаштан* аз “Ҳирадномаи Искандарӣ”ва феъли *сохтан* аз достони “Лайлӣ ва Маҷнун”) дурахшу ҷилоҳои маъноҳои феълҳо дар падидаи сермаъноӣ низ хеле равшан аст.

Калидвожаҳо: калима, маъно, қиёфаи овозӣ, феъл, сермаъношавӣ, гунаи луғавӣ, лексема, семема.

ПОЛИСЕМИЯ И СЛОВАРНО- СМЫСЛОВЫЕ ВИДЫ

В данной статье автор ведет дискуссию об особенностях полисемии глаголов в наследии Абдуррахмана Джами. Нужно констатировать, что особенности вещей, событий и их взаимоотношения должны быть отделены друг от другапри систематизированном действии мышления. Всякое действие мышления совершается посредством слов. В данном процессе одно слово может использоваться при обозначении нескольких понятий. Если слово многозначное, одна лексема может соединить в себе несколько семем, то есть несколько семем могут быть зависимыми от одной лексемы. Значит словарно-смысловые виды различаются друг от друга только значением и это смысловое отличие не изменяет форму звукового выражения, то есть они формируют содержательную и смысловую структуру. Из анализа и рассмотрения становится ясным, что случай полисемии имеет свои особенности. Выражение различных смыслов одного и того же слова, которые взаимосвязаны друг с другом, составляют смысловое содержание того слова, которое находится в стержне совместимости в зависимости от текста. На этой основе выявляются словарно-смысловые виды. Полисемия имеет специфические методы и приёмы и в данном контексте метафоры и его виды имеют важное значение. Многозначные слова используются в зависимости от позициии, целей, предмета, метода и приёма, возможностей, знания и навыков. В наследии Джами (выборочно на примере глагола *бурдан* из “Бахористона”, глагола *гузаштан* из “Хираднаме Искандари”и глагола *сохтан* из поэмы “Лейли и Меджнун”) смысловое сияние глаголов в явлении многозначности очень чётки и понятны.

Ключевые слова: слово, смысл, звуковая форма, глагол,полисемия, словарный вид, лексема, семема.

POLYSEMY AND VOCABULARY SPECIES

In this article, the author discusses the peculiarities of the polysemy of verbs in the legacy of Abdurrahman Jami. It must be noted that the features of things, events and their relationships should be separated from each other with a systematic action of thinking. Every action of thinking is accomplished through words. In this process, one word can be used to refer to several concepts. If the word is ambiguous, one lexeme can combine several families, that is, several families can be dependent on one lexeme. So the dictionary-semantic types differ from each other only in meaning and this semantic difference does not change the form of sound expression, that is, they form a meaningful and semantic structure. From analysis and consideration, it becomes clear that the case of polysemy has its own characteristics. The expression of different meanings of the same word, which are interconnected with each other, make up the semantic content of the word, which is in the compatibility rod, depending on the text. On this basis, dictionary-semantic types are revealed. Polysemy has specific methods and techniques, and in this context, metaphors and its types are important. Ambiguous words are used depending on the position, goals, subject, method and method, capabilities, knowledge and skills. In the legacy of Jami (selectively on the example of the verb Bourdan from “Bahoriston”, the verb guzashtan from “Hiradnam Iskandari” and the verb sokhtan from the poem “Leili and Majnun”) the semantic radiance of the verbs in the phenomenon of polysemy is very clear and understandable.

Key words: word, meaning, sound form, verb, polysemy, dictionary form, lexeme, sememe.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 811.21/.22-54

ИСТИЛОҲОТЕ, КИ БО РОҲИ КАЛКА ДАР СОҲАИ ВАРЗИШ ПАЙДО ГАРДИДАНД

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Калка (аз вожаи фаронсавӣ **calque** рӯйида, маънояш «нусха, назира» аст) яке аз манбаъҳои рушду такомули забон ба ҳисоб меравад ва забони тоҷикӣ аз ин манбаи муҳим ҳамеша ғизо мегирифт ва имрӯз ҳам ғизо гирифта истодааст. Ҳанӯз дар асрҳои IX-X дар давраи салтанат ва ҳукуматдории сулолаи Сомониён, ки дар ин давра ба инкишофи забони адабии тоҷик, интихоби унсурҳои меъёрзеб, суфтагиву равонии услубҳои нигориш аз ҷониби ҳукуматдорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд, зимни тарҷума нусхабардорӣ намудани вожаҳои арабӣ ба ҳукми анъана даромада буд. Намунаи инро метавонем дар «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, ки мансуб ба асри X шинохта шудааст, ба мушоҳида бигирем. Ҳатто буданд мутарҷимоне, ки фаъолияти эҷодии худро маҳз ба ҳамин масъала бахшида, ба он мекӯшиданд, ки ҳар чӣ зиёдтар асарҳои муаллифони арабизабонро ба забони форсӣ-тоҷикӣ баргардонанд. Ин амали эшон аз ҷониби ҳукумат бо мукофотҳо қадр карда мешуд. Албатта, ин раванд зимни тақозои вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷомеа ба амал омада буд, ки як муддати муайян давом кард.

Бояд қайд кард, ки тарҷумаи асарҳои арабӣ ба тоҷикӣ ва дар ин замина калка намудани калимаву истилоҳоти гуногун ва таркибу ибораҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ то нимаи дувуми асри XIX босуръат идома ёфт. Вале пас аз он нуфузи унсурҳои забони русӣ ва калкаҳои русӣ дар забони тоҷикӣ беш аз пеш зиёд гардид. Бахусус, дар доираи солҳои 50-60-уми садаи XX вобаста ба зуҳороти мафҳумҳои нав дар соҳаи илму техника, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва ғайра адади калимаву калкаҳои русӣ ниҳоят афзуд.

Воқеан, на ҳама калимаву истилоҳоти як забон ё худ маъниҳои алоҳидаи онҳо дар забони дигар имконияти калка шудан пайдо мекунанд, зеро барои калка намудани вожаҳои зарурӣ аз як забон ба забони баъдӣ мебояд омилҳое вуҷуд дошта бошанд, ки ба он мувофиқат карда тавонанд. Агар аз ҳамин мавқеъ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки аз забонҳои бегона маҳз ҳамон вожаҳое калка шудаанд, ки дар забони тоҷикӣ онҳо, дар ҳақиқат, заминаи мусоиди маъноӣ доранд. Масалан, дар соҳаи варзиш **ҷаримагоҳ** (штрафная площадка), **теладиҳӣ** (толчок), **силтав** (рывок), **ҳуҷумкунанда** (нападающий), **тур** (сетка), **зарбаи кунҷӣ** (углевой удар), **тенниси рӯйи миз** (настолный теннис), **даста** (команда) барин калкаҳо ба назар мерасанд, ки мутобиқ ба талаботи меъёрҳои боло сар задаанд ва бо мурури замон дар забони адабии тоҷик мавқеъ пайдо карда, рехтаву суфта гаштаанд. Профессор Ҳ. Маҷидов қайд менамояд, ки «... дар назар доштани қонуниятҳои мавҷудият ва инкишофи маънову калимаҳои худӣ дар мавриди калкакунии калимаҳои бегона боиси пайдоиши вожаҳои шинаму суфта мегардад, ки дар натиҷа онҳо низ чун калимаҳои дигари таркиби луғавӣ умри дароз дида метавонанд» [2, с.123].

Дар низоми истилоҳоти забони тоҷикӣ дар асоси калка сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш, чунонки гуфта шуд, нусхабардорӣ ё тарҷумаи айнани вожаҳои русӣ ба тоҷикӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Мегирем истилоҳи **ҷаҳиданро**, ки ба ду бахши варзиш хос аст: а) ҷаҳидан ба дарозӣ; б) ҷаҳидан баландӣ. Аз инҳо якумӣ тарҷумаи таҳтуллафзии «прыжок в длину» ва дуюмӣ баргардони айнани «прыжок в высоту» мебошад.

Дар забони адабиёти классикии тоҷик дар ифодаи ҳамин маънӣ истилоҳи хокпилла истифода мешуд. Варзиши хокпилла, ки Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз он ёд кардааст, чуноне маълум мешавад, дар шакли ду намуди варзиши имрӯз ниҳоят маъмул-ҷаҳидан ба баландӣ ва ҷаҳидан ба дарозӣ сурат мегирифтааст. Восифӣ мегӯяд: «Ман бо ҷамъе аз толибилмон ба сайри Хоҷакафшер рафта будам. Дар ин ҷо гурӯҳе аз ҷавонон оғози бозии **хокпилла** карданд». Устод С. Айнӣ дар поварақи асари худ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» вожаи **хокпилларо** ин тавр маънӣ кардааст: «хокпилла-бозиест, ки дар майдоне хокро тӯда мекунанд ва аз болои он меҷаҳанд. Ҳар кас пойи худро ба он тӯда нарасонида ҷаҳида тавонад, ғолиб ба шумор меравад» [1, с.169].

Навъҳои варзиш аксаран дар мамлакатҳои Ғарб пайдо шуда, аз он ҷо ба Русия ва аз Русия ба Тоҷикистон паҳн мегарданд. Вале забони тоҷикӣ барои пурра иваз намудани истилоҳоти ин соҳа бо муодилҳои тоҷикӣ имконияти васеъ надорад. Бинобар ин, зарурати калка намудани истилоҳоти хориҷӣ пеш меояд. Масалан, дар бахши гӯштин калкаҳои зеринро метавон номбар кард: **гӯштини классикӣ** (классическая борьба), **гӯштини юнонӣ-римӣ** (греко-римская борьба), **гӯштини тарзи озод** (вольная борьба), **панҷҳарбаи муосир** (современная пятиборье) ва ғайра. Ҳамин ҳодиса боис гардид, ки дар ҳар як соҳаи варзиш калкаҳои зиёде ба вуҷуд оянд. Барои намуна калкаҳои риштаи футболро мегирем: **корти зард** (желтая карточка), **зарбаи ҷаримавӣ** (штрафной удар), **ҳолати нобозӣ** (внеигри), **дарвозабон** (вратарь), **муҳофизатгар** (защитник), **довар** (судья), **зарба** (удар), **ҳамлагар** (атакающий), **зарба бо сар** (удар головой), **паҳлучӯб** (штанга), **тӯби кунҷӣ** (угловой мяч),

аз майдон рондан (удаление), **корти сурх** (красная карточка) ва амсоли инҳо. Ҳамин гуна калкаҳо дар бахши **найзапартоӣ**(метание копья), **велосипедпойга** (велогонка), **рақси рӯйи ях** (фигурное катание) ва чун инҳо низ ба назар мерасанд.

Чунонки дида мешавад, калкаҳои соҳаи варзиш дар қолабҳои сохтории вожасозии худи забони тоҷикӣ тарҳрезӣ мегарданд, аммо чун инҷо тарҷума ва раванди азхудшавии истилоҳот дар забони тоҷикӣ ҷой дорад, хоҳ-нохоҳ сохторҳои калимасозӣ аз забони русӣ ба онҳо бетаъсир наемонад. Ин таъсир, пеш аз ҳама, дар нусха ва зуҳуроти маънии истилоҳот ба назар мерасад.

Калкаҳои соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ аксаран аз зумраи калкаҳои пурра маҳсуб меёбанд. Чунки онҳо яклухт моли забони бегона бошанд ҳам, аз нигоҳи мазмун, ки мазмуни онҳо бе ягон тағйирот ба тоҷикӣ тарҷума карда мешавад, ба забони тоҷикӣ дахл доранд. Масалан, истилоҳоти **огоҳӣ, ғӯлачӯб, бозигар, панҷҳарба, тӯби дастӣ, мураббӣ, монеа, сад, ниммуҳофизатгар, кӯҳнавард** аз ҳамон қабиланд, ки тарҷумаи айнани вожаҳои русии **предупреждение, бревно, игрок, пятиборье, ручной мяч, тренер, блок, полузащитник, альпинист** мебошанд. Ногуфта намонад, ки теъдоди онҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёд аст. Албатта, нимкалкаҳо ё калкаҳои нопурра ҳам дар забони адабии тоҷик, дар низоми истилоҳоти бахши варзиш дучор меоянд, аммо адади онҳо ба дараҷаи калкаҳои пурра намерасад. Калкаҳои нопурра чунин калимаҳое мебошанд, ки аз онҳо «...қисмашон тарҷума шуда, қисми дигарашон айнан оварда мешавад» [4, с.121]. Ба сифати намуна истилоҳоти **футболбоз, волейболбоз, велосипедпойга, штангбардор, велосипедрон, боксчӣ, гимнастикаи бадеӣ, лижатозӣ/лижаронӣ** ва амсоли инҳоро овардан мумкин аст, ки танҳо як ҳиссаи тоҷикӣ доранд ва аз шаклҳои русӣ ё русишудаи **футболист, волейболист, велогонка, штангист**, **велосипедист, боксёр, художественная гимнастика, ходьба на лыжах ба** вуҷуд омадаанд.

Истилоҳоти соҳаи варзиш, ки зимни ҳодисаи калка рӯйидаанд, дар забони муосири тоҷик як гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд ва аз рӯйи муносибат ба қабатҳои луғавӣ ба бахши вожаҳои нав (неологизмҳо) иртибот пайдо мекунанд. Калимаҳои навъи мазкур аз рӯйи доираву дараҷаи истеъмол ба ду қисм ҷудо мешаванд:

1). Вожаҳое, ки бо мурури замон хусусияти умумитоҷикӣ гирифтаанд: **бозигар, кӯҳнавард, қаиқрон, зарба, дарвозабон, ҷаҳидан** (ба дарозӣ ё ба баландӣ), **гӯштини классикӣ, тӯби дастӣ** ва ғайра.

2). Вожаҳое, ки ҳоло дар арафаи умумишавӣ қарор доранд: **муштзанӣ** (бокс), **корти сурх, ҳолати нобозӣ, ҷаримагоҳ, силтав**, **теладиҳӣ, мураббӣ, хоккейи рӯйи алаф, монеа, тӯббозӣ бо мотосикл, якҳарбаи шарқӣ, беҳушӣ, гимнастикаи болои ғӯлачӯб** ва монанди инҳо.

Бояд қайд кард, ки вожаҳои нави гурӯҳи дуюм низ рафта-рафта мисли банди аввал хусусияти умумитоҷикӣ пайдо мекунанд. Дар ин бобат ҷойи шаку шубҳа нест, аммо хусусияти калкавии онҳо чун банди якум ҳеҷ гоҳ аз миён гум намегардад.

Истилоҳ-калкаҳои бахши варзиш аз нигоҳи таркиб гуногунанд: онҳо метавонанд бо як калима ифода ёбанд ва ё дар шакли таркибу ибораҳои ҷудогона сурат гиранд. Ин бештар вобаста аст ба нусхаи русӣ ва ё русишудаи онҳо, ки бо забони тоҷикӣ тарҷума мешаванд. Ба таври дигар, шакли аслии онҳо, агар яккалимагӣ бошад, метавонанд бо як калима тарҷума шаванд, вале дар мавриди ду-се ҷузъ доштани онҳо тарҷума низ тавассути ду-се ва ҳатто аз ин беш калимаҳо ба амал меояд. Аммо дар мавриди сеюм ин қоида истисно мегардад, чунки истилоҳоти яккалимагӣ баъзан бо ду-се вожаи тоҷикӣ, ё ин ки баръакс, истилоҳоти ду-се калимагӣ бо як вожаи тоҷикӣ тарҷума мешаванд. Вобаста ба ҳамин истилоҳ-калкаҳои мазкурро ба навъҳои зерин тасниф менамоем:

1). Истилоҳоти яккалимагӣ, ки бо як воҳиди тоҷикӣ баргардон карда мешаванд: **ҳалқа** (корзина), **бахш** (тайм), **муҳофизатгар** (защитник), **ҳуҷумкунанда** (нападающий), **баскетболбоз** (баскетболист), **самбочӣ** (самбист), **дарвозабон** (вратарист), **зарба** (удар), **монеагузор** (блокирующий), **ниммуҳофизатгар** (полузащитник) ва ғайра.

2). Истилоҳоти иборашакли дуҷузъа, ки тавассути ибораҳои дуҷузъаи тоҷикӣ тарҷума мешаванд: **зарбаи ҷаримавӣ** (штрафной удар), **гӯштини классикӣ** (классическая борьба), **корти зард** (желтая карточка), **панҷҳарбаи муосир** (современная пятиборье), **тӯби кунҷӣ** (угловой мяч) ва ғ.

3). Истилоҳоти иборашакли дуҷузъа, ки тарҷумаи онҳо бо ибораҳои сеҷузъаи тоҷикӣ сурат мегирад: **тенниси рӯйи миз** (настолный теннис), **гӯштини тарзи озод** (вольная борьба), **зарбабо сар** (удар головой), **рақси рӯйи ях** (фигурное катание).

4). Истилоҳоти яккалимагӣ, ки тарҷумаи онҳо тавассути ибораҳои дуҷузъаву сеҷузъаи тоҷикӣ ба амал меояд: **аз майдон рондан** (удаление), **якҳарбаи шарқӣ** (карате), **муҳорибаи озод** (ушу), **тӯббозӣ бо мотосикл** (мотобол), **тӯббозӣ дар об** (ватерполо).

Далелҳои боло нишони онанд, ки калкаҳо дар ҳама соҳаҳои варзиш амал мекунанд ва ба ҳайси як гурӯҳи мустақил дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи муайян доранд. Онҳо зимни вожаҳои хос ба забони тоҷикӣ тарҳрезӣ мегарданд, аммо бо таъсири тарҷума ва ҳазм гардидани қолабҳои калимасозии вожаҳои забони дигар ба вуҷуд меоянд. Аз ин

хотир, калкаҳои бахши варзиш як андоза хусусияти иқтибосӣ низ пайдо мекунанд ва ин хусусият дар қолабҳои калимасозӣ ва мафҳуми ғайр доштани худи онҳо ба назар мерасад. Лекин маводе, ки дар асоси он ин навъи калкаҳо зуҳур меёбанд, чунонки гуфта шуд, мансуб ба худи забони тоҷикӣ аст.

Истилоҳоте, ки зимни тағйири маънии калима сар задаанд

Истилоҳот одатан дар асоси калимаҳои муқаррарии забон ба зуҳур меоянд. Ин аст, ки Л.С. Пейсиков яке аз роҳҳои асосии сар задани истилоҳотро дар тағйири маънӣ кардани калимаҳои алоҳида мебинад.

Аз маънии бунёдӣ дур рафтану дар мафҳуми истилоҳӣ қарор гирифтани калимаҳои ҷудогона дар забон раванди бардавом ва таърихист, ки аз асрҳои пешин шурӯъ шуда, то имрӯз ногузир идома дорад. Ин раванд, аз ҷумла дар бобати ба зуҳур омадани истилоҳоти бахши варзиш низ дар забони тоҷикӣ мусоидат намуд. Масалан, истилоҳоти зерин, ки ба соҳаи шоҳмот тааллуқ доранд, дар иртибот ба ҳамин роҳи маъмули истилоҳофарӣ ба вуҷуд омадаанд: **шоҳ, вазир, асп, фил, пиёда, савора** (номи донаҳо), **хона** (ҷое, ки донаҳои шоҳмот гузошта мешаванд), **тахта** (тахтаест, ки ба болои он донаҳои шоҳмотро мечинанд), **мот** (мағлубгардӣ) ва ғайра.

Истилоҳи **бозӣ,** ки аз исми **бозӣ** сар задаст, бо ҳамин роҳ ба истилоҳ табдил ёфтааст. Исми бозӣ маъмулан маънии «шуғлу андармонии тифлону кӯдакон ба коре ё амале»-ро дорад, аммо чун истилоҳи бахши варзиш мафҳуми «сабқат, мусобиқа», «матч»-ро ифода менамояд.

Дар бахши варзиш ин гуна истилоҳот хеле зиёданд ва дар ҳама қисматҳои он ба назар мерасанд. Чун намуна истилоҳи дарвозабонро мегирем, ки марбут ба бозии футбол аст. Вожаи мазкур чун калимаи муқаррарӣ дар луғат ин тавр шарҳ дода шудааст: «посбони дарвоза, ки бештар махсуси дарвозаҳои шаҳр, қалъа ва саройи подшоҳон буд» [5, с.328]. Вале дар соҳаи варзиши футбол **дарвозабон** моҳияти истилоҳӣ пайдо намуда, дар нисбати бозингаре ба кор меравад, ки вазифаи ӯ аз зарба (гол) эмин нигоҳ доштани дарвоза мебошад. Мисли ин вожаи **силӣ** дар луғат «шаппотӣ, торсакӣ задан ба рӯйи касе» маънӣ шудааст [5, с.238], вале чун истилоҳ мафҳуми як навъ амалиёти паҳлавонро дар мусобиқаи варзиши гӯштин ифода менамояд. Калимаи **вусъатобод,** ки низ дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънии «арсаи васеъ, майдони паҳновар» [5, с.245] оварда шудааст, дар риштаи варзиш чун истилоҳ дар мафҳуми «майдон, ҷойи мусобиқоти варзишӣ» фаҳмида мешавад.

Ба истилоҳ табдил ёфтани калимаҳои маъмули забон асосан дар мавриде ба амал меояд, ки агар калимаҳо хусусияти соҳавӣ зоҳир кунанд ва дар доираи ин ё он соҳаи касбу кор ё ихтисос истифода шаванд. Соҳаи варзиш, ки дар навбати худ, бахшҳои мухталифро дар бар мегирад, ҳар як бахши он дорои вижагиҳои худ аст ва он вижагиҳо тавассути истилоҳоти хос баён карда мешаванд. Ана ҳамин зарурати воқеӣ тақозо мекунад, ки калимаҳои зиёди муқаррарӣ хусусияти истилоҳӣ пайдо намуда, дар инҳисори ин ё он риштаи варзиш қарор гиранд. Масалан, калимаи **фазо** дар луғат «холигӣ, ковокии чизе» ва «замини фарох ва кушодагии саҳни хона ва майдон» маънидод карда шудааст, аммо чун ба истилоҳи бахши варзиш табдил ёфт, дар ифодаи маънии «варзишгоҳ, машқгоҳ» қарор гирифт. Ба ин монанд, маънии вожаи **саф** ба ҳама маълум аст, лекин чун истилоҳи соҳаи варзиш вай дар бахши пойгоҳ дар маънии «давидан, саф кашидан» истеъмол меёбад. Ё худ мегирем калимаи **тайёра**ро, ки маъноияш дар луғат «парвозкунанда» аст [5, с.308] ва дар ин замина имрӯз маънои он «аспи машқӣ, аспи тездав дар мавриди пойгаҳ» мебошад. Албатта, ин ҷо маънии истилоҳии он заминаи маҷозӣ дорад, ки бо роҳи муқоисаи ду ашё, дар айни замон аспи таковар бо парандаҳои тезпарвоз, ба вуҷуд омадааст. Инро дар забоншиносӣ ҳодисаи метафора мегӯянд ва бояд илова кард, ки аксарияти калимаҳои маъмули забон зимни ҳамин ҳодиса ба истилоҳ табдил ёфта, дар ин ё он бахши варзиш устувор қарор мегиранд. Дар идомаи сухан қайд кардан лозим аст, ки ҳангоми ба истилоҳ гузаштан калимаҳои муқаррарӣ он бадеият ва образнокиву ҷилоҳои услубиеро, ки дар мавриди тасвир дар асарҳои бадеӣ зоҳир менамоянд, аз даст медиҳанд ва ба вожаҳои якмаъно, мушаххас ва аниқу дақиқ табдил меёбанд. Масалан, калимаи **тӯр** дар луғат ба маъниҳои зиёд зикр ёфтааст ва дар забони муосири тоҷик низ чандин маъниро дар бар мегирад: **асбоби шикори моҳӣ, пардаи сафеди рӯйи арӯс, тӯрхалта, симтӯр** ва ғайра. Дар соҳаи варзиши футбол истилоҳи **тӯр** ба кор меравад, ки ашёи он аз бофтаи ресмонҳои сафед тайёр карда шуда, барои нигоҳ доштани тӯб ба қафои дарвоза устувор карда мешавад. Онро тӯри дарвоза ҳам мегӯянд. Истилоҳи **тӯри дарвоза** дар қиёс бо **тӯри моҳигирӣ,** ки шабеҳи якдигаранд, пайдо шудааст. Истилоҳи тӯр дар варзиши камонварӣ ҳам ба кор меравад, ки онро бо истилоҳи русии **седла (**ҷойи мондани тир, тӯр) низ ифода мекунанд.

Чунонки ба назар мерасад, табодули калимаҳои муқаррарӣ ба истилоҳ як андоза ба сермаъноии калима ва таркибу ибораҳо дар забон мусоидат менамояд. Инро дар иртиботи маънӣ, ки миёни истилоҳот ва вожаҳои маъмул эҳсос мегардад, метавон ҷустуҷӯ кард. Хусусан дар бахши варзиш, ки дар аксарияти истилоҳоти бо ҳамин роҳ пайдошуда алоқаи

маънӣ гусиста нест, ҳодисаи мазкур барҷаста менамояд. Масалан, дар бахши варзиши гӯштин истилоҳи **камарбанд** маъмул аст. Вай миёнбанди махсус аст дар шакли тасма, ки пас аз гирех дарозии ду сари он 20-30 см. мебошад. Агар ба маънии **камарбанд** ҳамчун истилоҳ мутаваҷҷеҳ гардем, метавонем фаҳм кунем, ки маънои истилоҳии он аз маънии бунёдиаш, ки дар фарҳангҳо мазкур аст, канда нест [5, с.532].

Ба ин тариқ, гурӯҳбандии истилоҳоти соҳаи варзиш аз рӯйи баромад ё қабатҳои забонӣ нишони он аст, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ қабати аз ҳама сермаҳсул ва муттакоро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки баромади сирф эронӣ доранд. Истилоҳоти эрониасл аз даврaҳои бостон сар карда то нимаҳои аввали садаи XX дар забони тоҷикӣ аз тариқи роҳҳои истилоҳофарии худи забонҳои эронӣ, бахусус забони тоҷикӣ, ба зуҳур омадаанд. Пас аз ин аз миёнаҳои асри XX ба баъд тамоюли ба забони тоҷикӣ бештар ворид шудани истилоҳоти русӣ-байналмилалӣ эҳсос мегардад. Ин раванд қонунист, зеро табиат ва моҳияти варзиш бештар ба вожаҳои байналмилалӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, дар кишварҳое, ки ин ё он намуди варзиш пайдо шуда, ривоҷу равнақ ёфтааст, бо ному мафҳум ва истилоҳоти худ сараввал ба забони русӣ ва аз он пас ба забони тоҷикӣ гузаштаанд.

Оид ба истилоҳоте, ки баромади арабӣ доранд, ҳаминро бояд қайд кард, ки онҳо аксаран ба қатори вожаҳои куҳнашуда (архаистӣ) мансуб мебошанд. Ҳамин хусусият ба истилоҳоти туркӣ-ӯзбекӣ низ тааллуқ дорад.

Бояд гуфт, ки истилоҳоти иқтибосии арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ, немисӣ, франсавӣ, лотинӣ ва юнонӣ барои бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забонамон дар маҷмӯъ мусоидат намуда бошанд ҳам, на ҳамаи онҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи устувор пайдо кардаанд. Дигар ин ки, ин ё он истилоҳе, ки аз забонҳои дигар гирифта мешавад, дар аксар маврид забони тоҷикӣ имконияти қабул кардани онро дар шакли як калимаи мустақил надорад. Масалан, истилоҳи **удаление**, ки русист, дар забони тоҷикӣ на бо як вожа, балки тавассути таркибҳои **аз бозӣ рондан** ё **аз майдон баровардан** ифода меёбад. Ин гуна истилоҳот хеле зиёданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». - Сталинобод, 1956. - 315 с.
2. Лотте Д.С. Проблемы языка науки и техники / Д.С.Лотте. - М.: Наука, 1972. - 300 с.
3. Маъсумӣ Н. Национальные и интернациональные факторы в формировании и развитии терминологии современного таджикского литературного языка. Национальное и интернациональное в литературе, фольклоре и языке / Н.Маъсумӣ, Р.Ғаффоров. – Кишинёв, 1971. - С. 286-294.
4. Муллоқандов Э. Забон дар тӯли замон / Э.Муллоқандов. - Душанбе:Ирфон, 1985. - 144 с.
5. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 256 с.
6. Турсунов Н.Н. Таджикские национальные подвижные игры / Н.Н.Турсунов. - Душанбе: ДГПИ им. Т. Г.Шевченко, 1981. - 84 с.

ИСТИЛОҲОТЕ, КИ БО РОҲИ КАЛКА ДАР СОҲАИ ВАРЗИШ ПАЙДО ГАРДИДАНД

Калка [аз вожаи фаронсавӣ **calque** рӯйида, маънояш «нусха, назира» аст] яке аз манбаъҳои рушду такомули забон ба ҳисоб меравад ва забони тоҷикӣ аз ин манбаи муҳим ҳамеша ғизо мегирифт ва имрӯз ҳам баҳра гирифта истодааст. Агар аз ҳамин мавқеъ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ таваҷҷӯҳ намоем, мебинем, ки аз забонҳои бегона маҳз ҳамон вожаҳое калка шудаанд, ки дар забони тоҷикӣ онҳо, дар ҳақиқат, заминаи мусоиди маъноӣ доранд. Масалан, дар соҳаи варзиш **ҷаримагоҳ** [штрафная площадка], **теладиҳӣ** [толчок], **силтав** [рывок], **ҳуҷумкунанда** [нападающий], **тур** [сетка], **зарбаи кунҷӣ** [углевой удар], **тенниси рӯйи миз** [настолный теннис], **даста** [команда] барин калкаҳо ба назар мерасанд, ки мутобиқ ба талаботи меъёрҳои боло сар задаанд ва бо мурури замон дар забони адабии тоҷик мавқеъ пайдо карда, рехтаву суфта гаштаанд. Дар низоми истилоҳоти забони тоҷикӣ дар асоси калка сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш, чунон ки гуфта шуд, нусхабардорӣ ё тарҷумаи айнани вожаҳои русӣ ба тоҷикӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Масалан, истилоҳи **ҷаҳидан**, ки ба ду бахши варзиш хос аст: а] ҷаҳидан ба дарозӣ; б] ҷаҳидан ба баландӣ. Аз инҳо якумӣ тарҷумаи таҳтуллафзии «прыжок в длину» ва дуюмӣ баргардони айнани «прыжок в высоту» мебошад. Навъҳои варзиш аксаран дар мамлакатҳои Ғарб пайдо шуда, аз он ҷо ба Русия ва аз Русия ба Тоҷикистон паҳн мегарданд. Вале забони тоҷикӣ барои пурра иваз намудани истилоҳоти ин соҳа бо муодилҳои тоҷикӣ имконияти васеъ надорад. Бинобар ин зарурати калка намудани истилоҳоти хориҷӣ пеш меояд.

Калидвожаҳо: таркиби луғавии забони тоҷикӣ, калка, истилоҳоти забони тоҷикӣ, истилоҳоти соҳаи варзиш, тарҷумаи таҳтуллафзӣ.

ТЕРМИНОЛОГИЯ, ВОЗНИКШАЯ В СПОРТЕ ПУТЁМ КАЛЬКИ

Калька [от французского **calque,** значение «копия, копировка»] является одним из источников развития и усовершенствования языка, и таджикский язык регулярно обогащает свой словарный запас за счет этого источника. Если внимательно с этой позиции рассмотреть словарный состав таджикского языка, то можно обнаружить, что из других языков калькировались те слова, которые в таджикском языке имеют соответствующую семантическую основу. К примеру, в сфере спорта: **ҷаримагоҳ** [штрафная площадка], **теладиҳӣ** [толчок], **силтав** [рывок], **ҳуҷумкунанда** [нападающий], **тур** [сетка], **зарбаи кунҷӣ** [углевой удар], **тенниси рӯйи миз** [настольный теннис], **даста** [команда] и т.д. Со временем эти кальки нашли своё место в таджикском литературном языке. Определенную часть спортивной терминологии таджикского языка составляют новые лексические единицы, которые возникли путем дословного перевода или калькирования. В терминосистеме таджикского языка часто наблюдается образование спортивной терминологии на основе калькирования или дословного перевода русских терминов на

таджикский язык. К примеру, термин **чаҳидан**, который относится к двум сферам спорта: а] чаҳидан ба дарозӣ; б] чаҳидан ба баландӣ. Первый термин является дословным переводом выражения «прыжок в длину», а второй – «прыжок в высоту». Разные виды спорта возникли в западных странах и распространились в России, позже – в Таджикистане. Однако таджикский язык не имеет потенциальных возможностей замены всех новых терминов сферы соответственными таджикскими аналогами. По этой причине возникает необходимость калькирования иностранных терминов.

Ключевые слова: словарный состав таджикского языка, калька, терминосистема таджикского языка, спортивная терминология, дословный перевод.

TERMINOLOGY ARISING IN SPORT BY KALKI

Kalka [from the French calque, meaning “copy, copy”] is one of the sources of development and improvement of the language and the Tajik language regularly enriches its vocabulary from this source. If you carefully consider the vocabulary of the Tajik language from this position, you can find that from other languages those words that in the Tajik language have an appropriate semantic basis were tagged. For example, in the field of sports: jarimagoh [penalty area], teladihi [push], siltav [jerk], hujumkunanda [attacker], tour [net], zarbay kunji [corner kick], tennis ryu miz [table tennis], dasta [team] etc. Over time, these tracing papers found their place in the Tajik literary language. A certain part of the Tajik sports terminology is made up of new lexical units that arose through literal translation or tracing. In the term system of the Tajik language, the formation of sports terminology is often observed on the basis of tracing or the literal translation of Russian terms into the Tajik language. For example, the term *jahidan*, which refers to two areas of sport: a] *jahidan* ba darozi; b] janidan ba balandi. The first term is a literal translation of the expression “long jump”, and the second is “high jump”. Various sports arose in Western countries and spread in Russia, and later in Tajikistan. However, the Tajik language does not have the potential to replace all the new terms of the sphere with the corresponding Tajik counterparts. For this reason, there is a need for tracing of foreign terms.

Key words: vocabulary of the Tajik language, tracing paper, Tajik terminology, sports terminology, literal translation.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A***. - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК: 811.21/.22-54

БОРИ МАЪНӢ КАШИДАНИ ЯК ВОЖА ДАР “ТАРҶУМАИ “ТАФСИРИ ТАБАРӢ”

Ҷӯраева С.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар атрофи калимаву таркиб ва ибораҳое, ки барои ифодаи айни як мафҳум корбаст мегарданд, асарҳои пуразиш таълиф намуда, дар он теъдоди зиёди ин қабил унсурҳои луғавиро нишон додаанд. Тадқиқотҳои забоншиносон М. Қосимӣ, А. Ҳасанов, Н. Ҳикматуллоев, З. Қӯрғонов ва дигарон ба таҳлили калимаҳои ҳаммаънои ин ё он асари алоҳида ё силсилаи муродифоти асари шоиру нависандагони асримиёнагӣ ва муосир бахшида шудаанд [ниг.:1, с.89-139; 2, с.112-118; 5, с.5-23; 6, с.106-118; 8, с.122-125].

Бо вуҷуди ба табъ расидани силсилаи асару мақолаҳо ин масъала хеле доманадор буда, то имрӯз нуктаҳои бисёри ҳалношуда ва возеҳнагаштаи он мавҷуд аст. Аз ин рӯ, дар ин мақола кӯшише мешавад, ки дар асоси маводи яке аз қадимтарин осори ба “порсии дарии роҳи рост” таълифгашта “Тарҷумаи “Тафсири табарӣ” калимаву ибораҳои ҳаммаънои дар ифодаи мафҳуми “фавт ёфтан” истифодагашта таҳлил карда шаванд.

Бояд гуфт, ки асари мазкур дар замони фармонравоии яке аз амирони Сомонӣ - Мансур ибни Нуҳ (ҳукм. солҳои 962-976) аз ҷониби гурӯҳи уламои Мовароуннаҳр аз забони арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ баргардон шудааст. Аз ин рӯ, асар хусусиятҳои аҷиби забонӣ дошта, услуби нигориши як қисми он аз ҳиссаи дигараш фарқҳои муайяне дорад. Дар асари номбурда мафҳуми “фавт” гардидан роҳҳои гуногуни зикр дорад. Пеш аз ҳама, он бо ёрии феъли мурдан ифода гардидааст: Гуфт, ки:”Агар худ бимирад беҳтар он, ки ӯро бикушанд” [4, к.1. с.62-63]. Ва Бани Исроил хостанд, ки бираванд ва Худой, азза ва ҷалла, бар эшон хашм гирифта буд ва он биёбонро бар эшон зиндон гардонида буд, ва эшон муддати чиҳил сол дар он биёбон бимонданд, то ҷумла бимурданд [4, к.1. с.84]. Ва халқ ҳама ба як ҷо бимиранд ва ҳеҷ кас зинда намонад аз ҷумлаи халоиқ, на Ҷибрил ва на Микоил ва на Исрофил ва на Азроил, ки малакулмавт аст [4, к.1. с.286].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асари номбурда бо феълҳои сода ифодаёбии мафҳуми мазкур хеле кам дида мешавад. Мо дар ифодаи ин мафҳум танҳо феъли фавқуззикрро пайдо кардем. Мусаллам мегардад, ки фавтидани шахс ё мавҷудоти дигар бо феълҳои таркибии номӣ ва воҳидҳои фразеологӣ ифода шудаанд. Аслан ин усули

ифодаи матлаб дар даврони Сомониён ба вуҷуд наомада, балки собиқаи тӯлонӣ дорад. Забоншинос Д. Саймиддинов дар натиҷаи таҳлили феълҳои забони форсии миёна ба чунин хулоса омадааст, ки ифодаи чунин мафҳумҳо дар баробари вожаҳои сода боз бо феълҳои таркибӣ низ сурат гирифта, тадриҷан теъдоди онҳо нисбат ба феълҳои сода афзудааст [ниг.3, с.170].

Маводи "Тарҷумаи "Тафсири табарӣ" низ собит менамояд, ки бо ёрии чунин феълҳо ифода гардидани ин матлаб дар аҳди Сомониён низ ривоҷ пайдо карда будааст. Чунончи, дар ҷумлаҳои зерин мафҳуми тазаккурёфта бо феълҳои таркибии номии ҳалок шудан, хок шудан ва қазо кардан ифода гаштааст: Ва чун Фиръавн ва гурӯҳи ӯ ҷумла ғарқа шуданд ва эшон- ҷумла ҳалок шуданд [4, к.1. с.67] ... ва он санг ба замин омад ва ба ҳазор пора шуд ва ҳар порае аз он бар сари сипоҳе омад ва ҳалок шуд [4, к.1. с.139]. Ва он дигар ҳамчунон биандохт ва ҳам ба ҳазор пора гашт, ва ҳар порае бар сари яке омад ва ҳалок шуданд [4, к.1. с.146]. Ва муддати сад сол бар ӯ бигзошт ва ҳар ду хок шуданд. Ин яке аз гурӯҳи ӯ буд, яъне аз Бани Исроил ва ин дигар аз душмани ӯ, яъне Қибтӣ буд, фарёд хост аз ӯ он ӯ к -аз гурӯҳи ӯ буд бар он ӯ к- аз душмани ӯ буд муште бизад ӯро Мӯсо ва қазо карда омад бар ӯ, яъне бимурд [4, к.2. с.144].

Тавре ки дар боло ишора гардид, як роҳи муҳимми пайдо гардидани чунин ифодаву ибораҳои ҳаммаъно бо ёрии воҳидҳои фразеологӣ ифодашавии мафҳуми "фавт ёфтан" ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид кард, ки дар чунин воҳидҳои рехта ба истиснои як ё ду вожаи таркибашон дигар ҳама бо ҳам мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир кардан ё накардани ин гуна ибораҳо маҳз ба ҳамин вожаҳои фарқкунандаи таркиби воҳидҳои фразеологӣ вобаста аст. Масалан: агар дар як маврид барои ифодаи ин матлаб воҳиди фразеологии аз ҷаҳон берун рафтан ба кор рафта бошад, пас дар ҳолати дигар феъли рафтан бо шудан иваз гардида, ин ибора шакли аз ҷаҳон берун шудан-ро гирифтааст: Ва ёрон ба ҳам омаданд ва Абӯбакрро гуфтанд: "Раво нест бо эшон ҳарб кардан, ки пайғамбар, алайҳи-с-салом, аз ин ҷаҳон берун рафтааст ва мусалмонӣ лахте заифтар аст" [4, к.1. с.360]. Ва инро бист муҷаллад сохтанд, аз ҷумла ин чаҳордаҳ муҷаллад фурӯ ниҳоданд, ҳар яке ним субъ, то ҷумлаи ҳама тафсири Қуръон бошад аз паси вафоти пайғамбар, алайҳи-с-салом, то он гоҳ, ки Муҳаммад ибни Ҷарир аз ин ҷаҳон берун шуд [4, к.1. с.5].

Дар асари номбурда бар ивази ибораи аз ҷаҳон берун шудан ба кор рафтани ибораи дигар аз дунё берун шудан низ мушоҳида мегардад, яъне дар ин ҷо бар ивази ҷузъи ҷаҳон истифодашавии ҷузъи дунё дида мешавад: Дуруст он аст, ки Мӯсо ва Ҳорун ба Тайа аз дунё берун шуданд [4, к.1. с.85].

Дар ҷумлаҳои поён бошад, бар ивази ибораи аз дунё берун шудан корбурди воҳиди рехтаи аз дунё рафтан ба мушоҳида мерасад: Ва мар Одамро, алайҳи-с-салом, ҳазор сол зиндагонӣ буд ва пас аз дунё бирафт [4, к.1. с.55]. Ва чунин гӯянд, ки то пайғамбар, алайҳи-с-салом, дар ҳоли ҳаёт буд, ҳар кас, ки дар Мадина аз дунё бирафтӣ, аввал бар Ҳамза бигиристандӣ ва пас бар он кас [4, к.1. с.247].

Дар асари номбурда ба ҷойи феълҳои рафтан, берун шудани ибораҳои фавқ истифодаи феъли таркибии номии рехлат кардан низ дида мешавад: Пас, ӯ чун аз дунё риҳлат кард, аз баҳри он ки марг қазост бар ҳама халқ ва ҳеҷ кас аз марг нараҳад [4, к.1. с.286].

Бояд қайд намуд, ки аз байни ҳамаи воҳидҳои рехтаи тазаккурёфта дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" ибораи аз ҷаҳон берун шудан бештар мавриди истифода қарор гирифтааст: Пас чун Довуд аз ин ҷаҳон берун шуд, гурӯҳе монда буданд аз қавми Довуд... [4, к.1,с.73]. Ва чун Довуд, алайҳи-с-салом, аз ин ҷаҳон берун шуд, Худой, азза ва ҷалла, мар Сулаймонро пайғамбарӣ дод... [4, к.1. с.35]. Ва ин бадон вақт падидор омад, ки пайғамбар, алайҳи-с-салом, аз ин ҷаҳон берун шуд ва Абӯбакри Сиддиқ, разийа-л-лоҳу анҳу, ба халифатӣ бинишаст [4, к.1. с.360].

Чунонки дида мешавад, дар асари зикргашта ин гуна ибораву ифодаҳо фаровон буда, он аз ғанӣ будани забони гузаштагонамон дарак медиҳад. Ҳамин ҷиҳати масъаларо дар назар дошта, олими эронӣ М. Қосимӣ навиштааст, ки "дар фарҳангу забону баёни пурғанои форсӣ вожаҳо ва ҷумалоту иборот ва таъбироти бисёре дар бораи мурдан, миронданд, куштан, кушта шудан ба вуҷуд омадааст" [1, с.91]. Ибораҳои фразеологии феълии ба раҳмати худо расидан, руҳ таскин кардан, ҷон аз касе ҷудо шудан, ҷонро фидо кардан ва монанди инҳо, ки дар ҷумлаҳои зер омадаанд, метавонанд далели гуфтаҳои боло бошанд: Пас рӯзи сеюм амирулмуъминин Алӣ ибни Абӯтолиб, каррама-л-лоҳу ваҷҳаҳу, ба раҳмати худо расид ва рӯҳ таскин кард [4, к.2. с.234]. Пас, ҳамчунон пушти муборак ба Оиша, разийа-л-лоҳу анҳо, боз ниҳод ва хӯй аз вай бикшод ва ду бор даҳани муборакаш фароз кард ва боз кард ва ҷон аз ӯ ҷудо шуд [4, к.2. с.495]. Ва ёрон гирд омаданд ва бо ӯ байъат карданд ва гуфтанд: "Мо ҳама ҷонҳоро фидо кардем ва бо ин аҳли Макка ҳарб кунем" [4, к.2. с.507].

Ҳамин тавр, аз таҳлили муродифҳои феъли "мурдан" маълум мешавад, ки баргардонандагони китоби "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" бо истифодаи калимаҳои

ҳаммаъно хостанд, ки баъзе лаҳзаҳои ғамангези ҳаёти инсонро на бо роҳи истифодаи калимаву ибораҳои гӯшхарош, дағал, дурушт, балки бо усули корбурди вожаву ифодаҳое зикр кунанд, ки матлабро каме пӯшида, нозук ва пардапӯшона баён намоянд. Агар забони ниёгонамон бой намебуд ва хазинаи гаронбаҳои вожаву ибораҳои дилхоҳ намедошт, ба ин тарз адонамоии матлаб аз ҷониби аҳли адаб ғайриимкон буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Қосимӣ М. Тасвири марг дар адаби форсӣ / М. Қосимӣ // Номаи пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи пажӯҳишгоҳи эроншиносӣ. - Душанбе, 2007. - №15-16. - С. 89-139.
2. Қӯрғонов З. Муродифоти як антрононим дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ / З.Қӯрғонов // Гулистони маърифат. - Хуҷанд, бидуни соли нашр. - С. 112-118.
3. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймиддинов. - Душанбе, 2001.
4. “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”. Китобҳои якум ва дуюм / Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самеев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. (Ҳамаи мисолҳо аз ҳамин нашр аст).
5. Ҳикматуллоев Н. Семантика стилистические особенности лексических синонимов в трилогии Джалола Икроми “Двенадцать ворот Бухары»: автореф дисс... канд. фил. наук / Н.Ҳикматуллоев. - Душанбе, 1993.
6. Ҳасанов А. Сесаду панҷоҳ муродифи гуногунрешаи як вожаи эрониасл / А.Ҳасанов // Армуғони Ганҷи сухан”. Ҷилди севум. – Хуҷанд: Ношир, 2009. - С. 106-118.
7. Ҷӯраева С. Муродифот дар ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ / С.Ҷӯраева. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011.
8. Ҷӯраева С. Чил муродифи як вожаи эрониасл дар “Тафсири Табарӣ” –Балъамӣ / С.Ҷӯраева // Гулистони маърифат. - Хуҷанд, 2012 - С. 122-125.

БОРИ МАЪНӢ КАШИДАНИ ЯК ВОЖА ДАР “ТАРҶУМАИ “ТАФСИРИ ТАБАРӢ”

Муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар атрофи калимаву таркиб ва ибораҳое, ки барои ифодаи айни як мафҳум корбаст мегарданд, асарҳои пуразриш таълиф намуда, дар он теъдоди зиёди ин қабил унсурҳои луғавиро нишон додаанд. Бо вуҷуди ба табъ расидани силсилаи асару мақолаҳо ин масъала хеле доманадор буда, то имрӯз нуктаҳои бисёри ҳалношуда ва возеҳнагаштаи он мавҷуд аст. Аз ин рӯ, дар ин мақола кӯшише мешавад, ки дар асоси маводи яке аз қадимтарин осори ба “порсии дарии роҳи рост” таълифгашта “Тарҷумаи “Тафсири табарӣ” калимаву ибораҳои ҳаммаънои дар ифодаи мафҳуми “фавт ёфтан” истифодагашта таҳлил карда шаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асари номбурда бо феълҳои сода ифодаёбии мафҳуми мазкур хеле кам дида мешавад. Маводи “Тарҷумаи “Тафсири табарӣ” низ собит менамояд, ки бо ёрии чунин феълҳо ифода гардидани ин матлаб дар аҳди Сомониён низ ривоҷ пайдо карда будааст.

Калидвожаҳо: таркиб ва ибораҳо, ифодаи айни як мафҳум, корбаст, унсурҳои луғавӣ, “Тарҷумаи “Тафсири табарӣ”, алимаву ибораҳои ҳаммаъно, феълҳои сода.

ЗНАЧЕНИЕ ОДНОГО СЛОВА В “ПЕРЕВОДЕ “ТАФСИРИ ТАБАРИ”

Отечественными и зарубежными исследователями завершена огромная работа по изучению слов, структуры и словосочетаний, в которых показано огромное количество данных словарных элементов, используемых для выражения одного понятия. Несмотря на огромное количество проделанной работы данная проблема все же остается не до конца изученной. Поэтому, в данной статье предпринята попытка на основе одного из старинных источников, составленных на персидско-дарийском языке - “Перевод “Тафсири табари” проанализировать слова и словосочетания синонимчные при выражении понятия“фавт ёфтан” - “скончаться”. Наблюдения показывают, что в данном произведении очень мало встречается случаев выражения данного понятия с использованием простых глаголов. Материалы произведения “Перевод “Тафсири табари” также доказывают, что с помощью этих глаголов выражение данного вопроса в период правления Саманидов получило широкое развитие.

Ключевые слова: состав слов и словосочетаний, основное выражение одного понятия, использование, словарные элементы, “Таржумаи “Тафсири табари”, однозначные слова и словосочетания, простые глаголы..

THE SIGNIFICANCE OF ONE WORD IN THE TRANSFER OF TAFIRI TABARI

Domestic and foreign researchers have completed a huge work on the study of words, structure and phrases, which show a huge amount of data from the dictionary elements used to express one concept. Despite the huge amount of work done, this problem is still not fully understood. Therefore, in this article an attempt is made on the basis of one of the ancient sources compiled in the Persian-Dariic language - “Translation of“ Tafsiri Tabari ”to analyze words and phrases synonymous when expressing the concept of“ favorite yoftan ”-“ to die ”. Observations show that in this work there are very few cases of expression of this concept using simple verbs. The materials of the translation of “Translation of Tafsiri Tabari” also prove that with the help of these verbs the expression of this question during the reign of the Samanids was widely developed.

Key words: composition of words and phrases, basic expression of one concept, use, vocabulary elements, “Tarzhumai“ Tafsiri Tabari ”, unambiguous words and phrases, simple verbs ..

Сведения об авторе: ***Джураева С.Б.*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Information about the author: ***Juraeva S.B***. - Khujand State University named after B. Gafurova, Associate Professor, Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. Tel.: **(+992) 92-774-05-01**

УДК: 491.550-54

ТАШАККУЛИ ВОҲИДҲОИ АНДОЗАГИРӢ БО РОҲИ КАЛИМАСОЗӢ

Ҳасанова М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа қабати махсусро ташкил дода, онҳо барои ифодаи мафҳумҳои ҳаётан муҳим корбаст мешаванд. Аз таҳқиқи фарҳангу осори гаронбаҳои шоирону нависандагон ва олимон бармеояд, ки дар гузашта воҳидҳои асиле чун ***тасу, ушр, ушрия, ушрӣ, кафсан, фарсанг, вақаб, газ, ним, чакрим, сер, донг, санг, раш, ман, пуд, ситер, хам, табанг, тӯрба, полуғ, чошт, рӯз, танга, бағал, полуғ, ханӯр, ҷувол, ғанҷ, зиғол, мушт, соғар, соғу, суфол, хик*** ва ғ. дар рӯзгори мардуми тоҷик серистеъмол буда, бо гузашти вақт ва пешрафти илму технология қисме аз онҳо аз истеъмол берун шудаанд.

Дар ташаккули воҳидҳои ченакҳои вазну масофа калимасозӣ мавқеи муҳимро касб менамояд [10, с.219], ки ин нуктаи муҳим диққати забоншиносонро барвақт ба худ ҷалб намуда буд [13, с.283]. Тарзи сохтаи воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа дар забони тоҷикӣ сермаҳсул ба шумор мераванд. Бояд қайд намуд, ки "калимасозӣ дар асоси табиат ва қонунияти дохилии ҳар як забон амалӣ мегардад" [7, с.87].

Дар ифодаи ченакҳои вазну масофа асосан калимаҳои исмӣ корбаст мешаванд, аз ин рӯ, дар ташаккули роҳи морфологии онҳо чунин воситаҳои калимасоз ба назар мерасанд:

Дар забони тоҷикӣ пасванди **–ак,** тавре ки профессор Камолиддинов Б. оид ба ҷилоҳои маъноии пасванди – **ак** ва муродифҳои он таваққуф намуда, аз ҷумла менигорад «... суффиксҳои – **ча, -ак (-акак**) ва морфемаи**- ҷон** бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ васл шуда.... гоҳе муносибати самимона, меҳру шафқат, ҳиссиёти хурсандӣ, фараҳ, гоҳе ҳазлу шӯхӣ, мазоқ, гоҳе назарногирӣ, таҳқир, нафрату адовати гӯянда ифода меёбад» [6, с.31]. Инчунин, дар ифодаи маънои қарибӣ ва наздикӣ низ ба кор бурда шудааст [3, с.355].

Бо пасванди **–ак** сохта шудани воҳидҳои ченаки вазн ҳодисаи маъмулист. Ба таври мисол, калимаи **ман** дар забони тоҷикӣ хусусияти омонимӣ дошта, дар баробари маънои ҷонишини шахси якуми танҳо ва миқёси вазн боз ба маънои тарангабин, таранҷабин– шабнаме, ки бар рӯйи барги баъзе дарахтон ва хорҳо рехта, то пагоҳ ба шираи бастаи бисёр ширин мубаддал мешавад, хоршакар истифода мешавад. Ин калима дар ифодаи вазн бо калимаи туркии ***ботман*** муродиф мебошад. Аз таҳлилу баррасии мавод бармеояд, ки он дар шакли сохта: ман+ак ба маънои зарфи баркаш (*вазн*) барои чизҳои пошхӯранда (*гандум, биринҷ ва ғ.*) ва барои чизҳои моеъ низ меояд ва дар ин маврид аз калимаи *ман* ҳамчун воҳиди вазн сохта шудани он далели воқеист.

Пасванди **–ак** дар сохтани воҳидҳои ченакҳои вазну масофа дар лаҳҷаҳо сермаҳсул мебошад. Калимаҳои ифодагари ченакҳои вазну масофаи бо ин пасванд ташаккулёфта вобаста ба маънои луғавии ҷузъи асосӣ сермаъно мебошанд. Ба таври мисол, **чабл+ик** дар муайян намудани андозаи шир, ки баробари як ангушти ишоратӣ бошад, корбаст мешавад [9, с.811]. Ин шакл ба маънои воҳиди андозаи маводи обӣ (шуррут) низ меояд. Бояд қайд намоем, ки ифодаи ченакҳои вазну масофа бо ин унсури забонӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ доираи васеъ пайдо кардааст. Ба таври мисол, калимаи **севак** дар лаҳҷаҳои ҷануб сермаъно ба назар мерасад: ин калима бо тағйироти фонетикӣ аз калимаи **себ** дар шакли **сев** ба таври сохта–**севак** ба маънои себча, инчунин завола, қисми чархи осиё истифода мешавад. Дар ифодаи андозагирии шир, ба миқдори се ангушт калимаи **севак** дар лаҳҷаҳои ҷануб баъзан ба мушоҳида мерасад.

Калимаи **каландак** дар лаҳҷаҳои ҷануб ба маънои хори сари девор корбаст шуда ва ин калима дар ифодаи ченаки дарозӣ (тақрибан як метр) низ ба кор бурда мешавад. Дар лаҳҷаҳои ҷануб инчунин калимаҳои **ғарибак** (Сам., Ҳак.,Пд.,Нӯш., Фат.) арх. воҳиди ченаки вазн, ки ба 125 гр. баробар аст, мустаъмал мебошад [9, с.186]; (Самсолик); **мъштак** (Шӯробод) –миқдори ками ғаллае, ки таъҷилан дар осиё орд карда мешавад, ба кор бурда мешаванд. Назар ба маълумоти муаррих Қӯшматов А. дар маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин калимаҳои сохтаи **ятимак, ясирак, ямирак** низ дар ифодаи вазнҳои гуногун корбаст гардидаанд [7, с.272].

Калимаи сохтаи **кафча** маънои қошуқро дорад, вале дар истилоҳ ченаки вазн буда, як кафча аз доруҳои хушк муодили 7, 225 гр. ва як кафча аз ангубину маъҷунҳо муодили 17,0 гр. аст. Калимаи **килача** ченаки вазн буда, муодили аз яку ним то чаҳор **ратл** аст.

Бо пасванди **-ча** калимаҳои **дӯл, хурма** ва **дег** дар шакли сохтаи ***дӯлча, хурмача*** ва ***дегча*** барои ифодаи ҳаҷму андозаи хурд истифода шудаанд. Калимаи **дӯлча** ба маънои зарфи дастадор барои гирифтани об аз сатил *ва ғ.* истифода мешавад. Калимаҳои мазкур бевосита, яъне мустақилан андозаи муайяни вазнро ифода накунанд ҳам, лекин бо ифодаи маъноии худ ба вазн иртиботи нозуки маъноӣ доранд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи нимча чунин шарҳ ёфтааст:

Нимча –воҳиди вазне, ки тахминан ба 400-500 гр. баробар будааст [13, с.924]. Аз

таҳлилу баррасии фарҳангҳо бармеояд, ки он дар шакли **нимчагӣ** низ ба ҳамин маъно истифода мешавад. Дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ин калима ҳамчун ченаки вазн (зиёда аз 400 гр.) серистеъмол мебошад.

Дар забони тоҷикӣ пасванди **-а** дар сохтани исмҳо сермаҳсул мебошад. Калимаи ***моша***, ки аз калимаи ***мош*** (гиёҳест аз оилаи лӯбиёиҳо) бо иловаи пасванди –а сохта шудааст, миқдори вазнест иборат аз дувоздаҳ як ҳиссаи ***тӯлча***. Чун тӯлча ба 2,5 мисқол баробар аст, пас, моша ба 0,94 гр. рост меояд.

Калимаи сохтаи **нора** ба маънои санги тарозу ба кор бурда мешавад.

Пасванди -ӣ аз пасвандҳои сермаҳсули забони тоҷикӣ ба шумор меравад ва дар калимасозии исм ба чор маъно корбурди он дар «Грамматикаи академӣ» нишон дода шудааст [3, с.115].

Дар ташаккули исмҳои ифодагари ченаки вазн низ ин пасванд сермаҳсул мебошад. Бо ин пасванд калимаҳои *ушрӣ*– Он ки ба миқдори даҳяк хироҷ медиҳад, ушрдиҳанда; ***нимпудӣ*** (вазни нисфи пудро дошта ба 8 кг. баробар аст) сохта шудааст.

Калимаи арабии **мисқол** ба 4,68 гр. баробар буда, ченаки мушаххаси калимаи *мисқол* дар адабиёти илмӣ ва осори шоирону нависандагон якранг ба назар намерасад. Давидович Е.А. дар асоси маълумотҳо муқаррар кардааст, ки дар Бухоро дар асри XV *мани* шариатӣ ба 180 мисқол , яъне 864 гр. ва мани тарозуи палладори бухороӣ ба 900 мисқол, яъне 4 кг. 320 гр. баробар буд.

Ба хони зар ниҳодандаш фаропеш,
Ҳазору ҳафтсад **мисқол** не, беш [13, с.694] (Низомӣ).

Ба маънои санги тарозу:

Бувад чу ҷуди ту санҷанд хозинони дарат,
Тарозуяш фалаки атласу замин **мисқол** [13, с.694] (Убайди Зоконӣ).

Дар шакли сохтаи мисқолӣ омадани ин воҳиди вазнро дар осори Низомӣ дучор омадем, ки он ҳамвазифа бо калимаи мисқол мебошад:

Зи қаттону **мисқолии х**онабоф,
Зада кӯҳа ба кӯҳа чун кӯҳи Қоф [13, с.694].

Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ шаклҳои асили сохтаи ифодагари вазну ченак бо ин пасванд ба назар мерасанд: **шапи́** (лаҳҷаҳои ҷанубӣ) – асбоби ченаке, ки баробари чор ангушт буда, меъёри ширро дар зарф муайян мекунад; **шасти́** (Даштиҷум)– воситаи ченаки шир, ки баробари сарангушт аст.

Дар ифодаи ченакҳои вазну масофа бо пасванди **-иш** ташаккулёбии калимаҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа каммаҳсул мебошад, ки онро танҳо дар калимаи ***болиш*** ба маънои миқдори муайяни тилло мушоҳида менамоем*: Аҳмад ӯро (арғунаро) азиз ва муҳтарам дошт ва бист адад* ***болиш****, ки ҷиҳати ӯ нигоҳ дошта буданд, ба дасти худ ба вай дод* [13, с.199].

Пасванди **-вор** дар калимасозии исм каммаҳсул мебошад. Дар сохтани воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа онро дар чанд мавриди ғайримаъмул мушоҳида менамоем. Барои андозаи бори муайян, ки тавони кашидани онро як хар дорад, дар осори Авфии Бухороӣ ба кор бурда шудааст: **Харворе** ҳезум бар дарозгӯш бор карда [13, с.465].

Ин калима бевосита дар ифодаи вазн баробар бо сад мани табрезӣ дар мақоли мардумӣ корбаст шудааст: ***Харвор*** *намак аст, мисқол ҳам намак аст* [13, с.464].

Дар калимаи сохтаи **қадамвор** ба маънои ҷой ва масофаи як қадам, ҷойи ба андозаи дарозии як қадам омадани ин пасвандро мебинем:

На Рум аз вусъатбоди ҷаҳон, не Шом мехоҳам,
Қадамворе аз ин саҳрои беором мехоҳам [13, с.665].

Пасванди **-она** дар сохтани калимаҳои ифодагари ченаки **байъона** (ба маънои як миқдор пуле, ки вақти муомила пешакӣ ба соҳиби мол медиҳанд, пешбаҳо, пешпардохт) ва **донгона** (ба маънои пуле, ки дар вақти сайругашт ҷӯраҳо барои хӯрокворӣ ҷамъ мекунанд; миқдори ниҳоят ками пул) ба назар мерасад:

Ҳама дар ҷустуҷӯйи **донгона,**
Аз шариат ба ҷумла бегона [13, с.388].

Забоншинос Шукуров М. ин ҳодисаро мусбат арзёбӣ кардааст: «Иқтидори забони тоҷикӣ дар ин аст, ки калимаи мураккаб бисёр дорад» [15. 166с].

Шаклгирии калимаҳои мураккаби ифодагари ченакҳои вазну масофа гуногун буда, вобаста ба ҷузъҳои калимаи мураккаб доираи маъноӣ васеъ мегардад. Бо исму исм ташаккул ёфтани воҳидҳои ченакҳои вазну масофа назаррас мебошад. Аз таҳлили мавод бармеояд, ки калимаҳои мураккаби ифодагари ченакҳои вазну масофа дар қолаби калимасозии тарзи тобеи исм бештар омада, ин усули калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мақоми хосса дорад. Дар «Грамматикаи академӣ» ин тарзи калимасозӣ ба ин тариқ оварда шудааст: «Дар забони адабии тоҷик тарзи тобеъ сермаҳсултарин қолаби калимасозии исм ба шумор меравад. Дар исмҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷузъҳо калимаи асосӣ буда, дигаре ба он тобеъ аст ва дар онҳо муносибатҳои гуногуни ҷузъҳо: муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ, субъективӣ ва ҳолӣ мушоҳида мешавад» [3, с.122].

Калимаи тоҷикии **санг** дар ташаккули калимаҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа нақши намоён дорад. Онро дар гузашта дар тарозу барои чен кардани вазн истифода мебурданд.

Калимаи мураккаби **донгсанг** аз ду ҷузъ: **донг** (ба маънои ҳисса, саҳм; шашяки чизе омада, дар гузашта ба маънои вазн низ корбаст мешуд, ки дар маҳалҳои гуногун он аз ҳамдигар фарқ доштанд) ва **санг** (ҷисми кӯҳӣ, ки дар гузашта барои чен кардани вазн дар тарозу истифода мебурданд) ташаккул ёфта, он ба маънои **як донг** корбаст мешавад, ки он ҳоло баробари шашяки дирам аст (як дирам ду қирот ва ҳар қирот аз 0, 19 гр. иборат аст) [13, с.388].

Калимаи **ҷавсанг** дар ҳамин қолаб ташаккул ёфта, он сангест ҳамвазни як дона ҷав. Ин воҳиди ченак дар осори Низомӣ ва Румӣ ба назар расид:

Ба чандин сари теғи алмосранг,
Насуфтанд **ҷавсанг** аз ин хорасанг [13, с.602].

В-он харе, к-аз ақл **ҷавсанге** надошт,
Худ набудаш ақлу оқилро гузошт [13, с.602].

Калимаи **санг** бо калимаи юнонии **дирам** (ба маънои тангаи нуқрагии қадим, сиккаи нуқра; пули танга; пул; *кӯн.* воҳиди вазн, ки баробари 3,12 гр. будааст) дар шакли мураккаби **дирамсанг** ташаккул ёфта, ченаки онро муҳаққиқи эронӣ Саид Маҳмуди Нишот чунин шарҳ медиҳад: «Муодили шаш донг ва ҳар донг муодили шаш қирот» будааст [16, с.408-573].

Ин калимаро дар осори Фирдавсӣ ва Саъдӣ мушоҳида менамоем:

Сазои чунин мард гӯй, ки чист?
Ки тарёк дорад **дирамсанг б**ист.

Зи бунгоҳи ҳотам яке некмард
Талаб дах **дирамсанг** фониз кард [13, с.380].

Истилоҳоти **резсанг** калимаи нав ба шумор рафта, муродифи калимаи юнонии **микрометр** мебошад ва он андозагири хурдтарин ченаки масофа ба шумор меравад [13, с.161].

Калимаи тоҷикии **тарозу** асбоби ченкунӣ буда, дар шакли мураккаби **обтарозу** (ба маънои олат барои санҷиши вазъи уфуқии хат дар ҳамворӣ дар бинокорӣ ва дуредгарӣ) омадани он мушоҳида мешавад [13, с.331].

Ҷуз ин бо манат ҳеҷ дархост нест,
Ки дар як **тарозу** ду ман рост нест (Низомӣ).

Як роҳи ташаккули калимаҳои мураккаб дар асоси ибораҳои озод (факки изофа) ташаккул ёфтани онҳо буда, ин қолаби калимасозӣ дар забоншиносии тоҷик ба таҳқиқ ниёз дорад, зеро ин навъи калимаҳо дар забони муосири тоҷикӣ зиёд ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон Уолш И. А. ва Берков В. П. дар мақолае зери унвони «Калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озод» дуруст зикр менамоянд, ки: «Калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озод чун ибораҳои мавҷуда озодона дар нутқ сохта мешаванд. Хусусияти муҳимми онҳо ин аст, ки ҳатто соҳиби забон ҳангоми талаффуз кардан ё шунидани ин навъи калимаҳои мураккаб одатан ба ин навъи калимаҳо дучор гардиданашро ба хотир оварда наметавонад ва нав будани ин калимаҳо ҳис карда намешавад. Дар асл, барои фард муқаррарӣ ё ғайримуқаррарӣ будани ифода, аз ҷумла ягонагиҳои бори аввал истифодашаванда ва сохти калимаи лозима фарқ надорад» [12, с.8].

Дар ин шакли наҳвӣ ташаккул ёфтани чанд воҳиди ченакҳои вазну масофаро мушоҳида менамоем. Калимаи мураккаби **пилпо** ба маънои қадаҳи бузурги шаробхӯрӣ, ратли гарон омадааст. Ин калимаро ба маънои қадаҳи бузург дар осори Низомӣ мебинем:

Чу дар **пилпои** қадаҳ май кунам,
Ба як **пилпо** пилро пай кунам [13, с.61].

Ин воҳиди луғавӣ ба маънои олоти ҷангӣ низ ба кор бурда шудааст ва онҳо ҳамгун (омоним) шудаанд:

Зароҷа манам пили пӯлодхой,
Ки бар пушти пилон кашам **пилпой** [13, с.61].

Калимаи мураккаби ***кадунима*** (ба маънои кӯза, кадуи шароб) аз исму сифат таркиб ёфта, ин қолаби калимасозии воҳидҳои ченакҳои вазну масофа каммаҳсул мебошад.

Дар забони тоҷикӣ ташаккули воҳидҳои луғавии мураккаби ифодагари ченакҳои вазну масофа аз исму феъли фармоишӣ доираи васеъ дорад.

Дар ин шакл аз исму сифати феълӣ калимаи воҳиди ченак–**ошхӯра** (ба маънои зарфе, ки дар он ба сагу гурба хӯрок медиҳанд) сохта шудааст.

Ташаккули калимаҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа бо калимаи ***дах*** назаррас мебошад: **даҳманӣ** он чӣ гунҷоиши дах манро дорад; **даҳдаҳӣ: зари даҳдаҳӣ** тиллои холис; **даҳяк** аз дах як ҳиссаи чизе; хироҷе, ки аз ҳисоби аз дах ҳиссаи ҳосил ба манфиати хазинаи подшоҳӣ аз аҳолӣ гирифта мешуд, хироҷи ушр ва ғ.

Бо калимаи ***чил*** ташаккул ёфтани нумеративҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ

ҳодисаи маъмулӣ буда, дар гузашта низ ин раванд маъруф буд. Калимаи чил+газ+а ба маънои баландии чил газ (*як газ тақрибан муодили як метр аст*) корбаст шудааст.

Исмҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа, ки аз сифату феъл таркиб ёфтаанд. Дар ин қолаб калимаи асили тоҷикии **нимхӯрд,** ки дар гузашта истеъмоли фаровон дошт, омадааст.

Дар лаҳҷаҳои ҷануб ин калима дар ифодаи воҳиди вазн, баробар бо 2,5 кг корбаст мешавад: *Дӣ-дъвозда санг руғани зиғер, йаг нимхурд биринҷ мегърифтан* (Даштиҷум).

Дар осори Носири Хисрав калимаи такрори *раш-раш* барои ифодаи калимаи газ омадааст:

Яке кӯҳ дон маар-маро пур зи гавҳар,
Ба ман поя-поя бароянду **раш-раш** [13, с.129].

Калимаи мураккаби **қоба-қавсайн** ба маънои фосилаи байни ду абрӯ омадааст:

Аз миёни **қоба-қавсайни** ту меҷустам хабар,
Абрувонат бар рӯи зебо каҷ нишасту гуфт; рост! [13, с.694].

Ин шакл дар ифодаи маънои наздик низ дар осори Низомӣ ва Мавлои Рум ба кор бурда шудааст:

Бибин, эй ҳафтсола қурратулъайн,
Мақоми хештан дар **қоба-қавасйн** [13, с.694].

Дафъатан то қаба – қавсайну парид,
Роҳи садсола ба як ҷунбиш бурид [13, с.694].

Аз таҳлили корбасти калимаҳои сохта ва мураккаби ифодагари ченакҳои вазну масофа бармеояд, ки аз исм ташкил ёфтани онҳо сермаҳсул буда, маънои луғавӣ боиси шаклгириҳои гуногуни сарфӣ мегардад. Бисёре аз воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа ҳамоно дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо шаклу маъноҳои гуногун корбаст шуда, дар забони адабӣ аҳёнан истифода мешаванд. Дар давраи муосир аз қолабҳои ибораҳои озод ташаккул ёфтани калимаҳои мураккаби ифодагари ченакҳои вазну масофа ҷараёни тоза касб намуда истодааст. Албатта, омӯзиши сохту таркиб ва ифодаи маъноӣ, инчунин дараҷаи корбасти воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа дар такомули бахши истилоҳшиносӣ аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилдҳои 1-9. - Душанбе: Адиб, 1987 - 1991.
2. Ализода И. «Шоҳнома». Фарҳанги мухтасар. – Душанбе: Адиб, 1992. - 491 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди аввал. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. – 355 с.
4. Ғафуров Н.А. Такрор - яке аз воситаҳои бойшавии таркиби луғати забон / Н.А. Ғафуров // Вестник Курган-тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. - 2016. - №1(35). – С. 33-40.
5. Зикриёев Ф.Қ. Санъати такрор дар назми М. Турсунзода / Ф.Қ. Зикриёев // Забони осори М. Турсунзода, 1997. – 9-17 с.
6. Кабиров Х.Ш. Султони мулки сухан / Х.Ш.Кабиров. - Душанбе: Эр-граф, 2011. - 150 с.
7. Қушматов А. Деҳқонони тоҷик / А.Қушматов. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 286 с.
8. Лившиц В.А. О внутренних законах развития таджикского языка / В.А. Лившиц // Известия АН Тадж. ССР. Отд.общ. наук. – Сталинабад, 1954. - Вып. 5. – С.87–103.
9. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б.Бердиев. – Душанбе, 2012. – 952 с.
10. Раҳматова М.М. Хусусиятҳои корбурди шумора дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (рисолаи номзадӣ) / М.М. Раҳматова. - Душанбе, 2011. – 150 с.
11. Рустамов Ш. Исм (Категорияи грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ) / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 219 с.
12. Уолш И.А. О статусе сложных слов−эквивалентов свободных словосочетаний / И.А.Уолш, В.П. Берков // Вестник Ленинградского университета. (Серия истории языка и литературы, выпуск 2). - 1984. – С. 66–71.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Ҷилди I ва II). – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.; 952 с.
14. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯйи «Гулистон»-и Саъдӣ) / С.Ҳалимов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. – Душанбе, 1975. – С.283-307.
15. Шукуров М. Забони мо ҳастии мост / М. Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 320 с
16. سید محمود نشات. شمارو مقدار در زبان فارسی. تهران انتشارات دانشگاه تهران، 1359، 573 ص.

ТАШАККУЛИ ВОҲИДҲОИ АНДОЗАГИРӢ БО РОҲИ КАЛИМАСОЗӢ

Дар мақола ба таври мухтасар ташаккули воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа бо роҳи калимасозӣ баррасӣ шудааст. Аз омӯзиши масъала бармеояд, ки калимаҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи муҳим доранд. Дар корбасти ин қабил калимаҳо унсурҳои таърихӣ ба мушоҳида расида, ҳамчунин дар ин қабати муҳимми лексикӣ навгониҳои забонӣ дар ифодаи маъно ва шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ арзи ҳастӣ менамоянд. Дар забоншиносии тоҷик, бо вуҷуди он ки баъзе паҳлуҳои ин масъала ба таври алоҳида мавриди тадқиқу омӯзиши забоншиносон қарор гирифтааст, аммо таснифоти луғавии ин қабати лексикӣ вобаста ба шаклу маъно, ташаккули сарфиву наҳвии онҳо, инчунин дараҷаи корбасти калимаҳои ифодагари вазну ченак вобаста ба раванди таърихии забон ҳамоно тадқиқталаб боқӣ мондааст. Дар ташаккули воҳидҳои ченакҳои вазну масофа калимасозӣ мавқеи муҳимро касб менамояд, ки ин нуктаи муҳим диққати забоншиносонро барвақт ба худ ҷалб намуда буд. Тарзи сохтаи воҳидҳои ифодагари вазну ченак дар забони тоҷикӣ сермаҳсул ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки калимасозӣ дар асоси низоми муайяни сарфиву наҳвии ҳар як забон сурат мегирад. Аз таҳлили корбасти калимаҳои сохта ва мураккаби ифодагари ченакҳои вазну масофа бармеояд, ки аз исм

ташкил ёфтани онҳо сермаҳсул буда, маънои луғавӣ боиси шаклгириҳои гуногуни сарфӣ мегардад. Бисёре аз воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа ҳамоно дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо шаклу маъноҳои гуногун корбаст шуда, дар забони адабӣ хеле кам истифода мешаванд. Дар давраи муосир аз қолабҳои ибораҳои озод ташаккул ёфтани калимаҳои мураккаби ифодагари вазну ченак ҷараёни тоза касб намуда истодааст. Албатта, омӯзиши сохту таркиб ва ифодаи маъноӣ, инчунин дараҷаи корбасти воҳидҳои ифодагари ченакҳои вазну масофа ба бисёр масъалаҳои мубрами забоншиносӣ рӯшанӣ меандозад.

Калидвожаҳо: морфологӣ, калимасозӣ, сохта, мураккаб, лексика, ченак, калима, асолат, ҷараён.

ФОРМИРОВАНИЕ ЕДИНИЦ МЕРЫ ПУТЕМ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ

В данной статье путём словообразования, кратко приведены формирования, выражающие единицы меры . От изучения вопроса исходит, что термины, выражающие единицы меры, в словарном фонде таджикского языка занимает особое место. В применении таких терминов наблюдаются исторические элементы, а также в этой важной лексике имеются элементы языковой новизны в понимании смысла морфологического и синтаксического формообразования. В таджикской лингвистике, наряду с тем, что разные стороны этого вопроса исследованы языковедами частично, но классификация лексики в зависимости от разновидностей и смысла, ее морфологического и синтаксического формирования, а также степени применения терминов, выражающих единицы меры, в зависимости от исторического процесса до сих пор нуждается в исследовании. В формировании единиц меры словообразование занимает важное место, и это особая точка зрения рано обратила на себя внимание языковедов. Производный вид единицы меры в таджикском языке считается продуктивным. Необходимо отметить,что словообразование формируется на основе определённого морфологического и синтаксического порядка каждого языка. Из анализа использования производных и сложных терминов, выражающих единицы меры, исходит, что их формирование от существительных является продуктивным и их лексическое значение становится причиной разнообразных синтаксических формообразований. Большинство единиц, выражающих меру, всё ещё в таджикских диалектах применяются по-разному и в литературном языке не используются. На современном этапе от моделей свободных словосочетаний формируются сложные слова, выражающие меры. Конечно, изучение строения и структуры и смысловое разъяснению, а также использование единиц меры вносят ясность по многим актуальным вопросам языкознания.

Ключевые слова: морфологическое, словообразование, лексика, мера, слово, подлинность, процесс.

FORMATION OF MEASUREMENT UNITS BY WORD-FORMATION

This article is briefly considered word formation, explaining formations the units of measure. From studying the issue, it is assumed that the terms explaining the units of measure in the vocabulary fund of the Tajik language occupy a special place. In the application of such terms, historical elements are observed, and also in this important vocabulary there are linguistic novelties in understanding the meaning of morphological and syntactic formation. In Tajik linguistics, along with the fact that different aspects of this issue are studied by linguists separately, the lexical classification of vocabulary depends on the type and meaning, their morphological and syntactic formation, as well as the degree of use of terms explaining the units of measure depending on the historical process needs research. In the formation of the unit of measure, word formation has an important place, and this particular point of view early attracted the attention of linguists. The artificial appearance of the unit of measure in the Tajik language is considered productive. It should be noted that word formation is formed on the basis of a certain morphological and syntactic order of each language. From the analysis of the use of artificial and complex terms, explaining units of measure, it proceeds that their formation from nouns is productive and their lexical meaning becomes the cause of various syntactic formations. Most of the units explaining the measures are still used differently in Tajik dialects and are not used in the literary language. At the present stage, complex words explaining measures form from the models of free phrases. Of course, the study of the structure and structure and the semantic explanation, as well as the use of the unit of measure, bring clarity to many topical issues of linguistics.

Key words: morphological, word formation, vocabulary, measure, word, authenticity, process.

Сведения об авторе: ***Хасанова Манзура Абдурашидовна*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **manzura_khasanova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-02-19-77**

Information about the author: ***Khasanova Manzura Abdurashidovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of the History of Language and Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **manzura_khasanova@mail.ru.** Phone: **(+992) 933-02-19-77**

УДК: 491.550+492.7.09

ДАР БОРАИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР АСРИ XIII ВА ПАС АЗ ОН

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқон аз асри XIII мураккабтару душворфаҳм шудани забони насрро таъкид намудаанд. Дар ин давра дар баробари ворид шудани калимаву ибораҳои зиёди арабӣ, ки ба оммаи мардум нофаҳмо буданд, тарзи баён низ душвору печ дар печ гардид, ҳамчунин суханбозиву суханпардозиҳои беҳуда ба кор бурда мешуд. Ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоии замон, махсусан истилои муғул ба адабиёт бетаъсир буда наметавонист. Аз ин рӯ, адабиёти ин давра *«ба дигаргуниҳои ҷиддии шакливу мазмунӣ дучор шуд»* [9, с.90]. Пӯшида баён кардани матлаб ва мавзӯъҳои канорагириву гӯшанишинӣ ихтиёр кардан аз ҷамъият дар адабиёти ин давра мақоми асосиро ишғол намуданд, ки сабаби ин ба ҷабру зулми истилогарони муғул ва табақаҳои ҳукмрон ва ба шароити ниҳоят вазнини зиндагии мардум вобаста дониста мешавад. Дигаргунӣ дар сабку услуби нависандагони асрҳои

XIII-XV, махсусан дар услуби баёни нависандагону муншиёни дарборӣ ба дараҷаи зиёд тараққӣ кардани насри маснӯи мутакаллифона, ки дар асрҳои XI-XII ба вуҷуд омада буд, вобаста дониста мешавад [9, с. 90]. Бо вуҷуди ин, адибоне, ки ба халқ наздик буданд, дар чунин замони мураккабнависиҳо низ анъанаи адабиёти асрҳои X-XI-ро давом дода, асарҳои хешро бо услуби нисбатан сода эҷод намудаанд. Аз ҷумла, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, ҳамчунин насри ривоятии тоҷику форсро ба қатори чунин асарҳо шомил кардан мумкин аст [11; 7, с.186]. Баъзе адибони дигари ин давра агар дар як қисми асарҳояшон равияи мураккабгаёниро пеш гирифта бошанд, дар қисми дигари асарҳояшон ба соданависӣ рӯ овардаанд. Масалан, дар байни асарҳои Муҳаммад Авфии Бухороӣ (вафоташ дар байни солҳои 1232-1242 воқеъ шудааст) тазкираи «Лубоб-ул-албоб» ва муқаддимаи «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» бо сабки насри маснӯи мутакаллифона эҷод гардиданд, аммо дар тамоми ҳикоёт ва ривоятҳое, ки дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» ҷой дода шудаанду миқдори онҳо аз ду ҳазор зиёд аст, тарзи баёни *«насри содаю равони бетакаллуф»* ба назар мерасад. Ҳарчанд Нуриддин Муҳаммад Авфӣ дар дебочаи ин асар қалами худро дар офаридани насри маснӯи мутакаллифона санҷида, калимаю ибораҳои зиёди арабиро ба кор мебарад, аммо насри ӯ аз ҷиҳати корбурди иқтибосоти арабӣ на ба дараҷаест, ки аз доираи фаҳммиши хонандагони имрӯза дур бошад [9, с.90-91].

Хусусияти дигари насри асрҳои XIII-XV дар он арёбӣ мешавад, ки дар ин давра ҳам дар насри бадеӣ ва ҳам дар насри илмию таърихӣ омезиши унсурҳои услуби баёни ҳам насри сода ва ва ҳам насри мураккаби маснӯи мутакаллифона ба амал меояд, ки дар натиҷаи ин омезиш насри миёна падид меояд. Осори насрии Саъдӣ, Убайди Зоконӣ, Ҷомӣ аз намунаҳои беҳтарини ин навъи наср ҳисобида шудаанд [9, с.92]. Ба ақидаи Р. Мусулмонқулов аввалин адибе, ки дар насри миёна муваффақ шудааст, Шайх Саъдӣ мебошад. Ҳикоёте, ки Саъдӣ дар «Гулистон» овардааст, бо кӯтоҳбаёнии матлаб, содаву фаҳмо баён кардани фикр, ниҳоят кам будани калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ ва хеле ҷолиб истифода шудани санъати лафзии саҷъ фарқ мекунанд. Нависандаи «Гулистон» махсусан дар истифодаи калимаҳои душворфаҳми арабӣ ҳадди эътидолро риоя намудааст. Барои исботи ин ақида ҳикояти зеринро аз асари мазкур дида мебароем:

Яке аз мулуки Хуросон Маҳмуди Сабуктегинро ба хоб дид, ки ҷумлаи вуҷуди ӯ рехта буду хок шуда, магар чашмони ӯ, ки ҳамчунин дар чашмхона ҳамегардид ва назар ҳамекард. Сойири ҳукамо аз таъвили он фурӯ монданд, магар дарвеше, ки ба ҷой оварду гуфт: ҳанӯз нигарон аст, ки мулкаш ба дигарон аст» [13, с.25].

Дар ин ҳикоя калимаҳои ***нигарон*** ва ***дигарон*** бо мақсади саҷъ кор фармуда шуда, оҳангнокии суханро таъмин намудаанд. Вожаҳои *мулук, ҷумла, вуҷуд, сойир, ҳукамо, таъвил, мулк* иқтибосии арабианд. Аз ҳафт вожаи иқтибосии ин ҳикоят сетояш – *ҷумла, вуҷуд, мулк* оммафаҳманд. Калимаҳои *мулук* ва *ҳукамо* шаклҳои грамматикӣ (морфологӣ), аниқтараш шакли ҷамъи шикастаи вожаҳои оммафаҳми *малик* ва *ҳаким* мебошанд, ки хонандаи имрӯза ба маънии онҳо сарфаҳм меравад. *Сойир* ва *таъвил* барои хонандаи имрӯза душворфаҳм мебошанду халос. Яъне аз 25 калимаи мустақили дар ин ҳикоят овардашуда ҳамагӣ дутояш ба хонанда ноошно мебошаду халос, ки ин 8 фоизро ташкил медиҳад.

Ё дар ҳикояти зерини асари Саъдӣ ба истиснои исми хосси Ҳаққоҷи Юсуф ҳамагӣ 4 калимаи арабӣ – *мустаҷоб-уд-даъва, дуо, хайр, мусалмон* корбаст гардидаасту халос:

«Дарвеше мустаҷоб-уд-даъва дар Бағдод падид омад. Ҳаққоҷи Юсуфро хабар карданд. Бихондаш ва гуфт:

– Дуои хайре ба ман кун.

Гуфт:

– Худоё ҷонаш биситон!

Гуфт:

– Аз баҳри Худой ин чӣ дуост?!

Гуфт:

–Ин дуои хайр аст туро ва ҷумла мусулмононро» [13, с.41].

Ҳарчанд «Гулистон» бо забони сода иншо шудааст, дар он *«нишонаҳои насри маснӯъ»* низ ба назар мерасанд, яъне дар ин асар *«қисман калимаю ибораҳои мураккаби арабӣ, сураву оятҳои динӣ ва саҷъҳои такрор»* корбаст шудаанд [9, с. 95]. Ҳатто дар баъзе ҳикоёти он калимаҳои арабӣ нисбатан бештар ба назар мерасанд. Масалан, дар ҳикояти чоруми боби якуми ин асар калимаҳои арабии *тоифа, араб, манфаза, раият, булдон, макоид, маъруб, мағлуб, ҳукм, малозӣ, манеъ, қулла, малҷаъ, маъво, мудаббир, мамолик, тараф, дафъ, мазаррат, мушоварат, насақ, мудовимат, муқовимат, мумтанеъ, муқаррар, таҷассус, фурсат, қавм, мақом, холӣ, тан, шабъ, ҷабал, сафар, ғорат, силоҳ, ғанимат, китф, малик, ҳозир, ишорат, иттифоқан, унфувон, шабоб, узор, вузаро, шафоат, таматтӯъ, таваққӯъ, карам, ахлоқ, миннат, мувофиқ, раъй, насл, фасод, мунқатеъ, авло(тар), афъӣ, хирадманд, вазир, тавъан, карҳан, ҳусни раъй, дома мулкуҳу, айни ҳақиқат, суҳбат, тарбият, табиат, солеҳ(он), тифл, сират, бағй, инод, мутамаккин, хабар, тоифа, нудамо,*

маслиҳат, филҷумла, неъмат, насб, ҳусни хитоб, радди ҷавоб, одоби хидмат, назар, шамоил, ҳазрат, шамма, оқил(он), асар, ҷаҳл, қадим, ҷибиллат, табассум, авбош, маҳаллат, ақд, мувофиқат, вақт, фурсат, осӣ, таҳассур [13, с.29-33] барин калимаҳои арабӣ истеъмол гардидаанд, ки қисми зиёдашон душворфаҳманд. Аз ҷумла вожаҳои душворфаҳми *маҷлаъ, мудовимат, мумтанеъ, мунқатеъ, мутамаккин* ҳамчун ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ кор фармуда шудаанд. Калимаҳои *воқеадида* [13, с.31], *беқиёс* [13, с.33] аз вожаҳои арабӣ мувофиқи қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ сохта шудаанд. Илова бар ин, нависанда дар ҳикоят барои тақвияти фикри хеш ҳадиси зерини набавиро меорад: *«Куллу мавлудин йуладу ала-л-фитрати фаабавоҳу йуҳаввидониҳи ав йунассиронихи ав йумаҷҷисониҳи»* [13, с.31], ки маънояш *«Ҳар мавлуде бо сиришти пок зода мешавад ва падару модаранд, ки ӯро яҳудӣ кунанд, масеҳӣ гардонанд ва ё оташпараст созанд»* [13, с.31] мебошад.

Забони асарҳои тасаввуфии ин давра, аз қабили «Фиҳи мо фиҳӣ», «Маҷолис» ва «Мактубот»-и Ҷалолиддини Румӣ, «Ал-Маориф»-и Баҳоваддин Муҳаммад бинни Ҳусайни Хатибӣ нисбатан сода ва орӣ аз калимаҳои душворфаҳми арабӣ арзёбӣ гардида, дар ин қабил асарҳо *«тарзи нигориши адибони асрҳои XI-XII... мушоҳида карда мешавад»* [9, с.121].

Аз хусусияти дигари забони насри ин давра ниҳоят пуртакаллуф шудани он мебошад. Аксари нависандагону муаррихон ва дабирони дарбор ба хотири *«тамаллуқу хушомадгӯйӣ ва намоиш додани қудрати арабидонӣ... ибораҳои тумтароқ, тавсифҳои умумии пуч, саҷъҳои мукаррари душворфаҳму тавсифӣ, муболиғаю иғроқҳои бемаъниро»* ба кор бурда, мазмунро қурбони шакл мекарданд, ки дар натиҷа *«мундариҷаи асарҳо пуч ва беаҳаммият»* мегардид. Махсусан, истеъмоли зиёди калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ, *«истилоҳоти илмӣ ва сураву оятҳои динӣ»* забони насри ин даврароро пуртакаллуфу душворфаҳм гардонда буд [9, с.121]. Аммо дар ин радиф эҷодкороне низ буданд, ки ба ягонагии шаклу мазмун дар асарҳояшон эътибори ҷиддӣ дода, ба воситаи санъати саҷъ воқеаҳоро хеле ҷолибу таъсирбахш баён доштаанд. Саъдии Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҳамин қабил адибон мебошанд, ки унсурҳои насри маснӯъро бо сабки сода омезиш дода, бо асарҳои худ дар байни мардум шуҳрат пайдо кардаанд.

Умуман, аз асри XV ба баъд ҷараёни мураккабнависӣ ва муғлақбаёнӣ дар насри классикӣ як дараҷа хусусияти умумӣ пайдо мекунад. Дар ин давра ҳатто як қатор асарҳои пешин дубора мавриди таҳриру тасҳеҳ қарор мегиранд. Масалан, бо тақозои замон дар ин давра Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳро, ки қариб 4 аср қабл аз замони ӯ эҷод шуда буд, аз нав таҳрир намуда, ба он «Анвори Суҳайлӣ» ном мегузорад [8, с.186-187]. Ҳарчанд Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таълифи «Анвори Суҳайлӣ» дар роҳи содабаёнӣ кӯшише ба харҷ додааст, вале ин кӯшиши ӯ нисбӣ мебошад, зеро ӯ низ, ба монанди дигар адибони ҳамасраш, *«аз нормаи луғавии забони адабии онвақта берун намеравад»,* балки *«дар тасвири образ, тарзи баён ва кор фармудани воситаҳои бадеӣ то андозае услуби анъанавии расмиятёфтаро такмил додааст, ки ...он аз содагӣ ба мураккабӣ рафтанро мефаҳмонад»* [7, с.187]. Дар асри XV анъана гардидани тарзи душвори баён, услуби мураккаби тасвир, ба андозаи ниҳоят зиёд кор фармудани калимаву ибораҳои арабӣ ҳамчун хусусияти хосси насри ин давраи адабиёти классикӣ арзёбӣ мегардад, ки ин ба *«шароитҳои муайяни таърихӣ, ҳаракатҳои адабӣ, майлу кӯшишҳои ба худ хосси ҷараёнҳо ва равияҳои адабӣ, характери маданият ва муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҷамъиятии»* он замон вобаста дониста мешавад [7, с.187]. Дар ин давра ва баъд аз он зоҳирпарастиву фазлфурӯшӣ ба дараҷае расида буд, ки як қисми адибон чунин тарзи баёнро ҳамчун нишонаи комили сухандониву маҳорат пиндошта, ҳатто маъниҳои содаву осонро низ тавассути шаклҳои душвору мураккаб ифода менамуданд.

Забоншинос М.Н. Қосимова низ таърихи забони адабии тоҷикро ба давраю марҳилаҳо ва зинаҳо тақсим карда хусусиятҳои хосси ҳар давраю марҳила ва ҳар зинаро ба таври мухтасар баён доштааст [3, с.31-41]. Ӯ, аз ҷумла, инкишофи насри мусаҷҷаъ ва ба қуллаи баланд расидани он, ҳамчунин дар солшумории ҳиҷрӣ истифода шудани шумораҳои арабиро аз хусусиятҳои забони асрҳои XIII-XIV дониста [3, с.33], хусусияти барҷастаи инкишофи забони адабии тоҷикро дар асри XV дар истифодаи зиёди калимаю таркиб ва ибораю ҷумлаҳои арабӣ, ба кор бурдани тарзи ҷамъбандии арабӣ на танҳо дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, балки дар калимаҳои тоҷикию туркӣ ва дар риоя гардидани қоидаҳои забони арабӣ ҳангоми сохтани ибораҳо арзёбӣ менамояд. Ривоҷу равнақ ёфтани насри мусаҷҷаъ ва баъзан бо ҳам омезиш ёфтани унсурҳои услуби сода ва муракаб низ аз хусусияти дигари забони ин давра арзёбӣ мешавад [3, с.34]. Дар асарҳои илмие, ки дар ин давра эҷод шудаанд, калимаву истилоҳоти арабӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, аммо забони баъзе асарҳои назмию насрӣ нисбатан сода мебошад [3, с.36]. Ба ақидаи Н. Маъсумӣ тарзи мураккаби баён, истеъмоли аз ҳад зиёди иқтибосоти арабӣ *«баъд аз асри XV анъанаи умумӣ шуд ва ... ҳамаи шоҳаҳои услубии забони адабиро фаро гирифт ва дар ҳамаи соҳаҳои кори хаттӣ ҳукмрон гардид».* Мураккаббаёнӣ дар ин давра на танҳо хосси насри бадеӣ, балки хосси асарҳои таърихӣ низ мебошад. Аз ҷумла забони «Равзат-ус-

сафо»-и Мирхонд аз тарафи муҳаққиқон ниҳоят душвор арзёбӣ шудааст [7, с.199]. Ба ақидаи забоншинос Ш. Рустамов *«...калимаву ибора ва терминҳои душвори арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил шуда, онро мураккабтар ва фаҳмиши онро дар баъзе асарҳои насрӣ, алалхусус, дар асарҳои таърихӣ ва бадеии илмӣ душвор карданд. Душвории бамиёновардаи воҳидҳои забони арабӣ ва суханбозию шаклпарастиҳои асри XV, ки таъсири он дар адабиёт хеле дер давом кард, дар баъзе асарҳо мазмунро қурбони шакл гардонид»* [10, с.44]. Аммо Ш. Рустамов мураккабнависӣ ва душвории услуби баёнро ба ҳамаи адибони классик нисбат намедиҳад. Ба ақидаи ӯ назми адабиёти классикӣ *«дар давоми зиёда аз ҳазор соли мавҷудият ва инкишофи худ аз таъсири равияи умумӣ (душворбаёнӣ ва истеъмоли барзиёди калимаю ибораҳои арабӣ – Ҷ. М.) озод набошад ҳам, содагию равонӣ ва оммафаҳмии худро асосан нигоҳ доштааст»* [10, с. 44]. Ин муҳаққиқ таъкид медорад, ки асарҳои насрии дар ин давра бо услуби сода навишташуда *«барои маъракаву ҷамъомадҳои оммавӣ эҷод шудаанд»,* ки аз ҷиҳати *«мазмуну забон»* барои хонанда мушкилие пеш намеоранд. Забон ва услуби ин гуна асарҳо *«содаву фасаҳ, ширину рангин»* ва санъатҳои лафзию маънавие, ки дар ин асарҳо истифода шудаанд, *«зебою фаҳмо»* арзёбӣ гардидаанд [10, с.44-45].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов сарчашмаи равияи мураккабнависӣ ва муғлақбаёниро дар забони насри классикӣ ба сабки расмии дарбор вобаста медонад, ки ин тарзи баён бо пешрафти умумии забон инкишоф ёфта, хусусияти умумӣ касб кард ва пас аз асри XV ба анъанаи умумӣ табдил ёфта, *«сарфи назар аз мавқеи ҷамъиятии адибон ва донишмандон тамоми риштаҳои нигорандагии забони адабиро фаро гирифт ва дар ҳама ҷабҳаҳои муомилоти хаттӣ ҳукмфармо гардид»* [6, с.17].

Аз гуфтаи муҳаққиқон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки миқдори аз ҳама зиёди корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ ба асрҳои XIII-XVI рост меояд. Ба ақидаи забоншинос Ҳ. Маҷидов ҳиссаи иқтибосоти арабӣ дар осори хаттии ин давра 70-80 %-ро ташкил медиҳад [5, с.101; 4, с.2].

Донишманди Эрон Маликушшуаро Баҳор дар асри XVI рӯ ба инқирозу пастӣ овардани насри форсиро таъкид менамояд. Ба гуфти ӯ дар насри ин давра ба ҷойи *«таркиботи латифу истилоҳоти зарифи форсӣ таркиботи арабӣ ва иборoти хом»* зиёд истеъмол мешаванд, *«зарбулмасалҳои ширини форсӣ»* бо ибораҳои хушку *«берӯҳ»*-и арабӣ иваз мешаванд, истеъмоли сиғаҳои мухталифи феъл, ба қонуну қоидаҳои грамматикаи забони арабӣ мувофиқат кардани *«сифату мавсуф»* (муайяншаванда бо муайянкунанда – Ҷ. М.), корбурди зиёди саҷъ, такаллуфу суханпардозии зиёд, корбурди зиёди вожаҳои ҳамрадиф ба ҳукми анъана медарояд, ки ин насри ин даврaро аз ҳолати табиӣ ниҳоят дур андохта буд [2, с.501-502; 14, с.255-256]. М. Баҳор насри муншиёна (девондорӣ)-и ин даврaро дорои саҷъ ва такаллуфоти зиёди шоирона арзёбӣ менамояд. Бар замми ин, ба такрор овардани мадҳу ситоишҳои бардурӯғ ва ҷумлаҳои дорои вожаҳои душворфаҳми арабӣ забони насри муншиёнаро ниҳоят душвор гардондааст. Дабирони ин замон матлаби хурдеро, ки бо даҳ калима ифода кардани он имконпазир аст, бо суханбозӣ, истифодаи ҷумлаҳои ҳамрадиф ва *«саҷъҳои номавзун»* дар даҳ сатр адо кардаанд [2, с.504-505; 14, с.258]. Ҷумлабандии насри илмии ин даврaро бошад, М. Баҳор комилан арабӣ меҳисобад, ки ба форсӣ монандӣ надорад [2, с.507; 14, с.260].

Ба вазъи забони ин ё он давра аз рӯйи асарҳои адибони барҷастаи ҳамон давру замон баҳо дода мешавад. Муҳаққиқ М. Ҷӯраева зимни таҳқиқи воситаҳои ифодаи эҳтиром дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки намунаи насри асри XVI мебошад, дар истинод ба сарчашмаҳои гуногун таъкид медорад, ки дар насри классикии тоҷику форс ҳам равияи соданависӣ ва ҳам равияи муракабнависиро мушоҳида кардан мумкин аст. Равияи соданависӣ ба адибоне хос буд, ки аз байни халқ баромада, ба ҳаёти халқ наздик ва ҷонибдори манфиати халқ, адолати иҷтимоӣ ва беҳбудии шароити зиндагии табақаи поёнии ҷамъият буданд [12, с.3]. Муҳаққиқон равияи мураккабнависӣ ва муғлақбаёнӣ дар насри классикиро ба услуби расмии дарбор вобаста медонанд, ки *«дар баробари инкишофи умумии забон ривоҷ ёфта характери умумӣ пайдо кардан гирифт»* [7, с.186] ва пас аз асри XV ҳамаи шохаҳои услубии забонро фаро мегирад [12, с.3]. Ҳарчанд дараҷаи корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз тадқиқоти М. Ҷӯраева берун мебошад, вале ӯ дар баъзе маврид, ба таври умумӣ ҳам бошад, дар ин бора изҳори ақида намудааст. Аз ҷумла ӯ таъкид менамояд, ки дар замони зиндагии Восифӣ тарзи баён чи дар назм ва чи дар наср ниҳоят душворфаҳму мураккаб гардида, *«суханбозию лафзпардозӣ ва ибораороиҳои сунъӣ»* ба авҷи аъло расида буд [12, с.5]. Восифӣ ҳам дар ин давра умр ба сар бурда, аз чунин ҷараён дар канор буда наметавонист. Сарфи назар аз ин ҳангоми таълифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз тарафи нависанда барои содагии забон кӯшише ба назар мерасад [12, с.5-6]. М. Ҷӯраева дар ин асар мавҷуд будани ду тарзи баёнро таъкид менамояд. Дар он қисматҳое, ки ба тарзи зиндагии аъёну ашроф, *«таърифу тавсифи ҳукуматдорон, тасвири маҷлисҳои бошукӯҳ»* бахшида шудаанд, *«ташбеҳу истиораҳои пурпечи мураккаб, калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ ва ба завқи мамдӯҳони ашрофу болонишин писанд»* бештар ба назар мерасад [12, с.26-27], аммо

қисми зиёди ин асар ба тасвири аҳволи мардум ва воқеияти зиндагии эшон бахшида шуда, дар ин маврид нависанда нақлу ривоятҳои зиёд меорад. Дар ин қисми асар вобаста ба мақсаду мароми нависанда ва мавзӯю мундариҷаи асар тарзи баён ниҳоят содаву равон ва оммафаҳм мебошад, ки дар баъзе маврид ҳатто ба забони гуфтугӯйӣ монанд аст [12, с.27].

Аз байни осори адибони нимаи дуюми асри XVI ва ибтидори асри XVII забони асарҳои Абулфазли Даканӣ – «Акбарнома», «Оини Акбарӣ» ва такмили нави «Калила ва Димна», ки бо унвони «Баҳори дониш» маълуму машҳур аст, бо забони нисбатан содаву фаҳмо эҷод гардида, хонанда қобилияти дарку фаҳми онҳоро дорад. Ба ақидаи муҳаққиқону донишмандони таърихи адабиёти тоҷику форс ин адиб дар роҳи поку беолоиш нигоҳ доштани забони модариаш аз мубаллиғон воқеӣ ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти эҷодиаш низ кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз истифодаи вожаву ибора ва таъбироти бегона, бахусус арабӣ канорачӯйӣ намояд. Дар он замон, ки бисёр адибону олимон ва муаррихону дабирон ба тарзи баёни печ дар печ, истифодаи истиораҳои норавшан, муболиғаҳои номафҳум, киноятҳои гӯшношунид ва калимаҳои душворфаҳму дастнораси арабӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, фаъолияти адабӣ ва ҷидду ҷаҳди Абулфазли Даканӣ барин адибон барои тоза нигоҳ доштани забон, парҳез кардан аз иқтибосоти душворфаҳми арабӣ намунаи ибрат ба ҳисоб меравад, вале, мутаассифона, ин ташаббуси онҳо аз ҷониби дигар адибон ҷонибдорӣ намеёфт ва оммавӣ намегардид [9, с.128]. Кор то ҷойе расида буд, ки дар ин давра як қисми адибон ва дабирону таърихнигорони дарборӣ ба тарзи баёни душвору печ дар печ *«кор фармудани санъатҳои мураккаби бадеӣ ва калимаҳои душворфаҳми арабӣ... дил бохта»*, дар эҷодиёти худ матлабро номафҳум ва тира ифода менамуданд. Маҳз корбурди барзиёди *«саҷъҳои муғлақи арабидор»* ва такаллуфоти шоирона забони асарҳои эшонро мураккаб мегардонд [9, с.129]. Ҳангоми мутолиаи чунин асарҳо бо сабаби зиёд будани таърифу тавсифҳои беҳуда, барзиёдии мадҳу ситоиш, батакрор овардани ҷумлаҳо ва ба чанд тарз бозгӯ намудани як фикр хонанда ҳатто сарриштаи матлабро гум мекунад. Дар ин маврид донишманди Эрон Муҳаммадтақи Баҳор хеле дуруст таъкид менамояд, ки чунин адибон аз ҷиҳати корбурди вожаҳои душвори арабӣ ва *«эҷозҳои латиф ё дигар мухтассот»* худро ба дараҷае заҳмат додаанд, ки *«то тавонистаанд, матлаби кӯчакеро, ки Ҷувайнӣ дар даҳ калима адо мекунад, дар даҳ сатр бо ҷумлаҳои мутародифа онро зеру боло бурда ва чанд саҷъи номавзун бар он афзудаанд»* [2, с.505; 14, с.258].

Ба вазъи забони тоҷикӣ ва дараҷаи корбурди иқтибосоти арабӣ дар асрҳои XVII-XVIII то андозае аз рӯйи осори адиби маъруфи ин замон Мирзо Абдулқодири Бедил баҳо додан мумкин аст. Устод Садриддин Айнӣ дар тадқиқоти арзишманди худ – «Мирзо Абдулқодири Бедил» фасли махсусро ба забон, услуб ва сунъати шеърии ин адиби мумтоз бахшидаст. Устод Айнӣ дар умум забони шеъри ӯро аз ҷиҳати ислеъмоли *«луғатҳои ҷудогона хеле сода»* арзёбӣ намуда, аз ҷиҳати *«ҷумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиорот душвортарин забони адабии тоҷик»* меномад [1, с.105]. Аммо, ба ақидаи устод Айнӣ, *«забони насри Бедил аз ҳад зиёда душвор аст, ...ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмӣ расондааст»* [1, с.105]. Махсусан, ҳангоми ба кор бурдани истилоҳоти фалсафӣ забони насри Бедил *«боз ҳам душвортар мешавад, зеро, ки бештарини онҳо – (истилоҳоти фалсафӣ – Ҷ. М.) ғайр аз маъниҳои машҳури луғавиашон маъноҳои махсуси истилоҳиро ифода мекунанд, ки мутолиакунанда дар вақти хондан сари каловаи фаҳмишро гум мекунад»* [1, с.105-106]. Ҳарчанд устод Айнӣ дар ин фасл дар бораи мавқеи иқтибосоти арабӣ дар осори Бедил чизе намегӯяд, аммо аз намунаи асарҳои насрии Бедил, ки устод Айнӣ дар тадқиқоти худ овардааст, ба хубӣ аён аст, ки иқтибосоти арабӣ дар насри Бедил мавқеи назаррас доранд [1, с.108-109].

Адабиётшинос Р. Мусулмонқулов низ зимни тадқиқи санъати лафзии саҷъ дар насри форсу тоҷик дар бораи баъзе паҳлуҳои забони асарҳои насрии Бедилу ҳамзамононаш ва, умуман, адабиёти форсизабони Ҳинд, дараҷаи корбурди иқтибосоти арабӣ дар асарҳои насрии ин давра сухан ронда, дар асрҳои XVI-XVIII ба авҷи камол расидани насри маснӯи мутакаллифонаро таъкид медорад ва онро ба шароитҳои таърихию иҷтимоӣ ва табиии Ҳиндустон вобаста дониста, тафовути насри маснӯи ин давраи адабиёти форсизабони Ҳиндро *«аз насри маснӯе, ки дар Хуросону Моваруннаҳр маъмул буд»* муайян мекунад. Ба андешаи ӯ, дар насри ин давра истеъмоли калимаю ибораҳои мураккаби арабӣ ҳамчун воситаи санъати саҷъ камтар ба назар расад ҳам, кор фармудани *«ибораҳои рангину хаёломез, киноявву истиораҳои тавсифӣ»*, ки боиси душвории тарзи баён гардидаанд, зиёд дида мешавад. Сабаби ин ба таъсири муҳити ҷуғрофӣ ва ба робитаи адабиёти форсизабони Хиндустон бо адабиёти пургановати дорои таърихи тӯлонии халқҳои ин кишвари бостонӣ нисбат дода мешавад [9, с.130-131].

Пас аз асри XVI дар насри таърихӣ назар ба асрҳои XIII-XV то андозае равияи соданависӣ ба назар расад ҳам [9, с.134], вале дар маҷмӯъ муаррихону муншиёни дарборӣ ба хотири тамаллуқ ва нишон додани тавонмандию сухандонии худ калимаю таъбирҳои каснофаҳми арабиро онҷунон зиёд истифода бурда, ба дараҷае ба иборапардозию

суханороӣ машғул мешуданд, ки мазмунро қурбони шакл мекарданд. Ба таъбири Р. Мусулмонқулов *«баъзан чанд саҳифаро бо суханони бодабдабаи пуч пур намуда, аммо матлаби асосиро аз мадди назар пинҳон мемондаанд»* [9, с.137]. Калимаву таъбир ва ибораҳои *«иқисор, инфиқор, эътизор, изтирор, лисони инкисор, мустаоб, маолиулқоб, фазоилмаоб, камолотиктисоб, исолат ва наҷобатинтисоб, ҷавдат ва ҷалолатилтиҳоб, зубдат-ул-киром, натиҷат-ул-ином, мураҷҷаъ-ул-хавос ва-л-авом, зави-юл-эҳтиром ва-л-мақом, ароизи мубарро, самъи ақдаси ашраф, ҳусни беҳимол»* ва ғайра [9, с.137] аз зумраи унсурҳои луғавии арабие мебошанд, ки дар насри муншиёнаи ин давра ба кор рафтаанд ва сабаби истеъмоли чунин унсурҳо агар, аз як тараф, риояи санъати саҷъ бошад, аз тарафи дигар, тамаллуқи зиёди нависанда ва шаклпарастии ӯро нишон медиҳад.

Аз таҳлилу баррасӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки пас аз асри XIII забони асарҳои насрӣ мураккабтару душворфаҳм шуда, дар баробари ворид шудани калимаву ибораҳои зиёди арабӣ, ки ба оммаи мардум нофаҳмо буданд, тарзи баён низ душвору печ дар печ гардид, ҳамчунин суханбозиву суханпардозиҳои беҳуда ба кор бурда мешуд, ки сарчашмаи ҳамаи ин ба сабки расмии дарбор вобаста буд. Мураккабнависӣ ва муғлақбаёнӣ дар ин давра як дараҷа хусусияти умумӣ пайдо карда, истеъмоли зиёди калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ, истилоҳоти илмӣ ва сураву оятҳои динӣ забони насри ин давраро пуртакаллуфу душворфаҳм гардонда буд. Дар маҷмӯъ, муаррихону муншиёни дарборӣ ба хотири тамаллуқ ва нишон додани тавонмандию сухандонии худ калимаю таъбирҳои каснофаҳми арабиро ончунон зиёд истифода бурда, ба дараҷае ба иборапардозию суханороӣ машғул мешуданд, ки мазмунро қурбони шакл мекарданд. Бо вуҷуди ин, дар чунин давраи мураккаббаёниҳо адибоне, ки ба халқ наздик буданд, низ анъанаи адабиёти асрҳои X-XI-ро давом дода, асарҳои хешро бо услуби нисбатан сода эҷод намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Мирзо Абдулқодири Бедил / Айнӣ С. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 8-121.
2. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Тахлиси Саййидабӯтолиби Миробидинӣ; зери назари Н. Ю, Салимов; баргардони Ш. Р. Исрофилниё, Н. Саркоров / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
3. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – Қ.1. - 490 с.
4. Маҷидов, Ҳ. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат. – Душанбе, 1999. – № 7-8. – С. 2-6.
5. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Истиқлол ва забони давлатӣ / Ҳ. Маҷидов // Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – С. 10-32.
7. Маъсумӣ, Н. Мулоҳизаҳо оид ба вазъи забони адабии охири асри XIX ва забону услуби Аҳмади Дониш / Н.Маъсумӣ // Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Адиб, 2005. – С. 184 – 226.
8. Мирзоев, А. Сайри таърихии «Калила ва Димна» / А. Мирзоев // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1949. – № 1. – С. 41-50.
9. Мусулмонқулов, Р. Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 220 с.
10. Рустамов, Ш. – Забон ва замон / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с.
11. Салимов, Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик / Ю. Салимов. – Душанбе: Дониш, 1971. – 160 с.
12. Ҷӯраева, М. Воситаҳои эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI (дар заминаи маводи асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ») / М. Ҷӯраева. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 120 с.
13. Шерозӣ, Саъдӣ. Гулистон / Саъдии Шерозӣ. – Тошкент: NISO POLIGRAF, 2012. – 300 с.
14. بهار، (ملک الشعراء). سبکشناسی یا تأریخ تطور نصر فارسی \ محمدتقی بهار – تهران، 1337. – جلد سوم. – 440 ص.

ДАР БОРАИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР АСРИ XIII ВА ПАС АЗ ОН

Дар мақолаи илмӣ роҷеъ ба иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ дар асри XIII ва пас аз он сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки пас аз асри XIII забони асарҳои насрӣ мураккабтару душворфаҳм шуда, дар баробари ворид шудани калимаву ибораҳои зиёди арабӣ, ки ба оммаи мардум нофаҳмо буданд, тарзи баён низ душвору печ дар печ гардид, ҳамчунин суханбозиву суханпардозиҳои беҳуда ба кор бурда мешуд, ки сарчашмаи ҳамаи ин ба сабки расмии дарбор вобаста буд. Мураккабнависӣ ва муғлақбаёнӣ дар ин давра як дараҷа хусусияти умумӣ пайдо карда, истеъмоли зиёди калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ, истилоҳоти илмӣ ва суравуоятҳои динӣ забони насри ин давраро пуртакаллуфу душворфаҳм гардонда буд. Чунин тарзи баёни адибон то андозае ба ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоии давру замон марбут дониста мешавад. Дар маҷмӯъ, муаррихону муншиёни дарборӣ ба хотири тамаллуқ ва нишон додани тавонмандию сухандонии худ калимаю таъбирҳои каснофаҳми арабиро ончунон зиёд истифода бурда, ба дараҷае ба иборапардозию суханороӣ машғул мешуданд, ки мазмунро қурбони шакл мекарданд. Бо вуҷуди ин, адибоне, ки ба халқ наздик буданд, дар чунин замони мураккабнависиҳо низ анъанаи адабиёти асрҳои X-XI-ро давом дода, асарҳои хешро бо услуби нисбатан сода эҷод намудаанд.

Калидвожа: забон, наср, калима, ибора, иқтибос, истилоҳ, суханпардозӣ, мураккабнависӣ, соддабёнӣ, ҷамъият, адабиёт, матлаб, сабк, саҷъ, насри мусаҷҷаъ, муаррих, дабир, дарбор, тасаввуф.

ОБ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЯХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ В XIII ВЕКЕ И ПОСЛЕДУЮЩИЕ СТОЛЕТИЯ

В данной научной статье речь идёт об арабских заимствованиях в таджикском языке XIII века и последующих столетий. Особо подчеркивается, что после XIII века язык прозаических произведений стал более сложным и трудным, т.е. как вошло в обиход огромное количество арабских слов и словосочетаний, незнакомых простому

народу, речь тоже стала трудной для восприятия, отличалась неуместным фразёрством и краснобайством, источником которых являлся официальный стиль царского дворца. Сложность выражения и напыщенная речь в это время приобрела общий характер. Огромное употребление трудновоспринимаемых арабских слов и словосочетаний, научной терминологии и религиозных сур и аятов сделали трудным и неестественным язык прозы этого периода. Данный способ изложения писателей в какой-то степени связывается с политическими и социальными событиями того времени. В целом, придворные историки и писари из-за лести и демонстрирования свои способности, до того много употребляли незнакомые арабские слова и словосочетания, что стали заниматься краснобайством и предпочитали более форму, нежели содержание. Несмотря на это, в такой обстановке были и те писатели, которые сблизились с народом и продолжали традиции литературы X-XI вв. и писали свои произведения в более легком стиле.

Ключевые слова: язык, проза, слово, словосочетание, заимствование, термин, красноречие, сложность изложения, простота изложения, общество, литература, цель, стиль, рифма, рифмованная проза, историк, заведующий шахской канцелярией, дворец, суфизм.

ABOUT ARABIC BORROWINGS IN THE TAJIK LANGUAGE OF THE XIII CENTURY AND THE FOLLOWING YEARS

The scientific article deals with Arab borrowings in the Tajik language of the thirteenth century and subsequent years. It is emphasized that after the thirteenth century the language of prose works became more complex and difficult, i.e. as a huge number of Arabic words and phrases unfamiliar to the common people came into use, it also became difficult to understand, inappropriate phrase-making and red-raffling, the source of which was the official style of the tsar's palace, began to be used without reason. The complexity of expression and the rant at this time acquired a general character. The huge use of difficult-to-understand Arabic words and phrases, scientific terminology and religious suras and ayahs made the prose language of this period difficult and unnatural. This way of presenting writers is to some extent related by political and social events of the time. In general, court historians and scribes because of the flattery and demonstration of their abilities used so much to use unfamiliar Arabic words and phrases that they became engaged in erasing and preferred form rather than content. Despite this, in such an environment there were those writers who became close to the people and continued the traditions of literature of the 10th-11th centuries. and wrote their works in a lighter style.

Key words: language, prose, word, phrase, stuttering, term, eloquence, complexity of presentation, simplicity of presentation, society, literature, purpose, style, rhyme, rhymed prose, historian, head of the Shah's office, palace, Sufism.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикского национального университета, докторант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Адрес:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 811.21/.22-54

ЗАМОН ВА ОЛУДАГИИ ЗАБОН

Тоҳирзода С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоири муосири Эрон дар яке аз мақолоташ изҳор медорад, ки «Шоирону нависандагон, пеш аз он ки меъморони рӯҳи башар бошанд, посдорони забони хешанд» - Аҳмади Шомлӯ [3].

Ба андешаи мазкур бидуни баҳс метавон мувофиқат намуд, вале нигоҳи иҷмолӣ ба ҷараёни такомулу пешрафти забон дар маҷмӯъ нишон медиҳад, ки масъулияти соҳибони забон дар баробари забон ба таври лозим сурат намегирад.

Албатта, касоне, ки бо навиштану эҷод кардан сару кор доранд, аввалан, бояд забонро дар мадди аввал гузоранд. Агар забони нависанда ё эҷодкор пур аз ғалату иштибоҳот бошад, пас ӯро наметавон посдори забони хеш хонд. Забони навиштаи эшон бояд сабабгори амнияту пояндагии забон бошад, на олудагиву омехтагии он.

Имрӯз бархе аз мардум барои худро забондону муосир нишон додан, ҳангоми ҳарф задан бо забони модарии хеш, онро олудаву омехта месозанд. Забондонӣ хуб аст, аммо олуда кардани забони модарӣ корест, носазову нобахшиданӣ. Дар ин мақола мо дар атрофи забони муосири форсӣ ва мушкилоте, ки бо он гиребонгир аст, баҳс мекунем.

Забони форсӣ ё форсии дарӣ, сутуни устувори таъриху фарҳанг ва шиносномаи эроният, тоҷикон ва афғонон ва бархе қавмҳои форсизабон дар кишварҳои осиёии бохтариву марказӣ, сармояи муштараки маънавии миллату қавмҳо ба шумор меравад. Ин забон, шохае аз забонҳои эронӣ аст, ки худ ба шохаи бузурги забонҳои ҳинду - эронӣ мепайвандад ва дар калидвожаҳои забоншиносӣ, аз он ба номи форсии нав ёд мешавад.

Ин забон (форсӣ) дар замони Сосониён, ҳамчун гӯйише аз забони ҷоришудаи рӯзгори паҳлавӣ ва ҳамоно бо таъсирпазирӣ аз дигар забонҳои бостонии эронӣ шакл гирифт ва оҳиста - оҳиста қудратманд шуд. Пас аз ислом, бо сабаби аз ривоҷ афтодани забони паҳлавӣ, ба сурати забони муштараки мутадовил дар Эрон ва сар то сари сарзаминҳо ва қавмҳои эронӣ, ки фарогири Афғонистон, Осиёи Миёнаи кунунӣ ва бахшҳое аз Покистону

Ҳиндустони ҳозираанд, даромад ва то ду қарн танҳо забони гуфторӣ боқӣ монд, ки навиштаҳои ин даврон дар маъхазҳо вуҷуд надорад.

Вусъату густариш ва камолёбии забони форсӣ аз қарни сеюми ҳиҷрӣ ва бар асари ба салтанат расидани дудмонҳои эронитабор дар гӯшаву канори Эронзамин, бахусус дар Хуросон, Систону Рай ва коҳиши нисбии қудрату нуфузи гумоштагони дастгоҳи хилофати Бағдод, нуфузи бештаре гирифт. Бо нигориши нашри рисолаҳо, китобҳо ва девонҳои зиёд, дар баробари забони арабӣ, ки аз сӯйи эронгушоёни араб ва дастнишондагони онон ба унвони забони расмии дарборӣ ва девонӣ ба форсизабонон таҳмил шуда буд, қад барафрошт. Ба зудии зуд соҳибони забон, арсаи андешаву адаб ва ҳунару фарҳанги хешро аз он забони бегона бозпас гирифтанд.

Бо падидор шудани сафи шоирони шоҳномасаро ва дар нуқтаи авҷи онҳо Ҳаким Абулқосими Фирдавсии Тӯсӣ ва сароиши «Шоҳнома»-и бузурги ӯ, ки дар таърихи забону фарҳанги забони форсӣ нуқтаи атфе буд, ба тамоми маънӣ, забони гуфтор ва навиштори ҳамаи форсигӯён ва форситаборон ва форсифарҳангон шуд. Хилофати араб бо он аҳдофу талошҳое, ки нисбати забони худ дар ин сарзминро доштанд, ба мақсади хеш нарасиданд. Эрониён бар хилофи дигар кишварҳое, ки аз тарафи тозиён тасхир шуда буданд, ҳамчунон эронӣ ва форсизабон боқӣ монданд. Яъне, воқеан, форсизабон монданд, то эронӣ бимонанд.

«Тухми сухан»-е, ки деҳқони фарзонаи Тӯс пароканд, борвар шуд. Дар тӯли ҳазораи гузашта гулзори пуршукӯҳ ва боғе анбуҳ аз дастовардҳои фарҳангии форсизабонон густураи бузурге аз Чин дар Ховар то баҳри Миёназамин, Осиёи Хурд дар Бохтар ва аз Халиҷи Форс дар Ҷануб то марзҳои Русия дар Шимол падид омад.

Аз миёни тамоми қавмҳои куҳане, ки мавҷҳои ҷаҳонкушоии тозиёни навмусалмон дар садаҳои якуму дуюми ҳиҷрӣ, ҳаргуна ба ҳалқаи пайравони ислом даромаданд, форсизабонон ягона қавме буданд, ки фарҳангу забони хешро нигаҳ доштанд. Дигар қавмҳои сокин дар минатқаҳои густурда аз баҳри Миёназамин то дарёи Нил ва боқимонда сарзаминҳои Африқои Шимолӣ бо фарҳангу тамаддуни собиқадори худ, забони арабиро ҳамроҳи дини ислом пазируфтанд. Ин кишварҳо имрӯз бо номи «Кишварҳои арабӣ» ё «Ҷаҳони араб» ёд мешаванд.

Аз сохтору шеваю шигардҳои забони гуфтории мардуми форсизабон дар гӯшаву канори сарзаминҳои паҳновару сукунати онҳо дар даврaҳои гуногуни ин ҳазора огоҳии чандоне надорем. Аммо дар даст будани бахше аз мероси шоирон ва нависандагони форсизабон, ин имконро ба мо медиҳад, ки чанду чуни онҳоро баррасӣ кунем ва тасаввуре равшан аз ҷараёни таназзули ин забон аз оғоз то имрӯз ва таъсиргузории созаҳои гуногун дар сохт ва бофти он ба даст орем.

Дар як ҷамъбандӣ ё хулосагирии куллӣ дар ҳадди гуфтории кӯтоҳ, метавон гуфт, ки забони форсӣ фосилаи ҳазорсоларо сомонманду осон напаймуда, балки дар раванди такомули таърихии худ, дучори ошӯбҳову осебҳои фаровоне шудааст. Дар ин роҳи душвор, пурнаварду тӯлонӣ, пӯяндагоне ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Байҳақӣ, Берунӣ, Абӯали Сино, Хайём, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон будаанд, ки бо жарфаковӣ ба ганҷинаи забон, фарҳангу адабиёти ниёкон ва рӯйкард ба шоистагиҳои замонаашон, кӯшидаанд то бори худро аз мероси пешиниён ва офариниши хеш ҳарчи саршортар созанд ва ба пасиниён биспоранд. Дар роҳи камолбахшӣ ба забони арҷманди форсӣ ва фарҳанги волои модарону падарон, чароғи раҳнамои ояндагон бошанд. Гарчи онон дар рӯзгори хеш бо забони арабӣ асарҳои ногузири хешро навиштаанд, аммо ҳангоми форсинависӣ, бунёду сохтори забони хешро пос доштаанд. Бо донистани забони арабӣ фахрфурӯшиву фозилнамоӣ намекарданд, баръакс забони форсиро тохтгоҳи арабимаобӣ арза медоштанд.

Аммо, мутаассифона, бархе касоне пайдо мешаванд, ки корномаи таърихии забони форсиро доғдор намудаанд, аз қабили «Таърихи Вассоф», «Зафарномаи Темурӣ», ки сар то по пур аз бегонасириштиву бегонапарстӣ ва дар пойгоҳи фармонравоёни бегона таълиф шудаанд. Ин гурӯҳи қаламбадастон, дарвоқеъ, қалам бамуздон бо шеваҳои нигориши ғайритабиии пуртакаллуфу печидаи худ, ба тадриҷ забони шодобу шукуфои форсии садаҳои сеюм то ҳафтуми ҳиҷриро аз ҷараёни такомули табиӣ ва рушди солими худ дур карданд. Забони пуриллату пажмурдаеро ҷойгузини он гардониданд ва мероси шуми онҳо аз насл ба насле аз қарн ба қарне интиқол ёфт, то ба асри кунунӣ расид ва дар пушти дарвозаҳои таърихи асри нав, бошигифтзадагӣ ва пурсиши бузурги андешаварзон ва навҷӯёни рӯзгор рӯ ба рӯ шуд.

Ҳадаф аз навиштани суханони боло дар он буд, ки насли ҳозир бояд, гиромидошти забони худро дошта бошад. Мутаассифона, имрӯз насли ҷавон новобаста аз қавму табори хеш, табар ба забони модарии худ мезанад. Яъне, он киштаҳои асрҳои аср бо машаққату меҳнати зиёд ба бор омадаро хору залил мекунанд.

Вожаи «форглисӣ» барои эрониён, каме ошно ва каме ҳам ноошност. Зеро, ҷавонони имрӯзаи эронӣ бештар ба хондану шунидани вожагоне чун «финглисӣ» ва «финглиш» одат кардаанд, ки дар онҳо танҳо намояндаи вожаи «форсӣ», ҳарфи «ф», аммо калимаҳои

«инглисӣ» ва «инглиш» вожаҳое ҳастанд, ки ҷойгоҳи бузургтаре ба англисҳо ва забонашон дода шудааст, барои холӣ набудани ариза ҷойи як «ф»-ро ҳам ба форсӣ додаанд.

Ин гуна навиштаҳои беморгунаро Аҳмади Шомлу, шоири муосири Эрон чунин гуфтааст: «Фарзанди ҳаромзодае аз омехтани забони форсӣ ва луғоти инглисӣ аст, «форглисӣ» номиданд» [1].

Мазкур дар як суханронии худ дар кишвари Амрико, аз олудагии забони форсӣ суханронда мегӯяд, ки муҳоҷирон забони форсиро имрӯз ба вартаи ҳалокат расонидаанд. Ӯ хитоб ба муҳоҷирони насли аввал карда мегӯяд, ки муқассири ин кор худи Шумо ҳастед. Зимни суханронии хеш ба забони форсӣ ва ниёзҳои кунунии он мепардозад.

«Забони форсии кунунӣ бо ҳамаи дигаргуниҳои мусбату умедбахше, ки дар ду садаи охир дар ростои сода шудан ва пӯёӣ ва коройӣ, баровардани ниёзҳои печидатари ин рӯзгор ёфта, на танҳо ҳанӯз яксара аз кобӯси ошӯбҳо ва печидагиҳои гузашта раҳо нагашта ба сомонмандиву якпорчагии боиста ва дилхоҳ нарасида, балки бо душвориҳо ва сардаргумиҳои тоза низ рӯ ба рӯ шудааст» [3].

«Аз як сӯ касонеро мебинам, ки гӯё замони санаҷи худро ба чоҳ андохта бошанд! Инон бепарво ба боястагиҳо ва ниёзҳои замона, ҳанӯз ҳам по бар ҷойи пойи пешиниён мегузоранд ва «роҳ чунон мераванд, ки раҳравон рафтанд». Ҳамчунон арабимаобӣ ва печиданависиро мояи фахри худ мешуморанд ва на танҳо дар меҳане, ки гоҳ дар ҷойи дуре чун Амрико ҳам дар пойгоҳи устоди забон ва адаби форсӣ, «аломабозӣ» дармеоваранд. Онон дар навишторҳои худ, ки расонаҳои имрӯзин ва барои хонандагони ин замонӣ нашр меёбанд, аз вожагони даври дақёнус парвову парҳез надоранд! Гӯё қасдашон ришханди ҳамаи бузургони форсинависӣ гузашта ва имрӯзу сардаргум кардани ноошноён бо ин гуна забони истову пӯсида ва сангворашуда, бошад» [3].

Дар ин ҷо барои намуна, шумораи корбурдҳои «форсӣ»-и ин гуна форсинависонро ҳамроҳ бо тарҷумаи форсии онҳо, ки дар дохили қавсайн меорем, то нишон диҳем, ки суханони шоир то чи ҳад дурусту ҷоиз ҳастанд:

Ба ақраби эҳтимол (ба наздиктарин эҳтимолҳо/ ба эҳтимоли зиёд/ ба эҳтимоли наздик ба яқин), ёлал аҷаб (шигифто/ эй шигифт/ эй аҷаб/ аҷабо), тасреҳан-сароҳатан (ошкоро/ ба тасреҳ/ ба сароҳат), талвеҳан-зимнан (ба талвеҳ/ ба ишора/ ба гунае зимнӣ/ дар зимн), муттафиқулқавл (ҳамсухан/ ҳамгуфтор/ ҳамқавл), асотиди мутақаддим (устодони пешин/ устодони қадим), талаба (донишҷӯ), золи муъҷама (золи нуқтадор), қиллати бизоат (каммоягӣ/ андак моягӣ/ камбизоатӣ).

Воқеан, барои пайдо кардани забони ин гуна «форсинависон» мо ба фарҳанги форсӣ ба форсӣ ниёз дорем. Шоир дар идомаи ин суханронӣ мегӯяд, ки имрӯз бисёреро мешиносем, ки ҳамарӯза бо онҳо сару кор дорем, ки ҳарчанд ба таври куллӣ содатар аз гурӯҳи якум сухан мегӯянд ва менависанд, аммо дар корбурди дастури забони арабӣ дар он чи гуфтору навиштори «форсӣ» меноманд, ҳамтову ҳамгоми гурӯҳи якуманд. Афзун ба он вожаҳо ва таркибҳову иборатҳое аз забонҳои ғарбӣ (бавижа англисӣ)-ро, ки бештаринашон баробарҳои форсии расову роиҷе доранд ва барои бақия ҳам бо каме диққату дилсӯзӣ метавон ҷойгузинҳои форсии равшану гӯё ва пазируфтанӣ ёфт.

Гоҳе ба гунаи аслӣ ва замонӣ бо тарҷумаи таҳтулафзиву сару дастшикаста дар маъҷун ғарибӣ, ки бори бадномии «форсӣ будан» - ро ба дӯш мекашад, меоваранд. Ин омехаи дарҳаму барҳамро бархе «форсинглисӣ» ё «пирзинглиш» ба он додаанд, ки ин боиси ошуфтакории забонии тамоми айёру як даҳанкаҷиву тавҳини ошкор ба забони форсӣ ва таъриху фарҳангу адабиёти дурахшони он аст. Ин амал барои ҳеҷ огаҳу дилсӯзе сазовор нест, ки гӯянда ё нависанда ва ё ҳатто шунавандаву хонандае чунин бадали забони хандасору иҳонатомезе бошад.

Дар гуфтаҳову навиштаҳои ин бадали форсизабонон ба намунаҳои фаровоне аз ин қабил бармехӯрем:

« بَرات یه مِسِج گذاشتم رو اَنْسِرینْگ ماشین. (برات یه پیام گذاشتم رو پیام گیر)»

«Барот йе месеҷ гузоштам ру онсиринг мошин. (Бароят як паём гузоштам рӯ паёмгир)».

« یه راید به من می‌دی تا سِنْتِر؟ (مرا سوار می‌کنی و تا مرکز شهر می‌رسونی؟/ منو تا مرکز میرسونی؟»

«Йе ройд бе ман миди то синтир? (Маро савор мекунӣ то маркази шаҳр/ Ману то марказ мерасунӣ)»

«این دو تا پَکِج را برا من تا پُست آفیس دِلیوری می‌کنی؟ (این دو تا بسته را برا من تا پُست خونه می‌بری؟»

«Ин ду то пакиҷро баро ман то пуст офис диливири мекунӣ? (Ин ду то бастаро баро ман то пустхона мибарӣ?)»

«امروز خیلی بیزی‌ام؛ سه تا اَپُینْت مِنْت دارم. (امروز خیلی گرفتارم؛ سه تا وعده ی دیدار دارم»

«Имрӯз хийли бизиам, сето опуйнт минт дорам. (Имрӯз хейле гирифторам, сето ваъдаи дидор дорам)».

«همین ویکِنْد میرَم هالیدِی. (همین آخرِ هفته میرَم مُرَخصی)»

«Ҳамин викинд мерам ҳолидий. (Ҳамин ахири ҳафта мерам мураххасӣ)».

«یه بیزی نِس دیگەم تو اون یکی مارکِت داره. (یه کسب و کارِ دیگەم تو اون یکی بازار داره)»

«Йе бизиниси дигеам ту ун йеки моркит доре. (Йе касбу кори диге ту ун йеки бозор доре)».

«چه سایزی میخوای؟ (چه اندازه ای میخوای؟)»

«Чӣ сойзе михой? (Чӣ андозае михой?)»

«مانی اِکسْ چِنْج میکنیم (پول/ ارز تبدیل می کنیم)»

«Мани эксченҷ мекуним. (Пул/арз табдил мекуним)» [1].

Аз ин ду гуна рафтор бо забон, ба чи чизе ҷуз забони паришӣ ё беҳтар бигӯем забони нажанд ё пажмурда наметавон таъбир кард ва ин беморгунагӣ ҳамоно барозандаи забони форсӣ нест.

Забони форсии имрӯза монанди ҳар забони зиндаву пӯёи дигаре, густураҳои (паҳна, арса, майдон) корбурдии гуногун дорад, ки аз содатарин шаклҳо дар гуфтору навиштори рӯзмарра то сохторҳои печидаву чандлоягӣ дар назму насри нақди адабӣ ва матнҳои пажӯҳишии донишиву фанниро дар бар мегирад. Пайдост, ки барҳӯрд бо забон дар ҳар як аз бахшҳои корбурдии он бо дигар бахшҳо фарқият дорад ва бепарвоӣ нисбат ба ин чандгунагӣ, метавонад мояи ошуфтагӣ ва ноҳинҷорӣ дар гуфтору навиштор шавад. Барои амн нигоҳ доштани забон аз уфту коҳишёбӣ, бояд дар корбурди унсурҳои ягонаи сохтории он ва дастёбӣ ба забоне расову равшану ҳаракаткунандаву пуртавон, ногузир аз чорандешиҳои фарогир дар бахш ба бахши гунаҳои забонӣ иқдом кунем.

Дар даҳаҳои ахир ҷараёне аз тарафи марказҳои омӯзишӣ, фарҳангӣ ва расмие, ки барои тақвияту амнияти забони форсӣ, чи ҷудогона ва чи дастаҷамъӣ аз қабили андешаварзон, пажӯҳандагон, фарҳехтагон ва нависандагону шоирон новобаста аз сарофати худ ва ё ҳамкорӣ бо якдигар даст ба ин мушкилот задаанд. Онҳо дастикам бахше аз садҳои бар сари роҳи ошӯбзудоӣ ва сомонбахшӣ ба забони форсиро аз миён бардоранд ва дар ин кӯшишҳои боровари худ, ба муваффақиятҳои чашмгире низ даст ёфтаанд.

Аммо ин талошҳову кӯшишҳои зикршудагон барои сомонбахшии забони форсӣ бо чаҳордаҳ аср пеш фарқ мекунад. Чун то ду аср пеш забони форсӣ фақат бо забони арабӣ махлут мешуд. Мутаассифона, имрӯзҳо ин махлутшавӣ бо забонҳои ғарбӣ, ки бештар бо калидвожаҳои донишу фановариву адабиёту фарҳангу ҳунар иртибот доранд, дар танҳоӣ намешавад онро бартараф кард. Имрӯз ҳар як фарди форсизабон новобаста аз маскунияти худ, бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки забонро аз ин вартаи душвор бо сари баланд барои насли ояндаи худ тақдим кунад.

Забоне, ки имрӯз тамоми форсизабонони ҷаҳон бо он назму наср, донишу пажӯҳиш, рӯзномаву маҷаллаву китоб таълифу нашру ҳунар меофаранд, ба осонӣ ба пойгаҳи кунунии худ нарасидааст. Ин забон чакидаи ҳазорҳо андашеву гуфтор ва кирдори ниёгони мо ва гавҳари ҷону дилу рӯҳи онон аст. Ҳар як аз мо бояд ҳамвора худро вомдори он деринагон бидонад ва бо ҳамаи тушу тавони хеш суннате, ки аз ин раҳгузар бар уҳда дорад, бипардозад ва забони пешиниёнро тавонмандтар ва кораяндтар аз он чи будааст, бисозад.

Аз ин рӯ, барои ҳар як фарди хирадманд сазост, ки бештарин диққатро ба харҷи корбурдҳои забон диҳад. Аз ҳар гуна ошуфтакориву бебандуборӣ дар гуфтору навиштор худдорӣ варзад ва аз роҳ додани таъбиру таркибҳои бегона ба сохтору шеваи забон ба бофти он аз гуфтору навишторҳои дарҳаму барҳам парҳезкорӣ намояд.

Ба гуфтаи доктор Маҳмуд Ҳисобӣ «Забони форсӣ шоистагӣ ва гунҷоиши онро дорад, ки на танҳо бузургиву шукуҳмандии шоҳномавори худро дар ҷомеаи имрӯзин боз ёбад, балки забони фарҳангу адабу ҳунар ва донишу фановарии имрӯз шавад, бо дигар забонҳои зинда ва пӯёи ҷаҳони имрӯз паҳлу бизанад. Барои ин кори азим, ҳамаи сармояҳо ва боистагиҳои лозимро дар ихтиёр дорем ва танҳо ниёзманди ҳиммат ва дилсӯзиву кӯшишем. Пас, агар имрӯз даст ба кор нашавем ва ин кори хатирро ба пеш набарем ва забонамон дар баробари ҷаҳони бедору пӯёи имрӯз, ҳамчунон истову ошӯбзадаву хоболуд бимонад, фардо дер хоҳад буд ва ояндагон гуноҳи ин сустӣ ва диранги таърихиро бар мо нахоҳад бахшид» [6].

Оре, агар нисбати забони хеш беэҳтиромиву бетарафӣ зоҳир намоем, пас вой бар ҳоли забону гузаштагонамон. Нависандаи мазкур ҷойи дигар роҷеъ ба забони форсӣ меорад:

«Мо форсизабонон имрӯз, ҳар ҷойи ҷаҳон, ки бошем, вазифадорем, ки забони форсиро бо ҳазорон вожаву таркиби аз модаҳои бунёдини ин забон ва вомвожаҳои пазируфта аз дигар забонҳо ва ҷоафтодаву форсӣ шуда хоҳ арабитабор, хоҳ аз нажоду таборҳои дигар, бе ҳеҷ тамоизе миёни онҳо, дар чаҳорчӯби сохтор ва ҳинҷору дастури забони форсӣ, бигӯему бинависем ва барои якояки вожаҳо ва таркибҳои тоза, ки дар забонҳои бегона ба онҳо бармехӯрем ва бар пояи заруратҳои зиндагии имрӯз, ногузир аз корбурди мафҳуми онҳо дар забони худем. Вожаҳову таркибҳои зинда ва расову хушсохти форсӣ пешниҳод кунем ва бе ҳеҷ ҳаросе аз нешханди гаронҷонон ва бепарвоии фарангимаобон, онҳоро ба кор бибарем. Беҳтарини онҳо бар бунёди қонуни густаришу

гузиниш, аз сӯйи бештарини мардуми аҳли забон пазируфта шавад ва корбурди қатъӣ ва ҳамагонӣ биёбад» [3].

Аҳли қалам ва донишмандону коршиносони эронӣ дар ин росто чунин ақида доранд, ки ба корбурди вожаҳои ҷонаафтода ва форсинашудаи арабиву англисӣ ва таркибҳои берун аз қаламрави дастури забони форсӣ ниёзе надоранд. Онҳо бар ин бовараанд, ки зарурате нест бо форсии саранависӣ, яъне бо забони форсии бостон ё калимаҳои матрукшудаи форсӣ, ки имрӯз сохтору маънии онҳо аз ҷиҳати дастурӣ маънову ҳамхонӣ надорад, бо нигошта шавад.

Дар поёни ин муҳим, танҳо инро гуфтанием, ки навиштану таълифу тадвин бо забони хосси мардумӣ ин яке аз ҳадафҳои нигоҳ доштани забони хеш мебошад. Замон фақат як василаест, ки аз насл ба насл офаридаҳоро мерасонад. Агар бо ин ки гӯё замон ягона муқассирест, ки барои олуда кардани забон даст дорад, пас ин афкори хому пуч аст.

Дар поён фақат мехостам бо ин мисраъҳо ҳадафи ин мақоларо натиҷагирӣ кунам:

Ҳар кас бо забони худ сухандон гардад
Донистани сад забон осон гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Дӯстхоҳ Ҷалил. Забони форсӣ аз ошӯб то сомон. Маҷаллаи пажӯҳиши забони форсӣ. – Исфанд, 1389.
2. Донишномаи озод. Эрон.
3. «Хитоб ба эрониёни бурунмарзӣ.» Суханронии Аҳмади Шомлӯ дар Амрико, соли 2001.
4. Хонларӣ Парвиз. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. - Бунёди фарҳанги Эрон, 1347.
5. Хонларӣ Парвиз. Таърихи забони форсӣ (ду ҷилд). - Бунёди фарҳанги Эрон, 1352.
6. Ҳисобӣ Маҳмуд. Фарҳанги Ҳисобӣ. Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва Аршади Исломӣ ва Донишгоҳи санъатии Амир Кабир. - Теҳрон, 1372.

ЗАМОН ВА ОЛУДАГИИ ЗАБОН

Замон фақат як василаест, ки аз насл ба насл офаридаҳоро мерасонад. Агар бо ин ки гӯё замон ягона муқассирест, ки барои олуда кардани забон даст дорад, пас ин афкори хому пуч аст. Имрӯз бархе аз мардум барои худро забондону муосир нишон додан, ҳангоми ҳарф задан бо забони модарии хеш, онро олудаву омехта месозанд. Забондонӣ хуб аст, аммо олуда кардани забони модарӣ корест, носазову нобахшиданӣ. Дар ин мақола мо дар атрофи забони муосири форсӣ ва мушкилоте, ки бо он гиребонгир аст, баҳс мекунем. Забони форсӣ ё форсии дарӣ, сутуни устувори таъриху фарҳанг ва шиносномаи эрониён, тоҷикон ва афғонон ва бархе қавмҳои форсизабон дар кишварҳои осиёии бохтариву марказӣ, сармояи муштараки маънавии миллату қавмҳо ба шумор меравад. Ин забон, шохае аз забонҳои эронӣ аст, ки худ ба шохаи бузурги забонҳои ҳинду - эронӣ мепайвандад ва дар калидвожаҳои забоншиносӣ, аз он ба номи форсии нав ёд мешавад. Вусъату густариш ва камолёбии забони форсӣ аз қарни сеюми ҳиҷрӣ ва бар асари ба салтанат расидани дудмонҳои эронитабор дар гӯшаву канори Эронзамин, бахусус дар Хуросон, Систону Рай ва коҳиши нисбии қудрату нуфузи гумоштагони дастгоҳи хилофати Бағдод, нуфузи бештаре гирифт. Забоне, ки имрӯз тамоми форсизабонони ҷаҳон бо он назму наср, донишу пажӯҳиш, рӯзномаву маҷаллаву китоб таълифу нашру ҳунар меофаранд, ба осонӣ ба пойгаҳи кунунии худ нарасидааст. Ин забон чакидаи ҳазорҳо андашеву гуфтор ва кирдори ниёгони мо ва гавҳари ҷону дилу рӯҳи онон аст. Ҳар як аз мо бояд ҳамвора худро вомдори он деринагон бидонад ва бо ҳамаи тушу тавони хеш суннате, ки аз ин раҳгузар бар уҳда дорад, бипардозад ва забони пешиниёнро тавонмандтар ва кӯрояндтар аз он чӣ будааст, бисозад.

Калидвожаҳо: замон, «олудаги»-и забон, Аҳмади Шомлу, насли ҷавон, насли гузашта, шоирон, нависандагон, форсизабонон.

ВРЕМЯ И «ДЕГРАДАЦИЯ» ЯЗЫКА

Время – это всего лишь средство, которое генерируется из поколение в поколение. Если предположить, что время - это главный виновник загрязнения языка, то мы глубоко ошибаемся, и эти мысли, необузданные и абсурдные. На сегодняшний день некоторые люди, демонстрируя современность и знание языковых навыков, в ходе разговоров загрязняют родной язык до неузнаваемости. Владеть языком - это хорошо, но загрязнять его до неузнаваемости является мерзким делом, нездоровым. В этой статье мы дискутируем вокруг современного персидского языка и проблем, с которыми мы сталкиваемся. Персидский или родной язык - устойчивый исторический и культурный столб и паспорт иранцев, таджиков и жителей Афганистана, а также некоторых персоязычных народов считается в развитых и азиатских странах богаче, объединенным нравственным национальным и стереотипным содержанием. Это язык, в произношении иранских языков, сам по себе соединяет огромную ветвь письменно - иранских языков и в лингвистических ключах от него будет напоминать новое название уже известной персидской формы. Расширение и усовершенствование персидского языка получили большее значение, начиная с третьего века хиджры, вследствие укрепления иранских династии в пригородах Персии, особенно в Хорасане, Сиистане и в Рае, утраты силы и гуманизма и восстания в Багдадском халифате. Проблемы языковых изменений изучены детально и всесторонне. Выделяют внутренние и внешние причины языковых изменений, определен их состав, системный характер, эволюционный темп и проблема “скачков”. Данная статья посвящается изучению и рассмотрению современного персидского языка.

Ключевые слова: время, «деградация» языка, Ахмед Шамлу, сегодняшняя поколения, прошлое поколение, поэты, писатели, персиязычные.

TIME AND "DEGRADATION" OF THE LANGUAGE

Time is just a means that is generated from generation to generation. If you take the time is the main culprit in the pollution of the language we are mistaken and these thoughts, wild and absurd. Today, some people demonstrating modernity and knowledge of language skills during conversations pollute the native language beyond recognition. Speaking a language is good, but contaminating it beyond recognition is vile, unhealthy. In this article we discuss around the modern Persian language and the problems we face. Persian or native language, a stable historical and cultural pillar and passport of Iranians, Tajiks and Afghanistan, as well as some Persian-speaking peoples is considered in developed and Asian countries richer, United moral national and stereotypical capital. This language, the pronunciation of the Iranian languages, itself connects a huge branch of speaking written Iranian languages and in linguistic keys from it will resemble

the new name of the Persian form. The extensions and improvements of the Persian language gained greater importance from the third century onwards by the Hijri and due to the expansion of the Iranian dynasties in the suburbs of Persia, especially in Khorasan, Siistan and in Paradise, the relative deterioration of the strength and humanism of The Baghdad Caliphate rebellion. The problems of language changes are studied in detail and comprehensively. Internal and external causes of language changes are identified, their composition, systemic nature, evolutionary pace and the problem of “jumps” are determined. This article is devoted to the study and consideration of the modern Persian language.

Key words: time, "degradation" of language, Ahmed Shamlu, present generation, past generation, poets, writers, Persian-speaking.

Сведения об авторе: ***Тохирзода Сурайёхон Тохири*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **surayo2008@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-40-91**

Information about the author: ***Tohirzoda Suravohon Tohiri*** - Taiik National Universitv. candidate of philological sciences. senior lecturer of the Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **surayo2008@mail.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-40-91**

УДК: 491.550-56:891.550-1:82

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ АНТОНИМӢ ДАР «БАҲОРИ АҶАМ»

Гулова З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ дар баробари ба таври густарда истифода шудани воҳидҳои синонимиву вариантии фразеологӣ боз корбурди густардаи воҳидҳои фразеологии антонимӣ ба назар мерасад. Ҳамин аст, ки дар забоншиносии тоҷик падидаи антонимӣ, чи дар сатҳи лексикология ва чи дар сатҳи фразеология мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳарчанд атрофи антоним дар сатҳи лексика дар забоншиносӣ корҳои бунёдӣ анҷом шуда бошад ҳам, вале дар сатҳи фразеология ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар ҳоле ки «антонимия низ чун ҳодисаи полисемия ва синонимия тамоми сатҳҳои забонро дар бар мегирад, аз ин рӯ, дар илми забон ба ҷуз антонимияи фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва монанди инҳоро ҷудо кардаанд» [9, с.81]. Дар фразеологияшиносии тоҷик бошад, баррасии антонимияи воҳидҳои фразеологӣ, пеш ва беш аз ҳама дар пажӯҳишҳои Ҳ.Маҷидов ба мушоҳида мерасад.

Ба таъкиди донишмандон маҳз баҳамзидшавии маъноҳои ҷудогонаи худи як воҳиди фразеологӣ, ё ин ки ду ва зиёда ифодаҳои рехтаи гуногун ҳодисаи антонимияи фразеологиро ба вуҷуд меорад [8, с.62]. Ҳодисаи зидмаъно шудани воҳидҳои фразеологӣ дар забон бошад, инъикоси ҳаёти воқеӣ буда, дар натиҷаи тасвири ҳодисаҳои ба ҳам зид ва дигар намуди ифодаи баёни фикр заминагузорӣ мешавад [12, с.76]. Воҳидҳои фразеологии антонимӣ (зидмаъно) мисли калимаю таркибҳо мафҳумҳои бо ҳам зидро ифода мекунанд ва аз воситаҳои зарурии ифодаи нутқ ва образофарӣ ба шумор рафта, дар тасвири ҳамаҷонибаи ҳодисаву воқеоти зиндагӣ фаровон истифода мешаванд [7, с.33]. Такя ба антонимҳо нависанда метавонад муносибатҳои гуногунсатҳи ҷомеаро ба осонӣ тасвир намояд ва мундариҷаи матн, тарзи баён ва воситаҳои инъикоси воқеаро бо услуби сода ба хонанда наздик созад [3, с.49]. Падидаи антонимия дар сатҳи фразеология ифодагари ҳамон вазифаест, ки дар сатҳи вожа адо менамояд. Бад-ин маъно, ки падидаи мазкур дар шинохти бештари ин ё он воҳиди фразеологӣ хидмат мекунад [2, с.53].

Бо назардошти чигунагии муносибати ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии антонимӣ «фразеологизмҳои антонимиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) лексикӣ; 2) семантикӣ. Ба хели якум мисолҳои дил додан-дил мондан (ба маъноҳои ошиқ шудан ва дилхунук гардидан), дасти дароз-дасти кӯтоҳ (ба маъноҳои тавоноӣ, дороӣ ва нотавонию камбағалӣ) мувофиқанд, зеро онҳо аз ҷиҳати таркиб (шаклан) бо ҳам чанде монанду зидмаъноии онҳо вобаста ба маънои лексикиашон то дараҷае намоён аст. Вале воҳидҳои фразеологие вомехӯранд, ки онҳо танҳо аз рӯйи маънои умумии таркибҳо бо ҳам муқобил гузошта мешаванд: кӯҳро занад, талқон мешавад- аз биниаш гирӣ, ҷонаш мебарояд (ба маъноҳои боқувват, пурзӯр ва бекувват харобу нотавон); ороми ҷон-суҳони умр (ба маъноҳои дилнавозу ҳалим ва дилозору бедаво) [7, с.33].

Бо пажӯҳишу баррасии антонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар «Баҳори Аҷам» маълум гардид, ки бештари воҳидҳои антонимии фразеологӣ ба навъи лексикӣ дохил мешаванд. Ба ин маъно, ки яке аз компонентҳои дар воҳидҳои фразеологӣ омада такрор шуда, компонентҳои дигари он муқобили ҳам қарор гирифтаанд. Масалан, дар мисолҳои дил баркандан/баргирифтан-дил бастан таъйиди ин гуфторро дида метавонем. Мусанниф дар шарҳи ин ду таркиб овардааст: дил баркандан/дил баргирифтан: муқобили дил бастан.

Ман ҳамон рӯз дил аз ҳастии худ баркандам,
К-ӯ рухи хеш дар оина тамошо мекард [5, с.987] (Хусравӣ).

Дил бастан бар чизе: маъруф.

Набояд бастан андар чизу кас дил,
Ки дил бардоштан корест мушкил [5, с.988] (Саъдии Шерозӣ).

Дар ин таркибҳо калимаи дил такрор, вале феълҳои баркандан/баргирифтан-баркандан муқобили ҳамдигар қарор гирифтаанд.

Воҳидҳои фразеологии дил хунук кардан ба чизе-дил гарм кардан ба чизе низ таъйидгари гуфтори болост. Дил хунук кардан ба чизе: киноя аз афсурда шудан.

Ҷамъе, ки зери чарх шабе рӯз кардаанд,
Чун шамъ дил хунук ба насими саҳар кунанд [5, с.989] (Мирзо Соиб).

Дил гарм кардан бар чизе: киноя аз ошиқ шудан [5, с.993].

Воҳидҳои фразеологии сари ришта аз даст берун рафтан-сари ришта ба даст афтодан низ дар ин силк аст. Бад-ин гунна, ки ибораи сари ришта ва даст дар ҳар ду воҳиди фразеологӣ такрор омада, ҷузъҳои дигари ин ду ибора: ба... афтодан-аз… рафтан ба муқобили ҳам қарор гирифтаанд. Чунончи мусанниф ишора менамояд: Сари ришта аз даст берун рафтан: бар сари сухане омадан, ки дар аснои шурӯъ кардан сари риштаи он аз даст рафта бошад:

Нарафта аст сари ришта то зи даст бурун,
Сар аз даричаи гавҳар чаро бадар накунӣ [5, с.1272] (Мирзо Соиб).

Сари ришта ба даст афтодан: маъруф:

Ба дастам наяфтод сари ришатае,
Зи оҳи ба хуни дил оғӯштае [5, с.1772] (Нуриддини Зуҳурӣ).

Ҳарчанд мусаннифи фарҳанг дар шарҳи воҳиди фразеологии «сари ришта аз даст берун рафтан» маънои суханро аз даст додан ишора намояд ҳам, вале дар забони тоҷикии имрӯз бештар ба маънои «чӣ кор кардани худро надониста мондан» ва муродифи сари риштаи худро гум кардан [11, с.166] ва ё сари калобаи худро гум кардан истифода мешавад.

Сапед шудани бахт-сиёҳ шудани бахт аз воҳидҳои дигари фразеологии антонимӣ ба шумор мераванд, ки ҷузъи аввали онҳо ба ҳам муқобил ва ҷузъҳои дигар бошанд, ҳамранги якдигаранд. Сапед шудани бахт: масъуд шудани бахт:

Бахти сияҳ зи дидани сабзон сафед шуд,
Дар хоки Ҳинд умри сиёҳон дароз бод [5, с1227] (Дарвеши Волаи Ҳиравӣ).

Сиёҳ шудани бахт ё сиёҳбахт шудан аз воҳидҳои серистеъмоли фразеологист, ки ифодагари бадбахт шудан мебошад.

Дар ин таркибҳои феълии фразеологӣ бахшҳои номиашон: сапед ва сиёҳ дар сатҳи вожа низ антоними якдигар мебошанд.

Воҳидҳои фразеологии гардан нарм кардан/шудан- гардан кашидан/сар кашидан, гарм доштан/кардан/шудани ихтилот-сард доштан/кардан/шудани ихтилот, сар ба хат доштан-сар боз задан ва ғ. намунаҳои дигаре аз воҳидҳои фразеологии антонимие мебошанд, ки дар «Баҳори Аҷам» оварда шудаанд ва зидмаъноияшон бархоста аз нигоҳи лексикӣ мебошад.

Гардан нарм кардан/шудан: ба маънии гардан андохтан:

Кардаам нарм ба фармони ту гардан чун шамъ,
Чи кунам ман, ки ба фармони ту сар дарбозам [6, с.1770] (Хоҷа Салмон).

Ин воҳиди фразеологӣ ба воҳидҳои фразеологии гардан кашидан/сар кашидан антоним шуда меояд.

Гарм доштан/кардан/шудани ихтилот [6, с.1780]. Сард шудани ихтилот: охир шудани суҳбат ва ихтилот:

Гар ту гармулфатӣ бо кас шарики нон машав,
Сард шуд дар Одаму Ҳаво зи гандум ихтилот [5, с.1281] (Неъматхони Олӣ).

Сар бар хат доштан: киноя аз имтисолу фармондорӣ аст [5, с.1252].

Сар боз задан аз чизе: киноя аз эъроз кардан:

Оқилоне, ки зи занҷири ту сар во задаанд,
Ғофилонанд, ки бар давлати худ по задаанд [5, с.1252] (Мирзо Соиб).

Баррасии падидаи антонимӣ дар «Баҳори Аҷам» нишон медиҳад, ки воҳидҳои фразеологии зиёде бе зикри антоним оварда шудаанд, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ аз зумраи фразеологизмҳои машҳури антонимдор шинохта мешаванд. Барои мисол аз воҳиди фразеологии сапед кардан метавон ёд кард, ки мусанниф онро чунин овардааст:

Сапед кардан:

Кадом қофила з-ин дашт кӯси риҳлат зад,
Сапед аз каф ҷаммоза кард роҳи маро [5, с.1228] (Мулло Қосими Машҳадӣ).

Антоними воҳиди мазкури фразеологӣ воҳиди фразеологии сиёҳ кардан мебошад, ки ҳарчанд дар фарҳанги «Баҳори Аҷам» ёд нашуда бошад ҳам, вале ҳақиқат он аст, ки ин воҳиди фразеологӣ, чи дар забони навишторӣ ва чи дар забони гуфторӣ, корбурди густарда дорад. Чунончи, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дар шарҳи таъбири сиёҳ кардан омадааст: сиёҳ кардан а) бо ранги сиёҳ ранг додан; ба сиёҳӣ олонидан; б) айбдор кардан, бадном кардан [11, с.240]. Чи тавре аз маънои таъбирҳои сапед кардан ва сиёҳ кардан бармеояд, онҳо ҳам дар маънои аслӣ ва ҳам дар маънои маҷозӣ-фразеологӣ ба

ҳамдигар антоним шуда омадаанд. Агар ба маънои аслӣ ифодагари ранг кардан ба сапедӣ ва сиёҳӣ бошад, пас, дар маънои маҷозӣ-фразеологӣ ба маънои тавсиф ба хубӣ ва бадӣ кардани нафаре дар назди нафари дигаре мебошад.

Дар «Баҳори Аҷам» таркибҳои фразеологие, аз қабили пой сахт кардан ва пой суст кардан [4, с.392] оварда шудааст, ки бо назардошти антоним будани вожаҳои сахт ва суст ҳамчун антоним ба назар мерасанд, вале шарҳу тавзеҳи мусаннифи фарҳангнома ба антоним будани онҳо ишора намесозад. Чунончи, дар шарҳи таркиби пой сахт кардан овардааст: пой сахт кардан: қиём ва истиқомат гирифтан:

Эй Бесутун, зи санг чӣ по сахт кардаӣ,
Бархез аз миёни камар Кӯҳкан гусехт [4, с.392] (Мирзо Соиб)

ва дар шарҳи таркиби пой суст кардан гуфта: пой суст кардан: киноя аз бечо кардани пой:

Танҳо на кори ман ба нигоҳи нахуст кард,
Ҳар кас, ки дид ҷилваи ӯ, пой суст кард [4, с.392] (Мирзо Соиб).

Аз нигоҳи инҷониб дар байти аввал таркиби по сахт кардан ифодагари устувору босубот будан ва дар байти баъди таъбири пой суст кардан ба маънои ноустувориву бесуботӣ ва аз ҳаракат мондан омадааст ва дар ин сурат онҳоро метавон антоними пурраи якдигар шуморид.

Чи тавре пештар ишора шуда буд, мусаннифи фарҳанги «Баҳори Аҷам» дар шарҳи воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба ҳамон маъное намудааст, ки аз шоҳиди шеърии овардааш бармеояд. Масалан, мусанниф дар шарҳи воҳиди фразеологии ҷон додан мегӯяд: ҷон додан: ба маънии мурдан [4, с.602]. Дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ воҳиди мазкури фразеологӣ ифодагари маонии дигаре мебошад, ки антоними маънои овардаи соҳиби «Баҳори Аҷам» мебошад. Ҳамин аст, ки дар «Луғатномаи Деҳхудо» ин таъбир аз ҷумлаи аздод ёд ва муродиф ба воҳиди фразеологии ҷон бахшидан дониста шудааст. Чунончи, Деҳхудо мегӯяд: ҷон додан//ҷон бахшидан, зинда кардан, эҳё- аз луғоти аздод аст [1, с.7433]. Дар ин ҷо метавон таъкиди Ҳ.Маҷидовро овард, ки гуфтааст: «Ибораҳои «ҷон бахшидан» ва «аз худ рафтан» маъноҳои пурраи антонимиро ифода накунанд ҳам, зиддияти байни маъноҳои гуногуни онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи «ҷон бахшидан» бо маъноҳои: 1) ба касе (ба чизе) ҷон даровардан, касе (чизе)-ро бақувват кардан ва 2) мурдан, вафот кардан дар истеъмол аст. Ибораи «аз худ рафтан» бошад, баробари семантикаи 1) беҳуш шудан, беҳаловатӣ, бекувватӣ кардан боз 2) калонгирӣ кардан, худро боҳашамат ҳисобиданро низ ифода мекунад» [8, с.62].

Аммо дар бархе маврид мусаннифи «Баҳори Аҷам» дар шарҳи як воҳиди фразеологӣ аз ду маъное ёд менамояд, ки антоними якдигар қарор гирифтаанд. Масалан, дар шарҳи воҳиди фразеологии дасту гиребон шудан бо касе овардааст: дасту гиребон шудан бо касе: ниҳоят қариб шудан ва киноя аз овезиш ва пайкор кардан:

Толеи хасмфикан дар ҳама майдон дорам,
В-ин ҳунар бин, ки ба кас дасту гиребон нашудам [5, с.974] (Абутолиби Калим).

Ба ишораи мусанниф дар ин ҷо таъбири «ниҳоят қариб шудан» бо таъбири «овезиш ва пайкор кардан» дар муқобили якдигар қарор гирифтаанд, чун қаробат маҳсулу ифодагари муҳаббат ва пайкор бархоста аз бадбиниву кудурат мебошад. Ба ҳар сурат, дар забони тоҷикӣ маънои дувуми ин воҳиди фразеологӣ, ки баёнгари ба ҳамдигар афтодану ҷангу ҷидол кардан аст, мустаъмалтар мебошад.

Ба фарқ аз ишора ба муродифоти воҳидҳои фразеологӣ соҳиби «Баҳори Аҷам» бисёр ба нудурат ба антоними воҳидҳои фразеологӣ ишора намудааст. Масалан, дар таъбири гиреҳ кушодан/боз кардан/ во кардан аз чизе мегӯяд: муқобили гиреҳ ниҳодан/задан бар чизе:

Во накард оина гардидан гиреҳ аз кори ман,
Банди ҳайрат сахттар аз байзаи фӯлод буд [6, с.994] (Мирзо Бедил).

Дар ин ҷо мусанниф бо вожаи «муқобил» маҳз истилоҳи имрӯзии антонимро дар назар дорад, чун воҳидҳои фразеологии овардаи ӯ муқобилмаънои пурраи ягдигар мебошанд.

Доғ рафтан муқобили доғ мондан аст:

Соқӣ зи май кудурати дил кам намешавад,
Биншин, ки доғи лола зи борон намеравад [5, с.790] (Абутолиби Калим).
Шабҳои дурият зи кӣ пурсам суроғи субҳ,
Рафтию монд дар дили шаб бе ту доғи субҳ [5, с.792] (Мирзо Разии Дониш).

Дар «Баҳори Аҷам» воҳидҳои фразеологии исмӣ ё худ изофӣ, аз қабили бахти фархунда-бахти тира/сиёҳ; бахти хуҷастафол-бахти баргашта [4, с.250]; ҳарфи мағздор-ҳарфи воҳӣ [5, с.724]; ҳарфи обдор [5, с.720]/ ҳарфи устухондор [5, с.721]/ ҳарфи таҳдор [5, с.722]- ҳарфи по бар ҳаво/ҳарфи по дар ҳаво [5, с.721]/ ҳарфи берабт [5, с.721]/ ҳарфи парешон [5, с.722]/ ҳарфи хунук – киноя аз сухани бемазза ва бетаъсир [5, с.723]/ ҳарфи ҷовида= ҳарфи пуч [5, с.722]/ ҳарфи чакишӣ [5, с.722]/ ҳарфи сабук/ҳарфи саҳл: қариб ба маънии ҳарфи пуч [5, с.723] оварда шудаанд, ки ҳамчун антоними якдигарӣ қарор гирифтаанд. Вале таҳлилу баррасии воҳидҳои фразеологии исмӣ аз нигоҳи антонимӣ

нишон медиҳанд, ки чунин воҳидҳо ангуштшумор буда, дар муқоиса ба воҳидҳои антонимии феълӣ ба маротиб камтаранд. Инчунин, воҳидҳои антонимии исмиро ибораҳои сифатӣ ташкил медиҳанд. Бад-ин гунна, ки муайяншавандаи сифатӣ дар чунин воҳидҳои фразеологӣ як буда, сифати онҳо, ки дар асл антоними луғавианд, тазод шуда меоянд. Таъйиди ин гуфторро метавон аз мисолҳои дар боло овардашуда баръало мушоҳида намуд. Дар ду мисоли аввал калимаи баҳт омада, сифатҳои фархундаву сиёҳ ва баргашта ба муқобили якдигар қарор гирифтаанд. Ё худ дар мисоли изофаи калимаи ҳарф бо сифатҳо баръало дида мешавад, ки маҳз сифатҳо обдор-воҳӣ, устухондор-по дар ҳаво дар муқобили якдигарӣ қарор гирифтаанд. Таҳлили воҳидҳои фразеологии исмӣ аз нигоҳи антонимӣ нишон медиҳад, ки бештари онҳо дар шеър истифода шуда, дар забони гуфтори ривоҷи назаррас наёфтаанд. Масалан, мусаннифи «Баҳори Ачам» дар моддаи дил [5, с.985] зиёда аз ҳафтод сифатро ҳамчун ташбеҳ меорад, ки бештарашон антоними якдигар қарор гирифтаанд, вале чунин таъбирҳо хосси забони шоиронанд.

Дар фразеологияшиносӣ корбурди ҳиссачаи «не» дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ аз роиҷтарин роҳҳои антонимсозии фразеологӣ ба шумор меравад. Масалан, воҳиди фразеологии «тан додан ба чизе», ки киноя аз ризо додан ва қабул кардан аст [4, с.545], бо корбурди ҳиссачаи инкории «на» дар зимни он: «тан надодан ба чизе», аллакай, ифодагари ризо набудану қабул нашудан мебошад, ки ба маънои аввалӣ ба куллӣ зид аст. Ё худ дар таъбири «сар бар хат доштан», ки киноя аз имтисолу фармонбардорӣ аст [5, с.1253], бо илова шудани ҳиссачаи инкории «на» воҳиди фразеологии антонимии «сар бар хат надоштан» ба майдон меояд, ки на ифодагари фармонбардорӣ, балки баёнгари саркашӣ мебошад.

Ҳарчанд, корбурди ҳиссачаи инкории «не» дар зимни воҳидҳои фразеологӣ дар умум ҳамчун роҳи антонимсозии фразеологӣ шинохта нашуда бошад ҳам [13], вале бархе пажӯҳишгарони тоҷик онро яке аз роҳҳои антомсози фразеологӣ ба қалам додаанд. Чунончи, Ҳ.Талбакова дар мақолаи «Воҳидҳои фразеологии антонимӣ» ишора ба ин нукта намуда, мегӯяд: «Бо вуҷуди он ки феълҳои тасрифшаванда бо гирифтани префиксҳои инкорӣ антоним намесозанд, дар воҳидҳои фразеологӣ агар феълҳо шакли инкорӣ гиранд, аз ҷиҳати маъно зид мешаванд ва дар ин ҳолат фразеологизмҳои антонимӣ ба вуҷуд меоянд: чашми хат доштан/босавод-чашми хат надоштан/бесавод/» [10, с.49]. Вале дар «Баҳори Ачам» воҳидҳои фразеологие, ки бо корбурди ҳиссачаҳову пешвандҳои инкорӣ, хусусан ҳиссачаи «не» зидмаъно шуда бошад, ба назар нарасид.

Хулоса, дар фарҳанги «Баҳори Ачам» воҳидҳои фразеологии антонимӣ мавриди корбурд қарор гирифтаву мусанниф бо вуҷуди ин падида ба истилоҳи «муқобил» ишора намуда бошад ҳам, вале аз нигоҳи оморӣ воҳидҳои фразеологии антонимӣ дар фарҳанг дар муқоиса ба воҳидҳои фразеологии синонимӣ ва полисемӣ шумораи ночизеро ташкил медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиакбар Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо / А.Деҳхудо. Ҷ. 5. – Теҳрон, чопи дувум, 1377.
2. Исомуддин Абдуссалом Абузилол. Ат-таъобир-ул-истилоҳия байна-н-надарияти ва-т-татбиқ. Ҷ.2. Дор-ул-вафо лидунё-т-тибоати ва-н-нашр, 2006. - 197 с. [бо забони арабӣ].
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
4. Баҳор Лола Текчанд. Баҳори Ачам: фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ. Тасҳеҳи Козим Дузфулиён / Лола Текчанд Баҳор. Ҷ.1. - Теҳрон: Тилоя, 1393. [бо хати форсӣ].
5. Лола Текчанд Баҳор. Баҳори Ачам: фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ. Тасҳеҳи Козим Дузфулиён / Баҳор Лола Текчанд. Ҷ.2. - Теҳрон: Тилоя, 1393. [бо хати форсӣ].
6. Лола Текчанд Баҳор. Баҳори Ачам: фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ. Тасҳеҳи Козим Дузфулиён / Лола Текчанд Баҳор. Ҷ.3. - Теҳрон: Тилоя, 1393. [бо хати форсӣ].
7. Мақсудов Т. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксисии онҳо / Т.Мақсудов, Ф.Зикриёев, Ҳ.Ҷалилов. – Душанбе, 1976. – 87 с.
8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 1982. - 104 с.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 243 с.
10. Талбакова Ҳ. Воҳидҳои фразеологии антонимӣ / Ҳ.Талбакова // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1990. - С.46-50.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. - 945 с.
12. Шарофиддинова А. Воҳидҳои фразеологии осори Айнӣ (бар асоси романи «Ғуломон») / А.Шарофиддинов: монография. – Т.: «Yangi nashr», 2016. – 160 с.
13. http://schooled.ru/ukrmova/phraseology/ index.html [санаи истифода 26.10.2018].

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ АНТОНИМӢ ДАР «БАҲОРИ АЧАМ»

Дар мақола атрофи антонимияи фразеология сухан рафта, таъкид бар он шудааст, ки ба мисли вожа воҳиди фразеологӣ низ метавонанд зидмаъно ё антоним бошанд. Дар мақола нахуст ба таври бояду шояд омӯхта нашудани антонимияи воҳидҳои фразеологӣ ишора гаштааст, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ дар баробари ба таври густарда истифода шудани воҳидҳои синонимиву вариантии фразеологӣ боз корбурди густардаи воҳидҳои фразеологии антонимӣ ба назар мерасад. Бо пажӯҳишу баррасии антонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар «Баҳори Ачам» маълум шуд, ки бештари воҳидҳои антонимии фразеологӣ ба навъи лексикӣ дохил мешаванд. Ба ин маъно, ки яке аз компонентҳои дар воҳидҳои фразеологӣ омада такрор шуда, компонентҳои дигари он муқобили ҳам қарор гирифтаанд. Бо баррасии падидаи антонимӣ дар воҳидҳои

фразеологӣ дар «Баҳори Аҷам» чунин хулоса мешавад, ки ҳарчанд дар фарҳанги «Баҳори Аҷам» воҳидҳои фразеологии антонимӣ мавриди корбурд қарор гирифтаву мусанниф бо вуҷуди ин падида ба истилоҳи «муқобил» ишора намуда бошад ҳам, вале аз нигоҳи оморӣ воҳидҳои фразеологии антонимӣ дар фарҳанг дар муқоиса ба воҳидҳои фразеологии синонимӣ ва полисемӣ шумораи ночизеро ташкил медиҳанд. Таҳлилу баррасии воҳидҳои фразеологии антонимӣ дар «Баҳори Аҷам» аз нигоҳи сохторӣ нишон медиҳад, ки корбурди воҳидҳои фразеологии антонимии исмӣ дар забони тоҷикӣ дар муқоиса ба корбурди воҳидҳои фразеологии феълӣ ба маротиб камтар мебошад.

Калидвожаҳо: ибораи рехта, «Баҳори Аҷам», антоним, полисемия, синонимия, лексикӣ, семантикӣ, фразеологияшиносӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКАЯ АНТОНИМИЯ В «БАХОРИ АДЖАМ»

В данной статье автором рассматривается тема «антонимические фразеологические единицы в энциклопедическом словаре «Бахори аджам» и утверждается, что, как и слово, фразеологические единицы могут иметь при себе антонимы. Автор указывает на то, что до сих пор эта тема не изучена должным образом, в то время как в таджикском языке, наряду с синонимическими и вариантными фразеологическими единицами также широко используются антонимические фразеологические единицы. Изучение антонимия фразеологических единиц в «Бахори аджам» показало, что большинство антонимических фразеологических единиц можно отнести к лексическому типу. Это означает, что один из компонентов, которые вошли в фразеологические единицы, повторяется, а другие компоненты противопоставлены. Рассматривая феномен антонима во фразеологических единиц в «Бахори аджам», автор заключает, что хотя антонимические фразеологические единицы присутствуют в «Бахори аджам» и его автор применял термин «муќобил» («против, антоним») к ним, однако, исходя из статистических соображений, антонимические фразеологические единицы в словаре, в сравнении с синонимическими и полисемическими фразеологическими единицами, составляют незначительного количество. Структурный анализ антонимических фразеологических единиц в «Бахори аджам» показывает, что существительные-антонимических фразеологические единицы употребляются в таджикском языке в разы меньше, чем глагольные фразеологические единицы.

Ключевые слова: словосочетание, «Бахори аджам», антоним, полисемия, синонимия, лексический, семантический, фразеологоведение.

PHRASEOLOGICAL ANTONYMS IN “BAHORI AJAM”

The article considers the topic “antonymic phraseological units in the encyclopedic dictionary “Bahori Ajam” and argues that, like a word, phraseological units can have an antonym with them. The author points out that so far this topic has not been studied properly, while in the Tajik language, along with synonymic and variant phraseological units, antonymic phraseological units are also widely used. The study of the antonym of phraseological units in “Bahori Ajam” showed that most of the antonymic phraseological units can be attributed to the lexical type. This means that one of the components that are included in the phraseological units is repeated, while the other components are opposite each other. On Considering the phenomenon of antonym in phraseological units in “Bahori Ajam”, the author concludes that although antonymic phraseological units are present in “Bahori Ajam” and its author applied the term “mobil” (“against, antonym”) to them, however, based on statistical considerations, Antonymic phraseological units in the dictionary in comparison with synonymic and polysomic phraseological units make up an insignificant amount. The structural analysis of the antonymic phraseological units in “Bahori Ajam” shows that the nouns of antonymic phraseological units are used in the Tajik language many times less than verbal phraseological units.

Key words: collocation, “Bahori Ajam”, antonym, polysemy, synonymy, lexical, semantic, phraseology.

Сведения об авторе: ***Гулова Зубайда*** – Таджикский национальный университет, аспирантка кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **write.92@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 919-80-70-00**

Information about the author: ***Gulova Zubayda*** **-** Tajik National University, graduate student of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **write.92@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 919-80-70-00**

УДК: 809.155.0

ИБОРАҲОИ ИЗОФӢ ВА МУРОДИФОТИ ОНҲО БО ҚОЛАБҲОИ ДИГАРИ НАҲВӢ

(дар заминаи маводи «Чор дарвеш»)

Иброимова Г.Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз навъҳои серистеъмоли ибора дар забони тоҷикӣ ибораҳои изофӣ мебошад. Аз маълумоти сарчашмаҳо маълум мешавад, ки пайдоиши он ба даврони миёнаи инкишофи забон рафта мерасад. «Дар ҷараёни рушди таърихии забони тоҷикӣ тарзи асосии ифодаи алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда бандаки изофӣ гардид, ки он аз ишорағонишини нисбӣ пайдо шудааст. Ин қолаби наҳвии изофӣ ду навъи алоқаи муайянкунандагӣ – алоқаи изофӣ ва вобастагиро, ки хосси забонҳои қадимаи эронист, якҷоя дар бар гирифтааст. Рушди қолабҳои изофӣ дар забони тоҷикӣ яке аз он хусусиятҳост, ки таҳаввулоти сохтори наҳвии забонҳои эрониро аз замони қадим то ба имрӯз инъикос менамояд» [3, с.108].

Ба ҳайси муайянкунандаи ибораҳои изофии «Чор дарвеш» на танҳо исм, сифат ва сифати феълӣ, балки шумора ва зарф низ истифода шудаанд, ки имконоти муродифшавӣ доранд.

Ибораҳои исмии изофии ҷузъи тобеашон шумора 24-торо ташкил медиҳанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ **шумораҳои миқдории аслӣ***: ҷавони бистудусола [6, с.26), сози дувоздаҳум [6, с.29), кисаи панҷсадтуманӣ [6, с.57), духтари ҳаждаҳсола [6, с.6), ғуломи чордаҳсола [6, с.150), баҳори сездаҳум [6, с.159);* **шумораҳои миқдории тахминӣ**: *пирзани 80-90-сола [6, с.148)*; **шумораҳоитартибӣ**: *шаби чорум [6, с.30, 34), рӯзи аввал [6, с.46, 171), нишонаи аввал [6, с.82), дарвеши дуюм [6, с.83), нони аввал [6, с.105), ғуломи дуюмин [6, с.111), рӯзи аввал [6, с.132, 2), дарвеши сеюм [6, с.139), дари аввал [6, с.142), рӯзи чилум [6, с.164), шаби чилум [6, с.168), маймуни чилум [6, с.179).*

Як миқдори шумораҳо бо нумератив пайваст шуда, ба вазифаи муайянкунанда омадаанд: гавҳари якдона(-ам) [6, с. 64, 133), санги ҳафтмисқолӣ [6, с.86, 87), чуқурии якгаза [6, с.129), озуқаи чилрӯза [6, с.134).

Вобаста ба шакли таъвиз мисолҳои болоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Ба гурӯҳи аввал ҳамон ибораҳоеро дохил менамоем, ки мазмуни онҳоро чанд тариқа баён кардан имконпазир аст. Чунончи: 1) ҷавони бистудусола [6, с.26) – бистудусола ҷавон // ҷавоне, ки бистудусола аст // ҷавоне, ки бисту ду сол дорад; 2) кисаи панҷсадтуманӣ [6, с.57) – панҷсадтуманӣ киса // кисае, ки панҷсад туман дорад // кисае, ки дар он панҷсад туман ҳаст; 3) духтари ҳаждаҳсола [6, с.86) – ҳаждаҳсола духтар // духтаре, ки ҳаждаҳ сол дорад; 4) чуқурии якгаза [6, с.129) – якгаза чуқурӣ // чуқурие, ки як газ аст; гавҳари якдонаам [6, с.133) – якдона гавҳарам // гавҳари якдонаи ман; 5) дарвеши дуюм [6, с.83) – дуюм дарвеш // дуюмин дарвеш; 6) санги ҳафтмисқолӣ [6, с.86, 87) – ҳафтмисқолӣ санг // санге, ки ҳафт мисқол вазн дорад. Аз мисолҳои овардашуда ҳосилаҳое, ки бо алоқаи ҳамроҳӣ шакл гирифтаанд, маъноро як андоза бо оҳанги таъкид ифода мекунанд ва бештар дар гуфтугӯ маъмуланд. Ҳосилаҳои боқимонда дар забони адабӣ истифода мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм ибораҳое мансубанд, ки мазмуни онҳо ҳамагӣ бо ду навъи алоқа – изофӣ ва ҳамроҳӣ ифода меёбанд: сози дувоздаҳум [6, с.29) – дувоздаҳум соз; шаби чорум [6, с.30, 34) – чорум шаб; рӯзи аввал [6, с.46) – аввалин рӯз; гавҳари якдона [6, с.64, 133) – якдона гавҳар; нишонаи аввал [6, с.82) – аввалин нишона; нони аввал [6, с.105) – аввалин нон; ғуломи дуюмин [6, с.111) – дуюмин ғулом; рӯзи аввал [6, с.132, 2) – аввалин рӯз; озуқаи чилрӯза [6, с.134) – чилрӯза озуқа; дарвеши сеюм [6, с.139) – сеюмин дарвеш; дари аввал [6, с.142) – аввалин дар; пирзани 80-90-сола [6, с.148) – 80-90-сола зан // …зани пир; ғуломи чордаҳсола [6, с.150) – чордаҳсола ғулом; баҳори сенздаҳум [6, с.159) – сенздаҳум баҳор; рӯзи чилум [6, с.164) – чилум рӯз; шаби чилум [6, с.168) – чилум шаф; маймуни чилум [6, с.179) – чилум маймун.

Воситаҳои алоқаи грамматикии ибораҳои боло бандаки изофӣ ва тартиби калима мебошад. Ҳарчанд дар ибораҳои ҳамроҳӣ ҷойи ҷузъҳо тағйир ёфтааст, калимаи асосӣ ҷузъи дуюм ба ҳисоб меравад. Ибораҳое, ки ҷузъи тобеашон шумораҳои тартибианд (аввал, дуюм), ҳангоми таъвиз пасванди ***-ин*** қабул мекунанд: *аввалин, дуюмин.* «Калимаи **аввал** арабӣ буда, тоҷикии он **нахуст, якум** аст. Дар забони мо калимаи мазкур ба чанд маънӣ, аз он ҷумла ба ҷойи шумораи тартибии **якум** низ ба кор бурда шудааст… Ба охири калимаи аввал монанди **якум – якумин, нахуст – нахустин** суффикси «**-ин**»-ро ҳамроҳ мекунанд. Шумораи тартибии «-ум»-дор ба худ суффикси «**-ин**»-ро гирад, одатан пеш аз шумурдашуда меояд…» [1, с.214].

Ибораҳои исмии изофие, ки ҷузъи тобеашон зарф аст ва имкони таъвизшавӣ доранд, 49-торо ташкил медиҳанд: моли зиёд [6, с.15, 53), савдогарони зиёд [6, с.15), музди зиёде [6, с.21), меҳрубонии бисёр [6, с.23), букчаҳои бисёре [6, с.26), мазаи бисёр [6, с.28), меҳрубонии зиёд [6, с.30), одами бисёр [6, с.32), палосҳои бисёр [6, с.32), фикри бисёр [6, с.45), матои бисёр [6, с.54), меҳрубонии бисёр [6, с.60), насиҳати бисёр [6, с.66), заҳмати бисёр [6, с.66), гиряи бисёр [6, с.68), марди бисёр [6, с.81), инкори бисёр [6, с.87), ҷавоҳири бисёр (6, с.88), узрхоҳии бисёр (6, с.90), меҳрубонии бисёр (6, с.90, 188), гуфтугӯйи бисёр (6, с.92), ганҷу гавҳари бисёр (6, с.92), одамҳои обии бисёр (6, с.100), моли беҳадду ҳисоб (6, с.103), кофтукови бисёр (6, с.99, 162), савдогарони бисёр (6, с.115), моли бисёр (6, с.121), дарвешони бисёр (6, с.123), зару ҷавоҳири бисёр (6, с.124), ходим ва хизматгори бисёр (6, с.131), молу зари бисёр (6, с.133), суханҳои бисёр (6, с.139), зари беинтиҳо (6, с.152), фикри бисёр (6, с.158), гули бисёр (6, с.159), давокунии бисёр (6, с.162), ҷустуҷӯйи бисёр (6, с.166), зару зевари бисёр (6, с.167), амволи бисёр (6, с.167), аҷоиби беандоза (6, с.168), фикри бисёр (6, с.175), маблағи зиёд (6, с.177), халқи бисёр (6, с.178), орзуи бисёр (6, с.186), таому меваи бисёр (6, с.186). Бояд қайд кард, ки зарф бар эзоҳи амалу ҳолат ва ё аломат меояд. Бинобар ин, бо исм камтар муносибати грамматикӣ пайдо мекунад. Чи тавре ки аз мисолҳои боло дидем, ба ҳайси ҷузъи тобеъ зарфҳои миқдору *дараҷаи бисёр (6, с.40), зиёд (6, с.6),беандоза (6, с.1), беҳадду ҳисоб (6, с.1), беинтиҳо (6, с.1)* истифода шудаанд:

Вай савдогари калон буд, *моли зиёд* дошт, *савдогарони бисёре* бо пули ӯ сафар мекарданд (4, с.15). Ҳар рӯз ва ҳар шаб *аҷоиби беандоза* медидам ва *машаққати бисёр* мекашидам (4, с.168). Ӯ бародари маро ба дарё партофта, *моли беҳадду ҳисоби* ӯро

дуздида буд (4, с.103). Он дарро во кардам, дар миёни ҳуҷраҳои зеризаминӣ *зари беинтиҳо* баромад (4, с.152).

Муайяншавандаҳои ибораҳои мазкур, асосан, аз исмҳои конкрет ва абстракт, исмҳои шахс, исмҳои ифодакунандаи амалу ҳолат ва исмҳои ҷомеъ иборатанд:

Дар саҳари чорум кашишон ва бараҳманон… фалокатзадаро бо моли бисёре равона мекунанд (4, с.121). Дар бораи адолати Нӯшервон ва карами Ҳотам *суханҳои бисёре* гуфтанд (4, с.139). Ӯ ба *дарвешони бисёр* ситам кардааст ва мекунад (4, с.123). Баъд аз расидан *кофтукови бисёре* карда онҳоро ёфтам (4, с.99). …ман ин дафъа нигоҳ карда *халқи бисёреро* дидам, ки ҳама хушрӯй ва сияҳмӯй буданд (4, с.178).

Ҳангоми таъвиз мазмуни воҳидҳои наҳвии болоро, ки дар қолаби ибораҳои изофӣ шакл гирифтаанд, дар қолаби ибораҳои ҳамроҳӣ ифода кардан имконпазир аст. Агар ибораҳои изофӣ маъниро равон ва осонгӯ ифода намоянд, дар қолаби таъвизшуда он бештар характери гуфтугӯйӣ пайдо мекунад. Чунончи: моли зиёд (6, с.15, 53) – зиёд мол (доштан), савдогарони зиёд (6, с.15) – зиёд савдогарон, музди зиёде (6, с.21) – зиёд музд, буқчаҳои бисёре (6, с.26) – бисёр буқча (доштан) ва ғ.

Исмҳои ифодакунандаи амалу ҳолат ҳангоми ифода бо алоқаи ҳамроҳӣ ба ибораи масдарӣ бармегарданд: меҳрубонии бисёр (6, с.23) – бисёр меҳрубонӣ кардан, фикри бисёр (6, с.45) – бисёр фикр кардан, насиҳати бисёр (6, с.66) – бисёр насиҳат кардан, гиряи бисёр (6, с.68) – бисёр гиря кардан, инкори бисёр (6, с.87) – бисёр инкор кардан ва ғ. Сабаби дар шакли масдар ифода гардидани исмҳои амалу ҳолатро вобаста ба мазмуни онҳо ва хусусияти исмӣ доштани масдар тавзеҳ додан мумкин аст. Ҳар ду қолаб ҳам доираи истеъмоли васеъ дорад.

Баъзан ибораҳои боло, ки ҷузъи асосиашон исми амал мебошад, ҳангоми таъвиз ба фразеологизм бадал мешаванд. Чунончи: *заҳмати бисёр* (6, с.66) – бисёр (бори) заҳмат кашидан, *узрхоҳии бисёр* (6, с.90) – бисёр узр хостан.

Ҳамин тариқ, ибораҳои исмии изофӣ, ки ҷузъи тобеаш зарф аст, ба миқдору дараҷаи ашёи ҷондору беҷон ва абстракт далолат мекунанд. Чунин ибораҳо, ки қобилияти таъвизшавӣ доранд, дар забони «Чор дарвеш» чандон зиёд набудаанд ва мазмуни онҳоро танҳо дар ду қолаби ҳаммаъно (изофӣ ва ҳамроҳӣ) ифода кардан имконпазир аст.

Ибораҳои исмии «Чор дарвеш» вобаста ба навъи алоқа бо чунин қолабҳои ибораҳо муносибати муродифӣ пайдо карда метавонанд:

1. **Муродифоти ибораҳои изофӣ бо ҳамроҳӣ**. Ин гуна муносибат дар байни 336 ибораи изофии қолаби «исм+сифат» ба назар расид. 64-тои онҳо мазмунро ҳамчунин дар қолаби ҷумлаи пайрави муайянкунанда ифода мекунанд. 6-тои ин ибораҳо на танҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ, балки вобастагии пешояндӣ низ шакл мегиранд. Хусусан, агар ҷузъи тобеашон сифати нисбӣ бошад: *кулоҳи намадӣ // кулоҳи аз намад омодашуда // кулоҳе, ки аз намад омода шудааст*.

2. **Ҳаммаъноии ибораҳои изофӣ бо вобастагии пасояндиву пешояндӣ.** Ҳангоми таъвизи ибораҳои изофии ин гурӯҳ воситаи грамматикии алоқаи байни муайяншаванда ва муайянкунанда ҳам тағйир меёбад (изофат ба пасоянду пешояндҳо). Ҳосилаҳои имконпазир дараҷаи истеъмоли маҳдуд доранд. Онҳоро бештар дар адабиёти классикӣ ва аҳёнан дар адабиёти бадеии муосир дучор омадан мумкин аст. Ҷузъи асосӣ ва тобеи ин гурӯҳро ҳамчунин як миқдор таркибҳои рехтаи ҷуфт ташкил додаанд: тоҷу тахти ту (6, с.11) – туро тоҷу тахт, молу мулки ту (6, с.11) – туро молу мулк, сайри бурҷу бораи қалъа (6, с.18) – бурҷу бораро сайр кардан:

Ҳайф, сад ҳайф, фарзанде, ки *тоҷу тахти ту*ро соҳиб ва ҷонишин бошад, надорӣ ва ин ҳама *молу мулки ту* ба душман мегузарад (4, с.11); Ман дар канори хандақ аз асп ба зер омада, ба *сайри бурҷу бораи қалъа* машғул шудам (4, с.18).

Азбаски ҷузъи асосии ибораҳои *тоҷу тахти ту, молу мулки ту* исмҳои конкретанд, ҳосилаҳои онҳоро дар мисолҳои боло истифода кардан ғайриимкон аст, аммо дар мисоли дуюм ҳосилаи ибораи *сайри бурҷу бораи қалъа*ро кор фармудан мумкин аст, зеро муайяншавандааш (сайр) исми ифодакунандаи амал аст: … ба *сайр кардани бурҷу бораи қалъа* машғул шудам. Аз нигоҳи услуб *сайри бурҷу бораи қалъа* гуфтан равонтар аст.

Мазмуни на ҳамаи ибораҳои изофии ин гурӯҳро бо қолаби вобастагии пешояндӣ ифода кардан имкон дорад. Танҳо миқдори муайяни онҳо чунин хусусият доранд: пайки аҷал (6, с.11) – аҷалро пайк // аз аҷал пайке; пайғоми марг (6, с.11) – маргро пайғом // аз марг пайғоме; бӯйи умед (6, с.46) – умедро бӯй // аз умед бӯе; умеди афв (6, с.79) – аз афв умед; дилдории модар (6, с.87) – модарро дилдорӣ // ба модар дилдорӣ додан; ибрати дигарон (6, с.95) – дигаронро ибрат // ба дигарон ибрат; хизмати бути бузург (6, с.122) – ба бути бузург хизмат кардан; рухсати подшоҳ (6, с.131) – подшоҳро рухсат // аз подшоҳ рухсат (хостан); дармони дард (164) – дардро дармон // ба дард дармон; муждаи саломатӣ (6, с.167) – саломатиро мужда // аз саломатӣ мужда (додан).

3. Ҳаммаъноии ибораҳои изофӣ бо вобастагии пешояндӣ. Баъзе қолабҳои ибораҳои изофӣ танҳо бо ибораҳои вобастагии пешояндӣ ҳаммаъно мешаванд. Дар ташаккули онҳо пешояндҳои аслии ***аз, ба*** саҳм мегузоранд: азми шикор (6, с.48) – ба шикор азм кардан;

гирифтори мавҷҳои бераҳм (6, с.105) – ба мавҷҳои бераҳм гирифтор шудан; ошиқи ӯ (6, с.108) – ба ӯ ошиқ; тайёрии сафар (6, с.79) – ба сафар тайёрӣ дидан; гирифтори он зебонигор (6, с.23) – ба он зебонигор гирифтор шудан; итоати фармон (6, с.25) – ба фармон итоат кардан; муждаи васл (6, с.34) – аз васл мужда; моили ӯ (6, с.132) – ба ӯ моил шудан; қобили арз (6, с.144) – ба арз кардан қобил будан; таслими теғи он (6, с.154) – ба теғи он таслим шудан; тайёрии зиёфат (6, с.152) – ба зиёфат тайёрӣ дидан; забони гуфтугӯ (6, с.162) – барои гуфтугӯ забон доштан; бӯйи асар (6, с.162) – аз бӯй асар; азми сайру шикор (6, с.178) – ба сайру шикор азм кардан; машғули дуохонӣ (6, с.182) – ба дуохонӣ машғул шудан; сайру гашти шаҳр (6, с.182) – ба сайругашти шаҳр баромадан // шаҳрро сайругашт кардан.

4. Муродифоти ибораҳои ҳамроҳӣ бо изофӣ. Дар ибораҳои ҳамроҳӣ воситаи алоқа тартиби калима буда, ҷузъи тобеъ пеш аз ҷузъи асосӣ ҷой мегирад. «… бо ин алоқа муайянкунандаҳо ва баёнияҳои беизофа ба муайяншаванда, аъзоҳои истисноӣ ба аъзои асосӣ, ҳолу пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта ба эзоҳшаванда тобеъ мешаванд» [2, с.11].

Ҷузъи асосии ибораҳои ҳамроҳии «Чор дарвеш», ки хусусияти муродифшавӣ доранд, исм буда, шумора, ҷонишин ва сифатро ба худ тобеъ кардааст:

а) «исм+сифат»: пуроб чашм (6, с.38) – чашми пуроб; дигар шаҳрҳо (6, с.46) – шаҳрҳои дигар; дигар моҳпайкарон (6, с.54) – моҳпайкарони дигар; дигар асбобҳои сафар (6, с.87) – асбобҳои дигари сафар; густохона суханон (6, с.114) – суханони густохона; дигар мамлакатҳо (6, с.163) – мамлакатҳои дигар; дигар илмҳо (6, с.164) – илмҳои дигар.

б) «исм+ҷонишин»: ҳар хел матоъ (6, с.26) – матои ҳархела; ҳар хел неъмат ва хӯрданӣ (6, с.32) – неъмат ва хӯрдании ҳархела; фалон модиён (6, с.35) – модиёни фалон; фалон дарахт (6, с.38) – дарахти фалон.

в) «исм+шумора»: як табақ таом (6, с.24, 90) – табақи таом; чилрӯза шикор (6, с.48) – шикори чилрӯза; як кӯза об (6, с.106) – кӯзаи об.

5. Ҳаммаъноии ибораҳои вобастагии пасояндӣ бо изофӣ. Муносибати муродифии ин гурӯҳ дар байни ибораҳои қолаби вобастагии пасояндӣ зоҳир гардидааст. Воситаи алоқаи байни ҷузъҳо пасоянди аслии ***–ро*** буда, дар аксар маврид ба объекти бевосита ишора мекунад. Ҳосилаҳои онҳо дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифтааст: ҷавонро маскан (6, с.151) – маскани ҷавон; дардро чора (6, с.162) – чораи дард; халқро дил (6, с.172) – дили халқ:

Он ҷавонро маскан (маскани он ҷавон) куҷост? (4, с.151); Чун он дардро чорае (чораи он дардро) надиданд, …муаллим ба назди падарам рафт ва сурати ҳолро гуфт (4, с.162); Инчунин ғуломро куштан барои он аст, ки халқро дил ба ҳоли ман бисӯзад // … дили халқ ба ҳоли ман бисӯзад.

6. Ҳаммаъноии ибораҳои вобастагии пешояндӣ бо изофӣ: бо рӯйи чун моҳ (6, с.18) – рӯйи моҳвор // моҳрӯй; пири пур аз макр ва тазвир (6, с.51) – пири пурмакру тазвир // пурмакру тазвир пир; як гурӯҳ аз сипоҳиён (6, с.80) – гурӯҳи сипоҳиён; марде ба синни чилсолагӣ (6, с.88) – марди чилсола // чилсола мард; корвоне аз савдогарон (6, с.125) – корвони савдогарон; хокаш монанди сурма сиёҳ (6, с.128) – хоки сурмавор сиёҳ // хоке, ки сурма барин сиёҳ аст.

Ҳамин тариқ, шоҳасари халқии «Чор дарвеш» бо риояи тамоми суннатҳо ва анъанаҳои насри классикии тоҷик таҳия шуда, тамоми зебоӣ, нафосат ва таровати забони адабии гузаштаро дар худ таҷассум кардааст. Аслан, ба забони он ибораҳои тафсилёфта чандон хос набуда, бештар ибораҳои сода мавқеи устувор доштаанд. Аз нигоҳи мансубияти ҳиссаинутқӣ ҳиссаи исм, аз ҷиҳати воситаи алоқа нақши изофат ва пасоянди ***–ро*** дар ташаккули ибораҳо ниҳоят калон аст. Маводи бойи амалии ин шоҳасар аз он шаҳодат медиҳад, ки он аз ганҷинаи имконоти муродифоти наҳвӣ бебаҳра намондааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1973. – 464 с.
2. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони ҳозираи тоҷик / М. Норматов. – Душанбе, 2011. – С.9.
3. Норматов М. забони адабии муосириятоҷик /Синтаксис/ (Воситаи таълим барои донишҷӯён) / М. Норматов. - Душанбе: Матбуот, 2015. – 324 с.
4. Тоҷиев Д.Т. Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе: Пойтахт, 2015. – 111 с.
5. Халилов А. Вазифаи бандаки изофӣ (-и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. – Душанбе, 1970. – С. 15.
6. Чор дарвеш. – Душанбе: Адиб, 2009. – 208 с.

ИБОРАҲОИ ИЗОФӢ ВА МУРОДИФОТИ ОНҲО БО ҚОЛАБҲОИ ДИГАРИ НАҲВӢ

(дар мисоли «Чор дарвеш»)

Дар мақола сухан дар бораи он ибораҳои изофие меравад, ки ҷузъи тобеи онҳо шумора ва зарф мебошанд. Ибораҳои исмии изофии ҷузъи тобеашон шумора 24-торо ташкил медиҳанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ шумораҳои миқдории аслӣ, шумораҳои миқдории тахминӣ ва шумораҳои тартибӣ кор фармуда шудаанд. Як миқдори шумораҳо бо нумератив пайваст шуда, ба вазифаи муайянкунанда меоянд. Вобаста ба шакли таъвиз чунин ибораҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд. Ба гурӯҳи аввал ҳамон ибораҳое дохил

шудаанд, ки мазмуни онҳоро чанд тариқа баён кардан имконпазир аст. Ба гурӯҳи дуюм ибораҳое мансубанд, ки мазмуни онҳо ҳамагӣ бо ду навъи алоқа – изофӣ ва ҳамроҳӣ ифода меёбанд. Ибораҳои исмии изофие, ки ҷузъи тобеашон зарф аст ва имкони таъвизшавӣ доранд, 49-торо ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, ки зарф бар эзоҳи амалу ҳолат ва ё аломат меояд. Бинобар ин, бо исм камтар муносибати грамматикӣ пайдо мекунад. Муайяншавандаҳои ибораҳои мазкур, асосан, аз исмҳои конкрет ва абстракт, исмҳои шахс, исмҳои ифодакунандаи амалу ҳолат ва исмҳои ҷомеъ иборатанд.

Калидвожаҳо: ибора, алоқаи изофӣ, воситаҳои алоқа, шумора, шумораҳои тартибӣ, шумораҳои миқдорӣ, зарф, муродифоти ибораҳои изофӣ.

ИЗАФЕТНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ И ИХ СИНОНИМИЯ С ДРУГИМИ СИНТАКСИЧЕСКИМИ ФОРМАМ (на примере «Четыре дервиша»)

В статье рассматриваются изафетные словосочетания, в которых подчинительным элементом являются числительные и наречия. Субстантивные изафетные словосочетания с подчинительным элементом числительным составляют 24 единицы. В качестве подчинительного элемента выступают количественные и порядковые числительные. Часть из них употребляются в сочетании с нумеративами и выполняют функцию определения. В зависимости от формы преобразования указанные словосочетания разделены на две группы. К первой группе относятся те словосочетания, содержание которых можно выразить несколькими способами. Ко второй группе можно отнести те словосочетания, содержание которых выражаются всего лишь двумя способами связи – изафетным и примыканием. Субстантивные изафетные словосочетания с подчинительным элементом наречия составляют 49 единиц. Эти те единицы, которые имеют возможность трансформироваться. Необходимо отметить, что наречия обозначают признак действия, состояния и признак признака. Следовательно, между существительным и наречием редко наблюдается грамматические отношения. Определяемым указанных словосочетаний являются конкретные, абстрактные, вещественные существительные и существительные, выражающие действие, состояние и множество.

Ключевые слова: словосочетание, изафетная связь, средства связи, числительные, количественные числительные, порядковые числительные, наречие, синонимия изафетных словосочетаний.

IZAFETNY PHRASES AND THEIR SYNONIMY WITH OTHERS SYNTACTIC TO FORMS
(on the example of "Four Dervishes")

In article is considered izafetny phrases in which a subordinate's element is numerals and adverbs. Substantive izafetny phrases with a subordinate's element a numeral make 24 units. Cardinal and ordinal numerals act as a subordinate's element. Parts of them are used in combination with enumerative, and definitions perform function. Depending on a transformation from the specified phrases are divided into two groups. Those phrases which contents can be expressed in several ways belong to the first group. To the second group it is possible to correlate those phrases which contents are expressed only by two ways of communication – izafetny and an adjunction. Substantive izafetny phrases with a subordinate's element of an adverb make 49 units. These units which have an opportunity to be transformed. It should be noted that adverbs designate sign of action, a state and sign of sign. Therefore, between a noun and an adverb it is seldom observed the grammatical relations. The concrete, abstract, material nouns and nouns expressing action, a state and a set are defined the specified phrases.

Key words: a phrase, izafetny communication, means of communication, numerals, cardinal numbers, ordinal numerals, an adverb, a synonymy of izafetny phrases with other versions.

Сведения об авторе: ***Иброимова Г.Н.*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, соискатель кафедры методики и практики языкознании. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 98-894-95-03**

Information about the author: ***Ibroimova G.N.*** **-** Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant for the Department of Methodology and Practice of Linguistics. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121 Rudaki Ave. Tel: **(+992) 98-894-95-03**

УДК: 42+491.550+41 (575.3)

ОИД БА МАФҲУМҲОИ МУОДИЛНОКӢ ВА БЕМУОДИЛӢ ДАР ТАРҶУМА

Зокирзода М.Ш.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Замони муосирро, ки дар он муносибатҳои дипломатӣ, равобити тиҷоратӣ, бархӯрди тамаддунҳо, пешрафти илму техника, муносибатҳои байнифарҳангӣ ба мадди аввал баромадааст, бе тарҷума ва тарҷумонӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тарҷума пайвандгари фарҳангу тамаддун, "кафшергар"-и наслҳост. Маҳз ба воситаи тарҷума аз илму маданияти ин ё он халқият огаҳӣ пайдо мекунем. Тарҷума инсонҳоро ҳам ба муддати кӯтоҳ ва ҳам дуру дароз дар робита қарор медиҳад. Аз суҳбати ду нафар дӯсте, ки ба забонҳои гуногун ҳарф мезананд, то муносибатҳои сатҳи олии кишварҳоро тарҷума пайванд месозад. Хусусан, бо ривоҷ ёфтани тарҷума мардум имкони дастрасӣ ба дастовардҳои беназири фарҳангию мадании халқҳои дигарро пайдо намуданд ва он ба рушду инкишоф ва бою ғанӣ гаштани адабиёту фарҳангҳо мусоидат менамояд. Иштибоҳ нахоҳем кард, агар гӯем, ки тарҷума то ҳол рисолати худро ба анҷом мерасонад. "Дар таърихи инсоният, вақте гурӯҳи одамони гуногунзабон пайдо шуданд, дузабонҳо ба вуҷуд омадаанд, ки барои муошират гурӯҳҳои гуногунзабон кумак мерасониданд. Бо пайдоиши алифбо ба чунин тарҷумонҳои шифоҳӣ «тилмочҳо», инчунин тарҷумонҳои хаттӣ ҳамроҳ шуданд" [7, с.3].

Дар масири қарнҳо тарҷума дар баланд бардоштани сатҳи маданияту маънавиёти инсонҳо саҳми беназир гузоштааст. Нақши калидии тарҷума аст, ки мо имрӯз намояндаҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳон – Суқрот, Арасту, Шекспир, Диккенс, Уайлд, Гёте, Данте, Пушкин ва садҳои дигарро медонему аз ҳаёту фаъолияташон бархӯрдор гаштаем. Тарҷума Ибни Синою Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Румиву Хайём, Берунию Ал-Хоразмӣ, Саъдиву Ҳофиз, Айниву Турсунзода ва даҳҳо нобиғаҳои беҳамтои адабиёти тоҷику форсро дар тамоми ҷаҳон машҳур кардааст.

“Тарҷума аз замонҳои қадим вазифаи худро ба анҷом мерасонад, вале маҳз дар асри XX инсоният аҳаммияти онро дарк кард. Ҳамин буд, ки маҷаллаи “Babel” дар нашри якумини худ, соли 1955, асри XX-ро “Асри тарҷума” ном бурд” [1, с.8].

Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили мафҳумҳои муодилнокӣ ва бемуодилӣ аз нигоҳи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мебошад.

Дар ҳар давру замон олимон мафҳуми “тарҷума”-ро шарҳ додаанд. Черняховская Л. дар ин бобат чунин гуфтааст: “Тарҷума яке аз намудҳои фаъолияти нутқ буда, мақсадаш азнавсозии сохтори матни асл мебошад, ки дар натиҷаи он муҳтавои матни асл нигоҳ дошта шуда, шакли ифода тағйир меёбад. Яъне, як забон ба забони дигар табдил меёбад” [17, с.3]. Ретскер Я. чунин мешуморад, ки “тарҷума барқарорсозии матни аслест, ки ба воситаҳои забони дигар ифода ёфта, муҳтаво ва услуби худро нигоҳ медорад. Маҳз бо ҳамин хусусияти худ тарҷума аз ҳикоя фарқ дорад, ки дар он метавон ба ҷузъиёти дуюминдараҷа ва услуби асар диққат зоҳир накарда, муҳтавои асари хориҷиро интиқол дод. Ҳангоми тарҷума муҳтаво ва услуби матн дар асоси сохтори забони дигар ифода ёфта, воҳиди нави мувофиқ ба забони тарҷумаро ташкил мекунад” [8, с.5]”. Алексеева И. мухтасар ва муъҷазбаёнӣ карда, “ҳама он ҳолатҳоеро, ки матн дар як забон таълиф шудаву ба забони дигар ифода меёбад, тарҷума” номидааст [1, с.5].

Ҳамин тариқ, олимон тарҷума ва раванди онро таърифҳои гуногун додаанд. Дар ду маъно овардани мафҳуми “тарҷума” аз ҷониби Бархударов Л. моро бештар қонеъ мегардонад, ки чунин қайд кардааст: “1) Тарҷума ҳамчун натиҷаи раванди муайян, яъне матне, ки аз як забон ба забони дигар баргардонида шудааст. Мисол: Ин тарҷумаи олии асари Диккенз мебошад. Ба наздикӣ тарҷумаи нави ашъори Байрон ба табъ расид. 2) Худи раванди баргардонидан, ки дар натиҷаи он матни тарҷума ба вуҷуд меояд” [2, с.5]. Мисол: У тарҷума карда истодааст.

Фёдоров А. низ мантиқан ҳамин нуқтаи назарро ҷонибдор буда, тарҷумаро ду маънӣ мебахшад, “яке раванди тарҷума, ки матн (чи шифоҳӣ бошад, чи хаттӣ) аз забони мабдаъ ба забони мақсад бармегардад; дуюм, натиҷаи ҳамин раванд, ки асари наве (чи шифоҳӣ бошад, чи хаттӣ)-ро ба вуҷуд меоварад” [15, с.13].

Дар фарҳангу луғатнома ва дигар сарчашмаҳо раванди баргардонидани матн аз як забон ба забони дигар ва натиҷаи он, қариб ки ба як маъно – тарҷума омадааст. Масалан, дар ҷилди якуми “Ғиёс-ул-луғот” баён кардани матолиби як забон ба забони дигар ҳамчун “тарҷама” омадааст ва маъхази он “тарҷумон” аст, ки муарраби “тарзубон” мебошад [4, с.190]. Дар нашри соли 1969-и “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ҳам “тарҷима” ва ҳам “тарҷума” ба маънои “аз як забон ба забони дигар гардондан” омадааст [14, с.334].

Дарвоқеъ, асарҳои машҳури ҷаҳониро, ки дурдонаҳои адабиёт ба ҳисоб мераванд, ба забони тоҷикӣ тарҷума кардан зарур аст. Зеро аз он шоҳкориҳое, ки адибони барҷаста эҷод кардаанд, мо бояд баҳраманд гардем ва, дар навбати худ, осори гаронбаҳову пургановати адабиёти тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунем, ки дар ин кор, албатта, нақши тарҷума хеле бузург аст.

Дар нигоҳи аввал чунин менамояд, ки тарҷума кардан барои донандаи забони хориҷӣ як кори одӣ ва муқаррарист. Ё худ, ҳар касе забони хориҷиеро балад бошад, кори тарҷумониро анҷом дода метавонад. Вале дар асл кор ранги дигар дорад. Тарҷума як навъ фаъолияти эҷодиест, ки аз тарҷумон маҳорати баланди касбӣ, донишҳои заминавӣ, маълумот оид ба таъриху фарҳанги забони тарҷумашаванда, малакаи хуби кор бо фарҳангҳову луғатномаҳо, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва ғайраро талаб мекунад, зеро муваффақияти ӯ маҳз аз ҳалли дурусти тарҷумаи воҳидҳои забон вобастагӣ дошта, саҳлангорӣ дар ин ҷода ба ғалатҳои ҷиддӣ ва нокомиҳои касбӣ оварда мерасонад. Ҳангоми тарҷума тарҷумон ба як қатор мушкилиҳо дучор мешавад, ки ҳалли онҳо аз ӯ таваҷҷуҳ ва диққати зиёду махсусро талаб менамояд. Хусусан, бархӯрди тарҷумон ба воҳидҳои луғавии бемуодил, “яъне воҳидҳои луғавии забони А, ки дар забони Б эквивалент, ё худ баробарҳои бевоситаи луғавии худро надоранд” [12, с.8], яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Баъзан вақт тарҷумон ба усули тарҷумаи таҳтуллафз ё озод роҳ медиҳад, зеро ҳастанд образу ифодаҳо ва воҳидҳое, ки муродифи онҳо дар забони тарҷумакунанда нестанд ё бошанд ҳам, чандон мувофиқат намекунанд. Барои ба хонанда равшану возеҳ ва фаҳмо кардани онҳо тарҷумонро зарур аст, ки сари ҳалли ин масъала натанҳо ба луғот мурочиат намояд, балки дар бораи таърих, сохти иҷтимоию сиёсии замони таълифи асар, эҷодиёти дигари муаллиферо, ки асарашро тарҷума мекунад, ҳамчунин ҷаҳонбинӣ, тафаккури эстетикиву сиёсӣ, хусусиятҳои услубии

эҷод, вежагиҳои ҷараёни адабие, ки адиб намояндаи он аст, маълумоти кофӣ дошта бошад. Масалан, “тарҷумаи ашъори Фирдавсӣ танҳо ба он кас муяссар мешавад, ки ӯ забони матни аслро бо тамоми нозукиҳояш дониста, аз адабиёту фарҳанг, анъанот, расму оинҳо, дину мазҳаб ва сиёсату иқтисодиёти давраи дар асар тасвиршаванда огоҳии комил дошта бошад” [10, с.87]. Инчунин, “ҳангоми кор кардан бо матн тарҷумон набояд фаромӯш кунад, ки ҳаҷми маълумоти экстралингвистии хонандаи ӯ нисбат ба хонандагони матни асл камтар аст” [7, с.19-20]. Аз ин хотир, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар тарҷумон шарҳи воҳидҳои луғавии бемуодилро дар поварақ ё дар охири асар қайд мекард.

Қабл аз он ки атрофи мафҳуми “бемуодилӣ” ҳарф занем, худи мафҳуми “муодил” ё “эквивалент”-ро дарк кардан ва дар бораи он маълумот доштан зарур аст.

Дар “Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ” калимаи “equivalent” ҳамчун “муодил, ҳамбаҳо” ва “ҳаммаънӣ, ҳамарз ва баробар” қайд гардидааст [13, с.293]. Дар “Луғати русӣ-тоҷикӣ” калимаи “эквивалент” ба маънои “эквивалент, ҳамарзиш” [9, с.1227] ва дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаи “муодил” ба маънои “баробар, мусовӣ, баробарқимат” [14, с.740] омадааст.

Дар тарҷумашиносӣ олимон онро ба таври гуногун маънидод кардаанд. Масалан, Влахов С. чунин мешуморад, ки “эквивалент (муодил) айнияти кулли воҳидҳои ду забон аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа (семантика, коннотатсия, фон) маҳсуб меёбад” [3, с.47]. Иванов А. пешниҳод дорад, ки “эквивалент мувофиқати функсионалии матни асл бо матни тарҷума аст, ки дар он воҳидҳои матни асл, ё ин ки яке аз вариантҳои воҳиди забони матни асл бо ҳамаи ҷузъиёташ ба забони матни тарҷумашаванда интиқол меёбад” [5, с.187]. “Мувофиқати пурраи мазмуни матни забони А ва матни забони Б-ро дар доираи меъёрҳои забон муодилнокӣ таъмин менамояд”, меафзояд Комиссаров В. [6, с.75].

Аз андешаҳои олимон бармеояд, ки муодилнокӣ мувофиқати воҳидҳо дар забонҳои мушаххаси мавриди назар мебошад. Он аз калимаи лотинии “aequivalens” гирифта шуда, маънояш ҳамарзиш, ҳаммаъно мебошад. Барои тарҷумаи мукаммали воҳидҳо тарҷумон бояд таркиби луғавии ганӣ дошта бошад, то муодили ин ё он воҳидро дуруст интихоб ва корбаст карда тавонад. Муодилнокии комилро дар матни тарҷума мавҷудияти воҳиди муайян дар забони тарҷума таъмин менамояд.

Аз таҳлили мафҳуми муодилнокӣ дар раванди тарҷума маълум мегардад, ки бемуодилӣ зидмаънои он буда, чи аз нигоҳи мазмун ва чи аз нигоҳи сохтор мувофиқат накардани воҳидҳои забони А ва забони Б мебошад. Чи тавре дар боло зикр кардем, маҳз воҳидҳои луғавии бемуодил яке аз мушкилоти ҷиддиест, ки ҳалли он аз тарҷумон маҳорату малака ва донишу маълумоти махсусро тақозо менамояд. Ба андешаи мо проблемаи асосии тарҷумаи ин воҳидҳо “дар он дида мешавад, ки ҳар як забон воситаи ифода кардани арзишҳои фарҳангию миллии як халқи муайянест, ки дар навбати худ таъриху тамаддун ва ҷанбаҳои ба худ хосро дорост” [11, с.72]. Ғолибан, ҳар як забон барои халқияту миллати махсус хизмат мерасонад ва ифода кардани назокату нафосати арзишҳои фарҳангию миллии ин халқият барои халқияти дигар душвориеро ба вуҷуд меорад. “Дигар вежагии воҳидҳои луғавии бемуодил ба он нисбат дода мешавад, ки ҳар як забон соҳиби сохтори грамматикии такрорнашаванда ва хусусиятҳои типологии ҳамон забон аст, ки он дар ягон забони дигар, чи дар он оилае, ки шомили он ҳаст ва чи дар дигар оила ё гурӯҳи забонҳо мушоҳида намегардад” [11, с.72]. Ҳамин аст, ки барои тарҷумон дар раванди тарҷума маҳз воҳидҳои луғавии бемуодил садди роҳ мешаванд, ки ин монеаро танҳо тарҷумони чирадаст пушти сар карда метавонад.

Олимони соҳа воҳидҳои луғавии бемуодилро ба навъҳо, синфҳо, гурӯҳҳо аз ҷиҳати мазмун, сохт, шакл ва дигар роҳу воситаҳо тасниф кардаанд. Реалияҳо, холигоҳҳои маъноӣ ё худ лакунаҳо, ихтисораҳо ё аббревиатура, сохторҳои хос ё экзотизмҳои сохторӣ, архаизмҳо, неологизмҳо, исмҳои хос, зарбулмасалу мақолҳо, фразеологизмҳо, афоризмҳо ва ғайра, ки дар раванди тарҷума мушкилиҳои зиёдро пеш меоранд, воҳидҳои луғавии бемуодил мебошанд. Вале қайд кардан бамаврид аст, ки “мавҷуд набудани маънои пурра ё ҳамешагии воҳиди луғавии забони А дар забони Б маънои онро надорад, ки: 1) дар дохили матн маънои онро интиқол додан номумкин аст (ақаллан ба воситаи шарҳ додан, ё на бо як калима, балки бо якчанд калима ва ё ибора онро интиқол додан мумкин аст); 2) дар оянда низ он тарҷума намешавад” [16, с.123]. Аммо набояд фаромӯш кард, ки воҳидҳоро танҳо дар доираи забонҳои муқоисашаванда бемуодил ҳисобидан мумкин аст, яъне мавҷуд набудани муодили як воҳиди забони А дар забони Б маънои онро надорад, ки муодили он дар забони В низ нест.

Таърихи ҳар як забон гувоҳ аст, ки бо пешрафт ва дигаргун шудани сатҳи зиндагии мардум ва илму фарҳанги як халқият таркиби луғавии забони он низ ҳамеша дар ҳолати тағйирот ва бою рангин шудан қарор дорад. Маҳз ҳамин омил имкони васеи тарҷума кардани воҳидҳои луғавиро низ фароҳам меорад.

Хулоса, мо чанд ақидаи олимони тарҷумашиносро бознигарӣ кардем ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки “тарҷума” мафҳуми васеъ дошта, паҳлуҳои гуногун дорад ва таърифу

қоидаҳои пешниҳоднамудаи олимон низ ин мафҳумро аз ҷиҳатҳои гуногун тавсиф кардаанд.

Ҳамчунин, таҳлил ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки воҳидҳои луғавии бемуодили забон дар раванди тарҷума мавқеи хосса доранд ва дар алоҳидагӣ ба таври муфассал таҳқиқ намудани ҳар як гурӯҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Зеро, вақте ки сухан дар бораи воҳидҳои муодилдор меравад, дар раванди тарҷума мушкилиҳои хос эҷод намешавад. Маҳз воҳидҳои бемуодил ба сифати тарҷумаҳо таъсири бевосита доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева И.С. Введение в переводоведение: Учеб. пособие для студ. филол. и лингв, фак. высш. учеб. заведений / И.С.Алексеева. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ; - М.: Издательский центр «Академия», 2004. - 352 с.
2. Бархударов Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода) / Л.С. Бархударов. - М.: Междунар. отношения, 1975. – 240 с.
3. Влахов С. Непереводимое в переводе / С. Влахов, С. Флорин. – М.: Международные отношения, 2009. – 360 с.
4. Ғиёс-ул-луғот: Иборат аз се ҷилд. - Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. Алиф-шин. - 480 с.
5. Иванов А.О. Безэквивалентная лексика / А.О. Иванов. – СПб.: Типография издательства СПбГУ, 2006. – 200 с.
6. Комиссаров В.Н. Теория перевода / В.Н. Комиссаров. – М.: Прогресс, 2000. – 253 с.
7. Нағзибекова М. Назарияи тарҷума / М. Нағзибекова. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 76 с.
8. Рецкер Я.И. – Пособие по переводу с английского языка на русский язык. – 3-е изд., перераб. и доп. / Я.И. Рецкер. – М.: Просвещение, 1982. – 159 с.
9. Русско-таджикский словарь: Свыше 72000 слов / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др.; под ред. М.С. Асимова. - М.: Рус. яз., 1985. – 1280 с.
10. Самадов А. Шигардҳои тарҷума / А.Самадов / Шигардҳои тарҷума. – Душанбе: Сабрина-К, 2016. – С.183.
11. Турсунов Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография / Ф.М.Турсунов. - Душанбе, 2015. – 432 с.
12. Турсунов Ф. Реалиҳо ҳамчун яке аз гурӯҳҳои барҷастатарини воҳидҳои лексикии бемуодил ва хусусияти тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ / Ф.Турсунов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. - №4/3 (167). – С. 8–12.
13. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ: муҳаррир ва мураттиб А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2011. – 1016 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. - Москва: Нашриёти «Советская Энциклопедия», 1969. – Ҷ.2. - 947 с.
15. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы): Для институтов и факультетов иностр. языков. Учеб. пособие. - 5-е изд / А.В.Фёдоров. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ; - М.: ООО «Издательский Дом «ФИЛОЛОГИЯ ТРИ», 2002. - 416 с.
16. Фёдоров А.В. Основы общей теории перевода: (лингвист. пробл.) / А.В. Фёдоров. – СПб., 2002. – 416 с.
17. Л.А. Черняховская. Перевод и смысловая структура / Л.А.Черняховская. - М.: «Междунар. отношения», 1976. – 264 с.

ОИД БА МАФҲУМҲОИ МУОДИЛНОКӢ ВА БЕМУОДИЛӢ ДАР ТАРҶУМА

Дар мақола муаллиф мафҳумҳои “тарҷума”, “муодилнокӣ” ва “бемуодилӣ”-ро дар тарҷумашиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф қайд менамояд, ки калимаи “тарҷума” дар забони тоҷикӣ дар шаклҳои “тарҷима” ва “тарҷама” низ ба мушоҳида мерасад. Дар мақола ҳамчунин оид ба шарҳу тавзеҳи мафҳуми мазкур маълумот дода шудааст, ки аз нигоҳи олимони соҳа ақидаҳои мухталиф пешниҳод гардидаанд. Ба андешаи муаллифи мақола таърифи мукаммалу қобили қабул аз ҷониби олими шинохтаи соҳаи тарҷума Бархударов Л. С. пешниҳод карда шудааст, зеро барои посух ба суолҳои матраҳшуда метавон ба он мурочиат ва такя карда, дар рафти таҳқиқ аз он босамар истифода бурд. Дар мақола инчунин мафҳуми “муодилнокӣ” дар луғату фарҳангномаҳо мавриди таҳлилу қиёси илмӣ қарор гирифта, маънои он дар маъхазҳои мазкур - “баробар, ҳамарз ҳаммаънӣ, мусовӣ, баробарқимат” ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи муаллиф дар тарҷумашиносӣ мувофиқати воҳидҳо дар забонҳои мушаххаси мавриди назар муайян мегардад ва муодилнокии комилро дар матни тарҷума мавҷудияти воҳиди муайян дар забони тарҷума таъмин менамояд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бемуодилӣ дар раванди тарҷума зидмаънои муодилнокӣ маҳсуб меёбад ва маҳз мавҷуд набудани воҳиди муайян дар забони тарҷума бемуодилӣ мебошад.

Калидвожаҳо: тарҷумашиносӣ, тарҷумон, тарҷума, мушкилоти тарҷума, муодилнокӣ, муодил, воҳидҳои бемуодил, баргардонидан, забон, матн.

О ПОНЯТИЯХ «ЭКВИВАЛЕНТНОСТЬ» И «БЕЗЭКВИВАЛЕНТНОСТЬ» В ПЕРЕВОДОВЕДЕНИИ

В данной статье автор рассматривает вопрос о понятиях «перевод», «эквивалентность» и «безэквивалентность» с точки зрения переводоведения. Исследование показало, что, как отмечает автор, слово *«тарљума»* в разных таджикских источниках встречается как *“тарљима”* и *“тарљама”*. В статье также отмечаются разные точки зрения ученых о данном понятии. Автор этой статьи убеждён, что именно Бархударов Л., известный ученый в области перевода, дает более понятное и точное определение перевода. Также в статье анализируется понятие «эквивалентность» согласно данным различных словарей, и оно переводится на таджикский язык как *«баробар», «ҳамарз», «ҳаммаънӣ», «мусовӣ», «баробарқимат»*. По мнению автора, соответствие единиц языков уточняется в пределах конкретных языков, т.е. слов языка. А, не имеющее конкретного эквивалента в языке Б, не означает, что не имеет эквивалента в языке В. Если в языке Б есть точный эквивалент слова языка А, перевод будет точным, правильным и «эквивалентным». Исследования показывают, что понятие «безэквивалентность» противоположно понятию «эквивалентность» в процессе перевода, т.е. это случаи, когда слово языка А не имеет конкретный и точный эквивалент в языке Б. Как нам известно, единицы разных языков соответствуют друг другу на разных уровнях и в разной степени. Как полагает автор, в английском и таджикском языках есть лексические единицы, которые имеют эквиваленты или они вообще безэквивалентны. Как обычно, безэквивалентная лексика затрудняет работу переводчика и создает проблемы в процессе перевода, что заставляет его знать о них больше и иметь фоновые знания и разные сведения об истории и культуре того или

иного народа, с языка которого он переводит. Таким образом, переводчик может избежать проблем в области перевода безэквивалентных слов, путем особого подхода. В статье также рассматриваются лингвистические особенности упомянутых понятий, с точки зрения переводоведения, и автор пытается внести свой вклад в данный вопрос.

Ключевые слова: переводоведение, переводчик, перевод, проблема перевода, эквивалентность, эквивалент, безэквивалентная лексика, переводить, язык, текст.

ON THE CONCEPTS OF "EQUIVALENCE" AND "NON-EQUIVALENCE" IN TRANSLATION

The concepts "translation", "equivalence" and "non-equivalence" were taken under consideration by the author, according to the science of translation. During research, it was found that the term "translation" (тарљума) was met as "тарљима" and "тарљама" in different tajik sources. There are also different points of view of several scientists given in the article. The author considers that the definition of translation suggested by Barkhudarov L. is more clear and exact and it is more useful to use during the research. Also, the term "equivalence" is analyzed in this study according to the different tajik sources and it is translated into Tajiki as *"баробар", "њамарз", "њаммаънї", "мусовї", "баробарќимат"*. The author states that the correspondence of language units is specified within the concrete languages. The word of source language, not having a specific equivalent in target language A, does not mean that it does not have an equivalent in target language B. If there is a concrete and specific equivalent of a word of source language in target language A, the translation will be correct, exact and "equivalent". The studies confirm that the concept "non-equivalent" is opposite to the concept "equivalence" in the translation process, it means that a word of source language doesn't have an equivalent in target language A. As we know, the units of different languages correspond to each other at different levels and degrees. The author thinks that there are lexical units in the English and Tajiki languages, which either have equivalents, or do not have any. As usual, non-equivalent units complicate the translator's work and create problems in the translation process. Actually, it makes translator to learn more about them and have background knowledge and different information about the history and the culture of a people, from whose language he (or she) translates. Thus, it helps and makes translator to avoid the problems while translating non-equivalent words by a special approach. The article also considers linguistic peculiarities of the mentioned concepts according to the science of translation, and the author tries to make this contribution to the translation study through his research.

Key words: science of translation, translator, translation, translation problems, equivalence, equivalent, non-equivalent (units), to translate, language, text.

Сведения об авторе: ***Зокирзода Масрури Шарифджон*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул Мухамадиев 17/6. E-mail: **zokirzoda.m@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 501-00-80-70**

Information about the author: ***Zokirzoda Masruri Sharifjon*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, the aspirant of the comparative linguistic and theory of translation department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev St. 17/6. E-mail: **zokirzoda.m@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 501-00-80-70**

УДК: 491.550-54:891.550-1

ПЕШВАНДҲОИ ВОЖАСОЗИ ФЕЪЛ ДАР ДОСТОНИ «СИЁВУШ»-И «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Акбарова Д.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асрҳои IX-X оғози ба анҷомрасии ташаккули забони адабии тоҷик ба шумор рафта, омӯзиш ва таҳлилу тадқиқи забони осори пурғановату гаронбаҳои ба мерос мондаи ин давра заминаи асосии муайян намудани қонуниятҳои инкишоф ва вижагиҳои забонии осори асрҳои минбаъда мебошад.

Намунаи оливу барҷастаи осори ин давра «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Фирдавсист, ки дорои захираи луғавии ғанӣ ва вижагиҳои ҷолибу барҷастаи забонӣ буда, аз ҷиҳати дарбаргирии манзараи комили сохтори луғавии забони адабии тоҷик ва эҳёи суннатҳои аҷдодони мо дар бахши фарҳангу забон, ки дар замони салтанати арабҳо хеле коста гардида буданд, ҳамсангу ҳампояи хешро дар таърихи пурфохира ва дарозои тамаддуну адабиёти мо доро нест ва барои рушду инкишоф, пешрафту мукаммал гардонидани таркиби луғавии забони адабии имрӯзаи тоҷик, забони осори илмӣ, забони васоити ахбори омма, истилоҳот ва истилоҳсозӣ манбаъ ва заминаи бузургу бойи луғавист. Ин гуфтаҳоро суханони Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон тақвият мебахшанд, ки гуфтааст: «…Фирдавсӣ бо таълифи «Шоҳнома» дар амри бақою пойдории забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) хидмати босазо ва мондагор анҷом додааст. Наҳзату шукуфоии забони тоҷикӣ дар охири аҳди Сомонӣ ва ибтидои аҳди Ғазнавӣ бо номи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ пайвастагии ногусастанӣ дорад» [19, с.302]. Ин асари мондагор «аз назари ҳунари суханварӣ, шеърият, луғот ва ганҷинаҳои сухани сара, неруи фикри болиғ ва қудрати баёни фасеҳ ва умуман аз назари ҳаҷми ин бузургофаридаи доҳиёнаи замони Сомониён як асари беҳамто ва бемислу монанд аст» [2, с.6].

Бинобар ин, омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи паҳлуҳои гунаранги забони осори ин абармард, ки ба қавле, перомуни аҳаммияти забонии "Шоҳнома", сухани

аввал ва охирро худи Фирдавсӣ гуфтааст: “Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ”... дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ буда, аз масъалаҳои муҳимми эроншиносӣ, бахусус, забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад ва бо ҳамин далел тадқиқи забони осори Фирдавсӣ дар илми забоншиносии олам ҳамеша мубрам боқӣ мемонад. Ҳамзамон, “...тадқиқу таҳлил ва омӯзиши забони адабӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ барои муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии забони адабии асрҳои гуногун ёрии калон мерасонад” [7, с.3].

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи «Шоҳнома» ифодагари он аст, ки ин китоб яке аз нодиртарин ганҷинаҳои забони форсӣ - тоҷикӣ буда, пур аз вожаҳои асилу таркибҳои хуб ва истилоҳоти адабӣ мебошад ва шеъри Фирдавсӣ тӯли садаҳои дароз ин ҳама вожаю истилоҳҳоро дар паноҳи ҳифозати худ гирифтааст ва Фирдавсӣ ягона суханварест, ки аз вожаҳои аслии форсии тоҷикӣ аз ҳама бештар истифода намудааст. Ин нуктаро сардафтари адабиёти муосири тоҷик - Садриддин Айнӣ дар мақолааш “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”- и ӯ” ҳангоми шоҳасарро ҳам аз ҷиҳати адабию бадеӣ ва ҳам аз ҷиҳати забонӣ тадқиқ намудан, чунин баён кардааст: “Забони “Шоҳнома” содатарин ва софтарини забонҳои классикони Эрон аст. Ин забон ҳарчанд (чунонки тазкиранависон мегӯянд) тамоман беарабӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин ки дар замони истилои араб бар Аҷам навишта шудааст, ба дараҷае, ки бе арабӣ гуфтан тавон, камарабист. Бештарин арабиҳои дар ин китоби бузург кор фармудашуда ҳам монанди **ҳадя, аҳсан, ғам, навбат** арабиҳои ба забони форсӣ ҳазмшуда, ё ин ки монанди **малак, фалак, ҷазо, қадар** исмҳои ба ҳар форсизабон фаҳмо мебошанд. Ба ҳар ҳол, арабиҳои авомнофаҳмо кам андар кам аст” [3, с.43].

Бинобар ин, қарор додем, ки дар мақолаи хеш як ҷузъи забонии он - вижагиҳои вожасозӣ ва корбурди пешвандҳои вожасози феъли яке аз достонҳои калонтарини “Шоҳнома”- и Фирдавсӣ – достони “Сиёвуш”- ро таҳлилу баррасӣ намоем.

Бояд гуфт, ки вожасозӣ аз маъмултарин омили рушду инкишофи забон буда, дар тамоми давраҳои таърихӣ дар забони форсии тоҷикӣ мушоҳида мешавад ва тайи рушди ин забон дар ҳама услубҳои он луғату истилоҳоти фаровонеро метавон пайдо кард, ки бар пояи қолабҳои суннатии вожасозӣ танзим ва такмил ёфтаанд.

“Калимасозӣ аз бахшҳои калони забон ба ҳисоб меравад” [7, с.143], яъне соҳаи мустақилу алоҳидаи забоншиносӣ буда, “... яке аз омилҳои асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад”[14, с.6, 93; 9, с.37]. Аз ин рӯ, аксарият бар он андешаанд, ки ин роҳи рушду такомули таркиби луғавии забон махсусияти доимӣ дорад ва аз муҳимтарин қонунмандии забон маҳсуб ёфта, ҳамеша мавриди омӯзиш қарор мегирад.

«Яке аз сермаҳсултарин роҳи вожасозӣ роҳи морфологии вожасозӣ [6, с.135; 10, с.39] мебошад, ки дар забони адабии тоҷик хеле сермаҳсул буда, бо вандҳо (аффиксҳо) сохта шудани вожаҳо ва вожаҳои мураккабро дар бар мегирад» [4, с.88-89].

Бо пешвандҳо сохта шудани вожаҳо яке аз маъмултарин воситаи роҳи сарфии вожасозист, ки ҳамеша дар забони адабии тоҷик омили ғановату таҷаддуд буда, ҳамзамон, вижагии усули бо пешвандҳо сохтани феълҳо дар таърихи забони форсии тоҷикӣ собиқаи таърихӣ дорад, ки пажӯҳишгарон аз дақиқӣ ва усувории мавқеи онҳо ва ҳадде тағйирнопазирии онҳо шаҳодат медиҳанд. «Корбурди пешвандҳо дар забони форсии миёна дар асоси вижагиҳои сарфӣ, он ҳам аз роҳи суннати гуфторӣ ва ҳам навиштороӣ идома кардааст» [15, с.136]. Ба ҳар сурат, вижагиҳои суннатии ташаккули бо пешвандҳо сохтани вожаҳо то имрӯз идома меёбад ва ниёз ба тадқиқу баррасии комил дорад.

Дар забони тоҷикӣ пешвандҳо ба мисли пасвандҳо ба шаклсозӣ ва вожасозӣ қодиранд. Аз ин рӯ, онҳоро ба гурӯҳҳои зер ҷудо намудаанд:

а) пешвандҳои шаклсоз: на-, ме-, ҳаме-, би-(бу-), ма-;

б) пешвандҳои вожасоз: бо-, ба-, бар-, бе-, на-, то-, дар-, фур-(фар-, фурӯ-), во-, боз- ва монанди инҳо.

Ҳамчунин, забоншиносон пешвандҳоро аз рӯйи иштирокашон дар вожасозии ҳиссаҳои номии нутқ ва феъл ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. Пешвандҳо (префиксҳо): ба-, бар-, бо-, бе-, но-, то-, ҳам-, дар- ва ғайра;
2. Пешвандҳои феълсоз (превербҳо): бар-, дар-, фур-, фурӯ-, фар-, боз-, во- ва монанди инҳо.

Онҳо дар вожасозии феъли забони тоҷикӣ бештар истеъмол ёбанд ҳам, сермаҳсул нестанд.

Бояд гуфт, ки миқдори пешвандҳо назар ба пасвандҳо чандон зиёд нестанд. Тадқиқотҳо ва маъхазҳои илмӣ бозгӯйи онанд, ки баъзе пешвандҳои забони тоҷикӣ асосан аз ҳисоби зарф ва пешояндҳо ба вуҷуд омадаанд. Ҳоло онҳо ба реша ва асосҳои вожа ба дараҷае махлут шудаанд, ки аз ҷиҳати морфологӣ ҷудо кардани онҳо имконнопазир мебошад: **о-(омехтан), аф-(афрӯхтан), ан-(андовидан), фар-(фармудан), ни-(ниҳодан), на-(намудан), пази-(пазируфтан), пай-(пайвастан), пе-(перостан), пар-(пардохтан), гу-(аз феъли қадимаи ви-) (гурехтан), зи-(зидудан)** ва ғ.

Пешвандҳои феълсоз дар достони “Сиёвуш” хеле фаъол буда, дар вожасозӣ сермаҳсуланд. Ба воситаи онҳо дар асар вожаҳое сохта шудаанд, ки аз ҳар ҷиҳат ғанисозандаи забони адабии форсии тоҷикӣ буда, дар таркиби луғавии он мавқеи маъноӣ, сохторӣ ва услубии худро то имрӯз ҳифз намудаанд. Таҳлилу ташхиси достони “Сиёвуш” аз он шаҳодат медиҳад, ки корбурди пешвандҳо назар ба пасвандҳо камтар ба назар мерасад. Баррасии пешвандҳои дар достони мавриди истифода қароргирифта барои кушодани вижагиҳои забонии пешвандҳо, имконоти вожасозии онҳо дар забони тоҷикӣ ва дараҷаи корбурду маҳорати вожаофаринии Фирдавсӣ муфид ва зарурист.

Дар достони «Сиёвуш» пешвандҳои феълсоз дар қиёс бо дигар гурӯҳҳои луғавӣ вожаҳое офаридаанд, ки то имрӯз арзиши маъноиву сохтории хешро нигоҳ доштаанд. Ба ин гурӯҳ пешвандҳои **бар-, боз-, во-, андар-/дар-, фуруд-, фурӯ-/ фур-, фаро-** шомиланд, ки кӯшиш намудем ҳар як пешвандро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода, баррасӣ намоем.

Пешванди бар-. Пешванди **бар-** аз пешоянди **бар**, ки дар боло будан ё ба боло нигаронидани ашёро ифода мекунад, пайдо шудааст (эронии бостон***upari**, авестоӣ **upairi-**, форсии бостон **upariy** «**боло, рӯй**», форсии нав **abar, bar**) [20, с.230-231; 22, с.22; 12, с.190-191; 13, с.144; 15, с.153-154; 18, с.86-87].

Пешванди мазкур дар наср ва забони гуфтугӯйӣ доираи истеъмоли маҳдуд дошта, бештар дар назм истифода бурда мешавад. **Бар-** ҳамчун пешванди феълсоз чунин ҳолатҳоро ифода мекунад:

а) ҳаракат ба боло: **барҷастан** [1, с.341], **бардоштан** [1, с.77], **бархостан** [1, с.272], **бархезад** [1, с.158], **барафроштан** [1, с.339], **барафшондан** [1, с.41], **барафкандан** [1, с.61], **барафрӯхтан** [1, с.229], **барангехтан** [1, с.256], **барафрозидан** [1, с.148], **барафрохтан** [1, с.28]:

Бифармуд, то ҳадя **бардоштанд**,
Ба пеши Сиёвахш бугзоштанд [1.3, с. 77].
Нишастангаҳе **барфарозам** ба моҳ,
Чунон чун бувад дархури тоҷу моҳ [1.3, с. 148].
Чунон дид солор Пирон ба хоб,
Ки шамъе **барафрӯхта** з-офтоб [1.3, с. 229].
Яке нома наздики Ковусшоҳ,
Фиристода **барҷасту** бигрифт роҳ [1.3, с. 341].

б) ҳаракат аз дохил ба берун: **баровардан** [1, с.315], **баркашидан** [1, с.8], **баркушодан** [1, с.282], **баршукуфт** [1, с.240], **баргусилидан** [1, с.21], **баромадан** [1, с.204], **барорад** [1, с.254], **баргузидан** [1, с.159]:

Зи гетӣ саросар **барояд** хурӯш,
Замона зи Кайхусрав ояд ба ҷӯш [1.3, с. 204].
Барорад аз ин марзи беарз дуд,
Ҳаво Гарди ӯро наёрад, бисуд [1.3, с. 254].
Яке теғи заҳробгун **баркашид,**
Ҳаме хост аз тан сарашро бурид [1.3, с. 8].
Мадор зи андешаи бад ба дил,
Ҳаме шодӣ орою ғам **баргусил** [1.3, с. 21].

в) ба тарафе майл кардан, ҳаракат ба ақиб, ба атроф: **баргузаштан** [1, с.221], **баргаштан** [1, с.358], **баргардидан** [1, с.218], **бардодан** [1, с.124], **бартофтан** [1, с.109], **баргузор** [1, с.131]:

Ки ман бо ҷавонӣ хирад ёфтам
Зи кирдори бад рӯй **бартофтам** [1.3, с. 109].
Бад-ӯ гуфт: «**Баргарду** эдар мапой:
Чӣ донӣ, ки эдар маро чист рой» [1.3, с. 218].
«Бирав шодмон то Сиёвахшгирд,
Бубин то чӣ ҷой аст, **баргард** гирд…» [1.3, с. 167].
Чӣ хобе, ки чандин замон **баргузашт**,
Наҷунбид ҳаргиз, на бедор гашт [1.3, с. 221].

г) баҳамназдикшавӣ ё баҳамрасии ашёҳо: **барзадан** [1, с.258], **бархӯрдан** [1, с.158], **барзанам** [1, с.238], **барбастан** [1, с.264], **барчакидан** [1, с.345], **баровехтан** [1, с.269]:

Сипаҳро саросар ба ҳам **барзаданд,**
Ба буму бараш оташ андар заданд [1.3, с. 258].
К-аз он ганҷ дигар касе **бархӯрад**,
Ҷаҳондор душман чаро парварад [1.3, с. 158].
Чу Ковуси кай рӯи Хусрав бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба рух **барчакид** [1.3, с. 345].
Баровехтанд он ду ҷангӣ ба ҳам,
Давон Геви Гударз бо Пилсам [1.3, с. 269].

Ғайр аз ҳиссачаи инкории **на (ма)** ва пешванди шаклсози **ме-** ин пешвандро ягон восита аз асоси феълӣ дур карда наметавонад, ки инро дар вожаҳои **бармазан, барнаёяд** мушоҳида намудем:

Ту бе коми дил ҳеҷ дам **бармазан,**
Туро банда бошад, чӣ марду чӣ зан [1.3, с. 114].
Ба рӯзи ҷавонӣ сар ояд-ш кор,
Басе **барнаёяд** бар ӯ рӯзгор [1.3, с. 193].

Дар достон ғайр аз вожаҳои дар боло зикршуда бо ин пешванд як қатор вожаҳои дигар низ оварда шудааст, аз қабили **бархурӯшад** [1, с.197], **баршумурдан** [1, с.223], **барнавоштан** [1, с.224], **бартавон** [1, с.151], **барошӯбад** [1, с.93], **баросудан** [1, с.167], **баросояд** [1, с.72] ва ҳоказо, ки ба воситаи ба асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл ҳамроҳ намудани пешванди **бар-** сохта шудаанд.

Вожаҳои **барафроштан, барнавоштан, баровехтан, баргусилидан, баргузидан** ва **барафрозидан** дар забони адабии муосири тоҷик мустаъмал набуда, ба вожаҳои матрук табдил ёфтаанд.

Аз мисолҳои ҷамъоварда маълум гардид, ки пешванди **бар-** дар корбасти феълҳои пешвандии гуногуни қолаби вожасозии феъл яке аз пешвандҳои фаъол дар забони форсии дарӣ буда, дар асари таҳқиқшаванда низ нисбат ба дигар пешвандҳои вожасози феъл сермаҳсул мебошад.

Пешванди боз-. Пешванди **боз-** равиш ё самти амалро ба қафо ва ё такрори онро баён мекунад. Пайдоиши он аз зарфи эронии бостон ***араča, ф.н. bāz-(vā-) <** ф.м. **abāz** навишти паҳлавии ашконӣ **apāč<** эронии бостон ***араča,** ф.б. **арā,** ав. **ара** ба маънои «вопас, бори дигар» **[**20, с. 231; 21, с. 413- 414**;** 22, с. 20; 13, с. 132; 15, с. 156**].**

Пешванди вожасози **боз-** дар асл мустақил буд, яъне аз зарфи **боз** баромадааст, ки баъдан мустақилияти худро аз даст дода, ҳамчун пешванди феълсоз ба кор бурда мешавад. **Боз** ҳамчун зарф такрорёбии амалро мефаҳмонад. Пешванди **боз-** ба феълҳо тобишҳои маъноии такрорёбӣ, ба ақиб ҳаракат кардан ва ист карданро мебахшад. Аммо дар феъли **бозёфтан** маънои асосии ин пешванд хеле суст шудааст.

Корбурди пешванди **боз-** нисбат ба **во-** дар достони мавриди таҳқиқ қарорёфта бештар ба назар расид. Вожаҳои **бозгаштан-**пас гаштан, ручӯъ кардан, таваҷҷуҳ кардан, баргаштан [1, с.275], **бозгард** – баргаштан, бозгаштан**,** пас гаштан [1, с.245], **бозомадан -** баргаштан, боз гаштан, дубора омадан [1, с.60], **бозовардан** – баргардонидан, пас додан, гирифтан, ахз кардан, тақдид кардан [1, с.76], **бозрафтан –**истиқбол кардан, пазиро шудан, ба сӯйи ҷой ё маконе рафтан [1, с.286], **боздодан-** супурдан, баргардондан [1, с.259] **боздонанд-** боздонистан, шинохтан, фарқ гузоштан [1, с.292] бо ин пешванд сохта шудаанд.

Дар вожаҳои **бозовардан, бозрафтан** ва **боздонанд** такрори амал ифода ёфтааст: **Бозрафтани** Рустам ба Эронзамин [1.3, с. 286].

Бубахшему он рой **бозоварем,**
Зи ҷангу зи кин пой **бозоварем** [1.3, с. 76].
Нашояд, ки дар шаҳрҳо бугзарам,
Маро **боздонанду** кайфар барам [1.3, с. 292].

Дар вожаҳои **бозрафтан** [1, с.286], **бозгаштан** [1, с.241], **бозгашт** [1, с.275], **бозгард** [1, с.245], **бозомадан** [1, с.60] ба ақиб ҳаракат кардани амалро ифода намудааст: **Бозгаштани** Кайхусрав ба Сиёвушгирд [1.3, с. 241].

В-аз он ҷойгаҳ пилтан **бозгашт,**
Ту гуфтӣ варо чарх дамсоз гашт [1.3, с. 275].
Ба гуфтори деҳқон кунун **бозгард,**
Нигар, то чӣ гӯяд сароянда мард [1.3, с. 245].
Ба некахтару тандурустӣ шудан,
Ба пирӯзиву шод **бозомадан** [1.3, с. 60].
Инонро ба пури сарафроз дод,
Ба найза даромад, камон **боздод** [1.3, с. 259].

Феълҳое, ки бо ин пешванд сохта шудаанд дар забони адабии муосири тоҷик низ мавриди истифода қарор доранд.

Пешванди во-. Ба қавли В.С. Расторгуева пешванди **во-** варианти фонетикии **боз-** аст [13, с. 34]. Пешванди **vā-** ҳамчун гунаи овоии пешванди **bāz-** дар забони форсии нав бо ихтисори **z** дар анҷоми ин вожа пас аз садоноки **ā** ба гунаи **vā-** табдил ёфтааст. Ин пешванд бар ивази шакли **bāz-** дар бисёре аз осори куҳани форсии дарӣ дар ташкили теъдоде аз феълҳои пешвандӣ истифода гардидааст [21, с. 413].

Бояд гуфт, ки феълҳои бо пешванди **во-** сохташудаи дар фарҳангномаҳо зикрёфта (ба истиснои чанд феъл) нишонгари он мебошанд, ки ба таври муштарак бо ин ду пешванд – **во-** ва **боз-** шакл гирифтаанд, аммо дар раванди ташаккулу пешрафти забон онҳо баъдан дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо пешванди **боз-** корбаст гардида, шумораи феълҳои бо пешванди **во-** сохташуда хеле кам гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки гарчанде манбаи баромади якхела дошта бошанд ҳам, пешвандҳои **во-** ва **боз-** ҳамдигарро иваз карда наметавонанд, чунки **во-** аз рӯйи маншаъ (зарфи **боз**) хеле дур шудааст. Масалан, ба ҷойи **вохӯрдан – бозхӯрдан** ва ба ҷойи **бозгаштан – вогаштанро** ба кор бурдан нодуруст аст. Танҳо ба ғайр аз ҷуфти синонимии феълҳои **водоштан ва боздоштан**, ки ҳар ду як маъноро ифода мекунанд, дар дигар феълҳо ин ҳодиса, яъне ҷойи якдигарро иваз намудан, дида намешавад.

Забоншинос Р. Шодиев дар рисолаи худ истифодаи муштараки пешвандҳои «**во-**» ва «**боз-**»-ро дар зиёда аз 80 феъли осори пешин муқоиса намуда, корбурди вожаҳои **вопурсидан** ва **ворастанро** дар **«Шоҳнома»** зикр кардааст. Ҳамчунин, қайд намудааст, ки ин вожаҳо бо пешванди **боз-** дар асар корбурд наёфтаанд [18, с. 97]. Дар достони «Сиёвуш» вожаи **вопурсидан** мушоҳида нагардид, аммо вожаи **боз пурсид** танҳо як маротиба дар поварақ истифода гардидааст:

В-аз он шаҳр в-аз кишвару ҷойгоҳ
Якояк ҳама **боз пурсид** шоҳ [1.3, с. 166].

Пешванди **во-** маънои ҳаракат ба сӯйи ашё ва тобишҳои дигари маъноиро ифода мекунад [4, с.228]: **вохӯрдан, вонамудан, вомондан, ворастан** ва ғ.

Пешванди мазкур дар достони «Сиёвуш» фақат дар як вожа – **ворастан** «раҳо шудан, вораҳондан, озод шудан, наҷот ёфтан» як маротиба истифода гардидааст, ки дар қолаби «пешванди **во-** + замони гузаштаи феъли **растан»** сохта шуда, бо бандаки феълии шахси якуми шумораи танҳо **-ам** омадааст:

Ба теғи набардӣ туро хостаме
В-аз ин гуфти беҳуда **ворастаме** [1.3, с. 357].

Вожаи номбурда дар забони адабии муосири тоҷик матрук гардида, танҳо дар осори шоирони классик мушоҳида мегардад.

Во ҳамчун вожаи мустақил соҳиби маънои <u>боз</u>, <u>кушода</u>, <u>яла</u> аст [10, с. 364; 16, с. 237].

Профессор Қосимова М.Н. дар «Маснавии маънавӣ»- и Ҷалолуддини Румӣ қариб 40 феълро, ки бо пешванди «во-» корбаст гардидаанд, муайян ва аз рӯйи вижагиҳои маъноиву вожасозӣ мавриди омӯзишу тадқиқ қарор дода, қайд кардаанд: «…дар феълсозӣ фаъол аст…муродифи грамматикии пешвандҳои *<u>боз-</u>* ва баъзан *<u>бар-</u>* мебошад» [8, с.53].

Қобили зикр аст, ки дар забони адабии муосири тоҷик **во** ва **боз** ҳамчун вожаи мустақил ба маънои кушода ҷудо навишта мешавад: **во мондан, во кардан, во гузоштан, боз кардан, боз мондан** ва монанди инҳо.

Пешванди андар-// дар-. Пешванди **дар-** ҳанӯз дар забони форсии миёна аз зарфи макон ба пешоянди **дар**, баъдтар дар ҳамин забон ба пешванди феълӣ табдил ёфтааст (эронии бостон***antar,** авестоӣ **antar**, форсии бостон **antar**, форсии нав **andar** [22, с. 18; 15, с. 155; 18, с. 79]: **an-дохил, дарун: андарун-дохил, зарфи макон).** Дар форсии нав ташаккули ин пешванд дар шаклгирии феълҳои пешвандӣ ба монанди пешвандҳои дигар бар асоси меъёри форсии миёна идома ёфтааст ва дар осори назму насри форсии дарӣ пешванди мазкур дар ду шакл- **андар-** ва **дар-** истифода шудааст, ки шакли таърихии он **андар-** дар достони «Сиёвуш» мисли дигар осори пешин корбурди бештар дорад.

Бо ин пешванд дар достон вожаҳои зеринро мушоҳида намудем: **андаромад [1,3.7], андарх(в)арад [1,3.29], андаровехт [1,3.34], андаровард [1,3.37], андаргирифт [1,3.51], андаровез** [1,3.53], **андарорам [1,3.57], андарнаёмад [1,3.66], андарояд [1,3.81], андархӯрад [1,3.89], андаровардашон [1,3.92], андарнаёрад [1,3.93], андарх(в)араш [1,3.105], андаровезад [1,3.106], андаргузаштӣ [1,3.116], андарнишохт [1,3.154], андароям [1,3.157], андархури [1,3.160], андаровар [1,3.161], андаромехтӣ [1,3.185], андарорад [1,3.191], андарх(в)арам [1,3.193], андархурад [1,3.208], ҷанг-андарун [1,3.209], андаргузашт [1,3.220], андарафтод [1,3.224], к-андарниҳед [1,3.254], андарзаданд [1,3.255], андаркушодам [1,3.256], андарафканд** [1,3.260], **андарорӣ** [1,3.267], **андарх(в)ар** аст [1,3.268], **андароварда** [1,3.269], **андароварда [1,3.270], андарафканд** [1,3.282], **андаргирифт [1,3.232], андаршитоб [1,3.234]:**

Пиёда ба пеш **андарафканд** хор,
Ба лашкаргаҳ овардаш аз корзор [1. 3, с. 260].
Зи ҳар гуна ранг **андаромехтӣ,**
Дили шоҳи Турон барангехтӣ [1. 3, с. 185].
Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй гусистахирад,
Сухан з-ин нишон худ кай **андархурад**? [1.3, с. 336].
Шикаст **андарояд** бар ин размгоҳ
Набошад бари ман касе некхоҳ [1.3, с. 81].
Бад-ӯ коху айвону майдон бисохт,
Дарахтони бисёраш **андарнишохт** [1. 3, с. 154].
Ба лашкар бифармуд, **к-андарниҳед**,
Камонро саросар ба зеҳ барниҳед [1. 3, с. 254].

Бо бандакҳои феълии шумораи танҳо омадааст:

Ки бо шоҳи Турон биҷӯям набард,
Сари сарварон **андарорам** ба гард [1. 3, с. 57].

Ба гардонсипеҳр **андарорӣ** сарам,
Супорам ба ту духтару афсарам [1. 3, с. 267].
Ва дигар ба ҷое, ки гардонсипеҳр
Шавад тунду чин **андарорад** ба чеҳр [1. 3, с. 191].

Дар байти зер вожаи **андаромад** фуруд омаданро ифода кардааст:

Зи асп **андаромад,** ду дастам бубаст,
Барафканд бар зину худ барнишаст [1. 3, с. 333].

Вожаи **андарх(в)ар** сифат буда, бо бандаки хабарии аст омадааст:

Бубинад зи ман, ҳар чӣ **андарх(в)ар аст**,
Ки ӯро чунин доварӣ дар сар аст [1.3, с. 90].

Бандакҷонишини шахси сеюми шумораи ҷамъ қабул кардааст:

Гаравгон, ки дорӣ, ба даргаҳ фирист,
Ба банд **андаровардашон** пову даст [1.3, с. 92].

Дар байтҳои зер **андар** ба ҳукми пасоянд омадааст:

Ҷу разми ялон сахт пайваста шуд,
Сиёвуш ба **ҷанг-андарун** хаста шуд [1.3, с. 209].
Ба ҳар гӯшае гунбаде сохта,
Сарашро ба **абр-андар** афрохта [1. 3, с. 162].
Ба **гирд-андараш** жандапилон дувист,
Ту гуфтӣ ба гетӣ ҷуз ӯ шоҳ нест [1. 3, с. 354].

Аз пажӯҳишҳои муҳаққиқон бармеояд, ки шакли **дар-** дар манобеи хаттӣ пас аз замони Сомониён мушоҳида мегардад: «Дар замони Сомониён ба ҳеҷ вачҳ калимаи **дар-** дар наср нест ва бо ашъори мансуб ба он давра ҳам эътимоди комил наметавон кард, вале дар кутуби насри қадимӣ, ки метавон ба онҳо эътимод кард, ҳар қадар ҷустуҷӯ шуд, ҳама ҷо андар- истеъмол шудааст ва лафзи **дар-**, ки мухаффафи **андар-** аст, дар аҳди Ғазнавиён пайдо омада ва яке аз далоили куҳнагии наср дар сурате, ки таърихи навиштани он муайян набошад, ҳамин матлаб аст… » [Bahar 1375, с. 337- 338].

Пешванди **дар-** бо феъл омада, маънои ҳаракат ё равиши амалро ба дохил ва ё онро дар дохил, андаруни чизе ва ё маконеро баён мекунад: **даромадан, даровардан, даркашидан** ва ғ.

Дар феълҳои **даррасидан, даргузаштан** ва **даргирифтан** маънии аслии ин пешванд тамоман аз байн рафта, дар феълҳои **даромадан, дарафтодан, даррабудан** бошад қисман ҳис карда шавад ҳам, хеле суст гардидааст. Танҳо дар вожаҳои **даромадан** ва **даровардан** пешванди **дар-** аз асоси феълӣ ҷудонашаванда аст. Дар феълҳои номбурда пешванди **ме-** ва ҳиссачаи инкории **на** пеш аз пешванди **дар-** меоянд: **надаромад, намедарояд, медаровард.** Дар феълҳои боқимонда пешванди **ме-** ва ҳиссачаи инкории **на** дар байни асоси феълию пешванди феълсоз меоянд: **дармегирифт, дарнамемонад, дармеафтод, дарнагиранд** ва ғ. Инро дар достони «Сиёвуш» дар вожаҳои **андарнаёрад [1,3.93]** ва **андарнаёмад [1,3.66],** ки бо пешванди **андар-** шакл гирифтаанд, мушоҳида намудем:

Сипаҳбад сар **андарнаёрад** ба хоб,
Биёяд ба ҷанги ту Афросиёб [1. 3, с.93].
Напаррид бар гирди эшон уқоб,
Якеро сар **андарнаёмад** ба хоб [1, 3. с.66].

Дар достони мавриди таҳқиқ қарордошта мавқеи истеъмоли пешванди **дар-** нисбат ба пешвандҳои дигари феълсоз зиёдтар буда, ба воситаи он дар асар вожаҳои **даромад** [1, с.198], **даркашид** [1, с.51], **даровард** [1, с.93], **даргузашт** [1, с.299], **дарёфтан//дарёбад** [1, с.336], **дарафкан** [1, с.340], **даргирифтан** [1, с.330], **дарояд** [1, с.203], **дарнишонд** [1, с.178], **дарнавардад [1, с.82], дархур** [1, с.143], **дарпазируфт [1, с.**277**], дарх(в)ар**, **даршитоб** корбаст шудаанд**:**

Миёни саворон **даромад** чу гард,
Зи пархоши ӯ хок шуд лоҷувард [1.3, с. 312].

Вожаи **дарпазируфт** имрӯз дар шакли пазируфтан мустаъмал аст:

Ҳамон гаҳ бигуфт, он чи буд гуфтанӣ,
Ҳама **дарпазируфт** пазруфтанӣ[1.3, с. 277]

Вожаҳои **даркашидан, дарнавардад, дарнишонд, дархур, дарх(в)ар** ва **дарафкандан** дар забони адабии ҳозираи тоҷик матрук гардидаанд.

Се рӯз андар он сур май **даркашид,**
Набуд бар дари ганҷ банду калид [1.3, с. 51].
Яке мардро шоҳ аз Эрон бихонд,
Ки аз нанг маро ба худ **дарнишонд** [1.3, с. 178].
Бишуд бо забони пур аз офарин
Ту гуфтӣ ҳаме **дарнавардад** замин [1.3, с. 82].

Пешванди **дар-** сифат сохтааст:

Бидоданд духтар ба оини хеш,
Чунон чун бувад **дархури** дини хеш [1.3, с. 143].

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин сухан дарх(в)ар аст,
Бар ӯ мар туро меҳри сад модар аст» [1. 3, с. 19].

Дар байти зерин пешванди **дар-** зарфи тарзи амал сохтааст:

Ба киштӣ ба як рӯз бугзошт об,
Биёмад сӯи Балх ҳам даршитоб [1. 3, с. 77].

Ҳамин тариқ, пешванди **дар-** ва шакли пештараи он **андар-** дар вожасозии феъл сермаҳсул буда, дар асари мавриди таҳқиқ низ вожаҳои зиёде мушоҳида гардид, ки теъдоде аз онҳо дар забони адабии имрӯз мавриди истифода нестанд.

Пешвандҳои фуруд-, фурӯ- / фур-, фаро-. Пешванди **фуруд**- аз зарфи **фуруд**, ки маънои ба поён, дар поёнро ифода мекард, пайдо шуда, ҳоло чун вожаи мустақил вуҷуд надорад. Ин пешванд дар форсии миёна frōd<зарфи эр.б.*fravata “фурӯ, поён, нишеб” [20, с. 232; 22, с. 79; 13, с. 133; 15, с.155] мебошад. Нисбат ба варианти фонетикии он **фурӯ-** доираи истеъмоли васеъ дорад, яъне **фуруд-** танҳо дар феъли **фуруд омадан, фуромадан** дучор шавад, **фурӯ**- дар феълҳои **фурӯ мондан**, **фурӯ рафтан** истифода мешавад. Ҳарду пешванд ҳамвазифа буда, ба поён равона карда шудани амалро мефаҳмонад.

Пешванди **фуруд-** монанди пешвандҳои **фурӯ-** ва **фаро**- мустақилияти худро ба феъл то андозае нигоҳ доштааст. Бинобар он, аз феъл чудо навишта мешавад. Дар достон ин пешванд камистеъмол буда, фақат ду феъл- **фуруд омадан** ва **фуруд овардан** бо ин пешванд сохта шудааст. Он дар таркиби **фуруд омадан 24** маротиба мушоҳида гардид:

Фуруд омад аз аспу бифшорд даст,
Пур аз ханда бар тахти заррин нишаст [1.3, с. 177].
Ба Қочорбошӣ **фуруд омаданд,**
Нишастанду якбора дам барзаданд [1.3, с. 115].

Дар ду маврид бо тақозои вазни шеър пешванди **фуруд** ҳамчун вожаи мустақил баъд аз феъл омадааст, ки аз он як маротиб феъл бо пешванди шакли инкорисози **на-** корбаст гардидааст:

Бияфканд бар хоку **омад фуруд**,
Сиёвахшро дод чанде дуруд [1.3, с. 255].
Чу шоҳи Фаридун, к-аз Арвандрӯд
Гузашту **наёмад** ба киштӣ **фуруд** [1.3, с. 356].

Вожаи **фуруд овардан** фақат ду маротиба дар шакли **фуруд оварид** ва **фуруд оварамшон** истифода шудааст:

Бад-ин марз лашкар **фуруд оварид**,
Фиристодаи ӯ ба даргаҳ расид [1.3, с. 112].

Дар вожаи **фуруд оварамшон** бо талаби вазни шеър бандакҷонишини шахси сеюми шумораи ҷамъ тахфиф ёфтааст:

Фуруд оварамшон зи чархи баланд,
Бизад даст в-аз теғ букшод банд [1.3, с. 334].

Инчунин, дар достон вожаи **фуруд** ҳамчун вожаи мустақил, исми хоси ифодагари номи шахс (писари Сиёвуш), истифода шудааст:

Варо ном карданд фаррух **Фуруд,**
Ба тирашаб-андар чу Пирон шунуд [1.3, с. 170].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, **фурӯ** нисбат ба **фуруд** корбурди бештар дорад. Он дар таркибҳои **фурӯ мондан (4** маротиб**), фурӯ баст (1** маротиб**), фурӯ рехт (5** маротиб**), фурӯ пажмурад (2** маротиб**), фурӯ бурд (**2 маротиб**), фурӯ ҳишт** (4 маротиб) истифода гардидааст:

Сиёвуш **фурӯ монду** посух надод,
Чунин омадаш бар дили пок ёд [1.3, с. 29].
Магар, к-ин балоҳо зи ман бугзарад,
Ки тарсам равонам **фурӯ пажмурад** [1.3, с. 73].
Ба банди миёни Гурӯи Зиреҳ
Фурӯ бурд чанголу барзад гиреҳ [1.3, с. 177].
Фурӯ рехт хуни сари пурбаҳо
Ба шаххе, ки ҳаргиз нарӯяд гиёҳ [1.3, с. 221].

Вожаи **фурӯ баст** бо бандакҷонишини шахси сеюми шумораи ҷамъ омадааст:

Фурӯ басташон з-ин сухан дар нуҳуфт
Зи бими Сиёвуш наёранд гуфт [1.3, с. 44].

Пешвандҳои таърихӣ. Дар таърихи ташаккули феълҳои бо пешванд шаклгирифта бархе аз пешвандҳои вожасози феъл бо асосҳои феъл махлут гардиданд, ки дар натиҷаи чунин таҳаввулоти овоӣ дар забони форсии миёна як қатор феълҳои сохта ба феълҳои рехта мубаддал гашта, аз онҳо феълҳои содаи тарихан пешвандӣ бо ҳифзи маънои аслӣ ба вуҷуд омаданд. Монанди: āmadan «омадан»(<*a- gmatanai, ф.б. gam-), ф.н. afkandan, abgandan «афкандан»(<эр.б.*apa- kan-), farmudan «фармудан» (<эр.б.* fra- mā-), nimudan «намудан» (<эр.б.*ni- mā-), nibištan/nipištan «навиштан» (<эр.б.* ni- pais-),

padigriftan/patigriftan «пазируфтан» (<pati-grab-), virēxtan «гурехтан» (<эр.б.*vī-raik) ва ғайра [20, с.158-210; 22; 5, с.142-144; 18, с.76-77].

Дар асари таҳқиқшаванда пешвандҳои таърихӣ низ ба назар расиданд. Ин пешвандҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо асосҳои феълӣ махлут гардида, ба вожаҳои рехта табдил ёфтаанд, ки аз ҷиҳати морфологӣ ҷудо кардани онҳо имконнопазир аст. Ба ин гурӯҳ пешвандҳои **пай-**, **пар-, паз-**, **паж-, ан-, а-** ва ғайра дохил мешаванд. Зикри чанде аз онҳоро ҷоиз донистем:

Пешванди пай-. Пешванди **пай-** аз пешванди қадимаи **pati-** ба вуҷуд омадааст. Дар достон бо ин пешванд вожаҳои **пайванд [1, с.**322] ва **пайкор** [1, с.92] мушоҳида гардид:

Таҳамтан зи **пайвандашон** сар битофт,
Азеро сазовори худ кас наёфт [1.3, с. 322].

Вожаи **пайванд** бо бандакҷонишини шахси сеюми шумораи ҷамъ **-ашон** омадааст.

Ки ман з-он фиребанда гуфтори ӯй,
Басе боз гаштам зи **пайкори** ӯй [1.3, с.92].

Пешванди пар-. Пешванди **пар-** таърихан аз пешванди қадимаи **par-** ба вуҷуд омадаст. Бо ин пешванд дар асар вожаҳои **пардохтан** [1, с.288], **пароканда** [1, с.309], **пархош(в)ар** [1, с.174] сохта шудаанд:

Баророст аз ҳар сӯе тохтан,
Набуд ҳеҷ ҳангоми **пардохтан** [1.3, с.288].
Чу об аз ду дида **пароканда** кард,
Сабук сар сӯи ганҷи оганда кард [1.3, с.309].
Бигирем ҳар ду дуволи камар,
Ба кирдори ҷангӣ ду **пархош(в)ар** [1.3, с.174].

Вожаи **пархошвар** дар забони адабии ҳозираи тоҷик мустаъмал набуда, ба қатори вожаҳои матрук дохил аст.

Пешванди паз-. Ин пешванд аз пешванди қадимаи **pati-** ба вуҷуд омадааст. Бо решаи вожа пайваст шудааст, ки ҷудо намудани он имконнопазир аст ва дар забони адабӣ вожаҳои бо ин пешванд сохташуда, феълҳои сода ё рехта ба шумор мераванд. Дар достон вожаҳои **пазируфтан** [1, с.117], **пазирад** [1, с.25] ва **пазира** [1, с.343], ки бо ин пешванд сохта шудаанд, истифода гардидаанд.

Пазируфтам аз покяздон туро,
Парастиш кунам аз дилу ҷон туро [1.3, с.117].
Бад-ӯ гуфт Судоба: «Гар гуфти ман-
Пазирад шавад рои ӯ ҷуфти ман [1.3, с.25].
Бирафтанд ҳафтод фарсанг пеш,
Пазира шудандаш ба оини хеш [1.3, с.343].

Вожаи пазируфтан бо пешванди шаклсози на- омадааст:

Напазируфт аз он ду хирадманд панд,
Дигар буд рози сипеҳри баланд [1.3, с.100].

Пешванди а-. Пешванди таърихии **а-** аз пешванди қадимаи **ava-** таркиб ёфтааст, ки бурдани амалро то саршавии амал ё то охир нишон медиҳад ва он бо пешванди феълии забони русӣ- **до-** ҳаммаъно мебошад. Вожаи **афкандан**, ки дар асар 12 маротиба истифода гардидааст, бо ин пешванд сохта шудааст.

Ҳаме гуфт: «Ҳамдостонам зи шоҳ,
Ба захму ба **афкандан** аз тахтгоҳ…» [1.3, с.42].

Пешванди ан-. Пешванди **ан-** таърихан пешванд буда, аз пешванди таърихии **ham-** ба вуҷуд омадааст. Он ҳамкории амалро нишон дода, бо пешванди феълсози забони русӣ – **со-** ҳаммаъно мебошад. Истифодаи ин пешванд дар асар дар вожаҳои **андохтан** ва **анҷуман** ба чашм расид:

Нигар то чӣ бояд инчунин сохтан
Сипоҳро куҷо бояд **андохтан** [1.3, с.201].

Вожаи **анҷуман** дар достон 57 маротиба мушоҳида гардид, ки бо ин пешванд сохта шудааст:

Биёмад зи қалби сипоҳ пилтан,
Паси ӯ Фаромарз бо **анҷуман** [1.3, с.273].

Ҳамин тариқ, пешвандҳои **ан-, фар-, паз-, паж-, пай-, пар-, а- гу- (ку)-** пешвандҳое мебошанд, ки ҳоло мустаъмал набуда, ба таркиби вожа махлут шуда, вожаҳои рехтаро ташкил намудаанд.

Бояд гуфт, ки пешвандҳо нисбат ба пасвандҳо дар забони тоҷикӣ нисбатан каммаҳсуланд. Бо вуҷуди ин, саҳми онҳо дар инкишофи забони адабӣ ва бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии он зиёд ва назаррас мебошад, бахусус дар ташаккули луғати феъл пешвандҳои вожасози феъл мавқеи хос доранд. Ҳаким Фирдавсӣ аз ин имконоти вожасозӣ фаровон истифода бурда, таркиби луғавии достонро рангорангу бой намуда, дар инкишофу такомули забони адабӣ ва ғановати таркиби луғавии он саҳми босазо гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Фирдавсӣ А. Ҷ.3. – Душанбе: Адиб, 1988. -528 с.
2. Айни К., Аҳрорӣ З. дар бораи «Шоҳнома», нусхаҳои асосӣ ва нашрҳои комили он / Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷилди якум.- Душанбе: Адиб, 1987.- С.5-14.
3. Айнӣ С. Кулиёт. Ҷилди 11(китоби якум). -Душанбе: Ирфон, 1963. -547с.
4 . Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985, - 356 с.
5. Ефимов В.А., Расторгуева В.С., Шарова Е.Н. Персидский, таджикский, дари // ОИЯ. Новоиранские языки. – М.,1982. с. 5-230.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қ.1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982. - 464 с.
7. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / М. Н. Қосимова. Қисми 1. - Душанбе, 2003. - 490 с.
8. Қосимова М. Н. Во: Маъно, калимасозӣ (дар «Маснавии маънавӣ»- и Ҷалолуддини Румӣ). / Офтоби маърифат. Мачмӯаи мақолот бахшида ба 800- умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ //.- Душанбе, 2007, саҳ. 33-54. - 348 с.
9. Муҳаммадиев М. Принципҳои асосии калимасозии тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе: Ирфон, 1967. - с. 37 - 45.
10. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / М.Ғиёсиддин. Ҷ. 2. - Душанбе: “Адиб”, 1988. – С. 364-377. - 416 с.
11. Надушан Муҳаммадалӣ. Сарви сояфкан / М.Надушан. – Теҳрон: Интишороти Яздон, 1383. - 176 с.
12. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка. / Л.С. Пейсиков. - М., 1973. – 199 с.
13. Расторгуева В.С., Молчанова Е.К. Среднеперсидский язык // ОИЯ. Среднеиранские языки. // В.С. Расторгуева, Е.К. Молчанова //-М., 1981, - с. 6-146.
14. Рустамов Ш. Исм (категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаҳои ҳиссаҳои нутқ). / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 219 с.
15. Саймиддинов Д. Вожашиносии форси миёна. /Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2001.-310 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – С. 237-244.
17. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Х. Ҳ. Нисорӣ. - Душанбе, 1998. - 116 с.
18. Шодиев Р.А. Феъл дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ (маъно ва сохтор)./ Р.А. Шодиев. - Душанбе: Зиннат, - 152 с.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат / Э.Раҳмон. Ҷ.1. - Душанбе, 2016, - 516 с.
20. Hening W.B. Das verbum des Mittel persoschen der Turfan – Fragmente / ZII.-1933. Bd 9. – H.2. – p.158-253.
21. Lazard G. La langue des plus anciens monuments de la prose persane./ G. Lazerd. P. 1963.-535 p.
22. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi Pt.II.Glossary./H.S. Nyberg. -Weisbaden, 1974.-284 p.

ПЕШВАНДҲОИ ВОЖАСОЗИ ФЕЪЛ ДАР ДОСТОНИ «СИЁВУШ»-И «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Дар мақола пешвандҳои вожасози феъл дар достони “Сиёвуш”-и “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд намудааст, ки вожасозӣ соҳаи мустақили забоншиносӣ буда, воситаи асосии ғановату рушду такомули таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад. Вожасозии сарфӣ бошад, яке аз роҳҳои муҳимму сермаҳсули вожасозист, ки бо вандҳо (пешванду пасванд) сохта шудани вожаҳо ва вожаҳои мураккабро дар бар мегирад. Муайян намудааст, ки пешвандҳои феълсоз дар достони “Сиёвуш” хеле фаъол буда, ба воситаи онҳо дар асар вожаҳое сохта шудаанд, ки аз ҳар ҷиҳат ғанисозандаи забони адабии форсии тоҷикианд ва дар таркиби луғавии он мавқеи маъноӣ, сохторӣ ва услубии худро то имрӯз ҳифз кардаанд. Ба ин гурӯҳ пешвандҳои **фуруд-, фурӯ-/ фур-, фаро-, бар-, боз-, во-, андар-/дар-** шомиланд, ки муаллиф кӯшидааст ҳар як пешвандро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода, вижагиҳои забонӣ, вожаофаринӣ ва эътимологии онҳоро баррасӣ намояд. Ҳамчунин, иброз доштааст, ки дар асари таҳқиқшаванда пешвандҳои таърихии **а-**, **ан-, аф-**, **пай-**, **пар-, паз-**, **паж-** ва ғайра низ ба назар расиданд. Пешвандҳои мазкур дар забони адабии ҳозираи тоҷик бемаҳсул буда, ба феълҳои рехта табдил ёфтаанд, ки аз ҷиҳати морфологӣ чудо кардани онҳо имконнопазир аст.

Калидвожаҳо: “Шоҳнома”, достони “Сиёвуш”, вожа, вожасозӣ, вожасозии сарфӣ, ванд, пешванд, пасванд, вандҳои калимасоз, феъл, пешвандҳои вожасоз, пешвандҳои вожасози феъл.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ПРЕФИКСЫ ГЛАГОЛА В ПОЭМЕ «СИЯВУШ» АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ

В статье проанализированы и рассмотрены словообразовательные префиксы глагола в поэме «Сиявуш»-а Абулкасима Фирдоуси. Автор отмечает, что словообразование является самостоятельной частью языкознания и признано основным средством обогащения и развития словарного состава языка. Морфологическое словообразование является одним из важных и продуктивных способов словообразования, которое включает в себя построение слов посредством аффиксов (префиксы и суффиксы) и сложных слов. Автор выявляет, что словообразовательные префиксы глагола в поэме «Сиявуш» весьма продуктивны и с их помощью в произведении построены такие слова, которые так или иначе признаются источником обогащения литературного персидско-таджикского языка, которые в его словарном составе до настоящего времени сохранили свое семантическое, структурное и стилистическое значение. К этой группе относятся префиксы **фуруд-, фурӯ-/ фур-, фаро-, бар-, боз-, во-, андар-/дар-,** где автор прилагает особые усилия на изучение и рассмотрение каждого из этих префиксов, акцентирует внимание на их языковые словообразовательные и этимологические особенности. Кроме того, автор отмечает, что в исследуемом произведении наблюдаются исторические префиксы, такие как **а-**, **ан-, аф-**, **пай-**, **пар-, паз-**, **паж-.** Данные словообразовательные префиксальные морфемы в современном литературном таджикском языке непродуктивны и их производные глаголы относятся к простым глагольным формам, что с морфологической точки зрения их выделение невозможно.

Ключевые слова: “Шахнаме”, поэма “Сиёвуш”, слово, словообразование, морфологическое словообразование, аффикс, префикс, суффикс, словообразовательные аффиксы, глагол, словообразовательные префиксы, словообразовательные префиксы глагола.

WORD-FORMING PREFIXES OF THE VERB IN THE POEM "SIYAVUSH" BY ABULKASIM FIRDOUSI

The article analyzes and discusses word-forming prefixes of the verb in the poem “Siyavush” by AbulkasimFirdousi.The author notes that word formation is an independent part of linguistics and is recognized as the main means of enrichment and development of the vocabulary of the language.Morphological word formation is one of the

important and productive ways of word formation, which includes the construction of words by means of affixes (prefixes and suffixes) and compound words. The author determines that the word-forming prefixes of the verb in the poem "Siyavush" are very active and with their help in the work are constructed such words that are somehow considered to be an enrichment of the literary Persian-Tajik language, which in its vocabulary have hitherto protected their semantic, structural and stylistic meaning. This group includes the prefixes **фурӯд-**(furud-), **фурӯ-/ фур-**(furu/fur-), **фаро-**(faro-), **бар-**(bar-), **боз-**(boz-), **во-**(vo-), **андар-/дар-**(andar-/dar-), where the author attaches efforts for a separate study and consideration of each of these prefixes, their linguistic, word-formative and etymological features.In addition, the author notes that in the work under study one can see historical prefixes, like**а-**(a-),**ан-**(an-),**аф-**(af-), **пай-**(pay-), **пар-**(par-),**паз-**(paz-), **паж-**(pazh-). These word-formingprefixal morphemes in modern literary Tajik language are unproductive and their derived verbs belong to simplified verbs, that from a morphological point of view their selection is not possible.

Key words: "Shahnameh", the poem "Siyavush", word, word formation, morphological word formation, affix, prefix, suffix, word-forming affixes, verb, word-forming prefixes, word-forming prefixes of the verb.

Сведения об авторе: ***Акбарова Давлатби Нусратуллоевна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **akbarovadavlatbi@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 981-06-66-72**

Information about the author: ***Akbarova Davlatbi Nusratulloevna*** - Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **akbarovadavlatbi@mail.ru.** Tel.: **(+992) 981-06-66-72**

УДК: 811.21/.22-56

КОРБУРДИ БАНДИ НАҲВӢ ДАР "АХЛОҚИ МУҲСИНӢ"

Нилуфари Ҳайдаршоҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Банди наҳвӣ воҳиди нисбатан мукаммали забон буда, он маҷмӯи ҷумлаҳои содаю мураккаберо фаро мегирад, ки аз нигоҳи мазмун ба якдигар иртиботи мантиқӣ дошта, бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ба ҳам алоқаманд мешаванд. Ин воҳиди сатҳи баланди наҳвӣ дар забоншиносии муосири тоҷикӣ ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта диққати муҳаққиқонро ҷалб карда бошад ҳам, ба истиснои рисолаи номзадии Облоқулова С. бо унвони "Сложное синтаксическое целое с присоединительными связями в таджикском языке» ва баъзе қайду ишораҳои профессор Д. Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ ва Б. Камолиддинов асари ҷамъбастию бунёдӣ таълиф нашудааст. Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки донишмандону адибони классики мо ба ин воҳиди наҳвӣ низ ишора кардаанд. Масалан, Самандархоҷаи Тирмизӣ дар "Дастур-ул-мулук" ҳар як пораи насрии бо порчаи шеърӣ омехтаро бо истилоҳи "фиқра" ном бурдааст. Воқеан, "фиқра" дар луғат ба маънии порае аз наср аст. Албатта, порае аз насре, ки ҳиссаҳои таркиби он бо ҳам аз нигоҳи мазмун иртиботи қавӣ дошта, ҳар кадоме барои саҳеҳии матлаби манзури назар хизмат мекунанд. Чунончи, Самандархоҷаи Тирмизӣ мегӯяд:

"Азизи ман, хирадманд чун бинад, ки душман қасди ӯ дорад, агар саъю ҷадал нанамояд, дар хуни худ саъй карда бошад; чун ба ҷанг муқайяд шавад, аз ду ҳол берун нахоҳад шуд: агар зафар ёбад, номи мардӣ дар саҳфаи рӯзгор гузорад, агар душман ғолиб ояд, боре ба номардӣ машҳур шуда, малъун нагардад.

Қитъа: Ҷу хасм қасди ту кард, аз барои дафъи зарар
Ба ҷидду ҷаҳд бикӯш, ар ба ақл машҳурӣ,
Ки гар мурод ба даст оядат, ба ком расӣ,
Ва гар ба ҳам нарасад, он замон ту маъзурӣ" [11, с. 123].

Тавре ки мебинем, тамоми калимаю ибора ва ҷумлаи содаю мураккабе, ки дар порчаи насрӣ ва қитъа омадаанд, барои ифодаи як матлаб - шуҷоат, хизмат кардаанд. Нависанда моҳияту арзиши шуҷоатро ба воситаи ин банди наҳвӣ кушодааст.

"Ахлоқи Муҳсинӣ" ду аср пеш аз "Дастур-ул-мулук" навишта шудааст. Ин асар низ аз рӯйи мавзӯъ, муҳтаво ва ҳадафҳои нависанда ба "Дастур-ул-мулук" монанд буда, ҳар як гуфтор, ҳикоя ба як мавзӯи мушаххаси ахлоқӣ бахшида шудааст. Масалан, дар шукр, дар сабр, дар таваккал, дар ҳаё, дар афт (порсоӣ), дар адаб, дар олиҳиммативӣ, дар азм, дар ҷидду ҷаҳд, дар субот ва истиқомат, дар адолат, дар авф, дар ҳилм, дар хулқу рафқ, дар шафқат ва марҳамат, дар хайрот ва мубаррадот, дар саховату эҳсон, дар тавозӯъ ва эҳтиром, дар амонату диёнат, дар вафо ва аҳд, дар сидқ, дар анҷоҳи ҳоҷат, дар таанӣ ва таамул, дар машварат ва тадбир, дар ҳаҷму дурандешӣ, дар шуҷоат, дар ғайрат, дар сиёсат, дар таққуз ва хибрат, дар фаросат, дар катмани асрор, дар иғтиноми фурсат ва талаби некномӣ, дар риояти ҳуқуқ, дар суҳбати ахёр, дар дафъи ашрор, дар тарбияти хадам ва ҳашам.

Ҳамон тавре ки аз унвони фаслҳо бармеояд, муаллифи "Ахлоқи Муҳсинӣ" ба тамоми мавзӯоти пандуахлоқӣ, тарафҳои ҳаёти инсонӣ, ба ҳадафҳое, ки инсонро ба саодат мерасонад, дахл кардааст. Кушодани ин ҷиҳатҳои ахлоқи инсонӣ, онро дилкашу хотирмон тасвир кардан аз муаллиф дониши мукаммалу ҳаматарафа ва маҳорати суханшиносию сухандониро тақозо менамояд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамчун суханшиносу сухандони нозукфаҳм ҷилоҳои маъноӣ, доираи истеъмолу дараҷаи истеъмоли калимаю ифодаҳои маҷозиро хеле мӯшикофона дар таркиби ибораю ҷумла ва банди наҳвӣ корбаст намудааст.

Дар қолаби банди наҳвӣ баён намудани матлаб яке аз усулҳои мувофиқ ва писандида дар осори пандуахлоқӣ маҳсуб меёбад, чаро ки ин қолаби ифода барои мушаххасу яклухт, пуртаъсир баён кардани мазмуни гуфтор мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, на танҳо мавзӯъҳои осори пандуахлоқӣ ягонаанд, ҳамчунин хусусиятҳои наҳвии онҳо низ бисёр якрангу монанданд. Масалан, унвони бобҳои "Дастур-ул-мулук" ба ин тариқ номгузорӣ шудаанд: дар адолат, дар шуҷоат, дар пардохтан ва аҳволи мулозимон, дар нигоҳ доштани мулозим, дар ҳилм варзидан, дар фиристодани расул, ба сухани душман эътимод накардан, дар мушоварат, бар лутфи подшоҳон мағрур нашудан, дар ҳоли вазирон, дар санҷида гуфтан, иҷтиноб кардан аз мардуми фурӯмоя, дар мазаррати ҳасад, дар таваккал, дар насиҳати пирон мар ҷавононро, дар натиҷаи сафар, дар манъи сафар, дар заъфи пирӣ, дар ишқ, дар баёни вақоеъ, ки баъд аз дамидани субҳи хилофату ҷаҳонбинӣ муштамил бар панҷ мақола бошад, дар бевафоии дунё.

Номгӯйи мавзӯъҳои "Ахлоқи Муҳсинӣ" нисбат ба "Дастур-ул-мулук" бештар аст, зеро "Ахлоқи Муҳсинӣ" асари пандуахлоқии ба умум нигаронидашуда мебошад, аммо "Дастур-ул-мулук" хосса барои маликону вазирону ҳокимон мебошад.

Дар тамоми фаслҳои "Ахлоқи Муҳсинӣ" банди наҳвӣ мақоми муҳим дорад. Хатти ягонаи мазмуни банди наҳвӣ талаб менамояд, ки он алоқаи қавии маъноию грамматикӣ дошта бошад. Масалан, дар мавзӯи "Дар ҳаё" чунин банди наҳвӣ корбаст шудааст: " Он (ҳаё) хислати шариф ва сирати мақбул аст. Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас шарм набошад, низоми ҷаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад, аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад, бикунад [12, с.129].

Дар банди наҳвии фавқ вожаи "ҳаё" ва муродифи он "шарм" чун вожаи калидӣ барои ташаккули банди мазкур саҳми муҳим дорад. Вай воситаи баҳамоии ҳиссаҳои банди наҳвӣ ва дар ин замина ба ташкили воҳиди сатҳи баланди забон – банди наҳвӣ, хизмат кардааст. Албатта, барои ташкили банди наҳвӣ дар қатори вожаи калидии такроршаванда пайвандакҳои пайвасткунандаю тобеъкунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ низ саҳми муҳим доранд.

Банди наҳвӣ зинаи муҳимми шаклгирии матн аст ва гоҳо ҳудуд гузоштан байни банди наҳвӣ ва матн душвор мебошад. Масалан, муҳаққиқи лингвистикаи матн Мухторов З. мисоли зеринро аз "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ барои матн овардааст: "Дар вақтҳое, ки ман ба синни мактабӣ расидам, дасти падарам намерасид, ки маро шахсан хононад. Бинобар ин, маро дар мактаби пеши масҷиди қишлоқи худамон – қишлоқи Соктаре, гузошт. Чун ман дар он мактаб чизеро наёмӯхтам, маро аз он ҷо гирифта ба пеши зани имоми қишлоқ, ки мактаби духтарона дошт ва нисбат ба мактабдори мард беҳтар буд, гузошт ва дар ин миён абҷад ва ҳисоби абҷадро ба ман ёд дода, ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд" [10, с. 6].

Дар матни фавқ, воқеан, як фикри тому ба итмомрасидае, ки тасвири мухтасари воқеаи реалии як лаҳзаи ҳаёти қаҳрамони асарро нишон медиҳад, инъикос ёфтааст. Ҳиссаи "ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд" хулосаи матн аст. Ба назари мо, инро банди мураккаби наҳвӣ гуфтан беҳтар аст.

Албатта, банди мураккаби наҳвӣ, аз нигоҳи сохтор, бандубаст, тарзу воситаҳои алоқа ва мазмуну вазифаи наҳвӣ ба матн наздику монанд мебошад. Матн маҷмӯи бандҳои наҳвист. Банди наҳвӣ мисли ҷумла дар ташкили матн саҳми муҳим дорад. Дар ташкили ҳар як гуфтор ё фаслҳои "Ахлоқи Муҳсинӣ", махсусан, бандҳои наҳвӣ нақши асосӣ доранд, зеро гуфторҳои ин асар, чунонки пештар ишора шуд, ба мавзӯю масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ бахшида шудаанд ва ҳар банди наҳвӣ ин ё он ҷузъиёти масъалаи мавриди назарро мекушояд. Масалан, муаллиф барои кушодани мафҳуми "сабр" матне мураттаб сохтааст, ки аз чаҳор банди наҳвӣ иборат аст. Ҳар як банди наҳвӣ як ҷузъиёти онро кушодааст. Банди нахуст таърифи мафҳуми "сабр"-ро дар бар мегирад: "Сабр сифати бағоят мақбул аст. Таърифи сабр ҳамин аст, ки ба мазмуни он дар ахбор омадааст...

Сабр беҳтар мардро аз ҳар чӣ ҳаст,
То биёбад бар муроди хеш даст" [10, с.127].

Банди наҳвии дуюм ба мухотаб нигаронида шуда, аз манфиату сифати "сабр" хабар медиҳад ва аҳаммияту арзиши ин амал таъкид мешавад: "ҳар кӣ дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасонад, зеро сабр мифтоҳи кор аст ва дари хонаи роҳаш ҷуз бад – ин калид накушоянд. Дар калимоти мулуки Туркистон овардаанд, ки Афросиёб мардуми худро гуфт, ки ба ҳайсияти шафқати эшон фирефта машавед ва ба лофе, ки зананду даъвое, ки кунанд, мағрур магардед, то вақте ки эшонро биозмоед, бо сабру пойдорие, ки агар ба маҳаки сабр тамоми айёрандешонро ба мардонагӣ эътибор кунед:

На ба даъвост қадру қимати мард,
Қимати мард сабр донад кард" [10, с.131].

Муаллиф барои тақвияти фикраш дар мавриди "сабр" боз ба далел рӯй меорад ва банди наҳвии сеюм низ ба шарҳи далеле аз сифату фоидаи сабр бахшида мешавад: "Овардаанд, ки рӯзе яке аз умаро пеши подшоҳе истода буд ва шоҳ ба ӯ дар муҳимме мушоварат мефармуд. Қазоро каждуме дар пираҳани ӯ афтода буд ва ҳар соат мардро мегазид ва ба неши заҳролуди худ зарар мерасонид, то вақте ки неши вай аз кор биафтод ва ҳар заҳре, ки дошт, ба кор бурд. Ва он амир мутлақо дар он мушоварат қатъи сухан накард ва тағйире дар ӯ зоҳир нашуд ва

суханаш аз қонуни ақлу ҳукумат инҳироф наёфт. То ба хона омад ва он каждумро аз ҷома берун кард. Ин хабар ба подшоҳ расид, мутааҷҷиб ва мутаҳаййир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори ақрабро аз худ мундафеъ насохтӣ? Ҷавоб дод, ки ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами заҳри каждум қатъ кунам ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теғи заҳробдодаи душман чӣ гуна сабр тавонам кард?!”

Бо ин далелҳо муаллиф оҳиста-оҳиста ба ҷамъбаст наздик мешавад ва банди наҳвии чаҳорум чун ҷамъбаст ва натиҷаи матн ба назар мерасад, ки ин аст: “Подшоҳро чун сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад-он миқдор сабр, ки кард, ба муроду мақсад расид:

Гуфт чу Нуҳи Набӣ сабрат ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд” [10, с.141].

Дар матни фавқ, ки аз чаҳор банди наҳвӣ таркиб ёфтааст, ҳам воситаҳои банди наҳвсозию матнсозӣ, аз ҷумла қисмҳои таркибии гуфтор, мазмуни умумии банди наҳвию матн, пайвандакҳои пайвасткунандаю тобеъкунанда, вожаи меҳварӣ (сабр) вожаҳои такроршаванда (подшоҳ, амир, ҷонишинҳои шахсии “ӯ”, “вай”, ишоратии “ин”, “он”, каждум, заҳр) аз аломатҳои муҳимми сохторию маъноӣ маҳсуб меёбанд.

Як хусусияти муҳимму барҷастаи банди наҳвӣ аз он иборат аст, ки таркиби он кушода мебошад. Аз ин нуқтаи назар дар “Ахлоқи Муҳсинӣ”, чунонки аз матни таҳлилшуда маълум гардид, баъзан банди наҳвӣ аз чандин ҷумлаи сода ва мураккаб (банди наҳвии сеюм дар мисоли таҳлилшуда) таркиб меёбад. Ба ҳадде ки ба матн наздик мешавад.

Дар корбасти банди наҳвӣ дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” силсилаи калимоту таркибот, ибораю ҷумлаҳои содаю мураккаб дар як банди наҳвӣ муттаҳид гардида, моҳияти вожаеро мекушоянд, ки он чун истилоҳи ифодакунандаи мафҳуми ахлоқӣ хизмат кардааст.

Барои гусаста нашудани рабти ташреҳи он мафҳум ва иртиботу бастагии ҳиссаҳои банди наҳвӣ вожаи асосӣ такрор ба такрор оварда мешавад. Чунончи: “Адл суханест мулкорой ва шамъест нурафзой... Адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсон он ки марҳамати роҳат бар ҷароҳати маҷрӯҳон ниҳанд. Дар хабар омадааст, ки як соат адли подшоҳ дар паллаи мизони тоат роиҷтар аст аз ибодати шастсола, зеро ки натиҷаи ибодат ҷуз ба омил бирасад ва фоидаи адл ба хоссу ом ва хурду бузург ва асли бурдбории мулку миллат баракоти он қоиму манзум шавад ва савоби адл аз ҳадду ҳисоб афзун аст ва аз мизи қиёс берун” [11, с.136].

Чунонки дида мешавад, дар як банди наҳвӣ мафҳуме, ки ба воситаи калимаи “адл” ифода мегардад, чун вожаи асосии тавзеҳшаванда дар банди наҳвии мазкур панҷ маротиба такрор шудааст. Такрори вожаи “адл” дар ин банди наҳвӣ, аз як тараф, таъкиди ин мафҳумро фаҳмонад, аз сӯйи дигар, робитаи маъноӣ ва сохтории банди наҳвиро таъмин менамояд.

Дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” нисбат ба ҷумлаи содаю мураккаб бартарии банди наҳвӣ баръало мушоҳида мешавад ва ин хусусияти наҳвии асар ба мавзӯъ ва муҳтавои он вобаста мебошад, зеро “Ахлоқи Муҳсинӣ” асари ахлоқӣ буда, он тақозо менамояд, ки ба ҳар мафҳуму категорияи ахлоқӣ таърифи мушаххасу густурда дода шавад ва барои таъсирбахшу эътимоднок будани таърифҳо далелу асноди мушаххас оварда шавад ва ин ҳама дар маҷмӯъ наметавонад, ки дар як ҷумлаи сода ё мураккаб баён шавад.

Хулоса, банди наҳвӣ чун воҳиди томи наҳв дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” ба таври фаровон истифода шуда, нақши муҳиммеро адо намудааст. Муаллифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” дар созмондиҳии банди наҳвӣ аз воситаҳои луғавӣ ва грамматикӣ хеле моҳирона ва дар доираи меъёр истифода кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов В. Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик / В.Абдулазизов. – Душанбе, 2013. – 148 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе, 1989. - Ҷ. 3. – 220 с.
3. Камолиддинов Б. Масъалаҳои баҳсноки наҳви забон / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2013. – 132 с.
4. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. – 294 с.
5. Мухторов З. Структура и семантика текста (сопоставительный анализ на материалах таджикского и русского языков): автореф. дисс. доктора филол. наук / З.Мухторов. – Душанбе, 2013. – 46 с.
6. Облокулова С. Библиографический указатель по вопросам сложного синтаксического целого, присоеденения, парцеллирования / С.Облокулова. – Самарканд, 1982. – 76 с.
7. Тоҷиев Д.Т. Осори мунтахаб / Д.Т.Тоҷиев. – Душанбе, 2005. – 480 с.
8. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул- Аҷам. Ҷ. 3 / Нуъмонӣ Шиблӣ. – Душанбе, 2016. – 575 с.
9. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (Асрҳои XI-XII) / С. Ҳалимов. – Душанбе, 2002. – 95 с.
10. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 6. Ёддоштҳо. Қ. 1,2 / С. Айнӣ. - Душанбе, 1962. - 414 с.
11. Самандархоҷаи Тирмизӣ. Дастур-ул-мулук / Тирмизӣ Самандархоҷа. – Душанбе, 1990. - 158 с.
12. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи Султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия / Кошифӣ Ҳусайн Воиз. – Душанбе, 1991. – 378 с.

КОРБУРДИ БАНДИ НАҲВӢ ДАР “АХЛОҚИ МУҲСИНӢ”

Дар мақола оид ба хусусиятҳои созмонӣ ва маъноии воҳиди томи наҳвӣ дар асоси маводи асари адиб ва донишманди асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Ахлоқи Муҳсинӣ” изҳори андеша шудааст. Тадқиқу баррасии маводи асар нишон дод, ки муаллиф аз воҳиди томи наҳвӣ ба таври фаровон истифода кардааст, зеро банди наҳвӣ барои мушаххасу равшан ифода намудани матлаби нависанда мусоидат кардааст. Бартарии банди наҳвӣ дар асар ба он вобаста аст, ки баёни адиб қисса андар қисса буда, робитаи ҳиссаҳои

ҳар қиссае истифодаи банди наҳвиро ногузир гардондааст. Муаллифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” дар созмондиҳии банди наҳвӣ аз воситаҳои луғавӣ ва грамматикӣ хуб истифода намудааст.

Калидвожаҳо: адиб, наҳв, банди наҳвӣ, грамматика, “Ахлоқи Муҳсинӣ”, воҳид, баён, восита, қисса, робита.

ПРИМЕНЕНИЕ СЛОЖНОГО СИНТАКСИЧЕСКОГО ЦЕЛОГО В ТЕКСТАХ КНИГИ “ЭТИКА БЛАГОДЕЯНИЯ” (АХЛОҚИ МУЊСИНӢ)

Статья посвящена анализу и интерпретации особенностей применения сложного синтаксического целого в художественных текстах таджикской классической литературы на примере произведения известного ученого и мыслителя XV века Хусайна Воизи Кошифи «Ахлоқи Муњсинӣ» (Этика благодеяния). Особенности применения сложного синтаксического целого (ССЦ) в художественном тексте рассматриваемого произведения заключается в том, что данное произведение написано в форме кратких поучительных рассказах и наставлений. В связи с этим применение кратких текстов, которые в большинстве случаев совпадают с размером сложного синтаксического целого представляется вполне уместным и стилистически продуктивным. Автор книги при составлении своих нравоучительных текстов весьма удачно употребляет лексические и грамматические средства взаимосвязи составных компонентов сложного синтаксического целого в результате чего писателю удается выразить свои мысли доступным и действенным способом. В результате анализа и интерпретации текстов различной конструкции и содержания можно прийти к такому выводу, что произведение Хусайна Воизи Кошифи «Ахлоқи Муњсинӣ» (Этика благодеяния) является ценным источником по применению малых текстов, соответствуюших как по структуре, так и по содержанию современной структуре сложного синтаксического целого на примере художественных текстов.

Ключевые слова: текст, язык, литература, грамматика, сложное синтаксическое целое, синтаксис, стиль, средства связи, рассказ, связь составных компонентов.

THE USE OF A COMPLEX SYNTACTIC UNIT IN THE BOOK "THE ETHICS OF BENEFICENCE" (AKHLOQHI MOHSINI)

The article is devoted to the analysis and interpretation of the peculiarities of the use of a complex syntactic whole in the artistic texts of Tajik classical literature on the example of the work of the well-known scientist and thinker of the fifteenth century, Husain Voizi Koshifi " Akhloqhi Mohsini" (The Ethics of Beneficence). The peculiarities of the use of a complex syntactic unit (CSU) in the poetic text of the work under consideration is that this work is written in the form of brief instructive stories and instructions. In this regard, the use of short texts, which in most cases coincide with the size of a complex syntactic unit, seems quite appropriate and stylistically productive. The author of the book in the compilation of his moralizing texts very successfully uses lexical and grammatical means of interrelating the constituent components of a complex syntactic unit, as a result of which the writer manages to express his thoughts in an accessible and effective way. As a result of the analysis and interpretation of texts of different design and content, one can come to the conclusion that Husain Voizi Košifi's "Akhloqhi Mohsini" (Ethics of Beneficence) is the source of the use of small texts that correspond both in structure and content to the modern structure of the complex syntactic unit on the example of artistic texts.

Key words: text, language, literature, grammar, complex syntactic unit, syntax, style, means of communication, story, connection of composite components.

Сведения об авторе: ***Нилуфари Хайдаршох*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: Nilufari Khaidarshokh - Tajik National University, graduate student of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК: 811.21/.22(03)

"КИТОБ-УЛ-АЙН" НАХУСТИН ФАРҲАНГНОМАИ МУКАММАЛ ДАР ТАЪРИХИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Солиҳов Н.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таълифи фарҳангномаҳо дар таърихи илми забоншиносӣ аз даврони қадим бо ташаббуси ҳиндиҳо, юнониҳо, мисриёни қадим ва чиниён маншаъ гирифта буд. Сипас, ин ҷараён дар асрҳои миёна аз ҷониби арабҳо инкишоф ёфта, иброниён ва дигарон низ онро мавриди истифода қарор доданд. Аз ин рӯ, андешаи сохтори чунин фарҳанги мукаммал дар зеҳни забоншиносони араб бармаҳал дар миёнаҳои асри дуюми ҳичрӣ, ҳангоме ки Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ луғатномаи маъруфи худро бо номи "ал-Айн" таълиф намуд, оғоз гардид.

Халил ибни Аҳмад наҳвӣ, луғатнигор ва бунёдгузори илми арӯз дар садаи дуюми ҳичрӣ аст. Номи пурраи ӯ дар манобеъ Халил ибни Аҳмад ибни Амр ибни Тамими Фароҳидӣ ё Фарҳудӣ омадааст. Кунияи ӯро Абӯабдурраҳмон гуфтаанд [6, с.45; 11, с.38; 18, с.47].

Халил дар Умон ба дунё омад ва дар ҷавонӣ ба Басра рафт [24, III:1260]. Бо ин ки маҳалли таваллудаш мушаххас аст, Ёқути Ҳамавӣ ӯро эрониасл дониста [24,III:1260], муътақид аст, агар Халил араб мебуд, насабшиносон ё шогирдонаш ӯро ба таври комил зикр мекарданд, на ин ки ӯро фақат Халил ибни Аҳмад биноманд. Ӯ, сипас, аз Ҳамзаи Исфаҳонӣ нақл кардааст, ки Халил аз насли эрониёне аст, ки ба дастури Анушервон (531-579 т.м.) Яманро фатҳ карданд ва бобои Халил дар Яман монда, бо қабилаи Азд васлат пайдо кардааст. Ӯ дар идома меафзояд, ки Халил ба далели ҳамватан ва қаробат будан –

бунёдгузори грамматикаи забони арабӣ – Сибавайҳро парвариш дод [24, III:1260-1261]. Ин маълумот дар сарчашмаҳои гузашта дида намешавад, аммо дар манобеи баъдӣ омадааст [23, с.550].

Аз зиндагии Халил дар кӯдакӣ иттилое дар даст нест. Ӯ дар ҷавонӣ ба Басра рафт ва бо Аюби Сахтёнӣ – муҳаддис ва фақеҳи аҳли суннат (ваф. 131 ҳ.) – ошно шуда, аз ӯ илм омӯхт ва ҳамчунин, илми наҳвро аз Амр ибни Ало ва Исо ибни Умари Сақафӣ (ваф. 149 ҳ.) фаро гирифт [19, с.56].

Халил зиндагии бисёр сода дошт ва бо даромади кишоварзӣ аз замине, ки аз падараш мерос бурда буд, зиндагӣ мекард [19, с.56; 17,VII:430; 20, с.76].

Ӯ дар тамоми манобеъ бо иззати нафс ва боҳуштарин фарди рӯзгори худ муаррифӣ шуда, аз дидор бо подшоҳону ҳокимон парҳез мекард [3, с.97-99; 5,II:245-246; 13,I:64].

Халил яке аз бузургтарин донишмандони ҷаҳони Ислом маҳсуб мешавад. Хадамоти илмии ӯ дар чанд замина дархӯри тааммуқ аст:

- Халил асосгузори илми арӯз аст. Ихтирои илми арӯз тавассути Халил ҳамсанги таълифи "Мантиқ"-и Арасту дониста шудааст [24, III:1261].
- Нахустин фарҳанги забони арабӣ бо номи "ал-Айн" ба шеваҳои комилан нав мансуб ба ӯст [5, II:246].
- Бо ин ки пеш аз ӯ донишмандони мумтозе дар илми наҳв буданд, вале Халилро асосгузори илми наҳв донистаанд [12, с.56].

Халил дар поягузорӣ ва исботи қавоиди наҳвӣ бар самоъ (шунидан), таълил (далеловарӣ) ва қиёс такя дошт. Самоъ назди ӯ аз шунидани шеър, наср ва луғат аз араби фасеҳе, ки ба фасоҳаташ эътимод дошт, иборат буд. Аз ин рӯ, дар Ҷазират-ул-араб ба назди қабилаҳо мерафт ва аз онон мешунид ва чун Кисоӣ аз ӯ пурсид, ин ҳама илми наҳвро аз куҷо овардаӣ? Посух дод: "Аз биёбонҳои Ҳиҷоз, Нажд ва Таҳома" [12, с.33]. Бо ин ки пеш аз Халил қиёс дар наҳв назди касоне монанди Абдуллоҳ ибни Абӯисҳоқи Ҳазрамӣ ривоҷ дошт, аммо Халил шеваи илмӣ ба он бахшид, ки аз имтиёзоти мактаби Басра шуд [21, с.73]. Аз ҷумла, ибтикори назарияи авомили наҳвӣ ва усулу фуруи он аз ихтироти ӯ ва ба гуфтаи Шавқӣ Зайф бо мутолиаи "ал-Китоб"-и Сибавайҳ дармеёбем, ки поягузори назарияи авомил Халил аст [12, с.38].

Халил дар мактабҳои дигари наҳвии забони арабӣ низ таъсиргузор буд, зеро усули муҳимми мактаби Басра (самоъ, қиёс ва таълил) дар мактаби Куфа низ пазируфта шуд ва онон ба ин усул такя карданд.

Халил дар пайдоиши нахустин асари наҳви арабӣ, яъне "ал-Китоб"-и Сибавайҳ нақши асосӣ дошт ва аксари сарчашмаҳои қаблӣ бештари матолиби ин китобро аз он Халил донистаанд [15, I:6; 11, с.40; 19, с.58].

Бархе аз муаррихон осори Халилро ҳафтоду чанд асар шумурдаанд, вале номе аз онон ба миён наовардаанд [22, III:295]. Аз ин хотир, дар сарчашмаҳои арабӣ аз қабили "Феҳрист"-и Ибни Надим ва "Муъҷам-ул-удабо"-и Ёқути Ҳамавӣ ба таври куллӣ аз осори Халил чунин асарҳо зикр гардидаанд:

1. Китоб-ул-айн;
2. Китоб-ул-ниғам;
3. Китоб-ул-арӯз;
4. Китоб-уш-шавоҳид;
5. Китоб-ул-ҷумал;
6. Китоб-ун-нуқат ва-ш-шакл;
7. Китоб фоит-ил-айн;
8. Китоб-ул-ийқоъ [4, с.49; 24, III:1271].

Аз осори рангин ва гуфтори намакини Халил ҷумлаҳои зерин ҳувайдост: "Дониш дар сурате бахше аз худро дар ихтиёри ту хоҳад гузошт, ки ту ҳама вуҷуди хешро дар ихтиёри ӯ қарор бидиҳӣ ва ҳар гоҳ чунин шавад, мақоми арҷманде пайдо хоҳӣ кард" [7].

Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ дар Басра аз дунё даргузашт. Таърихи вафоти ӯро Марзабонӣ [19, с.72] 160 ҳ., Ибни Надим [4, с.47] 170 ҳ. ва Ёқути Ҳамавӣ [24, III:1260] 175 ҳ. зикр кардаанд.

"Китоб-ул-айн" асари Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ буда, нахустин китоби мукаммалест, ки дар мавзӯи луғат ба забони арабӣ таълиф гардидааст. Муаллифи асар муддате дар бодияи аъроб ба гардиш пардохта, шунидаҳои худро дар маҷмӯае тадвин кардааст. Аз он ҷо, ки ин китоб дар қарни дуюми ҳиҷрӣ таълиф шудааст, он бо муқаддимае роҷеъ ба чигунагии алфози араб ва тақсимбандии ҳуруф бар асоси махраҷи талаффуз оғоз мешавад. Дар ин муқаддима далелҳое бар луғати араб чун суноӣ, сулосӣ, рубоӣ ва хумосӣ баён шуда, барои ҳар кадом мисолҳо зикр шудааст. Дар бораи алиф таъкид мекунад, ки ин ҳарф такяи бисёре аз ҳуруфи калимаҳост. Он гоҳ махориҷи ҳуруф бозгӯ шуда, тавзеҳи муфассале дар бораи ҳар кадом омадааст. Дар поёни муқаддима баён мекунад, аз он ҷо, ки махраҷи ҳарфи "айн" дуртарин аст, китобро аз он шурӯъ мекунад. Ҳангоми баёни маонии вожаҳо ибтидо аз духарфаи музоаф оғоз мекунад ва сипас, сеҳарфа ва сеҳарфаи муътал ва лафифро оварда, пас аз он чаҳорҳарфа ва панҷҳарфаро баён

мекунад. Дар бораи номи китоб матлабе дар муқаддима наомада, аммо дар китобҳои куҳан ин китобро бо номи "ал-Айн" шиносонидаанд. Сабаби номгузории он гуфта шудааст, ки ё ба далели ин, ки бо ҳарфи "айн" шурӯъ шуда ё аз он ҷо, ки нисфи вожагони китоб дорои ҳарфи "айн" ҳастанд, ба он ном хонда шудааст. Баъд аз "Китоб-ул-айн" китобҳои бисёре дар луғат навишта шудаанд, ки ҳама бо таваҷҷуҳ ба ин китоб ва истифода аз он таълиф гардидаанд. Аз зумраи ин гуна асарҳо метавон ба "ат-Таҳзиб"-и Азҳарӣ, "ал-Муҳкам"-и Ибни Сида, "ас-Сиҳоҳ"-и Ҷавҳарӣ, "Ҷамҳарат-ул-луға"-и Ибни Дурайд ва "Муъҷам мақойис-ил-луға"-и Аҳмад ибни Форис ишора кард.

"Китоб-ул-айн" ба решаи калимот таваҷҷуҳ карда, калимаҳои муътал ба асли худ баргардонида шудаанд. "Китоб-ул-айн" шомили ҳудуди 2000 решаи луғати роиҷ дар қарни дуюми ҳиҷрӣ аст [22; 7].

Халил китобашро бо ҳарфи "айн" оғоз карда, бо ҳарфи "ҳамза" анҷом додааст. Ба ҳамин далел ва бар мабнои як суннати қадимаи арабӣ, ки баъзе китобҳои луғатро бо номи аввалин ҳарфи он номгузорӣ мекарданд, ин китоб "ал-Айн" номида шуд [16,I:7].

Оё "Китоб-ул-айн" навиштаи Халил аст? Яке аз шубҳаҳои баҳсталаб дар мавриди "Китоб-ул-айн" нисбат додани он ба Халил мебошад. Шубҳаҳои матраҳшуда дар ин замина чандон асоси илмӣ надоранд ва аҳли илм Халилро муаллифи ин асари гаронбаҳо медонанд.

Таваҷҷуҳи Халил ба махориҷ-ул-ҳуруф таъйид мекунад, ки аз назари ӯ поя ва асоси забон нутқ ва савт аст, на расму шакл. Халил тартиби калимаҳои "ал-Айн"-ро бар асоси махраҷи онҳо дастабандӣ кардааст. Ба ин сурат, ки аз поёнтарин махраҷ, ки ҳалқ аст, шурӯъ карда, ба наздиктарини он, ки лаб аст, анҷом медиҳад. Тартиби куллии ҳуруфи алифбо назди Халил ба ин сурат аст:

ҳуруфи ҳалқӣ (**ع، ح، هـ، خ، غ**);
ҳуруфи забонча (**ق، ك**);
ҳуруфи комӣ (**ج، ش، ض**);
ҳуруфи апикалӣ (**ص، س، ز**);
ҳуруфи сақфи даҳон (**ط، د، ت**);
ҳуруфи байнидандонӣ (**ظ، ذ، ث**);
ҳуруфи нӯгизабонӣ (**ر، ل، ن**);
ҳуруфи лабӣ (**ف، ب، م**);
ҳуруфи миёнхолӣ (**و، ا، ي، ء**) [14, c.55].

Баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки ин навъи тартиб дар асари мавриди таваҷҷуҳ ба ҳиндӣ бармегардад, зеро онон низ луғати санскритро аз ҳуруфи ҳалқӣ шурӯъ намуда, ба ҳуруфе хотима медиҳанд, ки бо лаб талаффуз мешавад.

Дар "Китоб-ул-айн" калимот бар асоси тартибе, ки гуфтем, мураттаб гардидаанд. Мабнои Халил ҳуруфи аслии калима мебошад, вале дар ин навъ чиниш ду вижагии дигар низ дар китоб мушоҳида мешавад:

1. Эшон дар оғози ҳар боб ибтидо калимаҳои суноӣ (дуҳарфа), сипас сулосӣ (сеҳарфа) ва баъд аз он рубоӣ (чаҳорҳарфа) ва он гоҳ хумосӣ (панҷҳарфа)-ро зикр мекунад [16, I:28].

Масалан, дар боби "айн" аз вожаи "**عق**" шурӯъ мекунад, то "**عم**", он гоҳ сулосиро зикр мекунад, монанди: **عقر، عقم** сипас рубоиҳоро чун: **عقرب** ва дар поён хумосиҳоро аз қабили **قرعبل** меоварад.

2. Ҳар боберо, ки оғоз мекунад, тамоми шаклҳои ҳарфҳоро зикр мекунад ва агар дар забони араб истифода гардад, маънои онро мегӯяд.

Масалан, суноиҳо танҳо ду шакл доранд, монанди: "**دق**", ки шакли дигари он "**قد**" мебошад, вале сулосиҳо шаш шакл доранд. Масалан, дар қолаби "**ضرب**" қолабҳои "**رضب**", "**ربض**", "**ضبر**", "**برض**" ва "**بضر**" дарёфт мешавад ва ҳамин тавр, дар рубоиҳо ва хумосиҳо қолабҳои он афзун мегардад, ки дар ин миён маънои калимаҳои мустаъмалро зикр мекунад ва ғайри онро раҳо месозад.

Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки эшон дар ҳарфи дуюм ва сеюм ҳам ҳамин чиниши алифбоиро риоят кардааст.

Инак, бо тафсилоти номбурда барои дарёфти як калима дар китоби "ал-Айн" бояд матолиби зеринро ба тартиб амал намуд:

1. Тартиби ҳуруф бар асоси махраҷи савтӣ ба гунае, ки қаблан оварда шуд, ҳифз шавад.

2. Ҳуруфи зоиди калима ҳазф гардида, ҳуруфи аслии он шиносоӣ шавад, ба унвони мисол, калимаи "**لمعان**" дар боби сулосӣ бо ҳуруфи аслӣ (**ل م ع**) қарор дорад ва калимаи "**تعاطف**" дар боби сулосӣ бо ҳуруфи аслии (**ع ط ف**) хоҳад буд. Чунонки калимаи "**قرعبلانة**" дар боби хумосӣ бо ҳуруфи аслии (**ق ر ع ب ل**) қарор мегирад.

3. Агар ҳарфи иллат дар байни калимаи мавриди назар вуҷуд дошта бошад, бояд онро ба асли хеш баргардонд. Масалан, калимаи "**عطية**" дар ҳуруфи аслии (**ع ط و**) ва калимаи "**ميعاد**" дар ҳуруфи аслии (**و ع د**) қарор мегиранд.

4. Баъд аз шиносоии ҳуруфи аслӣ агар ҳарфи "**ع**" дар байни ҳуруфи аслӣ вуҷуд дошта бошад, он калимаро бояд дар китоби "**ع**" ё боби "**ع**" ҷустуҷӯ намуд. Сипас, бо назар ба ду ҳарфи дигар зимни ҳифзи тартиби абҷадии ёдшуда ҳарфе, ки баъд аз ҳарфи "**ع**" қарор

гирифтааст, мавриди тавақҷуҳ қарор мегирад. Ба унвони мисол, агар ҳуруфи аслии калимае (س ل ع) бошад, бояд ба боби "ع" муроҷиат намуд, зеро ҳарфи "س" дар тартиби боло нисбат ба ҳарфи "ل" наздиктар ба ҳарфи "ع" аст. Бояд суроғи "باب العين والسين واللام معها" рафт ва онро пайдо намуд. Агар дар байни ҳуруфи аслӣ ҳарфи "ع" вуҷуд надошта бошад, бояд дид, ки оё ҳарфи баъд аз "ع" дар тартиби ёдшуда, ки ҳарфи "ح" аст, вуҷуд дорад ё не? Агар вуҷуд дошта бошад, бояд онро дар боби "ح" ҷуст ва агар ҳарфи "ح" дар ҳуруфи аслӣ набошад, ҳарфи "هـ", ки сеюмин ҳарфи тартиби ёдшуда аст, мадди назар қарор мегирад ва то охир ҳамин тавр идома меёбад. Масалан, калимаи "لهج"-ро бояд дар боби " الهاء والجيم واللام معهما" ҷустуҷӯ намуд [16,I:29], зеро ҳарфи "هـ" дар тартиби зикршуда, пеш аз ҳарфи "ج" ва ҳарфи "ج" низ қабл аз ҳарфи "ل" қарор дорад. Инчунин, калимаи "فرط"-ро бояд дар боби сулосии саҳеҳ аз ҳарфи "ط" ва ҳамчунин, дар боби " الطاء والراء والفاء معها" ҷустуҷӯ кард, зеро ҳарфи "ط" дар тартиби ҳуруф пеш аз "ر" ва ҳарфи "ر" қабл аз ҳарфи "ف" аст. Ҳамин тавр, калимаи "مِيقات"-ро, ки ҳуруфи аслиаш (و ق ت) аст, бояд дар боби сулосии муътал аз ҳарфи "ق" ва дар боби " القاف والتاء والواو معها" ҷустуҷӯ намуд. Дар сурате, ки калимае комилан муътал бошад, бояд ба охирин боби китоб муроҷиат кунем, яъне "باب الأحرف العلة" [16,I:30].

"Китоб-ул-айн" бо тавақҷуҳ ба гирдоварии вожа ва истинодоти он фарогири 8 ҷилди мустақил мебошад.

Ҷилди аввали китоб шомили ду бахш аст: бахши аввал муқаддимаест дар овошиносии арабӣ. Халил ибни Аҳмад дар ин муқаддима бар асоси шинохти садои ҳуруф як тартиби комилан мантиқӣ ва нав дар "Китоб-ул-айн" ҷорӣ намудааст, ки дар шинохти калимаҳои арабӣ аз калимаҳои аҷамӣ ва ё калимаҳои фасеҳро ғайри фасеҳ метавон мушоҳида кард. Сипас, матни китоб, ки бо тарҷумаи луғате, ки "айн-ул-феъл"-и онҳо ҳарфи "айн" мебошад, то "Боб-ус-сулоси-с-саҳеҳ мин ҳарф-ил-айн" зикр гардидааст.

Ҷилди дуюм: анҷоми ҳарфи "ع"-ро дар бар мегирад.

Ҷилди сеюм: шомили тарҷумаи алфозе аст, ки "айн-ул-феъл"-и онҳо ҳарфи "ح" ва низ ҳарфи "هـ" то "Боб-ус-сулоси-с-саҳеҳ" аз он мебошад.

Ҷилди чаҳорум: фарогири такмили ҳарфи "هـ" ва тарҷумаи вожаҳое, ки "айн-ул-феъл"-и он ҳарфи "خ" ва "غ" мебошад.

Ҷилди панҷум: шомили муқаддима буда, бо ҳамду сипоси Худованд ва пайғамбараш ба матни китоб мепардозад, ки он тарҷумаи калимаҳоест, ки "айн-ул-феъл"-и он ҳуруфи "ق" ва "ک" мебошад.

Ҷилди шашум: фарогири тарҷумаи вожаҳое аст, ки "айн-ул-феъл"-и онҳо ҳуруфи "ج" ва "ش" мебошад.

Ҷилди ҳафтум: шомили тарҷумаи калимаҳоест, ки "айн-ул-феъл"-и онҳо ҳуруфи "ض", "ص", "س", "ز" ва "ط" мебошад.

Ҷилди ҳаштум: фарогири тарҷумаи вожаҳоест, ки "айн-ул-феъл"-и онҳо ҳуруфи "د", "ت", "ظ", "ذ", "ث", "ر", "ل", "ن", "ف", "ب", "م" ва ҳуруфи муътал мебошад.

Халил ҳар ҳарфро китоб номидааст, яъне ҳарфи "айн"-ро "Китоб-ул-айн", ҳарфи "ҳо"-ро "Китоб-ул-ҳо" номгузорӣ кардааст.

Яке аз шеваҳои ибтикории Халил зикри муштақоти як калима бар асоси иштиқоқи кабир аст. Масалан, барои қолаби вожаи "حرب" панҷ ҳолати иштиқоқии мақлуби калима, яъне "بحر، رجب، حبر، برح،ربح"–ро зикр мекунад. Дарвоқеъ, кори ӯ илҳомбахши забоншиносони баъдина чун Ибни Ҷиннӣ, Ибни Форис ва дигарон дар байни қавоиди кабир будааст.

Аз вижагиҳои дигари "Китоб-ул-айн" тақсими он бар шаш боб аст:

- боби суноии музоаф;
- боби сулосии саҳеҳ;
- боби сулосии муътал;
- боби лафиф;
- боби рубоӣ;
- боби хумосӣ [16, I:16].

Дар бораи "Китоб-ул-айн" таҳқиқоти фаровоне сурат гирифтааст, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба таҳқиқи Маҳдии Махзумӣ ва Иброҳими Сомароӣ дар муқаддимаи чопи ин китоб дар соли 1904 дар Бейрут ишора кард. Дар бораи истинодоти шеърии ин китоб Ҳоҷар Фарид Умар рисолае бо унвони " شواهد العين دراسة نحوية" дар донишгоҳи Қоҳира дар соли 1427 ҳ. навиштааст. Китобе бо унвони " معجم الشعراء في كتاب العين" тавассути Абдулазизи Иброҳим дар кишвари Алҷазоир тадвин шудааст, ки доир ба макон ва соли чопи он маълумот дастрас нагардид. Ин китоб маълумоти омории муҳиммеро роҷеъ ба истинодҳои шеъри "Китоб-ул-айн" ироа месозад ва нигоранда аз маълумотҳои омории истинодҳои шеърии ин китоб баҳра бурдааст. Дар бораи истинодҳои шеърии ҳамаи сарчашмаҳо низ таҳқиқотҳо сурат гирифтааст, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба рисолае бо унвони " شرح الشواهد الشعرية لمعجم ألفاظ القرآن الكريم للراغب الأصفهاني" навиштаи Насрин Малик Муҳаммадӣ ва ба роҳнамоии Абдулғанӣ Эрвонизода дар соли 1390 ш. ишора кард, ки дар он шарҳи 112 байт аз истинодоти шеърӣ ҳамроҳ бо нукоти сарфӣ ва наҳвӣ зикр гардидааст.

Мақолае низ бо унвони "**استشهادات حديثي وقرآني در كتاب العين**" ба қалами Баҳром Амонӣ нигошта шудааст, ки дар маҷаллаи "Мишкот" дар соли 1393 ш. ба чоп расидааст [9, с.41].

Манобеи "Китоб-ул-айн" умуман бар асоси истинодоти Қуръон, ҳадис, шеър ва ҷумлаҳои насрии фасеҳ аст. Қуръони карим манбаест, ки тақрибан ҳамаи фарҳангҳои арабӣ бавижа, "Китоб-ул-айн" дар шарҳи вожаҳо аз оятҳо ва калимаҳои он ба унвони истинод истифода кардаанд. Илова бар Қуръони карим, ҳадис низ каму беш мавриди таваҷҷуҳи Фароҳидӣ қарор гирифтааст. Истинодҳои шеърӣ, ки ҳаҷми зиёдеро дар ин китоб касб карда, ҷумлаҳои насрии фасеҳ, ки ғолибан дар қолаби амсол ва ҳикам ифода ёфтааст, навъи дигари истинодоти ин китоб маҳсуб меёбад [9, с.42].

Таъсиргузории Қуръони карим ба фарҳангҳои нахустин ва "Китоб-ул-айн" танҳо марбут ба зикри истинодоти қуръонӣ набуд, балки бо муқоисаи мафҳумҳои вожаҳо дар ин фарҳангҳо метавон ба таъсири ҷаҳонбинии қуръонӣ дар тавлиди маъноҳои навин дар вожагон дар давраи исломӣ низ пай бурд. Истинодоти қуръонӣ бахши умдае аз шавоҳиди "Китоб-ул-айн"-ро ташкил медиҳад. Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ аз ҳудуди шаш ҳазор вожаи мустаъмал дар "Китоб-ул-айн" ба 679 оят истинод кардааст. Истинодоти қуръонӣ дар ин китоб ғолибан бидуни зикри номи сура ва ё шумораи оят ба шакли "**قال**", "**قال عز وجل**", "**تعالى**", "**قال الله**" ва ғайра қарор гирифтааст [8, с.106-107]. Халил ба ихтилофи қироати вожагони қуръонӣ низ таваҷҷуҳ доштааст ва барои ҳар навъи қироат, шарҳе низ зикр кардааст. Ба унвони мисол, ӯ дар шарҳи вожаи "**قَهَرَ**" дар ояти зерин "**فَأَمَّا الْيَتِيمَ فَلاَ تَقْهَرْ**" (сураи Зуҳо: 9) ба қироати дигари он ба нақли Ибни Масъуд (аз қориёни машҳури қабилаи Ҳузайл) ишора дорад ва онро ба шакли "**فَأَمَّا الْيَتِيمَ فَلاَ تَكْهَرْ**" (*Пас ятимро ҳаргиз маёзор*) (сураи Зуҳо: 9) зикр мекунад ва мегӯяд, ки вожаи "**كَهَرَ**" мафҳуми "туршрӯӣ" ва "таҳқир аз касе"-ро ифода менамояд [9, с.42].

Дар "Китоб-ул-айн" пас аз истинодоти қуръонӣ истинод ба ҳадис корбурди бештаре доштааст. Халил ибни Аҳмад дар ин китоб ба 470 ҳадис истинод намудааст. Истинод ба ҳадис ғолибан ба ду шакл дар ин китоб ишора гардидааст: 1) истинод ба ҳадис бо зикри марҷаи он; 2) истинод ба ҳадис бидуни зикри марҷаъ. Дар навъи аввал, ғолибан номи Паёмбар (с) ва бархе аз саҳоба ба унвони марҷаи ҳадис зикр шудааст. Дар навъи дуюм, ки аксар қисми ин навъи истинодро ташкил медиҳад, марҷаи ҳадис номаълум аст ва одатан ба шакли "**ومن الحديث...**", "**وفي الحديث...**" омадааст [8, с.112].

Илова бар ин, дар "Китоб-ул-айн" истинод ба амсол ва ҳикам ба шакли пароканда зикр гардида, камтарин навъи истинодро ташкил медиҳад. Тақрибан, дар асари мавриди таваҷҷуҳ ҳудуди 30 амсол ва ҳикам мавриди истифода қарор гирифтааст [9, с.44]. Ба унвони мисол, Халил ибни Аҳмад дар шарҳи вожаи "**عَظ**" мегӯяд: "**ويقال في أمثال العرب: لاَ تَعِظْني وَتَعَظعَظْ**" (*Ва дар амсоли араб гуфта мешавад: Худро панд деҳу маро не*) [16,I:83].

Дар миёни истинодоте, ки Халил ибни Аҳмад барои шарҳи вожагон ироа медиҳад, интинодоти шеърӣ ҷойгоҳи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Истинодоти шеърии "Китоб-ул-айн" наздики шаш ҳазор буда, бархе аз ашъор ба шаклҳои рачаз, якмисраӣ, якбайтӣ, дубайтӣ ва ғайра номбар шудааст. Ӯ аз ашъори тақрибан сесад шоир истифода кардааст [1, с.196] ва тахминан сеяки ашъор бидуни зикри номи шоир омадааст. Дар ин баррасӣ маълум шуд, ки 45% аз истинодоти шеърӣ ба шоирони давраи ҷоҳилӣ, 24% ба шоирони давраи мухазрам (исломӣ-ҷоҳилӣ), 28% ба шоирони давраи уммавӣ ва давраи нахустини исломӣ ва 3% ба шоирони давраи аббосӣ мансуб аст [1, с.200; 10, с.116].

Ғайр аз ин, Халил ибни Аҳмад дар истифода аз истинодоти шеърӣ дар ин китоб бархӯрдор буд. Ӯ аз гурӯҳҳои гуногуни шоирон аз фирқаҳо, динҳо ва мазҳабҳои мухталиф истифода карда, ба ҳеҷ гуна таассуби динӣ дар ворид намудани истинодоти шеърӣ ба худ роҳ надодааст [9, с45].

Баррасии истинодот дар "Китоб-ул-айн" нишон медиҳад, ки Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ дар таълифи ин китоб илова бар таҳқиқоте, ки дар шарҳи вожаҳо ва қабилаҳои бадавӣ анҷом додааст, ба масъалаи истинодоти Қуръон, ҳадис, шеър ва ғайра таваҷҷуҳ варзидааст. Халил аз истинодоти шоирони қабилаҳои гуногуни Ҷазираи араб истифода карда, бештари истинодоти ӯ марбут ба шоирони қабилаҳои Наҷд аст ва қабилаҳои Ҳиҷоз, Ҳузайл ва Канона низ мавриди таваҷҷуҳи Халил будааст. Баҳрамандии фаровони Халил аз истинодоти гуногуни Қуръон, шеър, ҳадис ва истинод ба ашъори шоирони қабилаҳои мухталифи Ҷазираи араб махсусан, шоирони сарзамини Наҷд метавон "Китоб-ул-айн"-ро манбаи муҳим дар шарҳу фаҳмиши вожаҳо ва матнҳои давраҳои нахустини исломӣ қаламдод намуд.

Аз таҳлилу баррасӣ бо таваҷҷуҳ ба матолиби матраҳгардида метавон натиҷагирӣ намуд, ки нахустин луғатномаи мукаммал дар таърихи забоншиносии араб асари "Китоб-ул-айн"-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ маҳсуб меёбад. Ӯ асари мавриди назарро ба ҳуруфи алифбо тибқи махраҷи талаффузи онҳо мураттаб сохт. Бад ин гуна, ки ба ҳарфи ҳалқ оғоз карда, ба ҳамин тартиб пеш омада, то ҳуруфе, ки аз лаб талаффуз мешавад ҷойгузин намуда, се ҳарфи иллатро дар охир қарор додааст. Чун боби "айн" мутобиқи ин тартиб дар ибтидои китоб воқеъ шуда буд, китоби ӯ ба "ал-Айн" маъруф гардид. Зоҳиран то давраҳои тӯлонӣ луғатнависони араб китоби мустақиле, ки фарогири ҳамаи вожаҳо

бошад, таълиф накарданд ва чунон менамояд, ки қадимтарини онҳо "Таҳзиб-ул-луға"-и Азҳарӣ (ваф. 282 ҳ.), "Ҷамҳарат-ул-луға"-и Ибни Дурайд (ваф. 321 ҳ.), "ал-Бориъ фи-л-луға"-и Абуалӣ Қолӣ (ваф. 356 ҳ.), "Девон-ул-адаб"-и Абӯиброҳим Исҳоқи Форобӣ (ваф. 350 ҳ.), "ал-Муҳит"-и Соҳиб ибни Аббод (ваф. 393 ҳ.), "ас-Сиҳоҳ"-и Ҷавҳарӣ ва "ал-Муҷмал фӣ мақойис-ил-луға"-и Ибни Форис (ваф. 395 ҳ.) мебошанд. Дар ин сурат, метавон аввалин луғатноманависони забони арабиро Азҳарӣ, Ибни Дурайд, Иброҳими Форобӣ, Соҳиб ибни Аббод, Ҷавҳарӣ ва Ибни Форис донист, ки бештар аз сарзамини Эрон зуҳур кардаанд ва боҷуръат метавон гуфт, ки нахустин таълифи фарҳангномаҳои арабӣ аз ихтирооти эрониён аст.

А Д А Б И Ё Т

1. إبراهيم عبد العزيز، معجم الشعراء في كتاب العين، الجزائر، الديوانية، بدون تاريخ.
2. ابن الأنباري، نزهة الألباء في طبقات الأدباء، چاپ محمد أبوالفضل إبراهيم، القاهرة، 1967م.
3. ابن المعتز، طبقات الشعراء، چاپ عبد الستار أحمد فراج، القاهرة، 1956م.
4. ابن النديم، كتاب الفهرست، چاپ محمد رضا تجدد، تهران، 1350ش.
5. ابن خلّكان، وفيات الأعيان وأنباء أبناء الزمان، 8 مجلدات، چاپ احسان عباس، بيروت، ١٩٦٨ – ١٩٧٧م.
6. ابوالطيب لغوی، مراتب النحويين، چاپ محمد أبوالفضل إبراهيم، صيدا، ١٤٢٣هـ /٢٠٠٢م.
7. از دیروز تا امروز (مجموعه مقاله ها و سفرنامه های سیدجعفر شهیدی 12 آبانماه، 1389، شماره 287)
8. بهرام اماني، استشهادات قرآني و حديثي در كتاب العين، مشكوة، 1393ش.
9. بهرام اماني، آسيبشناسي استشهادات معجم العين خليل بن أحمد فراهيدي (با رويكرد به شواهد شعري)، ادب عربي، سال 9، شماره 1، بهار و تابستان 1396ش.
10. جميله عباسي، استشهادات شعري در منابع نخستين اسلامي، از آغاز دوره اسلامي تا پايان عصر دوم عباسي، زير نظر بهرام اماني، دانشگاه زنجان، 1392ش.
11. سيرافی، كتاب اخبار النحويين البصريين، چاپ فريتس كرنكو، بيروت، ١٩٣٦م.
12. شوقی ضيف، المدارس النحوية، القاهرة، ١٩٦٨م.
13. عبدالرحمان بن أبی بكر السيوطي، المزهر فی علوم اللغة وأنواعها، چاپ محمد أحمد جاد المولی، علی محمد بجاوی، و محمد أبو الفضل إبراهيم، القاهرة، بدون تاريخ.
14. عليرضا دل افكار. تأثير قرآن در پيدايش علوم زبان عربي، شهريور، 1392.
15. عمر بن عثمان السيبويه، كتاب السيبويه، چاپ عبدالسلام محمد هارون، القاهرة، ١٩٦٦م.
16. كتاب العين، لأبي عبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي، تحقيق: الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي، الجزء الأول، الجمهورية العراقية، وزارة الثقافة والإعلام، دار الرشيد للنشر، 1980م.
17. محمد بن أحمد الذهبي، سير أعلام النبلاء، چاپ شعيب ارنؤوط و ديگران، بيروت، ١٩٨١– ١٩٨٨م.
18. محمد بن حسن الزبيدي، طبقات النحويين واللغويين، چاپ محمد أبوالفضل إبراهيم، القاهرة، ١٩٨٤م.
19. محمد بن عمران المرزباني، كتاب نورالقبس المختصر من المقتبس، اختصار يوسف بن أحمد اليغموري، چاپ رودلف زلهايم، ويسبادن، ١٣٨٤ ش/ ١٩٦٤م.
20. محمد بن يعقوب الفيروزآبادی، كتاب البلغة في تاريخ أئمة اللغة، چاپ بركات يوسف هبّود، صيدا، ١٤٢٢ هـ/ ٢٠٠١م.
21. مهدي المخزومي، الخليل بن أحمد الفراهيدي: أعماله ومنهجه، بيروت، ١٤٠٦ هـ/ ١٩٨٦م.
22. ميرسيد محمد باقر خوانساري، روضات الجنات، الجزء الثالث، بدون تاريخ.
23. نورالله بن شريف الدين الشوشتري، مجالس المؤمنين، تهران، ١٣٥٤ش.
24. ياقوت الحموي، معجم الأدباء، چاپ إحسان عباس، بيروت، ١٩٩٣م.

"КИТОБ-УЛ-АЙН" НАХУСТИН ФАРҲАНГНОМАИ МУКАММАЛ ДАР ТАЪРИХИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Гирдоварии луғати араб ва оғози фарҳангнигорӣ дар таърихи забоншиносии араб аз қарни дуюми ҳичрӣ оғоз меёбад. Аввалин нафаре, ки ба ин кор иқдом намуд, Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ (ваф. 175 ҳ.) мебошад, ки луғатномаеро зери унвони "Китоб-ул-айн" таълиф намуд. Ин асар дар таърихи илми фарҳангнигорӣ номи ӯро мондагор сохта, сармашқи ҳамаи таълифоте гардид, ки то кунун дар ин замина навишта шудааст. Халил дар луғатномаи худ ба гирдоварии вожаҳо бар асоси садои ҳуруф таваҷҷуҳ намудааст. Равиши Халил дар тартиби вожаҳо ба махориҷи ҳуруф такя дорад. Муаллифи асар муддате дар бодия ба сайру гардиш пардохта, шунидаҳои худро дар маҷмӯае сабт кардааст. Аз он ҷо, ки ин китоб дар қарни дуюми ҳичрӣ таълиф шудааст, он бо муқаддимае роҷеъ ба чигунагии алфози араб ва тақсимбандии ҳуруф бар асоси махраҷи талаффуз оғоз мешавад. Дар поёни муқаддима баён мекунад, аз он ҷо, ки махраҷи ҳарфи "айн" дуртарин аст, китобро аз он шурӯъ мекунад. Манобеи "Китоб-ул-айн" умуман бар асоси истинодоти Қуръон, ҳадис, шеър ва ҷумлаҳои насрии фасеҳ, ки ғолибан дар қолаби амсол ва ҳикам ифода ёфтааст, мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтааст. Баҳрамандии Халил аз истинодоти гуногуни Қуръон, шеър, ҳадис ва истинод ба ашъори шоирони қабилаҳои мухталифи Ҷазираи араб махсусан, шоирони сарзамини Наҷд метавон "Китоб-ул-айн"-ро манбаи муҳим дар шарҳу фаҳмиши вожаҳо ва матнҳои давраҳои нахустини исломӣ қаламдод намуд. Баъд аз "Китоб-ул-айн" китобҳои зиёде дар гирдоварии луғат навишта шудаанд, ки ҳама бо таваҷҷуҳ ва истифода аз он таълиф гардиданд. Аз зумраи ин гуна асарҳо метавон ба "ат-Таҳзиб"-и Азҳарӣ, "ал-Муҳкам"-и Ибни Сида, "ас-Сиҳоҳ"-и Ҷавҳарӣ, "Ҷамҳарат-ул-луға"-и Ибни Дурайд ва "Муъҷам мақойис-ил-луға"-и Аҳмад ибни Форис ишора кард.

Калидвожаҳо: Китоб-ул-айн, фарҳангнома, забоншиносӣ, Халил ибни Аҳмад, илми наҳв, илми арӯз, қавоиди наҳвӣ, мактаби Басра, мактаби Куфа.

"КИТАБ АЛЬ-АЙН" ПЕРВЫЙ ПОЛНЫЙ СЛОВАРЬ В ИСТОРИИ АРАБСКОГО ЯЗЫКОЗНАНИЯ

Составление арабского словаря и начало лексикографии в истории арабскго языкознания отмечается со второго века хиджры. Первым автором, который приступил к этой работе, был Халил ибн Ахмад Фарохиди (умер 175 х.), который составил словарь под названием "Китаб аль-айн". Этот труд сделал его имя вечным в истории лингвистической науки и стал образцом для всех словарей, которые были написаны до сих пор на этой основе. Халил в собрании слов в своем словаре обращал внимание на звучани букв. Таким образом, Халил в распределении слов учитываль артикуляцию букв. Автор произведения некоторое время провел в пустыне и записал услышанные слова в сборнике. В связи с тем, что книга была составлена во втором веке хиджры, она начинается с введения, которое говорит о свойстве арабских слов, и классификации букв на основе артикуляции. В завершении введения автор излагает, что в связи с тем, что по месту артикуляции буква "айн" – самая далёкая буква, книга начинается с этой буквы. Источники "Китоб-аль-айн" содержат ссылки на Корана, хадисы, стихи и

красноречивые прозаические произведения, которые изложены в примерах и афоризмах. Халил вдохновился ссылками Корана, из стихов, хадисов и ссылками на стихи поэтов разных кланов Джазират-ул-араба, в особенности, поэтов земли Надж. "Китоб-аль-айн" является важным источником в изложении и понимании слов и текстов начального времени ислама. После "Китаб аль-айн" были составлены многочисленные книги в собрании словаря, которые были составлены с использованием этой книги. Можно отметить среди ных "ат-Тахзиб" от Азхари, "ал-Мухкам" от Ибни Сида, "ас-Сихох" от Джавхари, "Джамхарат-ул-луга" от Ибн Дурайд и "Муджам макойис ал-луга" от Ахмад ибн Форис.

Ключевые слова: Китаб аль-айн**,** словарь, языкознание, Халил ибн Ахмад, синтаксис, метрика, синтаксические правила, школа Басра, школа Куфа.

«KITAB-UL-'AIN» THE FIRST COMPLETE DICTIONARY IN THE HISTORY OF ARAB LINGUISTICS

Gathering Arabic words and the beginning dictionarymaking in the history of Arab linguistic start from second (Hegira) century. The first, who proceeded to this work was Khalil ibn Ahmad Farahidi (died. 175 h), who authored the dictionary and named it «Kitab-ul-'ain».This work made his name persistent and it became the example for all works were written still now. Khalil paid attention in his dictionary to words in the basis of voices. Khalil's method in the order of the words reclines in the exit of letters. The author of work travels in the field for during of time and noted what he heard in this time in a collection. From where this book was written in the second (h) century, it starts with preference about where through Arabic dialects and qualification of the letters on the basis of exit of spelling. At the end of preference he points that the position of «'ain» is further and that's why he decided to start the book from this letter.The sources of «Kitab-ul'ain» generally were on the basis of Quraan, hadith, poem and colloquent prose sentences, that frequently were shown in format of anecdotes and quotes, were in the point of view of Author. Launching Khalil from the various sources from Quraan, poem, hadith and citation to the poems of the poets from the different Arab tribes from Arab Island, especially poets from Najd land we can say the «Kitab-ul-'ain» the important source in the explanation and understanding of words and the texts from the period of the beginning of Islam. After the «Kitab-ul-'ain» were writtin a lot of books in this field, by using this book as a basis. For example we can point to these book: «at Tahzib» by Azhari, «al-Muhkam» by ibn Sida, «as-Sihoh» by Jawhari, «Jamharat-ul-lugha» by ibn Duraid and «Mu'jam maqois-il-lughs» by Ahmad ibn Foris.

Key words: Kitab-ul-'ain, dictionary, dictionary, linguistics, Khalil ibn Ahmad, Syntactics , the science of aruz, syntax rules, Basra school, Kufa school.

Сведения об авторе: ***Солихов Наджмидин Хамдамович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры арабской филологии. E-mail: **najmiddin83@bk.ru.** Тел.: **(+992) 93-527-84-28**

Information about the author: ***Solihov Najmiddin Handamovich*** - Tajik National University, assisstant professor of chair of Arab philology. E-mail: **najmiddin83@bk.ru**. Tel.: **(+992) 93-527-84-28**

УДК: 811.21/.22-54

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Кенҷазода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик хеле барвақт таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда буд. Он ҳамчун қисмати муҳимми грамматикаи забони тоҷикӣ, қисми таркибии наҳви забони тоҷикӣ дар аввалин китобҳои дарсии забони тоҷикӣ баррасӣ карда шудааст. Дар «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода қисмати ҷудогонаи ин гурӯҳи ҷумлаҳо баррасӣ гардидаанд. Минбаъд дар дастуру китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ва силсилаи тадқиқоте, ки ба таърихи забони тоҷикӣ, шеваҳои забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, масъалаи ҷумлаҳои сода баррасӣ гардидаанд.

Аввалин китобе, ки бо усули таҳқиқотию методологии забоншиносии шӯравӣ оид ба таълими забони тоҷикӣ навишта шуда буд, «Сарфу наҳв»-и Сайидризо Ализода [1] ба шумор меравад. Агарчи, китоб кӯшиши аввалин дар ин самт буд ва ду қисмати забон – сарф ва наҳвро дар бар гирифта, маълумот дар бораи ҷумлаҳои сода ҳам хеле мухтасар буд, назари дар бораи ҷумла пешниҳоднамудаи муаллиф бунёди илмӣ дошт.

Аз маълумоти дар китоб овардашуда дар мавриди ҷумлаи сода, чанд қайдро дидан мумкин аст: аввалан, муаллиф дар бораи ҷумлаҳои исмия ва феълия (хабарашон номӣ ва феълӣ- К.М.), мувофиқати хабар бо мубтадо, ҷумлаҳои муҷаррада ва музайяна (хуллас ва тафсилӣ – К.М.), ҷумлаҳои туфайлӣ маълумот медиҳад [1, с.81-82]. Андешаҳои муаллиф дар мавриди мутобиқати хабар бо мубтадои ғайризинда хеле ҷолиб аст: “чун фоил ва мубтадо ғайризирӯҳ бошад, мутобиқат ва адами мутобиқат ҳар ду ҷоиз аст. Монанди: Обҳо равон аст. Обҳо равонанд” [1, с.81].

Албатта, он китоб иқдоми аввалин буд, аз ин рӯ, назарҳои баҳсталаб низ дар он ҷой доранд. Ин иқдом солҳои минбаъда аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсӣ идома ёфта, ба ташаккули зина ба зинаи назарияи ҷумла дар забони тоҷикӣ замина гузошт. Ҳамин такон буд, ки солҳои минбаъда пайдарпай китобҳои дарсии забони тоҷикӣ бо такмили нав пайи ҳам ба нашр оғоз намуданд.

Аввалин тадқиқоти характери методию таълимидошта, ки дар он танҳо қоидаи мухтасари ҷумлаҳои сода, навъҳои алоқа дар ҷумла, хелҳои ҷумлаи сода оварда ва бо

мисолҳо мухтасар шарҳ дода мешавад, ба қалами Ш. Ниёзмуҳаммадов тааллуқ дорад, ки соли 1949 таълиф гардида буд. Метавон гуфт, ки ин китоб нисбат ба тамоми дастурҳои таълимию методии аз оғози асри XX таълифгардида қадами куллан фарқкунанда дар мавриди омӯзиши ҷумлаҳои сода аст, аввалан, таснифоти то он замон мукаммалтарин бори нахуст маҳз дар ҳамин китоб оварда мешавад, аммо муаллифи китоб барои исботи назараш ба ягон сарчашма мурочиат намекунад, танҳо хели ҷумларо зикр намуда, қоидаи онро оварда, барои омӯзандагон мисолҳо меорад ва машқу супориш илова мекунад, яъне он танҳо қимати як дастури таълимиро дорад. Дар тамоми китобҳои таълимии минбаъда маълумоти овардашуда асосан аз ҳамин маълумот чизи фаротареро дар бар намегиранд.

Тадқиқоте, ки ба таърихи забони тоҷикӣ ва шеваҳои забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, арзиши баланди илмӣ доранд. М. Қосимова наҳви ҷумлаҳои содаи асри Х1-ро таҳқиқ намуда, ба масъалаҳои предикативият, модалияти ҷумла [ниг.: 5, с.53] таваҷҷуҳ менамояд, дар идома бошад, асосан хелҳои ҷумлаҳои содаеро аз насри давраи тадқиқ мисол меорад, ки анвои гуногуни ҷумлаҳои содаро ташкил медиҳанд.

Дар «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (соли 1986) ва таълифоти минбаъда, ки дар бораи ҷумлаҳои сода маълумот дода мешавад, характери таълимӣ дорад. Аз ҷониби дигар, дар давраи пас аз солҳои 80-уми садаи XX ба оҳистагӣ дар забони тоҷикӣ таҳаввулоте ба амал омада, ки таҷдиди назарро ба тадқиқоти дар мавриди ҷумлаҳои сода анҷомдодаи муҳаққиқон дар солҳои 50-60-уми садаи XX талаб мекунад. Дар баробари ин, баъзе масъалаҳои ҷумлаҳои сода бо ҷойи аъзоҳои ҷумла, иштироки аъзоҳои ҷумла ҳамчун ҷузъи сохтори ҷумла алоқамандӣ доранд, ки ҳангоми таснифоти хелҳои ҷумла таваҷҷуҳи махсус мехоҳанд.

Хулоса, тамоми тадқиқоте, ки дар атрофи ҷумлаҳои сода сурат гирифтаанд, хусусияти нисбӣ дошта, ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ ҳанӯз ба омӯзиши мукаммал ниёз доранд.

Дар баробари тадқиқоти профессор М. Қосимова пажӯҳиши Р. Ғаффоров [3] низ иқдомест дар омӯзиши муқоисавии наҳви забони тоҷикӣ. Муаллифони китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои донишҷӯён профессор Б. Камолиддинов [4], М. Норматов [8] низ маълумоти арзишмандеро дар бораи ҷумлаҳои сода пешниҳод менамоянд.

Дар назари аввал масъалаи ҷумла дар илми забоншиносӣ пурра омӯхта шудааст, аммо дар таърихи илми забоншиносӣ вобаста ба пайдоиши илмҳои гуногуни иҷтимоӣ масъалаи наҳви ҷумлаҳои сода, дар баробари ҳама проблемаҳои дигари ин илм муносибати нав ба навро талаб мекунад. Дар даҳсолаҳои охир дар омӯзиши илми забоншиносӣ унсурҳои омӯзишии илмҳои гуногун ворид гардида, талаб мекунанд, ки ба бисёр масъалаҳои илмии омӯхташудаи сохтори забон диди тозае ворид карда шавад. Ҳамин аст, ки гоҳо маълумоти ҳамагӣ чанд сол пеш мавҷудбуда ва андешаи мукаммали баёншуда ҳам арзиши худро аз даст медиҳад ва муносибати навро ба масъалаи баррасишуда талаб мекунад.

Маълум аст, ки баёни фикр танҳо бо сарҳади ҷумлаҳо маҳдуд намегардад, аммо муносибати мантиқиро дар ифодаи мақсад маҳз қолаби ҷумлаҳо муайян мекунанд. Ҷумла воҳиди асосии нутқи инсон, қолабҳои наҳвии ба ҳам алоқаманди дорои хусусияти сохторӣ ва маъноӣ мебошад. Дар ҷумла хусусияти муҳимтарин ин хусусияти маъноӣ мебошад, ки тавассути муносибати предикативии байни сараъзоҳои ҷумла ифода мегардад. Ба ғайр аз ин, ҷумла дорои аломатҳои сохторие мебошад, ки, пеш аз ҳама, оҳанги типи гуногуни ҷумлаҳо, тартиби калима, навъҳои воситаи грамматикии алоқаи калимаҳо ташкил медиҳанд.

Маълум аст, ки ҷумла ва таълимот дар бораи он мавзӯи марказии илми наҳв буда, нисбати ин масъала мавқеи муҳаққиқон давра ба давра тағйир ёфтааст. Ҳамин аст, ки дар омӯзиши наҳви ҷумла мактабҳои гуногуни илмии забоншиносӣ мавқеи худро доранд.

Дар таърихи омӯзиши илми наҳв се равияи забоншиносӣ мавҷуд аст: мантиқӣ-грамматикӣ, равоншиносӣ, грамматикаи шаклӣ. Агарчи ин се равия дар илми забоншиносӣ собиқаи зиёд доранд, аммо то имрӯз ҳамин самти омӯзиш бо ворид гардидани муносибатҳои нав боқӣ мондаанд.

Омӯзиши назарияи ҷумлаи сода табиист, ки бо омӯзиши назарияи худи наҳв (синтаксис) марбут аст. Инро дар таълимоти ҳар се равияи дар боло зикршуда равшан дидан мумкин аст. Масалан, дар таълимоти равияи мантиқӣ-грамматикӣ, ки аз намояндагони барҷастааш Ф.И. Буслаев, Н.И. Греч ба шумор мерафтанд, пояи мулоҳизаронихоро назарияи ҷумлаи сода ташкил мекард [11, с.5]. Аз ҷумла, Ф.И. Буслаев дар чунин назар буд, ки таърихи адабиёт, санъат, илм бо зиндагии мардум якҷоя инкишоф меёбад, аммо забон чунин хусусият надорад, яъне миқдори фонемаҳо, миқдори вожаҳо зиёд намешавад, сохтори грамматикии забон дигар намешавад. Бо тамоми иштибоҳот, ки дар мавриди категорияҳои грамматикӣ ва мантиқӣ, яъне ҷумла ва муҳокимаронӣ, ҷонибдорони назарияи мантиқӣ-грамматикӣ дар таҳияи назарияи ҷумлаи сода саҳми муайян гузошта буданд.

Дар таҳқиқи назарияи ҳам ҷумлаи сода ва ҳам мураккаб нақши муҳаққиқи бузурги рус А.А. Потебня низ калон аст. Муҳаққиқ дар идомаи назари Ф.И. Буслаев ақидаҳои ӯро инкишоф дода, ба ҷараёни нав дар илми наҳв асос мегузорад. Ӯ бештар ба масъалаҳои

психологии фикр таваҷҷуҳ намуда, бунёдгузори равияи психологии наҳв дар забоншиносӣ аст. Хидмати А.А. Потебня дар инкишофи илми забоншиносии рус хеле бузург аст, бо вуҷуди он ки забонро ҳамчун фаъолият ё натиҷаи фаъолияти фикр қаламдод менамуд. Яъне, идея аввал ба вуҷуд меояд ва шакли амалишавии он забон аст. Аммо на фикр ва на забон инъикоси табиати воқеӣ нестанд, зеро назари мо ба воқеият натиҷаи ҷаҳонбинии мо нисбати олам ва воқеияти атроф аст. Ин назарияҳои А.А. Потебняро ҷамъбаст намуда муҳаққиқи рус А.Г. Руднев ӯро пайрави идеализми Кант мешуморад [11, с.5].

Як фарқи куллӣ миёни андешаҳои Ф.И. Буслаев ва А.А. Потебня дар шинохти ҷумла, пеш аз ҳама, дар он аст, ки агар Ф.И. Буслаев ҷумларо шахшуда, инкишофнаёбанда шуморида бошад, А.А. Потебня ҷумларо мисли тамоми худи забон муҳаррик ва инкишофёбанда мешуморад. А.А. Потебня ҷумларо ифодаи фикр дар шакли баён (словесность) гуфта, бо ин шакли ҳаракати фикр мешуморад ва мегӯяд: “Ҷумла амали апперсепсӣ аст, яъне муқоиса ва шарҳи он чӣ, ки фаҳмида шудааст: он ду воҳиди тафаккурро алоқаманд месозад: шарҳшаванда (субъекти психологӣ) ва шарҳдиҳанда (объекти психологӣ), яъне иборат аз ду ҷанбае, ки бе якҷоягӣ муқоиса ҳам ғайриимкон аст” [10, с.81-82]. Ҳамчунин дар идомаи ин андешаҳо муҳаққиқ таъкид мекард, ки ҷумла шакли забонии муҳокимаи фикрӣ аст, на мантиқӣ, бинобар ин, ҷумла бо муҳокимаронии мантиқӣ баробар ва як чиз нест [10, с.82].

Албатта, дар назарияҳои А.А. Потебня дар баробари андешаҳои нодуруст дар мавриди назарияи ҷумла, бешубҳа, масъалаҳое баррасӣ ва муҳокима мегарданд, ки дар мавриди омӯзиши сарҳади ҷумлаҳои сода ва мураккаб, оҳанги талаффуз дар ҷумлаҳои туфайлӣ, аз ҷумла ба андешаи А.Г. Руднев [11, с.9], арзиши хеле баланди илмӣ доранд.

Дар ташаккули назарияи ҷумла дар забоншиносии рус, ки бешубҳа дар омӯзиши ҷумла дар забоншиносии тоҷик бетаъсир нест, назарияҳои Ф.Ф. Фортунатов ва А.М. Пешковский низ хеле калон аст. Ҷолиби таваҷҷуҳ дар ин маврид он аст, ки дар бештари мавридҳо назарияҳои нав ё мактабҳои нави забоншиносӣ дар омӯзиши ҷумла ва умуман худи табиати забон, дар заминаи назарияҳои пешина ташаккул меёбанд. Назария ва мактабҳои нав ё назарияҳои пешинаро инкишоф медиҳанд, ё ин ки онҳоро инкор намуда, пояи ақидаҳои навро мегузоранд.

Маткаби забоншиносии Ф.Ф. Фортунатов бо номи ҷараёни шаклӣ-грамматикӣ андешаи ҷараёнҳои психологӣ ва мантиқиро инкор намуда, тасдиқ карданӣ мешуд, ки ҳеҷ гоҳ категорияҳои грамматикӣ бо категорияҳои мантиқӣ ва равоншиносӣ монанд буда наметавонанд, зеро ҳеҷ як мисоли амалӣ инро тасдиқ намекунад. А.М. Пешковский низ ҳамчун намояндаи барҷастаи ин ҷараён андешаҳои Ф.Ф. Фортунатовро ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекнад, ки дар забоншиносӣ танҳо бояд паҳлуҳои шаклии забон омӯхта шавад. Ихтилофи назар дар андешаҳои шаклпарастон ҳам бо ҷараёни мантиқгароён ва равоншиносигароён дар ҳамин ҷо зоҳир мешавад. Яъне, хоҳ нохоҳ ҷустани монандӣ миёни категорияҳои грамматикӣ ва мантиқу равоншиносӣ ба таҳлили амиқи маъноӣ мебарад, аммо А.М. Пешковский ҳатто таъкид мекунад, ки: “Он қисмати грамматика, ки шакли ибораро меомӯзад, синтаксис номида мешавад” [9, с.64].

Ҳамин буд, ки онҳо ҷумларо ҳам чун ибора нишон медоданд, ба сараъзоҳо танҳо аз рӯйи хусусияти морфологиашон баҳо дода, аъзои пайрав ва ҷумлаи содаро сарфи назар менамуданд. Ин муносибат боиси он мегардид, ки синтаксис чун ҷузъи морфология нишон дода мешуд.

Бо вуҷуди сахт пойбанди омӯзиши шакл будан хизматҳои ин олимони бузурги рус дар шинохти сохтори забон хеле калон аст. Пеш аз ҳама, мулоҳизаҳои амиқ дар мавриди хусусиятҳои шаклии воҳидҳои грамматикӣ хизмати арзандаи Ф.Ф. Фортунатов ва А.М. Пешковский буд.

Назарияҳои нисбатан мукаммал ва мушаххас дар мавриди ҷумлаи сода ҳамчун воҳиди асосии наҳв, аллакай, дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта комилан ташаккул ёфт. В.В. Виноградов чун яке аз забоншиносони барҷаста дар омӯзиши синтаксиси ибора ва ҷумлаҳои сода саҳми арзанда дорад.

Тадқиқоти солҳои гуногун дар мавриди ҷумлаҳои сода дар шароити кунунӣ, дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи забони тоҷикӣ тадқиқотеро талаб мекунад, ки дар баробари ҷамъбаст намудани назарияҳо ва таҷрибаҳои гузаронидаи пешиниён паҳлуҳои нави омӯзиши ин масъаларо инъикос намояд. Тадқиқот дар марҳалаи нав талаб мекунад, ки осори насри бадеӣ омӯхта, бо хусусиятҳои забони осори классикӣ ва гуфтугӯии имрӯза муқоиса намуда, хулосаҳои дақиқ бароварда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷик; омодакунандагони чоп: Хоҷаев Д., Гулмуродзода П. / С. Ализода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 92 с.
2. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения в книге: Вопросы грамматического строя / В.В. Виноградов. - М., 1955.

3. Гаффаров Р. Синтаксис таджикских говоров в сравнительном освещении / Р. Гаффоров. - Душанбе: Дониш, 1993. – 255 с.
4. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.
5. Қосимова, М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри Х1 / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 1976. – 216 с.
6. Лекант, П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / Р.А. Лекант. - М.: Высщая школа, 1986. – 175 с.
7. Ниёзмуҳаммадов, Б. Ҷумлаҳои содда дар забони тоҷикӣ / Б. Нёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1949. - 145 с.
8. Норматов, М. Наҳви забони тоҷикӣ / М. Норматов. - Душанбе, 2011. – 234 с.
9. Пешковский, А.М. Русский синтаксис в научном освещении / А.М. Пешковский. - М.: Учпедгиз, 1938.
10. Потебня А.А. Записки по русской грамматике. Т. I –II / А.А. Поебня. – М., 1958.
11. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения / А.Г. Руднев. - М., 1960. – 160 с.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақола ба масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ ба масъала диди нав мехоҳад, зеро тадқиқоти махсуси илмӣ дар мавриди махсусиятҳои ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ танҳо солҳои 50-ум ба анҷом расида буданд, дар таълифоти минбаъда бошад, асосан ҳамон андешаҳо инкишоф дода шуда, дар шакли китобҳои дарсӣ баён гардидаанд. Муаллиф барои тақвияти мавқеаш назарияҳои гуногуни муҳаққиқони русро дар мавриди сохтор ва принсипҳои бунёдии ҷумла таҳлил намуда, махсусияти таълифоти муҳаққиқони тоҷикро дар мавриди ҷумлаҳои сода иброз медорад. Дар мақола мавқеи аввалин тадқиқотҳои олимони рус ва тоҷик оварда мешаванд, марҳалаҳо ва мактабҳои илмии рус, нақш ва мавқеи олимони ҷудогона дар ташаккули назарияи ҷумла таҳлил мегардад, аҳаммияти аввалин дастури забони тоҷикӣ дар омӯзиши ҷумлаҳои сода зикр карда мешавад. Ба андешаи муаллиф, нақши дастури Сайидризо Ализода ҳамчун аввалин дастури таълими забон ва андешаҳои илмӣ дар мавриди сохтор ва навъҳои ҷумлаҳои сода аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Маҳз ин дастур тавонист дар омӯзиши минбаъдаи назарияи забони тоҷикӣ ва амалияи тартиб додани китобҳои дарсии минбаъда замина гузорад. Муаллиф дар ин назар аст, ки марҳалаи нави инкишофи забони тоҷикӣ ва назари нав ба таснифоти ҷумлаи сода, сохтори он дар шароити кунунӣ зарур ва муҳим аст. Дар мақола аз усулҳои таҳқиқии муқоиса, таҳлили континентӣ, усулҳои индуктивӣ ва дедуктивии хулосабарорӣ истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: ҷумла, предикатсия, модалият, субъект, объект, категория.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена изучению простых предложений в таджикском языке. Автор требует нового взгляда на данную проблему, так как специальные научные исследования относительно особенностей простых предложений в таджикском языке были проведены только в 50-ых годах прошлого века, а в последующих исследованиях в основном были развиты те же размышления и изложены в виде учебников. Автор для укрепления своей позиции роанализировал различные мнения русских ученых относительно фундаментальных структур и принципов предложения и высказал особенности трудов таджикских ученых относительно простых предложений. В статье приводятся позиции первых исследований русских и таджикских ученых, этапы и русские научные школы, анализируется роль и позиции отдельных ученых в формировании теории предложений и отмечается значение первого руководства по таджикскому языку в изучении простых предложений. По мнению автора, роль руководства Сайидризо Ализода как первого учебного пособия по таджикскому языку и научных взглядов относительно структуры и типов простых предложений имеет теоретическое и практическое значение. Именно данное пособие стало основанием в последующем изучении теории и практики таджикского языка и составления учебников. Автор придерживается мнения о том, что новый этап развития таджикского языка и новый взгляд на классификацию простого предложения и его структуры на данном этапе важна и своевременна. В данной статье использованы исследовательские приемы сравнения, континентного анализа, индуктивные и дедуктивные приемы резюмирования.

Ключевые слова: предложение, предикация, модальность, субъект, объект, категория.

SOME THE ORETICAL ISSUES OF STUDYING A SIMPLE PROPOSAL IN THE TAJIK LANGUAGE

The article is devoted to the study of simple sentences in the modern Tajik language. The author touches upon the question of a new scientific approach to the study of a simple sentence in the Tajik language. In her opinion, this issue has not yet been raised in monographic form. The main ideas were expressed only in the 50s of the twentieth century and all subsequent research around a simple sentence is based mainly on these studies. The author analyzes different approaches, theories to the study of the structure and classification of simple sentences, presents the first studies on the theory of simple sentences in the history of Tajik linguistic science, analyzes the positions of various linguistic schools on the theory of sentences. According to the author, the role of the first school course in studying the grammar of the Tajik language Sayidrizo Alizoda as the first attempt to study the structure and forms of a simple sentence in the Tajik language has theoretical and practical significance. It is this textbook that served as a basis for the further development of textbooks on the grammar of the Tajik language. According to the author, a new approach to the study of simple sentences in the Tajik language is claimed in the new period of development of the Tajik language. The article uses comparative analysis, content analysis and inductive, deductive research methods.

Key words: sentence, predication, modality, subject, object, category.

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК: 811.21/.22-54

НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(назаре ба ибтикороти ифтитоҳии Эмомалӣ Раҳмон дар тавсеаи мақоми забони модарӣ)

Амонзода М.С.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ

Мусаллам аст, ки марҳалаи нави такомул ва густариши забони тоҷикӣ дар қаламрави кишвар маҳз дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон, хосса баъд аз Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар радифи садҳо масоили ҳалталабӣ давлатӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳамагӣ барои беҳдошти вазъи зиндагӣ равона карда шуда буд, масъалаи ҳифз, инкишоф, тозагӣ ва пойдории забони давлатиро пайваста мадди назар қарор додаанд. Эмомалӣ Раҳмон ба забон ва нақши он дар ҷомеа ҳамчун ба як унсур ё омили ваҳдатбахш ё рамзи ягонагиву ваҳдати миллии тоҷикон эътибор бахшидаанд. Зеро Пешвои миллат дар даврони рӯйи кор будани вазъияти печидаву мураккаби сиёсиву ҳарбӣ, эҳё намудан ва таҳким бахшидани иқтисодиёти мамлакат, устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ, масъалаи рушду густариши забонро аз эътибор дур накарда, баръакс, мақоми онро дар расидан ба ҳадафҳои сиёсии давлати соҳибистиқлол дар сатҳи меҳварӣ қарор доданд.

Аввалин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ин буд, ки ҳанӯз аз соли 1993 Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мавриди тавоҷҷуҳ қарор гирифт ва ҳамасола таҷлил намудани он ба расмият даромад. Яке аз қадамҳои дигари ҷиддӣ дар ин раванд соли 1995 бо қарори Ҳукумат таъсис шудани Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи тозаро дар густариши забон замина гузошт. Баъди ду сол ба тасвиб расидани Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тавсеа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 1998 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудани Имлои нави забони тоҷикӣ идомаи эътибору эҳтироми хоссаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода мекунад. Ҳамаи ин чораҷӯиҳо ва тасвибу ташаббусҳо боис шуд, ки аз соли 2000-ум сар карда, коргузориҳо дар кулли вазорату идораҳо ба забони давлатӣ сурат пазируфт.

Аз нуқтаи назари Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин хидмате, ки забон дар таҳкими давлатдории муосири тоҷикон адо кард, хусусияти ваҳдатофарии ӯ маҳсуб мешавад [2]. Воқеан маҳз забон аст, ки мавҷудияти миллатро собит мекунад ва аз аркони муҳимми ваҳдати халқ маҳсуб мешавад. Зеро, тавассути забон мо аз мероси гаронбаҳои ниёгон, ки ҷавҳари онро фалсафа, мантиқ, андешаву афкори баландмазмун ташкил мекунад ва ба фардо раҳнамоӣ менамояд, баҳра мебардорем, бо ҳамдигар муносибат барқарор намуда, ҳамдигарфаҳмиро эҷод мекунем. Ба иборати дигар, забон моро ба ҳам меорад, муттаҳид месозад ва барои расидан ба фардои рӯшан раҳнамоӣ мекунад [2].

Дар мавриди ҳифзи забон, дороиҳои маънавии миллат, ки ба ин забон эҷод шудааст, Эмомалӣ Раҳмон бештар ба мутахассисон такя мекунанд ва ба онҳо ҳушдор медиҳанд, ки: “Яке аз вазифаҳои асосӣ ва пурифтихори Институти забон ва адабиёт дар давраи истиқлолият пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он, аз ҳисоби захираи забони классикӣ ва халқӣ суфтаву ғанитар намудани забони адабӣ, оммафаҳм сохтани забони нашрияҳо, пеш аз ҳама, китобҳои дарсӣ, забони матбуот ва тоза нигоҳ доштани забони муошират мебошад. Ҳамчунин зарурати эҷод ва эҳёи забони илмии тоҷикӣ кайҳо расидааст, ки ин ҳам аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини муҳаққиқон ва зиёиён, аз ҷумла Институти забон ва адабиёт, аст” [3].

Ин муроҷиати Пешвои миллат замина ва ҷанбаи илмӣ дошта, аз дарки масъулиятшиносӣ дар густариши дурусти минбаъдаи забон ва мақсади таҷдиди назар ба равандҳои таъсирбахши ҷомеа рӯйи кор омад. Ба андешаи Пешвои миллат мавҷудияти забон, инкишофи дурусти он, истифода аз имкониятҳои забон, ба фаъолияти самарабахши муассисони соҳа ва маърифати дурусти ҷомеа вобастааст. Ин буд, ки аз ҷониби олимону донишмандон “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (дар ду ҷилд) ва “Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ” (дар шаш ҷилд) чоп шуд, ки агар китоби аввал дар инъикоси боигарии имрӯзаи забони тоҷикӣ арзишманд бошад, китоби дувум барои истифодабарандагони имрӯза дастури муфид маҳсуб мешавад. Гузашта аз ин, дар партави ин дастур дар қаламрави кишвар аз ҷониби муассисаҳои илмиву таълимӣ, донишмандону мутахассисони соҳа даҳҳо китобу дастурҳои таълимӣ, фарҳангҳои хурду бузурги тафсирии якзабонаву дузабона, осори тадқиқотӣ оид ба таърихи забон ва забони адабии муосир интишор шуд, ки инҳо ифодагари марҳалаи тозаи инкишофи забони тоҷикӣ мебошанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд Пешвои миллат ҳамоно Қонуни забони тоҷикиро бори дигар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, таҳриру такмили онро аз вазифаҳои аввалиндараҷа қаламдод намуданд. Ин буд, ки маҳз бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи

Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муҷаддадан таҳия гардид ва 5 октябри соли 2009 тасдиқ шуд. Гузашта аз ин, бо фармони Президенти Тоҷикистон соли 2008 эълон шудани Соли бузургдошти забони тоҷикӣ, ҳамчунин қабули Қонун “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, таъсис ёфтани Кумитаи забон ва истилоҳот дар назди Ҳукумати мамлакат, таъсиси “Қонуни забони тоҷикӣ”, қабули “Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016” аз муҳимтарин воқеаҳо дар таърихи рушди забони тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд.

Ин ибтикороти Эмомалӣ Раҳмон бори дигар собит кард, ки худшиносии миллӣ, рушди бомайлони ҷомеа, сулҳу салоҳ, ваҳдат, ин ҳама аз гиромидошти забон оғоз мешавад. Ин ақидаи саҳеҳи илмӣ маҳсули омӯзиши таърихи беш аз ҳазорсолаи давлатдории тоҷикон аз ҷониби Сарвари давлат буда, исботи он дар ба саҳна омадани забони тоҷикӣ ва эҳёи давлатдории миллии тоҷикон баъди ҳукуматронии тӯлонии арабҳо мебошад. Маҳз забон аслиҳаи пуриқтидори миллат мебошад, ки бар муқобили ҳамагуна душманони давлату халқ муборизаи беамон бурдааст. Сарвари давлат мегӯянд, ки ба қавли академик Бобоҷон Ғафуров ҳатто: ”Баъд аз суқути Сомониён (соли 999м.) ба сари қудрат давлатҳои турктабор, чун Ғазнавиён, Салҷуқиён ва … омаданд, ки коргузории онҳо низ асосан бо забони тоҷикӣ сурат гирифта, ба қавли устод Айнӣ, «сарои худро аз уламо ва удабои тоҷик зинат дод(анд), катибаҳои ҳамаи иморатҳои худро ба тоҷикӣ сабт кунонд(анд)».

Руҷӯи Сарвари давлат ба таърихи кишвардории тоҷикон, хосса ба замони Сомониён низ боис шуд, ки оид ба вазъи забон, мақому манзалати он дар ҷомеа бештар таваҷҷуҳ созанд. Зеро маҳз дар даврон давлатдории Сомониён забони тоҷикӣ, ба қавле ба “масобаи забони меъёрӣ ва расмӣ” пурқувват шуд. Таваҷҷуҳу ибтикороти Эмомалӣ Раҳмон нисбати забони тоҷикӣ ба самт ва ҷанбаҳои гуногун равона карда шуда, яке аз онҳо пуштибонӣ аз марказҳои бонуфузи илмӣ ва суханварону суханшиносон маҳсуб мешавад. Зеро эшон нағз дарк мекунанд, ки маҳз давлат бо пуштибонии молиявӣ метавонад дар ин раванд нақши асосиро бозад ва имкониятҳои густурдаро фароҳам оварад. Дар ин ҷода рушди рӯҳияи эҳтиром ба забон, худшиносии миллӣ, исттиқлолҷӯйии ҷомеа ниҳоят муҳим буда, Пешвои миллат дар ин маврид ба халқи тоҷик эътимод ва боварии бузург доранд. Ин боварӣ низ заминаҳои таърихӣ дорад. Зеро чи хеле ки дар боло зикр шуд, ба қавли Сарвари давлат: “Талошу кӯшиш ва андешаи истиқлол миллати моро, ҳатто баъди суқути давлати Сомониён ва дар даврaҳои ҷабру зулми сулолаҳои бегона қувват бахшидааст, ки аз шебу фарози таърих, аз озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо бо сарбаландӣ гузашта, забони модарӣ, илму адабиёти оламгир, анъанаву суннатҳои неки таърихиву фарҳангӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ҳувият, худогоҳӣ ва худшиносии миллиро то замони мову шумо расонад” [3].

Ба қавле таърих такрорпазир аст ва ағлаби муҳаққиқони соҳаи таърих ва суханшиносӣ расмӣ шудани забон ва мақоми давлатӣ гирифтани онро ба воқеаҳои ҳазор сол пеши халқи тоҷик монанд мекунанд, ки ин низ заминаҳои воқеӣ дорад. Дар ин маврид хидмати Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раҳнамо ва сарвари раванди густариши забон бузург буда, таваҷҷуҳи эшон ба ҷойгоҳи забон ҳамчун ба рукни асосии ҳувияти миллии мардуми Тоҷикистон сарчашмаи дастовардҳои беназир дар ин соҳа гардид. Махсусан, назарияи Эмомалӣ Раҳмон оиди дар якҷоягӣ рушд бахшидани забон ва адабиёт ва онро ҳамчун ду омили муҳимми пойдории миллати тоҷик маҳсуб донистани Сарвари давлат натиҷаҳои нек ба бор овард. Воқеан, Сарвари давлат дар мавриди забони тоҷикӣ, мақому манзалати он бори дигар баъди анҷом бахшидани силсилаи фаровони амалҳои судманд андешаи худро иброз месозанд: “Бо гузашти бист сол мо амиқан дарк намудем, ки забони тоҷикӣ ҳамчун рамзи ҳувияти миллӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ аз ҷумлаи омилҳои асосии муттаҳидкунанда ва пайвандгари миллат мебошад”. Ин ҳама ибтикороти ифтитоҳии Эмомалӣ Раҳмон буда, дар бист соли аввали истиқлолият рӯйи кор омадааст. Фаъолияти Пешвои миллат минбаъд дар шакли густурда идома ёфта истодааст, ки табъу нашри силсилаи асрҳои бунёдӣ натиҷаи самарабахши он маҳсуб мешавад [4].

Муҳимтарин бардоштҳо ва хулосаҳои илмиро оид ба ҳадафҳо ва ибтикороти ифтитоҳии Сарвари давлат дар ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ ба тариқи зер метавон қаламдод кард:

1. Эмомалӣ Раҳмон нисбати забони тоҷикӣ дар баробар ба тақдири миллати тоҷик муносибат намуда, онро яке аз омилҳои муттаҳидкунанда ва пайвандгари миллат, рукни муҳимми давлатдорӣ ва мавҷудияти халқи тоҷик маҳсуб медонанд.

2. Масъалаи муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ, ки дар сарҳалқаи ҳаллу фасли он устод Садриддин Айнӣ қарор дорад, аз ҳадафҳои меҳварӣ дар назарияи Пешвои миллат мебошад. Зеро эшон бар онанд, ки дар сурати ба амал овардани меъёрҳо ва қоидаҳои равшани забони адабӣ мо ба пешрафти забон дастёб мегардем. Дар ин роҳ хидмати Сарвари давлат бо ироаи Қонуну барномаҳои мушаххас беназир аст.

3. Муносибати хоссаи Эмомалӣ Раҳмон нисбати забон аз дониши баланди таърихӣ, забоншиносӣ ва мантиқии эшон сарчашма гирифта, муқоисаву муқобалаи воқеаҳои таърихӣ дар заминаи хулосаҳои илмии донишмандони даврони гуногун меҳвари назарияи Пешвои миллатро ташкил медиҳад.

4. Эътибор додан ба вазъи забон ҳамчун сиёсатмадор бо дарки масъулият дар назди ҷомеа, таъмини сулҳу ваҳдат миёни халқҳои гуногуни кишвар, баланд бардоштани обрӯву нуфузи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ бо нишон додани бузургии забони тоҷикӣ ва таърихи тӯлонии ӯ аз хусусиятҳои умдаи назарияи Пешвои миллат мебошад.

5. Тавассути забон муаррифӣ кардани адабиёти бузурги миллӣ, таърихи ниёгон, фарҳангу тамаддуни миллӣ, чеҳраҳои мондагори таърихӣ, ки дар тамаддуни башарӣ мақоми арзанда доранд, яке аз ҳадафҳои меҳварии Сарвари давлат маҳсуб мешавад.

6. Андешаи Пешвои миллат "Донистани забони модарӣ, эҳтиром ба миллат ва гузаштаи хеш мебошад" [3], дар баробари ташвиқ ба маърифатнокии мардум, дар ниҳоди сокинони кишвар бедор кардани муҳаббат ба таърихи ниёгон мебошад. Сарвари давлат худшиносии миллиро, ки маҳз аз донистан ва эҳтиром нисбати забон сарчашма мегирад, асоси тарбияи инсони ватанпарвару меҳандӯст медонанд. Донистани забони миллӣ дар бедор намудан ва густариши тафаккури миллӣ нақши муҳим мебозад. Ба қавли Пешвои миллат: "Забон хишти аввалини кохи миллат буда, яке аз рукнҳои асосии давлати миллӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки агар забон ва фарҳанги миллӣ аз байн раванд, миллат низ дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад" [3].

7. Дар радифи донистани забон огоҳ будан аз адабиёти миллӣ, ки таърихи беш аз сеҳазорсола дорад, аз назари Пешвои миллат дар ниҳоди инсони муосир неру ва қудратеро эҳдо мекунад, ки дар созандагиву бунёдкорӣ нақши бориз хоҳад дошт.

8. Нигоштаҳои илмиву адабӣ ва суханрониҳои Пешвои миллат баёнгари онанд, ки эшон худ намунаи олии донандаи забони тоҷикӣ, таърихи кишвар, осори илмиву назариявӣ оид ба забон буда, ибрати мардуми кишвар дар сухандониву суханронӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди забон, мақоми забон ва густариши он дар ҷомеаи муосир хидмати фаровонеро намуда, ба як маънӣ назария ва дастури минбаъдаи ташаккули онро муайяан намудаанд. Андеша ва пешниҳодҳои Пешвои миллат доир ба забон, таърихи забон ва забоншиносӣ таҳқиқи жарфо ва густурдаро тақозо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Китоби 1. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна / Бобоҷон Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 86.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Маърӯза дар тантанаи ҷашни Рӯзи забон. - Душанбе, 2003.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Маърӯза дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 70-солагии Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2004.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 1. Ба сӯйи пояндагӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 516 с.

НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(назаре ба ибтикороти ифтитоҳии Эмомалӣ Раҳмон дар тавсеаи мақоми забони модарӣ)

Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши Эмомалӣ Раҳмонро дар густариши забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Марҳалаи нави такомул ва густариши забони тоҷикӣ дар қаламрави кишвар маҳз дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон, хосса баъд аз Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар радифи садҳо масоили ҳалталаби давлатӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳамагӣ барои беҳдошти вазъи зиндагӣ равона карда шуда буд, масъалаи ҳифз, инкишоф, тозагӣ ва пойдории забони давлатиро пайваста мадди назар қарор додаанд. Эмомалӣ Раҳмон ба забон ва нақши он дар ҷомеа ҳамчун ба як унсур ё омили ваҳдатбахш ё рамзи ягонагиву ваҳдати миллии тоҷикон эътибор бахшидаанд. Зеро Пешвои миллат дар даврони рӯйи кор будани вазъияти печидаву мураккаби сиёсиву ҳарбӣ, эҳё намудан ва таҳким бахшидани иқтисодиёти мамлакат, устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ, масъалаи рушду густариши забонро аз эътибор дур накарда, баръакс, мақоми онро дар расидан ба ҳадафҳои сиёсии давлати соҳибистиқлол дар сатҳи меҳварӣ қарор доданд.

Калидвожаҳо: Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои миллат, забони тоҷикӣ, Қонуни забон, худшиносии миллӣ, таърих, адабиёт.

РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В РАЗВИТИИИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

(взгляд на вклад Эмомали Рахмона в развитие и укрепление таджикского языка в статусе государственного)

В данной статье автор рассматривает роль Эмомали Рахмона в развитиии таджикского языка, его укрепления в статусе государственного языка. Новый этап усовершенствования и развития таджикского языка на территории республики берет свое начало в период Независимости Таджикистана, а именно после 16-ой Исторической Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан. Основатель мира и национального согласия, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон наряду с многочисленными государственными, экономическими, социальными и политическими проблемами, которые направлены на улучшение состояния жизни населения страны, также уделяет огромное внимание проблемам сохранения, развития, чистоты и укрепления таджикского языка. Благодаря стараниям Эмомали Рахмона относительно языка и укрепления его роли в обществе язык рассматривается как элемент или фактор укрепления единства, как символ национального единства и целостности таджиков. Лидер нации даже в очень трудные политические и военные периоды жизны для нашей страны никогда не забывал об улучшении экономического состояния и укрепления государственных основ страны, а также о проблемах развития и укрепления таджикского языка и вознес его на стержневой уровень как одного из основных в деле достижения политических целей независимого государства.

Ключевые слова: Эмомали Рахмон, Лидер нации, Закон о языке, национальнон самосознание, история, литература.

THE ROLE OF EMOMALI RAKHMON IN THE DEVELOPMENT OF THE TAJIK LANGUAGE

(a look at the contribution of Emomali Rahmon to the development and strengthening of the Tajik language in the status of the state)

In this article, the author examines the role of Emomali Rahmon in the development of the Tajik language, its strengthening in the status of the state language. A new stage of improvement and development of the Tajik language on the territory of the republic originates in the period of Independence of Tajikistan, namely after the 16th Historical Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. The founder of peace and national harmony, the Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, along with numerous state, economic, social and political issues that are aimed at improving the living conditions of the country's population, also pays great attention to the problems of preserving, developing, cleanliness and strengthening the Tajik language. Thanks to the efforts of Emomali Rakhmon regarding the language and strengthening its role in society, the language is considered as an element or factor in strengthening unity, as a symbol of national unity and the integrity of Tajiks. The leader of the nation, even in very difficult political and military periods of life for our country, never forgot about improving the economic situation and strengthening the state foundations of the country, as well as the problems of developing and strengthening the Tajik language and raised it to the pivotal level as one of the key to achieving political goals of an independent state.

Key words: Emomali Rahmon, Leader of the nation, Language Act, national identity, history, literature.

Сведения об авторе: ***Амонзода М.С.*** – Институт языка и литературы им.А.Рудаки АН РТ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21

Information about the author: ***Amonzoda M.S.*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki, Academy of Sciences of the RT. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 21 Rudaki Ave.

УДК: 811.111-3

ТАСНИФИ ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Шоимардонов И.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Иқтибос аз забони лотинӣ. Вожаҳои иқтибосии лотинӣ дар таркиби луғавии забони англисӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Бисёре аз вожаҳои иқтибосии лотинии қадим, ҳамчун барвақттарин иқтибос дар забони англисӣ ба шумор мераванд. Дар миёни вожаҳои иқтибосии лотинӣ дар забони англисӣ одатан 3 табақаро ҷудо мекунанд. Онҳо аз якдигар бо хусусиятҳои гуногуни семантикии (мафҳум, маъно) калима ва замони иқтибос шуданашон фарқ мекунанд.

1. **Табақаи якум**

Қабилаҳои қадим, яъне гузаштагони англо-саксҳо, ки дар қисми шимолии Европаи Марказӣ зиндагӣ мекарданд ва бо Империяи Рим ҷанг мекарданд, савдо мекарданд ва бо савдогарони Римӣ алоқа доштанд, аз онҳо як қатор калимаҳои алоқаманд ба соҳаи савдо ё ин ки ифодакунандаи мафҳум ва ашёҳои барои ин қабилаҳо навро, иқтибос намуданд [1, с.80] Масалан:

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
vinum - вино	wine [‘wain] - вино
pondo - ченаки вазн	pound [paund] - фунт
uncial - унтсия	ounce [‘auns] - унтсия
moneta- пораи оҳан барои иваз	mint [mint] - танга сикка задан
cista - қуттӣ	chest [ʧest] - сандуқ
discum - хӯрок	dish [‘diʃ] - хӯрок

Чуноне ки мебинем, ин калимаҳо аз ҷиҳати шакл хеле сода ва аз ҷиҳати таркиб низ муқаррарӣ мебошанд. Онҳо ба забони англисӣ бо роҳи шифоҳӣ ворид мегардиданд, яъне тавассути алоқаи бевосита. Ба ин гурӯҳ номгӯи маҳсулоти хӯрока ва растаниҳо ворид мегарданд. Масалан:

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
pipere - занҷабил	pepper [‘pepə]
persicum - шафтолу	peach [‘pi:ʧ]
pirum - нок	pear [‘pɛə]
prunum - олӯ	plum [‘plʌm]
butyrum - равған	butter [‘bʌtə]
plante - растанӣ	plant [plɑ:nt]
caseus - панир	cheese [ʧi:z]

Барои чен кардани масоҳатҳои калон, римиҳо аз ченаки дарозие истифода менамуданд, ки он ба ҳазор қадам (≈1.5 км) баробар буд. Ин ченаки дарозӣ бо ҳамроҳи номаш аз ҷониби англисҳо иқтибос гардид.

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
milliapassuum	mile [‘mɑɪl] – мил

Савдогарон ва ҷанговарони римӣ тавассути киштиҳои тагпаҳн дарёҳо ва баҳрҳоро убур менамуданд. Ин намуди киштиҳоро англисҳо бо ҳамроҳи номаш иқтибос намуданд.

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
ponto – қаиқи тагпаҳн	punt [‘pʌnt] – қаиқи тагпаҳн

Он ҷойҳое, ки дар онҷо бандар андохтан мумкин буд, инчунин номи лотиниро соҳиб гардиданд.

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
portus – бандар	port [‘pɔ:t] – бандар, шаҳр

Ба табақаи якум, инчунин калимаҳое, ки англо-саксҳо аллакай дар ҷазираҳои Британия иқтибос намуданд, дохил мешаванд. Ин калимаҳо асосан ба техникаи сохтмонии римиҳои қадим, ки нишонаҳои онро англо-саксҳо дар ҷазираҳои Британия ёфтанд, алоқаманд ҳастанд. Масалан:

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
stratavia - роҳи сангфарш	street [st’rɪ:t] - кӯча
campus - истироҳатгоҳ	camp [‘kæmp] - истироҳатгоҳ
colonia -деҳа	colony [‘kɔlənɪ] - деҳа
castra - қалъа	chester [‘ʧestə] - дар номи баъзе
vallum - истеҳком аз шаҳрҳо	Manchester, Chester,
wall [wɔ:l]- девор	Winchester ва ғайра.

2. Табақаи дуюм

Табақаи дуюми вожаҳои иқтибосии лотинӣ ба дини насронӣ алоқаманд аст, ки он аз ҷониби хатибони римӣ ба Британия оварда шуда буд ва онҳо англо-саксони бутпарастро ба дини дигар нигарониданд. Забони расмии калисо забони лотинӣ буд, бинобар ин, ба забони римии қадим шумораи зиёди калимаҳои лотинӣ, ки ифодакунандаи мафҳумҳои динӣ буданд, ворид гардиданд. Бисёре аз ин калимаҳо аслан лотинӣ набуда, балки ба забони лотинӣ аз забони юнонӣ ворид гардидаанд, чунки дини насронӣ дар қисми шарқии империяи Рим ба вуҷуд омада буд. Китобҳои дини насронӣ ба забони лотинӣ тарҷума гардиданд. Дар ин ҷо якчанд калимаҳое оварда шудаанд, ки ба ин давра алоқаманд мебошанд [2, с.100].

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
Episcopus -епископ	bishop [‘bɪʃəp]
presbyter -рӯҳонӣ	priest [‘prɪ:st]
monachus -роҳиб	monk [monk]
scrinium -муқаддасот	shrine [‘ʃrɑɪn]
candela -шамъ	candle [‘kændl]
monasterium -дайр	mynster (minster) [‘mɪnstə] -Westminster

Дини насронӣ ва фаъолияти хатибон ба маданияти англо-саксҳо таъсири калон расониданд. Онҳо алифбои забони лотиниро қабул намуданд ва мактабҳои дайрӣ, асарҳои адабӣ ба забони лотинӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин давра калимаҳои бисёре иқтибос карда шуданд, ки аз васеъ гардидани ҷаҳонбинии англо-саксҳо дарак медоданд. Масалан:

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
Schola -мактаб	school [‘sku:l]
Magister -муаллим	schoolmaster [‘sku:lmʌstə]
Rosa - гули садбарг	rose [‘rouz]
palma - нахл	palma [‘pɑ:m]
phoenix - самандар	fenix [feniks]
leo -шер	lion [‘lɑɪən]
pardus -паланг	leopard [‘lepəd]

Боз дар ин давра як қатор калимаҳои алоқаманд ба соҳаҳои маориф, илм, адабиёт, таҳсил ва санъат иқтибос карда шуданд. Масалан:

Забонӣ лотинӣ	Забони англисии муосир
canon - қоида	canon [‘kænən]
chronica -воқеанома	[k]chronical
versus -шеър	verse [‘və:s]
grammatika nota – баҳо	grammar [‘græmə]
notarius -рӯйхаткунанда	note [‘nout]

3. Табақаи сеюм

Бар ивази асрҳои миёна давраи Эҳё омад, ки он бо рушди босуръати илму техника, инкишофи адабиёту санъат, ихтирои китобчопкунӣ ва кашфиётҳои бузурги географӣ маънидод карда мешавад. Дар ин давра забони англисӣ шумораи зиёди калимаҳои навро аз забонҳои классикӣ иқтибос намуд. Аз дигар калимаҳо онҳо бо характери худ фарқ мекарданд, яъне ин калимаҳо чун қоида, калимаҳои илмӣ мебошанд. Онҳо ба забони англисӣ аслан бо роҳи хаттӣ ба адабиёт ворид гардидаанд, бинобар ин, дар ин калимаҳо хусусиятҳои забони лотинӣ бештар боқӣ мондааст [3, с.111]. Масалан:

animal - дар забони англисӣ [‘ænıməl] - ҳайвон
formula - дар забони англисӣ [fɔ:mjulə] - формула
inertia - дар забони англисӣ [ın’ə:ʃjə] - инерция
maximum - дар забони англисӣ [mæksiməm] - максимум
minimum - дар забони англисӣ [mınıməm] - минимум
memorandum - дар забони англисӣ [,memə’rændum] - меморандум
veto - дар забони англисӣ [‘vı:tou] - вето
alibi - дар забони англисӣ [‘ælıbɑı] - алиби
autograph - дар забони англисӣ [‘ɔ:təgrəf] - имзо
atmosphere - дар забони англисӣ [‘ætməsfıə] - атмосфера
excursion - дар забони англисӣ [ıks’kə:ʃn] - экскурсия, саёҳат
jurisprudence - дар забони англисӣ [‘ʤuərıs,pru:dəns] - ҳуқуқшиносӣ

Вожаҳои иқтибосии лотинии давраи Эҳё ба мустақим, яъне бевосита аз забони лотинӣ гирифта шуда ва ғайримустақим, яъне тавассути забони фаронсавӣ воридгардида, ҷудо мешаванд. Муайян намудани сарчашмаи баъзе аз калимаҳои иқтибосӣ начандон муҳим аст, зеро дар охир аён мегардад, ки ҳамаи онҳо аслан лотинӣ мебошанд. Масалан: калимаи лотинии factum – дар англисӣ fact (факт) – фаронсавӣ fait – ба забони англисӣ дар шакли feat (қаҳрамонӣ) иқтибос гардида буд [4, с.85].

Лотинӣ radius (радиус) – фаронсавӣ ray (нур)
defect (норасоӣ) – defeat (мағлубият)
turris (манора) - фаронсавӣ tour – англисӣ tower [‘tɑuə]

Бисёре аз вожаҳои иқтибосии лотинӣ ба лексикаи байналмилалӣ тааллуқ доранд ва дар забони халқиятҳои гуногун дида мешаванд. Ҳанӯз дар асри XVII дар бисёри ҳолатҳо рисолаҳои илмӣ бо забони лотинӣ навишта мешуданд. Дар тарҷумаи англисии ин рисолаҳо калимаҳои лотинӣ хело фаровон мебошанд, зеро онҳо кӯшиш мекарданд, ки шакли илмии рисоларо нигоҳ доранд. Вожаҳои иқтибосии лотинии асрҳои миёна аслан исмҳои абстрактӣ ва истилоҳҳои илмиро ифода мекарданд, аммо бисёре аз онҳо дар айни замон истифода намешаванд, ба ин нигоҳ накарда шумораи калимаҳои лотинии асрҳои XIII-XVIII дар забони англисӣ хеле зиёд мебошанд. Масалан:

locution [lɔ’kju:ʃn] - идеомаи нутқ
magnanimity [,mægnə’nımıtı] - олиҳимматӣ
medium [‘mı:dıəm] - муҳит
memory [‘meməmı] - хотира
vortex [‘vɔ:teks] - гирдоб
toabhor [təb’hɔ:] - нафрат доштан
toabsolve [təb’zɔlv] - бахшидан
toadd [t‘æd] - илова намудан
tocollide [tokə’lɑıd] - дучор шудан
todiscriminate [todisk’rımıneıt] - фарқ намудан
accurate [‘ækjurıt] - дақиқ
efficient [ı’fıʃənt] - таъсирбахш
finite [‘fɑınɑıt] - ҳудуддор
igneous [‘ıgnıəs] - оташӣ
latent [‘leıtənt] - пинҳонӣ

Вобаста ба ин калимаҳо метавон бо боварӣ гуфт, ки онҳо мустақиман аз забони лотинӣ ба забони англисӣ омадаанд, бидуни забони фаронсавӣ. Бисёре аз ин калимаҳо дар забони фаронсавӣ вуҷуд надоштанд ва ҳоло низ надоранд, дигарашон бошад ба забони фаронсавӣ пас аз забони англисӣ иқтибос гардиданд. Анъанаи иқтибос намудан аз забони лотинӣ дар забони англисӣ то асрҳои XIX ва XX боқӣ монда буд, аммо дар ин давра танҳо истилоҳҳои илмиро иқтибос менамуданд. Масалан:

detection [dı’tekʃn] - пайдо намудан
to emit [ı’mıt] - ҷудо намудан
oscillation [,ɔsı’leıʃn] - ҷунбонидан
quantum [k’wɔntəm] - шумора, сумма (физика)
ration [‘reıʃion] - таносуб

Як қисми вожаҳои иқтибосии ин даврро, бо ном “вожаҳои иқтибосии пурра” меноманд, ки онҳо шакли худро пурра нигоҳ доштаанд, вале дар таркиби овозиашон дучори тағйиротҳо гардидаанд. Масалан:

alibi [‘ælıbɑı] - дар ҷойи дигар будан, алиби
bonus [‘bounes] - мукофот
dictum [‘dıktəm] - ҳикмат, панд
folio [‘fouliou] - китоби калон
formula [‘fɔ:mjulə] - формула, қоида
minimum [‘mınıməm] - минимум
stimulus [‘stımjuləs] -барангезанда
superior [sju:’pıərıə] - пиридайр

Бисёре аз вожаҳои иқтибосии лотинии забони англисӣ решаи юнонӣ доранд. Ин калимаҳо дар вақташ аз забони юнонӣ ба забони лотинӣ иқтибос карда шуда, баъдан дар шакли лотинии худ ба таркиби луғавии забони англисӣ ворид гардидаанд.

Масалан:

Лотинӣ	Юнонӣ	Англисӣ
angelus	aggelos	angel [‘eınʤəl] - фиристода
apostolus	apostolos	apostle[ə’pɔsl] - қосид
episcopos	episcopos	bishop [‘bıʃəp] - епископ
diabolus	diabolos	devil [devıl] - иблис
idea	idea	idea [ɑı’dıə] - ғоя, фикр
epicus	epikos	epic[‘epık] - эпикӣ, достонӣ
trageoedia	tragodia	tragedy [‘træʤıdı] - фоҷиа
scena	skene	scene [‘sı:n] - саҳна

Барои вожаҳои иқтибосӣ дар забони нав хеле муҳим мебошад, ки бо кадом роҳ онҳо ба ин забон ворид гардиданд. Аслан олимон ду роҳро ҷудо мекунанд. Якум, бо роҳи шифоҳӣ, яъне ба воситаи муошират бевосита ду халқияти гуногун ё ин ки қабул намудани номи ашёҳои нав ба забони худ. Дуюм, бо роҳи китобӣ, яъне иқтибоси калимаҳои бегона аз матнҳои забони ғайр ҳангоми тарҷумаи онҳо ба забони модарӣ. Ба забони англисӣ, вожаҳои иқтибосии лотинӣ бо ҳардуи ин роҳҳо, ҳам шифоҳӣ ва ҳам китобӣ ворид гардиданд. Забони лотинӣ ба ҳайси забони муошират дар миёни олимон, рӯҳониён, ҳуқуқшиносон, духтурон ва ғайра хизмат мекард. Як қисми вожаҳои иқтибосии лотинӣ дар забони англисӣ аз саҳифаҳои рисолаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти бадеӣ ба истифодаи васеи омма ворид гардиданд [5, с.61-62].

Рушди босуръати илму – техника ба пайдоиши даҳҳо ҳазор калимаҳои нав, ки онҳо мафҳумҳои тамоман навро ифода мекарданд, асос гузошт. Бисёре аз ин истилоҳҳо ба истеъмоли омма ворид гардиданд. Қисми зиёди истилоҳоти илмӣ – техникӣ дар забони англисии муосир тавассути решаҳои лотинӣ ва юнонӣ сохта шудаанд. Онҳо дар ҳамаи соҳаҳои илм паҳн гардидаанд ва инчунин, дар забони муошират омма низ васеъ истифода мегарданд. Масалан:

Дар соҳаи тиб: anemia, appendicitis, bronchitis, pediatry, oncology, aspirin, insulin, antibiotics ва ғайра.

Ҳамаи ин калимаҳо дар асрҳои XIX ва XX ба вуҷуд омадаанд.

Дар соҳаи физика: *atom, calorie, the quantum, theory, energy ва ғайра.*

Дар соҳаи техникӣ: *radiator, transmission, engine, airplane, hydroplane, frequency, antenna, radius, radio ва ғайра.*

Дар соҳаи сиёсӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва санъат: *communism, socialism, imperialism, liberalism, futurism, impressionism ва ғайра* [4, с.144].

Иқтибос аз забони фаронсавӣ. Забони фаронсавӣ нисбат ба забони англисӣ дар давраи ҳукмронии Нормандиҳо мавқеи ҳукмронро соҳиб гардид. Он ҳамчун забони дарбор, феодалон ва ашрофзодагон, биноҳои ҳукуматӣ, мактаб ва дар умум забони ягонаи давлатӣ дар баробари лотинӣ истифода мешуд. Бинобар ин, калимаҳои фаронсавӣ дар қиёс бо калимаҳои скандинавӣ, дар умум ифодакунандаи мақом, тарзи ҳаёт, фаъолият ва мақсадҳои он табақаи ҷамъият буданд, ки танҳо ё ин ки аксари вақт бо забони фаронсавӣ сухан мегуфтанд: *action – “фаъолият” (англисии қадим accioun – “фаъолият” аз фаронсавии қадим accioun); agreable – дилписанд (англисӣ agreable: аз фаронсавии қадим agreable); beauty – зебоӣ (англисӣ beautee: аз фаронсавии қадим beate); carpenter –дуредгар (carpenter: аз фаронсавии қадим carpentier); duke – герцог (duk: аз фаронсавии қадим duc)* ва ғайра [6, с.92].

Ҳукмронии забони фаронсавӣ дар нимаи дуюми асри XVI ба охир мерасад, аммо шумораи зиёди иқтибосҳо аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ маҳз ба ҳамин давра рост меоянд, зеро забони англисӣ пас аз берун кардани забони фаронсавӣ, махсусан ба ғанигардонии луғати худ бо калимаҳое, ки дар забони фаронсавӣ буданд, эҳтиёҷ дошт. Аммо мебояд қайд намуд, ки аввалан забони фаронсавӣ дар Англия, асосан дар шакли диалекти нормандӣ, омехта бо элементҳои шеваҳои шимолу –шарқии фаронсавӣ паҳн

гардида буд. Аллакай, дар асри XIII забони фаронсавӣ дар Англия мақоми забони муоширатии оммаро аз даст дода, бо мурури замон ба забони расмӣ мубаддал гашт. Акнун забони фаронсавӣ ҳамчун забони расмӣ дар соҳаи ҳуҷҷатгузории байналмилалӣ истифода мешуд (ба мисли забони лотинӣ дар соҳаи тиб). Бинобар ин, вожаҳои иқтибосии баъдина аксаран на аз ҳисоби диалекти англо-фаронсавӣ, балки аз ҳисоби диалекти фаронсавии марказӣ, яъне парижӣ сохта шуданд.

Чуноне ки аз мисолҳои дар боло оварда мебинем, вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ ифодакунандаи истилоҳҳо ва номҳои махсус мебошанд, ки онҳо мафҳумҳои навро ифода менамоянд ва аз ҷониби ғасбгарони нормандӣ оварда шудаанд. Ин вожаҳои иқтибосӣ гурӯҳҳои сершумори калимаҳои серҳиҷоро ташкил мекунанд, ки онҳо аслан хосси забони адабӣ ва илмӣ мебошанд. Аммо баъзе аз онҳо бо мурури замон тағйир ёфта ба забони омма ворид гардиданд. Масалан: *face – рӯй (la face), gay –хурсанд (gai), hour – соат (l'heure), ink –ранг (les encre), joy – хурсандӣ (la jolie), letter –мактуб (la letter), money – пул (la monnaie), pay – пардохт кардан (payer), river – дарё (la rivière), table – миз (la table), place (la place), large (large), change (changer), minute (la minute), second (la second), mountain (la montagne), soil (le sol), air (l'air),flower (la fleur),fruit (le fruit)* [7, с.84].

Бинобар ин, аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ шумораи зиёди воҳидҳои лексикӣ иқтибос карда шудаанд ва бисёре аз онҳо дорои сохти мушкили калимасозӣ мебошанд, онҳо таъсири худро ба сохти калимасозии забони англисӣ низ расониданд. Суффикс ва префиксҳое, ки дар вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ вомехӯранд, бо решаҳои калимаҳои англисӣ пайваст шуда, калимаҳои нав месозанд. Масалан: суффикси -able, ки бо accept – қабул намудан пайваст шуда, калимаи acceptable –қобили қабул бунёд месозад ё ин ки суффикси - ence – дар калимаҳои difference, excellence, evidence, violence ва ғайра. Ғайр аз ин, вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ дар забони англисӣ ҳолатҳои конверсияро (яъне калимасозӣ бо роҳи дигар кардани парадигмаи калима) зиёд намуданд. Гап дар сари он меравад, ки аз як асос аз забони фаронсавӣ якчанд калима иқтибос карда мешуд. Дар системаи забони англисӣ онҳо ҳамчун парадигмаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ дохил шуданд: *honour - виҷдон (honour: аз фаронсавии қадим honur, honour) - honour –эҳтиром кардан (аз фаронсавии қадим honorer) ва ғайра.* Аммо хато мебуд тахмин кардан, ки ҳама ҷуфтҳои калимаҳои аслашон фаронсавӣ, ки аз ҷиҳати конверсия дар забони англисии муосир мувофиқат менамоянд, вожаҳои иқтибосии мувозӣ (параллелӣ) мебошанд. Бештар аз ин ба забони англисӣ аз забони фаронсавӣ танҳо яке аз ин калимаҳо иқтибос мегардид, дигараш бошад баъдан дар асоси ин калима тавассути конверсия бунёд мегардид: *abuse – сӯиистифода, дашном намудан - аз abuse бунёд гардидааст – abuser) ва ғайра.*

Ба ин нигоҳ накарда, ҳарду намудҳои конверсия аз якдигар зоҳиран ҳеҷ фарқе надоранд. Масалан: аз як тараф, *honour – (to) honour; labour – (to) labour – (to) labour; note – (to) note; pain – (to) pain ва аз тарафи дигар, abuse – (to) abuse; act – (to) act; direct – (to) direct* ва ғайра.

Ин бори дигар исбот менамояд, ки тафриқа дар таркиби забони англисии муосир дар чунин ҳолатҳо, ба мисли honour (виҷдон) – honour (эҳтиром кардан) ва abuse (дашном) – abuse (дашном намудан), дар мавриди пайдоиши гуногуни онҳо, дар зери худ ягон асос надорад. Ин ҳолатҳо таърихи гуногун доштанд, аммо дар айни замон онҳо дар муносибатҳои якхела қарор доранд ва бинобар ин, аз нуқтаи назари забони англисии муосир онҳо бояд ҳамчун калимаҳои мушобеҳ (якхела) дониста шаванд [8, с.36-39].

Вожаҳои иқтибосии баъдина аз забони фаронсавӣ бештар фарқ мекунанд. Пеш аз ҳама, шумораи онҳо начандон зиёд аст. Вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ то айни ҳол таркиби луғавии забони англисиро ғанӣ мегардонанд. Дар асри XIX ва ибтидои асри XX онҳо аслан бо роҳи китобӣ ба таркиби луғавии забони англисӣ ворид мешуданд. Аммо дар давраи пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, забони англисӣ калимаҳои фаронсавиро дар натиҷаи муошират зинда, дар миёни артиши Амрико ва мардуми Фаронса иқтибос намуд. Таъсири вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ ба луғати забони англисӣ дар вақтҳои охир (охири асри XX ва ибтидои асри XXI) хело ачиб аст. Вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ дар бисёр соҳаҳои ҳаёт: сиёсат, маориф, варзиш, сайёҳӣ ва ғайра пайдо мешаванд. Онҳо забони англисиро бо рангҳои гуногун оро медиҳанд, онро нотакрор ва зинда мегардонанд. Бо вуҷуди он ки тахминан аз се як ҳиссаи калимаҳои забони англисии муосирро калимаҳои романӣ ташкил мекунанд, он хусусиятҳои хосси худро ҳамчун забони гурӯҳи забонҳои олмонӣ аз даст надодааст. Шумораи зиёди вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ ва дигар забонҳо на танҳо забони англисиро бою ғанӣ гардониданд, балки то андозае норасогиҳои системаи калимасозии забони англисиро ҷуброн намуданд.

Вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ аз аввали пайдоишашон дар забони англисӣ дучори таъсири фаъоли категорияҳои грамматикӣ гардиданд ва мувофиқи қоидаҳои грамматикаи забони англисӣ истифода мешуданд. Ин калимаҳо ҳамаи шаклҳои тасрифро, ки хосси ҳиссаҳои нутқи забони англисӣ мебошанд, қабул намуданд ва мувофиқи калимаҳои аслии забони англисӣ тасриф мешаванд.

Дар натиҷаи иқтибос, калимаҳои фаронсавӣ артиклҳои худро “le, la, les”, ки ифодакунандаи ҷинсият ва шумора буданд, аз даст доданд. Дар ин ҷо мо нестшавии категорияи грамматикии ҷинсиятро дар вожаҳои иқтибосӣ мебинем, ки он бо тамоюли умумии нестшавии ҷинсият дар исмҳои забони англисӣ алоқаманд аст.

Содагардонии системаи тасрифи исмҳо дар забони англисӣ, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна ба амал омада буд, ба андозаи баробар ба вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ низ таъсир расонид. Қисми зиёди исмҳои аслашон романӣ ба ҷинси мардона тааллуқ доштанд. Дар падежи именителӣ ва родителӣ дар шумораи танҳо, онҳо одатан ба забони англисӣ дар шакли падежи нисбии забони фаронсавӣ ворид мегардиданд ва бо шаклҳои зерин ба охир мерасиданд: бо ҳамсадо (Flower, cheef, estaat, tur, kastel); бо садоноки дароз (citee, cri, merci, vertu) ё ин ки садоноки “e” (companie, bataile, doute, peple) [9, с.41-43].

Баъзан вақт ҳолатҳое дида мешаванд, ки исмҳои иқтибосӣ дар шакли падежи именителӣ дар шумораи танҳо истифода бурда мешаванд ва бо бандаки “s” ба охир мерасанд: enemis, caas, paleis. Дар сиғаи дативӣ, дар шумораи танҳо исмҳои иқтибосӣ, чун қоида, ягон хел бандак намегиранд.

Исмҳое, ки бо ҳарфи ҳамсадо ба охир мерасанд, баъзан вақт бандаки **“e”-**ро мегиранд. Аммо то охири асрҳои миёна ин бандак меафтад.

To curtcumen - мувофиқ омадан

up of prisone - аз зиндон

in ture – дар қаср

Падежи родителӣ дар шумораи танҳо ва ҷамъ тавассути илова намудани бандаки “s” ё “es” сохта мешавад. Масалан: beornes, hostages, toures, crunes. Танҳо дар баъзе ҳолатҳо сохтани шумораи ҷамъ тавассути бандаки “n” ё “en” дида мешавад. Масалан: chaumbren, joyen, castlen.

Дар бисёр исмҳо, ки бо ҳарфи “t” ба анҷом мерасанд, бандаки “s” ба **“z”** мубаддал мегардад: merchauntz, servauntz, vestimentz. Бинобар тахфифи бандаки сиғагӣ дар асрҳои миёна, исмҳо ва сифатҳои фаронсавӣ шакли тасрифи забони англисиро соҳиб гардиданд, аммо инро дар мисоли феълҳои фаронсавӣ хело хуб дидан мумкин аст, ки онҳо аз аввали пайдоишашон дар забони англисӣ аз рӯйи қонунҳои забони англисӣ тасриф мешуданд. Барои бисёре аз феълҳои иқтибосии фаронсавӣ, сиғаи феълии замони гузашта хос аст, ба мисли феълҳои забони англисӣ. Масалан: to turn, to evoke, to control, to revenge [10, с.61-62].

Хусусияти хосси сифатҳои иқтибосии фаронсавӣ дар давраи аввали пайдоишашон дар забони англисӣ он буд, ки онҳо шумораи ҷамъи худро нигоҳ дошта тавонистанд. Мо бисёр вақт шоҳиди истифодаи сифатҳо дар шакли постпозитивӣ мегардем - letterspatents, placesdelitables, lordsspirituels; аммо дар натиҷаи рушди минбаъдаи забон, бандаки “s”-и шумораи ҷамъ аз онҳо афтид ва шакли постпозитивии истифодабарӣ дар сифатҳои иқтибосии фаронсавӣ, танҳо дар пайвастагиҳои устувор, ба мисли courtmartial, heirapparent, knighterrant боқӣ мондааст.

Калимаҳои сохта ва мураккаби як забон бисёр вақт ҳангоми иқтибос ба дигар забон на ҳамчун калимаҳои сохта иқтибос мешаванд. Ҳамин тариқ, калимаҳои иқтибосии бегона бо асоси сохта, ҳангоми иқтибос шудан ба дигар забон дучори протсеси содагардонӣ мегарданд. Одатан дар бораи содагардонии калимаҳои забони модарӣ сухан мегӯянд, вақте ки як калима барои насли калонсол сохта ё мураккаб мебошад ва ба қисмҳои морфологӣ ҷудо мешавад, аммо барои насли минбаъда бо сабабҳои ноаён ин калимаҳо ба калимаҳои сода мубаддал мегарданд. Ҳамин ҳолатро, мо дар вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ низ мебинем. Исмҳои фаронсавии control, rendez-vous, char-a-bancs, parterre дар забони англисӣ дучори протссеси содагардонӣ гардиданд ва қисмҳои таркибии худро аз даст дода ба калимаҳои сода мубаддал гаштанд. Барои қиёс дар забони тоҷикӣ нафас, партер, рандеву. Дар бисёр ҳолатҳо онҳо якҷоя навишта мешаванд ва ҳамин тариқ таҳлили фонетикии онҳо ба амал меояд. Барои мисол, ин бо калимаи control, ки аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ дар шакли contre-roule (аз забони лотинӣ contrarotula) ворид гардидааст ва маънои қоғази пур аз навиштаҷотро дорад, рух додааст. Фарқият дар миёни содагардонии калимаҳои забони модарӣ ва калимаҳои бегона дар он аст, ки ин протссес дар калимаҳои забони модарӣ хеле тӯлонӣ мегузарад, дар он вақте ки вожаҳои иқтибосӣ ҳангоми ворид гардидан ба забон дучори он мегарданд [11, с.180].

Бо протсесси содагардонӣ, инчунин дигар протсес алоқаи зич дорад, ки асоси он дар ҷойивазкунии қисмҳои таркибии морфологии калима мебошад ва дар баъзе аз вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ он дида мешавад. Масалан, дар вожаҳои иқтибосии фаронсавии *avanguard* ва *avantage*, ҳарфи “a” артикли номуайянии забони англисӣ мебошад. Бинобар ин, дар забони англисӣ калимаҳои *vanguard, vantage* ба вуҷуд омаданд. Дар калимаҳои *richesse, cherise* суффиксҳои калимасози фаронсавӣ ба бандаки шумораи ҷамъи исмҳо шабоҳат доштанд, ки ин дар забони англисӣ ба пайдоиши калимаҳои *riches, cherrus* оварда расонд.

Иқтибос аз забони русӣ. Бисёре аз муҳаққиқон таъсири забони русиро ба луғати забони англисӣ ба ду давраи калон ҷудо мекунанд: вожаҳои иқтибосии то инқилоб ва

давраи шӯравӣ. Инчунин, дигар намуди тасниф вуҷуд дорад, ки он чор даврароро дар бар мегирад.

Давраи якум. Аз давраҳои қадим таваҷҷуҳи дуҷониба дар миёни халқи русу англис дида мешуд. Давлати Киев алоқаҳои ниҳоят васеъ бо давлатҳои Осиё ва Аврупо дошт, аз он ҷумла бо англисҳо. Ҳанӯз дар асри XI дар Англия, Новгород ҳамчун таъминкунандаи пашм ва маҳсулоти заргарӣ машҳур буд. Дараҷаи маданияти Киеви Рус то андозае баланд буд, ки ҳатто давлатҳои ғарб Киевро рақиби Константинопол мешумориданд. Давлати Киев бо тамоми кишварҳои Аврупо равобити сиёсӣ дошт, бинобар ин, мақоми забони он низ дар ин кишварҳо баланд буд, вале дар ин давра начандон калимаҳои зиёд аз забони русӣ ба дигар забонҳо, аз он ҷумла англисӣ ворид гардиданд. Бисёре аз калимаҳои русии ин давра ба забони англисӣ тавассути забони скандинавӣ ворид гардидаанд. Мувофиқи баъзе аз сарчашмаҳо аввалин калимае, ки ба забони англисӣ аз забони русӣ ворид гардид, ин калимаи *tapor - табар* мебошад. Он аввалин бор дар саҳифаҳои солномаи таърихии соли 1031 оварда шудааст. Аммо ин калима то асрҳои миёна аз истеъмоли омма берун гардид. Акнун калимаи олмонии *axe* ифодакунандаи табар мебошад. Инчунин, калимаи *talk - суҳбат; to talk суҳбат кардан* аз калимаи скандинавии *tolk*, ки аз калимаи русии *толк – маънӣ* асос мегирад, иқтибос гардидааст [12, с.120].

Дар ин хусус профессор Аракин В.Д. гуфтааст, ки аввалин калимае, ки аз забони русӣ ба забони англисӣ пеш аз асри XIV ворид гардид, калимаи *sable - самур* мебошад. Дар забони англисӣ, ба мисли дигар забонҳои олмонӣ, ҳанӯз аз даврони қадим калимаҳое вомехӯранд, ки бо калимаҳои забонҳои славянӣ решаи умумӣ доранд ва шояд онҳо аз шеваҳои қабилаҳои славянӣ ҳанӯз дар асри XII иқтибос гардидаанд. Масалан: калимаҳои *асал, шир, бангдона, сипор ва ғайра; англисии қадим meodu, англисии муосир mead; англисии қадим henap, англисии муосир hemp; англисии қадим meolk, англисии муосир milk; англисии қадим ploz, англисии муосир ploug* [4, с.48].

Дар навбати худ профессор А.И. Смирнитский калимаи иқтибосии славянии аз ин ҳам барвақтро дар забони англисии қадим ҷудо намудааст, ки ин калимаи *syrce - пироҳан*, ки аз калимаи славянии қадим *sork* асос мегирад, барои муқоиса дар забони русӣ - курта. Ин калима дар Беовулф ва дигар навиштаҷоти он давра вомехӯрад [12, с.93].

Давраи дуюм. Бинобар равобити мустаҳками иқтисодӣ дар миёни Москва ва Англия, дар асрҳои XVI – XVII калимаҳои зиёди русӣ ба таркиби луғавии забони англисӣ ворид гардиданд. Ин калимаҳо на танҳо барои ифодаи ашё ва предметҳои савдо истифода мешуданд, балки онҳо дар асарҳои драматургӣ, шеърҳо ва навиштаҷотҳои сиёсӣ истифода гардидаанд. Масалан, драматург Томас Гейвуд дар яке аз асарҳои худ аз нӯшокии русҳо *квас* ёдрас гардидааст: «The Rush drinks quasse», ё ин ки дар дигар асараш ӯ қайд намудааст, ки русҳо дар кулоҳҳои худ пӯсти самурро истифода мекунанд: «The Russ with sables furs his cap» ва ғайра.

Дигар сабаби паҳнгардии забони русӣ дар Англия дар ин давра, ин пайдоиши адабиёти дастнависи русӣ дар Англия ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мебошад. Яке аз аввалинҳо, ки ба тарҷумаи асарҳои русӣ ба забони англисӣ пардохт, ин Ричард Ҷонсон буд. Ӯ соли 1558 як асари этнографии русии асри XV – ро ба забони англисӣ тарҷума намуд. Китобҳои дастнависи русӣ, ки дар ин давра ба Англия оварда мешуданд, аслан ҳамчун маводи таълимӣ барои омӯхтани забони русӣ истифода мегардиданд.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихии то замони мо расида, вожаҳои иқтибосии русии ин давр аслан ифодакунандаи ҳаёти мардуми рус ва сохти давлатдории онҳо мебошанд. Аввалин вожаҳои иқтибосии ин давр ба шакли давлатдории онҳо алоқаманд буданд:*czar (tzar), voivode , knyas, bojar , moujik, cossack, opritchina, strelscy, starosta, ukase, kremlin, sotnia, Raskolnik.*

Инчунин, калимаҳои ифодакунандаи масоҳат ва воҳидҳои пулӣ: *verst, arshin, pood, sagene , rouble, copeck, chervonets.*

Номгӯи либосҳо ва маводи хӯрока, ки барои англисҳо аҷоиб менамуданд: *shuba, kvass, morse, koumiss, shchi, borshch, mead, calash, shashlik, kissel, vodka, starka, nalivka, nastoika, bliny, oladyi, okroshka.*

Калимаҳои маишӣ: *troika, izba, telega, peach, balalaika, bayan, samovar , tarantass, droshki , kibitka, makhorka.*

Номгӯи баъзе хусусиятҳои хосси табиати Русия ва ҳайвоноти хосси ин кишвар: *steppe, tundra, taiga, polinia, suslik , borzoi.*

Баъдан дар забони англисӣ вожаҳои иқтибосии русии зерин ворид гардиданд: *kokoshnik, khorovod, beluga, obrok, zolotnik, otrezok, vedro, matrioshka.*

Қисми зиёди вожаҳои иқтибосии русии ин давр ба хусусиятҳои хосси табиати Русия алоқаманд мебошанд ва бо мурури замон онҳо маънои худро васеъ менамоянд, яъне акнун онҳоро на танҳо дар ҷумлаҳои алоқаманд бо Русия истифода мебаранд. Мисоли ин гуфтаҳо метавон калимаи *steppe* – даштро номид, ки он дар забони англисӣ аввалан ҳамчун калимаи ифодакунандаи хусусиятҳои хосси ландшафти Русия истифода мешуд. Ин калима аввалин бор дар забони англисӣ дар соли 1671 истифода мегардад. Аммо бо

мурури замон он ба истилоҳи ҷуғрофӣ мубаддал мегардад ва дар адабиётҳои махсус ва ҳатто бадеӣ бисёр вақт вомехӯрад: «These great steppes which range along the feet of the Rocky Mountains» ё ин ки «The serocky steppes possess but few streams» (A.K.Jahuston Africa).

Инчунин, калимаи stepppe – ро дар ибораҳои зерин дидан мумкин аст: steppebird, steppetravelling ва ғайра [13, с.104].

Давраи сеюм. Дар асри XIX аз забони русӣ ба забони англисӣ калимаҳое иқтибос мегардиданд, ки ифодакунандаи мафҳум, ҳодиса ва ақидаҳои гуногун буданд. Дар рӯзномаҳои машҳури Англия чандин бор мақолаҳо дар бораи Русия чоп гардида буд, ки дар онҳо аз вожаҳои иқтибосии русӣ истифода мебурданд. Аслан ин калимаҳо ба ҳаёти сиёсии Русия алоқаманд буданд. Дар ин давра калимаҳои зерин иқтибос гардида буданд: *nihilist, intelligentsia, narodnik, cadet,decambrists, zemstvo* ва ғайра. Калимаи *narodnik* дар забони англисӣ бинобар рушди ҳаракати мардумӣ дар Русия пайдо мегардад. Калимаи *decambrists* бошад, пас аз шӯриши мусаллаҳонаи 14 – декабри соли 1825 ба забони англисӣ ворид гардид. Дар аввали асри XX, аниқтараш дар соли 1905 аз забони русӣ калимаҳои *duma - дума* ва *pogrom - торумор* ба забони англисӣ иқтибос гардиданд.

Давраи чорум. Дар асри XX вақте ки давлати сотсиалистӣ ба вуҷуд омад, шумораи зиёди вожаҳои иқтибосии русӣ дар ин давр ба тамоми забонҳои дунё ворид гардиданд. Ба мисли: *bolshevik, menshevik, five-year-plan*. Калимаи *five-year-plan – нақшаи панҷсола*, ҳанӯз соли 1929 ба забони англисӣ ворид гардид, дар он вақте ки он дар забони русӣ як сол пеш, яъне соли 1928 ба вуҷуд омада буд [14, с.53].

Пайдоиши аввалин давлати сотсиалистӣ дар ҷаҳон - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ба пайдоиши калимаҳои нави хосси давлати сотсиалистӣ асос гузошт. Муносибати давлати Советӣ бо дигар давлатҳо ба он оварда расонд, ки шумораи зиёди калимаҳои русӣ ба забони англисӣ ворид гардиданд: *Soviet ‘совет’, bolshevik ‘болшевик’, bolshevism ‘болшевизм’, Leninism ‘ленинизм’, commissar ‘комиссар’, Komsomol ‘комсомол’ kolkhoz ‘колхоз’, sovkhoz ‘совхоз’.*

Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон шумораи зиёди истилоҳоти ҳарбӣ аз забони русӣ ба забони англисӣ ворид гардиданд. Масалан: shtormovik – тайёраи ҳарбӣ, «Shtormoviks smashed up about 100 enemy»; Yak - як-тайёра’, «A. S. Yakovlev who created the famous Yak fighter series during the war»; partisan – партизан [15, с.80-89].

А Д А Б И Ё Т

1. Алёхина А.И. Идиоматика современного английского языка / А.И.Алёхина. - М., 1982. - 162 с.
2. Амосова Н.Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н.Н.Амосова. - Москва: Изд-во лит-ры на иноязыках, 1956. - 198 с.
3. Антрушина Г. Б. Лексикология английского языка / Г.Б.Антрушина, О.В.Афанасьева, Н.Н.Морозова. – М., 2000. - 300 с.
4. Аракин В.Д. История английского языка: Учебное пособие для студентов педагогических институтов по специальности "Иностранные языки" / В.Д.Аракин. – М., 1985. - 362 с.
5. Арбекова Т.И. Лексикология английского языка / Т.И.Арбекова. - М., 1977.
6. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. Учебное пособие / И.В.Арнольд. – М., 1989. - 200 с.
7. Арнольд И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В.Арнольд. – СПб., 1999. - 400 с.
8. Берёзин Ф.М. О парадигмах в истории языкознания XX в. Лингвистические исследования в конце XX в. Сб. обзоров / Ф.М.Берёзин. – М.: ИНИОН РАИ, 2001. - 198 с.
9. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С.Бархударов. – М., 1975. - 300 с.
10. Бенвенист Э. Общая лингвистика / Э.Бенвенист. – М.: Прогресс, 1974. - 472 с.
11. Беликов В.И. Социолингвистика / В.И.Беликов, Л.П.Крысина. – М., 2001. - 221 с.
12. Борисова Л.М. History and mystery of the English words / Л.М.Борисова. – М., 1994. - 162 с.
13. Бруннер К. История английского языка / К.Бруннер. – М., 1956. - 200 с.
14. Виноградов В.В. Основные типы лексических значений слова. Вопросы языкознания / В.В.Виноградов. – 1953. - 120 с.
15. Ворно Е.Ф. Лексикология английского языка / Е.Ф. Ворно, М.А. Кащеева, Е.В. Малишевская, И.А. Потапова. – Москва: Учпедгиз, 1955. – С. 80-89.

ТАСНИФИ ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур тасрифи вожаҳои иқтибосӣ дар забони англисӣ таҳқиқ шудааст. Дар мақола қайд шудааст, ки аҳаммияти вожаҳои иқтибосӣ дар забонҳои гуногун якхела набуда ва аз шароитҳои таърихии рушди ҳар як забон фарқ мекунад. Дар қисмати асосии мақола калимаҳои иқтибосии таркиби забони англисӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Дар забони англисӣ шумораи вожаҳои иқтибосӣ нисбат ба забонҳои дигар хело зиёд мебошад, зеро он дар зери таъсири сабабҳои таърихии гуногуни он хело нуфуспазир буд. Забони англисӣ нисбат ба дигар забонҳо имконияти хело хуби иқтибос намуданро дошт, зеро он аввалан дар зери таъсири забти ҷазираҳои Британия аз ҷониби қабилаҳои гуногун қарор гирифт, баъдан дар шароити вазнини иқтисодӣ ва рушди мустамликадории худи англисҳо он калимаҳои гуногуни бегонаро ба забони худ қабул намуд. Ба гурӯҳи вожаҳои иқтибосии забони англисии қадим мебояд танҳо калимаҳоеро ворид намуд, ки онҳо пас аз асри V ба забони англисӣ ворид гардиданд. Баъд аз оне ки забони англисӣ аз диалектҳои дигар қабилаҳое, ки дар ҷазираи Британия зиндагӣ мекарданд ҷудо шуд. Вожаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забони англисии муосир ба якчанд навъ ҷудо мешаванд: аз рӯйи муносибаташон ба забони баромадашон ва он нақше, ки онҳо дар забони англисӣ иҷро мекунанд.

Калидвожаҳо: таснифи вожаҳои иқтибосӣ, забонҳои гуногун, ҷазираи Британия, диалектҳо, мафҳум, ақидаҳои гуногун, забони англисии қадим, ҳодиса, ақидаҳои гуногун.

КЛАССИФИКАЦИЯ КОТИРОВОК НА АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматриваются классификации, составленных на английском языке. В статье говорится, что значимость цитат не одинакова на разных языках и зависит от исторического контекста развития каждого языка. В основной части статьи содержание англоязычной компиляции ограничено. В английском языке заимствованных слов очень много, по сравнению с другими языками, потому что он находился под влиянием различных исторических причин. Английский язык имел хорошую возможность для заимствований из других языков, вследствие захвата Британских островов разными народами. В английском языке определенные группы заимственных слов вошли в английский язык после V века. После того как английский язык был отделен от других диалектов, племен, живущих на Британскиих островах, они были разделены. Котировки современной англоязычной компиляции подразделяются на нескольких разных типов: их связь и роль с английским языком.

Ключеве слова: классификация, цитаты, британское пространство, диалекты, определения, расширенный английский, события, разные идеи.

CLASSIFICATION OF QUOTATIONS IN ENGLISH

This article discusses the classification of the quotations in English. The article states that the significance of quotations is not the same in different languages and depends on the historical context of each language development. In the main part of the article, the contents of the English-language compilation are limited. In English, the number of quotations is much more than in other languages because it is very rare because of the influence of different historical causes. The English language has a lot of opportunity to quell it, because it was originally under the influence of the British islands by different tribes, then in the context of the economic dynasty and the development of its engagement in its own language it adopted its own language. The original English language quotation group has only made statements that they have entered into English after V century. After the English language was separated from the other dialects, the tribes living in the British island were separated. The quotations in the modern English-language compilation are divided into several different types: their relationship with their language and their role in English.

Key words: classification of quotations, different languages, British space, dialects, definitions, advanced English, events, different ideas.

Сведения об авторе: ***Шоимардонов Исмон*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16.
Тел.: **(+992) 985-72-11-25**

Information about the author: ***Shoimardonov Ismon*** - Kulob State University named after A. Rudaki, assistant of the chair of foreign languages. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.SafarovSt.16. Tel.: **(+992) 985-72-11-25**

УДК: 811.21/.22-54

КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМҲОИ СИЁСИВУ МАЪМУРӢ ДАР «ҒУЛОМОН»-И С. АЙНӢ

Шарифов Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки дар ҳама давру замон вобаста ба авзои сиёсиву иҷтимоии кишвар дар забони мардуми он калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ буданд ва боқӣ хоҳанд монд. Дар таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷикӣ низ чунин калимаҳо хеле зиёд ба назар мерасанд.

Маълум аст, ки ибтидои асри XX бинобар сабаби авзои нооромии сиёсӣ дар саҳифаи таърихи инкишофи забони тоҷикӣ мақоми хосса дорад. Аниқтараш даврае, ки бевосита ба сиёсати давр тавъам буда, ҳар як падидаи сиёсиву маъмурӣ дар забон инъикоси худро меёфт. Пӯшида нест, ки дар ҳамаи давру замон маъмурият намудан барои давлатдорӣ зарур ва муҳим мебошад.

Тавре маълум аст, бедории бузурги сиёсӣ ва иҷтимоии ибтидоӣ асри XX – Инқилоби Октябр гардиши куллиеро дар таърихи халқи тоҷик падид овард. Мувофиқи ақидаи забоншинос С. Назарзода, доманаи нуфузи таҳаввулоти он чунон густурда ва амиқ буд, ки на танҳо бунёдҳои анъанавии сиёсӣ ва иҷтимоии тоҷикони Осиёи Миёнаро тағйир дод, балки марзҳои давлатиро дар ин минтақа дарҳам шикаст ва нақшаи сиёсии онро дигаргун сохт. Аморати ҳазорсолаи Бухоро ҳамчун мафҳуми сиёсӣ аз саҳифаи таърих нобуд гардид ва низоми нави шӯравӣ дар ин сарзамин давлатҳои ба истилоҳ мустақил барпо намуд [5]. Маҳз дар ҳамин даврои тақдирсоз падидаҳои дар ҷомеа пайдогардида инъикоси худро, пеш аз ҳама, дар забон ёфтанд ва мавриди истифодаи омма қарор гирифтанд. Манзури мо ин ҷо истифодаи калимаҳои ифодагари мафҳумҳои сиёсӣ-маъмурӣ мебошад, ки дар ҳамбастагӣ бо вазъи сиёсии ҳамон давр ба забон ворид шуданд. Чунин калимаҳо бо сохтори овозӣ, маъно, ифодаи эҳсосот ва қабатҳои услубӣ, пеш аз ҳама, муаррифгари падидаҳои сиёсиву иҷтимоии ҳамон даврааанд. Чунончи:

Аминҳо, арбобу оқсақҚолҳо, элнавкар ва амалдорони амир бошанд, тороҷ кардани мардуми камбағалро хуб медонанд [1, с.286]. Маълум мешавад, ки ман бояд ёбонҳоро кофта **амлокдорро** ёбам [1, с.152]. Ба болои ин ҳаққи **доруға** ва кафсанашро ҳам азони шумо мекунем; дар он вақт агар аз ҷониби ман ҳам шумо хабардорӣ кунед, зарар намекашед [1, с.171].

Тавре медонем, калима ҳамчун воҳиди марказии забон мансуби соҳаҳои гуногун буда, бо сохтори овозии муайян ба маънои алоҳида далолат мекунад. Ба қавли профессор Ҳ. Маҷидов: «Калимаҳо аз воҳидҳои асосию муҳимтарини забон ба ҳисоб мераванд. Онҳо назар ба ҳамаи воҳидҳои дигар бо мустақилияти бештари худ фарқ карда, дар қолабҳои овозии устувор системаи маъноҳои гуногунро ифода мекунанд…» [4, с.12]. Калимаҳои забонро, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои муайян ҷудо намудан мумкин аст, ки яке аз ин шохаҳоро калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсӣ ва маъмурӣ ташкил медиҳанд.

Устод Айнӣ ҳамчун нависандаи мумтози ҳамон давра тавонистааст, ки дар асарҳои худ аз калимаву вожаҳои фаровони соҳаи давлатдорӣ истифода намояд. Яке аз навъҳои ин гуна калимаҳоро вожаҳои ифодагари мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ ташкил медиҳанд. Чунончи, вожаҳои **қозӣ, қушбегӣ, элчӣ, қаровулбегӣ, девонбегӣ** ва амсоли инҳо бевосита мафҳумҳои роҳбарикунанда ва масъулони соҳаҳои мухталифи давлатдориро ифода мекунанд. Маълум аст, ки корбурди ин навъи калимаҳо дар осори нависанда тақозои давру замон буда, ҳар яке аз ин калимаҳо ба матн тобишҳои гуногуни таърихиву сиёсӣ бахшидаанд.

Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсиву маъмурие, ки дар асари «Ғуломон» истифода шудаанд, аксаран ба қатори калимаҳои куҳнашудаву таърихӣ шомил буда, имрӯз аз доираи истифодаи соҳибони забон берун мондаанд. Аниқтараш бар ивази чунин калимаҳо дар забони имрӯза ифодаҳои тару тозае мавриди корбаст қарор доранд, ки, ба андешаи мо, мафҳумҳои зикршударо бештару хубтар инъикос менамоянд. Масалан, **қаровулбегӣ – посбони шаб**, **қозӣ – судя, қушбегӣ – сарвазир, девонбегӣ – вазири молия, элчӣ – сафир** ва ғайра. Чунончи:

– Чунонки мурдаи Насрулло **қушбегӣ** тӯйи Низомиддин қушбегӣ гардид, – гуфта як ҳезумкаш ҳамаро хандонд [1, с.288]. – **Қаровулбегӣ**! Акнун шикорҳои шаб ба даст даровардаатонро биёред, таҳқиқ карда бинем, – гуфт [1, с.298].

Муҳаққиқи асарҳои С. Айнӣ, забоншиноси маъруф Н. Маъсумӣ калимаву ибораҳои куҳнашудаву таърихиеро, ки мафҳумҳои сиёсиву маъмуриро ифода мекунанд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардааст:

1. Калима ва ибораҳое, ки бевосита сохти ҳукумати амирӣ, системаи аппарати давлатии онро ифода мекунанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки номи мансаб, рутба, дараҷаи амалдорӣ, номҳои қисмҳои ҳарбӣ ва монанди инҳоро мефаҳмонанд. Масалан, амир, қушбегӣ, миршаб, қозӣ, қозикалон, раис, мулозим, даҳбошӣ, оқсақол, арбоб, сарбоз, қафқоз, навкор галаботур ва ғайра.

2. Калимаву ибораҳои куҳнаву таърихие, ки мафҳумҳои гуногуни иҷтимоиро дар бар гирифта, ҳаёти маданӣ, мактабу маориф, тарзи зиндагии мадраса ва номгӯи ба ин соҳа хос бударо мефаҳмонанд: домулло, иҷтимоона, ифтитоҳона, орият, ҳалвоӣ, мударрис, муллобача, қории ҷамоа ва ғайра.

3. Калимаҳои ифодакунандаи касбу кори одамон, муносибатҳои савдо, молию пулӣ ва истеҳсолӣ мебошанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои аттор, баззоз, вофурӯш, дӯкондор, донафурӯш, ошхонадор, машкоб, заркафил ва ғайра дохил мешаванд.

4. Калима ва ибораҳое, ки номгӯи ҳодисаҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ, урфу одат ва ҳуҷҷатҳо ба сифати луғат ва терминҳои алоҳидаи замони гузашта кор фармуда шуда, дар айни ҳол вазифаи махсуси услубиро ҳам адо мекунанд: маснавихонӣ, мурофиа, санад, маҳзар, хатти ибро, хатогӣ иршод ва ғайра [5].

Бояд ёдовар шуд, ки ин гуна калимаҳо қариб дар ҳамаи асарҳои С.Айнӣ ҳамчун шаклҳои ягонаи луғавӣ ва терминологӣ дар мавриду мавқеи муносиб бо ҳодисаҳои нав ба нав вобаста шуда меоянд ва такрор мешаванд. Азбаски аксарияти ин гуна калимаҳо эквивалентҳои муносибе надоранд, ба ҷойи онҳо кор фармудани калимаҳои дигар аксар вақт сабаби вайрон шудани маъно ва моҳияти таърихии ҳодиса мешавад. Аксар ном бурдани ин гуна калимаҳо вобаста ба характер ва рафти воқеа хонандаро бо системаи маъмурии онвақта шинос мекунад.

Калимаҳои сиёсиву маъмурӣ дар байни калимаҳои таркиби луғавии забонамон мақоми хосса дошта, мафҳумҳои соҳаҳои гуногунро бо обуранг ва ҷилоҳои худ фаро гирифтаанд. Пеш аз ҳама, онҳо дар ифодаи соҳаҳои гуногуни давлатдорӣ, номи мансабҳо ва дигар мафҳумҳои сиёсиву маъмурии ҳамон вақт ба кор бурда шудаанд.

Қисмати аз ҳама калони вожаҳои куҳнашудаву таърихиро дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаҳои ифодагари соҳаи давлатдорӣ ва номи мансабҳо ташкил медиҳанд. Масалан, устод Айнӣ дар баробари кор фармудани калимаҳои **навкар** ва **галаботур** хусусияти махсуси сохти лашкари амириро айнан баён кардааст ва бо роҳи истеъмоли чунин калимаҳо як саҳнаи гузаштаи таърихиро ба вуҷуд овардааст. Дар ин мавриди ин гуна калимаҳо ҳамвазни мувофиқ надоранд. Тасаввурот ва таассуроте, ки бо хондану шунидани чунин калимаҳои таърихӣ ҳосил мешавад, аз калимаҳои **аскар** ва **пешхизмат** ҳосил намегардад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми калимаҳои ифодагари мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ ин аст, ки дар онҳо оҳангҳои мутантани таърихӣ ба чашм мерасанд. «Мутантании оҳанг,

ҷилоҳои асотирии маънову истеъмол, нодир ва тару тоза будан дар калимаҳои куҳнашуда низ хеле хуб эҳсос мешаванд» [4, с.158]. Ин ҳодисаро дар калимаҳои зайл ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст: **корвонбошӣ, қурбошӣ, эшиқоқбошӣ, мулозим, миршаб, юзбошӣ** ва ғайра.

Корвонбошӣ, дар зери шипанг сар хам карда хомӯш менишаст, акнун латифаҳо ва ширинкориҳои Акрамбой ҳам ба вай таъсир намекард [1, с.85]. **Қӯрбошиёне**, ки он босмачиро кашола карда ба дуртар бурда буданд, боз гашта омада дар ҷойҳои худҳошон нишастанд [1, с.416]. … маълум мешавад, ки як шахс барои иқола кардани савдои канизак ба Ниёзбой ва Сафарбой, яъне ба шумо бародарон даъво кардааст, ин кор ба ҷаноби **Эшиқоқобошӣ** чӣ дахл дорад? [1, с.83]. Мо имрӯз одами худро дар сарои шумо ёфта ба ҷаноби эшони **қозикалон** арз кардем, эшони калон ба мо **мулозими** худро ҳамроҳ карда фиристоданд [1, с.84]. Одамони **миршаб** ва ҷаллоди дигар бандиёнро ба ҳоли худашон монда ба ҳар тараф гурехтанд [1, с.318]. ... бачаҳои амради мардумро ба зӯр оварда ба **юзбошӣ**, ба саркарда, ҳатто ба худи ҷаноби олӣ “маҳрам” карданҳо чӣ навъ будани роҳи моро нишон медиҳанд [1, с.305].

Пӯшида нест, ки дар таърихи тӯлонии сиёсиву маъмурии халқи тоҷик вазифаву корҳои маъмурие буданд, ки имрӯз ба он мафҳумҳои замони худ дигар наздикие надоранд. Ба хотири равшантар инъикос шудани масъалаи мазкур мо ин калимаҳоро дар муқоиса ба шарҳу тафсири адабиёту манбаъҳои марбути соҳаи сиёсиву маъмурӣ таҳлил намудем. Бояд зикр намоем, ки тафсири калимаҳои дар поён овардашуда дар асоси “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (нашри соли 2010) ба роҳ монда шудаанд. Чунончи:

Амин – 1. Сардори ноҳия ва ё қишлоқ дар хонигарии Бухоро. 2. Маъмури андозгири бозор. Дар замони ҳозира калимаи мазкурро ифодаҳои раиси ноҳия ва масъули андоз иваз намудаанд.

Амлокдор – мансабдори андозгиранда аз амлок дар аморати Бухоро.

Арбоб – калони деҳа ё ягон маҳаллаи шаҳру ноҳия.

Доруға – дар замони аморати Бухоро шахсе, ки то тайёр шудан, бардоштани хирман ва ҷудо карда гирифтани ҳаққи амлокдор, подшоҳ ё вақф хирмани иҷорадор ва дигаронро посбонӣ мекард.

Корвонбошӣ – сардори мусофирону савдогарони бо корвон сафаркунанда, сардори қофила.

Аксарияти маводе, ки мо аз асари мавриди таҳқиқ ҷамъоварӣ намудем, калимаҳое мебошанд, ки ифодагари касбу кори шахсанд. Ба таври дигар, мафҳумҳои сиёсиеро ифода мекунанд, ки мансабҳои мухталифи давлатдорианд. Аз қабили:

Қаровулбегӣ – сардори посбонони дарбори амирони Бухоро.

Қозикалон – сардори қозиён; яке аз мансабҳои олии рӯҳонӣ дар аморати Бухоро, ки шахси дувум дар идораи умури давлатӣ ба шумор мерафт (пас аз қушбегӣ).

Қушбегӣ – мансаби сарвазири амирони Бухоро (олитарин мансаб), ки корҳои маъмурии давлатӣ дар дасти ӯ буд. Ҳоло ин вазифаро сарвазири мамлакат ба уҳда дорад.

Мулозим – хизматгори ҳамеша дар хизмат ҳозир; хизматгор, навкар.

Миршаб – мансаби ҳарбию маъмурӣ ва соҳиби ин мансаб дар шаҳру ноҳияҳои Осиёи миёна, ки риояи тартиботи муқарраркардаи аморат ва хониҳоро назорат мекард, сардори шабгардҳо; сардори политсия дар аморати Бухоро.

Қӯрбошӣ - 1. сардори қӯрхона дар аморати Бухоро. 2. унвони сардори дастаи босмачиён.

Оқсаққол – 1. ришсафед, пирмарди соҳибэҳтиром; калонтари деҳ, сардор. 2. сардор, сардори маҳалла, деҳа ё сардори як гурӯҳ, косиб ва ҳунарпешагон (яке аз мансабҳои хурди маъмурӣ дар гузашта).

Элнавкар – қисми аскарӣ дар Бухорои амирӣ, ки аз қабилаҳои узбак ва туркман ташкил меёфт.

Эшиқоқобошӣ – мансаби нуҳум дар тартиби мартабаҳо дар аморати Бухоро, раиси ташрифот.

Юзбошӣ – сардори дастаи саднафараи қӯшун.

Аз сабаби оне, ки аксарияти асарҳои С. Айнӣ дар мавзӯи ҳаёти гузаштаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна навишта шудаанд, дар эҷодиёти ӯ калимаҳои таърихӣ ҳамчун омили муҳимми таъйинкунандаи “фосилаи замонӣ” ва шарҳдиҳандаи шароиту хусусиятҳои хосси даврааи феодалӣ бо тамоми рангорангӣ ва тобишҳои маъногии худ зоҳир гардидаанд [5, с.74].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ дар “Ғуломон”-и устод С. Айнӣ ба таври хеле васеъ корбаст шудаанд. Албатта, чунин ҳолат тақозои давр буда, ҳар яке аз ин калимаҳо инъикосгари ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҳамон замонанд. Истифодаи калимаҳои мазкур имрӯз дар забони адабӣ маҳдуд гардида, танҳо дар мавриди тасвири ҳодисаву воқеаҳои ҳамон давра баъзан зери қалами адибону нависандагон зинда мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ғуломон. – Душанбе, 1950. – 624 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Қ.1. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
3. Луғатномаи осори С. Айнӣ / Мураттибон Ҳ. Рауфов, М. Шукурова, Ҳ. Муҳаммадиев. - Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Маҷидов. Ҷ. 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 242 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959. – 294 с.
6. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти ҷамъиятиву сиёсии забони тоҷикӣ дар асри ХХ. – Душанбе, 2004. – 303 с.

КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМҲОИ СИЁСИВУ МАЪМУРӢ ДАР «ҒУЛОМОН»-И С. АЙНӢ

Дар мақола дараҷаи қорбурди калимаҳои ифодагари мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ дар «Ғуломон»-и С. Айнӣ муқаррар шудааст. Маълум мешавад, ки ин навъи калимаҳо бо маъноҳои муайян аз ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҳамон давру замон дарак медиҳанд. Маълум гардид, ки калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ дар “Ғуломон”-и устод С. Айнӣ ба таври хеле васеъ қорбаст шудаанд. Албатта, чунин ҳолат тақозои давр буда, ҳар яке аз ин калимаҳо инъикосгари ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҳамон замонанд. Истифодаи калимаҳои мазкур имрӯз дар забони адабӣ маҳдуд гардида, танҳо дар мавриди тасвири ҳодисаву воқеаҳои ҳамон давра баъзан зери қалами адибону нависандагон зинда мешаванд. Яке аз нишонаҳои муҳимтарини калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсиву маъмурӣ мутантании оҳанг ва таърихияти онҳо мебошад. Ин ҳолатро мо ҳангоми талаффуз ва истифодаи онҳо дар мавриди тасвири воқеаву ҳодисаҳои таърихи гузашта ба мушоҳида мегирем. Масалан, дар вожаҳои куҳнашудаи **қурбошӣ, ясавулбошӣ, юзбошӣ, эшиқоқбошӣ** ва монанди инҳо нишонаи таърихиву куҳна будани калимаҳо равшан зоҳир гардида, ба тавассути он мутантании оҳанг таъмин гардидааст.

Калидвожаҳо: калима, маъно, мафҳум, сиёсӣ, маъмурӣ, маъно, калимаҳои таърихӣ.

СЛОВ ВЫРАЖАЮЩИЕ ПОЛИТИЧИСКИЕ И АДМИНИСТРАТИВНЫЕ ПОНЯТИЯ В РОМАНЕ «РАБЫ» С. АЙНИ

В статье установлена степень использования слов обозначающих политические и административные понятия в романе «Рабы» Садриддина Айни. Становится понятным, что данный тип слов с определенными значениями дают сведения из политической и административной жизни того периода. Становится ясным, что слова обозначающие политические и административные значения в романе “Рабы” Садриддина Айни использованы очень широко. Конечно, такое положение было веянием того времени и каждое из этих слов является отражением политической и социальной жизни того периода. Использование данных слов ограничено в современном таджикском языке и только при изображении событий и явлений того периода иногда используется со стороны писаталей и литераторов. Один из основных знаков слов обозначающих политические и административные понятия являются торжественность звучания и их историзм. Данное обстоятельство мы сможем наблюдать при их произношении и использовании при изображении исторических событий. Например, в архаизмах **курбоши, ясавулбоши, юзбоши, эшикокбоши** и т.п. выявляется историзм и архаизм данных слов, посредством которых обеспеченаторжественность звучаний.

Ключевые слова: слова, значения, понятия, политический, административный, исторические слов.

WORDS EXPESSING POLITICAL ICHISKY AND ADMINISTRATIVE CONCEPT OF THE NOVEL "SLAVES" S. AJNI

The article establishes the degree of use of words denoting political and administrative concepts in the novel "Slaves" by Sadriddin Aini. It becomes clear that this type of word with certain meanings provides information from the political and administrative life of that period. It becomes clear that the words denoting political and administrative meanings in the novel “Slaves” by Sadriddin Aini are used very widely. Of course, this situation was a trend of the time and each of these words is a reflection of the political and social life of that period. The use of these words is limited in the modern Tajik language and only when portraying events and phenomena of that period is sometimes used by writers and writers. One of the main signs of words denoting political and administrative concepts is the solemnity of sound and their historicism. We will be able to observe this circumstance during their pronunciation and use in depicting historical events. For example, in the archaisms of Kurboshi, Yasavulboshi, Yuzboshi, Eshikokboshi, etc. reveals historicism and archaism of these words, by means of which the ensuredness of soundness is ensured.

Key words: words, values, concepts, political, administrative, historical words.

Сведения об авторе: ***Шарифов Косимджон Джумахонович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 938-39-39-77**

Information about the author: ***Sharifov Qosimjon Jumakhonovich*** – Tajik National University, the **prospector** of the department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 938-39-39-77**

УДК: 811.21/.22-56

ФУРӮГУЗОРИИ (ИМПЛИКАТСИЯИ) ҶУЗЪҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(дар мисоли ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»*)

Абдусаломзода З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии ҳар як забон калимасозӣ мебошад. Тавассути роҳҳои гуногун сохта шудани калимаҳоро забоншиносони дунё, аз ҷумла забоншиносони тоҷик, қайд кардаанд, аммо ҳамчун василаи калимасоз будани воҳидҳои фразеологии дар забон мавҷудбударо танҳо муҳаққиқони варзида Ҳ. Маҷидов ва Б. Камолиддинов дар асарҳу мақолаҳояшон зикр намудаанд†. Маълум мешавад, ки воҳидҳои фразеологӣ ҳам дар сохтани калимаҳои мураккаб ҳамчун масолеҳи бинокорӣ хизмат мекунанд ва ҳатто ниҳоят сермаҳсуланд, зеро агар аз як ибораи озоди наҳвӣ як ё ду калима ҳосил шавад, пас, аз як фразеологизм то ҳафт калима сохтан имконпазир аст. Дар ҷараёни ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаб дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ ду ҳолати умумӣ ба назар мерасад:

1) Ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамдигар пайваст мешаванд, ба мисли ***афсус хӯрдан*** → афсусхӯрӣ, афсусхӯрона, афсусхӯрон; ***гап задан*** → гапзан, гапзананда, гапзанон, гапзанон кардан, ***даст ба гиребон шудан*** → *дастбагиребонӣ, бе хату савод* → *бехатусаводӣ* ва ғ. Ин усулро забоншиносон *агглютинатсия* (пайвастшавӣ) номидаанд.

2) Яке аз ҷузъҳои ёвари фразеологизм фурӯгузор мегардад. Чунончи: *касеро санг задан // сангзанӣ, хотири касеро ҷамъ кардан // хотирҷамъ кардан, хотирҷамъ шудан, хотирҷамъӣ, хотирҷамъӣ, хотирҷамъона ва ғ.*

Ин усулро конденсатсияи луғавию фразеологӣ, конденсатсияи семантикӣ ва ғ. номидаанд. Муҳаққиқи рус Е.Н.Ермакова ин тарзи сохтани калимаҳои мураккабро импликатсия мешуморад. Зери мафҳуми ин истилоҳ ба вуҷуд омадани калимаи мураккаб дар заминаи воҳиди фразеологии дар забон мавҷудбуда бо фурӯгузории яке аз ҷузъҳо (ё якчанд ҷузъ)-и он фаҳмида мешавад: *бить баклуши→баклушничать, втирать очки →втирать, ей богу →божиться* и т.д. [2, с.15]. Импликатсия дар он зоҳир мегардад, ки аз таркиби фразеологизме, ки аз он калимаҳои мураккаб ҳосил мешаванд, дар натиҷаи инкишоф як ё якчанд ҷузъ ихтисор мегардад. Мувофиқи ин дар забон ва нутқ воҳиди наве пайдо мешавад, ки аз як ҷузъ иборат аст ва он воҳиди сатҳи дигар, яъне луғатшиносӣ мебошад.

Муҳаққиқ О.С.Ахманова ҷараёни зоҳиршавии импликатсияро чунин шарҳ додааст: «… калимаҳое, ки ба таркиби воҳиди фразеологӣ дохил мешаванд, дорои маънои нав мегарданд. Аввал маънои «потенсиалӣ», баъдан маънои аз дастҷамъи маънои воҳиди яклухти номинативии мурраккаб «ҷаббидашуда», ки қобилияти таҷзияшавӣ, ҷудошавӣ, аз нав мустақилона бавуҷудоӣ доранд» [1, с.170].

Ҳамин тариқ, фурӯгузории яке аз ҷузъҳо ҳосил шудани калимаҳои навро дар назар дорад, ки дар натиҷаи фишурдашавии (компрессияи) маъноии воҳиди фразеологии калимасоз ва аз таркиби он ҷудо шудани яке аз ҷузъҳо, ки дар забон мустақилона ҳамчун воҳиди луғавӣ мавриди истифода қарор дорад, ба вуҷуд меояд.

Калимаҳои мураккабе, ки бо усули фурӯгузорӣ ҳосил шудаанд, хусусиятҳои грамматикии мухталиф доранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷузъҳои таркибии фразеологизмҳои калимасоз аз ду то панҷ калимаро дар бар мегиранд. Чунончи:

а) дуҷузъа: *худро доштан // худдорӣ кардан (намудан);*

б) сеҷузъа: *касеро санг задан // сангзанӣ;*

в) чорҷузъа: *хотири касеро ҷамъ кардан // хотирҷамъ кардан;*

г) панҷҷузъа: *кафши касеро ба пеш мондан // кафшпешмонӣ.*

Баъзан дар ҷараёни калимасозии мураккаб аз ҷузъи таркибии воҳидҳои фразеологӣ дутояш иштирок мекунад. Чунончи, аз се калимаи фразеологизми *чашми корро донистан* дар сохтани вожаҳои мураккаб дутояш фаъол аст: *кордонӣ*. Ё ин ки аз чор ҷузъи воҳиди фразеологии *мурғи дили касе мурдагӣ* дар вожасозӣ дутояш саҳм мегузорад *–дилмурда, дилмурдагӣ, дилмурда шудан*: *Бо ҳама дилмурдагӣ гар ёр ёри мо бувад, Бехтарини рӯзгорон рӯзгори мо бувад.* Сабаби ин дар он аст, ки тибқи имконоти калимасозии забони тоҷикӣ пайвасти ду калима меъёр аст. Чӣ қадаре ки решаи калима камтар бошад, қобили

---

*Минбаъд АС.

† Маҷидов Ҳ. Воҳидҳои фразеологии қолаби «дили касе пур» / Ҳ. Маҷидов (дар маҷмӯаи илмии «Сеҳри сухани форсӣ-тоҷикӣ». – Душанбе, 2014. – С. 314-316; Б. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б. Камолиддинов. Душанбе, 2015. – С. 78-79.

қабул аст, баръакс, зиёдтар бошад, ҳамон қадар мураккабтар мешавад, зеро бо як нафас талаффуз кардани он мушкил мегардад:

Орзуи *дастраси* Ғолиб табиб шудан буд (АС, № 49 (1916), 07.12.2017, саҳ. 4); Симои *рангпаридаи* шавҳарашро дида чун ҳайкал дар ҷояш шах монд (АС, № 49 (1916), 07.12.2017, саҳ. 9); Дар атроф торикиву сардии то ин дам *чашмнадид* ҳукмрон шуд (АС, № 49 (1916), 07.12.2017, саҳ. 9).

Дар ҷараёни калимасозӣ дар натиҷаи фурӯгузорӣ ҷузъҳои ёвари таркиби фразеологизмҳо – *худро, касе, чизе* ихтисор мешаванд. Чунончи: *худро калон гирифтан // калонгирӣ, дили касеро хун кардан // дилхун кардан, бахти худро озмудан // бахтозмойӣ, кайфи касеро парронданан // кайфпарронӣ, раҳми касеро хӯрдан // раҳмхӯрӣ, дили касеро озурдан // дилозор, дили касеро чизе харошид // дилхарошона, чашми касеро бастан // чашмбандӣ // чашмбандӣ кардан* ва ғ.

Ба қавли муҳаққиқ М.М. Мирзоева, «дар воҳидҳои фразеологии қолаби пешояндӣ пешояндҳои содаи аслӣ хеле фаъоланд. Онҳо ба калимаҳои таркиби фразеологизмҳо тобиши иловагии маъноӣ зам менамоянд» [4, с.314]. Дар ҷараёни калимасозӣ чунин пешояндҳо фаъоланд: ***аз***: ***аз*** *даст рафтан // аздастрафта,* ***аз*** *даст додан //* ***аз****дастдода, аз кор баромадан //* ***аз****корбаромада,* ***аз*** *сари касе чизе гузаштан // саргузашт* ва ғ., пешоянди ***ба***: ***ба*** *ғазаб омадан // бағазабомада,* ***ба*** *даст афтодан //* ***ба****дастафтода, даст* ***ба*** *гиребон шудан //* ***даст ба*** *гиребонӣ //* ***даст ба*** *гиребон шудан* ва амсоли ин.

Агар дар мисолҳои боло пешояндҳо ҳифз шуда бошанд, дар мисолҳои зерин онҳо ихтисор шудаанд: *коргурез (****аз*** *кор гурехтан), дастёрӣ (****ба*** *касе дасти ёрӣ додан), қадрас (****ба*** *қад расидан), дастовард (****ба*** *даст овардан), сангдил (дил* ***аз*** *санг будан), ноуҳдабаро (****аз*** *уҳдаи иҷрои коре набаромадан), худсарона (****ба*** *сари худ), дастдарозӣ (****ба*** *касе, чизе даст дароз кардан), ёдоварӣ (****ба*** *ёд овардан), ҳавлиҷонӣ (****аз*** *ҳавли ҷон), гапнодаро (****ба*** *гап надаромадан), дастгирӣ (****ба*** *даст гирифтан):*

... сиёсати пайгиронаи фарҳангии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи ... аз худ кардани донишҳои замонавӣ ҳамаҷониба *дастгирӣ* ва дар амал татбиқ менамоянд (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, саҳ.14); Шоир ваҳдати миллиро аз *дастовардҳои* бузурги миллати тоҷик ҳисобида, онро ҳамчун вусъатбахши ақлу заковати инсони худшинос дониста, Тоҷикистони азизи моро кишвари ваҳдатсаро унвон медиҳад (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, саҳ.13).

Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологие, ки дар калимасозии мураккаб иштирок мекунанд, дар чунин қолабҳо шакл гирифтаанд:

1) «исм+сифат»: *даҳанкалон, хонахароб*;
2) «исм+сифати феълӣ»: *хонасӯхта, гӯрсӯхта*;
3) «исм+исм»: *дастёр*;
4) «сифат+исм+пешванди -он»: *сияҳбахтон*;
5) «исм+пешоянд+асоси феъл+ӣ»: *гапнабардорӣ*;
6) «сифат+исм+пешванди -ӣ»: *гурусначашмӣ, пастназарӣ, сиёҳбахтӣ, софдилӣ, туршрӯйӣ*;
7) «исм+сифат+пешванди -ӣ»: *дастдарозӣ*, *дилсиёҳӣ*, *дилтангӣ*, *дилхушӣ*, *рӯйсиёҳӣ*, *саргарангӣ*, *хонавайронӣ*, *чашмтангӣ*, *дасткӯтоҳӣ*;
8) «исм+зарф+пешванди -ӣ»: *дилпурӣ*;
9) «исм+зарф+асоси замони ҳозираи феъл+пешванди -ӣ»: *кафшпешмонӣ*;
10) «исм+феъли ҳол+пешванди -ӣ»: *кайфпарронӣ;*
11) «сифат+асоси замони ҳозираи феъл+пешванди ӣ»: *калонгирӣ*;
12) «сифат+исм+пешванди-а»: *ширинкома*;
13) «исм+сифат»: *ақлкӯтоҳ, дастрасо, дилсоф, дилҷамъ, қадрас, қадрдон, рӯзсиёҳ, рӯҳбаланд, хонавайрон, хонахароб, хотирпарешон, чашмгурусна, чашмсер*;
14) «сифат+исм»: *бадбахт, баландтолеъ, калонгап, калонгир, кӯрнамак, кӯтоҳақл, кӯтоҳдаст, сабукпо, сарсаригард, сахтдил, сиёҳбахт, сиёҳдил, софдил, танҳодаст, хушбахт, хушвақт, хушзабон*;
15) «исм+инфикс -но-+асоси замони ҳозираи феъл»: *гапнодаро, дилнокаш, назарногир*;
16) «исм+миёнванди-но-+ асоси замони ҳозираи феъл+пешванди-*она*»: *дилнохоҳона*;
17) «сифати феълӣ+исм»: *кушодафикр*;
18) «пешванди но-+исм+асоси замони ҳозираи феъл»: *ноуҳдабаро*;
19) «исм+исм+пешванди-ӣ+феъли ёвар»: *дастёрӣ кардан.*

Аз қолабҳои овардашуда маълум мешавад, ки на ҳамаи онҳо сермаҳсуланд, аммо қолабҳои ҷудогонаро ташкил менамоянд ва аз бой будани имконоти калимасозии забони тоҷикӣ дарак медиҳанд. Дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» калимаҳои мураккаби қолабҳои боло ба андозаи гуногун ба назар мерасанд. Чунончи:

Таваҷҷуҳи маро акси як ҷавонзани маъюсу *сархами* мӯйҳояш парешон ба худ кашид (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, саҳ.12); Ман бошам, аз алами суруд ва ҳукме, ки ба ман эълон шуда буд, чунон *дилхун шуда* будам, ки мехостам, Худованд ҷонамро гирифта, қалбу рӯҳамро аз алами *ҷонгудоз* раҳо гардонад (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, саҳ.11); Аз дил

гузаронд, ки аз дасти муфаттишони *ҳавобаланд* чизе наомаду ин ҷавонмарди назарногир чӣ кор карда метавониста бошад (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, сах.9); … ба онҳо ваъдаҳои бардурӯғи *дастнорас* медиҳад (АС, № 16 (1883), 20.04.2017, сах.14).

Дар натиҷаи фурӯгузории ҷузъҳои фразеологизмҳо ду ҳолат ба назар мерасад:

Якум, семантикаи фразеологизми калимасоз ва калимаи мураккаби аз он бавуҷудомада метавонад, ки бетағйир монад: Аҳлиддини Ҳисорӣ бар он талош менамояд, ки маъниҳои тоза ва зеборо дар васфи Ватан бо таъбироти тозаву *дилнишин* баён созад (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, сах.13). Калимаи *дилнишин*, ки аз воҳиди фразеологии *ба дили касе нишастан* ҳосил шудааст, аз нигоҳи маъно аз он тафовут надорад. Ҳар ду ба маънии "писанд омадан ба касе, маъқул шудан" далолат мекунанд.

Дувум, семантикаи воҳиди фразеологӣ ва калимаи мураккаб метавонад, гуногун бошад: Ватан барои шоир баҳори сабз, боғи *дилкушо*, сафои чисму ҷон, меҳри ҷовидон, табиби захмҳои дил, паноҳи мо, насими ҷон буда, дар ҳама мушкилоту офатҳои замон барои ватандор паноҳу такядор аст (АС, № 20 (1887), 18.05.2017, сах.13).

Маводи амалии забон нишон дод, ки як воҳиди фразеологӣ метавонад, ки дар сохтани чанд вожаи мураккаб иштирок кунад. Ин, пеш аз ҳама, ба миқдори ҷузъҳои таркиби он вобаста аст.

Ҳодисаи фурӯгузори (импликатсия)-и ҷузъҳои фразеологизм ва ҳосил шудани калимаи нав боиси аз байн рафтани ин воҳиди забон намегардад. Баръакс, ҳар ду воҳид дар забон ба андозаи гуногун кор фармуда мешаванд. Ба вуҷуд омадани воҳидҳои луғавии нав дар асоси воҳидҳои фразеологӣ яке аз роҳҳои бой гардидани забони адабии муосири тоҷикӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёт ва санъат (2017).
2. Ахманова, О.С. Очерки по общей и русской лексикологии / О.С. Ахманова. – М., 1957. – 295 с.
3. Ермакова, Е.Н. Словообразование в сфере фразеологии / Е. Н. Ермакова. Часть II. – Тобольск: ТГПИ им. Д.И.Менделеева, 2007. – 112 с.
4. Мирзоева, М.М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С. Айни / М.М. Мирзоева. – Душанбе, 2017. – 400 с.

ФУРӮГУЗОРИИ (ИМПЛИКАТСИЯИ) ҶУЗЪҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола сухан дар бораи нақши калимасозии воҳидҳои фразеологии калимасоз меравад, ки бо усулҳои гуногун воҳидҳои луғавӣ месозанд. Яке аз воситаҳои бой гардидани таркиби луғавии забон калимасозӣ, махсусан, мураккабшавӣ мебошад. Дар ҷараёни калимасозӣ ҳиссаҳои мустақили нутқ фаъолона иштирок мекунанд. Аммо маводи амалии забон нишон дод, ки ба сифати воситаи калимасоз метавонанд воҳидҳои фразеологии дар забон мавҷудбуда баромад кунанд. Дар натиҷаи агглютинатсия (якшавӣ) ва импликатсияи (фурӯгузории) ҷузъҳои фразеологизмҳо миқдори зиёди калимаҳои мураккаб ҳосил мешаванд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни мустақили нутқ мансубанд. Таҳлили маводи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» нишон дод, ки дар натиҷаи импликатсия зиёда аз 20 қолаби фразеологизмҳои калимаҳои мураккаб сохта шудаанд, яъне аз як воҳиди устувор наздики ҳафт калимаи мураккаб сохтан мумкин аст. Одатан, дар ҷараёни импликатсия калимаи ёвар фурӯгузор мегардад. Аз нигоҳи ифодаи маъно калимаҳои мураккаб метавонанд, фарқ кунанд ва ё ягон тафовут надошта бошанд. Дар мақола ҳамчунин қайд мегардад, ки ба вуҷуд омадани калимаҳои нав ба он оварда намерасонад, ки воҳиди фразеологии калимасоз аз забон нест шаванд. Баръакс, ҳам воҳиди луғавӣ ва ҳам воҳиди фразеологӣ фаъолона дар ҷараёни нутқ иштирок мекунанд ва матлабро чанд тариқа ифода менамоянд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, фурӯгузорӣ (импликатсия), воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои мураккаби аз воҳидҳои фразеологӣ бавуҷудомада, семантикаи калимаҳои мураккаб, нақши калимасозии фразеологизмҳо, фурӯгузории ҷузъҳои ёвар.

ИМПЛИКАЦИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Одним из способов обогащения словарного состава языка является словообразование, в частности, сложение слов. В процессе деривации активно участвуют различные самостоятельные части речи. Однако фактический материал языка показал, что в роли основной словообразовательной базы могут выступать процессуальные фразеологические единицы. В результате агглютинации и импликации компонентов фразеологизмов образуются огромное количество сложных слов, принадлежащих к самостоятельным частям речи. Анализ примеров из еженедельника «Адабиёт ва санъат» показал, что в результате импликации более чем 20 моделей фразеологизмов образовано множество сложных слов, т.е. из одной устойчивой единицы образуются около семи сложных слов, нежели от простых синтаксических конструкций. Обычно в процессе импликации упускается служебный компонент. В семантическом плане сложные отфразеологические слова могут отличаться, но и могут быть идентичным. В статье также отмечается, что появление новых сложных слов не приводит к исчезновению исходных фразеологических единиц из языка. Наоборот, обе единицы активно участвуют во фразообразовании и являются различными способами выражения мысли.

Ключевые слова: словообразование, импликация, фразеологические единицы, отфразеологические дериваты, семантика сложных слов, словообразующая роль фразеологизмов, упущение служебных компонентов.

IMPLICATION OF PHRASEOLOGICAL UNITS BY THE TAJIK LANGUAGE

One of the ways to enrich the vocabulary of the language is word formation, in particular, the addition of words. Various independent parts of speech are actively involved in the derivation process. However, the actual material of the language showed that procedural phraseological units can be used as the main word-formation base. As a result of agglutination and implication of the components of phraseological units, a huge number of complex words belonging to independent parts of speech are formed. An analysis of examples from the weekly «Adabiyot va san'at» showed that as a

result of the implication of more than 20 models of phraseological units, many complex words were formed, i.e. from one stable unit about seven complex words are formed, rather than from simple syntactic constructions. Usually in the process of implication, the service component is missing. In semantic terms, complex phraseological words may differ, but may also be identical. The article also notes that the emergence of new complex words does not lead to the disappearance of the original phraseological units from the language. On the contrary, both units are actively involved in phrase formation and are different ways of expressing thought.

Key words: word formation, implication, phraseological units, phraseological derivatives, semantics of complex words, the word-forming role of phraseological units, omission of service components.

Сведения об авторе: ***Абдусаломзода З.А.*** – Таджикский национальный университет, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 882-20-07-07**

Information about the author: ***Abdusalomzoda Z.A.*** - Tajik National University, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17. Tel.**: (+992) 882-20-07-07**

УДК: 811.111+811.21/.22(03)

ОИД БА МАФҲУМИ МУОДИЛНОКИИ НОПУРРАИ ТАРҶУМАВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони ҳозира дар назарияи тарҷума воҳидҳои луғавии байнизабонӣ бо роҳҳои мухталиф интиқол меёбанд. Тарҷума ин як намуди воситаи муошрати байнизабонӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми гузариш аз як забон ба забони дигар нишондоди воҳидҳои ғайризабонӣ мебошад. Вазифаи асосии он дар табдил додан ва гузариши мазмуни паёми матни асл ба матни тарҷума инъикос меёбад. Яке аз вазифаҳои асосии тарҷумон ин интиқоли мазмуни комили матни мабдаъ ба шумор рафта, дар он сурат ӯ ба мақсадаш мерасад, ки агар тамоми қоидаву роҳу усули дар назарияи тарҷумашиносӣ мавҷудбударо риоя намояд, яъне тарҷумон дар баробари инъикоси пурраи мантиқу ғояи матн нозукиҳои тобишҳои маъноии онро низ дар тарҷума (ба ҳар воситае, ки набошад) ҷо кунонида тавонад. Тобишҳои маънои сенсемантикӣ, автосемантикӣ, мувозина, симетрия, куллу ҷузъ ва сабабу натиҷаро озодона ифода карда тавонад. Дар забоншиносии муосир мафҳумҳои муҳимми марбут ба тарҷумаи адекватӣ дар асоси қонуниятҳои монандии функсионалии матнҳои забони асл ва тарҷума дида мешавад. Дар навбати худ, шабоҳати функсионалӣ чун воҳиди ҷудогонаи забон аҳаммият дошта, ифодакунандаи ваколати муодилнокӣ мебошад. Яке аз олимони забардасти миёнаи дуюми асри XX, ки дар забоншиносии муосир тарҷумаи адекватиро (мусодифиро) асоснок намудааст, ин А.В. Фёдоров мебошад. Вай чунин мешуморад, ки «Мукаммалии тарҷума ин маънои комилан интиқол додани мазмуну мундариҷаи нусхаи асл вобаста ба мутобиқати пурраи функсионалӣ – услубии он мебошад» [6, с.127].

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур аз нигоҳи илмӣ муайян намудани фарқияти дараҷаҳои муодилнокии нопурра буда, дар асоси мисолҳои асарҳои бадеӣ таҳлил карда мешавад.

Бояд воқиф аз он бошем, ки барои ба дараҷаи комилии муодилнокӣ расидан тарҷумон дар раванди тарҷума, новобаста аз сохтори гуногуни маъноӣ ва грамматикии забонҳо мазмун ва мундариҷаи матнҳоро мусодиф созад. Агар дар муодилнокии тарҷумавӣ мазмуни матн ҳангоми гузариш ба дигар забон ҳифз карда шавад, он гоҳ сатҳи муодилнокӣ ба дараҷаи олӣ мерасад, вале то ба он зинаи максималӣ расидани муодилнокӣ роҳу усулҳои мухталифи тарҷума истифода бурда мешавад.

Дар баробари муқоисаи воҳидҳои луғавии байнизабонӣ забоншинос ё худ тарҷумон бештар бо муодилнокии луғавии забони асл ва забони тарҷума сарукор дорад. Албатта, дар кору фаъолияти тарҷумон ин хеле ҷараёни мушкил ба шумор меравад. Душворӣ дар он дида мешавад, ки фарҳанг ва маданияти гӯяндагони забони асл аз фарҳангу тамаддуни истифодабарандагони забони тарҷумашаванда тафовут дорад, табиист, ки пайдо намудани муодилҳои воҳидҳои луғавии байнизабонӣ монеаҳои зиёдеро пеши роҳ мемонанд. Номусоидии ифодаи воҳидҳои луғавии байнизабонӣ ба тарҷумон зарурате ҳувайдо месозад, ки роҳу усулҳои тарҷумаро ба танзим дарорад. Воҳидҳои маъноии ҳар як забон дар дохили худ бо воситаҳои гуногун ифода меёбанд. Сабаби наёфтани мутобиқатҳо байни воҳидҳои луғавии байнизабонӣ аз он сарчашма мегирад. Гарчанде мафҳумҳо дар ҳарду забони муқоисашаванда вуҷуд дошта бошанд ҳам, онҳо бо роҳу усулҳои гуногун баён мегарданд. Милдред Л. Ларсон ифодаёбии воҳидҳои луғавии забонро ба се зина тақсим намудааст: дар зинаи аввали гурӯҳбандии тарҷумашинос Милдред Л. Ларсон, мафҳумҳо ҳам дар забони асл ва ҳам дар забони тарҷума моҳияти худро доранд, вале бо

роҳи ғайритаҳтулафзӣ тарҷума мешаванд. Дар зинаи дуюм он маънии луғавӣ дар забони мабдаъ дида мешавад, аммо дар забони мақсад не. Зинаи сеюм бошад воҳидҳои луғавиеро дар бар мегирад, ки калидвожаҳои ҳамон матн ба ҳисоб рафта, барои рушди мазмуни мавзӯи он хизмат мерасонанд ва таҳрири махсусро талаб мекунанд [9, с.169].

Ин се зинаи ифодаёбии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ, ки аз тарафи Милдред Л. Ларсон тасниф шудааст, аз муодилнокӣ, муодилнокии нопурра ва бемуодилии воҳидҳои луғавӣ дарак медиҳад.

Аз назарияи тарҷума яке аз аввалин қонуниятҳои мутобиқатҳо, ки аз тарафи Я.И. Ретскер қабул шудааст, он ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки дар раванди тарҷума тартиботи усули луғавӣ ва маъноӣ дар он такрор меёбад. Барои ҳар як калима ва ибораи дар забони асл мавҷудбуда муодили доимӣ дар забони тарҷума ёфтан лозим аст. Дар ҳама забонҳо муодилҳои доимиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба муодилҳои доимӣ исмҳои хос, истилоҳот ва шумораҳо дохил мешаванд. Дигар гурӯҳи калима ва ибораҳо бо роҳи мутобиқати матнӣ тарҷумаи худро меёбанд, ки дар ин ҳолат чунин мутобиқатҳо муодилҳои муваққатии худи ҳамон матн маҳсуб меёбанд. Сеюм гурӯҳи калима ва ибораҳо бо роҳи фикрронии мантиқӣ ва интиқоли лексикӣ муодили худро дар дигар забон меёбанд. Я.И. Ретскер мушкилоти мувофиқати эҳтимолии воҳидҳои луғавии байнизабонии забони асл ва тарҷумаро аз назар гузаронида, онҳоро ба се қисми асосии чунин мувофиқатҳо тақсим намуд: а) муодилҳо; б) аналогҳо (монандиҳо); в) ивази калима бо калимаи мусовӣ [4, с.156].

Тарҷумашиноси машҳур А.Д. Швейтсер фикру ақидаҳои тамоми олимони забоншиносро ҷамъоварӣ намуда, ҳар яки онҳоро муқоиса намудааст. Дар асоси ақидаҳои Я.И. Ретскер, А.Д. Швейтсер чунин мешуморад [7, с.92], ки муодил ин як калимаи мутобиқ мебошад, вале агар дар фарҳанг барои як калима якчанд маъно пешниҳод шавад, он гоҳ ин маънои мутобиқати вариантнокиро дорад [4, с.11-12]. Дар умум Я.И. Ретскер чор намуди муодилнокиро ҷудо намудааст: муодилҳои қисмӣ, муодилҳои нисбӣ, муодилҳои пурра ва муодилҳои мутлақ. Муодилҳои қисмӣ ва муодилҳои нисбӣ ҳарду муодили нопурра ба шумор рафта, фарқияти онҳоро танҳо дар луғатҳои дузабона ҳангоми муқоиса ёфтан мумкин аст. Муодили қисмӣ - як калима бо чанд маъно инъикос меёбад, вале муодили нисбӣ бошад, як калима бо чанд вариант омада, услубан бо роҳҳои гуногун ифода мегарданд. Муодили пурра аз муодили мутлақ низ фарқ дорад. Муодили пурра калимаҳое, ки дар дигар забон аз рӯйи мазмун мутобиқи худро доранд, аммо муодили мутлақ на танҳо аз рӯйи мазмун, балки аз рӯйи услуб низ бояд мусодиф бошанд. Савол ба миён меояд, ки муодили нисбӣ аз муодили нопурра чӣ фарқ дорад? Ягон тафовуте дида намешавад, зеро ҳарду якхел ҳолатро пеши назар мекунанд, яъне нопуррагии мазмуну мундариҷаи калима ё матн. Муодили нопурра низ ҳангоми тарҷума якчанд вариантро пешниҳод менамояд ё қисман тарҷума мегардад. Муодили нисбӣ якчанд варианти калимаро дар бар мегирад ва дар раванди тарҷума вобаста ба мазмун ва мундариҷаи матн услубан мутобиқ шуда наметавонад.

Дар ҷараёни ҷустуҷӯи муодили воҳидҳои луғавӣ калимаҳои зидмаъно низ мисли антонимҳо ба назар мерасанд. Муодили муносибро барои калимаҳои зидмаъно ёфтан хеле душвор менамояд, зеро калимаҳои маънои манфидоштаи забони англисӣ на ҳама вақт мутобиқи худро дар дигар забон меёбанд. Мисол, ибораи *good health* ва *poor health,* дар ин ҷо калимаи *poor* бар ивази калимаи *bad* омадааст*,* ки дар забони англисӣ муносиб аст, вале агар ба забони тоҷикӣ онро интиқол диҳем, чун *саломатии хуб ва саломатии бечора* тарҷума мешавад, ки аз рӯйи мазмун ғалат аст. Ибораи *bad health* ба забони тоҷикӣ мутобиқ омада*,* чун *саломатии бад* тарҷума мешавад, аммо соҳибони забони англисӣ чунин ибораро дар услуби китобӣ ё бадеӣ истифода намебаранд, онҳо бештар *poor heath-po* дар услуби бадеиашон мусодиф дониста*, bad health* – ро дар услуби гуфтугӯӣ кор мефармоянд. Чунин ибораҳои зидмаъно дар раванди тарҷума муодилнокии нопурраро ё ин ки муодилҳои нисбиро ба хотир меоранд, ки ҳангоми интиқол аз забони А ба забони Б услубан мутобиқ намеоянд.

Муодилнокии нопурраи воҳидҳои луғавӣ метавонад дар ҳолатҳои гуногун инъикос гардад. Яке аз он ҳолатҳое, ки мутарҷим бо он дучор мешавад, дар ҷумлаҳои зерин зикр мегардад. Вақте ки дар матни асл калима бо маънои аслии худ ояд, вале дар матни тарҷума муодили муносиби худро надошта бошад, мисли калимаи англиси *lily* гарчанде муодилаш дар забони тоҷикӣ *савсан* бошад ҳам, метавонад баъзан ҳамчун *як намуди гул* тарҷума шавад ё калимаи *wolf* метавонад ба маънои умумӣ, яъне *ҳайвони ваҳшӣ* интиқол ёбад. Мисоли дигар калимаи *man* мебошад, ки он на танҳо маънои инсон ё одамро дорад, балки барои ҷинсиятро фарқ намудан маънои *мард*ро мегирад. Ин гуна калимаҳо дар забони англисӣ хеле зиёд ҳастанд, ки онҳо ҳангоми тарҷума баъзан ба маънои аслиашон ба дигар забон дохил мешаванд ва баъзан бо мафҳуми умумӣ, ки ин раванд танҳо аз мазмуну мундариҷа ва шакли услуби матн вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, калимаҳое вуҷуд доранд, ки дар матни асл ба маънои аслӣ истифода мешаванд ва мавриди тарҷума

бо маънои маҷозӣ интиқол меёбанд, ё ин ки баръакс. Калимаи англисии *hypocrite* дар фарҳанги забони англисӣ - тоҷикӣ маънои *дурӯя, риёкор, мутазоҳир* ва *мунофиқро* дорад, вале дар баъзан матнҳои адабӣ метавонад ба маънои маҷозӣ чун *кафтари дубома* ба кор равад [3, с.418]. Дар ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки тарҷумон ҳангоми чунин тарҷума бояд донад, ки ташбеҳи забонӣ аз ташбеҳи адабиёт фарқ мекунад. Дар забон ташбеҳ бо истилоҳи метафора, метанимия ва синекдоха ёдовар карда мешавад. Бинобар ин, ифодаҳои тарҷумашуда кадоме аз ин ташбеҳ мебошад, тарҷумон онҳоро бояд хуб донад, то ки ба ғалатҳо роҳ надиҳад. Ба мисли "булбули дубома".

Яке аз мушкилоти асосие, ки боиси пайдо кардани муодили воҳиди луғавии забон мегардад, ин гуногунии мавқеи ҷуғрофӣ, расму оин, фарҳангу маданият, эътиқод ба дин ва ҷаҳонбинии халқиятҳо мебошад, ки ҳангоми тарҷума ин омилҳо садди роҳи тарҷумон мегарданд. Мафҳуме, ки бояд аз забони асл тарҷума шавад, агар дар фарҳангу маданияти забони тарҷума ин мафҳум вуҷуд надошта бошад, он гоҳ кору фаъолияти тарҷумон боз ҳам мушкилтар мегардад. Се роҳи тарҷумаи чунин воҳидҳои луғавӣ ва ёфтани муодилҳои мутобиқ дар забони тарҷума тасниф ёфтааст: 1) калимаи мафҳуми умумидошта бо ибораҳои тавсифӣ; 2) калимаҳои иқтибосӣ ва 3) калимаҳои ивазшавандаи фарҳангӣ (1) a generic word with the descriptive phrase; 2) a loan word and 3) a cultural substitute [8, с.191-211].

Калимаҳое, ки *бо мафҳуми умумӣ* тарҷума мешаванд, ин ҳамон мисолҳои дар боло зикршуда, мисли *dog - як намуди ҳайвони ваҳшӣ* ё *light - чун шамъ ва чароғ* мебошад. Ин гуна калимаҳо мавриди тарҷума бо ибораҳои тавсифӣ ё мафҳуми умумиашон ба забони тарҷума интиқол мешаванд, ё ин ки бо дигар роҳ ифода меёбанд.

Калимаҳои *иқтибосӣ* бошанд, калимаҳое ба шумор мераванд, ки аз як забони бегона ба забони матни асл ворид шудаанд ва онҳо ҳам ба соҳибзабонони матни асл ва ҳам ба хонандагони матни тарҷума ношиносанд. Ба калимаҳои иқтибосӣ одатан номи одамон, номи шаҳрҳо, номи кӯлу дарёҳо ва ғ. дохил мешаванд. Аслан ду гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ дар забонҳо вуҷуд дорад, мисли ***loan words*** (калимаҳои қарзӣ) ва ***borrowed words*** (калимаҳои иқтибосӣ). Онҳоро аз ҳамдигар чӣ хел бояд фарқ намуд? Калимаҳои иқтибосие, ки аз дигар забони бегона ворид мешаванду муддати чанд вақт дар истифода қарор доранд ва тамоми соҳибзабонон онҳоро бо маънои аслии худашон истифода мебаранд ва ба онҳо, аллакай, бегонагии он калима ба назар намерасад, чунин калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои иқтибосии ***borrowed words*** дохил мешаванд. Масалан, калимаи *banana* ё номи моҳҳои тақвим чун *January, fabruary*, ва ғ. дар забони тоҷикӣ ба ин гуна гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ дохил мешаванд, чунки тоҷикон ҳатто иқтибос будани чунин калимаҳоро пай намебаранд. Дар баробари ин, калимаҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳангоми тарҷума мутарҷим бо онҳо пешпо мехӯрад, чунки мазмуни он калимаҳо ба худи тарҷумон низ нофаҳмо аст. Чунин калимаҳоро тарҷумон бори аввал вомехӯрад ва онҳоро ба гурӯҳи калимаҳои иқтибосии **loan words** дохил менамояд. Мисол, калимаи *Easter* дар фарҳанги забони англисӣ - тоҷикӣ муодили *пасха*ро гирифтааст, ки ин калима агар дар матн ба хонандагони забони тоҷик ба чашм расад, ба онҳо тамоман нофаҳмо аст. Тарҷумони фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ муодили забони русии ин калимаро чун *пасха* истифода намудааст, ки худи халқи рус ин идро ҷашн мегиранд, вале халқи тоҷик оиди ин ҷашни динӣ тасаввуроте надоранд. Чунин калимаҳоро бояд тарҷумон бо усули шарҳи маънӣ ба дигар забон тарҷума созад, яъне Easter – пасха (иди динии яҳудиён ва насрониён) мебошад. Дар фарҳанги англисӣ ва тоҷикии Абдусалом Мамадназаров ин калима дар шакли комил ва дуруст шарҳ ёфтааст: Easter – пасха, иди пок *(бузургдошти растохези Исо)* [3, с.277]. Чунин калимаҳо ба гурӯҳи ***loan words*** дохил шуда, воҳиди луғавии бемуодил ба шумор мераванд.

Дигар гурӯҳи калимаҳо чун *калимаҳои ҷойивазкунандаи фарҳангӣ* ном гирифтаанд, ки чунин калимаҳо ҳангоми тарҷумаи асарҳои таърихӣ ба назар мерасанд. Агар калимаи *chariot - аробаи дучарха* ба тарҷумон вохӯрад, барои маънидод кардани ин калима тарҷумон набояд ба ҷояш дигар калимаро, ки худи он функсияро ба таври замонавӣ ичро менамояд, истифода барад. Дар замони муосир ҷойивазкунандаи калимаи *chariot ин car* мебошад, вале тарҷумон ҳаққи ҷойивазкунии онҳоро надорад, ин гуна калимаҳо танҳо бо усули шарҳи маънӣ дар қавс маънидод мешаванд.

Ҳолатҳое, ки дар боло бо мисолҳо зикр гардиданд, нопуррагии муодилнокии тарҷумавӣ ё ин ки бемуодилии онҳоро нишон медиҳанд. Муодилҳои нопурра дар раванди тарҷума бо роҳҳои гуногун тарҷума мешаванд. Баъзан як калима чун ибора ё муродифи ҷуфт, ё ин ки як ибора метавонад бо як калима ё қисман тарҷумаи худро ёбад. Чи тавре, ки муодили пурра тарҷумаи мусовиро ба вуҷуд меовард, муодилҳои нопурра ё худ қисман низ метавонанд тарҷумаи мусовии матнро ташкил намоянд. Муодилҳои қисман гарчанде пурра муодил наёбанд ҳам ба мазмуни матн таъсири манфӣ намерасонанд. Муодилҳои қисмӣ дар фарҳангҳои дузабона якчанд варианти тарҷумаи калимаро пешниҳод менамоянд, ки аз рӯйи маъно онҳо ба ҳам хеле наздиканд, вале мавриди тарҷума вобаста ба тобишҳои экспрессивӣ ва услубии матн нисбатан интихоб мешаванд. Мисол, феъли ***to look*** дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ якчанд вариантро тафсир додааст, ба

монанди ***нигоҳ кардан, назар андохтан, дидан, таваҷҷуҳ кардан*** ва ғ., ки ҳамаи ин намунаҳо ба муодили қисмӣ дохил мешаванд.

Муодилҳои нопурра ду намуд мешаванд, қисмӣ ва нисбӣ. Оид ба муодилҳои қисмӣ дар сарсатри боло каме маълумот бо мисолҳо шарҳ дода шуд, аммо муодили нисбӣ воҳидҳои луғавиеро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати услуби матн ҳангоми гузариш аз забони А ба забони Б тамоман мувофиқ нестанд. Ғайр аз ин, калимаҳое, ки дар матн аз як забон ба забони дигар бо ибора тарҷума меёбанд, онҳоро низ ба гурӯҳи муодилҳои нопурра ворид менамоянд. Воҳидҳои луғавие, ки бо якчанд сабабҳо ҳамчун муодили нопурра дар раванди тарҷума интиқол меёбанд, бо мисоли зерин таҳлил гардида, кушоду равшан роҳҳои тарҷумаи онҳо ҳаллу фасл мешаванд. Мисолҳои зеринро, ки воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи сохтор ва мазмун дар раванди тарҷума дар матн муодили нопурраи худро пайдо намудаанд, дида мебароем:

Our natural ***distress****, the* ***visits*** *of the neighbours, the arranging of the funeral and all the* ***work*** *of the inn to be carried on in the meanwhile, kept me so busy that I had scarcely time to think of the captain, far less to be afraid of him* [10, с.20].

Ман онҷунон ба ***ғаму ҳасрат*** *ва ба* ***омаду рафти*** *ҳамсояҳо, ба ташкил кардани дафнкунӣ ва* ***корубори*** *майхона овора будам, ки фурсате надоштам дар бораи капитан фикр кунам, ё аз ӯ тарсам* [5, с.23].

Дар мисоли зикргардида, калимаи забони англисии ***distress*** ҳамчун ***ғаму ҳасрат*** ва калимаи ***visits*** чун ***омаду рафт*** тарҷума шудааст. Калимаи ***visits*** бо пасванди шакли ҷамъи – ***s*** омада, аз рӯйи мазмун маънои *рафтану дидори касеро* дар назар дорад. Ин мисолҳои овардашуда ба гуфтаҳои Ларсон Милдред хеле мувофиқ аст, зеро агар мушоҳида намоем, як калимаи забони англисӣ ба муродифи ҷуфти забони тоҷикӣ мубаддал гардидааст. Ибораи ҷумлаи забони тоҷикии ***ғаму андуҳ*** ҳамчун муродифи ҷуфт ба шумор меравад, вале ибораи ***омаду рафт*** бошад антоними ҷуфт мебошад, ки ба як калимаи матни забони англисӣ мутобиқ шудааст, ки ҳамчун муодили қисмӣ ба шумор меравад.

Муродифи ҷуфти дигар ин ***корубор*** мебошад, ки дар забони асл бо як калимаи одии ***work*** инъикос гардидааст, ин нишондиҳандаи муодили нопурра мебошад. Муродифи ҷуфти ***корубор*** аз ду реша, яъне ***кор*** ва ***бор***, бо миёнванди ***–у-*** сохта шудааст. Шаклан ***корубор*** калимаи мураккаб маҳсуб меёбад. Ҷумлаҳои дар боло қайдшударо мо танҳо ҷузъан таҳлил намудем, агар онҳоро ба куллӣ муқоиса намоем, ҷумлаи забони англисӣ ба таври тарҷумаи мусовӣ (адекват) ба забони тоҷикӣ интиқол гардидааст

Хулоса, аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки тамоми муодилҳои нопурра бо шаклҳои гуногун аз як забон ба забони дигар тарҷума мешаванд. Яке аз онҳо ибора ё ин ки муродифи ҷуфт мебошад, ки дар шакли як калимаи одӣ тарҷума мегардад ё ин ки баъзеашон қисман муодил ёфта, қисми дигарашон умуман тарҷумаи худро пайдо карда наметавонанд, ки дар ин мавридҳо ё ба таври шарҳи маънӣ ё ибораҳои устувор ҳамчун аналог қисман аз як забон ба забони дигар интиқол меёбанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И. С. Введение в переводоведение: учеб. пособие для студ.учреждений высш. проф. образования / И. С. Алексеева. - 6-е изд., стер. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ; - М.: Академия, 2012. - 368 с. - (Высш. проф. образования).
2. Бархударов, Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. - 3-е изд. - М.: ЛКИ, 2010. - 240 с.
3. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе, 2007. – 1079 с.
4. Рецкер, Я.И. О закономерных соответствиях при переводе на родной язык / Я.И Рецкер // Вопросы и методики учебного перевода. - М., 1950. - С. 156-178.
5. Роберт, Люис Стивенсон. Ҷазираи ҷавоҳирот / Люис Стивенсон Роберт. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1952. – 257 с.
6. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевод (лингвистические проблемы) / А.В. Фёдоров. - СПб., 2002. - 416 с.
7. Швейцер, А.Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер; отв. ред. В.Н. Ярцева. - 2-е. изд. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009. - 216 с.
8. Beekman J. Translating the word of God/ J. Beekman J. Callow. - Publisher: Zondervan, 1974 – 399 p.
9. Larson, Mildred L. Translation: theory and practice, tension and interdependence. American Translators Association scholarly monographs / Mildred L. Larson. – USA: State University of New York, 1991. - 270 p.
10. Robert, Louis Stevenson. Treasure Island / Louis Stevenson Robert. - GB.: BPCC Paperbacks Ltd, 1993. – 183 p.

МОҲИЯТИ МАФҲУМИ МУОДИЛНОКИИ НОПУРРАИ ТАРҶУМАВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур роҷеъ ба моҳияти муодилнокии нопурраи воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума буда, ин мафҳумро дар асоси назарияи тарҷумашиносон ва забоншиносон бо мисолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ кушоду равшан мефаҳмонад. Дар мақола оид ба номутобиқатии воҳидҳои луғавии забон, аз ҷумла бемуодилии онҳо мисолҳо оварда шудаанд. Дар мақола маълумот дар бораи тақсимшавии муодилнокии нопурраи тарҷумавӣ ба қисматҳои гуногун оварда шудааст, ба монанди муодили пурра, муодили қисмӣ, муодили мутлақ ва муодили нисбӣ мебошад. Муодилҳои қисмӣ ва муодилҳои нисбӣ ҳамчун муодили нопурра ба шумор мераванд. Муодили қисмӣ дар фарҳангҳои дузабона як калимаро бо якчанд маъно нишон медиҳад. Муодили нисбӣ бошад як калимаро бо чанд маъно пешниҳод карда, дар раванди тарҷума ба забони тарҷумашаванда услубан мутобиқ намешавад. Инчунин, аз маълумоти назариявии мақолаи мазкур

равшан гардидааст, ки муодилҳои нопурра бо роҳҳои гуногун аз як забон ба дигар забон интиқол меёбанд. Яке аз онҳо ибора ё ин ки муродифи ҷуфт мебошад, ки дар шакли як калимаи одӣ шакл мегирад ё ин ки баъзеашон қисман муодил ёфта, қисми дигарашон тарҷумаи худро пайдо карда наметавонанд. Инчунин, калимаҳое, низ мисол оварда шуданд, ки услубан дар раванди тарҷума мутобиқ наёфта, муодили нисбӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: тарҷума, муодилнокӣ, муодилнокии нопурра, муодилҳои қисмӣ, муодилҳои нисбӣ, муодилҳои пурра, муодилҳои мутлақ, шарҳи маънӣ, аналог.

О ПОНЯТИИ ПЕРЕВОДЧЕСКОЙ НЕПОЛНОЭКВИВАЛЕНТНОСТИ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящена неполной эквивалентности языковых единиц в процессе перевода. Её сущность, основываясь на теоретических взглядах ученых - переводоведов, раскрывается на примерах английского и таджикского языков. В статье приводятся примеры несоответствий языковых единиц, в том числе и их несовместимость. В статье говорится о том, как в целом переводческая эквивалентность делится на разные части: полные эквиваленты, частичные эквиваленты, абсолютные эквиваленты и относительные эквиваленты. Частичные эквиваленты и относительные эквиваленты рассматриваются как неполные соответствия. Частичные эквиваленты в двуязычных словорях показывают одно слово в нескольких значениях. А относительные эквиваленты предлагают несколько вариантов стиля слова, которые не совместимы со стилем переводимого языка. Также в статье передача неполных эквивалентов перевода отмечается разными способами. На основе теоретических данных было установлено, что неполные эквиваленты по-разному переводятся с одного языка на другой. Одни из них словосочетание или парные синонимы, которые переводятся как одно простое слово, или другие, переводимые частично, не могут найти соответствия. Также приведены примеры слов, которые в процессе перевода стилистически не соответствуют, становятся относительными эквивалентами.

Ключевые слова: перевод, эквивалентность, неполноэквивалентность, частичные, относительные, полные, абсолютные эквиваленты, описание, аналог.

ON THE CONCEPT OF PARTIAL TRANSLATION EQUIVALENCE OF LEXICAL UNITS OF THE ENGLISH AND TAJIKI LANGUAGES

This article is about the essence of partial equivalence of linguistic units in the translation process and explains this concept based on the theory of translators and linguists using examples from English and Tajiki languages. The article gives examples of inconsistencies in language units, including their incompatibility. It can be seen from the content of the article that translation equivalence is divided into different parts: full equivalents, partial equivalents, absolute equivalents, and relative equivalents. Partial equivalents and relative equivalents are treated as incomplete matches. The partial equivalents in bilingual dictionaries show one word in several meanings. Relative equivalents offer several options for a word style that is not compatible with the target language. Also, the article tells about the transfer of partial translation equivalents is mentioned differently. It was found from the theoretical data and examples analyzed in the section of the practical part of the article that partial equivalents are translated differently from one language to another. A group of words or doublets is translated as one simple word, or partially translated, while others cannot find a match. Words that were not stylistically translated during the translation process, relate to relative equivalents

Key words: translation, equivalence, incomplete equivalence, partial, relative, full, absolute equivalents, description, analogue.

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода,соискатель кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, aspirant, the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК: 811.111+811.21/. 22

ВИЖАГИҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛИИ II ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ибрагимова Р.А., Сангинова Ш.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар забони муосири англисӣ феъл дорои ду шакл, шакли тасрифӣ ва ғайритасрифӣ мебошад. Шакли ғайритасрифии феълро «вербалия» низ мегӯянд.

Шаклҳои ғайритасрифии феъл чунин воҳидҳои грамматикии забонанд, ки шахсу шумораро ифода намекунанд. Онҳо ба кӣ ё чӣ тааллуқ доштани амал ё вазъияти зикршавандаро ифода намекунанд. Ба қатори чунин воҳидҳо дар забони англисӣ масдар *(to take),* герундий *(giving),* сифати феълии I *(dancing)* ва сифати феълии II *(given)* дохил мешаванд.

Онҳоро ҳоло бо мисолҳои зерин дида мебароем:

Foreign journalists often come to see me [10, с.7]. – Журналистони хориҷӣ ба ташрифи ман зуд-зуд меоянд (масдар).

Beginning to feel very tired I stood up...[12, с.3] (сифати феълии 1) – Хастагиро ҳис карда, ман аз ҷой бархостам.

Driving was not easy as I did not know the road well – I was breathing fast [12, с.20] – Мошинронӣ барои ман осон набуд, чунки ман роҳро хуб намедонистам, ман тез-тез нафас мекашидам (герундий).

It was a discussed stuation…[11, с.78] – Ин вазъияти муҳокимашуда мебошад .

Аксаран ба кӣ ё чӣ мансуб будани амал ё ҳолате, ки тавассути шаклҳои ғайритасрифии феъл ифода ёфтаанд, номбар намешавад, вале онро метавон аз рӯйи контекст муайян кард:

Without our fully realizing it, flowers would become for us an expression in form of that which is most high, most sacred, and ultimately formless within ourselves [9, с.5].

Феъл чор шакли ғайритасрифӣ дорад, ки онҳоро бештари забоншиносон эътироф кардаанд: масдар, герундий, сифати феълии якум ва сифати феълии дуюм. Дуи аввал хосиятҳои феълу исм ва дуи дигар хосиятҳои феълу сифат ва баъзан зарфро доро мебошанд. Бо вуҷуди якхелагии зоҳирӣ герундий ва сифати феълии якум аз рӯйи вижагиҳои синтаксисии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масдар дорои се категорияи феълист, вале герундий ва сифати феълии якум дорои ду категорияи феълӣ мебошанд. Сифати феълии дуюм категория надорад. Аз рӯйи имконияти валентнокиаш он ба феъл шабоҳат дорад, вале аз лиҳози вазифаи синтаксисиаш бештар сифатро мемонад [6, с.245].

Чи тавре ки дар боло зикр шуда буд, бархе аз англисшиносон ва ҳамаи тоҷикшиносон сифати феълии II -ро сифати феълии замони гузашта меноманд. Ин истилоҳ аз рӯйи анъана истифода мешавад, ки дар сифати феълии II танҳо маънои замони нисбӣ мавҷуд аст. Б.А. Илиш навиштааст: «Ҳамаи шаклҳои ғайритасрифии феъл бо як хусусият фарқ доранд: категорияи замон дар онҳо аслӣ набуда, балки нисбӣ мебошад. Ба тарзи дигар гӯем, ҳар як шакли ифодаёфта худ маъно надорад ва танҳо ба шакли тасрифии феъл нисбат дода мешавад» [3, с.215].

Баъдан ӯ ба хулосае меояд, ки «истилоҳҳои анъанавии *Present participle* (сифати феълии замони ҳозира) барои шаклҳои *writing* ва *inviting* ва *Past participle* (сифати феълии замони гузашта) барои шаклҳои *written* ва *invited* номувофиқанд» [2, с.218].

Ба ин ақида профессорон Л.С. Бархударов ва Д.А. Штелинг мухолифанд [1]. Ба фикри онҳо чун феълҳои ғайритасрифии феъл, сифати феълии II низ худ на замони ҳозира, на замони гузашта ва на замони ояндаро ифода мекунад. Сифати феълии II ҳангоми истифода шудан дар контекст амалеро ифода мекунад, ки

1) бо вазъияти додашуда ҳамзамон аст:

But the driver, <u>crouched upon</u> the box, paid no attention to it [10, с.26]. Вале ронандаи ба болои қуттӣ <u>хам шуда</u> ба ин эътиборе надод;

2) пеш аз вазъияти додашуда истифода мешавад:

<u>Arrived</u> at this point we halted [14, с.189]. Ба ин <u>нуқта расида</u> мо таваққуф кардем;

3) доиман дар вазъиятҳои монанд пайдошаванда аст:

<u>Frozen</u> ground in this country is always hard as a stone [13, с.302]. Дар ин кишвар замини <u>яхкарда</u> ҳамеша мисли санг сахт аст.

Дар се ҷумлаи дар боло овардашуда сифати феълии II се муносибати замониро (*таксис)* ифода мекунад.

Дар мисоли якум сифати феълии *crouched* ва муодили тоҷикии он *хам шуда* амалеро ифода менамояд, ки пас аз феъл-хабари ҷумла *paid no attention* (дар забони англисӣ) ва эътибор надод (дар забони тоҷикӣ) ба вуқӯъ омадааст. Дар ҳарду забони муқоисашаванда, амали сифати феълӣ аз амали *paid no attention (эътибор надод)* пештар ба вуқӯъ омадааст. Аз сабаби он ки сифати феълӣ хусусияти натиҷавии аз тарафи ягон кас ба иҷрорасида дорад, ин хосияте аст, ки амали феъл-хабари ҷумла дар он асос меёбад.

Дар ҷумлаи дуюм сифати феълии *arrived* ва аналоги тоҷикии он расида амали аниқ пештар аз *halted (таваққуф кардем)* ба иҷро расидаро ифода менамояд.

Дар ҷумлаи сеюм сифати феълии *frozen* ва муодили тоҷикии он *ях карда* вазъиятеро ифода мекунад, ки дар ягон шарту шароит доимӣ мебошад ва контексту зарфи *always* нишондоди он аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксаран сифатҳои феълии қайдшуда дар забонҳои муқоисашаванда маънои ба итмом расидаро, ки ҳамчун натиҷа, чун ҳолати предмете, ки нисбати он амал иҷро шудааст, ифода мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз, профессор А.И. Смирнитский дуруст қайд кардааст: «Сифати феълии II маънои мафъул ва перфект дорад» [5, с.260]. Истилоҳи «перфект» аз калимаи юнонии «*perfectus»*– амалишуда, вазъиятро чун натиҷаи амали қаблӣ ифода мекунад [4, с.372].

Бояд қайд кард, ки дар ду мисоли боло сифати феълии II ва аналоги тоҷикии он ҳамеша маънои перфектиро ифода намекунад, ки он аз матн ва маънои луғавии феъл вобастагӣ дорад ва оид ба ин масъала А.И. Смирнитский дуруст қайд кардааст: «Барои дарёфти сабаби ифодаёбии ин ё он маънои сифати феълии дуюм, аз як тараф, маънои калима ва, аз дигар ҷиҳат, контекст зарур аст ва он одатан муайян менамояд, ки оё сифати феълӣ дар ин ҳолат чун феъли ҳудуднок ё беҳудуд мебошад. Баъзе феълҳо амалеро ифода мекунанд, ки маънои ҳудудро ифода карда наметавонад, ки баъд аз он аз як ҳолат ба

ҳолати дигар мегузарад: Масалан, *love, know, feel, understand* ва ғ; баръакс, дигар феълҳо амалеро ифода менамоянд, ки ҳудуд ва натиҷаи муайяни тахминӣ доранд. Масалан, *break, write, open, fall* ва ғ.» [5, с.263].

Ин гуфтаҳои профессор А. И. Смирнитский ба сифати феълии забони тоҷикӣ бо **–а** пурра мувофиқ меояд. Барои исботи он ба мисолҳои зер менигарем:

1. *Акнун он айёмро ба ёд оварда, ба содагии худ механдам [7, с.84].*

2. Занҷир бо дили пурқавл ба кунҷи хона рафта ба он ҷо нишаста, ба хаёл фурӯ рафт [9, с.49].

3. Собирҷон чормағзро шикаста ба модараш дароз кард [8, с.92].

4. Асо гӯшаки телефонро гирифта, овозашро ғафстар карда ба забони русӣ ҷавоб дод [7, с.96].

Барои сохтани *Participle II* забони англисӣ воситаи ягона надорад. Феълҳои дуруст морфемаи *«-ed»* қабул мекунанд: *showed – нишон дода (шуда), lived – зиста, washed – шуста (шуда)* ва ғайраҳо. Феълҳои нодуруст шакли *Participle II* – ро бо роҳҳои гуногун бунёд мекунанд: *take – taken – гирифта (шуда), send – sent – фиристода (шуда), put – put – гузошта (шуда)* ва ғайра.

Ин шакли феълӣ дорои хосиятҳои сифат ва феъл мебошад. Он метавонад мисли сифат ба вазифаи синтаксисии муайянкунанда истифода шавад. Мисол:

1) *The fallen leaves, with which the ground was strewn, gave forth a pleasant fragrance [9, с.63]. – Баргҳои рехта, ки бо онҳо замин пӯшида шуда буд, бӯю таровати хуш доштанд.*

2) The garden crowded with flowers of every rich and beautiful tint sparkled in the heavy dew [9, с.52]. – Боғи бо гулҳои гуногунрангу зебо пӯшидашуда аз шабнами зиёд ҷило медод.

Дар мисоли аввал феъли *“to fall”* дар шакли *Participle II (fallen)* истифода шудааст, ки он пеш аз исми *“leaves” (баргҳо)* омада, онро муайян кардааст. Он муайянкунандаи препозитивӣ мебошад.

Дар мисоли дуюм *Participle II (crowded - пӯшидашуда)* баъди муайяншаванда *(the garden)* омада, тавассути пешояди *“with”* иборай исмиро ба худ тобеъ кунонидааст. Чунин муайянкунанда постпозитивӣ номида мешавад. Аз ин ду мисол бармеояд, ки *Participle II* ҳамроҳи худ калимаҳои ба худ тобеъ дошта бошад, вай пас аз муайяншаванда меояд, баръакс, *Participle II* вожа (ҳо) – и ба худ тобеъ надошта бошад, пеш аз муайянкунанда ҷойгир мешавад:

It was a prettily furnished room [9, с.65]. – Ин ҳуҷраи хуб ороишдодашуда буд.

There is great wide wagon road cut of the solid rock [14, с.43]. - Як роҳи калону васеи аробагард мавҷуд аст, ки аз санги хоро сохта шудааст.

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки сифати феълии II дар вазифаи муайянкунанда ба забони тоҷикӣ тавассути сифати феълии қаблият ифода карда мешавад. *Participle II* дар вазифаи синтаксисии муайянкунандаи постпозитивӣ метавонад ба забони тоҷикӣ ба воситаи ё сифати феълии қаблият (нигаред ба мисоли болоӣ) ё худ бо ҷумлаи пайравӣ муайянкунанда тарҷума карда шавад (нигаред ба мисоли охирин). Бояд зикр кард, ки чи муайянкунандаи препозитивӣ ва чи муайянкунандаи постпозитивии бо *Participle II* ифодаёфта ба забони тоҷикӣ тавассути муайянкунандаи постпозитивӣ тарҷума карда мешавад:

We debated whether to go after the wounded bull [14, с.66]. – Мо баҳс кардем, ки оё аз паси барзагови ҷароҳат гирифта равем ё на.

He pointed to the picture of a great snake tattooed in blue round his middle [14, с.71]. – Ӯ ба сурати мори калони миёнаш ба ранги кабуд холкӯбӣ кардашуда ишора кард.

Сифати феълии дуюм баъзан хосияти зарфӣ зоҳир мекунад ва ба вазифаи ҳол истифода мешавад:

Shocked beyond measure we dragged ourselves from the corpse [14, с.98]. – Ба ҳароси беҳад афтода, мо худро аз майит дур кашидем.

Хосияти феълии *Participle II* хеле маҳдуд аст. Он чун феъл метавонад пуркунанда ё ҳолро ба худ вобаста намояд:

She was relying on private letters written in anger! [12, с.11].

Дар ин мисол *Participle II (written)* ҳоли сабаб *(in anger)* - ро қабул кардааст.

Хосияти дигари феълии *Participle II* он аст, ки вай маънои мафъул дорад, ки чун натиҷаи амали касе иҷрокарда дарк карда мешавад. Мисол, дар иборай *«a broken cup» – «пиёла шикаста(гӣ)» Participle II «broken»* натиҷаи амали касеро ифода менамояд, ки дар натиҷаи он *пиёла* ба ҳолати *шикастагӣ* афтодааст, яъне он худаш нашикастааст, балки касе шикастааст. Ба ҷумлаи зерин таваҷҷуҳ кунед:

The frame work is made of an iron plate beaten out then [14, с.98].

Дар ин ҷумла ҳолати лавҳаи оҳанин тасвир гардидааст. Ин ҳолат дар натиҷаи амали касе аз болои оҳан ба миён омадааст, яъне оҳан худ ба худ тунук нашуда, балки аз тарафи касе тунук карда шудааст. Аз ин мисол бармеояд, ки *Participle II* маънои мафъулро дорад ва ба забони тоҷикӣ тавассути сифати феълии қаблият тарҷума карда мешавад.

Iron plate beaten thin. - Лавҳаи оҳанини тунуккардашуда.

Боз як хусусияти феълии *Participle II* ин аст, ки ба таркибҳои аналитикии феъл дохил шуда, вазифаи синтаксисии хабарро иҷро мекунад:

If it is attacked, it'll be defended [12, с.54]. – Агар ба он ҳуҷум карда шавад, он муҳофизат карда мешавад.

Дар ин ҷумла ду *Participle II* мавҷуд аст, ки онҳо ба таркибҳои аналитикии *«is attacked»* ва *«will be defended»* дохил шуда, шакли мафъули феълҳои *«to attack»* ва *«to depend»* -ро сохтаанд. Дар мисоли

«He had concealed here boredom from Michail [12, с.67]. – Ӯ зиқии худро аз Михаил пинҳон карда буд»

Participle II ба таркиби аналитикии перфект *(had concealed)* ворид шуда, вазифаи синтаксисии хабарро иҷро намудааст ва ба забони тоҷикӣ ба воситаи шакли сифати феълии қаблият тарҷума шудааст: *had concealed – пинҳон карда буд.*

Бояд зикр кард, ки феълҳои монда дар алоҳидагӣ маънои мафъулро ифода намекунанд, зеро чунин маъно танҳо ба феълҳои гузаранда хос аст:

Arrived at her own door, she was alighting… [9, с.83]. – Ба назди дарвозаи худ баргашта, ӯ аз автобус мефаромад.

Мебинем, ки феъли *«to arrive»* аз сабаби феъли гузаранда набуданаш маънои фоилро зоҳир кардааст: *arrived –баргашта.* Яъне ӯ худ баргаштааст, на каси дигаре ӯро баргардонидааст.

Як хосияти дигари феълии *Participle II* он аст, ки он ҳамеша маънои амали ба анҷомрасидаро ифода менамояд, он дигар маънои замонӣ надорад. Ҳамин аломат хосси сифати феълии қаблияти забони тоҷикист, ки он муодили асосии *Participle II* мебошад:

You'll be bored to tears [12, с.25]. - Шуморо гиря хоҳанд кунонид. I have toed them of what I have seen and what my ears have heard [14, с.16]. - Ман ба онҳо дар хусуси чизи дидаам ва чизи шунидаам нақл кардам.

When the chosen girls had all danced, the king lifted his hand [14, с.24]. – Вақте ки кулли духтарони интихобшуда рақс карданд, шоҳ дасташро бардошт.

Аз ин мисолҳо маълум мешавад, ки *Participle II* чи дар таркибҳои аналитикӣ ва чи дар алоҳидагӣ амали ҳудуднокро ифода мекунад ва ба забони тоҷикӣ аксаран тавассути сифати феълии қаблият ифода карда мешавад, ки он низ амали анҷомнокро зикр менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. – М.: Высшая школа, 1973. – 423 с.
2. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П.Иванова, В.В.Бурлакова, Г.Г.Почепцов. - М.: Высшая школа,1981. – 285 с.
3. Ильиш Б. А. Современный английский язык / Б.А. Ильиш. - М., 1948. – 346 с.
4. Маслов Ю.С. Время глагольное / Ю.С. Маслов // Лингвистический энциклопедический словарь. - М., 1990. - С. 89.
5. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Изд-во лит.иностр.яз.,1959. – 440 с.
6. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. - Хуҷанд, 2009. – 236 с.
7. Икромӣ Ҷ. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 4. / Ҷ. Икромӣ. - Душанбе, 1973. – 330 с.
8. Ниёзӣ Ф. Сарбозони бесилоҳ / Ф. Ниёзӣ. - Душанбе, 1986. – 365 с.
9. Фирӯз Б. Агар вай мард мебуд / Б. Фирӯз. - Душанбе, 1987. – 384 с.
10. Cronin A. The Citadel / A.Cronin. - 1937. – 396 p.
11. Dickens Ch. Oliver Twist. – Oxford University Press,1979. – 789 p.
12. Fyoder Dostoevsky. The dream of Rediculous Man., 2001. – 199 p.
13. Galsworthy J. A modern comedy / J. Galsworthy. – M., 1956. – 302 p.
14. Henry O. The skylight room and other stories / O.Henry. – M., 1972.

ВИЖАГИҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛИИ II ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур вижагиҳои сифати феълии II дар забони англисӣ ва ифодаи он дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Феъл чор шакли ғайритасрифӣ дорад, ки онҳоро бештари забоншиносон эътироф кардаанд: масдар, герундий, сифати феълии якум ва сифати феълии дуюм. Сифати феълии дуюм категория надорад. Аз рӯйи имконияти валентнокиаш он ба феъл шабоҳат дорад, вале аз лиҳози вазифаи синтаксисиаш бештар сифатро мемонад. Аксаран сифатҳои феълии таҳти назар дар забонҳои муқоисашаванда маънои ба итмом расидаро, ки ҳамчун натиҷа, чун вазъияти предмете, ки нисбати он амал иҷро шудааст, ифода мекунанд. Сифати феълии II ҳангоми истифода шудан дар контекст амалеро ифода мекунад, ки: 1) бо вазъияти додашуда ҳамзамон аст; 2) пеш аз вазъияти додашуда истифода мешавад; 3) доиман дар вазъиятҳои монанд пайдошаванда аст. Сифати феълии II дар вазифаи муайянкунанда ба забони тоҷикӣ тавассути сифати феълии қаблият ифода карда мешавад, дар вазифаи синтаксисии муайянкунандаи постпозитивӣ метавонад ба забони тоҷикӣ ба воситаи сифати феълии қаблият ё худ бо ҷумлаи пайравӣ муайянкунанда тарҷума карда шавад. Бояд зикр кард, ки чи муайянкунандаи препозитивӣ ва чи муайянкунандаи постпозитивии бо *Participle II* ифодаёфта ба забони тоҷикӣ тавассути муайянкунандаи постпозитивӣ тарҷума карда мешавад.

Калидвожаҳо: феъл, шаклҳои тасрифӣ, шаклҳои ғайритасрифӣ, сифати феълии II, сифати феълии қаблият, герундий, масдар, муайянкунандаи препозитивӣ, муайянкунандаи постпозитивӣ.

ОСОБЕННОСТИ ПРИЧАСТИЯ II В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ЕГО ВЫРАЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассказывается об особенностях причастия II в английском языке и его выражение в таджикском языке. Как известно, существует четыре неличных форм глагола (вербалии): инфинитив, герундий, причастие I и причастие II. Причастие II не имеет никакой грамматической категории и по своей валентности оно функционирует как глагол, но по своей синтаксической функции оно похоже на прилагательное. Следует отметить, что в большинстве случаев причастие II на английском и таджикском языках проявляют значение завершенности, законченности действия, представляющегося как результат, как некое состояние предмета, над которым произведено данное действие. Причастие II, в контексте, может выражать процесс: 1) одновременный с данной ситуацией; 2) предшествующий данной ситуации; 3) всегда, постоянно возникающий в аналогичных ситуациях. Причастие II в функции определения на английском языке может быть выражено посредством причастия предшествования таджикского языка. Следует отметить, что как и пре-позитивные, так и пост-позитивные определения, выраженные причастием II, могут передаваться только посредством пост-позитивного определения таджикского языка.

Ключевые слова: глагол, личные формы глагола, неличные формы глагола, причастие II, причастие предшествования, герундий, инфинитив, пре-позитивные определения, пост-позитивные определения.

THE PECULIARITIES OF THE PARTICIPLE II IN THE ENGLISH LANGUAGE AND ITS MEANS OF EXPRESSION IN THE TAJIK LANGUAGE

The article speaks about the peculiarities of the Participle II in the English language and its equivalents in the Tajik language. As it is known, there are four non-finite forms (verbals) of the verb: infinitive, gerund, participle I and participle II. Participle II has no any grammatical category and according its valence it functions as a verb, but according its syntactical function it is like an adjective. It should be noted that in most cases participle II in English and Tajik languages expresses the meaning of completed action which appears as a result, as a certain state of the subject on which this action was performed. The Participle II, in the context, can express a process: 1) simultaneous with this situation; 2) preceding this situation; 3) always, constantly arising in similar situation. The Participle II in the function of the attribute in the English language can be expressed by means of the Participle of precedence of the Tajik language. It should be noted that both, the pre-positive and post-positive attributes expressed by Participle II can only be transferred by means of post-positive attribute of the Tajik language.

Key words: verb, finite forms, non-finite forms, Participle II, Participle of precedence, gerund, infinitive, pre-positive attributes, post-positive attributes.

Сведения об авторах: ***Ибрагимова Раъно Абдушукуровна*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **rano1977@list.ru.**
Тел.: **(+992) 927-55-62-66**
Сангинова Шахноза Абдурашидовна – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **shakhnoza.sanginova.82@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 929-99-97-27**

Information about the authors: ***Ibragimova Rano Abdushukurovna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, candidate of philological sciences, docent of translation and English grammar department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Str., 1. E-mail: **rano1977@list.ru**.
Tel.: **(+992) 927-55-62-66**
Sanginova Shahnoza Abdurashidovna – Khujand State University named after B.Gafurov, candidate of philological sciences, senior teacher of the All- university department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Str. 1. E-mail: **shakhnoza.sanginova.82@mail.ru.** Tel.: **(+992) 929-99-97-27**

УДК: 811.161.1-3

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ РУСӢ–БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ВАРЗИШ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Вуруди вожаҳои русӣ байналмилалиро ба забони тоҷикӣ забоншиносони тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Ҳ. Каримов, О. Ҷалолов, Я.И. Калонтаров, Н. Шарофов асосан ба ду давра ҷудо кардаанд: а) пеш аз инқилоб (Инқилоби Октябр); б) давраи пас аз инқилоб (давраи Шӯравӣ) [5, с.58]. Аммо ворид гардидани истилоҳоти соҳаи варзиш дар давраи аввал истисно аст, зеро ки тамоми навъҳои варзиш то давраи ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва хусусан то замони шӯравӣ миёни мардуми тоҷик хусусияти сирф халқию миллӣ доштанд ва пайдоиши истилоҳоти ин соҳа бо усулҳои вожасозии тоҷикӣ ва қисман туркӣ сурат мегирифт. Анбуҳи истилоҳоти соҳаи варзиш, ки баромади русӣ – байналмилалӣ доранд, ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд. Ҳамчунон ки муҳаққиқони рус таъкид мекунанд, бо сабабҳои дар муҳосираи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ мондан дар солҳои аввали ташкили ҳокимияти Шӯравӣ (1917-1925) ҷараёни ба забони русӣ шомил шудани вожаҳои байналмилалӣ низ як муддат боз дошта шудааст. Вале «Аз нимаи дуюми солҳои 20-уми садаи XX шурӯъ карда, ҷараёни иқтибосгирии вожаҳо аз забонҳои дигар фаъолтар ба назар мерасад, бештарини калимаҳое, ки иқтибос мешуданд, хусусияти байналмилалӣ дошта, дар ҷодаи варзиш, техника, маданият ва унвони баъзе ашёи маишӣ ба кор бурда мешуданд».

Истилоҳоти иқтибосии варзишии ба забони русӣ воридшуда ва тавассути он ба забони тоҷикӣ гузаштаро «байналмилалӣ» ном мебаранд. Зеро ки аксарияти истилоҳоти соҳаи варзиш дар заминаи калимаҳои истилоҳофари забонҳои лотинӣ, немисӣ, франсузӣ, англисӣ, итолёвӣ ва испанию славиянӣ сар зада, баъдан ҳамчун истилоҳи тайёр бо ному мафҳум ва васоити истилоҳсози худ ба забони русӣ ва аз он ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд. Пас аз ҳазор сол тоҷикон бори дигар соҳиби давлат гашта, дар баробари забони модарӣ (тоҷикӣ) барои тоҷикону халқҳои дигари Тоҷикистон забони русӣ чун забони дуюми ҳатмӣ ва забони муошрати байни миллатҳо эътироф гардида буд. Ин ҷараён ва ин омил кори ба забонҳои миллӣ зиёдтар даромадани вожаҳои иқтибосии байналмилалиро пурзӯр намуд. Муҳаққиқи луғатшинос Н. Шарофов истилоҳоти русӣ-байналмилалиро аз рӯйи ташаккул ва баромадашон ба се навъ тақсимбандӣ кардааст:

1). Калимаҳои аслан русӣ, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд.

2). Вожаҳое, ки ба забони русӣ ворид шуда, ба қонунҳои калимасозии ин забон мутобиқ гашта, баъдан ба забони тоҷикӣ гузаштаанд.

3). Вожаҳое, ки хусусияти байналмилалӣ дошта ва бе тағйироти фонетикиву грамматикӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд [5, с.62-63].

Тамоми истилоҳоти русӣ – байналмилалии соҳаи варзиширо вобаста ба моҳият, мазмуну мундариҷа ва анвои варзиш ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: истилоҳоти соҳаҳои **футбол, волейбол, баскетбол, теннис**, **тенниси рӯйи миз** (тӯбчаи пластмассӣ), **ватерпол** (водное поло, тӯббозӣ дар об), **хоккейи рӯйи ях, хоккейи рӯйи алаф, хоккей бо тӯб** (дар гузашта ва то ҳол дар Бадахшони Тоҷикистон навъи хоккейбозии болои асп бо тӯбчаи пашмин маъмул аст), **мотобол, гандбол** (ручной мяч), **регби** (футболи америкоӣ), **бадминтон**. Ин анвои варзиш вобаста ба миқдори иштирокчиён гурӯҳӣ ва тан ба тан мешаванд.

Бозиҳои гурӯҳӣ. Бозиҳои гурӯҳӣ бо истифода аз тӯб ҷараён мегиранд. Бояд тазаккур дод, ки тӯбҳо дар бозиҳои номбаршуда аз рӯйи ҳаҷму андоза ва вазнашон якхела нестанд. Онҳо, вобаста ба он ки бозӣ бо кадом узви инсон сурат мегирад, номгузорӣ мешаванд. Чунончи, истилоҳи **футбол** аз ду вожаи баҳамомадаи англисии foot–пой ва ball–тӯб сохта шуда, тавассути забони русӣ ба тоҷикӣ гузаштааст. Моҳияти ин навъи варзиш бо пой бозӣ кардани тӯб мебошад. Он бозии дастаҷамъист, ки ду дастаи муқобил дар арсаи 90х60 метрӣ бо ҳайатҳои 11-нафарӣ: 1 нафар **дарвозабон** (голкипер-вратарь) ва 10 нафар бозигари хатҳои гуногун: **муҳофизатгар//муҳофизатчӣ** (стоппер-защитник) - (самти чап ва миёнаву рост) 3 нафар, **ниммуҳофизатгар** (хавбек-полузащитник) 4 нафар, **ҳуҷумкунанда //ҳамлаовар** (форвард-нападающий) - (самти рост миёна ва чап) 3 нафар. Дар ҷараёни бозӣ футболбозон метавонанд якдигарро то 3 нафар иваз кунанд. Бозӣ дар ду бахш (тайм) қисм 45 х 2= 90 дақиқа сурат мегирад. Арсаи футболбозӣ аз чор фасл: маркази майдон ё сентр ва ду нимаи майдони ҳарифон ва ду ҷаримагоҳу минтақаи дарвоза иборат аст.

Бозиро се нафар **довар** (судья, арбитр) ҳакамӣ мекунад, ки яке асосӣ ва ду нафар дар самти чап ва рости майдон ба ӯ ёрӣ мерасонанд. Ба футболбозон мураббиён, ё ин ки **тренерон** машқ ва таълим медиҳанд. Футболбоз ҳуқуқи бо даст бозӣ карданро надорад, ба истиснои ҳолати аз майдон берун шудани тӯб, ки онро **аут** мегӯянд. Барои вайрон кардани қоидаи бозӣ довар зарбаи ҷаримавӣ таъйин мекунад, дар сурати дар ҷаримагоҳ низомшиканӣ кардан зарбаи 11-метра ба сӯйи дарвозаи ҳариф зада мешавад. Тӯби ба дарвоза задашуда қариб дар тамоми забонҳои дунё бо истилоҳи **гол** номгузорӣ шудааст. Ҳолати нобозиро бо истилоҳи **офсайд** (ofside) ном мебаранд. Ин намуди варзиш хеле паҳншуда буда, тарафе, ки бештар гол мезанад, ғолиби мусобиқа дониста мешавад. Барои ҳар як ғалаба 2 (3) хол ба даста овардан мумкин аст, агар натиҷаи бозӣ**якранг//мусовӣ** анҷом ёбад, доварон ба дастаҳо холи баробар медиҳанд.

Варзиши **волейбол** низ бозии даставист. Номи ин намуди варзиш чун истилоҳ аз вожаҳои **volle** (озод) ва ball (тӯб) сохта шудааст. Ду дастаи шашнафара дар майдони 18х9 метрӣ, ки миёнҷои он тӯри бараш 1х9 метра дар ду сутун устувор карда шудааст, тӯбро бо даст ба бозӣ медароранд. Барои ҳар як зарбае, ки дар натиҷаи он тӯб ба майдони ҳариф меафтад, **хол** (очко) дода мешавад. Бозӣ дар 3 ва 5 бахш аз рӯи қарордоди тарафҳо гузаронида мешавад. Истилоҳи марбут ба ин соҳа: зарбаи аввал аз майдон ба майдони дигар равона карда мешавад. Зарбаи ҳамлавари дастаи ҳарифро бо усули **блок** (монеа, сад) гузоштан, **блокировка кардан** (блокирование) баргардонидан ифода кардан мумкин аст. Волейболбозеро, ки **блок** мегузорад, дар забони русӣ **блокирующий** (монеагузор, блокгузор) мегӯянд. Як нафар, ду ва ҳатто 3 нафар ба зарбаи тӯби ҳариф **блок** (монеа) гузошта метавонанд. Волейбол ҳам бозии нисбатан паҳншуда мебошад.

Баскетбол (basket) – ҳалқа (корзина, сабадҳалқа), ball– тӯб (мяч) низ бозии шашнафарии дастаҷамъӣ мебошад. Дар миёнаҷои самтҳои муқобили майдончаи 28х15-метрӣ ҳалқаҳои дар сутун устуворкардашудаи аз андозаи тӯби **баскетбол** андаке калонтар – вазнаш 650 гр гузошта мешавад.

Дастае, ки бештар тӯбро ба ҳалқа мепартояд, ғолиб ҳисоб меёбад. Барои тӯби аз дохили ҷаримагоҳи майдони ҳариф партофташуда 2 хол ва берун аз ҷаримагоҳ партофташуда 3 хол дода мешавад. Дар сурати вайрон кардани қоидаи бозӣ дар самти ҳучум партофтани тӯбҳои ҷаримавӣ бо салоҳдиди довар аз 1 то 3 маротиба таъйин карда мешавад. Ин бозӣ дар ИМА, Куба, Юнон, Русия, Англия, Италия, Испания шуҳрат дорад.

Хоккей (hockey) вобаста ба ҷойи гузаронидан ва воситаи бозӣ кардан навъҳои гуногун дорад. Ин навъи бозӣ дар гузашта миёни тоҷикон маъруф буд. Ниёгони мо–тоҷикон **хоккейро б**о истилоҳи **чавгонбозӣ** ном мебурданд. **Чавгон** чӯби нӯгкаҷест, ки тавассути он тӯбчаи чӯбин ва ё пашмин ба тарафи дарвозаи ҳариф зада мешавад. **Чавгонбоз** варзишгарест, ки бо чавгон дар болои асп савор шуда гӯй ё ки тӯбчаро ба сӯйи маррагоҳи рақибон нишон гирифта мезанад.

Дар замони мо **хоккей (hokey**) вусъати ҷаҳонӣ пайдо карда, навъҳои зеринро доро аст: **хоккей бо шайба** (дар болои ях), **хоккей бо тӯб** (дар болои алаф), **хоккей бо тӯб** (дар болои ях) ва ниҳоят **хоккей** дар рӯйи замин, ки дар шакли савори асп гузаронида мешавад. Ҳайати дастаҳо дар ин намуди бозӣ низ 6 – нафарӣ мебошанд. Бартарии дастаҳо аз рӯйи теъдоди тӯбҳои ба дарвоза задашуда муайян карда мешавад.

Гандбол (hand-даст, ball-тӯб) низ яке аз бозиҳои маъруф аст. Он ба бозии баскетбол монанд аст. Фарқият дар он аст, ки ҳаҷму андоза ва вазни тӯб хурдтару камтар буда, тӯб на ба ҳалқа, балки ба дарвозаи андозааш 3х2 метр равона карда мешавад.

Мотобол (motobol) (тӯббозӣ бо мототсикл) як навъи бозии дастаҷамъист. Дар он варзишгарон ба мототсикл савор шуда, тӯбро ба сӯйи дарвозаи рақибон бурда мезананд. Ин навъи варзиш дар Аврупо пайдо шудааст (нигаред ба БСЭ).

Теннис (tennis) бозиест, ки дар байни ду нафар доир мегардад ва он дар арсаи андозааш 38х72 метрӣ гузаронида мешавад. Бозигарон дар **game-**гейм аз рӯйи таносуби холҳои бадастовардаашон ғолиб дониста мешаванд. Воситаҳои бозӣ ракеткаи тӯрбофти чӯбин ва тӯбчаи махсуси резинии бо пашми сунъӣ рӯкаш кардашуда мебошад. Ин бозӣ дар аксарияти кишварҳои дунё маъмул ва машҳур аст.

Тарзе ба гуфта омад, амали дигари мондагори Аслам Адҳам дар пешаи тарҷумонӣ, баргардони эпоси бузурги халқи қирғиз «Манас» ба забони тоҷикӣ аст. Таърихи ба тарҷумаи ин эпоси бузургҳаҷм (ба эътибори гуфтаи Чингиз Айтматов зиёда аз миллион сатр) машғул гардиданашро Аслам Адҳам дар мусоҳибааш бо рӯзноманигор Мақсуди Ҳусайн чунин ташреҳ додааст: «Ибтидои соли ҳафтоду нуҳум дар родиё хидмат мекардам. Рӯзе раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Муъмин Қаноат маро даъват намуду пас аз аҳволпурсӣ зуд ба сари мақсад омад: «Аслам - гуфт Муъминшоҳ,-котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов хоҳиш кард, ки достонҳои баргузидаи ҳамосаи «Манас»-ро ба тоҷикӣ баргардонем ва бо розигии раёсати Иттифоқи нависандагон ин корро ба шумо, Қутбӣ Киром, Мастони Шералӣ ва Нодир Шанбезода месупорем, ба умеде, ки тарҷумаро зудтар ба анҷом расонед. Хӯш шумо чӣ мегӯед?». Муъминшоҳ ҷиддӣ ба камина нигарист. Пас аз андеша ба вай гуфтам: «Муъминшоҳ, ман ҳаргиз кори шарикӣ намекунам ва намехоҳам, ки чаҳор нафар тарҷумаи достонҳои «Манас»-ро ба чор тараф бикашад. Қаноат розӣ шуд ва ба Ҷаббор Расулов телефон кард. Ёд дорам, ки Ҷаббор Расулов маротибаи дигар илтимос намуд, ки тезтар аз пайи тарҷумаи» Манас» шавем. Ҳамин тариқ, бо хоҳиши роҳбари онвақтаи Тоҷикистон шодравон Ҷаббор Расулов ва бо ҳидояти Муъмин Қаноат риштаи тарҷумаи достонҳои мунтахаби эпоси қирғизҳо «Манас»-ро ба даст гирифтам. Бовар мекунед, то ин гуфтугӯ бо Муъминшоҳ гумон доштам, ки Ҷаббор Расулов барои мутолиаи осори бадеӣ фурсат намеёбад, вале аён гардид, ки ҳатто эпоси «Манас»-ро кайҳо хондааст ва агар ҳамоса мақбулаш намешуд, чӣ тавр хоҳиши тарҷумаи онро ба тоҷикӣ менамуд? Боз ба хотирам расид, ки Ҷаббор Расулов дар он суҳбат ба воситаи телефон ба Муъминшоҳ гуфт, ки аз ҷанҷоли мардуми деҳаи Ворухи ноҳияи Исфара бо қирғизҳои ҳамсоя барои об ба изтироб омадааст ва бигзор, аз файзи тарҷумаи «Манас» риштаи каме гусастаи дӯстии миёни тоҷикон ва қирғизҳо пайваст бигардад. Охир, Манаси баҳодур қавми қирғизро аз ҳар гуна офату мусибат ва бадбахтиҳо мераҳонд ва бигзор рӯҳи поки ҷаҳонпаҳлавон васлгари халқҳо бошад! Ростӣ, ба Ҷаббор Расулов офарин хондам. Баъд аз Иттифоқи нависандагон мактубе гирифта, пас аз ду-се рӯз ба Бишкек (он айём шаҳр Фрунзе ном дошт) рафтам. Азбаски узви Иттифоқи нависандагон набудам, роҳкиро ва хароҷоти сафарро надоданд. Маҷбур аз ҳисоби худ барои тайёра чипта харидам [3, с.3].

Дар идомаи ҳамин суҳбат Аслам Адҳам ёдовар шудааст, ки надонистани забони қирғизӣ кори тарҷумаро кашол медод ва ахиран бо маслиҳати Муъмин Қаноат ба Ҷиргатол сафар карда то андозае забони қирғизӣ омӯхта бо кумаки Сайидғуфрон ном марди фарҳангӣ ва ёрони ӯ тарҷумаи таҳтуллафзии «Манас»-ро аз қирғизӣ ба тоҷикӣ тайёр кардам ва ба Душанбе баргашта дар тӯли якуним сол аз ҳамосаи бузурги «Манас» интихобан 13 ҳазору 600 мисраъ тарҷума кардам ва ниҳоят соли 1982 китоб тариқи нашриёти «Ирфон» дастраси хонандагон гардид ва бо шарофати «Манас» ба нашриёти «Ирфон» ба кор низ ҷалб гардидам. Ба андешаи Аслам Адҳам Манаси баҳодур ба сарзамини тоҷикон муҳаббат дошт ва дар лаҳзаҳои дурӣ аз ёру диёр ба ҳасрат ин мисраҳоро месуруд:

Ба бӯйи гулдара доғам,
Ба Олой, Исфара доғам.

Ва ё:

Қаротегин гузар карданд,
Ба қирғизҳо назар карданд.
Зи Кулобу Ҳисор ин сӯ
Биёварда ба Самбил рӯ
Дар он ҷо қирғизу тоҷик
Ба ҳам додар буду наздик.

Муҳаққиқон ва эҷодкорони тоҷику қирғиз миёни ин ҳамоса ва достонҳои «Шоҳнома» умумияти зиёдеро ба мушоҳида гирифтаанд [6, с.48]. Воқеан қисмати хонадор гаштани Манас бо Хоникей ва бо ҳамдигар бори аввал рӯ ба рӯ гардидану миёни онҳо ба вуқӯъ пайвастани ҷанги даҳонӣ лаҳзаҳои набарди Гурдофаридро ба хотир меорад. Муъмин Қаноат низ дар мусоҳибаи «Меҳри чун офтоб гарм» зикр кардааст, ки «Манас» чанд риштаи умумӣ ва наздик ба «Шоҳнома» дорад». Ҳам ин қисмат ва ҳам қисматҳои дигар аз ҷониби Аслам Адҳам бо услуби вижа ва забони саршор аз гуфтори халқӣ ба тоҷикӣ тарҷума гардидааст. Аснои мутолиаи ин ҳамоса ба вожаву таъбирҳои зиёде дучор гардидан мумкин аст, ки бозёфти тарҷумон буда, шаҳодати огоҳии комили ӯ аз забону урфу одатҳои меросии тоҷикону қирғизон мебошад [4, с.367]. Хушбахтона, дар осори тарҷумавии тоҷикӣ асарҳое ҳастанд, ки тавассути онҳо калимаҳои ноб, таъбиру ибора ва

ҷойнавишту гӯйишҳои форами халқӣ дигарбора мавриди истеъмол қарор мегиранд. «Садбарги заррин»-и К. Поустовский дар тарҷумаи Бахтиёр Муртазоев чун «Манас» дорои ҳамин сифат мебошад.

Заҳмати аз ин бештари дар амали тарҷума кашидаи Аслам Адҳам ба баргардони достони пуразриши халқи арман «Довуди Сосунӣ» ихтисос гирифтааст. Аммо, дар қиёси таърихчаи тарҷумаи ду достони аввал раванди тарҷумаи «Довуди Сосунӣ» аламангез аст. Ин эпоси арзишманд ки аз 10 ҳазору 400 мисраъ иборат мебошад аз ҷониби Аслам Адҳам бо камоли завқ ва ҳавсала ба забони тоҷикӣ тарҷума гардид, вале масъулони вақти ин соҳа ба далели он ки тарҷумаи ин асар ба нақшаи кории тарҷумони дигар ворид гардидааст, натиҷаи заҳмати тадриҷии Аслам Адҳамро напазируфтанд ва ба нашри он иҷозат надоданд. Мунтаҳо нафари ба зимма гирифта низ тарҷумаро анҷом надоду тарҷумаи омодакардаи Аслам Адҳам нашр нагардид ва адабиёти тарҷумавии тоҷикӣ аз як шоҳасари ҷолиб, ки пули асосӣ дар робитаҳои деринаи халқҳои тоҷику арман мебошад, бенасиб монд.

Азим Аминов дар мақолааш «Нигоҳе ба эҷоди тарҷумони пешакор», ки дар иртибот ба пешбарӣ гардидани Аслам Адҳам ба ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода таълиф шудааст, ёдовар мешавад, ки «Аслам Адҳам дар интихоби асар барои тарҷума ба масъулиятшиносии тамом наздик мешавад. Тарҷумаҳои ӯ бештар зодаи илҳоми табиӣ буда, дар онҳо баъзан баръало, баъзан гӯё аз дуриҳои дур садои шаршараву дарёҳои кӯҳӣ, рангу бӯйи табиати тоҷику марғзорҳои дигар гӯшаҳои дунёро эҳсос метавон кард. Муҳим аз ҳама он аст, ки намояндаи адабиёти ин ва ё он халқ дар баробари нигоҳ доштани хулқу атвор, симо, анъана ва одатҳои миллии худ дар айни замон бо забони фасеҳи тоҷикӣ сухан мекунад ва хонанда тарҷума будани онро фаромӯш месозад» [2, с.29-1989].

Бо ҳамин шева, осори тарҷумакардаи тарҷумонҳо ва пажӯҳишгарони адабиёт чун М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, А. Абдуманнонов ва… суръат гирифта, дастаи дигари тарҷумонҳо Абдуҷаббори Абдуғаффор, Салими Зарафшонфар, Равшани Махсумзод ва … бо камоли забондонӣ ва дарки табиати осори тарҷумашаванда бозёфтҳои нодирӣ адабиёти ҷаҳонро манзури хонандаи тоҷик менамоянд.

Амри воқеист, ки дар маҳдудаи як мақола бозгӯи рӯзгор ва баррасии фаъолияти тарҷумонии Аслам Адҳам, ки ҳамдарди доимии қалам буду ҳамдӯши алам аз имкон берун аст.

Дар фарҷом воҷиб аст ба гуфта ояд, ки Аслам Адҳам дар зиндагӣ ҷуз қаламу қоғаз ҳамсуҳбати дардшунаве надошт ва ҳамин эҳтиёҷи воқеии инсонӣ ӯро мувоҷеҳи рӯзгори нобасомон ва зиндагии лоқайдона намуд. Одати ношоистаи мо – надонистани қадри инсони соҳибистеъдод ҳам дар зиндагӣ ва ҳам баъди маргаш насиби Аслам Адҳам гардид. Номеҳрубонӣ чун боди сарду барфолуди зимистон ба сари ин заҳматкаши воқеии эҷоду амал ба арзонӣ бирехт ва тани аз ғами рӯзгор дардкашидаву афгоршудаи ӯ мунтаҳо дар шаҳри умеду орзуҳояш Душанбе нагунҷид ва дасисабозони нохалаф барои муқими ғарибхонаи ноҳияи Ёвон гардидани ӯ мусоидат намуданд.

Басо рамзист, ки оғози рӯзгори Аслам Адҳам тарҷума буду фарҷомаш низ тарҷума. Аз ҷузвдонҳои зиёде, ки натиҷаи заҳмати тадриҷиаш буд танҳо тавонист ду ҷузвдонро бо ҳуд бигирид, ки ин нусхаҳои тарҷумагардидаи эпоси халқи Арман «Довуди Сосуни» буд. Ӯ як нусхаро ба сафири вақти ҶИЭ оғои Шабистарӣ вогузор намуду нусхаи дигарро ба арманшиноси шодравон Абдувалӣ Давронов.

Баъди фурсати андак аз хонаи пиронсолони ноҳияи Ёвон хабари марги ӯ паҳн гардид ва аз аҳли қаламу эҷод танҳо як нафар – мушовири вақти раиси Иттифоқи нависандагон, тарҷумони боҳавсала Ҳикмат Раҳмат дар ҷанозаи ӯ иштирок карду халос.

Шоири ҳассос ва ғамшарики рӯйдодҳои пурҳасрати ҳаёт Парда Ҳабиб бо таъсири алами даргузашти ин қаламкаши «беҳиллаву пур аз дарду мушкила» шеъри марсия гуфтааст, ки ҷиҳати огоҳии хонандагон аз рӯзгори Аслам Адҳам он манзур мегардад.

Чун тоҷикӣ нигоштаи қиссаи Манас,
Ҳар кас бихонд, гуфт, ки он қиссаи ман аст.
Даъво накардаиву нагуфтӣ вале, ки он,
Худ порае зи ҳисси дилу ҳиссаи ман аст.
На шиква менамудаму на шӯру валвала,
Бе ҳилла будаиву пур аз дарду мушкила,
Ту барзиёд бурдаӣ бори сухан ба дӯш,
Оре, чӣ борҳои табори сухан ба дӯш.
Пиндоштӣ, ки вақти суханҳои ту гузашт,
Бигзоштӣ, ки нокасу кас ҷои ту гузашт.
Бояд, ки сар ба пои ту ҳар мард мениҳод,
Бар ҳаққи он чи аз сари танҳои ту гузашт.
Боре агар ба шаҳри Самарқанд рафтаӣ,
Пушти самар на аз пайи пайванд рафтаӣ.

Ҳарчанд обу хоки Ватан ҷалб менамуд,
Талқин ба бозгашт туро қалб менамуд.
Рӯзи ҷанозаат, ки беш аз чанд кас набуд,
Меомаданд аҳли Самарқанд, бас набуд.
Раҳмат ба он ки гӯру кафанро ба дӯш дошт,
Гӯё ки бори аҳли суханро ба дӯш дошт.

Дастрас ва нашр кардани эпоси «Довуди Сосунӣ» дар тарҷумаи Аслам Адҳам, ҷамъ намудани осори тарҷумавии ӯ ва бо фароҳам омадани имконият нашр кардани он, андеша намудан ҷиҳати гиромидошти номи ӯ боиси оромиши рӯҳи покаш ва арҷгузорӣ ба хидмати арзандаи адабиёт хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳай Саидзода. Саҳифае аз таърихи нақд // Адабиёт ва санъат, №36. – 1990, 6-уми сентябр, С. 4.
2. Азим Аминов. Нигоҳе ба эҷоди тарҷумони пешакор // Тоҷикистони советӣ. 1989, 29-уми октяб.
3. Мақсуди Ҳусайн. Тарҷумони «Манас» // Садои мардум. 1995, 30-юми сентябр.
4. Манас. Аз қирғизӣ тарҷумаи Аслан Адҳам. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 367 с.
5. Мардони Таджиддин. Арабско-таджикские литературные связы. История и современность (сворник статей). – Душанбе: Ирфон, 2006. – 406 с.
6. Мӯъмин Қаноат. Меҳри чун офтоб равшан // Садои мардум. 1995, 2-юми июл.
7. Насриддинов Фахриддин. Арзиши адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
8. Перевод средство взаимного сблимения народов. – Москва: 1987.
9. Сайф Сарои. Голестан, лирика, дастон. Казан: Татаристан Катан нашрияти, 1999. – 249 с.
10. Самадов Абдурашид. Шигирҳои тарҷума. – Душанбе: 2016, С. 22-38.
11. Ҳамробоев Насимҷон. Ҳаракати тарҷума дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои VII - X). – Хуҷанд: Меъроҷ, 2016. – 285 с.
12. Шодиқулов Ҳамроқул, Абдувалӣ Давронов. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик. – Душанбе: 2003, С. 70-96.
13. Шодиқулов Ҳамроқул. Мулоҳиза ва дархостҳо // Маданияти Тоҷикистон. 1983, 31-уми май. С. 3.

Шота Руставели. Палангинапӯшш. Аз гурҷӣ тарҷумаи Аслан Адҳам. – Душанбе: 1979, С. 3-4.

НАЗАРЕ БА ФАЪОЛИЯТИ ТАРҶУМОНИИ АСЛАМ АДҲАМ ВА РУШДИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Тарҷумаи бадеӣ чун василаи боэътимоди рушди адабиёт ва маҷмӯан фарҳанги миллӣ нақши муҳим дошта, таърихан ҳамин вазифаро иҷро кардааст. Адабиётҳои пешрафтаву ғановатманд як роҳи рушду дар паҳноӣ густарда паҳн гардидани ғояҳои наҷибро аз фазилати тарҷума донистаанд. Адабу фарҳанги форсии тоҷикӣ низ дар тӯли ташаккул ва такомули худ аз тарҷумаи бадеиву илмӣ баҳра бардошта, намояндагони он арзишмандтарин осори илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ, тиббӣ ва адабиро аз забонҳои гуногун ба забони арабӣ ва форсии тоҷикӣ тарҷума кардаанд. Замони дигар ин фазилати нек идома ёфт ва осори адибони халқҳои мухталиф ба забони тоҷикӣ баргардон шуда, робитаҳои адабӣ ва илмии тоҷиконро ба соири халқҳо таъмин намуд. Дар даврони нави таърихӣ ин иқдом бо сарварии устод Садриддин Айнӣ роҳандозӣ гардида, гурӯҳи калони адибон ва тарҷумонҳои касбӣ ба ин амали манфиатовар машғул гардидаанд, ки Аслам Адҳам як тан аз онҳост. Ин тарҷумони боистеъдод чун шоир вориди адабиёт гардида, хеле ба зудӣ, баъди чопи ағлабе аз шеърҳояш дар матбуот ва се маҷмӯаи дастаҷамъӣ ҳаёти худро ба тарҷумаи адабӣ бахшид ва бо заҳмати тадриҷиаш адабиёти тарҷумавии тоҷикро сифати тоза бахшида, дар рушди робитаҳои адабӣ низ хидмат кард. Тарҷумаи назму наср ва осори драмавии адибони зиёд аз ҷониби ӯ бо камоли маҳорат сурат гирифтааст, ки шоҳасарҳое чун «Палангинапӯш»-и Руставелӣ, «Манас»-и қирғизҳо ва «Довуди Сосун»-и арманҳо намунаи сараи он буда, мавқеи ӯро дар адабиёти тарҷумавии тоҷикӣ ва рушди робитаҳои адабӣ бозгӯ менамоянд.

Калидвожаҳо: тарҷума, таърих, адабиёт, халқҳо, назм, наср, драматургия, забон, адабиёт, робитаҳо, рушд, таъсир, анъана, арабӣ, форсии тоҷикӣ, замон, шеър, сифат, ғановатманд, қирғиз, гурҷӣ, арман.

ВЗГЛЯД НА ПЕРЕВОДЧЕСКУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АСЛАМА АХДАМА И РАЗВИТИЕ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Художественный перевод как надежный способ развития литературы и совокупности национальной культуры имеет важное значение и исторически выполняет данную функцию. Передовые литературы видят один из путей развития и распространения превосходных идей благодаря переводческой деятельности. Персидско-таджикская литература и культура также в процессе своего формирования и развития насыщавщись посредством художественного и научного перевода, перевели с различных языков мира на арабский и персидско-таджикский языки ценнейшое научное, историческое, философское, медицинское наследие. В последующем данная традиция также получило свое продолжение и наследия литераторов различных народов были переведены на таджикский язык и обеспечили литературные и научные связи таджиков с другими народами. В новый исторический период данная традиция была продолжена под руководством ученого и писателя Садриддина Айни и большая группа ученых и литераторов, а также профессиональных переводчиков были привлечены к данной общественно значимой деятельности и Аслам Адхам является одним из них. Этот талантливый переводчик вошел как поэт в литературную среду и вскоре после издания нескольких своих поэтических сочинений в периодической печати и трех коллективных сборников посвятил свою жизнь художественному переводу, придав переводческой таджикской литературе новое качество, послужив таким образом развитию литературных связей. Перевод поэтических, прозаическихи драматических произведений большого числа литераторов с его стороны берет свое начало с величайшим мастерством переводчика и такие великие произведения как «Витязь в барсовой шкуре» Руставели, «Манас» кыргизов и «Давид Сасунский» армян является примером подтверждающим его вклад в таджикскую переводческую литературу и развитие литературных связей.

Ключевые слова: перевод, история, литература, народы, поэтика, проза, драматургия, язык, литературные связи, развитие, влияние, традиции, арабский, персидско-таджикский, время, стих, качество, кыргиз, грузин, армянин.

LOOK AT ASLAM AHDAM'S TRANSLATION ACTIVITY AND DEVELOPMENT OF LITERARY LINKS

Literary translation as a reliable way to develop literature and the totality of national culture is important and historically performs this function. The leading literature sees one of the ways of developing and disseminating excellent ideas through translation activities. Persian-Tajik literature and culture, in the process of their formation and development, saturated through literary and scientific translation, translated from various languages of the world into Arabic and Persian-Tajik languages the most valuable scientific, historical, philosophical, medical heritage. Subsequently, this tradition was also continued and the legacies of writers of various nations were translated into Tajik and provided literary and scientific relations of Tajiks with other peoples. In the new historical period, this tradition was continued under the guidance of the scientist and writer Sadriddin Aini and a large group of scientists and writers, as well as professional translators, were involved in this socially significant activity and Aslam Adham is one of them. This talented translator entered the literary environment as a poet, and soon after publishing several of his poetic works in periodicals and three collective collections, he devoted his life to literary translation, giving Tajik translation a new quality, thus serving the development of literary connections. Translation of poetic, prose and dramatic works of a large number of writers on his part originates with the greatest skill of the translator, and such great works as “The Knight in the Leopard's Skin” by Rustaveli, “Manas” of the Kyrgyz and “David Sasunsky” of Armenians are an example confirming his contribution to the Tajik translation literature and the development of literary relations.

Key words: translation, history, literature, peoples, poetry, prose, dramaturgy, language, literary connections, development, influence, traditions, Arabic, Persian-Tajik, time, verse, quality, Kyrgyz, Georgian, Armenian

Сведения об авторе: ***Зайниддинзода Муртазо*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой теории и новейшей персидско-таджикской лиетартуры. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Zayniddinzoda Murtazo*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Theory and Modern Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550-1

ХУСУСИЯТҲОИ САБКИ АШЪОРИ РЎДАКӢ

Шокириён М.
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Аз замони зиндагии устод Абўабдуллоҳи Рўдакӣ то замони мо аҳли адаб, донишмандон ва олимон роҷеъ ба сабки шеъру тарзи сухани ў изҳори ақида кардаанд. Сабки хосси ашъори шоир аз диди умумиятҳо дар маҷмўи хасоиси мазмун ва аносири шаклии шеъри ўст ва ҷузъиёту куллиёти онҳо зоҳиран бояд яксон бимонанд ва дар ҳар давру замон шинохта шаванд ва эътироф гарданд. Аммо шинохти сабки шеъри шоир, аввалан чандин паҳлу дорад, сониян, вай дар муносибат ба сабки замони гўянда ва пажўҳишгар истиқрор меёбад ва шинохти сабк бо тағйири инкишофи адабӣ мавқеи нави тоза ҳосил менамояд. Сабки шеъри шоир дар муқоиса бо суннатҳои адабию фарҳангӣ, бо шеъри ҳамзамонон, аз мавқеъҳои адабии нависанда шинохта мешавад. Устод Рўдакӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна шоиронест, ки шинохти мақом ва бузургии шеъри ў аз замони зиндагиаш оғоз шуда то ба рўзгори мо дучори тағйир дар диди пажўҳишгарон қарор гирифтааст.

Ҳарфи нахустине, ки доир ба сабки устод Рўдакӣ берун омадааст, аз забони худи ў мебошад. Устод Рўдакӣ ба навии шеъри худ ва навовар буданаш ишора кардааст. Шоир дар байти зер худро бо ин ишорат ҳамчу соҳиби байти устувор муаррифӣ мекунад ва мефармояд:

К-аз шоирони наванд манаму навгувора,
Як байт парниён кунам аз санги хора [4, с.77].

Устод Рўдакӣ бо иддаои парниён кардани як байт аз санги хора, яъне бо матонати қавии лафз гуфтани байт ҳамворию абёти шеърро таъмин мекунад. Ин ҷо бо тафовут шеър гуфтани порсиён ҳанўз дар замони устод Рўдакӣ, мавриди гуфтугузор будани байти мазкури Одамушшуаро гўё посухе ба он баҳс гардидааст.

Чунонки қайд гардид, устод Рўдакӣ, бардошти худро дар шеър аз лафзи хубу маънии осон мебинад. Агар ин се рукни шоириро аз гуфтаи устод Рўдакӣ-байти матини устувор, лафзи хубу маънии осон, шоир будан ва шуҳра шудану ровигии шоирӣ ба ҳам бипайвандем, сабки устод Рўдакӣ аз тавонмардии қудрати касбии шоирӣ, ҳунар ва матонати сухан, пайванди лафзи хубу маънии осон дарак медиҳад. Лафз дар қолаби шеър аз аносири сохтор ё шакл ва маънӣ бар дарунмояи он ишорат менамояд ва Рўдакӣ мақоми шеър ва зоҳири сохтории шеърашро медонист ва бо тақозои ин огоҳӣ офаринандагӣ мекард, вазни ашъори он низ ногузир аст.

Аввалин донишманде, ки доир ба вазни арўз дар ашъори Рўдакӣ таҳқиқот бурдааст, Баҳром Сирус аст, ки дар мақолае бо унвони «Оид ба вазни ашъори Рўдакӣ» (1958) ба таври мухтасар доир ба муайян намудани сабк ва вазни ашъори шоир баҳс мекунад.

Чи тавре ки аз сарчашмаҳо маълум аст, охирин китобе, ки доир ба вазни арӯзи ашъори Рӯдакӣ таҳия гардидааст, ба қалами доктори илми филологӣ, Мисбоҳиддини Нарзиқул, бо унвони «Авзони ашъори Рӯдакӣ» (2013) мебошад, муаллиф дар он овардааст: «Мутолиаи арӯзи нисбатан комилтаре, ки (баъд аз С. Айнӣ ва Саид Нафисӣ) дар баробари шеъри устод Рӯдакӣ ба миён омадааст, ба қалами донишманди эронӣ Масъуди Фарзод тааллуқ дошта, бо номи «Арӯзи Рӯдакӣ» 1385 (2007) ба чоп расидааст» [6, с.5].

Устод Рӯдакӣ ҳамчун сарвари шоистаи мероси гаронарзиши фарҳангу адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор рафта, аз андешаҳои созандаи паёми ахлоқии Зардушту Спитамон, ки дар се таъбири зебое чун “пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” баҳраманд гардидааст, дар ашъори худ ин се гуфтори волоро бар ивази “тилви Нубӣ” ва бо услуби “саҳли мумтанеъ” ҷой додааст. Инчунин, дар ашъори ӯ тамоми паём ва нуктаҳои даъваткунандаи ахлоқии дину мазҳабҳои гуногунро, ки ҳадафашон инсонсозист, мушоҳида мекунем, ки инсонро ба некукорӣ некрой ва некандешӣ даъват месозанд.

Беҳтарин ва дақиқтарин назар ба сабки шеъри устод Рӯдакӣ аз ҷониби ҳамзамони шуҳратмандаш Шаҳиди Балхӣ изҳор шудааст. Шаҳиди Балхӣ дар мавриди изҳори назар роҷеъ ба шеъри Рӯдакӣ мефармояд:

Ба сухан монад шеъри шуаро
Рӯдакиро сухане тилви Нубост.
Шоиронро хаҳу аҳсант мадеҳ,
Рӯдакиро хаҳу аҳсант ҳиҷост [2, с.41].

Донишманди тоҷик Аълохон Афсаҳзод бори аввал ба ин сухани Шаҳиди Балхӣ диққат додааст, вале аз баррасии он худдорӣ кардааст. Аз назари Шаҳиди Балхӣ сухани устод Рӯдакӣ забони Қуръонист. Бори аввал мебинем, ки сухани шоири форсигӯй ба сухани Қуръон ҳаммонанд шинохта мешавад ва ин ҷойгоҳи хеле волоест, ки ба мақоми шоирӣ ва сабки шеъри устод Рӯдакӣ арҷгузорӣ шудааст. Ин қазияи маъруфест, ки мазомини қуръонӣ, оёти Қуръон дар шеъри Рӯдакӣ зиёд аст. Табиист, ки Муҳаммад Авфӣ хабар медиҳад, аз замони хурдии устод Рӯдакӣ сабки Қуръон дар зеҳни ӯ нақш бастааст. Аз таҳқиқи Қуръон ва сухани анбиё баҳра ёфтан, ба парвариши рӯҳи муқаддас машғул шудан дар ин байтҳо изҳор мегардад:

Барои парвариши ҷисму ҷон чӣ ранҷа кунам,
Ки ҳайф бошад рӯҳулқудус ба сагбонӣ!
Маро зи мансаби таҳқиқи анбиёст насиб,
Чӣ об ҷӯям аз ҷӯйи хушки юнонӣ! [2, с.21].

Бо ҳамин тартиб сабки устод Рӯдакиро ҳамзамонон ва ҳаммасла- конаш сухани “тилви Нубо”- гуфтори қуръонӣ, бо лафзи хубу маънии рангин шинохтаанд, ки ба диди худи ӯ мувофиқат дорад.

Дар асри Х1-Давлатшоҳи Самарқандӣ ба хотири шуҳрату бузургие, ки то замони ӯ устод Рӯдакӣ дошт, намехоҳад дари арҷу бузургвориро ба рӯйи шеъри устод Рӯдакӣ бибандад. Аммо сухани бо нияти ҳимояи шеъри устод Рӯдакӣ гуфтаи Давлатшоҳ на баҳои баланд ба шеъри Рӯдакӣ додаи ӯро беҳтар мекунад ва на худи ӯро ба роҳи дурусти фаҳми шеъри Одамушшуаро мегузорад.

Давлатшоҳ нокифоя будани ин суханонро дар муқобили тасдиқи беарзиши шеъри устод Рӯдакӣ пай бурда, даъват мекунад, ки “устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан” [2, с.129] чунки ӯ дар фунуни улум ва фазоил вуқуф дошт ва ақсоми қасоид ва маснавиро неку месарояд. Давлатшоҳ моро на ба шинохти ҳунари шоирии устод Рӯдакӣ, балки ба мақоми дар илму дониш доштаи ӯ даъват дорад ва ин далолат устувор монданаш дар ақидаи худ мебошад.

Воқеан, шинохти ҳақиқии абармардони халқи тоҷик мисли устод Рӯдакӣ ва асолати таърихӣ дар жанрҳои хурди лирикӣ моро водор месозад, ки барои рушди фарҳанги кишварамон ва осори гаронбаҳои аҷдодонамон сабақ гирем ва роҳи минбаъдаи волофарҳангдории навини тоҷиконро муайян созем. Ин танҳо дар шароити соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон мо имкон пайдо кардем, ки ба кору пайкори абармардони илму адаб ва таъриху фарҳанги оламшумули гузаштаи худ арҷ гузошта, номашонро то абад зинда нигоҳ дорем, ки дар садри онҳо устод Рӯдакӣ қарор дорад. Зеро устод Рӯдакӣ на танҳо поягузори адабиёти тоҷикии форсӣ, Одамушшуаро, султони шоирон, қофиласолори шеъри форсӣ ва соҳибқирони шоирӣ, балки рамзи бедориву худшиносӣ ва истиқлолхоҳӣ, инчунин рамзи ҷовидонаи адаб ва фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷикон мебошад.

Омӯзиши таърихи жанрҳои лирикӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ аз рӯйи сабку услуби бадеӣ нишон медиҳад, ки пайдоиши анвои он аз замони Сомониён бо сабки хуросонӣ сарчашма мегирад. Гарчанде ки пайдоиши жанрҳои хурди лирикӣ аз ашъори шоирони сабки хуросонӣ ба монанди устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сарчашма гирад ҳам, вале он ҳамчун як навъи мустақили жанрҳои бадеӣ дар ҳар давру замон пояи худро мустаҳкам

кардааст. Ташаккули жанрҳои хурди лирикӣ маҳз дар эҷодиёти шоирони маъруфи сабки хуросонию ироқӣ, яъне асри X ба назар мерасанд. Жанрҳои хурди лирикӣ ва анвои он дар давру замонҳои гуногун пайдо шудаанд. Масалан, агар намунаи аввалини жанрҳои хурди лирикӣ дар асри 1X-X ба майдони назм омада бошад, дар охирҳои асрҳои X навъҳои жанри хурд ба мисли рубоӣ, фард, дубайтӣ ва тарона ба миён омадааст, ки аз нутқи шифоҳӣ сарчашма гирифтааст.

Ҳоло бубинем, ки то чӣ ҳад ин ривоят бар пойдевори воқеият устувор аст:

- Рӯдакӣ тавонотарин шоири аҳди худ аст, ки бо эҷоди жанрҳои хурди лирикӣ ӯро ояндагон низ устоди бар худ мусаллам донистаанд.

- Рӯдакӣ то замони ба узлат афтодан суханвари (ва низ хонандаи, ҳофизаи) дараҷаи аввали хонадони Сомониён будааст, пас, шеъре нофизтар аз шеъри (ва суруди) ӯ барои Сомониён набудааст. Шеъре, ки мазмуни хуб дорад, танҳо мадҳ нест, балки панд ва роҳнамоӣ ҳам ҳаст.

- Рӯдакӣ аз бастагони дарбори Сомониён ва дар сафару ҳазар бо ишон будааст.

- Бухоро қиблаи муҳаббатест, ки ҳам устод Рӯдакӣ ва ҳам Сомониён яксон ба он рӯй меоранд ва тасаввури дигаре дар ин миён муҳол аст.

Чун устод Рӯдакӣ шоири мадҳиясаро дар дарбори хоҷагони Сомонӣ буд, аз ин рӯ, ихлоси ӯ ба онҳо афзуда буд:

Ҳама ниюшаи хоҷа ба некуиву ба сулҳ,
Ҳама ниюшаи нодон ба ҷангу кори ниғом! [4, с.85].

Аҳли илм заминаи халқӣ ва софии забони шеъри устод Рӯдакиро дар ҳамин дидаанд, ки шоир калимаҳои арабиро кам истифода мекунад, таркиби луғавии забони вай асосан аз калимаву таркибҳои тоҷикӣ-маҳаллӣ иборатанд. Ин хусусияти барҷастаи забони шеъри устод Рӯдакиро касе чун устод Айнӣ хубтару хуштар баён накардааст: «Забони шеъри Рӯдакӣ бисёр сода ва оммафаҳм аст…» [1, с.120].

Дар асрҳои баъдина, яъне дар асри XV1, яке аз донишманди шинохта Амин Аҳмади Розӣ, дар «Ҳафт иқлим»-шуҳрату мақоми баланди устод Рӯдакиро хотиррасон намуда, суханҳои дар ҳаққи он гуфтаи шоиронро айнан оварда менависад: «Агарчи дар замони оли Тоҳир ва оли Лайс шоире чанд мисли Ҳанзалаи Бодғисӣ ва Ҳаким Фирӯзи Машриқӣ ва Абӯсолики Гургонӣ бархоста, аммо навбат чун ба Оли Сомон расид, рояти сухан боло гирифт ва олами назмро низоме пайдо омада ва қувваи шуарои он дудмон устод Рӯдакӣ буда ва ӯ аввалин касест аз аҷамиён, девони шеър ба форсии тоҷикӣ тартиб дода... » [8, с.142].

Дар вақти барқарор шудани давлати Сомониён адабиётшиноси классикии тоҷик устод Рӯдакӣ барои аз забони зиндаи мардум баровардани калимаҳои арабӣ ва тоза намудани забони тоҷикӣ заҳмати хеле зиёде кардааст. Ин нуқтаро устод Саъид Нафисӣ хеле хуб дарк намуда, одилона мегӯяд: «Ҳар шоире, ки калимаи некутар ва дилпазиртар ихтиёр кунад, таълифоти вай ба табъи нозук наздиктар бувад, ривоҷи шеъри ӯ бештар хоҳад буд. Амсол ҳам дар ҳар забон ба манзалаи намак дар таом аст. Шоире, ки амсоли забони хешро некутар донад, дар дилҳои мардуми хеш бештар роҳ ёбад. Рӯдакиро дар донистани амсоли забони порсӣ мақомест, ки камтар шуаро бадон ҳад расидаанд» [7, с.613].

Агар бар асли адабиёт қазоват бикунем, ки жанрҳои хурди лирикӣ ҳамеша барои мо ҷанбаи нерӯманди эътиқодӣ дошт ва дорад, дуфарҳангӣ ё дуадабиётӣ басароҳат ба назар мерасид. Дар баробари он ки дар мактабҳои расмии мо аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ инсофан ба таври муфассал тадрис мешуд, вале дар мактабҳои ғайрирасмии мардумӣ низ ба таври худ Мавлоно, Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон тадрис мешуд ва толибилмон дараҷаи унвонҳои ҳофизхон, бедилхон, мавлавихон ва аз ин қабилро мегирифтанд.

Бояд зикр намуд, ки шеъри форсӣ аз ҷиҳати ягонагии шаклу мазмун дар ҳама давру замон, хусусан замони устод Рӯдакӣ ба як қолаби асосии муайян дохил шуд. Дар асрҳои минбаъда шакли он аз ҷиҳати вазну қофия такмилу дигаргунии қатъӣ нагирифт ва созмони дохилиаш ҳам асосан устувор монд. Аз ашъори устод Рӯдакӣ ва муосирони ӯ мушоҳида намудан мумкин аст, ки жанрҳои хурд ва калон ривоҷ ёфтанд, лекин дар ашъори ӯ рушди жанрҳои хурди лирикӣ ва навъҳои он ҷойгоҳи махсус доранд. Аз ҷониби дигар, сатҳи таҳлили илмии анвои адабӣ имконият медиҳад, ки қонунҳои бунёдӣ ва масоили ҷузъии сохтор, поэтика, сабк ва нақши ҳунарии он муайян карда шавад. Ҳангоми аз эътибор дур мондани мероси азими ҳунарӣ ва маънавии таърихи адабиёт аз лиҳози сохтори жанрӣ ва бадеӣ паҳлуҳои зиёди он наомӯхта мемонанд. Воқеан, таърихи пайдоиш ва ташаккулу инкишофи жанрҳои лирикиро наомӯхта суръати комили таърихи каломи бадеъ, сохтори ҳунарии сухан ва сабку услуби анвои адабӣ ва тафаккури эҷодиро пеши назар овардан ғайриимкон аст.

Аз таҳлили сабку меъёри жанрҳои лирикӣ маълум гардид, ки истиқлоли ҳар байт ё мустақилияти он лозим ва зарур аст. Дар асри X, бо сабаби собиқаи ками намунаи шеъри

форсӣ, ҳамин меъёр ҳанӯз ба дараҷаи сахт устувор нашудани рукнҳои маъноӣ ва ҳунарии дохили байт ва сабки бадеии шеър, камбудии истиқлол ва ягонагии байт, бетафовутии абёти шеър ҳанӯз ба даст наомада буд, дар пайравии мактаби устод Рӯдакӣ оғоз мешуд.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ-шоирест, родмарди дунёи сухан аст, ки дар баён камназир, дар маъно пурбор, дар шаклу завқ бедор, дар диди шеърнигар, дар тафаккуру андеша ҳакиму фозил аст, ки шоирони даврони оянда бо истифода аз намунаи жанрҳои хурди лирикӣ аз самараи эҷоди устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ буд, истифода бурдаанд. Ин ҳама ҳолу ҳаво дар фазои шоири ҳунарманд бисёр мувофиқ аст. Бинобар ин, ҳаргиз набояд бар он буд, ки маъно дар шеъри шоири бузург сода шакл гирифтааст. Маърифати андеша, балоғати баён, малоҳати забон, ирфони ишқ, фалсафа... бисёр печидаву мутановеъ аст. Дар забони ба гумон сода, вале ширину шакарбори ин шоири жарфбин маъонии печидаи ба ҳам пайваст ба чашм мехӯрад. Байти зерин доир ба балоғату фасоҳати баёни сухан далел шуда метавонад:

Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯс ба ҳино баста аз рақиб [4, с.132].

Завқи шеъри устод Рӯдакӣ дар ин аст, ки содатарин рӯйдодҳои рӯзгоронро ба хилъати шодии идона меорояд. Аввалин намояндаи ҳамватанамон, ки доир ба зинда гардондани ашъори устод Рӯдакӣ хизмат кардааст, С. Айнӣ аст.

Садриддин Айнӣ сухани устод Рӯдакиро монанди шоирони халқӣ пайвастани шеъру оҳанги сози мусиқӣ медонад, ки ҳамагӣ ба тарзи бадеҳа будааст. Фазилати шеъри устод Рӯдакӣ дар он аст, ки дур аз сохтагӣ ва сохтакориҳо, муболиғаҳои ғайритабиӣ, аз киноя ва истиораҳои каснофаҳм мебошад. Назари куллии устод Айнӣ ин аст, ки агар шеъри Рӯдакиро «саҳли мумтанеъ» гӯем, ба ҳақиқат мувофиқ меояд. Ба назари мо «саҳли мумтанеъ» сабкест, ки дар дидан осон ва сода менамояд, аммо сохтан ва ба вуҷуд овардани вай мумтанеъ- яъне хеле душвор, услуби бо калимаҳои осонфаҳм ҷой намудани маъноҳои чуқур маҳорати шоирии ӯ аст. Бештарини шеърҳои устод Рӯдакӣ ҳамин хусусиятро дороанд [1, с.148].

Устод Рӯдакӣ ба сифати шоири соҳиби андеша ва истеъдоди фавқулодаи шоирӣ ормонҳои инсониро бо ҳунари воқеиятсозӣ ба ҳам пайваста, шеъри «саҳли мумтанеъ» ба вуҷуд овардааст. Сухани устод Рӯдакӣ, ба назари худи ӯ ва шоирони даврони инкишофи шеъри форсӣ, дорои лафзи хубу маънии осон аст. Устод Рӯдакӣ суннати қадимии созу овозро бо шеър идома дод, аз зарби авзони шеър дар лаҳни мусиқӣ ва таронаҳои мардумии замони худ истифода намуд.

Хулоса, назми оламшумули устод Рӯдакӣ ва муосирони он, ки дар вақти таҳқиқи мақола ба назар расид, назми ашъори абадзинда ва вижагиҳои ӯ бо ошноии шеъри тозӣ, иттилои вай аз таърих ва адабиёти Эрон дар адабиёти асримиёнагӣ аст, ки барои шоирони асрҳои баъдина заминаи омӯзиш ва раҳнамо гардид. Аз намунаҳои фардиёт, рубоиёт, қитъаот ва ғазалиёти боқимондаи ӯ ба хубӣ метавон дарёфт, ки ӯ дар фунуни мухталифи шеъру шоирӣ устодӣ ва маҳорати беандоза тамом доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Устод Рӯдакӣ / С.Айнӣ // Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷ. 11. Китоби якум. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - С. 148.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ; дар зери таҳрири А. Мирзоев / Мирзоев, А. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - 407 с.
3. Девони Рӯдакӣ: танзим ва тасҳеҳи Ҷаҳонгири Мансур. - Теҳрон: Ноҳид, 1995. - 354 с.
4. Девони Рӯдакӣ. - Душанбе: Олмотӣ, 2007. – 256 с.
5. Девони Унсурии Балхӣ; бо саъй ва эҳтимоми Муҳаммад Дабири Саёқӣ. - Теҳрон: Саноӣ, 1983. - 435 с.
6. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Авзони ашъори Рӯдакӣ / Мисбоҳиддини Нарзиқул. - Душанбе: Сино, 2011. – 131 с.
7. Нафисӣ, Саъид. Муҳити зиндагӣ, аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ / Саъид Нафисӣ. – Теҳрон, 1949. – 935 с.
8. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим. Ҷ. 3. / Амин Аҳмад Розӣ; бо тасҳеҳи Ҷаводи Фозил. - Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1961. – 142 с.
9. Сабақи Рӯдакӣ; муқад. матн ва луғоту тавз. А. Абдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 302 с.
10. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1. / Х. Мирзозода. - Душанбе: Маориф, 1987.

ХУСУСИЯТҲОИ САБКИ АШЪОРИ РӮДАКӢ

Дар ин мақола доир ба сабк, услуб ва тарзи таҳияи шеъри асри Х ва манбаи интихоби сарчашмаҳои бунёдии шеър дар ашъори устод Рӯдакӣ баҳс меравад, ки мо мехоҳем тарзи тематикии шеър, услуби баён ва методи нигориши вайро муайян намоем. Сабку услуби баёни шеъри устод Рӯдакӣ дар он аст, ки он бо истилоҳоти содаи омиёна маъноҳои чуқурро ҷой намудааст, ки моҳияти онҳо аз китоби муқаддас гирифта шудааст, яъне сабки эҷоди шоир «саҳли мумтанеъ» мебошад. Устод Рӯдакӣ шоирест, ки дар офариниши шеър маънои пурбор, камназирии баён, бедории шавқу салиқа ва дар тафаккуру андеша ҳакиму фозил ва дар баён камназир аст, ки аз сабки ашъори ӯ, аз мактаби ӯ шоирони баъдина сабақ омӯхтаанд. Аз сабки ашъори ӯ аён гардид, ки дар фунуни мухталифи шеъру шоирӣ ва устодӣ маҳорати беандоза тамом доштааст. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ-шоирест, родмарди дунёи сухан, ки дар баён камназир, дар маъно пурбор, дар шаклу завқ бедор, дар диди шеърнигар, дар тафаккуру андеша ҳакиму фозил аст, ки шоирони даврони оянда бо истифода аз намунаи жанрҳои хурди лирикӣ аз самараи эҷоди устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ буд, истифода

бурдаанд. Ин ҳама ҳолу ҳаво дар фазои шоири ҳунарманд бисёр мувофиқ аст. Бинобар ин, ҳаргиз набояд бар он буд, ки маъно дар шеъри шоири бузург сода шакл гирифтааст. Маърифати андеша, балоғати баён, малоҳати забон, ирфони ишқ, фалсафа... бисёр печидаву мутановеъ аст.

Калидвожаҳо: сабки ашъор, услуби баён, родмарди дунёи сухан, камназир, дар маъно пурбор, маърифати андеша...

ОСОБЕННОСТИ СТИЛЯ ПОЭТИКИ РУДАКИ

В данной статье идёт полемика о стиле, манере и способах создания стихотворений X века и выборе источника стиха в поэзии устода Рудаки. В статье определяются тематика стихов, стиль изложения и методы его поэзии. Стиль и методы изложения стихотворений устода Рудаки заключаются в том, что он простым народным языком раскрыл значение, суть взятых из священной книги, отрывков то есть стиль творчества поэта является «вольно запрещенным». Устод Рудаки-поэт, который создание стиха нагружает глубоким значением, бесподобным в изложении, пробуждении пристрастия и мудрости в мышлении. Стиль устода Рудаки в изложении является несравненным, последующие поэты брали пример с его школы. Его стиль в поэзии стал очевидным, в знании разнообразия стихотворений, стихотворчества и мастерстве поэт имел гениальные способности. Абуабдуллах Рудаки-поэт, основатель тематики рубаи, великодушный человек, интересный и бдительный. В изучении поэзии, мышления и мудрости, Рудаки учёный человек, у которого поэты будущих периодов учились использовать малые лирические жанры. Нельзя сказать что, стихи Рудаки по методам исполнения и значениям очень просты. Просвещение, знания, совершенство речи, обаяние языка, философские мысли делают их очень сложными.

Ключевые слова: стиль поэтики, стиль изложения, благородный человек мира слов, бесподобный, наполненный смыслом, аознание мысли...

ОСОБЕННОСТИ СТИЛЯ ПОЭТИКИ РУДАКИ

This article reviews polemics about the style, manner and method of preparation of the X th century `s poems and as well the source of choosing the poems` base in Rudaki`s poetry in which we want to define the method of poem`s theme, style of setting forth and the method of it`s writing. The style and method and setting forth of Rudaki`s poems, is that he placed folk`s terms with comprehensive essence which are taken from the Holy book, that is the style of the poet`s works is «easy prohibited». Rudaki is a poet who in writing a poem is loaded with meaning and, he is incomparable on setting forth, awakening of predilection and a wise man in thinking and thoughts. The next poets followed his style and school`s example. From his style it`s clear that he had talent for knowing variety of poems and as well had skills and mastery in writing poems. The poet and the founder of the rubai thematic Rudaki is a generous, overloaded by value an interesting and vigilant personality. Studying the poetry and thinking of such a poet as Rudaki, the future poets used the small lyrical genres and works of Rudaki and his contemporaries in their creations. All this interest in the works by Rudaki and his contemporaries was necessary, there fore it cannot be said that their poems were very simple in their methods and meanings. Enlightenment, knowledge, speech perfection, language charm and philosophical ideas became very complex.

Key words: poetics style, presentation style, noble man of the world of words, incomparable, filled with meaning, awareness of thought .

Сведения об авторе: ***Шокириён Мухаммадюнус*** - Таджикский институт предпринимательства и сервиса, старший преподаватель кафедры культурологии и языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5. E-mail: **mukhammad. va 07 @ bk**. ru. Тел.: **(+992) 907-88-12-32**

Information about the author: ***Shokiriyon Muhammadyunus*** - Tajik Institute of Business and Services, a senior teacher of the Department of Cultural Science and Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave. 48/5. E-mail: **mukhammad. va 07 @ bk**. ru. Tel.: **(+992) 907-88-12-32**

УДК: 891.550-1

САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР «АБҲАР-УЛ-ОШИҚИН»

Аминов Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бадеият яке аз хусусиятҳои хосси осори адабӣ буда, ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва пешқадамтарин нависандагони форсу тоҷикро музайян ва дилкаш гардонидааст, аз он сабаб ба дили хонанда ҷой гирифтаанд, ки дар онҳо маъноҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, бо перояи бадеият ороиш ёфтааст. Дар осори онҳо ғояҳои баланд, маъноҳои барҷаста ва мазмунҳои нозуку латиф ба таври барҷаста мушоҳида карда мешавад. Аз осори онҳо хонанда натанҳо бар маъноҳои амиқу барҷаста сарфаҳм меравад, балки завқи бадеӣ мегирад, аз намуди дилкаши онҳо лаззат мебарад. Санъатҳои бадеӣ дар осори бузургон нақши муҳимро бозида, мисли зебоии калом, балоғати сухан ва ғайра ҷилвагар мешаванд.

Илми бадеъ дар шинохти гузаштагони мо сифати сухан буда, ба маънои ҳунари адиб шинохта мешуд. Барои он, ки сухани шоир ё нависанда дилкашу зебо шавад, ҳунари махсуси офаринандагӣ ва санъати нозуку ҷаззоб лозим будааст, илми бадеъ ба илмҳои баён ва балоғат вобастагӣ дошта, дар якҷоягӣ қоидаю қонуниятҳои услуби таълифро меомӯзад. Ин илм имконият медиҳад, ки адиб як маъниро бо чандин роҳу восита ва таъбиру ибораҳои мухталиф ифода намояд.

Таълифи асарҳои назарӣ низ дар адабиёти форс-тоҷик таърихи дуру дарозе дорад. Олимони мо назарияи адабиётро ба се илми мустақил (арӯз, қофия ва бадеъ) тақсим кардаанд: илми арӯз, ки аз масъалаҳои вазн ва қонуну қоидаҳои он баҳс мекунад; илми

қофия, ки қонунҳои қофия ва хелҳои онро шарҳ медиҳад; илми бадеъ (ё илми маъонӣ, баён ва бадеъ), ки санъатҳои бадеӣ, жанрҳо ва шаклҳои жанриро меомӯзад [9, с.424]. Масъалаҳои умумии адабиёт низ бештар дар илми бадеъ зикр мешаванд. Бинобар ин, барои дӯстдорони адабиёти бадеӣ донистани илмҳои сегонаи бадеӣ шарти муҳими адабиётфаҳмӣ мебошад.

Ин саноеъ дар навбати худ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: Санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ.

Санъатҳои маънавӣ дар асоси назардошти маънои калима, ибора, ҷумла ва мисраъҳо кор фармуда мешаванд. Аммо санъатҳои лафзӣ ба шакли калимаву ибораҳо асос ёфтаанд. Санъатҳои лафзӣ бештар дар натиҷаи калимабозиҳои шаклпарастона пайдо шудаанд. Баъзеи онҳо дар сурати хеле моҳирона истифода шуданашон, барои ифодаи мазмуни баланд хизмат кардаанд, вале аксаран боиси ороиши зоҳирии сухан гардидаанд.

Санъату адабиёти ҳар як давраи ҷамъияти инсонӣ, албатта, дорои ягон методи асосӣ, ягон усули ба таври бадеӣ дарк кардани ҳаёт аст. Масалан санъату адабиёти қадимаи форсу тоҷик бо унсурҳои мифологӣ (асотир, афсонаву ривоят) ороиш дода мешуд [2, с.320]. Бинобар ин, замоне, ки Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ зиндагӣ кардааст, даврахои авҷ гирифтани афкор ва андешаҳои ирфонӣ ва тасаввуфӣ буд, бар ҳамин асос дар осори Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ бисёртар ташбеҳ, киноя, истиора ва ё умуман санъатҳои бадеӣ дар мавриди ишқи илоҳӣ, зебоипарастӣ, роҳҳои расидан ба маҳбуби ҳақиқӣ ва ғайра ба кор бурда шудаанд.

Ташбеҳ: Вожаи (تشبیه) калимаи арабӣ буда, исми масдар ва аз боби (تفعیل) буда, дар луғат ба маънои мисл ва монанд кардан аст [9, с.424]. Нависанда барои равшантар тасвир кардани чизе гоҳо ягон хусусияти онро ба ягон хусусияти чизи дигар монанд мекунад. Вале дар миёни монандшаванда ва монандкунанда аз рӯйи сифат, ё хусусият, ё кирдору рафтор аз ягон ҷиҳат бояд як навъ монандие мавҷуд бошад [7, с.42]. Ташбеҳ дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудани ягон лавҳаи бадеӣ хизмат мекунад. Ташбеҳ мисли якҷоя намудани ду чиз бо ҳам бар пояи тахайюл ва бар ваҷҳи ибдоъ аст [1, с.256]. Ташбеҳ дар адабиёти ҷаҳон нақши муҳимме дорад, бахусус, дар осори ирфонӣ ва тасаввуф, инҷунин, сабаби содагӣ ва балиғии забон ё матнро низ ифода мекунад.

Аз се ду ҳиссаи ташбеҳҳо дар Абҳар-ул-ошиқин ба сурати ибораҳои изофӣ нигошта шуда, дарвоқеъ, хосияти эҷози ҷумларо эҷоб карда, ки ташбеҳро то ҳадалимкон бо тарзи ғайри маълум ба кор бурда ва аз сӯйи дигар, ба хотири алоқа Рӯзбеҳон ба суханорой гоҳ дар як ҷумла чандин изофаи ташбеҳиро якҷо зикр кардааст. Масалан, дар ҷумлаи зайл Рӯзбеҳон мефармояд:

«Дар баҳри маърифат ба ҳақ тавонгар гаштам ва аз луҷаи он бар сафинаи ҳикмати амвоҷи қаҳриёт ва латифиёт бибаредам ва бар соҳили сифоти феъл расидам» - мурод аз «баҳри маърифат» роҳи пурталотуми ирфон ва тасаввуф аст [3, с.4].

«Ҳақ маро дар кунфи худ бурд ва аз тани ман ҷомаи ҷудият берун кард ва либоси ҳуррият бар ман пӯшонид» Дар ин ҷо мақсад аз «ҷомаи ҷудият» маъмуриятҳои бандагист ва мақсад аз «либоси ҳуррият» озод сохтан аз таколифи шариъат аст [3, с.4].

Дар ин ҷумлаҳо «ҷомаи ҷудият» ташбеҳ, халоси аз таклифи ибодат аст, «либоси ҳуррият, дар ман пӯшонид» ташбеҳ аз озоди маъмуриятҳои бандагӣ мебошад.

«Ногоҳ дар чаҳорсӯйи мукаррамот ҷамоли он сифатҳо дидам» [3, с.4]. «Чорсӯйи мукаррамот» маънои зинаи эътиборро мефаҳмонад. **Истиора**: Истиора дар луғат бар маънои орият гирифтани чизе меояд, вале дар адабиёт як навъи маҷоз буда, ба ҷои як калима истифода шудани калимаи дигар мебошад. Дар истиора дар асоси монандшавии ду ҳодиса калимае бар ҳуд маънои маҷозӣ мегирад . Яъне, истиора ба ташбеҳ хеле наздик аст, дурустараш ин ки дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ҳосил шудааст. Лекин фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр намеёбад, балки танҳо ташбеҳкунанда номбар мешавад [11, с.83].

Ин таъриф фақат як навъи истиораро дар забони форсӣ дар бар мегирад, ки ҳамоно истиораи мусриҳа аст ва яке аз беҳтарин сурати навъи хайёл ба шумор меравад, зеро хонандаро во медорад, то аз мушаббаҳ ҷустуҷӯй намояд. Дар адабиёти форсӣ низ ҳар гоҳ вожаи истиора ба танҳоӣ ба кор равад, мақсад ҳамин навъи истиора аст. Навъи дигари истиора, истиораи макния ё тахайюлӣ аст, ки мушаббаҳ ва мушаббаҳбиҳиро бо ҳам бо ҳуд лозим дорад. Бар ҳамин асос истиораро чунин таъриф мекунанд: Ташбеҳе аст, ки аз он фақат яке аз трафайн бар ҷо монда бошад [11, с.83].

Агар мушаббаҳбиҳӣ танҳо мавҷуд бошад дар ин сурат истиораи мусриҳа мешавад ва агар мушаббаҳбиҳӣ ҳамроҳ бо мушаббаҳ бошад дар ин сурат истиораи макнуна мешавад. Дар матнҳои форсӣ ҳарду намуди истиораро мушоҳида карда мешавад.

Рӯзбеҳон низ барои кашфиёт ва баҳсҳои ирфонии хеш аз мафҳумҳои рамзӣ ва истиора баҳра мегирад, аз ин рӯй мафҳумҳои матраҳ дар осори Рӯзбеҳон, истиора дар чизе аст, ки дар зоти Худованд ё таҷрибаҳои ирфонӣ вуҷуд дорад.

Истиораҳои кашф, илтибос, турк ва арӯс дар осори соири сӯфиён низ ба кор рафтааст, аммо дар осори Рӯзбеҳон бавежа дар «Абҳар-ул-ошиқин» бешубҳа бар асоси мафҳуми хос

падид омадааст. Ин нигошти мафҳумӣ метавонад (ҷаҳон либосе ҳаст бар тани арӯси ҳақиқат) бошад баин маъно, ки Ҳудованд ҳақиқати ҷамоли хешро дар қомати аруси ҷаҳон бар намоиш дароварда ва ҷаҳони моддиро чунон либосе бар тани арӯси ҳақиқат мутаҷаллӣ кардааст [11, с.83].

Асос ва бунёди ин нигориш аз як сӯй, реша дар тариқати зебоипарастии Рӯзбеҳон ва идиулужии ҳоким бар ҷомеаи ӯ дорад, зеро дар қарнҳои аввали исломӣ агар зуҳду тақво бунёди тариқатро ташкил медод, дар асрҳои шашум ва ҳафтум ишқ бар холиқ ва махлуқ пояи тариқати тамоми орифон ба шумор мерафт. Ва аз сӯйи дигар, реша дар андешаи куллии аҳли тасаввуф дорад, зеро либос дар истилоҳи сӯфиҳо унсуре аст, ки бар ҳақоиқи рӯҳонӣ пӯшанд.

Дар «Абҳар-ул-ошиқин» истиораи мусриҳа нисбат бар истиораи мукния камтар мушоҳида мешавад.

«Ҳиёри суккорӣ мин шароби ҳабибиҳим» [3, с.137].

Дар ин ҷо «шароб» истиора аз ишқ аст.

«Ҷунни луъбате дидам, ки ҷаҳониёнро бар ишқ медод» [3, с.6].

Дар ин ҷо «луъбат» истиора аз рӯйи зебо ё бар маъноии зеборӯй аст.

«Дар табахтари охуи ишқаш шеронро шикор кардӣ» [3, с.6].

Мурод аз «шерон» истиора мардони қавӣ ва сабур аст.

«Надидӣ чун шоҳиди шавоҳиди оёт ва бадри бадриёт ба нурҳои зебоӣ ва ҷамоли қидам мутолабис шуд, халқро шоҳидҳо омад дар ҳар ду кавн ва ҳар ду олам»

«Бадри бариёт» Мақсад аз ин вожаҳо дар ин ҷо Расули акрам (С) аст.

Беш аз ними истиораҳои мукния ва аксари онҳо ба шакли изофаи истиорагӣ ба кор рафтаанд.

Киноя: Киноя калимаи арабӣ буда, дар лӯғат ба маънои пӯшида сухан гуфтан аст ва решаи онро дар ин забон, бо ду сурат баён доштаанд: Яке ноқиси (و)-и мисли «كنى يكنوكناية» ва дигаре ноқиси (ى)-и «كنى يكنى كناية» истилоҳи (киноя) дар баробари маҷоз ва истиора аз истилоҳоти мутааххирон аст, чунки донишмандони қадим ва аҳли адаб ин лафз (киноя)-ро дар маъно омтар аз маҷоз ва истиора ба кор мебурданд, балки маҷозро ҳам ба маънои киноя истифода мекарданд, зеро ин ду санъати бадеӣ (истиора ва маҷоз) дар он замонҳо маъмулан серистеъмол набуданд [11, с.206].

Фарқ миёни киноя ва маҷоз бинобар қавли машҳур он аст, ки дар маҷоз истеъмоли лафз аст, дар ғайри мавзеъи худ ҳамроҳ бо қаринае ва дар ин ҳолат иродаи маънои воқеӣ мумтаниъ аст. Дар киноя бошад, истифодаи калима дар ғайри мавзеъ бидуни қарина мебошад, аз ин ҷиҳат иродаи маънои ҳақиқӣ дар киноя ҷоиз аст [11, с.205].

Бо ибораи дигар фарқи киноя ва маҷоз он аст, ки агар иродаи маънои ҳақиқӣ мумкин набошад, онро маҷоз гӯянд ва агар иродаи маънои ҳақиқӣ ҷоиз бошад, онро киноя мегӯянд ва назари баъзеҳо он аст, ки дар киноя лафз ба ду маъно ба кор рафтааст [11, с.206].

Дар Абҳар-ул-ошиқин нисбат ба кинояи феъл кинояи сифат ва мавсуф зиёдтар ба кор рафтааст.

«Сирри ин ҳадис, ки ҳусни аслӣ аст, аз забони шореи шариат ва возеи тариқат баён шуд».

Дар ин ҷо мурод аз шореи шариат ва возеи тариқат кинояи сифати мавсуф аст ва мақсадаш Муҳаммад (с).

«Гарданкашони малакут ва сарандозони ҷабарут дар ғайби аҳадият ин сухан аз ғайб ба воситаи Аҳмад бишниданд»

Дар ин ҷумлаҳо «Гарданкашони малакут» киноя аз фариштагон аст.

«Камари убудият дар мақоми ҳуррият дар миён баста».

«Камар бастан» киноя аз омода шудан ва мубодарат варзидан ба кор.

«Нури ҷамолаш нор насӯзад ва кулоҳи давлаташ дар кавнайн (яъне дар ҳар ду ҷаҳон) ҷуз ҳақ надӯзад» [3, с.167].

«Кулоҳ дӯхтан» киноя аз ба сарварӣ расонидан аст.

Маҷоз: Вожаи арабӣ ва масдари мимӣ буда, дар луғат ба маънои гузаштан ва убур кардан аст. Ва дар истилоҳ истеъмоли лафз аст, дар ғайри мавзеи ҳуд, ба муносибати маънои аслӣ ва ё қаринае, ки ифода кунад, маънои ғайри аслиро [11, с.172].

Маҷоз яке аз муҳимтарин воситаҳои каломи бадеист. Вай натанҳо ба мухтасарбаёнӣ, инчунин барои пурра ва ҷозибаноктар тасвир намудани предмет ва ҳодисаҳои гуногун ба шоир ва нависанда имкони матлуб медиҳад [11, с.52-53].

Калимаҳо дар нутқ танҳо ба маънои аслии ҳуд, истифода намешаванд, балки ба маъноҳои маҷозӣ низ истеъмол мешаванд, агар калима ба маъно ва мафҳуми аслии ҳуд кор фармуда шуда бошад, онро маънои аслӣ меноманд. Дар нутқ ҳолатҳоеро дида мешавад, ки калимаҳо дар сурати маънои аслиро ифода кардан, маъноҳои дигарро низ ифода мекунанд. Масалан, агар дар ҷумлаи «Гург аз ҳайвоноти дарранда аст»-назар кунем, калимаи «Гург» ба ба маънои аслии ҳуд-навъе аз ҳайвонҳои даранда кор фармуда шудааст, пас дар байти поёнӣ:

Душмани камбағалон боз ба пеш омадааст,
Гург ин мартаба дар ҷомаи меш омадааст.

Калимаи гург дар ин ҷо ғайр аз маънои аслии худ ба маънои дигар, яъне одамони гургсифат, ғоратгару дарандаро ифода кардааст. Ин тавр дар ғайри маънои аслии худ омадани калимаҳо **маҷоз** ном дорад.

Маҷоз: Маҷоз дар Абҳар-ул-ошиқин нисбат ба дигар навъҳои санъатҳои бадеӣ камтар омада ва аксаран ба унвони ҷонишини масдар ба ҷойи сифат ба кор рафтааст, дар китобҳои балоғат нисбат бар ин намуди маҷоз таваҷҷуҳ камтар сурат гирифта ё аслан таваҷҷуҳе нашудааст . Дар дастури забон (грамматикаи забони форсӣ) истифодаи масдар ба ҷойи сифат барои ифода намудани маънои муболаға оварда шудааст.

«Ишқ, ки сифати қудс аст, дар маъдани қудс, аз тағйири ҳодисаҳо дар амон мондааст» [3, с.178].

«Аз рутбати аслӣ ҷуз як дараҷа наёфт ҳусни аслӣ, зеро ки нури қидам дар ҳадас мутаҷаллӣ буд» [3, с.178].

Албатта, намудҳои дигари маҷоз низ дар он ёфт мешавад монанди калимаи «дам» ки дар ҷумлаи зер ба маънои сухан ба кор рафтааст.

«Дар маҳфили хубони замона моро **даме** намонд»

Аммо ба ҳар ҳол шумораи маҷоз дар Абҳар-ул-ошиқин нисбат ба дигар санъатҳои бадеӣ ангуштшумор аст.

Таҷнис. Дар забони тоҷикӣ (хоҳ дар забони гуфтугӯӣ ва хоҳ дар забони адабӣ) калимаҳое дучор меоянд, ки таркиби овозиашон якхела буда, дорои ду ва ё зиёда аз ду маънои мустақил ва ё маҷозии бо ҳам наздиканд ҳастанд.

Ин ду калима шаклан як аст, вале ҳар кадоми он маънои дигареро ифода мекунад. Ин тарз калимаҳоро аз нуқтаи назари забон омоним (ҳамшакл), вале дар илми бадеъ бинобар ду бор зикр гаштани айни калима таҷнис ном мебаранд, зеро дар як байт ду калимаи ҳамҷинсу ҳамшакл ба ду маънои ҷудогона зикр ёфтааст [11, с.163].

Таҷнис навъҳои фаровоне дорад, ҳамчун ҷиноси том, таҷниси мураккаб, таҷнси ноқис, таҷниси муздаваҷу мутааррафу таҷниси хат. Ҳама писандидаю накў бошад дар назму наср ва равнақи сухан бияфзояд. Ва онро далели фасоҳату гувоҳи иқтидори мард шуморанд, бар тансиқ (тартиби) сухан, лекин ба шарти он, ки бисёр нагардад ва бар ҳам афтода набошад [12, с.270-271].

Мо дар ин ҷо, албатта, ба хотири риоя намудани дигар аз санъатҳои бадеӣ, яъне (эҷоз-итноб) суханро дароз накарда, бо тарзи мухтасар чанд мисолеро зикр менамоем.

Таҷниси том: «Дар зумраи оирфони ошиқ туӣ нигоро, ки сахт дар хӯрӣ, агарчи аз он шароби ишқ дар маҷлиси бехудӣ бо мо нахӯрӣ» [3, с.211].

«Гуфт ай булаҷаб боз, бо мо булаҷаб боз» [3, с.211].

Таҷниси ноқис: Баъзеро ишқ аз таъсири руъят ва суҳбати халқ ва хулқи азимаш, ки ҳақ онро азим хонд» [3, с.211].

Таҷниси зоид: «Ту найранг ва макру ранги суханони музахрафи он машнав, ки томмот аст».

Таҷниси иштиқоқ: «Зеро ки тахаллуқ ба хулқи ӯ дошт».

Таҷниси қалб: «Лекин ғалати азим бошад агар бимонад ва агар намонад хутути хатост».

Саҷъ. Саҷъ калимаи арабӣ буда, аз боби « فعل يفعل تفعيلا» гирифта, мисли سجع يسجع تسجيعا дар луғат ба маънои « нағмадиҳанда ва ё хатиб» меояд ва ба таври кулли сухани мавзун гуфтан аст, аз ин рӯй ба овози кабӯтар низ саҷъ гӯянд, ҳар калимае, ки дар он саҷъ бошад, онро мусаҷҷаъ номанд [8, с.34]. Ба ибораи дигар маънои (سجع) сухани қофиядор дар наср ва сухани мавзун ва қофиядор дар шеър мебошад. Қофия ё саҷъи мутавозӣ аст ё саҷъи мутаарраф ва саҷъи мутавозин ҳеҷ гоҳ қофия намешавад, яъне саҷъ нисбат ба қофия омтар аст [8, с.35].

Қофия дар урфи шоирони аҷам, иборат аз тамоми он чизе, ки такрори он дар охири тамоми байтҳо лозим ва ё наку бошад, албатта, ба шарти он ки дар талаффуз мустақил набошад, балки пора ва ё қисмате аз калима бошад ва баъзеҳо тамоми калимаи охирро қофия гуфтаанд [7, с.294].

Саҷъ асоси насри фаннӣ ва мақоманависӣ аст ва дар қуръони карим низ нақши барҷастае дорад, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳеҷ забоне монанди забони арабӣ барои саҷъ муносиб нест, зеро забони арабӣ забони қолабӣ аст ва тамоми калимаҳое, ки дар як қолаб бошанд мисли (фоил ва мафъул) нисбат ба ҳам ё саҷъи мутавозинанд ё саҷъи мутавозӣ. Дар осори суфиёни форсу тоҷик бахусус дар муноҷотномаи Абдуллоҳи Ансорӣ саҷъ ба чашм мехӯрад, ки манбаи он ба замонҳои пеш аз ислом боз мегардад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар адабиёти форсу-тоҷик низ саҷъ будааст [2, с.28]. Чи гунае ки Рӯзбеҳон дар байтҳои зерин сурудааст:

Тимсоли рухи туро бар Чин бурдастанд,
Он ҷо, ки мусаввирони чобукдастанд.
Дар пеши мисоли рухи ту биншастанд,

Ангушт газиданд ва қалам бишкастанд.

Аз он чое, ки аксарияти осори Рӯзбеҳон бо наср нигошта шудаанд, мо низ ҳамон қисмати назарияи адабиётро таҳқиқ менамоем, ки бисёртар дар наср истифода шаванд. «Абҳар-ул-ошиқин» ҳам яке аз осори мансури эшон ба ҳисоб меравад ва сағъ дар ин асар нақши муҳим дорад. Агар наср равону сода бошад ва холӣ аз пероя сағъ ва санъате бошад, насри мурсал номида мешавад. Забони ҳикояҳо, қисса ва мақолаҳо намунаи насри мурсал аст. Аз он ҷо, ки сағъ навъи нокисе дар забоншиносиро ташкил медиҳад ва як гуна аз такрор дар забоншиносӣ ба шумор меравад, сағъ мубтанӣ бар шабоҳати оҳанги калимаҳо аст. Мадори баҳси ташҷиъ ду нуктаи баробарӣ ё адами баробари ҳиҷоҳо ва ҳамсонӣ ё адами ҳамсонии вожаи охирини аслии калима аст [7-8, с.1381].

Намунаҳои сағъ дар «Абҳар-ул-ошиқин»-и Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ:

«Гуфт бидидам сӯфӣ ай роҳи ибоҳат нест ва маро нигаристан кори аҳли вилоят нест» [3, с.138].

«Чун хоҳад, ки касеро ба ҷаҳони ғайб роҳ намояд, дар бадоеи фитрат ва саноеи қудрат афканад» [3, с.138].

«Агар як дигарро боз дидандӣ дар ишқи якдигар то абад боз мондандӣ» [3, с.138].

Дар ҷумлаи якум калимаҳои (ибоҳат нест) ва (вилоят нест), дар ҷумлаҳои дувум ибораи (бадоеи фитрат), (саноеи қудрат) ва дар ҷумлаи савум ибораҳои (боз дидандӣ), (то абад боз мондандӣ)-ро сағъ мегӯянд. Ин мисолҳо ҳама дар сағъ дохиланд, лекин аз рӯйи навъи сағъ, яке аз дигари каме фарқ мекунад.

Бадеъ аз низомҳои арзишманди адабӣ аст, ки монанди бисёре аз низомҳои дигари адабӣ солҳост, ки дар такомулу таҳаввул аст.

Таълифи асарҳои назарӣ низ дар адабиёти форсу тоҷик таърихи дуру дарозе дорад.

Истеъмоли ҳама санъатҳои бадеӣ дар назму наср писандида ва мустаҳсан бошад, дар равнақи сухан бияфзояд. Ва будани санъатҳои бадеӣ дар наср ва ё назм гувоҳи аз иқтидору фасоҳати баланди нависанда барои хонанда дарак медиҳад.

Дилкаш набудани асар яке аз сабабҳои дуршавӣ ва майл накардани хонандагон ба ҳисоб меравад ва он чизе, ки сабаби зебоӣ ва таровати сухан мегардад, истифодаи жанрҳои адабӣ мебошад.

Риояи санъатҳои сухан дар матнҳо ва ашъор, инсонро ба хондан ҷалб мекунад, ба қавли маъруф дар калом сеҳр аст, сухани фасеҳ хонандаашро мафтун месозад.

Санъатҳои бадеӣ дар осори бузургон нақши муҳимро бозида, мисли зебоии калом, балоғати сухан ва ғайра ҷилвагар мешаванд.

Дар саросари ҷаҳон метавон ба осоре ишора намуд, ки дар тӯли чандин аср ҷозиба ва дилкашии хешро аз даст надодаанд, мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, рубоиёти Хайём, «Маснавии маънавӣ» ва ғазалҳои Ҳофиз ва яке аз бузургтарин сабабҳои мондагории осори гаронбаҳои эшон корбурди санъатҳои бадеӣ мебошад.

Дар ин мақола баъзе аз санъатҳои бадеӣ ва хусусиятҳои ғоявии онҳо дар китоби «Абҳар-ул-ошиқин»-и Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ, албатта, бо баҳрабардорӣ аз баъзе китобҳои дигар мавриди баҳс ва таваҷҷуҳу баррасӣ қарор гирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон ва расоили Ҷомӣ; муқаддима ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод, Маҳмудҷон Умаров ва Абубакр Зуҳруддин. – Теҳрон, 1379. Мероси мактуб. - 505.с.
2. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. - 334.с.
3. Рӯзбеҳони Бақлӣ. Абҳар-ул-ошиқин; муҳаққиқ Анри Корбен ва Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Манучеҳрӣ, 1981. - 368 с.
4. Рӯзбеҳони Бақлӣ. Шарҳи шатҳиёт, ба тасҳеҳ ва муқаддимаи фаронсавӣ аз Анри Корбен / Рӯзбеҳони Бақлӣ. - Теҳрон, 1344 ш.
5. Рӯзбеҳони Бақлӣ. Машрабу-л-арвоҳ (Мақомоти орифон). – Теҳрон: Озодмеҳр, 1389. - 808 с.
6. Р. Мусулмонқулов. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1967. - 85 с.
7. Сируси Шамисо. Анвоъи адабӣ / Шамисо Сируси. – Теҳрон: Боғи оина, 1370 ҳ. - 399 с.
8. Сируси Шамисо. Нигоҳи тоза ба бадеъ / Шамисо Сируси. - Теҳрон: Тобиш, 1368 ҳ. - 145 с.
9. С. Сулаймон. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С. Сулаймон. – Душанбе: Эр-Граф, 2010. - 1162 с.
10. Т. Зеҳнӣ. Санъати сухан / Зеҳнӣ Т. – Душанбе: Адиб, 2007. - 390 с.
11. Ҷалолуддин Ҳумоӣ. Маъонӣ ва Баён Чопи аввал / Ҳумоӣ Ҷалолуддин. – Теҳрон: Ҳумо, 1375. - 248 с.
12. Шамс Қайси Розӣ. Ал - муъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991. - 464.с.
13. Ю. Бобоев. Муқаддимаи адабиётшиносӣ / Ю. Бобоев. - Душанбе: Маориф, 1992. – 373 с.

САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР АБҲАР-УЛ-ОШИҚИН

Бадеият яке аз хусусиятҳои хосси осори адабӣ буда, ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва пешқадамтарин нависандагони форсу тоҷикро музайян ва дилкаш гардонидааст, аз он сабаб ба дили хонанда ҷой гирифтаанд, ки дар онҳо маъноҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, бо пероя бадеият ороиш ёфтааст.Дилкаш набудани асар яке аз сабабҳои дуршавӣ ва майл накардани хонандагон ба ҳисоб меравад ва он чизе, ки сабаби зебоӣ ва таровати сухан мегардад, истифодаи жанрҳои адабӣ мебошад. Риояи санъатҳои сухан дар матнҳо ва ашъор, инсонро ба хондан ҷалб мекунад, ба қавли маъруф дар калом сеҳр аст, сухани фасеҳ хонандаашро мафтун месозад.Санъатҳои бадеӣ дар осори бузургон нақши муҳимро бозида, мисли зебоии калом, балоғати сухан ва ғайра ҷилвагар мешаванд. Дар ин мақола баъзе аз санъатҳои бадеӣ ва хусусиятҳои ғоявии онҳо дар китоби «Абҳар-ул-ошиқин»-и Рӯзбеҳони Бақлии

Шерозӣ, албатта, бо баҳрабардорӣ аз баъзе китобҳои дигар мавриди баҳс ва таваҷҷуҳу баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: тадқиқи санъатҳои бадеӣ, ташбеҳ, истиора, қофия, киноя, маҷоз, саҷъ ва ҷиннос.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРИЕМОВ В ПРОИЗВЕДЕНИИ АБХАР-УЛ-ОШИКИН

Художественнность является одним из свойственных качеств литературного наследия, и совершенствуя произведения великих представителей классической литературы и передовых персидско-таджикских писателей, делает их привлекательными для читателя, в них высшие смысловые и оригинальные значения выражены очень ярко и украшены художественными приемами. Непривлекательность произведения является одной из причин отчуждения и нежелания читателей и причиной крастоы и привлекательности литературного слова является применение художественных приемов в произведении. Использолвание художественных приемов в текстах и поэтике привлекает читателя, как говорится в слове существует волшебство, красноречивость писателя очаровывает читателя. Художественные приёмы в наследии великих писталей и поэтов играют очень важную роль, сверкают как красота слова и совершенство речи. В данной статье автор рассматривает использование некоторых художественных приемов в книге «Абхар-ул-ошикин» Рузбехони Бакли Ширази и некоторых других произведений и их идейные свойства.

Ключевые слова: исследование художественных приёмов, аллегория, метафора, рифма, иносказание, рифма и омонимия.

USE OF ARTISTIC Tricks IN ABKHAR-UL-OSHIKIN

Artistry is one of the characteristic qualities of the literary heritage, and improving the works of the great representatives of classical literature and advanced Persian-Tajik writers makes them attractive to the reader, in them the highest semantic and original meanings are expressed very clearly and decorated with artistic techniques. The unattractiveness of a work is one of the reasons for the alienation and unwillingness of readers and the reason for the crust and attractiveness of a literary word is the use of artistic techniques in the work. The use of artistic techniques in texts and poetry attracts the reader, as they say in the word there is magic, the eloquence of the writer captivates the reader. Artistic techniques in the heritage of great pistols and poets play a very important role, sparkling like the beauty of words and the perfection of speech. In this article, the author considers the use of some artistic techniques in the book "Abkhar-ul-oshikin" by Ruzbehoni Bakli Shirazi and some other works and their ideological properties.

Key words: research of artistic techniques, allegory, metaphor, rhyme, allegory, rhyme and homonymy.

Сведения об авторе: ***Аминов Джумахон*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 987-20-29-04**

Information about the author: ***Aminov Jumahon*** - Tajik National University, Ph.D. student of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel .: **(+992) 987-20-29-04**

УДК: 891.550

УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА АЗ НИГОҲИ МУЪМИН ҚАНОАТ

Солиҳов Н.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нигоҳи Муъмин Қаноат ба шахсият ва шеърҳову достонҳои Мирзо Турсунзода, хусусан, муносибаташ ба навқаламон, парвариши онҳо, шинохт ва кашфи истеъдод аз байни ҷавонон, ояндабинии ӯ, дорои мавқеи хосса ва арзиши муҳимми адабию илмӣ мебошад. Як гурӯҳ адабиётшиносон доир ба шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода изҳори назар карда, мақолаҳову гузоришҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо интишор додаанд. Устод Муъмин Қаноат аз ин гурӯҳ истисно набуда, ҳамчунин назараш дар мавриди шинохти Мирзо Турсунзода аз манфиат холӣ нест. Шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода, ҳанӯз ҳам дар даврони барҳаёт буданаш мавриди таваҷҷуҳи дӯстдорони каломи бадеъ ва адабиётшиносон қарор гирифта буд. Яке аз онҳо адабиётшинос Соҳиб Табаров аст, ки дар бораи достони “Ҳасани аробакаш”- и Мирзо Турсунзода мақолаи танқидӣ навишта буд. Тавре ки Худойназар Асозода менависад: “Нахустин мақолаи ҷиддӣ доир ба достони “Ҳасани аробакаш” аз ҷониби Соҳиб Табаров соли 1952 навишта шудааст, ки “Баъзе қайдҳо дар бораи услуби достоннависии Мирзо Турсунзода ва достони “Ҳасани аробакаш” ном дорад” [1, с.421].

Мавриди зикр аст, ки нигоҳи воқеъбинонаву мушаххас аз тарафи М. Қаноат ва назари таҳлилӣ ба хислату рафтори Мирзо Турсунзода, кашфи истеъдодҳо, дастгирии навқаламон, зери ҳимоят ва ҳидоят қарор додани онҳо, (дар мисоли Муъмин Қаноат- С. Н), инчунин, шахсият ва осори боарзиши ӯро дар китоби “Ёддоштҳо ва бардоштҳо” баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Маълумотҳои ин китоб ба мо имконият медиҳад, ки хубтару беҳтар назари Муъмин Қаноатро дар мавриди Мирзо Турсунзода фаҳмида бошем. Аз ҷумла менависад:

Устод Муъмин Қаноат, ки бо Боқӣ Раҳимзода барвақтар шинос шуда буд, ҳамроҳи ду –се ҳамкурсаш ба Иттифоқи Нависандагон мераванд ва ба дафтари Боқӣ Раҳимзода медароянд. Бори дигар, дӯсташ, Басир Расо муаррифиаш мекунад. Боқӣ Раҳимзода ба Мирзо Турсунзода телефонӣ суҳбат мекунад: “Ҳамон шоири гурезае, ки гуфтем, омадааст” [2, с.188]. Баъдан, Мирзо Турсунзода онҳоро ба назди худ даъват менамояд. Ин замон,

бори аввал ба суҳбати рӯбарӯйи Мирзо Тусунзода мушарраф мегардад, ки дар ин бобат чунин навиштааст: “Устод моро хуш пазируфтанд. Баъди аҳволпурсии мухтасар пурсиданд: “Хайр, шеър овардӣ?” Устод Боқӣ Раҳимзода гуфтанд, ки шеър ҳам оварданд” [2, с.188]. Шеъри мавриди назар, ки дар мавзӯи инқилоби машрутаи Эрон навишта шуда буд, як байташ ин аст:

Эрон фиреби фитнаи иғвогарон хӯрад,
Ҳайф аст, шер саблати сайди сагон хӯрад ...

Баъдан Муъмин Қаноат менависад: “Муаллим Турсунзода шеърро то ба охир гӯш карда, ишора карданд, ки саводи шоириаш хуб буда, забону тарзи тасвири нодир дорад. Боқиҷон (Боқӣ Раҳимзода дар назар аст- С.Н) ин одами шармгини гурезаро дар зери назорат мегирӣ. Тарҷумаи шеъри шоирони бузурги ҷаҳонро (Шилеру Митскевичу Такуру дигаронро), ки ҳоло намунаи шеърҳояшон дар нашрияҳои даврӣ чоп мешаванд, бар уҳдаи ин кас бигзор... Ҳама вақт дар зери назорататон бошад ва дар ҳама маҳфилҳои нависандагони ҷавон иштирок кунад. Шеърашонро ба рӯзномаву маҷаллаҳо тавсия кунед, чоп кунанд. Ин супориши раёсат аст, хоҳиш мекунам ҳамаи инро иҷро кунед ” [2, с.189]. Аз ин ба баъд, ду устоди ботаҷрибаву босалобат, шоири ҷавони боистеъдодро дар зери назорат қарор доданду фаъолияти эҷодкории ояндааш бошад ба маслиҳату машварати онҳо анҷом меёфт, албатта, ки натиҷаҳои судманд ба бор овард.

Маълумоти дуюм, ки таваҷҷуҳи Мирзо Турсунзодаро ба ояндаи шоири ҷавон ифода менамояд, ин аст, ки баъди хатми донишгоҳ устод адабиётшинос Соҳиб Табаров мехостааст, Муъмин Қаноатро барои идомаи таҳсил дар аспирантура, шуъбаи эстетика ба Маскав фиристонад. Номи ӯ аз рӯйхати аспирантураи Маскав ҳазф мешавад. Дар ин бора чунин навиштааст, Муъмин Қаноат: “Баъд аз он муаллим Турсунзода пешниҳод карданд, ки ба Иттифоқи нависандагон биёяд, зеро шоири хуб олими хуб ҳам ҳаст” [2, с.190]. Аз ин мисолҳо қазоват мешавад, ки оянданигарӣ ба як нафар шоири ҷавон воқеан тасодуфӣ набуд. Албатта, кашфи истеъдод дониши фарохи бисёрҷанбаро тақозо менамояд. Ва Мирзо Турсунзода дар интихоби ин ҷавонон, хусусан М. Қаноат хато накард. Инчунин, саҳми муассири Боқӣ Раҳимзода дар тарбияи ҷавонони ин давра назаррас аст. Назари Мирзо Турсунзода бошад, дар ҳақиқат, дуруст баромад, воқеан, Муъмин Қаноат шоири олим шуд ва ба баландтарин нуқтаи камолот расид.

Дар бобати сарпарастӣ, нақши Мирзо Турсунзода дар пешрафту инкишофи адабиёт, мақому манзаллат ва саҳми ӯ дар рушди адабиёти давраи шӯравии тоҷик ҳамчун сарпарасти нотакрори доираи адабӣ баъд аз устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ниҳоят бузург аст. Ин ҳақиқатро бисёре аз адабиётшиносон собит намудаанд [1; 7].

Далели дигаре, ки парваришгар ва тарбиятгари ғамхор будани Мирзо Турсунзодаро нишон медиҳад, ин аст, ки ҳатто дар лаҳзаҳои охирини ҳаёташ, фикри Муъмин Қаноатро, ояндаи адабиётро мекарда аст. Он гуна, ки Муъмин Қаноат навиштааст: “Воқеан маро чун фарзанд дӯст медошт ва он рӯзҳо ҳамеша дар назди ӯ будам... дар охири суҳбати вопасинаш чунин илова намуда буд: Худатро ва Иттифоқро эҳтиёт кун” [1, с.448].

Аз охирсухани васиятии Мирзо Турсунзода маълум мегардад, ки назари нек, бовари тамом, ба шогирди вафодораш доштааст. Тавре, адабиётшинос Худойназар Асозода менигорад: “Ин чунин маънӣ дошт, ки баъд аз сари ӯ бояд Муъмин Қанаот сарпарастии Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистонро бар уҳда бигирад. Чунин ҳам шуд... Дар давраи фаъолияти роҳбарии Муъмин Қаноат корҳои ҷолиби адабию фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ анҷом дода шуданд. Муъмин Қаноат баъд аз даргузашти Мирзо Турсунзода, тақрибан ҳама фаъолиятҳои ҷамъиятиву адабӣ ва фарҳангии ӯро идома дод ва бобарии устод ва тарбиятгарашро ба ҷо овард” [1, с.488].

Ҳадафу мақсадҳое, ки Мирзо Тусунзода дошт, ҷомаи амал пӯшиданд, рисолате, ки дар назди халқу миллат бар дӯш дошт ба итмом расид, поён ёфт ва ин рисолатро ба шогирди вафодораш М. Қаноат супурд. Ӯ низ, ин рисолатро ба дурустӣ тавонист сомон бибахшад.

Нафаре, ки барои касе ғамхории падарона зоҳир намуда, зери назорат гирифта, ҳар навъ кумакеро аз ӯ дареғ надошта, шароит фароҳам оварда ба дараҷаи шахсият расонидааст, чӣ тавр, метавонад аз хислату рафтор, кору пайкор, бахусус, аз шеъру достонҳои ӯ сарфи назар кунад, ҳаргиз. Ин аст, ки Муъмин Қаноат фикру мулоҳизаҳои худро доир ба шеъри Мирзо Турсунзода дар мақолаҳои алоҳидааш ироа доштааст. Ин мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо интишор шудаанд. ...Яке аз мақолаҳояш дар бораи таҳлил ва баррасии шеъри “Асри ман” аст: Чуноне ки Муъмин Қаноат мегӯяд: “Асри ман, ки беҳтарин ғазали рӯзгори мост, ҳамчун маромномаи шоирони замон, дар айни ҳол маромномаи худи шоир аст. Мирзо Турсунзода бо замон ва асри соҳибэъҷози худ дар баландтарин нуқтаи роҳ, дар тундтарин гардиш он рози дил мегӯяд: Бахти хоболуди ман ҷунбондаӣ, Соҳибэъҷозат шуморам, асри ман” [3, с.2]. Натиҷа ин аст, ки дар даврони мавриди назар, рушду равнақи шеъру адаби мо баръало мушоҳида карда мешуд. Шеъри мо ба таъсири шеъри рус гомҳои устувор пушти сар мекард. Ба андешаи шоир ва муҳаққиқи шинохта Назри Яздонӣ: “Солҳои 60, 70, 80-и асри XX дар таърихи бисёрҳазорсолаи фарҳанги тоҷикӣ, дар тақдири шеър даврони бесобиқа, бемонанд ва

истисноӣ буданд. Аввал ин ки шеъри тоҷикӣ бар асари таъсири ҷаҳонбинии нав (дар назар аст натанҳо ҷаҳонбинии шӯравӣ, балки имкониятҳое, ки маорифи шӯравӣ фароҳам овард ва диди адибони тоҷикро воқеан ҷаҳонӣ кард), шеъри нимоӣ, шеъри фаронсавӣ ва хусусан шеъри Амрикои Лотинӣ тоза шуд" [7, с.194]. Аз андешаҳои дар боло овардашуда, хулоса намудан мумкин аст, ки аз ин таъсири ҷаҳонбинӣ шеъри Мирзо Турсунзода истисно буда наметавонад. Баръакс, ин тозагӣ дар осори ин шахсият бештар ба назар мерасад. Ҳамин тозагиро дар ғазали "Асри ман" ва умуман, ашъори Мирзо Турсунзода мушоҳида менамоем. Байти аввали ғазалро Муъмин Қаноат чунин таҳлил намудааст: "Дар ин байт биниши шоир бар чашми дил аст, ки осоиши тифлӣ, хонаи танги падар, хонаи бачагони ятимро аз лавҳи дил ба лавҳи дафтар гузаронидааст" [3, с.2]. Ин ғазал аз 11- байт иборат аст ва то ба охир онро таҳлил кардааст ва мо ин ҷо аз зикри шарҳи ҳамаи байтҳои баъдӣ сарфи назар намудем. Натиҷа ва хулосаи Муъмин Қаноат аз ғазал ин аст: "Чунон ки дарёфтем, дар ин ғазал биниш ва нигориши шашҷиҳатӣ ба истилоҳи имрӯза биниши глобалӣ ба кор рафтааст..." [3, с.3]. Ба назари Муъмин Қаноат дар ин шеър масъалаи хеле муҳим ба назар мерасад. Дар охири мақолаи "Назм ва низоми замон" чунин андеша дорад: "Бешубҳа, шеъри Мирзо Турсунзода бо ҷанбаи лирикӣ- публитсистии худ дар якҷоягӣ олами бузурге дорад, ки дар он ҷунбиши гаҳвора ва гардиши сайёра, ғурриши дарёҳо ва сукути саҳроҳо, пайвастани дастҳои дӯстӣ ва занҷираҳои ситам, аллаи модари тоҷик ва гиряи модари Шарқ, фурӯ нишастани ҷангу ҷӯшҳо ва парвози киштиҳои кайҳонӣ дида ва шунида мешавад" [3, с.3]. Ба ин навъ қазоват мешавад, ки муроди шоир аз гуфтани шеър сулҳу салоҳи сартосарӣ, инсондӯстӣ ва башардӯстӣ будааст, ҳатто хидмат ва рисолати шеър дар ҷаҳони тазодҳо ба олами арзу само кӯч мебандад. Дар он "ҷунбиши гаҳвора" ва "гардиши сайёра"- ро мушоҳида кардан мумкин аст.

Бештар аз ин, Муъмин Қаноат дар мақолаи дигараш "Вазъияти назми имрӯзаи тоҷик" аз достони "Аз Ганг то Кремл"- и Мирзо Турсунзода чунин натиҷа мебардорад: "Эҳтироси баланд ва нафаси шоир воқеаҳои ҷанги граждани, ҷустуҷӯи муҳоҷирони ҳиндро ба факти ҳаёти шахсии ӯ табдил медиҳад; ин аст, ки шоир худро ҳамчун ҷузъи олами куллӣ дар тамоми корҳои ҷаҳон, дар сарнавишти замину замон шарик медонад. Ва чун дарё, чун Ганг ба сӯхтори замин об мезанад, ба оташи ҷанг об мерезад" [4, с.95]. Аз нигоҳи Муъмин Қаноат бармеояд, ки Мирзо Турсунзода сулҳу дӯстӣ ва осудагиро тараннум кардааст.

Ҳамон тавре ки дар боло ишора шуд, нигоҳи Муъмин Қаноат ба шеъри Мирзо Турсунзода ҳанӯз аз соли 1950-51 оғоз шуда буд. Дар ин давра Муъмин Қаноат шеърҳои шогирдонаи худро дар рӯзномаи "Ҳаёти нав"-и ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) аз чоп мебаровард. Баъдан нигоҳи Муъмин Қаноат ба осори Мирзо Турсунзода бештар гардид, ки дар пайравии силсилаи "Қиссаи Ҳиндустон" панҷ дафтар шеър машқ мекунад, вале онҳоро дар ягон рӯзнома ё маҷалла ба чоп намедиҳад. Муъмин Қаноат дар як суҳбаташ гуфта будааст, ки он панҷ дафтар то ҳанӯз дар бойгониам маҳфузанд. Гузашта аз ин, торафт нигоҳи Муъмин Қаноат ба шеъри Мирзо Турсунзода ҷиддитар гардид. Чуноне ки худаш ин масъаларо равшан кардааст: " Ман дар пайравӣ ба достони "Мавҷи табрикҳо"– и муаллим Турсунзода ба муносибати ҳафтодсолагии Сталин манзума навишта, ба муаллим Раҳимзода фиристода будам" [2, с.184]. Мисолҳои дар боло овардашуда далели мушаххаси алоқамандӣ ва пайвастагии Муъмин Қаноат ба шеъри Мирзо Турсунзода будааст. Ин пайвастагиро дар эҷодиёти баъдии Муъмин Қаноат мушоҳида менамоем. Нигоҳи Муъмин Қаноат ба осори Мирзо Турсунзода рафта – рафта васеътару фарохтар мегардад. Дар мисоли шеъре, ки соли 1963 бо номи "Барои ҳурмати мӯйи сафедаш" ба устод Турсунзода бахшида шудааст, қазоват мешавад:

Барои хотири шеъраш, ки онро
Ба роҳи хеш болу пар ниҳодам.
Барои шеъри мардумошнояш,
Ки аз он шеъри худро сар намудам [5, с.100].

Агар калимаи "мардумошно"- ро бигирем, дар солҳои 60-ум ба Мирзо Турсунзода нисбат доштанаш маълум мегардад. Доир ба мисраъҳои дар боло овардашуда Абдунабӣ Сатторов чунин навиштааст: "Муаллиф эътироф кардааст, ки шеърашро аз шеъри "мардумошно"- и муаллимаш оғоз кардааст" [6, с.83].

Адабиётшинос Худойназар Асозода доир ба ин масъала чунин изҳори назар кардааст: "Худи ӯ иқрор мешавад, ки дар ҷодаи шеър ҳомияш Мирзо Турсунзода будааст. Маҳз Мирзо Турсунзода буд, ки ӯро аз шеър гуфтан ба сабки классикӣ ва хусусан, ба равиши тақлиду татаббӯъ нигоҳ дошт" [1, с.432]. Ҳамин тақлид ба шеъри Мирзо Турсунзода, ки дар ҷодаи шеър қаламфарсоӣ ва машқи шеър ҳисобида мешуд, боис гардид, ки ба шеър ҷиддитар машғул шавад, донишу таҷриба ҳосил кунад ва шоириро кори саҳлу осон напиндорад. Дар ин роҳ ҳимоятгару раҳнамояш Мирзо Турсунзода боқӣ монад. Хулоса, аз баррасии мавзӯъ чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки аз аввал Мирзо Турсунзода дар интихоби шогирд хато накард, ғамхории махсус зоҳир кард, раҳнамоӣ ва тарбият намуд. Ин ғамхориҳо дар рушду равнақи шоири ҷавон бетаъсир намонд. Аз ин рӯ, нигоҳи

Муъмин Қаноат ба шахсият ва осори Мирзо Турсунзода вусъат ва умқ дорад. Аз шоирони дигар дида, зиёдтар шеъри Муъмин Қаноат ба шеъри Мирзо Турсунзода наздикӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик(давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х. Асозода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.
2. Қаноат М. Ёддоштҳо ва бардоштҳо / М. Қаноат. - Душанбе: 2012. - 250 с.
3. Қаноат М. Назм ва низоми замон / М.Қаноат [Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода] // Тоҷикистони советӣ. - 1976, 22 апрел. - С.2-3.
4. Қаноат М. Вазъияти назми имрӯзаи тоҷик / М Қаноат.- Аз материалҳои анҷумани 6-уми нависандагони Тоҷикистон // Садои Шарқ. - 1971. - № 7. - С. 94-102.
5. Қаноатов М. Маҷмӯаи достон ва шеърҳо. Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ / М. Қаноатов. - Душанбе: Маориф, 1983. - 128 с.
6. Сатторов А. Эҳсоси иҷтимоӣ ва ҳунари шеър / А. Сатторов // Садои Шарқ. - 1982. - № 6. - С. 83-91.
7. Яздонӣ Н. Ҳикмати озодагон / Н. Яздонӣ (нашри саввум). - Душанбе, 2016. - 300 с.

УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА АЗ НИГОҲИ МУЪМИН ҚАНОАТ

Мақолаи мазкур нигоштаҳои Муъмин Қаноатро, ки шахсият ва достонҳои Мирзо Турсунзода ва муносибати Мирзо Турсунзодаро ба навқаламон, парвариши онҳо, шинохт ва кашфи истеъдоди ҷавонони лаёқатмандро фаро гирифтааст, баррасӣ менамояд. Муаллиф оид ба тарафҳои нозуки муносибати Муъмин Қаноат бо Мирзо Турсунзода таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳои таъсирпазирӣ ва таъсиррасониро дар доираи имкони худ ба миён гузошта, бештар муносибати ғамхоронаи Мирзо Турсунзода ба ҷавонон, хусусан Муъмин Қаноатро таҳлил менамояд. Дар мақола қайд мегардад, ки Муъмин Қаноат фикру мулоҳизаҳои худро доир ба шеъри Мирзо Турсунзода дар мақолаҳои алоҳидааш ироа доштааст. Ин мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо интишор шудаанд. Яке аз мақолаҳояш дар бораи таҳлил ва баррасии шеъри “Асри ман” аст. Ҳамчунин муаллиф дар мавриди сарпарастӣ, нақши Мирзо Турсунзода дар пешрафту инкишофи адабиёт, мақому манзалат ва саҳми ӯ дар рушди адабиёти давраи шӯравии тоҷик ҳамчун сарпарасти нотакрори доираи адабӣ назар намуда, таъкид менамояд, ки Муъмин Қаноат баъд аз устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода тавонистааст, ки ворисияти адабиро анҷом диҳад.

Калидвожаҳо: Муъмин Қаноат, Мирзо Турсунзода, парвариши навқаламон, асри соҳибэъҷоз, бахти хоболуд, рушди адабиёт, ворисияти адабӣ, нигоҳи воқеъбинона, шоири ҷавони боистеъдод, шоири олим.

МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУЪМИНА КАНОАТА

В данной статье автор рассматривает труды Муъмина Каноата, посвященные личности и наследию Мирзо Турсунзаде и отношения Мирзо Турсунзаде к молодым литераторам, их воспитанию, нахождения и раскрытия молодых талантов среди них. Автор в пределах своих возможностей акцентируя свое внимание на деликатные стороны отношений между Мирзо Турсунзаде и Муъмином Каноатом, в основном анализирует проблемы влиятельности и восприимчивости, а также заботливое отношение Мирзо Турсунзаде к молодым литератороам, в особенности к Муъмину Каноату. В статье отмечается, что Муъмин Каноат высказал свои мысли относительно поэтических произведений Мирзо Турсунзаде в своих отдельных статьях. Эти статьи были опубликованы в газетах и журналах. Одна из этих статей была посвящена анализу и рассмотрению стихотворения “Мой век”. Также автор высказывает свое мнение относительно попечительства и роли Мирзо Турсунзаде в продвижении и развитии литературы, его места и вклада в развитии литературы советского периода как неповторимого руководителя литературного круга и подчёркивает, что Муъмин Каноат как Садриддин Айни, Абулькасым Лахути и Мирзо Турсунзаде смог завершить свою миссию как литературный преемник.

Ключевые слова: Муъмин Каноат, Мирзо Турсунзаде, воспитание молодых литераторов, многообещающий век, сонное счастье, развитие литературы, художественная преемственность, объетивный взгляд, молодой перспективный поэт, поэт – ученый.

MIRZO TURSUNZADE FROM THE POINT OF VIEW OF MUMIN CANOAT

In this article, the author considers the works of Mumin Kanoat, dedicated to the personality and legacy of Mirzo Tursunzade and Mirzo Tursunzade’s attitude to young writers, their education, finding and disclosing young talents among them. The author, within his capabilities, focusing his attention on the delicate aspects of the relationship between Mirzo Tursunzade and Mumin Kanoat, mainly analyzes the problems of influence and receptivity, as well as the caring attitude of Mirzo Tursunzade to young writers, especially to Mumin Kanoat. The article notes that Mumin Kanoat expressed his thoughts on the poetry of Mirzo Tursunzade in his separate articles. These articles have been published in newspapers and magazines. One of these articles was devoted to the analysis and consideration of the poem "My Century". The author also expresses his opinion regarding the guardianship and the role of Mirzo Tursunzade in the promotion and development of literature, his place and contribution to the development of literature of the Soviet period as the unique leader of the literary circle and emphasizes that Mumin Kanoat as Sadriddin Aini, Abulkasym Lahuti and Mirzo Tursunzade was able to complete his mission as a literary successor.

Key words: Mumin Kanoat, Mirzo Tursunzade, the education of young writers, a promising century, sleepy happiness, the development of literature, artistic continuity, a comprehensive look, a young promising poet, poet and scientist.

Сведения об авторе: ***Солихов Назриддин Шохинбекович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-67-82-75**

Information about the author: ***Solikhov Nazriddin Shokhinbekovich*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Theory and the Newest Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel .: **(+992) 918-67-82-75**

УДК: 070+891.550

НАШРИ АШЪОРИ МЕҲРИНИСО ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК

Бекназарова Н.У.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Шоира дар ҷодаи эҷоди ашъори нобу рангин басо муваффақ буда, як қатор маҷмӯаҳои худ, аз ҷумла “Нафаси субҳ” (1992), “Шароби нур” (1996), “Замзамаи зебоӣ” (2011) “Оини хуршедӣ” (2011) ва “Марде аз табори равшанӣ” (2013)- ро дар даврaҳои гуногуни фаъолияти шоирии худ ба хонандагони соҳибзавқаш пешкаш намудааст. Меҳринисо солиёни зиёд аст, ки пайи тавлиди шеър ва эҷод аст. Ашъори гуногунмавзӯи шоира дар матбуоти даврии тоҷик доимо рӯйи чоп омада, бозгӯкунандаи саҳми пуразиши ӯ дар интишори афкори пешқадами сулҳҷӯёна ва ваҳдатталабонаи вай аз тариқи матбуоти даврӣ хоҳанд буд. Дар баробари марҳала ба марҳала рӯйи чоп омадани маҷмӯаи ашъори шоира, нақши эҷоди ӯ дар матбуоти тоҷик низ баръало ба чашм мерасад. Дар тамоми маҷаллаҳо, газетаву рӯзномаҳои даврии чи замони то истиқлолият, чи даврони истиқлолият ашъори шоира Меҳринисо ба табъ расида истодаанд. Аз ҷумлаи маҷаллаҳо, газетаҳо ва рӯзномаҳое, ки маҳсули эҷоди бадеии Меҳринисо бештар дар онҳо ба табъ расидаанд, инҳо “Фирӯза”, “Адабиёт ва санъат”, “Бонувони Тоҷикистон”, “Садои шарқ”, “Садои мардум”, “Ҷумҳурият”, “Занони Тоҷикистон”, Сулҳи Осиё”, “Комсомоли Тоҷикистон”, “Газетаи муаллимон”, “Машъал”, “Тоҷикистони Советӣ”, “Ваҳдат”, “Чархи гардун”, “Зан ва мард” ба ҳисоб мераванд. Бахусус ашъори батабърасидаи Меҳринисоро дар маҷаллаи “Фирӯза” метавон баррасӣ намуд, ки дар қиёс бо дигар нашрияҳо дар он ашъори шоира бештар ба табъ расидаанд. Масалан: “Фарзонаи огоҳдил” (дар бораи Гулрухсор Сафиева) // Фирӯза.- №1, 1990.- Саҳ.10-11; “Пиндори ман”, “Фарёди дард”, “Ташнагӣ” // Фирӯза.-№5-6, 1992.- Саҳ. 10-11; “Арзи вуҷуд” // Фирӯза, 2014-уми март.- Саҳ. 2 аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар нашрияҳои “Садои шарқ”, “Занони Тоҷикистон”, “Бонувони Тоҷикистон”, “Садои мардум”, “Адабиёт ва санъат” ва дигар нашрияҳо ашъори Меҳринисо дар мавзӯъҳои гуногун ба чоп расидаанд, ки баҳри тасбияти фикр зикри намунаҳое аз онҳо ин ҷо ба маврид аст: “Модар” // “Садои Шарқ”.- №7, 1985.- Саҳ.50-51; “”Ояд хушам” // “Садои Шарқ”.- №7, 1985.- Саҳ.51; “Ду ғазал, завол // “Садои Шарқ”.- №11, 1989.- Саҳ.60-61; “Эй мадоро”, “Меҳр”, “Баҳоначӯ”, “Танҳоӣ” // “Занони Тоҷикистон”.- №5, 1989.- Саҳ.4; “Дастони ман – дармони ту” // “Занони Тоҷикистон”.- №4, 1989.- Саҳ. 20-21; “Осори ҷанг” // “Занони Тоҷикистон”.- №9, 1986.- Саҳ 51; “Беҳтарин ганҷ барои инсон сухан аст” // “Бонувони Тоҷикистон”, 2015.- Саҳ.11-13; “Маро бубахш” // “Бонувони Тоҷикистон”.- №4, 2008.- Саҳ.13; “Саршори муҳаббат” (бахшида барои дӯстии безаволи мардуми тоҷику ӯзбек) // “Садои мардум”, 2018, 16-17 август; “Бо рез-рези борон” // “Адабиёт ва санъат”, 2008, 19 март.- Саҳ. 19; “Меҳроби меҳр” // “Адабиёт ва санъат”, 2007, 7 март.- Саҳ.8; “Меҳрона” // “Садои мардум”, 2006, 12 декабр; “Байтҳо аз қиссаи нохонда: духтари деҳот”, “Таронаи ҳаёт” // “Адабиёт ва санъат”, 1987, 1 октябр.- Саҳ.7; “Сурудҳои сулҳи Осиё” // “Сулҳи Осиё”, 2002, 12 июл; “Эй ғами беор, бо мо моҷаро кардан хатост” // “Адабиёт ва санъат”.- №33-34, 2000, 22 сентябр; “Аз дафтари “Исми шаби ишқ” (силсилаи шеърҳо) // “Адабиёт ва санъат”.- №8, 1999, 26 феврал.- Саҳ. 4; “Барои модарам” // “Комсомоли Тоҷикистон”, 1987, 8 март; “Ганҷина” // “Газетаи муаллимон”, 1985.- Саҳ. 501; “Гӯшаи назм” // “Адабиёт ва санъат”.- №37, 1999, 9 сентябр; “Дили зан” // “Газетаи муаллимон”, 1987, 7 март; “Духтари деҳот”; “Таронаи ҳаёт” // “Адабиёт ва санъат”, 1987, 1 октябр.- Саҳ. 7; “Зиндагӣ” // “Ҳақиқати Ленинобод”, 1988-8 март; “Кӯш, то халқро ба кор ойӣ” (модарнома) // “Машъал”.- №5, 1993.- Саҳ. 9; “Мадеҳ озодии рӯҳи ман аз даст” // Ҷумҳурият”, 1994, 5 март; “Ман шуълаам, ки гулхани исёнам орзуст”, “Маро бо дарди ман якҷо гузоред”, “Байни замину осмон як мушти ҳайратам” // “Ҷумҳурият”, 1992, 7 март; “Офтоби қудсӣ”, “Дуо” // “Садои мардум”, 1993, 7 март”, “Парвоз”, “Армон” // “Адабиёт ва санъат”, 1988, 3 март.- Саҳ.7; “Саное ба ишқ”, “Тӯтӣ” // “Садои мардум”, 1992, 7 март; “Ситоиши замин” // “Тоҷикистони Советӣ”, 1986, 8 март; “Сулҳ” // “Газетаи муаллимон”, 1983, 24 сентябр; “Худафрӯзӣ”, “Хато макун”, “Номи ту” // “Умед”, 1991, 11 апрел; “Шеър” // “Адабиёт ва санъат”, 1997, 10 январ.- Саҳ. 5; “Тоҷикистон” // “Ваҳдат”.-№6, 2008.

Чи гунае ки аз намунаҳои ашъори дар нашрияҳои даврӣ бачопрасидаи Меҳринисо дида мешавад, шеърҳои шоира мавзӯъҳои гуногунро фаро гирифта, бештар дар атрофи сулҳу муҳаббат, тарғиби дӯстиву ваҳдат, ватандӯстиву меҳанпарастӣ мутамарказ гардидаанд. Қобили қайд аст, ки бо вуҷуди он ки аз солҳои 90-ум то инҷониб шоира Меҳринисо шеърҳои худро дар сафҳаҳои гуногуни матбуоти тоҷик рӯйи чоп овардааст, дар чопи онҳо такрори шеър бисёр кам ба назар мерасад. Анқариб дар тамоми нашрияҳои даврие, ки ашъори шоира дар онҳо рӯйи чопро дидаанд, намунаҳои нави шеъри вай саҳифаҳои онҳоро зебу зинат медиҳанд. Мавзӯъҳои рӯзмарра ва аз ҳайси бори ҳунарӣ ва маънавиву тарбиявӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон зарурӣ дар ашъори Меҳринисо бисёр ба

назар мерасанд. Дар шеърҳое, ки Меҳринисо дар нашрияҳои даврии даврони истиқлол онҳоро ба чоп расонидааст, мавзӯъҳои гуногуни фарохӯри фазои имрӯзи иҷтимоии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, мавзӯъҳои амсоли: таблиғи сулҳу ваҳдат, роҷеъ ба таҳкими ин рукнҳои бисёр муҳимми давлату ҷомеаи Тоҷикистон, файзбахшии истиқлол ба мардуми тоҷик, тасвири ҳаққонии фарзанди сарсупурдаи миллати тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои азизи миллат Эмомалӣ Раҳмон ва хидматҳои беназири он кас дар дастёбии мардум аз дӯстиву бародарӣ, сулҳи кулл ва ваҳдати саросарӣ ҷойи аввалро ишғол менамоянд, ки ин қобили зикр аст. Зеро, бар ҳамагон пӯшида нест, ки таҳкими сулҳу ваҳдат мояи пирӯзӣ, саодат ва хушнудиву хушбахтии мардум аст. Ҳамаи ин, албатта, аз файзи истиқлолият аст, ки асосгузори воқеии он Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад. Ҳарчанд ки дар эҷоди ваҳдати саросарӣ ва сулҳи кулл саҳми ҳама қишри ҷомеаи Тоҷикистон назаррас аст, лекин ҳақиқатро бояд баён дошт, ки дар ин росто нақши барҷаста ва созандае, ки Пешвои миллати мо барои таърих ва обрӯи Тоҷикистон, барои ба сатҳи баланд бардоштани сиёсати давлатдории навин гузоштаанд, қобили зикри махсус аст; зеро саҳму кӯшишҳои тамоми шарафмардони миллат дар мавриди барқарор сохтани дӯстиву ваҳдати фарзандони ҷангзадаи модари тоҷик бо хидматҳои ин марди шариф муқоисанашаванда аст. Он иқтидори маънавӣ, тафаккур, хирад, меҳрубонӣ, ғамхорӣ ва ин қадр ҷоннисорие, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати оштӣ дорондани фарзандони модари тоҷик дар замони ҷанги харобиовари бародаркуш аз хеш нишон додаанд, албатта, беназиру нодир мебошанд.

Як инсони шарифро, ба бахти мо, Худованд дар давраи мушкилтарину буҳронӣ, яъне дар сиёҳтарин шабҳое, ки дамидани субҳ ҳанӯз аён набуд, даврае, ки касе дари умедро ба рӯйи касе во намекард ва ҳама аз ояндаи худ умеде надоштанд, барои мо дод. Он кас чун боли ҳумои умед парафшон ва нурафшон шуда, он қадр корҳои шоистаро ба анҷом расонидаанд, ки васфи ҳамаи он, дар ҳақиқат, берун аз ҳадди тавон аст. Ташаббусҳои нодир оид ба оби тоза, ки ин барнома бо ибтикори Президенти муҳтарам асос гирифта, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо ҳамовозӣ тарафдорӣ шуд ва бо шарофати ин кӯшиши хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар иртибот бо барномаи оби тоза ба унвони давлати ташаббускор шинохта шуда, боиси сарбаландии миллати тоҷик ва сарзамини Тоҷикистон гардид. Ин аст, ки Меҳринисо дар ин мавзӯъ дар яке аз шумораҳои “Адабиёт ва санъат” мегӯяд:

Ту мактаби нангу номусу фахри Ватан,
Зарринварақи китоби истиқлолӣ [3, с.11].

Хушбахтона, 16 ноябр барои мардуми Тоҷикистон рӯзи пурсаодат ва таърихӣ аст. Ду сол пеш дар ин фасл мо дидем, ки чӣ гуна Сарвари мо якуним соат пеши маҷрои дарёро худашон баста, меҳнат карданд. Вақте ки ба чеҳраи Роҳбари давлат нигоҳ мекардам, гумон менамудам, ки агар он кас қудрат медоштанд, танҳо бо тавоноии худ ин неругоҳро месохтанд. Он кас шояд ҳазорон бор дар дил мегуфтанд, ки эй Худованд, ба ман қудрати бештар бидеҳ, ки инро дар як лаҳза барои мардуми худ бисозам ва нуру навидро ба хонадони ҳар яки онҳо равон созам. Аз соли 2017 маҳдудияти барқ қатъ гардид ва хонаҳо нурафшон шуданд, толорҳои зебо гарм ва он қадр ободӣ шуд, ки мардуми тоҷик ҳамагӣ дар ҳайрат монданд. Ин анъанаи сулҳу ваҳдати мо ва бузургии миллати тоҷик аст, ки ин неругоҳи азимро сохтанд ва ин неругоҳ дар ояндаи тӯлонӣ, бе шакку шубҳа, барои мардуми тоҷик хизмати шоиста мекунад. Ман гумон мекунам, ки баъд аз “Роғун” боз корномаю корҳои зиёди бузург моро интизоранд, ки мо – мардуми тоҷик, онҳоро низ, албатта, бо муҳаббат, садоқату фидокорӣ, бе яъсу ноумедӣ ва, баръакс, дар такя бо рӯҳияи устувору мағлубиятнописанд ва хушбинонаи Эмомалӣ Раҳмон иҷро хоҳем кард.

Шоира Меҳринисо аз ин ҳама пешрафтҳо ва ободкориҳои рӯзафзун ва босуръати Тоҷикистони азизамон, ки дар ҳама самтҳо баръало ҳис карда мешаванд, ба ваҷд омада, ашъори равони худро рӯйи саҳифаҳои матбуоти даврӣ рангомезӣ мекунад. Масалан, дар шумораи № 46 (1965)- и ҳафтавори “Адабиёт ва санъат”, ки дар 15-уми ноябри соли 2018 нашр гардида буд, яке аз беҳтарин шеърҳои вай дар мавзӯи асри Ватан – сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун рӯйи чопро дид. Бояд эътироф кард, ки шеъри мазкур дар адабиёти навтарини тоҷик шояд яке аз беҳтарин шеърҳо дар мавзӯи мазкур бошад. Меҳринисо дар ин шеъри худ мегӯяд:

Чун обу ҳаво ба мо зарурӣ, Роғун,
Оҳанги ҳама савту сурурӣ, Роғун.
Майдони набарди родмардони Ватан,
Пирӯзии нуриёну нурӣ, Роғун.
Сарбайти баёзи қаҳрамонони замон,
Дарси шарафу шаъну ғурурӣ, Роғун.
Оғози саодати ватандории мо,
Аз сарҳади бандагӣ убурӣ, Роғун.
Бар миллати сарбаланду огоҳи Ватан,

Фардои наку ғарқаи нурӣ, Роғун.
Эй коргаҳат азими неруву навид,
Барномаи мардони ҷасурӣ, Роғун.
Паймонаи нанги шаҳсаворони хирад,
Бо набзи Ватан ҳамеша ҷӯрӣ, Роғун.
Чун обу ҳаво ба мо зарурӣ Роғун [3, с.11].

Яке аз шеърҳои дигари шоира, ки дар таърихи 22-юми октябри соли 1992 дар ҳафтавори мазкур ба табъ расидааст, “Ҳамагон бо ҳаму танҳо дили ман” унвон дорад [3, с.4-5]. Шеъри мазкур таҳти таъсири эҳсосоти зиёди яъсовар ва ғамгинкунанда навишта шуда, аз муҳтавои он равшан мегардад, ки он бар асари ҷанги бародаркуши солҳои навадуми Тоҷикистон, ки бадбахтиовартарин даврони миллати тоҷик ба ҳисоб рафта, сарнавишти ниҳоят талхеро бар сари модари тоҷик оварда буд, навишта шудааст. Меҳринисо дар шеъри мазкур аз дили танҳо, аламҳои ошиқонаи хеш, ки бар асари ишқи ноком бар ӯ фишор оварда буданд ва, ҳамчунин, аз танҳоии хеш ҳамчун як зан – модар бо сӯзи зиёд ва бас муассир нолаву шиква кардааст.

Шеъри дигари Меҳринисо зери унвони “Саное ба ишқ” дар таърихи 7-уми марти соли 1992 дар рӯзномаи “Садои мардум” ба табъ расидааст. Шоира Меҳринисо дар шеъри фавқуззикр ишқ, самимият, садоқат дар ишқро бисёр зебову муассир тачассум кардааст. Бо ин ки ин шеър ҳам дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ навишта шудааст, аммо дар он рӯҳияи баланди ҳаётдӯстӣ ва ошиқона ҳувайдо мегардад. Дар шеъри мазкур ишқ, ошиқ ва, умуман, инсон ва шӯри вай дар муҳаббати воқеӣ тасвири хуб ёфтааст:

Фурӯғи чилчароғи хилвати ман,
Фурӯзон бо ту бошад ин ҷаҳонам.
Нишони ман, марав аз қисмати ман,
Ки бе ту бенишонам, бенишонам.
Аё суду зиёни қисмати ман,
Туӣ нуру зиёи исмати ман.
Аё ҳарфи нахусти сарнавиштам,
Ту охир ҷавҳарӣ андар сиришатам.
Ҳақиқат бодаи дилдодаи туст,
Худои сабру тоқат зодаи туст.
Ба сар шурӯ ба дил меҳру ба тан зӯр,
Зи мардони раҳи озодаи туст.
Аё, эй ишқ, эй марзи гуҳарбор,
Аё, эй зодгоҳи шӯру мастӣ!
Камоли ҷустуҷӯям, обрӯям
Ту ҳастиву ту ҳастиву ту ҳастӣ [4, с.4].

Ҳамчунин, соли 1992 шеъри дигари Меҳринисо дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” бо номи “Байни замину осмон ангушти ҳайратам” ба табъ расидааст, ки аз муҳтавои он ба мавзӯи ишқ иртибот доштани он маълум мегардад. Шеъри мазкур бӯе аз ашъори ошиқонаи Ҷалолиддини Балхӣ ва рубоиёти фалсафии Умари Хайёмро медиҳад:

Байни замину осмон ангушти ҳайратам,
Дар чашми содабини ман дунё мураккаб аст.
Сад роҳ тай намудаам андар сурохи ишқ,
Дил дар сари ин масъала шогирди мактаб аст [8, с.5].

Ҳамчунин, дар ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” 15-уми ноябри соли 2018 бо номи “Саршори муҳаббат” (Барои дӯстии безаволи мардуми тоҷику ӯзбек) шеъри дигари шоира ба табъ расидааст, ки ба яке аз мавзӯъҳои асосии адабӣ ва иҷтимоии имрӯзи Тоҷикистон – мавзӯи дӯстиву рафоқати тоҷикону ӯзбекон бахшида шудааст. Дар шеъри мазкур оҳанги бисёр хушоянд, вазни мутаносиб бо ин оҳанг, вожаҳову ибораҳо, таркибҳову санъатҳои зебои бадеӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ва метавон гуфт, шеъри мазкур яке аз беҳтарин намунаҳои сухани манзум дар эҷодиёти шоира Меҳринисо ба ҳисоб меравад. Абёти зер намунаҳое аз шеъри мазкур мебошанд:

Аз рӯзи азал, ки ҳамсадоем ману ту,
Дар базми висол ҳамнавоем ману ту.
Аз партави рӯйи ҳамдигар пурнурем,
Аз қисмати хештан ризоем ману ту.
Девори ҷудоӣ байни мо бе пояст,
Ҳамсояи хубу бебаҳоем ману ту.
Эй тоҷику ӯзбек, дар ин даҳри дудар,
Саршори муҳаббату сафоем ману ту.
То Меҳринисо ба пойи ҳасрат намирад,
Эй дӯст, бигӯ ба ҳам давоем ману ту [6, с.5].

Қайд кардан бамаврид аст, ки шоира Меҳринисо гоҳо тавассути суханони мансур низ аз тариқи матбуоти даврӣ ба хонандагони худ ғизои маънавӣ медиҳад. Аз ҷумлаи

суханони насрии вай, ки дар таърихи 7-уми марти 2019 дар шумораи №26- и рӯзномаи “Садои мардум” бахшида ба Рӯзи модарон нашр гардид, то чи андоза назари воло доштани ӯро роҷеъ ба зан-модар ва бузургиву ҷалоли вай инъикос менамояд:

“Зебоӣ маъбади дидагон ва ниёзи камоли одам аст. Ҳангоме ки сухан аз зебоӣ ба миён меояд, ҳатман тасвири зан дар назар муҷассам мешавад. Зеро зан мазҳари ҳама зебоӣ ва ҷилваи биҳиштосои зиндагӣ мебошад. Нависандагон, наққошон, оҳангсозону пайкаратарошони олам ибтидо дили худро дар меҳроби муҳаббати зан ба ниёз водоштаанд ва он гоҳ осори шӯрангезу дилангез ва мондагор офаридаанд. Дар ҳама давру замон беҳтарин ҳадя аз осмон зан-модар аст. Бузургон гуфтаанд, ки чун Худо наметавонад дар ҳама ҷо ҳозир бошад, ӯ занро офарид. Зан беҳтарин ва охирин туҳфаи осмонӣ аст. То касе, ки сиришти Худовандро намедонад, онро дар сиришти модар бичӯяд. Сиришти модар ҳамеша пок, беолоиш, бениёз аст ва мисли Худованд мехоҳад доимо накукорӣ кунад. Худованд ба мо Сарвари донову тавоноро туҳфа кард. Аз рӯзи нахустини фаъолият таваҷҷуҳи вай ба модар аст. Дар замони истиқлолият зан рӯҳан ва ҷисман озод шуд. Вожаи истиқлолият, ки ба Тоҷикистон омаду фазои онро фаро гирифт, истиқлолияти занҳо низ буд. Истиқлолият барои занон низ озодӣ овард. Дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки боиси хушбахтиву саодат аст, зани тоҷик дастовардҳои зиёд дорад. Пай дар пай эълон шудани “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ҳам ба занон вобаста аст. Зеро аксари ҳунарҳои зебоиофарин маҳсули дасти зан аст. Инчунин, дар баробари ин ҳунарашон занон низ метавонанд дар ҳама соҳа дар баробари мардон кор кунанд. Инро Президенти кишвар дар ҳар як суханрониашон қайд мекунанд. Масалан, дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кардаанд, ки “Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ гардида, барои фаъолияти занон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд”. Имрӯз, ки дар кишвари обод, озод, соҳибистиқлолу биҳиштосо зиндагӣ дорем, бояд кӯшиш кунем, ки неъматҳо, дастовардҳо ва зебоиҳоро нигаҳдорӣ кунем [7].

Саҳми шоира Меҳринисо дар рушду тараққии қисмати адабии матбуоти даврӣ шоистаи эътироф аст, зеро шеърҳои ӯ дар мавзӯъҳои гуногун мудом дар матбуоти тоҷик нашр мегарданд. Хусусан, ашъори аз солҳои 90-ум ба баъди шоира, ки аз тариқи рӯзномаҳову маҷаллаҳо ба табъ расида, манзури хонандагон гардиданд ва бар ташнагони маънавиёт ғизои тару тоза доданд, қобили зикри махсус аст. Зеро аз солҳои 90-ум ба баъд мардуми тоҷик, дар ҳақиқат, ташнаи ғизои маънавӣ, ташнаи сухани сулҳофарин ва ташнаи ниёишҳои ошиқона ва номаи меҳру муҳаббат буд. Мардум дар интизори дӯстиву бародарӣ, сулҳу видод буданд. Бинобар ин, дар тамоми шеърҳои пас аз солҳои 90-уми Меҳринисо, ки тавассути матбуоти даврӣ ба мардуми тоҷик манзур гардонида шудаанд, сухан аз дӯстиву рафоқат, ваҳдату сулҳ, истиқлолият, сарсабзиву хуррамии кишвари хеш, бунёди иншоот, ободкориҳо, муваффақиятҳо ва ниҳоятан, мавзӯи асосии ҳар шеър – ишқу ошиқӣ ва меҳру муҳаббати самимӣ баръало ба назар мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Меҳринисо. Нафаси субҳ. - Душанбе: Адиб, 1992. - 144 с.
2. Меҳринисо. Шароби нур. - Душанбе, 1996. - 158 с.
3. Меҳринисо // Адабиёт ва санъат, 1992, 22-юми октябр
4. Меҳринисо // Садои мардум, 1992, 7-уми март
5. Меҳринисо // Садои мардум, 2018, 17-уми август
6. Меҳринисо // Адабиёт ва санъат, 2018, 15-уми ноябр
7. Меҳринисо // Садои мардум, 2019, 7-уми март
8. Меҳринисо // Ҷумҳурият, 1992, 7-уми март

НАШРИ АШЪОРИ МЕҲРИНИСО ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК

Муаллиф дар мақола оид ба нақш ва саҳми ашъори яке аз шоираҳои маъруф, ширинбаён, хушкалом ва дилбохтаи шеъру сухан Меҳринисо Бобобекова ва нашри ашъори ба табъ расидаи ӯ дар матбуоти тоҷик сухан меронад. Шоира Меҳринисо пайваста дар пайи эҷод, навоварӣ ва тавлиди шеъру сухан аст ва ҳунари шоирии вай марҳала ба марҳала дар рушду инкишоф қарор дорад ва дар ҷодаи эҷоди наву тоза муваффақ низ гаштааст. Меҳринисо ба матбуоти тоҷик пайваста дар равобит аст ва дар тамоми маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои даврии ҷумҳурӣ ашъори рангини ӯ ба табъ расидаанд. Мувофиқи нишондоди муаллифи мақола, аз матбуоти тоҷик Меҳринисо бештар бо маҷаллаҳои “Фирӯза”, “Садои мардум”, “Садои шарқ”, “Бонувони Тоҷикистон”, “Занони Тоҷикистон”, “Зан ва мард” ва рӯзномаҳову газетаҳои “Ҳақиқати Ленинобод”, “Ҷумҳурият”, “Сулҳи Осиё”, “Комсомоли Тоҷикистон”, “Адабиёт ва санъат”, “Машъал”, “Ваҳдат”, “Тоҷикистони советӣ”, “Газетаи муаллим”, “Чархи гардун” ҳамкории хуб ва зич дорад. Ашъори шоира мудом дар нашрияҳои даврии муосир ба чашм мерасанд ва мавриди қабули хонандагон гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки дар рӯномаҳои даврии даврони истиқлолият ашъори дар мавзӯоти Ватану ватандорӣ, ваҳдат, тарғиби сулҳу ваҳдати тоҷикон, дӯстиву бародарӣ, мавзӯи умумии сулҳ, муҳаббати самимонаи инсонӣ навишташудаи Меҳринисо бештар ба табъ мерсанд. Бинобар ин, бояд қайд намуд, ки шоира тавассути матбуоти даврӣ дар тарғибу таблиғи сулҳу дӯстӣ, ваҳдати миллӣ, якпорчагии кишвари маҳбуби тоҷикон саҳми арзишманд мегузорад.

Калидвожаҳо: матбуот, маҷалла, рӯзнома, ашъори батабърасида, суҳбаторо, Меҳринисо, меҳру муҳаббат, публитсистика, шеър, Меҳринисо, “Садои мардум”, “Адабиёт ва санъат”, “Ҷумҳурият” .

ПУБЛИКАЦИЯ СТИХОВ МЕХРИНИСО В ПЕРИОДИЧЕСКИХ ИЗДАНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

В статье речь идет о вкладе поэтессы Мехринисо в литературно-культурную часть периодических изданий Таджикистана. Поэтесса Мехринисо непрерывно занимается созданием хороших и новых по теме и содержанию стихов, и в этой области она достигла хороших успехов. Мехринисо постоянно имеет связь с таджикскими периодичесикими изданиями и плоды ее творчества всегда украшают страницы газет и журналов страны. Автор подчеркивает, что поэтесса сотрудничает почти со всеми периодическими таджикскими изданиями, примерами которых можно считать “Фирӯза”, “Садои мардум” (/ “Голос народа”), “Садои шарќ” (/ “Голос Востока”), “Бонувони Тољикистон” (/ “Женщины Таджикистана”), “Љумњурият” (/ “Республика”), “Сулњи Осиё” (/ “Мир Азии”), “Машъал” (/ “Факел”), “Ваҳдат” (/ “Единство”), “Омӯзгор” (/ “Преподаватель”), “Чархи гардун” (/ “Небосвод”), “Зан ва мард” (/ “Женщина и мужчина”), а также в 80-ые гг. имела тесную связь с такими периодическими изданиями, как “Занони Тољикистон”, “Тољикистони советї” (/ “Советский Таджикистан”), “Газетаи муаллимон” (/ “Учительская газета”), “Комсомоли Тољикистон” (/ “Комсомолец Таджикистана”), “Адабиёт ва санъат” (/ “Литература и искусство”) и газеты “Њаќиќати Ленинобод“ (/ “Правда Ленинабада”). Стихи поэтессы постоянно встречаются на страницах вышеупомянутых изданий и таджикские читатели приветствуют новые стихи Мехринисо. Следует отметить, - как подчеркивает автор статьи,- в периодических изданиях страны публикуются стихи, которые в большинстве своем посвящены темам патриотизма и любви к отчизне, солидарности и дружбы, сплоченности и единства таджиков, а также искренней человеческой любви. Поэтому можно считать, что Мехринисо в период государственной независимости Таджикистана своими публикациями в периодических изданиях вносит заслуженный вклад в пропаганду мира и дружбы, единства и сплоченности таджиков в независимом Таджикистане.

Ключевые слова: издание, журнал, газета, опубликованные стихи, Мехринисо, любовь, публицистика, стихи, “Садои мардум”, “Адабиёт ва санъат”, “Љумњурият”.

THE PUBLICATION VERSES OF MEHRINISO IN PERIODICALS OF TAJIKISTAN

In present article it the question is about the contribution of poetess Mehrinisoto a literary-cultural part periodicals of Tajikistan. Poetess Mehriniso continuously engaged in creation good and new on those content verses in this area has reached good successes which it is possible to consider. Мехринисо constantly established with Tajik periodicalseditions and fruits of its creativity always decorate pages of newspapers and country magazines. The author notes that the poetess co-operates almost with all periodic Tajik editions as which examples it is possible to consider "Firuza", “Sadoi mardum” (/“People Voice”), “Sadoi a sharq” (/“the East Voice”), "Bonuvoni Tojikiston" (/"Women Tajikistan"), “Љумњурият” (/"Republic"), "Sulhi Osiyo" (/“The Peace of Asia”), "Mashal" (/"Torch"), "Vahdat" (/"Unity"), "Omuzgor" (/"Teacher"), “Charkhi gardun” (/"Firmament"), "Zanvamard" (/“the Woman and the man”), and also in 80-s' had closely relation with such periodicals, as "Zanoni Tojikiston", “Tojikistoni soveti” (/“Soviet Tajikistan”), “Gazetai muallimon” (/“the Teacher's newspaper”), "Komsomoli Tojikiston" (Komsomol of Tajikistan”), “Adabiyot va sanat” (/“the Literature and culture”) and also had relation with the newspapers and magazines of “Haqiqati Leninobod” (/“Truth of Leninabad).The Verses of the poetess constantly meet in the pages of above-mentioned editions and Tajiks readers welcome new verses of Mehriniso. It is necessary to note, - as underlines the author of article, - verses of the poetess which in the majority are devoted by such themes, as patriotism and love to motherland, solidarity and friendship, solid and unity of Tajiks, and also sincere human love are published in country periodicals. That’s why, it is possible to consider that Mehriniso in the period of state independence of Tajikistan with her publications in periodicals brings the mite deserved attention in propagation of the peace and friendship, solid and unity of Tajiks and independence of Tajikistan.

Key words: the edition, magazine, the newspaper, the published verses, Mehriniso, love, publicism, verses, “Sadoi mardum”, “Adabiyot and sanat”, “Republic”.

Сведения об авторе: ***Бекназарова Нозила Усмоновна*** – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы факультета лингвистики и телекоммуникационных сетей. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Information about the author: ***Beknazarova Nozila Usmonovna*** - Dangara State University, graduate student of the Tajik language and literature department of the faculty of linguistics and telecommunication networks. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Markazi 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-92-62**

УДК: 891.550

СУХАН ВА ҶОЙГОҲИ ОН АЗ ДИДГОҲИ АДИБОНИ АҲДИ СОМОНИЁН

Сулаймон Анварӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сухан, василаи пайвандгари гоҳи бостон бо пасин замон, ҳамеша дар маърази хидмати инсону ҷомеа қарор дошта, ҳамвора инкишоф ёфта ва омили пураҳаммияти бақои одамӣ низ гардидааст. Итнобро дар замина бо зикри чанд қитъа байт аз ашъори адиби суханвар Бадриддин Ҳилолӣ, ки арзиши натиҷагирӣ хоҳанд дошт, ба эътибори баррасии мавзӯи мавриди назар мухтасар хоҳем кард

… Ки гар бар сафҳаи олам набудӣ,
Нишон аз оламу одам набудӣ.
Ки ҳоли рафтаву оянда гуфтӣ,
Ки чандин маънии поянда гуфтӣ?...
Касе худ бе сухан чун зинда монад,
Дар иқлими бақо поянда монад?! [1, с.94].

Аммо ин нуктаро ҳам набояд фурӯ бигзорем, ки мавзӯи **забон, сухан**, **гуфтор** ҳанӯз дар аҳди қадим, дар рӯзгори Зартушти Сипитамон, аз масоили мубрами фарҳанги ориёиён ба

шумор мерафт ва ӯ, яъне Зартушт, бо каломи оташину муқаддаси хеш ба мардум вазъ гуфт ва ваҳйи Худовандро ба зоти инсон бирасонд.

Масъалаи гиромидошти каломи мубораки худоӣ аз он овон рӯйи осори хаттӣ муҷалло сабт шуда ва дар айёми салтанати сулолаи Сосониён низ мақулаи муҳимми аҳли илму адабу сиёсат будааст. Аммо дареғо, ки ҳокимияти зимомдорони Сосонӣ дер напоид ва чароғи афрӯхтаи паёмовари суханро муддате куштанд ва дар ин лаҳзаи торик на танҳо маҷоли таҳарруфу такаллум намонд, балки бархе аз меросхӯрони сухани ноби порсии тоҷикӣ, ба шумули баъзе аз алоқамандони шеъру шоирӣ ва табақаи мумтозаи ҷамъият аз гуфтор бо забони ба истилоҳи маъмули тоҷикӣ, модарии худ сар метофтанд ё муколамаи порсиро барои худ айб медонистанд ва ё ин иҷозатро надоштанд. Далоили қотеу сотеъ ба иртиботи ин суҳбат ба ёд овардани таълифоти пажӯҳишгарони «улуми адабия» мебошад. Аммо замоне ҳам фаро расид, ки «кӯдаки навзоди сухани дарӣ ҷон гирифт ва шодобтару устувортар гардид» [2, с.228]. Ва ин даврони хонадони Сомониён буд, ки аз эҳёи муҷаддади гавҳари ноёби порсӣ оламиёнро мужда дод ва на ин ки «қиматӣ дурри дарӣ»-ро дар пеши пойи хукон марезонд, балки онро нируву тавонмандии тоза бахшид ва вориди арсаву саҳнааш кард, ки имрӯз мояи тафохури мо шуда.

Дар таърихи давлатдории кишварҳои Эрону Хуросону Варазрӯд маҳз шоҳони Сомонӣ бо баҳрамандии вофир ва вуқуфи комили хеш аз осори хаттиву шифоҳии гузашта имкони густаришу тавсиаи илму адаброро пайдо карданд ва дар ин роҳ аз ҳич мониае сар напечиданд. Ба фарҳангу аҳли ҳунар таваҷҷуҳи хосса доштани эшон бозгӯйи дилчаспии авлоду аҷдодашон ба он аст, ҳамчунонки аз мулоҳизаи Муҳаммад Истиъломӣ бармеояд:

«Шоҳони Сомонӣ китобхону сухандон буданд ва худ каму беш шеър мегуфтанд ва севумини эшон – Наср бинни Аҳмад, ки дурахшонтарин чеҳраи ин хонадон ва, ба гуфтаи Низомии Арӯзӣ, «воситаи иқди Оли Сомон буд, дар густариши сухани дарӣ ва қивоми шеъри порсӣ асаре бисёр дошт ва ӯ буд, ки бар боргоҳаш сухандононе чун Рӯдакӣ ба ному нон расиданд ва чунон осуда зистанд, ки шоире аз рашк ба фарёд омад, ки :

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш

Ато гирифт ба назми Калила дар кишвар» [3, с.28].

Воқеияти ин ақидаро, яъне огоҳии табори Сомониро аз осори пешин ва иродатмандиашонро ба сухан, ки беҳтарин арзиши фарҳангӣ хоҳад буд, аз ҳикмати «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ»-и Абӯмансур Муҳаммад бинни Абдуллоҳ ал - Муъаммарӣ– вазир ва аз ҷумлаи хешовандони Абӯмансур Муҳаммад бинни Абдураззоқи Тӯсӣ будааст, ки дар аҳди Сомониён масъулияти раёсати Тӯсу Нишопур ва валояту сипаҳсолории Хуросонро бар дӯш доштааст, дармеёбем.

То ҷойе ки ба хонандаи доно мафҳум аст, «Шоҳнома»-ро бо ситоиши сухан оғоз кардаву идома додааст ва ҷиҳати тасбити фикр андар бузургдошту волотарин нишонаи ҳастӣ шумурдани он ручӯъе фармудааст, ки хидмати ҳаводорони каломи бадеъ арз мешавад:

«…Чун шоҳи ҳиндувон, ки «Калила ва Димна», «Шонақ» ва «Ром ва Ромин» берун овард ва Маъмун – писари Ҳоррунаррашид, ки маниши подшоҳон ва ҳиммати меҳтарон дошт, як рӯз бо меҳтарон нишаста буд, гуфт:

– Мардум бояд ки то андар ин ҷаҳон бошанд ва тавоноӣ доранд, бикӯшанд, то аз ӯ ёдгоре бувад, то пас аз марги ӯ номаш зинда бувад.

Абдуллоҳ – писари Муқаффаъ, ки дабири ӯ буд, гуфташ, ки аз Кисро Анӯшервон чизе мондааст, ки аз ҳич подшоҳ намондааст.

Маъмун гуфт:

– Чӣ монд?

Гуфт:

– Номае аз Ҳиндустон биёвард, он ки Бурзуяи табиб аз ҳиндуӣ ба паҳлавӣ гардонида буд, то номи ӯ зинда шуд миёни ҷаҳониён ва понсад харвор дирам хазина кард.

Маъмун он номаро бихост ва он нома бидид, фармуд дабири хешро, то аз забони паҳлавӣ ба тозӣ гардонид.

Пас, амири саъид Наср бинни Аҳмад ин сухан бишнид, хуш омадаш, дастури хешро Хоҷа Балъамӣ бар он дошт, то аз забони тозӣ ба забонӣ порсӣ гардонад, то ин нома ба дасти мардумон андарафтад ва ҳар касе даст бад-ӯ андарзанад. Ва Рӯдакиро фармуд, то ба назм овард ва «Калила ва Димна» андар забони хурду бузург афтод ва номи ӯ бад-ин зинда гашт ва ин нома аз ӯ ёдгорӣ бимонд» [5, с.23].

Диққат ва эътибори сулолаи Сомониён ба масоили гунагуни тамаддун мабнӣ бар пояи дониш ва ҳофизаи таърихии онҳост, яъне иттилои комил аз қиссаву ривоёт, аз достонҳои паҳлавониву ҷавонмардӣ, дарки оқибати ҷангҳои харобиовар, хонабарандоз, одамкуш, ҷаҳонгириҳои пучу бемаънӣ ва шинохту эътирофи арзишҳои инсонӣ аз омилҳоеанд, ки маҳз дар ин айём майдони фарохи ҳунару илм фарочанг омад, забон ва адаби порсӣ мачроии хешро куллан ба ҷониби бозафзоӣ дигар кард. Аз даре дигар, Сомониён ғарази татбиқи аҳдофи сиёсии худ, яъне ҷилавгирӣ аз нуфузи идории хилофати арабу мақоми забони арабӣ ва дар паҳлуи ин таъмини истиқлолият, таъсис ва истеҳкоми давлати

мутамарказу пуриқтидори хеш аз чунин авомили боарзише, ба монанди **забон ва адаби** мардум, пурсамар истифода карданд ва онро дар қаламрави аморат чун забони маъмули расмӣ роҳ доданд. Батадриҷ шароити мусоиди рушду такомули он даст дод, аҳли қалам ҷиҳати офариниши осор ташвиқ гардиданд. Натиҷа пайдоиши девону рисолаҳои манзуму мансур ба забони порсии дарии тоҷикист, ки дар садаҳои пасин дар амри эҷод чун маншаъ ва манбаи илмҳои адибону олимон хидмат кардаанд. Ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома» -и Абулмуайяди Балхӣ, «Шоҳнома»-и Абӯалӣ Аҳмади Балхӣ ва «Шоҳнома» -и Абӯмансурӣ» -и Абӯмансур ал- Муъаммарӣ, ки аз он ёд кардем, намунаи боризи онҳост. Зимни ин навиштаҳо афкори худшиносӣ, миҳану қавмдӯстӣ талқин мешуд ва рӯҳи ягонагиву озодихоҳӣ, ҷонфидоӣ дар роҳи ҳимояи Ватан, ростнигарӣ ба кор ва оштинопазирӣ нисбат ба душман парвариш меёфт. Дар ин шоҳкорҳо баробари ҳидояти мазомини васфгардида паҳлуҳои назарии баъзе масоил низ, ки ҳаллу фасли онҳо ба табиати подшоҳони Сомонӣ мутобиат дошт, тарҳрезӣ мешуд. Ҳамчунин бархӯрд ба амали эҷодӣ, аз як сӯ, баёнгари эҳсоси масъулият ва мавқеъшиносии адибе буда бошад, аз сӯйи дигар, шиоргуна даъватест ба ҳаводорону ихлосмандони саҳнаи сухан, ки аз хӯрда гирифтани ин амр худдорӣ биварзанд. Инак, таваҷҷуҳ мефармоем ба андарзи дигари Абӯмансур ал -Муъаммарӣ:

«…Пас, доноён, ки нома хоҳанд сохтан эдун сазад, ки ҳафт чиз ба ҷой ованд мар номаро: яке бунёди нома, яке фанни нома, се дигар ҳунари нома, чаҳорум номи Худованди нома, панҷум моя ва андозаи сухан пайвастан, шашум нишон додан аз дониши он кас, ки нома аз баҳри ӯст, ҳафтум дурҳои ҳар сухане нигоҳ доштан» [3, с.24].

«Моя ва андозаи сухан пайвастан,… дурҳои ҳар сухане нигоҳ доштан» -ро донистан аз шартҳои ҳунармандиву ҳунарварист ва, воқеан, қиматмандии ҳар гуна навишта низ ба моя ва андозаи сухани он беш баста хоҳад буд.

Ба тарзе ки гуфта омад, дар китоби «Шоҳнома» -и Абӯмансур ал -Муъаммарӣ ду мавқеъ аз гиромидошти сухан ва риояи ҳадди корбурди он масъала дар миён аст, ки андешаи баланд андар мавзӯъ ба шумор хоҳад омад.

Устод Аӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, яке аз пешоҳангони забону адаби форсӣ–тоҷикист, шоири шоирон, парвардаи обу гили табиати пурсахои давлати Сомониён, ки овозаи шеъраш ба баҳру бар рафта. Эшон ёддоштгуна офаридае дорад мамлув аз сухани боҳасрати солҳои ҷавонӣ, айёми ҳукумати фарҳехтаи онон. Ин навишта далели раднопазири бархӯрдории умарои сомонӣ аз зиндагиву кори аҳли фарҳанг хоҳад буд. Ба қавли шоир, «чун мир суханро мебинад, дод аз мардии хеш медиҳад»:

Шуд он замон, ки ба ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.

Ҳамеша шеъри варо зи мулук девон аст,
Ҳамеша шеъри варо зи мулук девон буд.

Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.

Куҷо ба гетӣ буда- ст номвар деҳқон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.

Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургиву неъмат зи оли Сомон буд.

Бидод мири Хуросон- ш чил ҳазор дирам,
Дар ӯ фузунии як панҷ мири Мокон буд [5, с.11].

Зи авлиё-ш пароканда низ ҳашт ҳазор,
Ба ман расид бад-он вақт ҳоли хуб он буд.

Чу мир дид сухан, дод доди мардии хеш,
Зи авлиё-ш чунон, к-аз амир фармон буд [6, с.34].

Дар сурудаи дигар, ки «Дер зиёд он бузугвор Худованд» номгузорӣ шуда, устод Рӯдакӣ бо камоли хирадмандиву суханронии шоҳ лаб ба тараннум боз менамояд:

Аз маликон касе чун ӯ набувад ҷавоне
Роду сухандону шермарду хирадманд…

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
Ҳамчу «Абасто» - ст фазлу сирати ӯ «Занд»… [4, с.23].

«Хамрия» -и шоир низ тақрибан ҳовии чунин мазмун аст. Ин ҷо Наср бинни Аҳмади Сомонӣ дар забону илму ҳикмат ба Луқмони Ҳаким монанд мешавад, марди хирадро аз суҳбати ӯ адаб меафзояд ва марди адабро хирад афзун мегардад ва аз сухани ӯ нуҳусати кайвон мар инсонро саъд мешавад ва агар шоири тиҳидасту фақир зийи ӯ биравад, бо зари

бисёру қуту харчӣ бозмегардад ва агар бихоҳем аз дидгоҳи адиб, ки «Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон» гуфта ва пояи ҳунари ӯро нақдшиносон саҳли мумтанеъ хондаанд, ба иқтизои саноеи баён назар дошта бошем, месазад, ки ду қитъа байти матни «Хамрия» -ро холису возеҳ баргузинем:

Марди суханро аз ӯ навохтану бир(р),
Марди адабро аз ӯ вазифаи девон…

Инак, мадҳе чунонки тоқати ман буд:
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон [6, с.48].

Қасди сароянда аз «Гӯш зийи мардуми сухандон доштан», ба андешаи мо, ҷалби таваҷҷуҳи хоссу ом ба мавзӯъ хоҳад буд:

Ҳамеша чашмам зи зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зи мардуми сухандон буд [6].

Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо вуҷуди муҳити созгори офариниш, бо дарназардошти шебу фарози рӯзгор хостааст, ки ҳич касе аз ҳадду андозаи сухан берун ҳарфе такаллум нанамояд ва аз қавли довари мо, яъне замона, гӯшрас мекунад:

Замона гуфт маро: «Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст» [6].

Рӯдакии чарбгуфтору чиразабон фикри «Ба ҷойгаҳ гуфтани суханро» низ ба ин хотир талқин менамояд:

Забон чӣ моя тавон доштан чунин ба наём,
Сухан бибояд гуфтан ба ҷойгаҳ тамом.

Газанди хомӯш будан ба ҷойгоҳи сухан
Баробар ояд бо гуфтани соком [6, с.135].

Дарбори фарҳангзову адабпарвари Амир Нӯҳи Сомонӣ Абӯшакури Балхиро ба камол расонд. «Офариннома»-и ӯ рамзи сипосу эҳтиром ба ин салтанат аст:

Ҳудованди мо–Нуҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳри Ирон бигустард дод [7, с.216],

яъне ончунон салтанате, ки ниёз ба «сухани гавҳарогин» дорад, ки бунёдаш баста ба дониш хоҳад буд:

Чун пухта шавад талх, ширин шавад,
Ба дониш сухан гавҳарогин шавад [6, с.82].

Ин матлаъбайтест андар ниёиши сухан, ки аз соҳати пурхиради «Офариннома» берун меояд. «Сухан» -и донишбунёди Абӯшакури Балхӣ «дуррест, ки тааллуқ ба гӯши шаҳ дорад» ва гадотабъон онро фурӯмоя хоҳанд сохт:

Сухан гарчӣ бошад гаронмоятар,
Фурӯмоя гардад зи кампоятар [6, с.82].

Боз ҳам, орзуи шоир сухани некуи бузургон аст ва дар пояи он мартабаи шоҳиро дидан хостааст, зеро ки «сафолин нигин» аз ангушти шоҳон ба чашми кеҳтарон беҳ аз «нигини бадахшӣ бар ангуштарӣ» мебошад:

Сухан, к-аз даҳони бузургон равад,
Чу неку бувад, достоне шавад.

Нигини бадахшӣ бар ангуштарӣ,
Зи кеҳтар ба камтар харад муштарӣ.

В-аз ангушти шоҳон сафолин нигин,
Бадахшонӣ ояд ба чашми киҳин [6, с.85].

Абӯшакури Балхӣ аз фарози ин дидгоҳ ба баррасии ин «муаммо» саъй варзида ва хостори аз пироҳани андеша сар бадар кардани сухан аст:

Сиголиш бибояд ба ҳар кор ҷуст,
Сухан бе сиголиш наёяд дуруст [2, с.5].

Абӯшакури Балхӣ дар адабиёти форсӣ–тоҷикӣ нахустин сарояндаест, ки аз нигоҳи суду зиён суханро ба заҳру позаҳр:

Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармону дард [6, с.84].

аз ҷиҳати зарбу муассирӣ ба алмосу теғ ташбеҳ мекунад:

Шунидам, ки бошад забону сухан
Чу алмоси буррону теғи куҳан… [6, с.85].

Чу алмос, к-оҳан бибуррад ҳаме,
Сухан низ дилро бидаррад ҳаме [6, с.94].

Шоир дар рангрезиву ҷило забону суханро ба **ёқут** ҳамгун медонад:

Чу ёқут бояд сухан бар забон,
Сабуксанг, лекин баҳояш гарон [6, с.84].

Сухан ҳомили ниpуи аpзанда ва вайpониовap аст, ба нapми-ш метавонад моppо зи сӯpох беpун кунад ва ба сapди-ш минбаpу доppо аз ҳам пошад:

Сухан бифканад минбаpу доppо,
Зи сӯpох беpун кашад моppо.

Сухани аз даҳон баpомада тиpи аз камон ҷастаpо мемонад,ки бозпас нахоҳад гашт:

Наёяд дигаpбоpа зиии маpд он
Сухан, к-аз даҳан ҷасту тиp аз камон [6, с.95].

Ва чун самаpа ва меваи ҳаp сухане ба гӯяндаи он «боз меpасад»:

Баpи ҳаp сухан боз гӯё pасад,
Чунон к-оби даpё ба даpё pасад [6, с.84].

Сухан то нагӯйӣ, туpо зеpдаст
Забаpдаст шуд, к-аз даҳони ту ҷаст [6].

шоиp салоҳи коppо дap баёни забону сухани лабpез аз сиголиш мебинад. Ин забоноваpи мумтоз **сухани некp**о, ки муҷиби шодиву хушҳолист, ҳосил аз андешаи пухта медонад ва касони ба неку бади он бепаpвоpо мавpиди накуҳиш қаpоp медиҳад:

Касе, к-ӯ ба неки сухан шод нест,
Баp ӯ неку бад ҳаp чӣ бошад, якест [6].

Сухан, к-аз даҳон ноҳумоюн ҷаҳад,
Чу моp аст, к-аз хона беpун ҷаҳад [6, с.85].

Андаpзи шоиp дap ин мавзӯъ аз даpёи ёддошт ва сабақи таъpих об мехӯpад. Таpғибу ташвиқи фикpи ботааммул бад-ин ҷиҳат аст.

Абӯшакуpи Балхӣ каломи носудмандpо наҳӣ мезанад:

Сухан, к-андаp ӯ суд, на ҷуз зиён,
Набояд, ки pонда шавад баp забон [6].

забони сустpо, ки муҷиди афкоpи пӯшидаву мубҳам аст, низ дӯст медоpад:

Забонpо мадоpед ҳаp ҷой суст,
Ки то pоз-тон кас надонад дуpуст [6, с.94].

Маҳфили фаpоҳамсохтаи Сомониён дap олами эҷод шабеҳи озмунгаҳе буд, ки ҳаp кадом аз аҳли табъ қудpати хешpо меозмуд ва баp асаpи кӯшишу пӯйиш осоpи адабии гаpонмоятаp ба вуҷуд меомад, ки дap маҷмӯъ боиси шукуфониву шуҳpати забону адаби поpсии тоҷикӣ мегаpдид. Аз ҷониби дигаp, пиpӯзмандҳои аpсаи хиёлу андеша подош даpмеёфтанд ва, ба таъбиpи дигаp, тақдиp мешуданд. Ва аз ин иқболи онон оташи pашку ҳасади нотавонбинон забона мезад, аз ҷумла, ҳамасpи устод Pӯдакӣ Абӯзиpоаи Маъмаpии Ҷуpҷонӣ даъвии тафохуpи шоиpӣ каpда, ин гуна суpудааст:

Он ҷо, ки диpам бояд, диноp баpандозам
В-он ҷо, ки сухан бояд, чун мум кунам оҳан [6, с.172].

Нақизаи сухани ӯ ба pағми ҳунаpи устод Pӯдакӣ натиҷаи ин ҳасодат аст:

Агаp ба давлат бо Pӯдакӣ наменонам,
Аҷаб макун, сухан аз Pӯдакӣ на кам донам.

Агаp ба кӯpии чашм ӯ биёфт гетиpо,
Зи баҳpи гетӣ ман кӯp буд натвонам.

Ҳазоp як з-он, к-ӯ ёфт аз атои мулук
Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазоp чандонам [6, с.173].

Сухан кӯтоҳ, таъpихномаи маpдуми мо шомили далелҳои созгоpиву мусоидати ҳукумати Сомониён ба pивоҷу pавнақи тамаддуни оpиёӣ, бавижа, забону адабиёти фоpсии дapии тоҷикӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулшани адаб. Намунаҳои назми тоҷикии асpҳои XVI–XVIII. Ҷ. 4 / Таҳияи Аълохон Афсаҳзод, Ҷобулқо Додалишоев, Лола Сулаймонова, Шамсиддин Нуpиддинов. – Душанбе: Ипфон, 1977. – 386 с.
2. Алиасғаpи Шеъpдӯст. Чашмандози шеъpи имpӯзи тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1997. - 272 с.
3. Муҳаммад Истиъломӣ. Баppасии адабиёти Эpон. Нашpи Эpон. – Теҳpон: Интишоpоти Амиpи Кабиp, 1338. – 241 с.
4. Дуpдонаҳои наср. Намунаҳои насpи фоpсу тоҷики асpҳои IV–XIII Ҷ. 1 / Таҳияи Аълохон Афсаҳзод, Амpияздон Алимаpдонов, Ҷобулқо Додалишоев. – Душанбе: Ипфон, 1987. – 560 с.
5. Гулшани Адаб. Намунаҳои назми фоpсу тоҷики асpҳои IX-XIII / Таҳияи Камол Айнӣ, Баҳpом Сиpус, Аълохон Афсаҳзод, Ҷобулқо Додалишоев. – Душанбе: Ипфон,1975. – 432 с.
6. Пешоҳангони шеъpи поpсӣ. Нашpи Эpон / Ба кӯшиши Муҳаммад Дабиpи Сиёқӣ. – Теҳpон, 1370. – 285 с.
7. Миpзозода Холиқ. Таъpихи адабиёти тоҷик. Аз давpаи қадим то асpи XIII Китоби 1 (1) / Холиқ Миpзозода. – Душанбе: Маоpиф, 1987. – 488 с.

СУХАН ВА ҶОЙГОҲИ ОН АЗ ДИДГОҲИ АДИБОНИ АҲДИ СОМОНИЁН

Забон ва **сухан** омилҳоеанд, ки замонҳоpо бо ҳам пайванд месозанд. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз унсуpҳои муҳимми pобитаи одамон дap ҷамъият ҳисоб меёбанд. Бо дapназаpдошти ин нукта шоиpи шаҳиpи тоҷику фоpс Бадpиддин Ҳилолӣ (асpи xvı) мавҷудияти ҳаёту зиндагиpо вобаста ба **забону сухан** маънидод каpдааст, яъне гуфтааст, ки агаp сухан намебуд, нишон аз одаму олам ҳам намебуд. Воқеан, ҳамин гуна аст: инсон бо

сухану **забон** инсон аст. Истифода аз ин унсурҳои боарзиш ба пайдоиши инсон ва мавқеи ҷамъиятии он иртибот мегирад. Дар таърихи тамаддуни мардуми ориёинажод (давраи то милод) чун воситаи мубодилаи афкор бори нахуст барои Зардушт ва наздикону пайравони ӯ хидмат кардаанд, ки дар китоби «Авасто» бозтоб дорад. Яъне Зардушт бо каломи муқаддаси худ ба мардум вазъ гуфт ва ваҳйи Худовандро ба инсон расонд. Дар аҳди Сомониён (давраи милодӣ, ҳудудан асрҳои 11–V1 милодӣ) низ **сухан** чойгоҳи бузург дорад, тавассути он осори зиёде офарида шудааст. Аз ҷумла, дар яке аз навиштаҳо омадааст, ки **сухан нарм гӯ ва андеша фрорун (фаровон) ор.** Замони Сомониён (асрҳои IX–X–и милодӣ) давраи сеюми инкишофи забон ва адабиёти мардуми ориёитабор ба шумор меравад. Дар ин айём илму адаби мардумони тоҷику форс ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасад. Ба забони тоҷикӣ – форсӣ осори зиёде таълиф меёбад. Аз ҷумлаи адибони вақт, устодони сухан Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва ҳамасрони онҳо дар зимни шеъру достонҳои худ ба мақоми **забон** ва **сухан** ҳам андарзҳои судманд арза доштанд. Бар илова, калимаҳои **забон** ва **сухан** бо тавсифҳои бисёре корбурд доранд, ки дар мақола пиромуни онҳо сухан рафтааст.

Калидвожаҳо: вожа, сухан, арзиш, замон,Сомониён, адибон, осор. ҷойгоҳ.

МЕСТО РЕЧИ В ТВОРЧЕСТВЕ ЛИТЕРАТОРОВ ЭПОХИ САМАНИДОВ

Язык и речь являются важнейшими времясвязывающими факторами. Поэтому считаются основным элементом межчеловеческого общения в обществе. Выдающийся таджикский поэт Бадриддин Хилоли, существование жизни связывает с языком и речью, т.е. он говорит: «Если бы не было речи, то не было бы и человечества». В действительности это так и есть, человек является таковым благодаря языку и речи. Использование этих значимых элементов связано с появлением человека и его общественного положения в истории цивилизации арийцев (до нашей эры), их роль как средство общения Зардушта, его близких и последователей, о чем свидетельствует священная книга «Авеста», т.е. Зардушт, используя свою священную речь, говорил с народом и передавал божий глас. Речь занимает большое положение также в эпоху Саманидов (примерно II-IV века нашей эры), так как посредством речи было сочинено множество произведений. В частности, в одном из произведений говорится: **сухан нарм гӯ ва андеша фрорун** (фаровон) **ор** (хорошо обдумывая, будь мягок в [речи]. Эпоха Саманидов является третьим периодом развития языка и литературы арийцев. В это время филология таджикско-персидского народа достигла пика своего развития. Появляются множество произведений на этом языке. Из числа литераторов того времени мастера слова, такие, как Абуабдулло Рудаки, Абулкосим Фирдавси и их соратники, уделяя особое место положению языка и речи, давали полезные наставления в своих произведениях. Также в статье идет речь о многогранном значении языка и речи (забон ва сухан).

Ключевые слова: слова, речь, ценность, эпоха, Саманиды, творчество, место.

PLACE OF SPEECH IN THE WORKS OF WRITERS OF THE SAMANID ERA

Language and speech are the most important timebinding factors. This is considered to be the main element of inter-human communication in society. The outstanding Tajik poet Baddriddin Hiloli, the existence of life binds with language and speech, ie he is talking if there was no speech, there would be no humanity. By the way, this is true, man is so due to language and speech. The use of these important elements is connected with the appearance of man and his social position in the history of the Civilization of the Orians (BC), their role as a means of communication zardusta, his relatives and followers, as evidenced by the holy book "Avesta" . That is, Zardust, using his sacred speech, was talking to the people and passed the voice of God. It occupies a great position also in the epoch of Samanids (about 11-1V centuries of our era), because through it was composed a lot of works. In particular, one of the works says: suhan narm gў wa andesha frorun (farowon) or (well thought out, be gentle in [speech]. Pondering be soft in speech). The Samanids era is the third period of the development of the language and literature of the Aryans. At this time the philology of the Tajik-Persian people is being made as its progress. Many works appear in this language. From among the writers of that time the masters of the word, such as Abuabdullo Rudaki, Abulkosim Firdavsi and their associates, giving a special place to the position of language and speech, gave useful instructions in their creations. The article also refers to the multifaceted meaning of language and speech (zabon wa suban).

Key words: words, speech, value, epoch, Samanids, work, place.

Сведения об авторе: ***Сулаймон Анвари*** - Таджикский националыный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-600-33-10**

Information about the author: ***Sulaymon Anvari*** - Tajik National University, candidate of philological science, associated professor of the department of Tajik language and the method of teaching Tajik literature and language. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-600-33-10**

УДК: 8 тоҷ. 2.

НИГОҲЕ ДИГАР БА ЗИНДАГИНОМАИ СОИНУДДИН ХУҶАНДИИ ИСФАҲОНӢ

Мирзоев С.Х.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Афзал-ул-муҳаққиқин Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад Хуҷандии Исфаҳонӣ (1370-1433) маъруф ба Ибни Турка яке аз фарзонагони рӯзгори Шоҳрухи Темурӣ аст, ки дар ҳавзаҳои мухталифи тааммул ва тафаккури исломӣ, қаламрави адабиёти форсии тоҷикӣ ва арабӣ ҷойгоҳи вижае дорад. Вай “муҳимтарин ҳалқаи робита миёни Садрои Шерозӣ, Бӯалӣ Сино ва Суҳравардӣ ва Ибни Арабӣ ва Насириддини Тӯсӣ аст”, ки бидуни ӯ мактаби адабӣ ва фикрии Исфаҳон қобили мулоҳиза нест [14, чиҳил]. Аз бузургтарин хидматҳои Соинуддин Алӣ, ки ӯро дар олами андеша ва тафаккур шуҳратёр гардонидааст, наздик сохтани ҷаҳоншиносии ишроқ, ирфон, фалсафа ва дин мебошад.

Мутаассифона, аҳволу афкор ва хусусиёти сабкии осори Соинуддини Хуҷандии Исфаҳонӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба сурати комили илмӣ муайян нашудааст ва хонандагони тоҷик аз вуҷуд доштани чунин шоир ва нависандаи тавоно огаҳӣ надоранд, ҳатто ҷомеаи фарҳангии форсизабонон ҳам. Дар нигоҳи аввал бад-он сабаб аст, ки тамоми осори нависанда ба нашр нарасида ва мавриди нақду баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст, бинобар ин, корномаи илмӣ ва адабии он мастур мондааст. Дар нигоҳи дуюм, адабиётшиносон ва аҳли таҳқиқ бар бисёре аз осори ӯ даст наёфта ва онҳоро нашинохтаанд, чӣ расад ба табъу нашр [14, ҳаштоду ҳашт]. Ногуфта намонад, ки нигорандаи ин мухтасар перомуни ҷаҳоншиносӣ ва вижагиҳои сабкии баъзе осори насрии Соинуддини Хуҷандӣ бамаврид сухан гуфтааст**. Бинобар ин, дар ин навишта муносиб менамояд, ки танҳо доир ба асолати номи пурраи нависанда, санаи валодат ва баъзе савонеҳи зиндагии Соинуддин дар такя ба осори худи ӯ, ки лутфе дигар дорад, таваҷҷуҳ намоем. Ин баҳс аз он рӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ки бархе аз муҳаққиқон ва муаррихон дар таъйини ному насаб, санаи валодати Соинуддин ва гузаштагонаш ба хато рафтаанд. Аз ин рӯ, дар барқарорсозии тарҷумаи ҳоли Соинуддини Хуҷандӣ нахустин масъалае, ки бояд дақиқан ҳал шавад, асолати ному насаби пурраи нависанда аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки замони ширкат дар 31-умин давраи донишафзойи Донишгоҳи байналмилалии Қазвин (3-31августи 2014) аз Китобхонаи маҷлиси шӯрои миллии Эрон дастхате таҳти шумораи 10196 пайдо намудем, ки дар он “маҷмӯаи расоили Соинуддин” ҷой дорад, ки дар рӯзгори муаллиф китобат шуда, шомили 53 китобу рисола, номаҳо ва намунае чанд аз ғазалҳо ва рубоиҳои форсии тоҷикӣ ва арабии суханвар мебошад [17]. Сабти нусха дақиқ ва қобили эътимод буда, дар чандин мавзеи он хат ва имзои муаллиф ба назар расид [7]. Дар поёни аксар китобҳо ва рисолаҳои ҳамин маҷмӯа, ки баъзе бо хатти ӯст, ё дар замони ӯ китобат шудаанд, номаш Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад омадааст. Масалан, дар поёни китобҳои “ал- Мафоҳис”, “Шарҳи “Фусу-ул ҳикам” ва ғ. Адабиётшиноси эронӣ Иброҳими Дебоҷӣ ҳам, ки дар вақташ бо ин нусха дастрасӣ дошта, чунин андешаро баён кардааст [14, сию ду]. Аз миёни донишмандони асримиёнагӣ Фасеҳи Хофӣ қадимтарин касе аст, ки дар бораи ӯ сухан мегӯяд ва номашро Алӣ, лақабашро Соинуддин забт кардааст [20, с.275]. Худи Соинуддин дар “ат-Тамҳид фӣ шарҳи қавоиди-т-тавҳид”, ки китобе аст дар тавҳид ба равиши ирфони Ибни Арабӣ дар шарҳи “Қавоиди-т-тавҳид” номи ҷаддашро Садриддин Муҳаммад ёд мекунад. Ҳамчунин Фасеҳи Хофӣ ҳам падари Соинуддинро Хоҷа Афзалуддин ва ҷадди бузургворашро Хоҷа Садриддин медонад. Адабиётшинос Муҳаммадтақии Баҳор, ки бо маҷмӯаи расоили Соинуддин ошно буд, барои аввалин бор ӯро ба унвони Хоҷа Сайид Соинуддин муаррифӣ карда, яъне унвони “ Сайид”- ро ба ному нишони ӯ афзудааст [1, с.224]. Худи Соинуддини Хуҷандӣ ҳам дар поёни “ Рисолаи нуқта”, бо хатти худаш чунин навиштааст: “Нақл аз Сайид Алӣ мешавад” [17, с.124]. Шамсуддин Котибии Нишопурӣ, ки дар илми тасаввуф назди Соинуддин рисолаҳо хонда ва касби камол ҳосил сохт, дар қасидае, ки бо матлаи:

Хуш он диле, ки макон боғи ломакон гирад,
Ба дасти ҷон, самар аз нахли ҷовидон гирад ...

оғоз мешавад, ба мадҳи устоди хеш пардохта, дар он нақши иршодии Соинуддин ва иродати худро бад-ӯ таъкид кардааст. Ҳамчунин, дар ин қасида ба мансаби қазои Соинуддин ва номи ӯ, яъне Алӣ ишорае ҳам шудааст:

Сутуда Соини дунёву дин Алӣ, ки қазо
Чу қозии фалак аз ҳукми ӯ нишон гирад.
Замири ӯ ба ҷаҳонгири ар шавад моил,
Чу нури субҳ ба як дам задан ҷаҳон гирад... [11, с.241-242].

Дар поёни китоби «Ал-маноҳиҷ фи-л-мантиқ» - и Соинуддин бошад, ному насаби вай ба қарори зайл омадааст: Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Турка ал-Хуҷандӣ ал-Исфаҳонӣ аш-шофеъӣ [14, с. 149].

Пас, дар такя ба санадҳои мазкур ному насаби кулии ӯ Сайид Соинуддин Алӣ ибни Афзалуддин ибни Муҳаммад ибни Абӯҳомид Садруддин Муҳаммад Туркаи Хуҷандии Исфаҳонӣ аст. Аз ин ҷо лақаби нависанда Соинуддин, номаш Алӣ, номи падараш Афзалуддин ва номи ҷаддаш Садриддин Муҳаммад ва тахаллуси шоириаш “Алӣ” будааст, ки маъхуз аз нисбаи ӯст. Аслу насабаш аз Хуҷанд, аммо дар Исфаҳон зода ва парвариш ёфта, шофеимазҳаб будааст. Чунонки гуфта омад, ин баҳс аз он сабаб мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки бархе аз донишмандон дар таъйини ному насаб, санаи валодати Соинуддин ва замони зиндагии ӯ иштибоҳ кардаанд.

Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим», дар равзаи дувум, зикри фузало ва муҳаққиқин аз ӯ бо нишони «Соини Исфаҳонӣ» ёд карда, чунин гуфтааст: «Исмаш Хоҷа Соинуддин

** Барои маълумоти бештар доир ба зиндагинома ва ҷаҳоншиносии Соинуддини Хуҷандӣ мулоҳиза фармоед ба китоби муаллифи ин мақола: “Вежагиҳои сабкӣ ва бадеии осори насрии «Ақлу ишқ» ва «Атвори салоса»-и Соинуддини Хуҷандӣ. - Хуҷанд: Ношир, 2013. - 232 с.

Алии Турка аз фузало ва ҳукамои рӯзгор буда, дар тозӣ ва дарӣ таълифот фармуда [10, с.451]. Мусаннифи китоби “Суллам-ус-самовот” ва баъзе донишмандони рӯзгори мо, аз ҷумла Мӯсавии Беҳбаҳонӣ ва Иброҳими Дебоҷӣ низ ба табъи Розӣ ӯро ба унвони “Хоҷа” муаррифӣ кардаанд [2, с.1; 13, чиҳилу шаш]. Муҳаммад Муфидӣ ҳам гуфтаҳои муаллифи “Суллам-ус-самовот”- ро дар ин бобат айнан меорад [3, с.302]. Аммо дар навиштаҳои ҳамзамонон ва мутақаддимони ӯ дар ин бобат нишонае нест, шояд иллати ин амр он аст, ки муаллифи “Муҷаммал фасеҳо”, ки муосири ӯст аз падари Соинуддин ба унвони ифтихории “Хоҷа”, яъне Хоҷа Афзалуддин ёд кардааст ва ояндагон ҳам ба ҳамин тартиб, писари ӯро Хоҷа Соинуддин гуфтаанд ва устод Баҳор бошад аз рӯйи эҳтиром ва иродат унвони “Хоҷа”-ро бо ному насаби Соинуддин илҳоқ кардааст, зеро дар маҷмӯаи расоили Соинуддин [17] чунин нишон ба назар нарасид ва ҳамчунонки дар боло ишора кардем, вай худашро Сайид гуфтааст [17, с.124].

Мирзо Муҳаммадалӣ дар “ Райҳонат-ул- адаб ” [8, с.344] ва Оқобузурги Теҳронӣ муаллифи “ аз - Зариъа” номи падарашро Муҳаммад ибни Афзалиддин Муҳаммад зикр кардаанд [19, с.570]. Адабиётшинос Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ зимни муаррифии расоили Соинуддин, аз китоби “Мафоҳис” - и вай ёд карда, ба иштибоҳ номи ӯро “ Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ” нишон додааст [5, с.308]. Донишманди маъруф Саъид Нафисӣ ҳам ба гунаи дигар аз воқеият дур рафтааст. Бино ба навиштаи вай “Хоҷа Зиёуддин Муҳаммад ду писар дошт, яке Хоҷа Ҷамолиддин ва дигаре Хоҷа Ҳабибуллоҳ, ки дар роҳи Макка кушта шудааст ва аз ӯ ду писар мондааст: Афзалуддин Муҳаммад ва Зиёуддин Алӣ. Зиёуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Садриддин Муҳаммад писаре доштааст, бо номи Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Турка...”[18,чиҳилу ҳафт]. Яъне, марҳум Саъид Нафисӣ як насл дар миёни Соинуддин ва падараш афзуда, Соиниддинро ба иштибоҳ писари Зиёуддин Алӣ, писари Муҳаммад, писари Садриддин Муҳаммад медонад. Ин печидагиҳо ва иштибоҳот аз он ҷо сар мезанад, ки номҳо ва лақабҳои ашхоси хонадони хуҷанди Исфаҳон дар тӯли 500 сол доиман такрор шудааст. Бинобар ин, падари як нафар бар нафари дигар, ки ҳамноми ӯ бошад, нисбат дода мешавад. Хосса, имрӯз пас аз гузашти бештар аз 800 сол чунин печидагӣ ва мушкилиҳо дучанд мешавад. Масалан, нахустин донишманди хонадони Туркаи Хуҷанди Исфаҳон Абӯҳомид Садриддин Муҳаммад (ҷадди Соинуддин зинда то соли 1318 м.) аст ва афроди дигари ин хонадон, ки теъдодашон ба 7 нафар мерасад, чунин ном доштанд: Афзалуддин Муҳаммад (падари Соинуддин), Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад (770- 836ҳ./ 1370- 1433м.). Афзалиддин Муҳаммад ибни Садруддин (ваф. 850ҳ./ 1446 м.), Афзалиддин Ҳабибуллоҳ (мутав. 991ҳ./ 1583м.) Ҷалолиддин Муҳаммад, Зиёуддин Алӣ ва Мулло Музаффар, ки ба як сабку қолаб номгузорӣ шуда, пайдост, ки лақабҳои Садриддин, Афзалиддин такрор шудаанд. Нахуст ин афроди маъруфи хонадони Хуҷанди Исфаҳон бошад Абӯбакр Муҳаммад ибни Собити Хуҷандӣ (ваф. 483ҳ./1090 м.), буд, ки унвони ифтихории “Садри Хуҷандӣ” дошт ва раёсати мазҳабии хуҷандиёни Исфаҳон ин унвони ифтихориро барои чандин нафари онҳо яке пас аз дигаре сазовор донистааст. Ҳатто падари Соинуддин Алӣ Афзалуддин Муҳаммад ҳам унвони ифтихории “Садри Туркаи Хуҷандӣ” дошт [14, бисту ҳафт]. Аз ин рӯ, адами таваҷҷуҳи кофӣ мӯҷиб мегардад, ки дар таъйини ному насаб, зиндагинома ва осори афроди хуҷандиёни Исфаҳон иштибоҳ ва печидагиҳо ба миён ояд.

Дар навиштаҳои муосирон ва ҳамзамонони Соинуддин Алӣ доир ба кунияи ӯ сухане нарафтааст, вале баъзе донишмандон кунияи ӯро “Абӯмуҳаммад” донистаанд. Аз ҷумла, адабиётшинос Беҳбаҳонӣ барои аввалин бор кунияи ӯро Абӯмуҳаммад навиштааст [4, с.110]. Минбаъд адабиётшиносон Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ [5, с. 297], Иброҳими Дебоҷӣ [14, сию ду] ба табъи ӯ кунияи Соинуддинро “Абӯмуҳаммад” навиштаанд. Иллати ин амр шояд мавҷуд будани фарзанде ба номи Муҳаммад, ки Соинуддин китоби “ ал-Маноҳиҷро” дар мантиқи суварӣ ба забони арабӣ барои ӯ навиштааст, мебошад. Худи Соинуддин дар муқаддимаи китоб ҳам ишора мекунад, ки бо дархости фарзанди худ Муҳаммад дар илми “назр ва мизон”, яъне мантиқ китобе барояш навиштааст [**14, с.**1].

Дар маҷмӯаи расоили Соинуддин, ки дар боло зикр намудем, гузашта аз осори насрии ӯ дар пушти як варақи он таҳти унвони “манзумоти ҳазрати Алӣ алайҳӣ саломуллоҳ” 10 ғазал, 5 рубои, 4 фардбайт ва чанд ашъори арабии ӯ ёддошт шудааст [17, с.121]. Ашъоре, ки дар ин нусха таҳти унвони “манзумоти ҳазрати Алӣ саломуллоҳ” сабт гардида, бозгӯи сабки нависандагӣ ва ҳунари шоирии Соинуддин буда, вай дар ин ашъор “Алӣ” тахаллус кардааст. Таври намуна:

Чун ёр, лаб кушуд дигар дам мазан, Алӣ,
Муҳраш бинеҳ хазина, ки хотам падид шуд.

Аммо Муҳаммадтақӣ Донишпажӯҳ дар такя ба гуфтаҳои Ризоқулихони Ҳидоят тахаллуси ӯро “собир” навишта ва чунин тавзеҳ ҳам дода, ки гӯё ба иллати иштибоҳи матбаъа вожаи “соин” ҳангоми чоп “собир” шудааст [5, с.47]. Ёдоварӣ бояд кард, ки андешаи адабиётшинос Донишпажӯҳ дар ин бобат қобили истиқбол буда наметавонад, зеро аз ашъори дар ин дастхат омада ҳам маълум гардид, ки тахаллуси Соинуддини

Хуҷандӣ дар шеър «Алӣ» будааст. Бархе ҳам навиштаанд, ки дар ҳеҷ як ашъори мавҷуд аз Соинуддин тахаллуси “Соин” ё “Собир” дида нашудааст [14, панҷоҳу се].

Валодат ва вафот. Нависандагони тарҷумаи аҳвол ва соҳибони тазкираҳо роҷеъ ба таърихи валодати Соинуддин чизе нагуфтаанд. Бинобар ин, муаллифони маъхазҳои дигари асримиёна ҳам аз ибрози матолибе дар ин маврид иҷтиноб варзидаанд. Адабиётшинос Мусавии Беҳбаҳонӣ навиштааст, ки «Дар боби таваллуди вай (яъне Соинуддин- С.М) иттилое дар даст нест» [4, с.103]. Бино ба қавли Муҳаммадалӣ Мавлавӣ Соинуддин набераи Садриддини Хуҷандӣ буда, дар солҳои 50-уми садаи VIII ҳ /. XIVм. дар Исфаҳон зода шудааст [6, с.658]. Муҳаққиқи таърихшиноси тоҷик Луқмон Бойматов дар ин маврид гуфтаҳои Муҳаммадалӣ Мавлавиро такрор кардааст: «Вай (яъне Соинуддин – С.М) аз хонаводаи Садриддин Туркаи Хуҷандӣ аст ва тақрибан дар даҳ панҷи садаи VIII ҳ. /. XIV м. дар шаҳри Исфаҳон чашм ба дунё кушодааст» [2, с. 49]. Аз ин мулоҳизаҳо пайдост, ки дар ҳеҷ як аз сарчашмаҳои хаттӣ ва чопии мавҷуд ба таърихи таваллуди Соинуддин Алӣ ишорае нашудааст. Аммо худи Соинуддин дар китоби «Нафсат-ул-масдури аввал»[††], ки дар ҳаштуми раҷаби соли 829ҳ/. 16 майи 1426 м. хитоб ба Шоҳрухи Темурӣ навиштааст, равшан мекунад: «Ҳол он аст, ки ин фақирро (яъне Соинуддин- С.М) панҷоҳу нуҳ сол аз умр гузашта» [15, с.170]. Пас, бо такя ба санаи навишти ин рисола (829 ҳ.), агар панҷоҳу нуҳро аз он тарҳ кунем (829-59=770) дар натиҷа 770 ҳичрӣ мешавад. Соли 770 ҳичриро ба солшумории милодӣ гардонем, соли 1370 милодӣ ҳосил мешавад. Пас, таърихи валодати Соинуддини Хуҷандӣ дақиқан соли 1370 милодӣ иттифоқ афтодааст. Адабиётшиноси эронӣ Иброҳими Дебоҷӣ ҳам, ки рисолаи “ Нафсат-ул- масдур”- и Соинуддинро мунташир намуда, ба ин нукта ишора кардааст [14,сию чаҳор] . Аммо таърихи даргузашти ӯро аз соли 830ҳ. / 1427м. то соли санаи 836 ҳ./ 1433 м. ба ихтилоф навиштаанд. Хондамир (ваф. 941 ҳ.) таърихи даргузашти ӯро соли 830ҳ./1427 м. қайд кардааст, ки саҳеҳ нест [20, с.9-10]. Зеро ҳодисаи корд задани Аҳмади Лур Шоҳрухро дар Ҳирот ба ҳамин таърих рост меояд, ки ба дунболи он иддае аз донишмандон аз шаҳр берун карда шуда ва Соинуддинро ба маҳбас гирифта буданд. Пас аз зиндон, Соинуддин ба Шоҳрух дидор намуда, муддате қозии шаҳри Нишопур ҳам баргузида шудааст [3, с.104]. Илова бар ин, бо таваҷҷуҳ ба рисолаҳое, ки Соинуддин баъд аз ин таърих нигоштааст, назари Хондамир наметавонад қобили қабул бошад. Масалан, “Шарҳи “Фусу-ул-ҳикам”-ро дар соли 831ҳ./ 1428 м. навиштааст ва рисолаи “Мабдаъ ва маод”- ро соли 832 ҳ./ 1429 м. Шояд сабаби ба иштибоҳ роҳ додани муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» он бошад, ки ӯ санаи ҳабс ва мусодираи молу мулкашро ба манзалаи таърихи вафоташ пиндоштааст. Ё аз он ношӣ бошад, ки дар қарни нуҳуми ҳичрӣ суханваре бо тахаллуси «Соинӣ»[‡‡] низ зиста, санаи 830ҳ./1427 м. ха[онро бидруд гуфтааст. Баид нест, ки Хондамир санаи даргузашти «Соинb»-ро ба Соинуддин интисоб дода бошад.

Муҳаммадтақии Баҳор бар асоси иттилои маҷмӯаи расоили Соинуддин ишора мекунад, ки вай шаш сол баъд аз воқеаи Аҳмади Лур (баъд аз соли 830 ҳ/1427 м.), соли 836 ҳ. 1433 м. вафот кардааст [1, с.235]. Нусхаи хаттие, ки устод Баҳор истифода бурда, мавриди назари Мусавии Беҳбаҳонӣ ҳам қарор гирифтааст. Ин нусха, ки дар маҷмӯаи 8503 дар Китобхонаи маҷлиси Шӯрои миллӣ нигаҳдорӣ мешавад, ба занни ғолиб ҳамон

[††]**“Нафсат-ул-масдури аввал**”. Замоне, ки фуқаҳои Ҳирот Соинуддинро ба сӯфигарӣ туҳмат мекунанд вай дар дифоъ аз худ барои Шоҳрухи Темурӣ ин китобро “ ба сабки адабӣ ва ирфонӣ ва маснуъ” навишта, дар он ба тафсил аз саргузашти худ ёд кардааст. Ин рисола шомили як муқаддима ва ду фасл мебошад. Дар муқаддима аз шарҳи ҳоли худ ва хонадонаш, ки аҳли илму фарҳанг ва пойбанди дин буданд, сухан гуфта, дар зимн аҳволу авзои иҷтимоӣ ва ахлоқии он рӯзгорро баён кардааст. Дар фасли аввал нуҳ ҳадиси набавиро, ки дар мазаммати бидъат гуфта шудаанд, шарҳ медиҳад. Дар фасли дуюм истинод ба ақволи бузургони дин Имом Тирмизӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Имом Ғаззолӣ ва дигарон дорад, ки дар ирфон асарҳо навишта ва ҳамешагӣ аз ин илм пуштибонӣ мекарданд. Санаи таълифи китоб дар 8-уми раҷаби 829ҳ. / 1426 м. дар шаҳри Ҳирот иттифоқ афтодааст, ки дар он рӯзгор Соинуддин 59 дошт.

“**Нафсат-ул-масдури дуюм**”. Соли 830ҳ./1427м. Аҳмади Лур ном дарвеши оворагарди ҳуруфӣ Шоҳрух Мирзоро дар назди масҷиди ҷомеи Ҳирот маҷрӯҳ сохт ва иддае аз донишмандон ва аҳли ирфонро ба шарокати он воқеа туҳмат намуданд. Аз ин миён, Хоҷа Соинуддинро нахуст зиндонӣ, сипас ба шаҳрҳои Ҳамадону Табрез ва Курдистон саргашта карданд. Ба ҳамин ҷиҳат, Соинуддин китобе бо унвони “ Нафсат-ул-масдури дуюм” навишт ва шарҳи ҳоли худу хонаводаашро дар он баён карда, аз ҳокими вақт Мирзо Бойсунғур кумак ҳам хостааст. Ҳамчунин, дарвешони сӯфимашраб, ки ба фиреби мардум машғул буданд, дар ин рисола мавриди накуҳиш қарор гирифтаанд. Хонум Ҷудии Неъматӣ ишора кардааст, ки таърихи таълифи ин рисола маълум нест. Адабиётшинос Беҳбаҳонӣ санаи навишта шудани онро 838ҳ./ 1435м. донистааст, ки чандон саҳеҳ нест. Зеро Соинуддин соли 836ҳ. /1433 м. даргузаштааст. Ба занни қавӣ таърихи таълифи ин рисола ба воқеаи Аҳмади Лур рост меояд ва тахмин меравад, ки Соинуддин онро зимни мусофарат дар соли 830-831ҳ./1427-1428м.навиштааст. Ҳар ду рисола ба забони форсии тоҷикӣ таълиф гардида, дар ин китобҳо нависанда захмҳои зиндагӣ ва хотираҳояшро ҷой додааст.

[‡‡]Соинӣ Қивомиддин Муҳаммад аз шуарои асри XV мелодист, яъне бо Соинуддини Хуҷандии Исфаҳонӣ дар як замон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар кишварҳои Шарвон, Озарбойҷон, Сурия ва Миср муддате умр ба сар бурдааст. Куллиёти ашъораш дар китобхонаи миллии Париж таҳти шумораи 727. Supp нигаҳдорӣ мешавад. Ин куллиёти шоир дорои қасида, ғазал ва чанд қитъа мебошад. Аз зумраи мамдуҳони Соинӣ Мирзо Искандар ва Мирзо Бойсунғури Темурӣ буданд (Сафо. Таърихи адабиёти тоҷик. Ҷ.4. с. 462).

“маҷмӯаи расоили Соинуддин” аст, ки боз он таҳти шумораи 10196 дар Китобхонаи маҷлиси Шӯрои миллии Эрон маҳфуз аст ва хушбахтона ин маҷмӯа зери дасти мо ҳам қарор дорад[§§]. Сабти нусха дақиқ буда, ба хатти шогирди ӯст ва дар чандин мавзеи он хат ва имзои худи Соинуддин ҳам ба назар расид. Дар ҳамин нусха даргузашти Соинуддин соли 836 ҳ/. 1433 м. сабт шудааст [17, с.103]. Муҳаққиқ Ҷудии Неъматӣ бар асоси гуфтаи «Муҷаммал фасеҳо» вафоти ӯро 14 зулҳиҷҷаи 835 ҳичрӣ / 19-уми октябри 1432 мелодӣ забт карда, чунин ҳам навиштааст: “Агар вафоти ӯ чунонки муаллифи «Муҷаммал фасеҳо» навиштааст, дар нимаи зулҳиҷҷаи 835 иттифоқ афтода бошад, бо соли 836ҳ. танҳо ду ҳафта фосила дорад ва муҳтамал аст хабари даргузашти ӯро бо ду ҳафта таъхир шунида бошанд” [18, чиҳилу ҳашт]. Ин андешаро қабл аз Неъматӣ адабиётшинос Дебоҷӣ ҳам таъкид кардааст, чунонки мехонем: “Бар мабнои таърихи таълифи осораш, ки дар ин маҷмӯа омада, гӯё вай дар поёни зулҳиҷҷаи 835 ҳ. даргузашта ва саранҷом аз он ба 836ҳ. таъбир шудааст” [14, сию шаш].

Ба гувоҳии Ҳоҷӣ Халифа [22, с.72-74], Забеҳулло Сафо [12, с.489-91] ва Акрам Неъматӣ [13, с.11] санаи вафоти Соинуддин ба соли 835ҳ./1432 м. иттифоқ афтодааст. Муҳаққиқон Муҳаммадтақии Баҳор [2, с.229], Сайид Мӯсавии Беҳбаҳонӣ [4, с.102] ва адабиётшинос Абдуманнони Насриддин [9, с.128] даргузашти ӯро соли 836ҳ. / 1433 м. забт кардаанд. Ба ҳар ҳол бар пояҳои андешаҳои адабпажӯҳони мазбур метавон тазаккур намуд, ки Соинуддини Хуҷандӣ ҳудуди солҳои 835- 836ҳ./1432-33м. даргузаштааст. Аммо санади донишмандони гурӯҳи дуюм, ки вафоти Соинуддинро таърихи 836ҳ./1433 м. зикр кардаанд, дақиқтар аст ва мо ҳам ба ин андеша мувофиқ ҳастем. Яъне, Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад санаи 14 зулҳиҷҷаи соли 836ҳ./19-уми октябри 1433м. даргузаштааст.

Мухтасари шарҳи ҳол. Маълумоти тазкираҳо ва тароҷим дар бораи Соинуддини Хуҷандӣ бисёр андак аст ва ҷузъиёти зиндагии ӯро ошкор намесозад. Бинобар ин, матолиби зарурӣ ва қобили эътимодро аз навиштаҳои худи ӯ, махсусан аз ду рисолаи шиквояш: «Нафсат-ул-масдури аввал» ва «Нафсат-ул-масдури дуюм» метавон ба даст овард. Дарвоқеъ, ин ду рисола зиндагиномаи худнавишт барои Соинуддин маҳсуб мешавад ва матолиберо дар бар дорад, ки дар ҳеҷ сарчашмаи дигар ёфт намешавад. Дар «Нафсат-ул-масдури аввал” мухтасар сухан аз таҳсили Соинуддин, бародар ва гузаштагонаш, ки аз донандагони илмҳои ақлӣ ва нақлӣ буданд, меравад. Ҳамчунин, аз кӯчонидани донишмандони мамалакат тавассути Амир Темур ва таъйин кардани бародари Соинуддин бар мансаби қазо гуфта шудааст [16, с. 206-207]. Аз ишораҳои шарҳиҳолии Соинуддин пайдост, ки амир Темур пас аз ҳамла ба Исфаҳон бинобар сиёсати расмшудаи худ бузургони Исфаҳонро барои ривоҷу равнақ ба шаҳри Самарқанд бурдааст, ки бародари Соинуддин ва хонадонаш ҳам будаанд. Дар мавриди таърихи валодат ва ному нишони бародари бузурги Соинуддин дар сарчашмаҳо сухан нарафтааст. Ҳатто худи Соинуддин ҳам исмашро зикр накарда, танҳо ба гуфтаи вай бародараш ягонаи асри худ буд ва ҳаққи устодӣ бар ӯ дошт ва Соинуддин ба муддати 25 сол назди вай ба таҳсили улуми динӣ машғул будааст: «бисту панҷ сол дар хидмати бародари бузург, ки ягонаи асри худ буданд, ба таҳсили улуми динӣ машғул шуд”... [16, с.206].

Муҳаққиқи таърихшинос Луқмон Бойматов бар он аст, ки номи бародари бузургаш Насриддин буда: «Соинуддини Хуҷандӣ солиёни дароз назди бародараш Хоҷа Насриддин Муҳаммад Туркаи Хуҷандӣ… дарс хонд…» [2, с.49]. Ба кадом далел ин донишманд исми бародари бузурги Соинуддинро Насриддин номидааст, барои мо рӯшан нест. Мутобиқи нишондоди муҳаққиқ сарчашмаи ин иттилоъ «Доиратулмаориф» будааст. Мушоҳидаи нигоранда нишон дод, ки дар китоби «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» дар мавриди номи бародари бузурги Соинуддин аслан сухан нарафтааст, чунонки мехонем: «Солиёни дароз (Соинуддин-С.М.) дар назди бародараш, ки зикри номаш дар тазокир ва таворих ба чашм намехӯрад ва аз фақеҳони шаҳири замони худ буд, таълим омӯхт» [6, с.659]. Бинобар ин, санади таърихшинос Л. Бойматов дар мавриди номи бародари Соинуддин чандон саҳеҳ нест.

Соинуддини Хуҷандӣ пас таҳсили илм дар маҳзари бародар баҳри такмили илм ва таҷрибаи ирфонӣ аввал ба нияти ҳаҷ шаҳри Маккаро зиёрат кард, баъдан билоду манозили Рум, Ҳиҷоз, Миср ва Шому Ироқро муддати понздаҳ сол сайр намуда, дар ин мусофиратҳо бо бисёре аз урафову уламои ин кишварҳо қаробат ҷуста, аз мусоҳабату маҷолиси маънавии Мавлоно Шамсиддини Фанорӣ ва Сироҷиддини Булқинӣ касби дониш кардааст: «Баъд аз он, аз барои зиёдатии илм бар муқтазои фармудаи ҳадиси «Утлубу-л-илма ва лав би-с-син» ба сафар рафт ва понздаҳ соли дигар дар хидмати бузургони дин, ки нишон ёфта буд, ба риёзат ва муҷоҳадат машғул шуд ва аз он илмҳо, ки пеши эшон буд, баҳра ёфт ва боз ба хона пеши бародарон муроҷиат намуд, ки ишорати он бузургон чунин буд. “Фи-л-қисса ин замон понздаҳ сол бошад, ки ба амри бародари бузург ва дигар бузургони дин ба риояти номуси хонадон машғул аст ва ба ғайр аз илми

[§§] Аслан дастхати маҷмӯаи расоили Соинуддин моли шахсии адабиётшиноси маъруф Муҳаммадтақӣ Баҳор буд ва пас аз даргузашти вай Китобхонаи маҷлиси Шӯрои миллӣ ин маҷмӯаро аз хонаводаи устод Баҳор харидорӣ кардааст.

тафсиру ҳадис ва усули дину фиқҳ ҳеҷ илми дигар ба дарс нагуфта» [15, с.170]. Махсусан, илми ҳадисро аз Сироҷиддини Булқинӣ омӯхтааст, ки дар ин боб дар рисолаи «Нафсат-ул-масдури аввал» менависад: “Мавлоно Шамсуддини Фанорӣ, ки дар ин замон ҳеҷ кас бузургтар аз ӯ дар Рум нест ва ҳамаи Рум ба ҳукми ӯ қазо мекунанд, аз ин илм (илми тасаввуф.- С.М) ҳеҷ илми дигар ба тадрис намегӯяд ва дар вақте ки ин фақир (яъне Соинуддин- С.М.) ба Миср буд, Шайх Сироҷиддини Булқинӣ дар ҳаёт буданд, ба дарси ӯ ҳозир мешуд ва ҳадис аз эшон мешунид, ки аснодиолӣ доштанд» [15, с.24]. Муаллифи «Ҳафт иқлим» иттилоъ медиҳад, ки Соинуддин, Ибни Фориз ва Шарафиддин Алии Яздӣ аз Ҳусайни Ихлотӣ таълим гирифтаанд: «Он ҷаноб (яъне Соинуддин-С.М) ва Ибни Фориз ва Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ аз Султон Ҳусайни Ихлотӣ тарбият ёфтанд» [10, с.451]. Аммо аз мазмуну муҳтавои осораш, хосса номаи Соинуддин пайдост, ки вай бо Саид Ҳусайни Ихлотӣ мукотиба дошта, нисбат ба ӯ эҳтиром қоил будааст. Аммо дар ин маврид дар “Нафсат-ул масдур” чизе нагуфтааст. Ҳангоми мутолиаи ҳолномаи Ибни Форизи Мисрӣ ва Шарафиддин Алии Яздӣ ҳам ба ин маълумоти «Ҳафт иқлим» дучор нагардидем. Танҳо навиштаанд, ки Ибни Фориз илми ҳадисро аз ибни Асокир омӯхтааст [12, с. 299-302]. Устод Саид Нафисӣ дар муқаддимаи девони Қосими Анвор ишора мекунад, ки Хоҷа Соинуддин, Неъматуллоҳи Валӣ, Қосими Анвор, Шарафиддин Алии Яздӣ ва Пиртоҷи Гелонӣ бо Саид Ҳусайни Ихлотӣ дар соҳили Нил мулоқот дошта будаанд. Дар «Ҷомеъи Муфидӣ» марвӣ аст, ки ҳамраҳони Соинуддин дар ин сайру сулук Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Қосими Анвор ва Шарафиддин Алии Яздӣ низ буданд [3, с.16-17]. Қавли Муҳаммад Муфидӣ ҳам шубҳанок ба назар мерасад, зеро худи Соинуддин дар ин маврид ҳамчунонки гуфтем, ишорае накардааст. Мусаллам аст, ки Неъматуллоҳи Валӣ, Қосими Анвор ва Алии Яздӣ ҳамзамони Соинуддини Хуҷандӣ буданд. Соли 830ҳ./1427 м. Аҳмади Лур ном дарвеше дар назди масҷиди Ҳирот Шоҳрух Мирзоро корд зад ва бархеи ин донишмандон ба монанди Соинуддин, Неъматуллоҳи Валӣ ва Қосими Анворро ба шарики он ҳодиса туҳмат намуда, аз шаҳри Ҳирот берун карданд. Шояд матлаби муаллифи «Ҷомеъи Муфидӣ» ҳамин бошад, ки эшон дар ин мусофаратҳо дар баъзе шаҳрҳо ҳамроҳ буданд, вагарна Соинуддин то воқеаи Аҳмади Лур барои зиёдатии илм азми сафари қибла намуда буд. Баъзе донишмандони муосир ба мисли хонум Акрами Неъматӣ ҳамин қавли Муҳаммад Муфидиро такрор кардаанд, ки машкук ба назар мерасад [13, с.11]. Хоҷа Соинуддин пас аз сайру сулуки понздаҳсола ба Исфаҳон бозгашт ва муддате бо шоҳзодагони Темурӣ: Шоҳрух, Пирмуҳаммад ва Мирзо Искандар робита дошт. Дар замони амирзода Пирмуҳаммад Соинуддинро ба шаҳри Ироқ даъват намуданд ва вай замоне он ҷо қарор гирифт ва майли хилватгузинӣ дошт. Аммо ӯро аз гӯшанишинӣ дур карда, бо хоҳишу меҳрубониҳои зиёде ба шаҳри Шероз бурданд ва амирзода Искандар аз ӯ пуштибонӣ мекард, ки роҷеъ ба ин мавзӯъ дар «Нафсат-ул-масдури дуюм» гӯяд: «Чун муроҷиат намуд ба Ироқ замони амирзода Пирмуҳаммад буд, ба канорае қарор гирифт ба умеди он ки вазъи гӯшанишинӣ ба даст орад, яъне:

Миннати ризвон наярзад кавсару боғи биҳишт,
Мову оби рӯи хешу бӯстони хештан.

Нагзоштанд, маро талабидан ва аз сари меҳрубонӣ ба насоеҳи татмеъомез аз вазъи гӯшанишинӣ дур карданд ва ба Шероз бурданд ва анвои тарбият фармуданд. Баъд аз ӯ амирзода Искандар низ, ки: «ба мину равонаш пур аз нур бод»… мазиди тарбият дареғ надоштанд» [15, с. 245].

Соинуддин Хуҷандии Исфаҳонӣ дар охирҳои ҳаёташ дарду ранҷ кашида, саргаштаи билоди Ҳамадону Курдистон гардид. Агар ба таври дақиқ сухан гӯем, ӯ баъд аз соли 830ҳ./1427 м. то охири умраш (ваф. 836ҳ./1433м.) ба муддати 6 сол дар сарсонию оворагардӣ умр ба сар бурд, ки ба назари мо сабабҳои зерин дошт:

1. Хоҷа Соинуддинро ба воқеаи Аҳмади Лур (830ҳ./1427м.) ва ақоиду афкори ҳуруфӣ туҳмат намуда, нахуст зиндонӣ, сипас молу мулкашро мусодира ва мунтаҳо аз Ҳирот берун кардаанд.

2. Иродати нависанда ба ақидаи суннат ва ҷамоат ва таваҷҷуҳи хосси ӯ ба Муҳиддин ибни Арабӣ (1165–1240) ва шарҳи китоби «Фусус ул-ҳикам».

3. Дар замони Соинуддин миёни шариати ислом ва тариқати ирфон ҳанӯз ҳам мухолифатҳои фикрӣ вуҷуд дошт.

А Д А Б И Ё Т

1. 1.Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷилди сеюм / Муҳаммадтақии Баҳор. –Теҳрон: Заввор, 1381. - 440 с.
2. 2.Бойматов Л. Дар бораи аҳвол ва осори Соинуддини Хуҷандӣ / Л. Бойматов // Маҷаллаи Кайҳони фарҳангӣ. - шаҳривариӣ 80, шумораи 179. - С. 48-52 .
3. Бофқӣ, Муҳаммад. Ҷомеъи Муфидӣ / Муҳаммад Бофқӣ: ба кӯшиши Эраҷи Афшор.Ҷилди сеюм. - Теҳрон: Асадӣ, 1340. – 396 с.
4. Беҳбаҳонӣ, Сайидалӣ. Аҳвол ва осори Соинуддини Туркаи Исфаҳонӣ ба инзимоми рисолаи “ Инзолияи”-и ӯ / Сайидалӣ Беҳбаҳонӣ // Маҷмӯаи суханрониҳо ва мақолаҳо дар бораи фалсафа ва ирфони исломӣ. - Теҳрон: Мутолиоти исломӣ, 1349. - саҳ. 110-132

5. 5.Донишпажӯҳ, Муҳаммадтақӣ. Маҷмӯаи расоили Хуҷандӣ / Муҳаммадтақӣ Донишпажӯҳ // Фарҳанги Эронзамин. - 1345. - Ҷилди 4. - С. 307-312.
6. 6.Мавлавӣ, Муҳаммадалӣ. Оли Турка / Муҳаммадалӣ Мавлавӣ // Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. - Ҷ.1. - Теҳрон: Асадӣ, 1340. - 514 с.
7. 7.Мирзоев С. Баррасии нусхаи ношинохта аз Соинуддини Хуҷандӣ / С. Мирзоев // Номаи Донишгоҳ. – 2016. - № 2 (47). - С. 96-102.
8. Мударрис, Муҳаммадалӣ. Райҳонат-ул-адаб фӣ тароҷими-л- маъруфин би-л- куняти ва-л- лақаб / Муҳаммадалии Мударрис. - Табрез: Шафақ, 1369. - 834 с.
9. Насриддин, Абдулманнон. Донишмандон ва сухансароёни Хуҷанд / Абдулманнон Насриддин. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 434 с.
10. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим / Амин Аҳмад Розӣ; тасҳеҳ ва ҳавошии Сайид Муҳаммадризо. Дар се ҷилд. Ҷ.2. - Теҳрон: Суруш, 1389. - 691 с.
11. 11.Сафо, Забеҳулло.Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо. Ҷ.4. - Теҳрон, 1373. – 607 с.
12. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон ва қаламрави забони порсӣ аз поёни қарни ҳаштум то авоили қарни даҳуми ҳичрӣ. Ҷилди 4. – Теҳрон: Маҷид, 1373. – 607 с.
13. Соинуддин Алӣ. Ақлу ишқ ё мунозироти хамс / Алӣ Соинуддин; тасҳеҳ ва таҳқиқи Акрам Ҷудии Неъматӣ. – Теҳрон: Аҳли қалам, 1375. – 218 с.
14. 14.Соинуддин Алӣ. Ал-маноҳич фи-л-мантиқ / Алӣ Соинуддин; ба эҳтимоми Иброҳими Дебочӣ. - Теҳрон: Донишгоҳ, 1376. – 232 с.
15. 15.Соинуддин, Алӣ. Чаҳордаҳ рисолаи форсӣ / Алӣ Соинуддин; ба тасҳеҳи Мӯсавии Беҳбаҳонӣ ва Иброҳими Дебочӣ. - Теҳрон, 1351. - 296 с.
16. 16.Соинуддин, Алӣ. Чаҳордаҳ рисолаи форсӣ / Алӣ Соинуддин; муқаддима ва тавзеҳоти Маҳмуди Тоҳирӣ. - Теҳрон, 1389. - 373 с.
17. 17.Соинуддин Алӣ. Маҷмӯаи расоил / Алӣ Соинуддин. Нусхаи хаттии Китобхонаи маҷлиси шӯрои Исломии Эрон. - шумораи 10196. - 417 вар.
18. 18.Соинуддин Алӣ. Шарҳи Назм-уд-дурар / Алӣ Соинуддин; тасҳеҳ ва таҳқиқ аз Ҷудии Неъматӣ. - Теҳрон: Мероси мактуб, 1384. - 509 с.
19. Теҳронӣ, О. Аз-зариъа ило тасонифи-ш-шиа. Ақсоми-с-сонӣ мина-л-ҷузъӣ-т-тосиъ / О. Теҳронӣ. - Теҳрон: Қум, 1378. - С. 688.
20. 20.Хондамир. Таърихи «Ҳабиб ус-сияр». Дар чаҳор ҷилд. Ҷилди чаҳорум. – Теҳрон: Хайём, 1362. – 796 с.
21. Хофӣ, Ф. Муҷаммал фасеҳо; тасҳеҳи Маҳмуди Фаррух. Дар се ҷилд. - Машҳад: Бостон, 1339. - 681 с.
22. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун. Ал-ҷилд-ус-сонӣ. Ат-табъат-ус-сонӣ. - Теҳрон, 1961. – 622 с.

НИГОҲЕ ДИГАР БА ЗИНДАГИНОМАИ СОИНУДДИН ХУҶАНДИИ ИСФАҲОНӢ

Ҳадафи ин мақола барқарорсозии тарҷумаи ҳоли Соинуддини Хуҷандии Исфаҳонӣ (1370-1433) дар такя ба осори худи ӯ мебошад. Бинобар ин, нахустин масъалае, ки дар мақола ба он таваҷҷуҳ шудааст, барқарор намудани асолати ному насаби пурраи Соинуддин аст. Ин баҳс аз он рӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ки бархе аз муҳаққиқон ва муаррихон дар таъйини ному насаб, санаи валодати Соинуддин ва гузаштагонаш ба хато рафтаанд. Муаллифи мақола дар такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боътимод ба натиҷае расидааст, ки ному насаби пурраи вай: Сайид Соинуддин Алӣ ибни Афзалуддин ибни Муҳаммад ибни Абӯҳомид Садруддин Муҳаммад Туркаи Хуҷандии Исфаҳонӣ аст. Аз ин ҷо лақаби нависанда Соинуддин, номаш Алӣ, номи падараш Афзалуддин ва номи ҷаддаш Садриддин Муҳаммад ва тахаллуси шоириаш “ Алӣ” будааст, ки маъхуз аз нисбаи ӯст. Аслу насабаш аз Хуҷанд, аммо дар Исфаҳон зода ва парвариш ёфта, шофеимазҳаб будааст.

Калидвожаҳо: Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад, ному насаб, валодат ва марг, зиндагинома, маҷмӯаи расоил.

НОВЫЙ ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЕОПИСАНИЕ СОИНУДДИНА ХУДЖАНДИ ИСФАХАНИ

Цель этой статьи - восстановление биографии Соинуддина Исфахани (1370-1433) при опоре на его произведения. В статье было обращено внимание на подлинность происхождения и родословной Соинуддина. Данный диспут достоен внимания, так как некоторые литературоведы и историки допустили неточности в определении его происхождения, даты рождения и сведений о его предках. Опираясь на произведения самого писателя и достоверные источники, автор статьи заключает, что его полное родословное происхождение - Сайид Соинуддин Али ибн Афзалуддин ибн Мухаммад ибн Абухамид Садруддин Мухаммад Турка Худжанди Исфахани. Таким образом, становится очевидным, что прозвище писателя - Соуниддин, его имя - Али, его отчество - Афзалуддин, имя его деда по отцу - Садриддин Мухаммад, а его литературный псевдоним - “Али”, что исходит от его имени. Родом он из Худжанда, родился и вырос в Исфахане, по религиозным убеждениям был сторонником шафиитского мазхаба.

Ключевые слова: Соинуддин Али ибни Мухаммад, происхождение, рождение и смерть, жизнеописание, собрание сочинений.

ANOTHER VIEW AT THE BIOGRAPHY OF SOINUDDIN KHUJANDI ISFAHANI

The purpose of this article is to renew the biography of Soinuddin Isfahani (1370-1433) based on his works. Therefore, the first question on which the article was deserved attention to, is the full authenticity of the origin and genealogisity of Sainuddin. This dispute deserved attention as some researchers and historians incorrectly noted information concerning his origin, date of birth and his ancestors. The author of the article based on the works of the eloquent writer and reliable sources concludes that writer’s genealogical origin is as following: Sayid Ali Ibn Zaynuddin Afzaluddin Ibn Muhammad Ibn Abuhamad Sadruddin Muhammad Khujandi Turka Isfahani. Here, Souniddin was the nickname of the writer, his name was Ali, his middle name was Afzaluddin and his grandfather’s name was Sadriddin Muhammad, and his literary pseudonym was "Ali" and it was taken from his name. In the past, his ancestors lived in Khujand, and he was born and grown up in Isfahan, and was a follower of the Shafi'i madhhab.

Key words: Soinuddin Ali ibni Muhammad, origin, birth and death, biography, collected works.

Сведения об авторе: ***Мирзоев Садриддин Холович*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **Sadriddin-mirzoev @ mail.ru**

Information about the author: ***Mirzoev Sadriddin Kholovich*** - Khujand State University named after B.Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the department of Tajik Classical literature. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave. 1.. E-mail: **Sadriddin-mirzoev @ mail.ru**

УДК: 89+811.21/.22(03)

МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ДОСТОНИ М.Ю. ЛЕРМОНТОВ «ДЕМОН» БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Назарова Р.С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Талаботи асосии тарҷумаи асари бадеӣ аз он иборат аст, ки он гуногуншаклии миллии худро нигоҳ дошта, бояд дастоварди адабиёти он ҳалқ гардад, ки ба забонаш асар тарҷума карда мешавад, бояд падидае бошад, ки арзиши мустақили адабии худро дошта бошад. Тарҷумаи асарҳои Пушкин ва Лермонтов барои ҳамин ҳам арзиши эстетикии бузург доранд, ки аз эҷодиёти онҳо ҷудонашавандаанд. Дар ин тарҷумаҳо муҳри рӯҳбаландӣ ва илҳом гузошта шудааст. Ин сохтакории косибӣ нест - дар он нуфузи бадеӣ ҷой дорад. Барои ин тарҷумон бояд озодии эҷодии муайян дошта бошад, вагарна ӯ барои дар ҳолати нусхабардор қарор гирифтанаш таваккал мекунад. «Санъати тарҷумаи манзум (шеър) - бисёртар санъати талаф додан ва роҳ додани тағйиротҳо мебошад. Ба талафот ва тағйиротҳо розӣ нашуда, бо назми ғайризабон ба ҷанги якка ба якка баромадан мумкин нест. Асос барои тарҷумони назм ин аст, ки дар ҳар як мавриди амиқ бояд донад, ки маҳз кадом талафотҳо мумкин мебошанд ва маҳз дар кадом самт тағйир додани матн мумкин аст» [1, с.76].

Маҳз дониш ба тарҷумон озодии эҷодии дар боло зикргардидаро медиҳад. Чи тавре ки мо қайд намудем, дар тарҷума мисраъҳо нисбат ба нусхаи аслӣ зиёд мебошанд. Лекин ин бо худи техникаи тарҷума ва хусусиятҳои забон вобастагӣ дорад. Ҳабиб Юсуфӣ симоҳои романтикии достон (поэма) ва мундариҷаи эҳсосотии онро аз нав офарида, рӯҳбаландона бо илҳом эҷод мекунад. Ғайр аз он, ин маҳорати бо нусхаи аслӣ озод идора кардан аст ва ба ӯ комёбии ҳақиқиро таъмин мекунад.

Яқинан, мо дар ин ҷо ба зуҳуроте рӯ ба рӯ шудем, ки онро С.Я. Маршак чунин шарҳ медиҳад: «Тарҷумаи ҳақиқӣ на танҳо тобеият, балки рақобат мебошад. Вақте ки ман Шекспирро тарҷума мекардам, ҳамроҳи ӯ фикр мекардам ва балки баъзан мустақилона тасаввур мекардам. Ман муттасил чунин рафтор мекардам: мисраи якумро тарҷума карда, мисраи навбатиро бо кафи даст мепӯшонидам, барои пайравӣ намудани хаёлоти Шекспир ва дар хиҷолат намондани рафти озоди фикрҳои худ ва танҳо баъд муқоиса ва ислоҳ мекардам» [3, с.98].

Нахустин бор бо тарҷумаи Ҳабиб Юсуфӣ шиносоӣ пайдо намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарҷумон аз сабаби ғамхорӣ нисбат ба тасвири равшан ва эҳсосотӣ аз нусхаи аслӣ хеле дур рафтааст. Аммо ин фақат дар нигоҳи аввал аст. Дар асл шоири тоҷик ба матни Лермонтов ниҳоят эҳтиёткорона муносибат мекунад. Ӯ ғами онро мехӯрад, ки ҳар як вожаи тарҷума ҳамчун офаридаи аслии Лермонтов садо диҳад, неруи эҳсосотӣ дошта бошад, ба қувваи ғайритабиӣ манзум (поэтический) мувофиқат кунад. Ӯ ғами сифати шеърро низ мехӯрад. Дар тарҷумаи ӯ мувофиқати тааҷҷубовари маҳорат ва муқаррарӣ мушоҳида карда мешавад. Чунки маҳорат он вақт маҳорат шуморида мешавад, ки он ноаён бошад. Дар тарҷумаи Ҳ. Юсуфӣ хонанда кори сиёҳнависи калонро, ки берун аз матни бадеӣ ҷойгир аст ва ба ҳар як эҷодиёт ҳамроҳӣ мекунад, ҳис намекунад. Тарҷумаи ӯ – ин шеъри озод ва кушода мебошад. Ҳ. Юсуфӣ ашъори Лермонтовро бо ҳама фаровонӣ ба оғӯш гирифта, тавонист бо истеъдоди аслӣ бо забони модарӣ шарҳ диҳад.

Моҳияти достони Лермонтов на танҳо дар пурмазмунии фалсафӣ ва бузургии симоҳо, балки дар рӯҳияи романтикӣ буда, бо муносибати муаллиф нисбати объекти тасвиршаванда ниҳоят муҳим мебошад. Дар достони «Демон», гарчанде қаҳрамони лирикӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, бо ёрии воситаҳои оҳангӣ (интонатсионӣ) фазои эҳсосотии муайян эҷод карда шудааст.

Ҳарфпарастӣ дар тарҷума бисёр вақт, натанҳо асари бадеиро беранг месозад, балки ғалат маънидод мекунад. Дар баъзе мавридҳо усули ҳарфпарастӣ натанҳо ба тарҷумаи вожаҳои алоҳида ё ин ки ибораҳо паҳн карда мешавад, балки ба қитъаҳои пурра низ паҳн карда мешавад.

Тарҷумон сатр ба сатр тарҷума намуда, танҳо ғами ҳар як вожаи дар алоҳидагӣ садодиҳандаро мехӯрад, на ғами ҳамаи асарро дар умум.

Дар ин ҳолат ҷойивазкунии аксентҳо шуда мегузарад, шеър беранг мешавад ва оҳанг (интонация) ғайритабиӣ. Маҳз барои ҳамин бисёр хонандагон мафҳуми «шеърҳои тарҷумонӣ»-ро бо ким-чӣ чизи хокистаранг, бечон, фикран шабоҳат медиҳанд, гарчанде тарҷумон барои нигоҳ доштани маънои асари тарҷумакардааш саҳеҳ ва бовиҷдонона

кӯшиш ба харҷ дода бошад ҳам. Магар маънои достони Лермонтовро аз рӯҳияи лирикии чуқур, форамии лирикии шеър метавон ҷудо кард?

Инак, таҳвили моҳиронаи қисматҳои аслӣ натиҷаи лозимиро намедиҳанд, агар дар тарҷума рӯҳи асар, ки ягонагии онро ташкил медиҳад ва тамоюли муассири шинохтаро ба вуҷуд меорад нигоҳ дошта нашавад. Ҳамин тавр, достони «Демон»-ро тарҷума карда, тавсифи достон, ҳатто забон ва ҳаракатҳои мавзуни онро саҳеҳ таҷдид кардан мумкин аст. Агар дар тарҷума тамоюли муассирии лирикии самимие, ки гуногуншаклии достонро ташкил медиҳад, вуҷуд надошта бошад, тарҷумон ба мақсади худ расида наметавонад.

Муассирӣ ва рӯҳияи лирикиро ягон хел қоида ва назария омӯзонида наметавонад. Яқинан, тарҷумон бояд худаш ин сифатҳоро доро бошад ва танҳо он вақт ӯ метавонад ҳамаи хусусиятҳои нусхаи аслиро нигоҳ дорад.

Ин мулоҳизаи ҳунарпешаи бузург фарқияти байни меҳнати косиб ва офаранда, меҳнати нусхабардори мувозиб ва шоири хушилҳом, ки асари шахси дигарро тавассути забони шеъри худ аз нав меофарад, саҳеҳ мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад.

Дар тарҷумаи Ҳ.Юсуфӣ мо ин падидаи барои санъат ниҳоят қиматро бисёр вомехӯрем. Худи психологияи раванди эҷодии Ҳ.Юсуфӣ аз психологияи нусхабардор тафовут дорад: ӯ шеърро, вожаро айнан тарҷума намекунад, балки тавассути забони тоҷикӣ симоҳо ва фикрҳои Лермонтовро аз нав меофарад. Дақиқият барои Ҳ.Юсуфӣ, пеш аз ҳама, ин садоқат ба рӯҳи нусхаи аслӣ мебошад. Барои нигоҳдории дақиқият тарҷумон аксаран аз маънои аслии вожа канорачуйӣ мекунад ва симоҳои манзуми нусхаи аслиро нисбат ба маънои он зиёдтар таҷдид мекунад. Дар симо ӯ аз ҳама чизи муҳим ва аслиро ҷудо мекунад. Чунин усули эҷодии махсус ба ӯ имконияти нигоҳдории фатонат ва гуногуншаклии нусхаи аслӣ, қувваи он, канорачӯӣ аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ, зоҳир намудани мустақилият дар ҳалли масъалаҳои мушкили услубиро медиҳад. Мустақилӣ ва фаъолии тарҷумон дар тарҷумаи бадеӣ аҳаммияти хеле калон дорад. Маҳдудӣ ва фурӯнишонии эҷодиёти фардии худ ҳама вақт ба сифати асари тарҷумашаванда таъсири манфӣ мерасонад. Тасвири нобиғавӣ аз сурат (фото) бо он фарқ мекунад, ки дар тасвир ҳамавақт муносибати рассом ба объекти тасвиршаванда вуҷуд дорад ва ин арзиши онро муайян ва нотакрор мекунад. Айнан ҳамин хел тарҷумаи боистеъдодона ҳама вақт дар худ муҳри фардии тарҷумонро таҷассум мекунад.

Дар адабиёт борҳо қайд карда шудааст, ки санъати тарҷумонӣ ба санъати ҳунарпешагӣ (актёрӣ) наздикии зич дорад. Аммо ин муқоиса одатан ба қавӣ гардонидани фикр оварда мерасонад, ки тарҷумон ба мисли ҳунарпеша (актёр) бояд шореҳи боистеъдод бошад. Лекин ин муқоисаро дигар хел маънидод кардан мумкин аст. Ба ақидаи У.В. Пуговкин ҳунарпеша дар раванди кораш ба худ ҳамчун ба шахсияти муайян бо ҳамаи хусусиятҳои муқаррарияш такя мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳунарпеша бо тарзу услуби хеш нақш меофарад, ба нақши меофаридагиаш фаҳмиши шахсӣ, истеъдод, фатонат ва феълу хӯи шахсии худро ҷо мекунад. Дар ин маврид ҳунарпеша симоеро (образеро), ки ба он бо хоҳиши драманавис ба шакли нав таҷассум ёфтааст ягон дақиқа аз ёд намебарорад ва маҳз дар ҳамин ҳудудҳо бо шавқу завқ фаъолият мекунад. Чӣ хеле ки муваффақияти намоиш (пьеса) дар бисёр маврид аз маҳорати ҳунарпеша вобастагӣ дошта бошад, айнан ҳамин хел сифати тарҷума аз истеъдоди тарҷумон вобастагӣ дорад. Агар тарҷумон ба қадри кофӣ моҳир ва хушилҳом набошад, аз ҳама асари мукаммалтар, аз ҳама ғояҳои мусоид ва хислатҳои аз ҳама қавӣ метавонанд арзиши худро аз даст диҳанд.

Ҳамаи ин моро барои боварӣ намудан водор месозад, ки тарҷума ин эҷодиёт аст, фарқияти он аз меҳнати манзуми нусхаи аслӣ танҳо дар он аст, ки ин эҷодиёти мавзӯи пешакӣ дода мебошад. Барои ҳамин ҳам мо мегӯем, ки шоири аз эҷодиёти фардии дурахшон ва намоён маҳрум, ҳамзамон тарҷумони хуб – ин зуҳуроти фавқулода нодир мебошад.

Шоири миёна қодир аст нусхаи аслиро аз он руҷӯъ накарда, айнан такрор кунад, аммо ин барои офаридани асари бадеии аслӣ кам аст.

Бо ақидаи яке аз таҳқиқотчиёни англис, назарияи тарҷумаи чунин шоирро на бо ситорагон, балки бо сайёраҳое, ки бо равшании мунъакис ҷило медиҳанд, баробар кардан мумкин аст.

Чунин тарҷумонҳо метавонанд танҳо расмро (фото), яъне нусхаи беранги нусхаи аслиро баён кунанд. Тарҷума бояд он кайфияте, ки дар нусхаи аслӣ вуҷуд дорад, ҳамонро ба хонанда айнан расонад, - дар акси ҳол гуфтан мумкин аст, ки тарҷумон вазифаи худро ба таври бояду шояд иҷро карда натавонистааст.

Лекин тарҷумоне, ки истеъдоди ғайриодӣ дораду, аммо ба ӯ лозим меояд, ки дар тарҷума бояд сабки «бегона», забони «бегона» ва услуби шоиронаи «бегона»-ро таҷдид намояд, чӣ гуна рафтор кунад? Ин мухолифати байни сабки муаллифи асари тарҷумашаванда ва эҷодиёти фардии тарҷумон мебошад, ки ҳатман бо сабки нусхаи аслӣ мубориза мебарад ва дар кори тарҷумон яке аз мушкилиҳои асосӣ мебошад. Ин мушкилот, аз нуқтаи назари мо, дар таҷрибаи тарҷумаи достони М.Ю. Лермонтов «Демон» аз ҷониби Ҳабиб Юсуфӣ хеле хуб ҳал карда шудааст.

Ба кори бомуваффақиятонаи шоир ва тарҷумони тоҷик Ҳ. Юсуфӣ, М.Ю. Лермонтов ва романтизми инқилобии бо рӯҳияи лирикии субъективии равшан инъикосёфтааш, ки ба ӯ дар асл наздик фаҳмо буд, мусоидат мекард. Ҳ. Юсуфӣ дар асарҳои шахсии худ бо рӯҳбаландии романтикӣ ва эҳсосотӣ, ки ӯро бо М.Ю.Лермонтов наздик месозанд, диққати моро ба худ ҷалб мекунад. Бояд қайд кард, ки Ҳабиб Юсуфӣ дар худ таъсири файзбахши шоири бузурги русро дидааст. Ин таъсири файзбахш дар тамоми сохти тасаввуроти ғоявӣ-эстетикӣ, услуби шоиронаи ӯ нақши худро гузошт.

Муваффақияти Ҳ. Юсуфӣ ҳамчун тарҷумон, на танҳо бо истеъдоди муқаррарии шоирӣ, балки тавассути маънавиёт бо Лермонтов ва наздикии завқу мулоҳизаи эстетикӣ низ маънидод карда мешавад.

Эҳтимол, ин барои тарҷумаи хуб шароити аз ҳама муҳим бошад. Ҳангоми чунин муносибат ба тарҷума аз ҳама алоқаи ҷиддӣ байни муаллиф ва тарҷумон ба вуҷуд меояд.

Санъати тарҷумонӣ мисли дигар санъатҳо дар умум табиати субъективӣ дорад. Дар достони «Демон» «дар тарҷумаи Ҳ. Юсуфӣ» мо муаллифи «Мтсири» ва «Марги шоирро» мешиносем. Лекин мо ба таври возеҳ услуби худи тарҷумонро эҳсос мекунем. Бо вуҷуди ин фардияти тарҷумон бо нусхаи аслӣ мубориза намебарад, ӯро фурӯ наменишонад, балки бо ӯ ҳамоҳанг мебошад. Тахайюлоти субъективие, ки дар ҳар як тарҷумаи хуб дида мешавад, инчунин дар достони «Демон» низ, аз ҷониби мо ҳамчун чизи аз берун ворид кардашуда эҳсос намешавад, вай бо нусхаи аслӣ бо тарзи органикӣ якҷоя мешавад.

Дар тарҷума қариб дар ҳама маврид муносибати тарҷумон ба маводи тарҷумашаванда эҳсос карда мешавад. Мумкин ки дар охир ин тарҷумаи хуб дар раванди адабиёт нақши муайянро бозад ва фаъолияти ӯ бенишон намегузарад. Ва дар ин маврид Ҳ. Юсуфӣ низ мустасно нест.

Ҳ. Юсуфӣ шуҳрати тарҷумони беҳтаринро ҳанӯз солҳои 30-юм пайдо карда буд. Ба ақидаи муосиронаш асарҳои тарҷумакардаи ӯ таассуроти «асарҳои аслии тоҷикро» ба вуҷуд меоварданд. Аммо чунин муқаррароти шоир ҳамчун тарҷумон дар назари мо яктарафа менамояд, гарчанде маълум аст, ки дар он замон вай ситоиши аз ҳама волоро маънидод мекард. Дар ҳақиқат, хизмати шоёни Ҳ. Юсуфӣ дар он аст, ки тарҷумаи ӯ на танҳо санъати баланди бадеӣ дорад, балки бо нусхаи аслӣ низ саҳеҳ мебошад ва ин саҳеҳӣ эҷодӣ мебошад. Тарҷумон натанҳо то охир маънои ниҳонӣ, симо ва сохти муассири достони Лермонтовро дарк карда тавонист, балки ӯ моҳияти симои Демонро ҳамчун барандаи ғояҳои инқилобии инкории фалсафаи ӯ арзёбӣ карда тавонист.

Демон – тавоноии рӯҳ мебошад, муҳаббати ӯ ҳамаро фурӯбаранда ва беканор, ҳамчун нафрат ва бадбинӣ мебошад. Дарду алами ӯ низ беҳамто мебошад, гӯё, ки Демонро ба одам мубаддал мегардонад. Инро Ҳабиб Юсуфӣ дарк кард. Барои ҳамин ҳам дар тарҷумаи ӯ Демон бузург аст, ҳамзамон чун инсон дилрабо мебошад. Монологҳои ӯ бо сохти мардонагӣ ва маҳзунӣ касро ба тааҷҷуб меоваранд.

Ҳ. Юсуфӣ тавонист сохти муассири достон, ҷараёни пурҷӯшу хурӯши муҳаббат ва адоват, ғановат ва амиқии симоҳоро тачдид намояд.

Аз афти кор тарҷумонро мебояд, ки барои тарҷума танҳо асарҳои ба худаш наздикро, ки ба хусусиятҳои қобилияти бадеии ӯ ҷавобгӯ ҳастанд, гирад, вагарна бо муаллиф якзайл ба ҷанги якка ба якка мебарояд.

Баъзе шоирони тарҷумон ба ин масъала аҳаммияти аз ҳад зиёд медоданд. Инак, А. Блок хизматҳои тарҷумон Гейне ва М.И. Михайловро қайд карда, чунин навиштааст: «М.И. Михайлов аз Гейне ба худ барои истеъдодаш асарҳои ҳамоҳангро бо тамоюли иҷтимоӣ ва инсонпарварӣ интихоб намудааст». Ё ин ки тарҷумаҳои Майковро зери танқид қарор дода, чунин навиштааст: «Майков ба Гейне ниҳоят бегона аст» [2, с. 76]. Тарҷумаҳои К.Д. Балтмон ва Эдгар Поро тавсиф намуда, А. Блок менависад: «Эдгар По тарҷумони ба дил наздик, ки бояд ҳатман шоир бошад, ба мусиқии вожаҳо ва сабку услуб зирак бошад, талаб мекунад» [2, с.79].

Инчунин, таҷрибаи тарҷумонҳои тоҷик нишон медиҳад, ки танҳо дар он маврид тарҷума ба нусхаи аслӣ аз ҷиҳати эстетикӣ баробарарзиш шуда метавонад, ки тарҷумон рассоми боистеъдод бошад ва ба муаллифи асари тарҷумашаванда бо хислатҳои маҳорати худ наздики дошта бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Блок А.А. Хусусиятҳои тарҷума / А.А.Блок. - М.: Илм, 2001. - С. 138.
2. Васильев А.Н. Эҷодиёти шоир / А.Н.Васильев. - М.: Адабиёти бадеӣ, 2010. - С. 325.
3. Маршак С.Я. Тавсифи тарҷума, тарҷумаи бадеии матн / С.Я.Маршак. - М.: Илм, 1999. - С.239.

МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ДОСТОНИ М.Ю. ЛЕРМОНТОВ «ДЕМОН» БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф тарҷумаи эҷодиёти шоири машҳури рус М.Ю. Лермонтовро, ки дар асри XIX ба сар бурдааст, таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар асоси маводи васеъ муваффақияти Ҳ. Юсуфиро ҳамчун тарҷумон, на танҳо бо истеъдоди муқаррарии шоирӣ, балки тавассути маънавиёт бо Лермонтов ва наздикии завқу мулоҳизаи эстетикӣ низ маънидод карда тавонистааст. Ҳамзамон ӯ қайд кардааст, ки: «Шоири миёна қодир аст нусхаи аслиро аз он ручӯъ накарда айнан такрор кунад, аммо ин барои офаридани асари бадеии асил кифоя нест». Муаллифи мақолаи мазкур на танҳо маънои ниҳонӣ, симо ва сохти муассири достони Лермонтовро ба хонанда расонидааст, балки тавонистааст моҳияти симои Демонро ҳамчун

барандаи ғояҳои инқилобӣ арзёбӣ кунад. Инчунин қайд кардааст, ки тарҷумон бояд шоир бошад, мисли ҳунарпеша (актёр) бояд шореҳи боистеъдод бошад, ба мусиқии вожаҳо ва сабку услуб зирак бошад. Бояд қайд кард, ки муаллиф таъсири файзбахши шоири бузурги рус М.Ю. Лермонтовро нисбати Ҳабиб Юсуфӣ дар ҷодаи тарҷумонӣ хеле хуб ёдовар шудааст. Инчунин, муаллиф таъкид кардааст, ки тарҷумонҳое ҳастанд, ки танҳо расмро (фото), яъне нусхаи беранги нусхаи аслиро баён мекунанд. Ба ақидаи ӯ, тарҷумон бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки кайфияти дар нусхаи аслӣ вуҷуд доштаро ба хонанда айнан расонад, - вагарна гуфтан мумкин аст, ки тарҷумон вазифаи худро ба таври бояду шояд иҷро карда натавонистааст. Аз ҷониби муаллиф, мавзӯи мазкур дар оянда низ мавриди таҳқиқ қарор хоҳад гирифт.

Калидвожаҳо: тарҷума, эҷодиёт, М.Ю. Лермонтов, достон, шоири тоҷик, нусхаи аслӣ, вазифа, художественное произведение, талант.

ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА ПОЭМЫ М.Ю. ЛЕРМОНТОВА «ДЕМОН» НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье автор исследует переводы стихотворений известного русского поэта XIX века М.Ю Лермонтова. Автор на основе обширного материала мог разъяснить определённый поэтический талант, духовный мир, и эстетические особенности гения, которые смог донести Х.Юсуфи в своих переводах. Однако он отмечает, что и посредственный поэт способен точно воспроизвести оригинал, ни в чем, не отступая от него, но этого мало для создания подлинно художественного произведения. Автор статьи не только довёл до сведения читателя сокровенный смысл поэмы Лермонтова, ее образный и эмоциональный строй, но и сумел оценить сущность образа Демона как носителя идеи революционного отрицания. Ведь мастерство тогда является мастерством, когда оно незаметно. А также он отмечает, что переводчик должен быть поэтом, как актёр должен быть талантливым комментатором литературных произведений, кроме всего прочего, должен быть чутким к стилю и интонации слов. Следует отметить, что в статье автор указывает на благотворное влияние творчества великого русского поэта на переводческую деятельность Х.Юсуфи, которое сказалось на всей системе его идейно-эстетических представлений, на его поэтической манере. Автор в статье отмечает, что есть переводчики, которые могут дать лишь фотографии, то есть бледные копии оригинала, а между тем перевод должен оказывать то же эмоциональное воздействие, что и оригинал, - иначе задача его не будет выполнена.

Ключевые слова: перевод, творчество, поэтическая манера, поэма, таджикский поэт, оригинал, задача, художественное произведение, талант.

PROBLEMS TRANSLATION OF M. YU. LERMONTOVS POEM «DEMON» INTO THE TAJIK LANGUAGE

In this article the author researches translation of creation the famous Russian poet of the XIX century M.Yu. Lermontov. About his achievements H. Yusufi as a translator the author on a base of wide materials could explain definition of his poetic talent, spirit world and as thetics sense of genius. However, he points : indifferent poet capable to reproduct original, don't to step back from it, but it is too not enough to realize truth of aet gallery. The author of the article not only brings to readers attention the treasure meaning of Lermontov's poems its figuration and emotional line, but could to mark substance of revolutionary demial. Handcraft is handcraft if its imperceptible . Also he points thet the translator have to be a poet, as an actor have to be talent commentator of the literacy poems, besides it must be keen and styled and in intonation of words. I'd like to point that the author shows on beneficient influence of creation of the famous Russian poet in translating of activity of H.Yusufi, who was in aii systems of his poetric manners. The author of the article points that there are trans lators who could give photography of the pale copies of original, but translation must render of the emotional influence, original of the task that will not be fulfill. In feather the author will research this theme.

Key words: translation, creation, a poetric manner, a poem, the Tajik poet, original, task, aet gallery, talent.

Сведения об авторе: ***Назарова Рамзия Саъдуллоевна*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, аспирантка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 918-21-84-88**

Information about the author: ***Nazarova Ramziya Sadulloevna*** - Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, Post-graduate student. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 918-21-84-88**

УДК: 891.550

НИГОҲЕ БА ҲУНАРИ ШОИРӢ ВА ТАЪСИРПАЗИРИВУ ТАЪСИРГУЗОРИҲОИ ҶАМОЛИДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Салимӣ Ҷаҳонгир
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Ҷамолиддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ аз шоирони маъруфи асри XII аст, ки бо сурудани ашъори баландмазмун ва ҳунармандона ҷойгоҳи баланде дар арсаи суханварӣ дошта ва таъсири чашмгире дар пешрафту шукуфоии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дорад.

Ин аст, ки ӯро ҳамвора дар манобеи адабиву таърихӣ ва бавижа тазкираи шоирон бо сифатҳои "маънипарвар", "офтоби ҷаҳонтоби фалаки нуктадонӣ", "лӯълӯъпоши муҳити хушбаёнӣ" ва амсоли ин ёд кардаанд [1, с.957].

Баррасии ашъори вай гуфтаҳои болоро комилан собит месозад ва хонанда зимни мутолиаи осори ӯ бавежа қасоид ва ғазалиёташ пай мебарад, ки то чӣ ҳад ин шоир дар офаридани маъниҳои тоза ва баёни онҳо дар беҳтарин шева, тасаллут доштааст.

Муаллифи тазкираи «Арафот-ул-ошиқин» доир ба ҳунари шоирии вай чунин таъкид доштааст, ки: «…баёнаш аз музахрафоти ҳашву лағв пероста. Гавҳари алфозаш дар ғояти хушобӣ, ниҳоли фитрataш дар ниҳояти шодобӣ…Донаи алфозаш мағзи ҷазолат ва далолат, гавҳари ашъораш кони ҳаловату тароват …» [1, с.957].

Дар манобеи дигар низ аз ин гуна тавсифоте, ки баёнгари ҳунари баланди шоирии Ҷамолиддин бошад, ба мушоҳида мерасад, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо намегунҷад.

Аммо нуктае, ки бояд таъкид шавад, посух гуфтан ба ин аст, ки Ҷамолиддини Исфаҳонӣ чӣ нақше дар адабиёти форсӣ ва чӣ таассуру таъсире аз дигарон дорад?

Аввалин нуктае, ки таъкидаш ин ҷо бамаврид аст, ин ки вай дар замоне зиндагӣ кардааст, ки шеъри форсӣ оҳиста-оҳиста сабки хуросониро тарк гуфта ва ба истиқболи шеваи дигар, яъне сабки ироқӣ ҷараён мегирифт ва дар ин миён нақши Ҷамолиддини Исфаҳонӣ бисёр муассир аст. Муаллифони «Таърихи адабиёти Эрон» дар ин маврид чунин ибрози назар намудаанд: «Ҷамолиддин аз пешгомони тағйири сабк аз хуросонӣ ба ироқӣ буд. Гарчи вай аз шоирони сабки ироқӣ пайравӣ мекард, аммо дар шеъраш вежагиҳое роҳ ёфт, ки ба оромӣ ӯро аз ҳинҷорҳои сабки хуросонӣ ҷудо сохт ва муқаддимоти сабки ҷадидеро фароҳам кард, ки ба сабки ироқӣ шуҳрат ёфт» [4, с.135].

Дарвоқеъ, метавон ин шоирро пуле байни сабки хуросонӣ ва ироқӣ донист. Вай дар ғазалиёташ бештар майл ба сабки ироқӣ дорад. Барои ҳамин дар шеъри ӯ тағйиротҳоеро метавон мушоҳида кард, ки дар камтар девоне аз шоирони дигари он давра вуҷуд дорад.

Масалан, яке аз корҳое, ки дар робита ба жанри қасида Ҷамолиддини Исфаҳонӣ анҷом дода, ин кам кардани теъдоди абёти он ва то андозае ворид кардани мавзӯи дигар, яъне ҳикмату зуҳд дар он аст. Ин шоир бо пайравӣ аз шоирони дигар чанд қасидае сурудааст, ки бо андаке диққату тааммул дар онҳо хонанда мутаваҷҷеҳи дигаргуниҳо ва тозакориҳои шоир хоҳад шуд.

Муҳимтарин нуктаи шеъри Ҷамолиддин, ки дар саросари девонаш мушоҳида мешавад содагиву равонии каломаш ба ҳисоб меравад. Дар замоне ки аксари шоирон талош мекарданд шеърашон мубҳам ва ботакаллуф бошад, Ҷамолиддин саъй кардааст, ки содагии шеърро дар авлавияти эҷодии худаш қарор диҳад. Чуноне ки З.Сафо дар ин маврид мегӯяд: «Шеъри Ҷамолиддин холӣ аз такаллуфу равону сода аст. Дар қасоиди худ гоҳ аз Саноӣ ва гоҳ аз Анварӣ тақлид намуда, вале чи дар тақлидҳои худ ва чи дар маворидӣ дигар ҳамвора суҳулат ва равонии суханро риоят кардааст» [4, с.773].

Абёти зер андешаҳои болоро комилан тасдиқ менамояд:

Оби тира к-аз миёни барф меояд бурун,
Рост гӯйи сандалии суда зи кофур омадаст [10, с.123].

Аз шукуфа чу сурайёст мурассаъ ҳама шох,
Эй маҳи чордаҳ охир ба сурайё ойӣ [10, с.183].

Ё:

Лаби лаъли ту дар тарабзойӣ,
Таънаҳо бар шароб донад зад [10, с.97].

Аз хусусиёти дигари шеъри Ҷамолиддин истифода аз оёту ҳадис ва амсолу иборотӣ арабӣ аст, ки бо истифода аз санъати талмеҳ дар шеъраш ба кор бурдааст:

То кай ин зоҳир ба дақ ороиву ботин ба зарқ,
Олам ас-сир нек донад рамзи «мо юхфо ал-судур» [10, с.90].

Табиист, ки бад-ин васила дар шеъри ӯ мазмунҳои зуҳду мавъиза ва ахлоқу ҳикмат роҳ ёфтаанд. Чуноне ки дар идома хоҳад омад, вай дар ин замина бештар пайрави Саноӣ аст. Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар анвои мухталифи шеъраш ин мавзӯъро матраҳ намудааст, ки дар ин ҷо ба зикри намунае аз он иктифо мешавад:

Расули марг паёме ҳамерасонд ба ман,
Ки мехи хаймаи дил з-ин сарои гил, баркан [10, с.100].

Дар канори ин мавзӯот зимни баррасии осори шоир ба огоҳии вай аз асотири қадим низ метавон пай бурд, ки намунаҳои зиёде дар девонаш дида мешавад:

Эй ки човуши раҳи ҳашмати ту Хусрави Ҷам
Эй ки сарҳанги дари ҳайбати ту Рустами зол [10, с.150].

Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар шеъри худ вомҳои зиёде аз шоирони гузашта ва ҳатто ҳамзамононаш гирифтааст. Яке аз шоироне, ки ӯ ба вай алоқаи зиёде дошта, Анварии Абевардӣ устоди шеър дар асри XII мебошад. Чунончи, қасидае, ки Анварӣ бо матлаи:

Ҳаббазо базме, к-аз ӯ ҳар дам дигаргун зеваре,
Омсон бар оламе бандад замин бар кишваре [2, с.464]

дорад, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ онро ин гуна истиқбол намудааст:

Инак-инак навбаҳор овард берун лашкаре,
Ҳар яке чун наварӯсе дар дигаргун зеваре [10, с.332].

Тафовуте, ки дар ин ду қасида мушоҳида мешавад ба сурати хулоса чунин аст: Анварӣ қасидаи худро дар 55 байт суруда, аммо Ҷамолиддин дар 40 байт. Ин кам кардани теъдоди абёти қасида берун аз сарзамини Хуросон ва ба ҷойи он афзудани теъдоди ғазалу қолабҳои дигари шеърӣ аз хусусиёти девони шоир ва аз падидаҳои ба вуҷуд омадани сабки тозае дар шеъри форсӣ аст.

Ба ғайр аз ин, қофияҳое, ки Ҷамолиддини Исфаҳонӣ оварда, ба мисли лӯъбатгар, шаҳпар, миҷмар, шакар, динпарвар, абтар ва ғайра мавриди таваҷҷуҳи Анварӣ набудааст.

Дар муқоиса бо Ҳаким Саноӣ ҳам ба чунин тағйироте аз сӯйи Ҷамолиддини Исфаҳонӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд.

Саноӣ қасидае дорад дар 107 байт бо ин матлаъ:

Эй Худовандони мол алэътибор алэътибор,
Эй худохонони қол алэътизор алэътизор [5, с.182].

Ҷамолиддин дар пайравӣ ба он дар 82 байт чунин қасидае сурудааст:

Алҳазар эй ғофилон з-ин ваҳшатобод алҳазар,
Алфирор эй оқилон з-ин девмардум алфирор [10, с.161].

Дар ин қасида боз ҳам мушоҳида мекунем, ки тақрибан теъдоди абёти қасидаи Ҷамолиддин 20% камтар аз қасидаи Саноӣ аст. Фузун бар ин, Ҷамолиддин аз қофияҳои наве истифода карда, ки дар қасидаи Саноӣ вуҷуд надоранд: алҳазар, алфирор, сӯгвор, шоҳвор, даввор ва ғайра. Қофияҳои муштараке низ дар ин ду қасида дида мешавад, ба мисли Исфандиёр, Қандаҳор, оинадор, сусмор… Аммо фарқиятҳои ошкоре дар корбурди онҳо ба назар мерасад, ки нишон аз тағйири сабк дорад.

Масалан, Саноӣ бо қофияи Исфандиёр ба тарзи марги ӯ ишора мекунад, аммо Ҷамолиддин мегӯяд: Асл ахбор аст машнав қиссаи Исфандиёр.

Саноӣ ба зебогии шаҳри Қандаҳор ишора дорад, аммо Ҷамолиддин паймудани роҳи Қандаҳорро ба умеди бартарӣ ёфтан дар назар доштааст.

Дар мавриди қофияи сусмор ҳам ҳамин тавр Саноӣ онро барои чеҳраи пурчин ба кор мебарад, Ҷамолиддин ба пӯсти сусмор ишора дорад, ки нишони одамият дар пӯсти ӯ дида намешавад.

Қофияи зулфиқор ва зулхумор ҳам дар қасоиди ҳарду ба шеваҳои мухталиф корбаст шудааст:

Саноӣ гуфтааст: Зулфиқори ишқро чи Муртазо чи зулхумор.

Ҷамолиддин гуфтааст: З-он ки сарҳо зулхумор асту забонҳо зулфиқор.

Ба назар мерасад, ки шеъри Ҷамолиддин аз лиҳози ҳунарӣ тасвиритар аст.

Бо мутолеаи дақиқи ин ду қасида ва муқоисаи онҳо метавон ба пайравии Ҷамолиддин аз Саноӣ дар заминаи зуҳд пай бурд.

Дар ҷойи дигар Саноӣ гуфтааст:

Чанд аз ин рамзу ишорат роҳ бояд рафт, роҳ
Чанд аз ин рангу иборат кор бояд кард, кор [5, с.186].

Ҷамолиддин гуфтааст:

То кай ин ҳоли музаввар роҳ бояд рафт роҳ,
То кай ин қавли муҳарраф кор бояд кард кор [10, с.223].

Дар ин байтҳо илова бар иқтибоси мазмуни ҳакимона аз Саноӣ дар иборот низ аз сухани ӯ истифода кардааст.

Мавзӯи дигаре, ки мебояд таъкид шавад, оид ба таъсиргузории Ҷамолиддин бар шоирони дигар аст. Фурӯзонфар зимни ёдоварӣ аз ҳунару маҳорати шоир доир ба ғазалиёти ӯ чунин гуфтааст: «Ғазалҳои вай дар радифи аввал аз ғазалиёти он аср аст. Маонии латифу алфози нарм ва диловез дар бар дорад ва дилрабоии сӯхтадилон яди байзо мекунад ва бад-он ҳад зебост, ки тавон ӯро нисбат ба Саъдӣ чун сапедадам нисбат ба хуршеди оламафрӯз гирифт» [6, с.543].

Дарвоқеъ, ин баҳои баланд ва бачо дар мавриди ғазалиёти Ҷамолиддин аст, ки агарчи дар даврае будааст, ки ғазал ҷойгоҳи каме дар девони шуаро дошта, вай талош кардааст, ки ин холигоҳро бо офаридани ғазалҳои дилпазир ва ҷаззоб то андозае пур кунад. Метавон ӯро дар арсаи ғазал ҳалқаи пайванди Анварӣ бо Саъдӣ донист. Ҷойи тардиде нест, ки Саъдӣ дар ғазалиёти хеш ба ғазалиёти Ҷамолиддин таваҷҷуҳ доштааст. Ҷамолиддин мегӯяд:

Дилам зи дарди ту хун шуд туро чӣ ғам дорад
На ишқи ту чу мане дар замона кам дорад? [10, с.383].

Саъдӣ гӯяд:

Туро зи ҳоли парешони мо чӣ ғам дорад,
Агар чароғ бимирад, сабо чӣ ғам дорад? [7, с.249].

Ё ҷойи дигар Ҷамолиддин мефармояд:

Бархез, ки мавсими тамошост,
Бихром, ки рӯзи боғу саҳрост [10, с.400].

Саъдӣ гӯяд:

Бӯйи гулу бонги мурғ бархост,
Ҳангоми нишоту рӯзи саҳрост [7, с.67].

Ҳунари ғазалсароии Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ба ҳаддест, ки шоире чун Ҳофиз дар сурудани ғазалҳояш дар мавориди зиёде аз ӯ вом гирифтааст. Ин таъсирпазириҳои Ҳофиз аз Ҷамолиддин ба шеваҳои мухталифе сурат гирифтааст.

Бештарин шабоҳатҳо байни Ҳофиз ва Ҷамолиддин мазмунӣ ва мафҳумӣ ҳастанд. Албатта, ҳунари Ҳофиз беназир аст, аммо ҳамон гуна, ки дар идома мушоҳида хоҳед кард, мазмунҳо ва мафҳумҳо дар шеъри Ҷамолиддин ҳам зебову дилпазиранд.

Ҷамолиддин:

Ҳайф бошад ба чунин ройу кифоят, ки турост
Гандапирӣ ба каф ориву ҳазорон анбоз [10, с.200].

Ё ҷойи дигар:

Мадор чашм аз ин гандапири дунё з-он,
Ки шумсуҳбату шавҳаркуш аст ин нопок [10, с.216].

Ё:

Мабош ғарра бад-ин гандапири дунё з-онк
Ҳазор шавҳар кушту ҳанӯз бикр ин зан [10, с.294].

Ҳофиз зимни истиқбол аз ин абёт гуфтааст:

Маҷӯ дурустии аҳд аз ҷаҳони сустниҳод,
Ки ин аҷӯза арӯси ҳазор домод аст [8, с.30].

Ё:

Ҷамилаест арӯси ҷаҳон, вале ҳуш дор
Ки ин аҷӯза дар ақди касе намепояд [8, с.178].

Дар ҷойи дигар Ҷамолиддин дар баёни покизагии дил аз бути ағёр чунин гуфтааст:

Дил, ки хилватгоҳи ӯ омад мабанд андар иқор,
Лоиқи каъба набошад лошаи калби уқур [10, с.198].

Ҳофиз:

Хилвати дил нест ҷойи суҳбати аздод,
Дев чу берун равад фиришта дарояд [8, с.180].

Дар боби таслим бар қазову тақдир Ҷамолиддин чунин суруда:

Чӣ чора ҷуз ризо додан ба тақдир,
Чу тадбири қазои осмон нест [10, с.79].

Ё:

Бар қазои осмонӣ чун ризо буд аз нахуст
З-он дар абрӯйи ризояш ҳеч печу хам намонд [10, с.185].

Ҳофиз гуфтааст:

Ризо ба дода бидеҳ в-аз ҷабин гираҳ бигушой,
Ки бар ману ту дари ихтиёр нагшодаст [8, с.30].

Бо таваҷҷуҳ ба истиқболҳои ёдшуда аз ин ду шоири тирози авали адабиёти форсӣ аҳаммияти шеъри Ҷамолиддинро ошкор месозад. Албатта, бо ин чанд намунае, ки зикр шуд масъалаи таъсирпазирии Саъдиву Ҳофиз ва дигар шоирони пас аз Ҷамолиддин тамом намешавад ва он чӣ дарҷ гардид аз сад як ҳиссаи он гуфта шуду халос.

Ба назар чунин мерасад, ки Ҷамолиддин як шоири маъмулӣ набуда, балки ҳунари ӯ дар офаридани мазмунҳои тоза боис гаштааст, ки мавриди истиқболи шоирони дигар қарор гирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авҳадӣ Балёнӣ. Тақиуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин: бо кӯшиши Забеҳуллоҳи Соҳибкор ва Оминаи Фахраҳмад. – Теҳрон: Маркази пажӯҳишии мероси мактуб, 1389. - 5493 с.
2. Анварӣ Абевардӣ. Девон: тасҳеҳи Тақии Мударрис. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364.
3. Маҷмӯаи мақолоти Ҳамоиши байналмилалии нақши Исфаҳон дар тавсеаи забон ва адабиёти форсӣ. - Исфаҳон, 1386.
4. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.2. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1373.
5. Саноӣ. Девон: тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1380.
6. Фурӯзонфар Бадеуззамон. Сухан ва суханварон. – Теҳрон: Хоразми, 1350.
7. Саъдӣ. Девони ғазалиёт. – Теҳрон: Асотир, 1367.
8. Ҳофиз. Девон: тасҳеҳи Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1359.
9. Ҷамшеди Мазоҳирӣ, Ҳамидризо Қонунӣ. Нигариши нав ба забон ва шеъри Ҷамолиддини Исфаҳонӣ. - Исфаҳон, 1384.
10. Ҷамолиддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқ. Девон: тасҳеҳи Ваҳиди Дастгирдӣ. – Теҳрон: Саноӣ, 1390.

НИГОҲЕ БА ҲУНАРИ ШОИРӢ ВА ТАЪСИРПАЗИРИВУ ТАЪСИРГУЗОРИҲОИ ҶАМОЛИДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии нақши Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар адабиёти форсӣ бахшида шулдааст. Ҷамолиддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ аз шоирони маъруфи асри XII аст, ки бо сурудани ашъори баландмазмун ва ҳунармандона ҷойгоҳи баланде дар арсаи суханварӣ дошта ва таъсири чашмгире дар пешрафту шукуфоии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дорад. Дарвоқеъ, метавон ин шоирро пуле байни сабки хуросонӣ ва ироқӣ донист. Вай дар ғазалиёташ бештар майл ба сабки ироқӣ дорад. Барои ҳамин дар шеъри ӯ тағйиротҳоеро метавон мушоҳида кард, ки дар камтар девоне аз шоирони дигари он давра вуҷуд дорад. Ҳунари ғазалсароии Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ба ҳаддест, ки шоире чун Ҳофиз дар сурудани ғазалҳояш дар мавориди зиёде аз ӯ вом гирифтааст. Ин таъсирпазириҳои Ҳофиз аз Ҷамолиддин ба шеваҳои мухталифе сурат гирифтааст. Бештарин шабоҳатҳо байни Ҳофиз ва Ҷамолиддин мазмунӣ ва мафҳумӣ ҳастанд. Албатта, ҳунари Ҳофиз беназир аст, аммо ҳамон гуна, ки дар идома мушоҳида хоҳед кард, мазмунҳо ва мафҳумҳо дар шеъри Ҷамолиддин ҳам зебову дилпазиранд.

Калидвожаҳо: Ҷамолиддини Исфаҳонӣ, сабки ироқӣ, қасида ,қофия, ғазал,ҳунари шоирӣ,пайравӣ,таъсирпазирӣ.

ВЗГЛЯД НА ПОЭТИЧЕСКОЕ МАСТЕРСТВО И ВОЗДЕЙСТВУЮЩУЮ СИЛУ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ДЖАМОЛИДДИНА ИСФАХАНИ

Данная статья посвящена рассмотрению роли Джамолиддина Исфахани в персидской литературе. Джамолиддин Абдурраззок Исфахани является одним из выдающихся поэтов XII века, который с сочинением высокосодержательных и искусных стихов занимал высокое место в поэтическом поприще имеет огромное влияние на продвижение и расцвет таджикско-персидской литературы. В действительности данного поэта можно считать связующим мостом между хорасанским и ираксим стилем в поэзии. Он в своих газелях в основном делал акцент на иракский стиль. Поэтому в его поэтических сочинениях можно наблюдать изменения, которые существовали в сочинениях других поэтов его времени. Его мастерство в сочинении газелей было настолько возвышенным, что такой поэт как Хафиз при написании своих газелей подражал его стилю сочинения. Это воздействие формировалось с использованием различных стилей. В основном сходства между Хафизом и Джамолиддином были в содержательном и понятийном представлении. Конечно мастерство Хафиза неповторима и уникальна, но содержание и представления в поэзии Джамолиддина очень изящны и красивы.

Ключевые слова: Джамолиддин Исфахони, иракский стиль, касыда, рифма, газель, поэтическое мастерство, подражание, воздействие.

A LOOK AT THE POETRY SKILL AND THE IMPACTING POWER OF WORKS OF JAMOLIDDIN ISFAHANI

This article discusses the role of Jamoliddin Isfahani in Persian literature. Jamoliddin Abdurrazzok Isfahani is one of the outstanding poets of the twelfth century, who, with the composition of highly rich and skillful poems, occupied a high place in the poetic field and has a huge influence on the promotion and flowering of Tajik-Persian literature. In fact, this poet can be considered the connecting bridge between the Khorasan and Iraqi style in poetry. He mainly focused on the Iraqi style in his gazelles. Therefore, in his poetic works one can observe the changes that existed in the works of other poets of his time. His mastery of gazelles was so sublime that such a poet as Hafiz, when writing his gazelles, imitated his writing style. This effect was formed using various styles. Basically, the similarities between Hafiz and Jamoliddin were in a meaningful and conceptual representation. Of course, Hafiz's mastery is unique and unique, but the content and representations in Jamoliddin's poetry are very elegant and beautiful.

Key words: Jamoliddin Isfahoni, Iraqi style, Qassida, rhyme, gazelle, poetry, imitation, influence ..

Сведения об авторе: ***Салими Джахонгир*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, соискатель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1

Information about the author: ***Salimi Jahongir*** - Khujand State University named after B. Gafurova, applicant. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1

УДК: 891.550

ЭҶОДИЁТИ ҶУМЪА ОДИНА - ТАҶАССУМГАРИ ҲАҚИҚАТИ АДАБӢ

Ёрова З.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти бадеӣ дар ҳама давру замон таҷассумгари ҳаёти воқеӣ тавассути сувари хаёл ва нақшҳои муассири ҳунарӣ буд ва ин рисолат вобаста ба тағайюроти олами ҳастӣ, рушду тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ, тағйир ёфтани сохт ва барсохти зиндагӣ дар низоми ҳама адабиёти халқҳои олам идома ёфт. Бо вуҷуди пайдо шудани даҳҳо равияҳои назариву амалӣ, ки мехостанд адабиётро ҷудо аз воқеият ҷилва диҳанд, маҳз ҳамин ҳақиқатнигорӣ дар мероси адабии маъруфтарин адибони дунё, аз ҷумла адибони давраи нави адабиёти тоҷик, шурӯъ аз устодон Айниву Лоҳутӣ, Ҷалол Икромиву Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толису Фазлиддин Муҳаммадиев то ба насли нави адибони солҳои 60-уму 80-уми тоҷик омили муҳимми маъруфият ва таъсиргузориашон ба зеҳну хираду хонанда ба шумор меомад.

Ҳарои ҳамин ҳам, асари бадеии реалистиро назарияпардозони сухан, аз ҷумлаи онҳо Г. Поспелов «каломи ҳунарӣ ба маънои маҳдудаш, ё як шакли муассири шуури ҷамъиятӣ баҳо додаанд» [6, с.159].

Ба монанди дигар анвои ҳунар дар маҷмӯъ, асари бадеӣ ифодаи мундариҷаи ҳиссию фикрӣ, як навъ ваҳдати афкору эҳсос дар шакли образнок ва ё эстетикӣ низ ҳаст. Беҳуда нест, ки адабиётшинос ва мутафаккири машҳури рус М.М. Бахтин асари бадеиро «каломи нависанда ва ё шоир дар бораи ҳаёт, таҷассуми воқеияти иҷтимоӣ аз ҷониби шахсияти дорои истеъдод» номидааст» [3, с.139].

Ба қавли дигар, асари бадеӣ ягонагии объективию субъективӣ, инъикоси воқеияти ҳаётӣ ва фаҳми муаллиф ба ин воқеият ё муносибати алоҳидаи муаллифро ба зиндагӣ ифода мекунад. Ё худ, сухани адиб ва файласуфи рус Н.Г. Чернишевский аст, ки ҳадафи осори ҳунариро «на танҳо дар инъикоси ҳаёт, балки ҳукми нависанда ба раванди ҳаёт» мушаххас кардааст [7, с.87]. Ҳамин навъ ҳукми нависандагони тоҷик ба равандҳои номатлуби ҳаёти иҷтимоӣ дар «Ёддоштҳо» ва «Ҷаллодони Бухоро»-и устод Айнӣ, «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ, «Восеъ»-и устод Улуғзода, «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиев ва даҳҳо намунаҳои дигари насри бадеии тоҷик ба хубӣ ба мушоҳида гирифта мешаванд. Ин ҷо сухан аз воқеияти адабиёти миллӣ меравад, ҳамон воқеияте, ки

ба қавли устоди зиндаёд Худоӣ Шарифзода «адибон осорашонро дар баҳси таърих ва тақдир ва муаммоҳои ҳастӣ ва мақсадҳои миллии ҳамон халқ офаридаанд» [8, с.302].

Ба ин зумраи нависандагони воқеъбину фарохназари тоҷик, ки воқеан дар давраи рукуди адабиёт бо романи машҳураш – «Гузашти айём» як навъ инқилоби фикрие ба вуҷуд овард, устод Ҷумъа Одина ба шумор меравад. Ӯ аз нахустин қадамҳои худ ба майдони адабиёти тоҷик чун як зумра адибони навовар, С.Улуғзода, П.Толис, Ф.Муҳаммадиев аниқ дарк карда буд, ки танҳо бо сабку равияҳои маълуми насри реалистии солҳои сию панҷоҳ офариниши асарҳои гуногунжанри бадеӣ ба пешрафти минбаъдаи адабиёти тоҷик мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, ӯ ба кашфи сабку услуб ва образу типҳои нав машғул шуда, хост дар шаклҳои нав, бо обуранги нави бадеӣ асар эҷод намояд. Вакте ки шахс ба сарнавишти ин адиб аз наздик ошно мегардад, мебинад, ки вай дар зиндагӣ роҳи пурпечутоб ва нишебу фарози зиёдеро тай кардааст, ки ҳамаи он ба кори эҷодии ӯ таъсири фавқулода бузург расондааст. Мактаби асосии эҷодиёти Ҷумъа Одина ҳамеша худи ҳаёти воқеӣ ва тақдиру сарнавишти мардуми заҳматкаши тоҷик буд. Ҳамин буд, ки вай дар солҳои 80-ум яке аз аввалинҳо шуда, ба ҳаёти воқеии кишвари худ ҳамқадам гардида, дар мавзӯъҳои умда асарҳои бадеӣ эҷод кард.

Фаъолияти эҷодии Ҷумъа Одина аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳум, ҳангоми донишҷӯияш, яъне аз соли 1953 шурӯъ шудааст. Ҳамон сол дар шумораи 12-и маҷаллаи «Шарқи Сурх» ҳикояи нахустинаш бо номи «Колхозчидухтар» аз дасти чоп баромад, ки аз ҳаёти донишҷӯёни омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Душанбе нақл мекард. Эҷоди ин ҳикоя аз истеъдоди нотакрори Ҷумъа Одина гувоҳӣ медод. Баъдтар ҳикояи дигари адиб бо номи «Механики нав» (1954), ки аз ташаккули характер ва ҷаҳонбинии муосирони адиб, меҳнати босамар ва истироҳати онҳо ҳикоят мекард, чоп шуд. Солҳои 1954-1960 дар эҷодиёти нависанда муддате хомӯшӣ ба амал омад, ки сабаби онро худи нависанда дар зиёд будани корҳои тарҷума, яъне ба кори тарҷума сахт банд буданаш донистааст. Оғози солҳои шастум ба фаъолияти эҷодии Ҷумъа Одина дигаргуниҳои сифатиро ворид сохт. Назари нависанда бештар ба ҳодисаву воқеаҳои моддӣ ва маънавии ҳаёти инсон нигаронида шуд. Ҳамин равия минбаъд тамоми осори нависандаро фаро гирифт ва махсусан дар эҷоди ҳикоя равияи мазкур бештар мавқеъ пайдо намуд.

Аз соли 1960 давраи дуюми эҷодиёти Ҷумъа Одина оғоз меёбад. Нависанда аз сари нав ба эҷоди ҳикоя шурӯъ мекунад. Худи ҳамон сол дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ҳикояҳои ӯ бо номи «Аз мост, ки бар мост» ва «Раҳим-бобо» чоп мешавад. Ҷумъа Одина то ибтидои солҳои ҳафтодум дар рӯзномаву маҷалаҳои ҷумҳуриявӣ бо як силсила ҳикояҳо, чун «Мерган-партизан» (1963), «Музди некӣ» (1963), «Оё гуфтаи ӯ дуруст аст?» (1963), «Алфа ва бета» (1963), «Дар суҳбати қӯрбошӣ» (1964), «Гӯшт бе устухон намешавад» (1964), «Як даста оташ» (1965), «Хоҳӣ, ки дӯстат душман нашавад» (1965) баромад кардааст, ки онҳо аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун, ҳалли конфликт, хатти сужет ва устухонбандӣ гуногун мебошанд. Азбаски Ҷумъа Одина худ дорои ахлоқи накуву писандида буд, аз ин рӯ, хост, ҳикояҳояшро низ ба мавзӯи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бубахшад. Ин иқдоми эҷодии адиб соли 1964 бо таълифи қиссаи «Авроқи рангин» амалӣ гардид ва ӯро соли 1966 ба узвияти Иттиҳодияи нависандагони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пазируфтанд.

Соли 1968 дувумин қиссаи адиб бо номи «Иншо дар мавзӯи озод», ки ба ахлоқи ҷавонони ҳамзамон ва масъалаҳои ташаккули шахсияти онҳо бахшида шудааст, ба дӯстдорони каломи бадеъ пешкаш карда шуд. Истеъдоди баланди нависандагӣ ба Ҷумъа Одина имконият дод, ки ба зудӣ миёни алоқамандони адабиёт мавқею манзалати баланд касб намояд ва ба гуфтаи муҳаққиқи рус В. Оскотский, Ҷумъа Одина «яке аз онҳое мебошад, ки дар адабиёти тоҷик равияи «повести ҷавонон»-ро инкишоф додааст» [5, с.123]. Соли 1973 маҷмӯаи ҳикояҳои Ҷумъа Одина бо номи «Чанбари оташ» рӯйи чоп омад ва баъди як сол, яъне соли 1974 қиссаи «Иншо дар мавзӯи озод» бо таҳриру такмили адиб аз нав интишор ёфт. Ҷумъа Одина ба майдони адабиёт боҷуръатона гом ниҳода, мақсад гузошт, ки асари калонҳаҷме офарад ва ба ин муваффақ ҳам шуд. Яъне, таҷрибаи эҷодие, ки ӯ дар офариниши навъҳои ҳикояву қисса пайдо карда буд, ба вай имкон медиҳад, ки чашмандозашро ба ҳаёти воқеӣ ва инъикоси бадеии он васеътар равона кунад. Ҷолиб он буд, ки Ҷумъа Одина аз эҷоди нахустин асараш дорои услуби хос буданашро маълум кард ва кӯшишаш он буд, ки ба ниҳонхонаи дили инсон, ба ботини ӯ мутаваҷҷеҳ шавад. Аз тарафи дигар, талаботи адабиёти баъдичангии тоҷик низ аз адибон ба таври фаврӣ инъикос додани ҳаёти деҳоти муосирро дархост менамуд. Ҳамин буд, ки дере нагузашта асари безаволи «Гузашти айём» (1976) ба вуҷуд омад, ки аз пешрафти эҷодии Ҷумъа Одина дарак медод.

Бояд гуфт, ки бартарии ин адиб аз насрнависони солҳои 60-уму 70-ум дар он буд, ки бар асари ҳодисаҳои номатлуби солҳои сиюм 15 соли ҳаёташро дар кишвари Ставрополи Русия сипарӣ намуда, синфи ҳафтумро он ҷо ба забони русӣ хатм кардааст. Ин саҳифаи зиндагиномаи ӯ ба он далолат мекунад, ки вай осори адибони русу Аврупоро хонда буд ва ба тарзи эҷоди нависандагони машҳури сатҳи ҷаҳонӣ хеле хуб ошноӣ дошт. Ҷумъа Одина дорои мутолиаи қавӣ буда, сарчашмаи асосии касби нависандагии ӯ китоб ҳисоб меёфт.

Гузашта аз ин, ӯ дар донишгоҳ ба он хотир ба касби тарҷумонӣ майл пайдо кард, ки дар оянда асарҳои адибони гузаштаро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кунад, хонандаи тоҷикро бо адабиёти ҷаҳон ошно созад. Маҳз ҳамин касби тарҷумонӣ ӯро ба соҳаи насрнависӣ ҳидоят кард ва ба таъбири С. Айнӣ, нависандагиро бо жанри ҳикоя оғоз бахшида, баъд ба эҷоди асарҳои калонҳаҷм, қисса ва роман мепардозад, ки намунаҳои хуби он «Авроқи рангин» (1964), «Иншо дар мавзӯи озод» (1968), «Ҷанбари оташ» (1973), «Гузашти айём» (1978) ва романи нотамоми таърихии «Искандари Мақдунӣ» (1987) будааст.

Ҳадафи асосии Ҷумъа Одина аз эҷоди асари бадеӣ орзуву мақсадҳои худро иброз доштан аст. Аз ин рӯ, адиб чи дар нахустин ҳикояҳо ва чи дар қиссаҳояш рӯҳи замонро инъикос месозад, ки ба сарнавишти ҷавонон, коргарон ва мактабиён тааллуқ мегирад.

Ҷумъа Одина ҳамчун нафари талхиҳои зиндагиро аз сар гузаронида ҳамеша мехост, ки баёнгари дарди инсонҳо бошад, аммо ба назари ӯ инсонҳои ҳақгӯю адолатхоҳ ва поксиришту покизарӯзгор ҳеҷ гоҳ дар ҷомеа мавқеи худро пайдо карда наметавонистанд. Ба миён омадани асаре вобастааст ба эҳтиёҷи адиб. Эҳтиёҷ чанд паҳлу дорад. Масалан, Балзак барои он «Гобсек»-ро навишт, ки ба фурӯш расонаду рӯзгорашро аз камбудиҳои молӣ раҳо кунад. Бисёр кам ба мушоҳида расидааст, ки адибе барои бузург шудан асарашро навишта бошад. Яъне адиб дар ҳолати муҳите, ки ҳаст, бояд бозори хонандаашро ба назар гирад. Дар даврони шӯравӣ хонанда бештар асареро мехост, ки дардҳои инсониро воқеъбинона рӯйи тасвир оварда бошад, вале муҳити сиёсӣ имкон намедод, ки он дардҳо ифшо шаванд. Аз ин рӯ, Ҷумъа Одина пайваста қаҳрамони дардошноро меҷуст ва ҳатман ба он дардҳои худро омезиш медод.

Дар ин ҷода ӯро лозим меомад, ки қолабҳои тасвирофариниро шиканад ва инсонҳои бадеияшро аз қолабҳои анъанавӣ берун барорад ва дар онҳо падидаи андешамандиро ба вуҷуд орад. Зеро ҳар қаҳрамони марказӣ иҷрокунандаи мақсадҳои муаллиф мебошад. Нависанда ба воситаи фаъолияти қаҳрамони асосӣ чӣ шахсияте будани худро низ нишон додан мехоҳад. Вақте мегӯем, ки қаҳрамони марказии Ҷумъа Одина дорои хулқу атвори нотакрор аст ва ё ӯ хеле ҷиддӣ менамояд, росткору ростгӯй мебошад ва дар зиндагӣ тамаллуқро намепазирад ва ҳалолкор аст ва ғайра. Ин чунин маънӣ дорад, ки нависанда баъзе хислатҳои худро ба ҷойҳои холимондаи характери қаҳрамонони марказиаш ворид кардааст.

Дар афкори адабии Ҷумъа Одина чунин омадааст, ки адибон чизи мехостагиашонро менависанд, мунаққид ҳам чизи хостаи худро иброз медорад. Аз назари Ҷумъа Одина, агар шахс дар зиндагӣ фаъол набошад, чӣ навъ ӯро фаъол тасвир намудан мумкин аст?

Ҷумъа Одина дар ҳикояву қиссаҳояш то оғози солҳои 70-ум «чизҳои хостааш»-ро дар хатти сужа ҷой дод, аммо чизи муҳимми хостаашро дар нахустроманаш «Гузашти айём», ки таълифи он панҷ сол идома ёфт, ба қалам медиҳад. Чунонки мебинем, солҳои холигии эҷодиёти ӯро романи «Гузашти айём» (1976) пурра менамояд. Романи мазкур дар панҷ шумораи «Садои Шарқ» (№8-12) ба чоп мерасад ва ба зудӣ дар миёни алоқамандони адабиёти бадеӣ таъбири «офарин, асари хубе навиштааст» садо медиҳад. Шояд чопи ҳамин роман буд, ки раёсати Иттиҳодияи нависандагон насри соли 1976-ро мавриди баҳс қарор дод, ки ин вазифа бар уҳдаи адабиётшинос Раҷаб Амонов вогузор гардид. Раҷаб Амонов романи «Гузашти айём»-ро натиҷаи заҳмати нависандаи соҳибқалам ва боистеъдод меҳисобад [2, с.50].

Адабиётшинос Абдурраҳмони Абдуманнон Ҷумъа Одинаро ҳамчун адиби мутафаккир эътироф менамояд. Адабиётшиносони дигар, ба мисли Соҳиб Табаров, Худойназар Асозода, Абдухолиқ Набавӣ, Шукур Ҷумъа, Абдунабӣ Сатторзода ба романи мазкур баҳои сазовор дода, чопи онро яке аз муваффақиятҳои насри муосири тоҷик шумориданд. Тақризи ба нашриёт навиштаи доктори илмҳои филологӣ, адабиётшинос Атахон Сайфуллоев гарчанде дертар чоп шуда бошад ҳам, ба ҳамин масъала бахшида шуда буд. Ӯ чопи китобии романро ҳатмӣ мешуморад. Аммо баъдтар, аз чӣ сабаб бошад, ки ақидаашро тағйир медиҳад.

Табиист, ки дар он солҳо ҳаёти шӯравии тоҷикро доғдор рӯйи тасвир овардан ва махсусан шахси ҳизбиро сиёҳ намудан амали нораво буд. Дар насри муосири тоҷик ва умуман дар насри халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ то замони истиқлол кормандони ҳизбиву давлатӣ ҳамчун нафарони идеалӣ тасвир мешуданд.

Дар адабиёти муосири тоҷик ва махсусан дар насри он, шояд Ҷалол Икромӣ яке аз аввалин нависандагоне бошад, ки дар романи «Ман гунаҳкорам» ба чеҳраи қаҳрамони асосӣ - коммунист Анвар Салимов бо назари манфӣ нигарист ва ӯро маҷбур сохт, ки гӯяд: «Ман гунаҳкорам». Ба чунин амал даст задани Ҷалол Икромӣ он вақт сурат гирифт, ки соли 1956 дар Анҷумани 20-уми Ҳизби Коммунисти Шӯроӣ масъалаи шахспарастӣ маҳкум шуд ва ин ҷиҳат боис гардид, ки адибон боҷуръаттар, ба таъбири Қайсин Қулиев, «на ба пушти каҳрамон, балки ба ботини ӯ менигаристагӣ мешаванд». Қолабшиканиҳо дар наср ва умуман дар адабиёт аз ҳамин айём оғоз гирифт ва дар ин ҷода Ҷумъа Одина ҳам бо нахустин қиссаҳояш саҳм гузошт, ки намунаи беҳтарини он романи «Гузашти айём» буд.

Бояд зикр кард, Ҷумъа Одина ба гурӯҳи адибоне шомил буд, ки аз ҷамъияти ҳамонвақтаи шӯроӣ розӣ набуданд, зеро ё худ ё авлодонашон зулму ҷабри замона дида буданд. Соли 1931 хонаводаи Ҷумъа Одинаро ҳамчун афроди доро (кулак) ба кишвари Ставрополи Русия бадарға карда буданд ва адиби оянда рӯзгори пурмашаққати замони Ҷанги Бузурги Ватаниро дар ин сарзамин аз сар гузаронида, даҳшатҳои онро бо чашми худ дидааст. Мақсади асосии адиб аз эҷоди ин асар сиёҳ кардани ҳокимияти ҳамонвақтаи ноҳияи Заргар набуда, балки Ҷумъа Одина бо эҷоди симои Қосим Бобоев роҳбарони ҳизбии ҳамондавраинаи ноҳияи мавриди назарро, ки ба хонадони садҳо Ҷумъа Одина баринҳо ҷабру ситамро раво дида буданд, нишон додан буд. Гарчанде ки дар асар чунин ишора ба назар намерасад, вале дар симои Қосим Бобоев ҳамин маъниро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Чун сабаби асосии «ҳуҷумҳо»-и сиёсӣ низ маҳз ба хотири офариниши ҳамин қаҳрамони роман мебошад. «Гуноҳ»-и дигари нависанда ба масъалаи барои он айём тасвирнашаванда, тасвири зан ва махсусан зани рус, ки дар асарҳои бадеӣ ҳамчун шахси мададгор, раҳнамо ва оқилу доно ба қалам дода мешуд, беэътиноӣ зоҳир кардани ӯ мебошад. Зеро ба истиснои образи Адолат-завҷаи Мерган Салимов, дигар ҳама занҳое, ки рӯйи тасвир омадаанд, бемаърифату бадрафтор қаламдод шудаанд.

Чун бори нахуст ин роман бо теъдоди 14 ҳазор нусха рӯйи чоп омад, бо сабаби ба сиёсат ва мафкураи замон мувофиқ набуданаш онро аз фурӯш боздоштанд ва танҳо бо кумаки Карими Мӯсо 11 адад аз ин нашр дастраси нависанда гардид ва боқимонда ҳамагӣ ба коми нестӣ рафт...

Баъдан соли 1989 роман бо таҳриру ислоҳ ва ихтисорҳо бори дуюм аз чоп баромад. Дар ин бора Бӯринисо Бердиева дар мақолаи «Бо фаҳмиши худ кор мекардам» чунин изҳори ақида кардааст: «Шунидам, ки романи «Гузашти айём»-ро бо ислоҳу ихтисор аз нав чоп мекардаанд. Ин хел шуданаш ҳеҷ мумкин нест. Зеро Ҷ. Одина ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш ба ин кор розӣ набуд» [4, с.4].

Ҷумъа Одина тасмим гирифта буд, ки романи «Гузашти айём» аз шаш дафтар ва се китоб иборат хоҳад шуд. Нависанда мехост, ки асари сегона нависад ва китоби савуми онро ба ҳаёт ва фаъолияти писари Мерган Салимов бахшад. Яъне, ин писар бояд донишгоҳи кишоварзиро хатм карда, ҳамчун кишоварзи воқеӣ фаъолият намояд ва ба Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Маскав дохил шавад, номзади илм гардад ва ҳамчун ходими соҳибилми ҳизбӣ ба ватан баргардад ва мардум ӯро ба сифати котиби ҳизбии ноҳияи Заргар интихоб намоянд. Яъне, мақсад ин буд, ки дар адабиёти муосири тоҷик бояд як асари сегонаи дигар тавлид мешуд. Аммо пастфитратию кӯрдилии баъзе аз ашхоси нотавонбин сабаби фавти на танҳо адиб, балки боиси марги асаре, ки масоили дар он замон хеле муҳимму ҳаётӣ - ободонии деҳоти нави сотсиалистӣ, барпо кардани аввалин колхозҳо, муносибати роҳбарони партиявӣ нисбат ба моликияти ҷамъиятӣ ва зердастонро дар бар мегирифт, гардид. Яъне, дар он солҳо (60-70) дар нависандагони тоҷик ҷасорати ҳунарӣ, бо вуҷуди он ки иддае аз адибон кӯшиши қолабшиканӣ доштанд, бисёр кам ба чашм мехӯрд. Аммо Ҷумъа Одина яке аз аввалинҳо шуда ин қолаби асрҳо шахшудамондаи адабиёти тоҷикро бо як ҷасорату матонати беандоза бузург шикаста, роҳи наверо барои адибони ҷавони навқалам кушод.

Адабиётшинос Худойназар Асозода навиштааст, ки «Ҷумъа Одина дар мисоли зиндагии як оила, оилаи Мерган ва як ноҳия, ноҳияи Заргар нишон доданӣ буд, ки мо кӣ будем ва кӣ шудем, аз куҷо то ба куҷо роҳ паймудем ва ин роҳи пурпечутоб бо чӣ азобҳо ва душвориҳо, эътироф кардану накарданҳо паси сар шуд» [1, с.168]. Аз ибтикори нависанда маълум мешавад, ки ӯ сегонаи « Гузашти айём»-ро якбора навиштанӣ набудааст, балки дар байни ҳар китоби сегона бояд асарҳои дигарашро ҳам эҷод мекардааст. Масалан, китоби аввали «Сафари Искандар ба Моваруннаҳр»-ро навишта, сипас китоби дувуми «Гузашти айём-ро навиштанӣ будааст. Баъдан, ду дафтари «Искандарнома»-ро ба поён расонда, боз ба эҷоди китоби савуми сегонааш мепардохтааст. Яъне, романи ба истилоҳ «Искандарнома» бояд аз панҷ китоб иборат мешудааст. Романи «Искандарнома»-ро Ҷумъа Одина нуқтаи баланди эҷодиёти худ медонистааст.

Тавре дида мешавад, на танҳо нақшаҳои эҷодии Ҷумъа Одина иҷро нашуданд, балки чопи номукаммали ҳатто як китоби сегонаи «Гузашти айём» ӯро ба фишорҳои сиёсӣ рӯ ба рӯ сохт, ҷазои ҳизбиаш доданд, аз вазифааш сабукдӯш карданд. Чанд вақт бекор монд. Танҳо баъди муддате бо дастгирии муҳаррири рӯзномаи «Маориф ва маданият», зани боирода Бӯринисо Бердиева ба ин даргоҳ ба кор қабул шуд.

Албатта, Ҷумъа Одина ба хотири дифоъ аз роман хеле мубориза бурд, ба баъзеҳо ҷавобҳои боэътимод дод, вале боз ҳам натавонист, ки он чи дар ботин дошт, баён созад. Ҳамин буд, ки дарун ба дарун сӯхт ва бар асари сактаи савуми қалб, 10-уми сентябри соли 1982, дар синни 52-солагӣ ин ҷаҳонро падруд гуфт.

Ҷумъа Одина то чопи маҷаллавии романи «Гузашти айём» чандон шуҳратёр набуд. Маҳз тақдири талхи ин роман соҳибашро овозадор сохт ва ҳамчун як нависандаи қолабшикан ва воқеъбин миёни хонандагон машҳур кард. Нависанда бо эҷоди ин асар хонандаи хосси худро пайдо намуд, муштариёну ҳаводорони зиёдеро дар атрофаш ҷамъ

кард ва шахсони хайрхоҳаш зиёд гардиданд. Албатта, романи «Гузашти айём» соҳибашро рӯҳану ҷисман кушт, аммо боз ин роман боис шуд, ки Ҷумъа Одина баъд аз марг ба Ҷоизаи давлатии ба номи устод Рудакӣ сазовор гардад. Яъне, рост рафтану рост гуфтану рост шуниданҳои адиб ӯро ба сифати нависандаи бомаҳорати шӯравии тоҷик муаррифӣ кард.

Метавон гуфт, ки Ҷумъа Одина бо романи «Гузашти айём» ва порчаҳое аз «Искандарнома» ва дигар асарҳояш дар саҳифаи таърихи адабиёти нави тоҷик аладдавом боқӣ мемонад.

Бояд таъкид кард, ки дар осори адибони боҳунару тавоно ба ҳам омадани ду ҳақиқат – ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати адабӣ ё бадеӣ дар камоли таносуб қарор мегирад ва ин меъёри адабӣ барои нависандаи моҳиятбин мисли Ҷумъа Одина барои ичро ҳатмӣ буд. Барои ин адиб ҳақиқати бадеӣ нақши мундариҷаи ғоявиеро мебозад, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад.

Ба тасвири бадеӣ гирифтани воқеаву ҳодисаҳои аниқу дақиқи солҳои 60-70 дар мисоли сужети романи «Гузашти айём» барои адабиёти он давра аз он ҷиҳат муҳим ва характернок буд, ки нуқсу иллатҳои ба ҳама маълуми сохтори идеологии замон аз назари дақиқбини нависанда пинҳон намонд ва адиб ҳамвора тавонист, ки ин норасоиҳои ҷиддии он давронро тавассути образҳои хотирмон, интихоб ва ҷобаҷогузории ҷузъиёти бадеӣ, офариниши характерҳои воқеиву боваркарданӣ ба хонанда ошкор намояд.

Маҳз ҳиммати баланду виҷдони поки Ҷумъа Одина нагузошт, ки дар таълифи ин роман беэътиноӣ кунад. Воқеаву ҳодисаҳо ва ҷузъиёти ҳамон замона тавре аз ҷониби адиб интихоб шуда буданд, ки моҳияти андеша ва ғояи муаллифро ҳамаҷониба инъикос карда метавонистанд.

Бар иловаи он чӣ, ки гуфта шуд, барои табиати эҷодии Ҷумъа Одина инчунин ҷуръату ҷасорати шаҳрвандӣ хос буд, ки ин масъала алоҳида дар пажӯҳишҳои дигар баррасӣ хоҳад шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Чеҳраҳо / Х.Асозода. – Душанбе: Адиб, 1996. – 318 с.
2. Амонов Р. Насри тоҷик дар соли 1979 / Р. Амонов // Садои Шарқ. – 1979. - № 10.
3. Бахтин М.М. Литературно-критические статьи / М.М.Бахтин. - М.: Искусство, 1986. – 524 с.
4. Бердиева Б. Ба фаҳмиши худ кор мекунам / Б.Бердиева // Маориф ва маданият. – 1989. – 5 май.
5. Оскотский В. Сужетҳо ва характерҳо / В.Оскотский // Садои Шарқ. – 1973. - № 1.
6. Поспелов Г.Н. Эстетическое и художественное / Г.Н.Поспелов. - М.: Наука, 1965. – 247 с.
7. Чернышевский Н.Г. Полн. собр. соч.: В 15 т. Т. II / Н.Г. Чернышевский. – М.: Искусство, 1949. – 452 с.
8. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо / Х.Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

ЭҶОДИЁТИ ҶУМЪА ОДИНА – ТАҶАССУМГАРИ ҲАҚИҚАТИ АДАБӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе лаҳазоти муҳимми ҳаёт ва эҷодиёти нависандаи ҳақиқатбаёну дақиқназар Ҷумъа Одина мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Бояд гуфт, ки дар таърихи адабиёти тоҷики солҳои 70-80-уми садаи XX Ҷумъа Одина ҷойгоҳи баланд дорад. Дар ин солҳо таваҷҷуҳи аҳли қалам ба масъалаву муаммоҳои дардноку пурфоҷиаи ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ, таърих ва ҳофизаи таърихӣ, мушкилоти зиёди сари роҳи бунёди ҳаёти нав равона шуда буд. Дар маҳофили адабӣ асарҳое мавриди гуфтугӯву нақд қарор мегирифтанд, ки воқеоти таърихии ҳамон солҳоро инъикос менамуданд. Аз назари муаллифи мақола, романи «Гузашти айём»-и нависанда қуллаи камоли эҷодиёти ӯ эътироф шудааст. Дар асари мазбур нависанда фоҷеият ва мушкилоти сохтори идеологии ҳамон давраи пурмуамморо воқеъбинона ва амиқ ба қалам додааст. Сарнавишти романи мазкур хеле ачиб аст. Бори нахуст дар ҳаёти адабии ҳамон замон чунин шуд, ки романи ибтидо дар маҷаллаи адабӣ нашршуда ва тақризҳои мусбат гирифта, баъди дар шакли китоби алоҳида чоп шуданаш мусодира ва манъ шуд. Соли 1979 бо қарори Бюрои КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон китоби мазкур несту нобуд карда шуд. Дар он санад романи Ҷумъа Одина ҳамчун «асари зараровар ва воқеиятро тахрифнамуда» баҳо гирифт. Баъди ин воқеа нависанда ба таъқиботи сахт гирифтор шуд ва 10-уми сентябри соли 1982 баъди сактаи сеюми қалб ҷаҳонро падруд гуфт. Дигар асарҳои ӯ – қиссаҳои «Иншо дар мавзӯи озод» ва «Авроқи рангин», инчунин як силсила ҳикоёташ ба мавзӯи ҳаёти ҷавонони он давра бахшида шудаанд. Ин қиссаву ҳикояҳо аз розу ниёзи ҷавонон – хатмкардагони мактабу миёна ва олӣ, ҷустуҷӯву бозёфтҳо ва дастовардҳою мушкилоташон нақл мекунанд. Бархе ҳикоёт ба ҳодисаҳои ҷанг ва муносибати инсонҳо ба ин фоҷиа иртибот доранд.

Калидвожаҳо: роман, характер, ҷомеа, образофаринӣ, фоҷеият, сарнавишт, шаклу мундариҷа, сохтор, «Гузашти айём», «Авроқи рангин», «Иншо дар мавзӯи озод», ҳизбият, мушкилот, маънавият, воқеият.

ТВОРЧЕСТВО ДЖУМА ОДИНЫ – ОЛИЦЕТВОРЕНИЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ ПРАВДЫ

В данной статье автор подвергает исследованию некоторые важные моменты жизни и творчества Джума Одины. В истории таджикской литературы 70-80 гг. XX века Джума Одина занимает видное место. В эти годы пристальное внимание научной и литературной общественности Таджикистана было направлено на осмысление различных проблем жизни страны, познание истории, осознание национальной идентичности и своеобразия, стремление к социалистическому строительству. В центре дискуссий оказывались художественные произведения, отображавшие исторические события советского периода, особенно 30-40-х гг. XX века. Вершиной творчества писателя считается его роман «Бег времени». В этом произведении писатель правдиво отобразил трагизм и нелепость советской идеологии. Судьба этого романа была трагична. Литературная жизнь не знала такого случая, когда произведение, полностью опубликованное в журнале, получившее положительные рецензии, затем изданное в качестве отдельной книги, после всего этого было конфисковано и запрещено. В 1979 году постановлением Бюро ЦК Компартии Таджикской ССР книга была уничтожена. В документе говорится: "как вреднную, порочащую нашу действительность, книгу в таком виде в свет не выпускать». После этого в жизни и творчестве писателя начинается

«черная полоса» и 10 сентября 1982 г., после третьего инфаркта писатель уходит в мир иной. Другие книги писателя - «Сочинение на вольную тему», «Пестрые страницы», а также цикл его рассказов посвящены современной молодежи. Повести рассказывают о молодых людей того времени, выпускниках средней школы, студентах индустриального техникума, об их трудовых буднях, об их поисках, мечтах и свершениях. Некоторые рассказы отображают борьбу советских людей в годы Великой Отечественной войны.

Ключевые слова: роман, характер, общество, создание образов, трагизм, судьба, форма и содержание, структура, «Бег времени», «Сочинение на вольную тему», «Пестрые страницы», партийность, проблема, нравственность, действительность.

THE WORKS OF JUMA ODINA - IMAGE OF LITERARY TRUTH

Current article discusses some notes on life and creativity of Juma Odina. In the history of the Tajik literature of seventh and eighth decades of XX century Juma Odina is listed as one of the prominent writers. In these years attention of the scientific and literary society of Tajikistan has been attached to the understanding of different problems of life, awareness of the history, understanding of the national identity and originality, and desire to the Socialistic construction. The main subject of discussions in the field of literary criticism of that time were works, which could show historical events of early Soviet period, especially between 30-40-ies of XX century. The novel «The running time» is considered as a main work of Juma Odina. In this novel writer truthfully displayed tragedy and the absurdity of the Soviet ideology. That's why the fate of the novel was tragic. The Tajik literary history didn't know such a case when a novel completely published in the journal and which received positive reviews, was confiscated and prohibited when it had been published as a separate book. In 1979 by the resolution of the Bureau of Central committee of the Communist party of Tajik SSR this novel was destroyed. The document said: "because of a harmful content to our reality, the book cannot be published". After that, in the life and creativity of Juma Odina begins a "rough patch" and on September 10, 1982, after the third heart attack he passed away. The other books of writer – «An essay on the freestyle subject", "Colorful pages", as well as the cycle of his stories are dedicated to the modern young people. These stories are about young people of that times, graduates of high schools, students of industrial college, their everyday life, and their quest and dreams. Some stories represent the fight of Soviet people during the World War II.

Key words: a novel, character, society, the creation of images, tragedy, fate, form and content, structure, "The running time", "An essay on the freestyle subject", "Colorful pages" party spirit, the problem, morality, reality**.**

Сведения об авторе: ***Ёрова З.Н.*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 98-104-59-85**

Information about the author: Erova Z.N. - Tajik National University, assistant of the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literatur**e. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel:.: **(+992) 98-104-59-85**

УДК: 891.550

ИНЪИКОСИ АДАБУ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Шарифзода Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар фаъолияти илмӣ ва адабии устод Садриддин Айнӣ яке аз воситаҳои муҳимми ба насли замони шӯравӣ, ба таъбири маъруф «тарбияти инсони нави шӯравӣ» ва ба ин восита ба насли баъдӣ дастрас намудани арзишҳои миллӣ ва аз муҳимтарин масоили ҳаётӣ ва таърихиву фарҳангии миллат огоҳ намудани онҳо насри ҳунарӣ аст, ки бо риоят ва таъмини меъёрҳои пазируфтаи ҳунари адабӣ сомон ёфтааст. Повести «Одина» (1927), романҳои «Дохунда» (1930), «Ғуломон» (1935) ва асари тарҷумаиҳолии ӯ «Ёддоштҳо» (1948-1954) бо бартарии андешаи миллӣ ва инъикоси адабу фарҳанги миллӣ ва даъвоҳои сиёсӣ ва иҷрои талаботи методи ягонаи адабиёти шӯравӣ масъалаи миллият ва инъикоси адабу фарҳанги миллӣ ва шинохти миллати тоҷикро дар адабиёти шӯравӣ бори аввал ба миён гузоштаанд. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ ба «Ёддоштҳо» таваҷҷуҳ намудан ва барои ҳаллу фасли ин масъала аз қареҳа ва даҳои адабии устод Айнӣ дар баррасии он кор гирифтан, мавзӯи баҳси ин мақоларо ташкил менамояд.

Бидуни тардид метавон тасдиқ намуд, ки дар осори ҳеҷ яке аз адибони тоҷик ба андозаи осори устод Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо» хусусиятҳои миллии халқ, аз қабили маданият, урфу одат, расму оин, ҳунару дониш, гуфтору рафтор, ҳусну малоҳати зиндагию рӯзгордории миллии тоҷикӣ матраҳ ва эҳё нагардидааст. С. Айнӣ аз нахустин қадамҳои эҷодӣ, илмӣ ва сиёсиаш эҳёгари анъанаҳои миллии «миллати наҷибаи Бухоро», ки аҳолии аслӣ ва қадимии ин сарзаминро аз ҷиҳати ирқ тоҷикон ташкил медоданд, будааст. С. Айнӣ дар мақолааш «Тақдири як халқ» дар хусуси мароми аслии худ таъкиде дорад, ки ин андешаро равшан менамояд: «Дар муддати ҳаёти худ ман китобҳои зиёде навиштаам ва ҳамаи онҳо ба як мавзӯъ бахшида шуда, аз як мавод фароҳам омадаанд. Ҳамаи ин китобҳо – дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи кишвари кӯҳистонии ман, дар бораи кишвари азизам, ки дар замонҳои гузашта урдуҳои сершумори аҷнабиён поймол карданд, дар бораи фарзанди ин сарзамин мебошанд, ки дар қарни VIII-уми эраи мо ба худ номи тоҷикро гирифт» [1, с.82].

Мавзӯи зиндагонии халқи тоҷик ва маърифату ҷаҳонбинии он, ки дар даврони шӯравӣ аз арзишҳои маънавии анъанавии худ ва бозҷустҳои бадеӣ бо таъсири сиёсати давр ва назорати сахти он дур гашта буд ва аз ҳадди муайяншудаи ҳизб фарохтар по гузошта наметавонист, дар офаридаҳои С. Айнӣ аз оғози фаъолият мавқеи аввалро касб кардааст. Хусусан, дар «Ёддоштҳо» маънавият, ахлоқ, фазилату фаросат, ҳунармандию косибӣ, маърифати ботинӣ ва зоҳирӣ ва рӯҳонияти миллати тоҷикро мо ба таври равшан мушоҳида мекунем.

Мавзӯи «Ёддоштҳо» ҳамчун инъикоскунандаи муҳимтарин масоили миллӣ ва таъирихиву фарҳангии миллат ва қомуси зиндагии халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он ҳанӯз дар замони таълифи асар дар нигоштаҳои М. Турсунзода [19], С. Табаров [17; 18], Р. Амонов [6, с.43-50], Ю. Бобоев [9; 10; 11], О. Акрамов [4, с.2] ва баъдан тадқиқотҳои А. Сайфуллоев [16], М. Шукуров [24; 25; 26; 27; 28], И.С. Брагинский [12], Иржи Бечка [7; 8], С. Амирқулов [5], Х. Шарифов [21; 22, с.157-159], А. Маҳмадаминов [13] ва дар китобҳои таълимии А. Шеърдӯст [23, с.348-378] ва Ҷ. Ҳамроев [20, с.183-199] дар ин масъала ишораҳо шудааст, вале аз рӯйи меъёри арзишҳои миллии ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон, ки баъд аз касби Истиқлолият ба даст даромадааст, тарафҳои гуногуни он ба омӯзиш ва таҷдиди назар ниёз доранд. Ин муҳаққиқони муҳтарам низ ин ҷиҳати омӯзиши осори С. Айниро таъкид намудаанд. Аз ҷумла андешаҳои М. Шукуров ва Х. Шарифов дар ин мавзӯъ сазовори таъкиди махсус аст.

Дар замони имрӯз, ки ҷомеаи ҷаҳониро ҷараёнҳое, чун ҷаҳонгароӣ (ҷаҳонишавӣ – глобализация – globalization) ва ифротгароиву терроризм фаро гирифтааст, таваҷҷуҳ намудан ба масъалаҳои фавқуззикр аз ҳастии маънавии худ дифоъ кардан аст. Инсони имрӯза, ки ҳар лаҳза ҷараёне ба сӯйи худ мекашад ва падидае домангири ӯст, танҳо бо меросбарии адабу фарҳанги миллӣ, бо имрӯзӣ кардани ҳастии маънавии худ метавонад дар саҳнаи таърих побарҷо бимонад. Ба тарзи дигар гӯем, «ҳар миллат ва ҳар халқ, хоҳ бузург бошаду хоҳ хурд, то худро нашиносад, эҳтиром накунад, таърих, фарҳанг ва суннатҳои худро надонаду қадр накунад, ҳеҷ гоҳ дар миёни миллатҳои дигар мақому манзалати шоён пайдо карда наметавонад» [15, с.307]. Аз ҳамин дидгоҳ осори гаронарзиши устод Айнӣ дар ин бобат раҳнамои хубест. Устод Айнӣ дар баробари осори илмӣ, чун «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1934), «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» (1939 ва 1941), «Устод Рӯдакӣ» (1940), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1940), «Як симои номашҳури адабиёти тоҷик» (1940), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) бузургтарин асари барҷастаи миллии худ – «Ёддоштҳо»-ро дар чаҳор ҷилд, ки ин ҳам бошад, нотамом мондааст, ба масъалаҳои муҳимми адабу фарҳанги миллӣ бахшида, бо камоли вусъати бадеӣ муҳимтарин масъалаҳои адабу фарҳанги миллиро дар пайвастагӣ бо сарнавишти халқи тоҷик ва он чи аз сари худи адиб гузашта буд, ба миён гузоштааст. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфтааст: «Устод Айнӣ тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст. Баробари таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ (С. Айнӣ – Л. Ш.) бо тамоми ҳастияш ба он пайваст ва барои рушди забону адабиёт, илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик хизмати беназир кард» [15, с.311].

Бояд қайд намуд, ки устод Айнӣ ҳанӯз дар замони таълифи қисми аввали «Ёддоштҳо» яке аз мақсадҳои худро дар таълифи «Ёддоштҳо», пурра намудани камбудии таърихи адабиёти тоҷик медонад. Аз мутолааи мукотиботи С. Айнӣ ба М. Турсунзода ва «Ёддоштҳо» чунин андеша ба зеҳн мерасад, ки устод Айнӣ дер боз мехостааст, давраи амирӣ, симоҳои хурду бузурги ин давр ва дар асл муҳимтарин масоили ҳаётӣ ва таърихиву фарҳангии миллатро, ки норавшан мондаасту ба камбудии таърихи адабиёти тоҷик сабаб шудааст, ба насли нав шиносонад. Ба ин васила он камбудиеро, ки бо таъсири ҳукумати ғайритоҷикии минтақа то ибтидои асри XX норавшан монда буд, пурра намояд ва ба ин восита як давраи норавшани таърихи халқи тоҷикро, ки мардуми Осиёи Миёна, хосса сокинони аслии он – тоҷикон дар зери истибдоди қабилаи Манғит монда буданд ва аз одитарин ҳуқуқи худ дифоъ карда наметавонистанд, равшан кунад. Ва инчунин матлаби дигари С. Айнӣ, ки аз муҳтавои таҳтонии асар бармеояд, дар асл огоҳ намудани насли нави адибону фардони пайрави сиёсати шӯравӣ ба гузаштаи миллати худ, ки ин насл бар асари даргириҳои сахту маъюскунандаи солҳои 20-уму 30-юми садаи XX андаке аз гузаштаи худ дур гашта буданд ва то ҷое вуҷуди худро аз ҳамаи онҳо берун медонистанд ва дидаю зеҳни худро ба масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ, ки барои ҳар фард шакли нави ҳаёт дониста мешуд, ошно намуда буданд ва онро бо ҳар гуна васила месутуданд, низ будааст, ки имрӯз яке аз масъалаҳои таърихи адабиёти мо ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар номаи фиристодааш ба М. Турсунзода (аз 27 декабри соли 1948) тамом кардани «Ёддоштҳо»-ро яке аз корҳои зарурии худ дониста, дар баробари дигар фоидаи асар доир ба ин масъала менависад: «Яке аз ин корҳои зарур тамом кардани «Ёддоштҳо»

аст. «Ёддоштҳо» ғайр аз он фоидаҳое, ки ман дар мактуби пештараам* навиштаам, боз як фоида дорад, ки камбудии таърихи адабиёти моро пур мекунад» [2, с.108]. Барои таъкиди матлаб ва асли мақсад С. Айнӣ боз бо исрор чунин хотиррасон мекунад: «Маълум аст, ки нависандагони ҷаҳоншумули халқи рус дар асри Х1Х чунон асарҳои пурра доданд, ки баъд аз Инқилоб ба гардани нависандагони советии рус фақат равшан кардани зиндагонии советӣ монд. Аммо дар мо дар асри Х1Х ва то револютсия (Инқилоби Октябр – Л. Ш.) чизе ба майдон наомад. Танҳо дар майдон асарҳои Аҳмадмахдум аст, ки онҳо, аз як тараф, ба танқиди дарбор маҳдуд буда, аз тарафи дигар, то ҳол чоп нашудаанд ва ба сабаби усули таҳрирашон дар замони мо айнан чоп кардани онҳо ҳам мумкин нест. Бинобар ин, ман дер боз орзу доштам, ки ҳаёти замони амирро то метавонам фош кунам, ки ҷавонони мо чӣ будани он ҳаётро донанд» [2, с.108]. Дар идома устод Айнӣ ҳадафи худро равшантар намуда, менависад: «Ҳарчанд дар «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» як қисми он аҳволро акс карда бошам ҳам, басанда нест.

«Ёддоштҳо» ана ҳамин камбудии таърихи адабиёти моро қисман пур хоҳад кард» [2, с.108].

Ин мулоҳизаҳо равшан менамояд, ки инъикос намудани муҳимтарин масоили ҳаётӣ ва таърихиву фарҳангии халқи тоҷик дар таълифи «Ёддоштҳо» ҳадафи асосӣ будааст. Аз ин ҷост, ки дар «Ёддоштҳо» халқи тоҷик дар саҳнаи маскунӣ, ки мавзеи зебо ва бо ободониҳои нисбии хонаю масҷид, мактабу мадраса, тарҳи маҳаллии масканҳо, боғу бӯстонҳо ҳусни хосси тоҷикона доранд, зиндагӣ мекунанд. Инсон, ки макони зиндагии худро бо мавқеи табиӣ, хоку об ва пастию баландӣ муносиб карда, тарҳи судманди манозил ва киштзорҳою боғҳои манбаи таъмини моддиро ба вуҷуд меорад, дар «Ёддоштҳо» зебо тасвир ёфтааст. Чунончи, С. Айнӣ дар мавриди деҳаи Соктаре ба ин ҷиҳатҳо таваҷҷуҳ намуда, мегӯяд: «Азбаски ин деҳа дар наздикии дарёи Зарафшон воқеъ шудааст ва аз байни деҳа ҳам ба номи Мазрангон як ҷӯйи калон мегузарад, сероб ва обод буда, бештарини ҳавлиҳояш рӯидаричадор, чорбоғнок ва пурмева аст. Заминҳои ин деҳа ҳосилхез буда, дар онҳо киштҳои гуногун мерасиданд ва аз шолӣ гирифта то сабзавот, ки киштҳои серобталаб мебошанд, дар деҳа киштa мешуданд» [3, с.5]. Манзили одамон низ дар «Ёддоштҳо» бо масҷиду мактаб ва мадраса, ки макони таъминоти маънавӣ аст, пайвастагӣ дорад. «Ин деҳа (Соктаре – Л. Ш.) дар пеши масҷид, – мегӯяд С. Айнӣ, – мактабе дошт, ки тобистону зимистон давом мекард ва инчунин мадрасачае ҳам дошт, ки дар ин ҷо дарсҳои ибтидоии мадрасагӣ хонда мешуд. Бинобар ин, дар он давру пеш аз он деҳа маданиятноктар ва серхату саводноктар ҷое набуд» [3, с.6]. Дар «Ёддоштҳо» С. Айнӣ табиати зиндагии мардумро бо симои шахсиятҳои гуногун тасвир мекунад ва инсон аз ободониҳои дар ин табиат сохтаи худ, шуғлу касбу кор ва ҳатто ҳавасҳою зоҳири машғулиятҳо аз ҳам ҷудо нестанд. Устохоҷа дуредгари ҳунарманд, Сайидакбар – Парвардигорхоҷаи калонгиру назарбаланд, Қорӣ Маҳмуди ширинкору сухандон, Лутфулло-гӯппони паҳлавон, Тӯтапошшо бо афсонаҳои ваҳмангезу дилангези хеш ва дигарон бо шуғлу пешаи худ замзамаи ягонаи зиндагиро ба вуҷуд меоранд. Ин бастагии ягонаи зиндагӣ бо расми қадимае мисли афсонахонӣ ҳамбастагии маънавии бошандагонро ба вуҷуд меоварад, ки ҳузури созандагону сарояндагон онро кайфияти хуши зиндагӣ мебахшад. Оилаҳо ҳам куҳнаю одию одатии қадимӣ аст ва бо ҳунарҳои аз бобокалон меросгирифта ва хондани байтҳои ҷудогона аз гузаштагон ҳиссиёти пайванд ба манзилу анъанаҳои қадима ва гусаста нашудан аз гузаштаи миллатро медиҳанд. Ҳамчунон ҷархиосиётарошӣ воситаи пайванд ва давоми ҳунармандии авлод аст. Ин ҷиҳатҳо «Ёддоштҳо»-ро ба эътибори падидаҳои иҷтимоии муассир дар зиндагии иҷтимоии халқи тоҷик ҷилва дода, хонандаро ба саҳнаи зиндагии халқи тоҷик раҳномоӣ мекунад.

Чизи дигари муҳим, ки дар «Ёддоштҳо» матраҳ ёфтааст ва ин асарро ҳамчун қомуси ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он ҷилва медиҳад, ин ҳикмати зиндагӣ ва таҷрибаи рӯзгорон аст. Ба Садриддин падараш гуфта, ки «ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯй, ки ҳам шарманда мешавӣ, ҳам бадном» [3, с.97]. Рафтору кирдори падару модар низ ибратомӯз аст. Онҳо бо расму ойини садсолаҳо ҷоришуда, ки хосси хонаводаи шарқӣ аст, зиндагӣ мекунанд. Қариб дар тамоми қисми якуми асар, ки падар дар муносибат ба падидаҳои мухталифи зиндагӣ тасвир шудааст, дар ҷараёни меҳнат ва офаридани неъматҳои моддӣ намоён мегардад. Табиати меҳнатдӯстии вай имконият намедиҳад, ки рӯзеро бе ягон коре гузаронад. Вай ҳам деҳқон, ҳам бофанда, ҳам рангрез ва сангиосиётарош аст. Ба ин ҳолат зиндагӣ кардан ва ҳамеша ба коре машғул гаштан ва касбҳои гуногунро аз худ кардани Сайид Муродхоҷа, бешубҳа танҳо аз характери меҳнатдӯстии ӯ набуда, балки асоси ҷиддитаре дорад. Ин, албатта, аз ҷанбаи иҷтимоии меҳнат холӣ нест, вале, ба назари мо, асоси меҳнатдӯстии ӯро кайфияти зиндагӣ фароҳам овардааст. Чунончи, вай дар ҷавоби Қурбонниёз, ки «ман шумо барин боғайрат шуданро мехоҳам» мегуфт, бо чунин суханҳои ҳикматомез ҷавоб мегӯяд: «Агар хоҳӣ, ман баринак не, аз ман зиёдтар бағайрат, коркун ва

*Мактуби 14-уми декабри соли 1948, ки ба суроғаи М. Турсунзода фиристода шудааст, дар назар аст – Л. Ш.

кордон шуда метавонӣ, ҳама гап дар хостан ва хоҳиши худро ба кор даровардан аст. Агар танбалон ва танпарварон медонистанд, ки *кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад ва дили касро ҳузур медиҳад*, ҳеҷ гоҳ дар сояи бекорӣ намехобиданд» [3, с.25]. Дар ин суханҳо ҳикмати халқӣ ва кайфияти зиндагӣ барои қаҳрамон дар меҳнат аст, ки «чӣ гуна дили ӯро ҳузур медиҳад» [3, с.25]. Падар – Сайид Муродхоҷа, ки шахси «диндор буд, ӯ ба Худову Расул, ба қиёмат ва ба Дӯзаху Биҳишт иқрор буд» [3, с.93], ба рӯйдодҳои атроф аз ин меъёр баҳо медиҳад. Модар низ сарфакор асту дар тангдастиҳои оила чораандеш. «Вақте ки биринҷи тӯйро оварда будед, – модар мегӯяд ба падар, – ман як халтаро аз вай биринҷ пур карда гирифта дар сандуқ пинҳон карда монда будам, ки ягон вақт танг шавем, кор мефармоем. Акнун, ки аввал қарзҳоро кандан лозим аст, ҳамон биринҷро кор фармудан мегирем» [3, с.15]. Ин намунаи шахсияти зани тоҷик дар он рӯзгор ва дар замони мо ҳам мебошад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ қомуси ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он дар охирҳои асри Х1Х ва оғози асри ХХ аст, ки буду боши ин миллатро дар бар кардааст. Бо ин равиш С. Айнӣ саргузашти халқи тоҷикро ба вуҷуд овард, ки ҳамосаи миллии тоҷикро дар асри бистум бунёд гузошт. Ба қавли адабиётшиноси маъруф Х. Шарифзода, «ҳамосаи сирф миллии тоҷикӣ дар ҳамин асри бистум аввал аз ҷониби С. Айнӣ бо даъвии саргузашти тоҷик будан навишта шуд. Оғозгари ҳамосаи миллии даврaи нав ва сирф тоҷикӣ С. Айнӣ аст» [22, с.157-158].

Чунонки таъкид рафт, «Ёддоштҳо» аз ҷиҳати он ки қомуси зиндагӣ ва адабиёту фарҳанги он аст, ҳамосаи зиндагии тоҷикон ва тоҷикона аст, ки бар хилофи дигар асарҳои С. Айнӣ аз маданият, фарҳанг, донишу хирад, расму ойин ва адабиёти тоинқилобии халқи тоҷик бе муқобилгузории ҳаёти «гузашта» бо ҳаёти сотсиалистӣ – «нав» сухан мегӯяд ва гӯё нависанда ин зиндагиро ба зиндагии замони пирии худ тарҷеҳ медиҳад. Албатта, ин амал, дар замоне, ки «зиёиён» ва «муҳаққиқон» кӯшиш кардаанд, ки фарҳанги миллии тоҷиконро ба ҳадди имкон ночиз нишон диҳанд, як қаҳрамонӣ буд. Ин амал С. Айниро аз дигар намояндагони адабиёти шӯравии тоҷик як сару гардан баландтар мегузорад. Адабиётшинос Х. Шарифзода, ки солҳо дар бораи тамаддуни тоҷикон таҳқиқот бурда аз сарчашмаҳои муътамади таърихию адабӣ оид ба ин мавзӯъ огоҳӣ дошт, дар мавриди решаҳои илмӣ, ҷаҳоншиносӣ, ҳунарӣ ва маърифатии фарҳанги тоҷикон дар замони пеш аз тағйироти оғози асри ХХ бар асоси маънавият ва мардумпарварии ин фарҳанг назар намуда, чунин андешаи илмиро пеш меорад: «Маънавиёти ин фарҳанг (фарҳанги тоҷикон – Л. Ш.) дар ҳудуди умқи мардумпарварӣ (гуманистӣ), камолоти ҳунарӣ, қонунҳои фарҳангӣ, ваҳдати пешбари мутамаддини ба худ хос дошт. Ин фарҳанги омма ва миллият бо решаҳои мардумӣ ва такмили волои ҳиммати инсонӣ худро шинохта буд» [22, с.189]. Имрӯз метавон гуфт, ки С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ аз ин арзишҳои фарҳанги «гузашта» сарфи назар накардааст, балки онҳоро бо камоли бадеият ва гоҳе таърихӣ тасвир намуда, хостааст, ки онҳо фаромӯш нашаванд.

Аз лиҳози тасвири саргузашти тоҷик ва тарзи зиндагии онҳо, «Ёддоштҳо» чанд сифати бисёр муҳимми халқи тоҷикро дар худ дорад: якум, мавҷудияти ин миллат, яъне онҳое, ки дар аморати Бухоро зиндагӣ мекарданд, ҳам тоҷик буданду ҳам ӯзбак, ҳам турк буду ҳам туркман, ҳам эронӣ буду ҳам яҳудӣ, вале дар «Ёддоштҳо» мусаллам аст, ки С. Айнӣ «гузаштагоне, ки китобҳои зиёде таълиф карда, дар олами Ислом ба ҳама устод шудаанд», мардуми эронитабор, хосса тоҷиконро дар ҳамзистии мусолиматомез бо дигар миллатҳо дар маркази диққат офаридааст. Дар аҳди шӯравӣ ҳамзистии мусолиматомези миллатҳо ташвиқ мешуд, лекин ҳамоно дар ҷойи аввал истодани тамаддун ва хираду дониши як миллат, яъне ба ғайр аз миллати рус, номумкин буд. Дар ин масъала донишмандони зиёде андеша баён намудаанд, аз ҷумла дар навиштаҳои академик М. Шукуров ва М. Раҷабӣ. Ба назари мо, кайфияти зиндагӣ бо арзишҳои миллӣ ва мавҷудияти халқи тоҷик бо адабиёту фарҳанги тоҷикӣ зистан бебаҳотарин чизи рӯйи дунё ва неъмати Худованд аст. Чунончи, дар ҳадиси Расули Акрам (с) омадааст: «Ҳар кӣ ҳаст, ғанимат бурда» [14, с.40]. Зиндагии Сайид Муродхоҷаи бурдбору заҳматкаш, ҳамсари сарфакор ва мехрубони ӯ – Зеварой, падари пири ӯ, фарзандон, Муҳиддину Садриддин, Сироҷиддину Киромиддин ва дигар наздикону хешовандон рамзи ширинии ҳаёт, будан дар рӯйи замин мебошад ва кайфияти зиндагии тоҷиконаро медиҳанд.

Дувумин сифати муҳимми халқи тоҷик дар «Ёддоштҳо» муҳаббати бе миннату даъво бо хонавода ва наздикону хешу шиносон аст. Тарзи муносибат ба якдигар, ба хусус дар хонавода, самимият ва муҳаббати бе рӯйю риё дорад. Чунончи, бобои Садриддин бо ҳамаи он калонсолӣ ва мӯйсафедӣ аз суханони Садриддини хурдсол, монанди бачагон воҳ-воҳ гӯён механдад ва аз шиддати ин хурсандӣ дар чашмонаш ашк чарх мезанад. Ин намунаи муносибати самимии хонаводаи тоҷикист. Сайид Муродхоҷа низ ба фарзандонаш навозиши хос дорад, аммо дар вақти аз насиҳат баромадани онҳо аз танбеҳ худдорӣ намекунад. Ҳатто як дафъа барои суханҳои сохтаю бофта гуфтани Садриддин гӯши ӯро сахт гирифта, ба ӯ суханҳои насиҳатомез низ гуфта буд. Ин муносибати содаи зоҳирӣ, пайомади бузурге доштааст. «Ин танбеҳи падарам, – мегӯяд С. Айнӣ, – барои ман як таълими бисёр фоидаманд шуд, ки дар ҳаётам таъсири калон кард ва маро бо

диққаткорӣ тарбия намуд, фаромӯш накардани гапҳо, ҳодисаҳо, чизҳо ва одамҳоро ба ман ёд дод» [3, с.97]. Заҳматҳои тоқатфарсои ӯ дар ду деҳа – тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло – бо заҳмати деҳқонию бофандагӣ ва чархиосиётарошӣ бепоён ва ҳамроҳ бо фидокорӣ буд. Ҳамаи ин машаққатҳои бепоёнро ӯ ба хотири хонадони худро нигоҳубин кардан ва соҳибилм намудани фарзандон бардошт мекард, шикояту тангдилӣ аз кору амали худ надошт. Ӯ намунаи шахсияти марди тоҷик дар он замон ва шояд дар замони мо низ мебошад. Образи Сайид Муродхоҷаро рамзи марди деҳқон, такягоҳи оила ва соҳибхонаи тоҷик бояд шинохт. Аз ин дидгоҳ, «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ дар баробари он ки воқеаҳои зиёди таърихиро фаро гирифтааст, дар айни замон эҳёгари урфу одат, расму оин, ҳунару дониш, гуфтору рафтор, ҳусну малоҳати зиндагию рӯзгордории миллии тоҷикӣ будааст. Яъне, устод Айнӣ эҳёгари анъанаҳои миллии тамаддуни тоҷикӣ дар замони фарҳанги ҷадид баромад намуда, беҳтарин арзишҳои миллиро эҳё намудааст. Ин ва дигар образҳои «Ёддоштҳо»-ро бо меъёрҳои инсонию умумибашарӣ ва холӣ аз ҳар гуна андешаҳои синфию табақотӣ таҳлил намудан аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносии замони мост.

Албатта, чунонки аз тафсилоти ин мақола мушоҳида шуд, мавзӯи инъикоси адабу фарҳанги миллӣ ва муҳимтарин масоили ҳаётӣ ва таърихиву фарҳангии миллат дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ хеле доманадор аст. Ин ё он образ ва персонажҳои «Ёддоштҳо», чигунагии муносибати онҳо ба воқеияти зиндагӣ ба ҷаҳонбинӣ ва сатҳи маърифати онҳо, хостаҳои зиндагӣ, озодандешӣ ва бар худии худ қомуси ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он аст. Бинобар ин, дар бораи 450 персонажи ин асар, дар болои ҳар як образ истодан аз ҳадафи ин мақола берун аст. Ин кор ҳарчанд муҳим ва барои таърихи адабиёти тоҷик лозим аст, аз вазифаҳои ҳозираи мо нест ва дар доираи ин мақола намеғунҷад. Мақсади мо баёни саргузашти халқи тоҷик дар «Ёддоштҳо» дар алоқа бо таъкидҳои С. Айнист, ки дар номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода баён намудааст, мебошад [2, с.108].

Ҳамин тавр, «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ дар адабиёти муосири тоҷик на танҳо ҳамчун як асари чоргонаи бадеӣ шинохта мешавад, балки чун як асари чоргонаи бузурги энсиклопедӣ (қомусӣ) низ маърифат мешавад. Вале мавзӯъ аз ин ҷиҳат таҳқиқталаб буда, ба омӯзиш ва таҷдиди назар ниёз дорад. Зеро дар «Ёддоштҳо», чунонки дидем, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти халқи тоҷик дар охирҳои асри Х1Х ва оғози садаи ХХ, аз ҷумла афкори иҷтимоию таърихӣ, шароиту имконоти мардум, этнография, илму фан, сатҳи ободонӣ ва ҳунарҳои миллии бошандагони туман (ноҳия), деҳот ва шаҳри Бухоро, хосса раванди тадриҷан дигар шудани ҳаёти иҷтимоию маънавӣ, фоҷиаи фарҳангиёни замони амирӣ, зулму истибдоди зимомдорон ба таври барҷаста ва умумиятдиҳии комили персонаж ва воқеаҳои зиндагӣ инъикос гардидаанд, ки асарро ҳамчун қомуси ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он дар як давраи мушаххаси таърихӣ муаррифӣ менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоҳ, Масрур. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ / Масрури Абдуллоҳ // Садои Шарқ. – 1996. – № 5-8. – С. 82-84.
2. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1956. – №4. – С. 100-114.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм дар як китоб) / С. Айнӣ // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. Асари бадеӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
4. Акрамов О. Асари барҷаста / О. Акрамов // Тоҷикистрони сурх. – 1953. – 24 апрел. – № 21 (958). – С. 2.
5. Амиркулов С. «Ёддоштҳо» ва таҳқиқи ҷараёни адабӣ / С. Амиркулов // Садои Шарқ. – 1976. – № 12. – С. 112-119.
6. Амонов Р. Оид ба мавқеи фолклор дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Р.Амонов // Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон. – 1950. – № 1. – С. 43-50.
7. Бечка И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон (Мутарҷимон: Саид Абонажоди Ҳиҷрондӯст, доктор Маҳмуди Ибодиён). Воситаи таълимӣ / И. Бечка. – Теҳрон: Чопхонаи Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1372. – 253 с. + 27 с.
8. Bechka J. Sadriddin Aini of Modern Tajik Culture. Monography / J. Bechka. – Neples, 1980. – 111p.
9. Бобоев Ю. «Ёддоштҳо»-и Айнӣ (қ. I-II) / Ю. Бобоев // Шарқи сурх. – 1950. – №6. – С. 115-123.
10. Бобоев Ю. «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (Китоби сеюм) / Ю. Бобоев // Газетаи муаллимон. – 1950. – 12 декабр. – № 50 (957). – С. 3.
11. Бобоев Ю. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Ю. Бобоев // Шарқи сурх. – 1951. – №1. – С. 102-109.
12. Брагинский И.С. Ёддоштҳо / И.С. Брагинский // Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. Монография. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 131-158.
13. Маҳмадаминов А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира (Маҷмӯаи мақолаҳо) / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
14. Панҷсад ҳадис: бо таҳия ва пешгуфтори Рустами Ваҳҳоб. – М.: Комил, 1991. – 95 с.
15. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.
16. Сайфуллоев А. Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / А. Сайфуллоев // Шарқи сурх. – 1959. – № 4. – С. 94-110.
17. Табаров С. Дар бораи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Табаров // Газетаи муаллимон, – 1949. – 6 сентябр. – № 34 (890). – С. 3.
18. Табаров С. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Табаров // Тоҷикистони советӣ. – 1951. – 16 май. – № 95 (6548). – С. 3.

19. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ / М. Турсунзода // Шарқи сурх. – 1953. – № 4. – С. 8-22.
20. Ҳамроев Ҷ. Таърихи адабиёти навини тоҷик. Китоби дарсӣ / Ҷ. Ҳамроев. – Тошкент: Ӯзбекистон миллий энциклопедияси, 2014. – 555 с.
21. Шарифов Х. Устод Айнӣ ва мафкураи таърихии халқ / Х. Шарифов // Услуб ва камолоти сухан (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 95-105.
22. Шарифзода Х. Сездаҳ мақола (Маҷмӯаи мақолаҳо) / Х. Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 272 с.
23. Шеърдӯст А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ / А. Шеърдӯст. – Теҳрон: Катиба, 1390. – 758 с.
24. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсессҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II) / М. Шукуров // Шарқи сурх. – 1956. – № 5. – С. 90-105.
25. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсессҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II) / М. Шукуров // Шарқи сурх. – 1956. – № 6. – С. 101-117.
26. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.
27. Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1998. – № 1-6. – С. 111-121.
28. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург. Асари таҳқиқӣ / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
29. Ятимов С. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ / С.Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2018. – № 1. – С. 5-23.
30. Ятимов С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт (Масъалаҳои назариявӣ) / С.Ятимов // Ҷумҳурият. – 2018. – 4 декабр. – № 238-239 (23581-582). – С. 2, 3, 4.

ИНЪИКОСИ АДАБУ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Мақолаи мазкур дар заминаи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ва инъикоси адабу фарҳанги миллӣ дар он бахшида шуда, ин асари оригиналии адабиро ҳамчун асари миллӣ ва адабӣ баррасӣ мекунад. Муаллиф роҷеъ ба урфу одат, расму оин, ҳунару дониш, гуфтору рафтор, ҳусну малоҳати зиндагию рӯзгордории миллии тоҷикӣ дар асар таваҷҷуҳ намуда, бештар арзишҳои миллӣ ва муҳимтарин масоили ҳаётӣ ва таърихиву фарҳангии миллатро арзёбӣ менамояд. Дар мақола таъкид мегардад, ки мавзӯи зиндагонии халқи тоҷик ва маърифату ҷаҳонбинии он, ки дар даврони шӯравӣ аз арзишҳои маънавии анъанавии худ ва бозчустҳои бадеӣ бо таъсири сиёсати давр ва назорати сахти он дур гашта буд ва аз ҳадди муайяншудаи ҳизб фарохтар по гузошта наметавонист, дар офаридаҳои С. Айнӣ аз оғози фаъолият мавқеи аввалро касб кардааст. Хусусан, дар «Ёддоштҳо» маънавият, ахлоқ, фазилату фаросат, ҳунармандию косибӣ, маърифати ботинӣ ва зоҳирӣ ва рӯҳонияти миллати тоҷикро мо ба таври равшан мушоҳида мекунем. Ҳамчунин дар мақола баъзе образҳои «Ёддоштҳо», аз ҷумла падари нависанда – Сайид Муродхоҷа, Зеварой – модари нависанда, бо меъёрҳои инсонию умумибашарӣ ва холӣ аз ҳар гуна андешаҳои синфию табақотӣ таҳлил гардида, Устохоҷа дуредгари ҳунарманд, Сайидакбар – Парвардигорхоҷаи калонгиру назарбаланд, Қорӣ Маҳмуди ширинкору сухандон, Лутфулло-гӯппони паҳлавон, Тӯтапошшо бо афсонаҳои ваҳмангезу дилангези хеш ва дигарон бо шуғлу пешаи худ замзамаи ягонаи зиндагиро ба вуҷуд меоранд. Ин бастагии ягонаи зиндагӣ бо расми қадимае мисли афсонаҳонӣ ҳамбастагии маънавии бошандагонро ба вуҷуд меоварад, ки ҳузури созандагону сароядагон онро кайфияти хуши зиндагӣ мебахшад.

Калидвожаҳо: С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», саргузашти халқи тоҷик, меъёрҳои инсонӣ, масоили ҳаётӣ, кайфияти хуши зиндагӣ, фарҳанги миллӣ, шахсияти миллӣ, тамаддуни тоҷикӣ, даҳои адабӣ, насри ҳунарӣ, малоҳати зиндагӣ, бошандагон.

ОТРАЖЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ И КУЛЬТУРЫ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» С. АЙНИ

В статье речь идет об отражении национальной литературы и культуры в «Воспоминаниях» устода Айни. Автор считает данное произведение особо оригинальным литературным произведением, так как в нем решаются вопросы литературы и особенностей национальной культуры: обряды и обычаи, особенности говоров и поступков, таджикская национальная жизнедеятельность, национальные ценности и другие жизненно важные историко-литературные вопросы бытия и образа жизни таджиков. В статье отмечается, что в советское время тема своеобразия жизни таджиков, их познавательно-мировоззренческие искания, духовно-традиционные ценности были полностью под властью идеологии того времени, и все эти вопросы регулировались партийными директивами и методологиями. Однако Айни, особенно в «Воспоминаниях», глубоко проникая в сущность национальной идетичности таджиков, дает глубокие характеристики нравственности, морали, духовности таджиков, особенности кустарно-ремесленных производств и таким образом рисует полную картину цивилизации того времени. В статье также проанализированы яркие образы данного произведения – отец писателя Сайид Муродходжа, мать – Зеварой, Устоходжа – искусный плотник, Сайидакбар – Парвардигорходжа, гордый и высокомерный мужчина, Кари Махмуд, веселый насмешник и оратор, Лутфулло – гуппон, местный богатырь, Тутапошшо, остроумная сказочница. Все эти образы отожествляют широкую панораму жизни таджиков, их единство и сплоченность. Сказительство было другой стороной духовной жизни таджиков, люди в основном воспитывались благодаря прекрасным и жизнеутверждающим сказкам Тутапошшо. Эта духовно богатая и ярко одаренная женщина произвела глубокое впечатление на автора «Воспоминаний».

Ключевые слова: С. Айни, «Воспоминания», история, таджикский народ, человеческие мерки, жизненные вопросы, национальная культура, национальная личность, национальная цивилизация, литературный гений, художественная проза, изящество жизни, местное население.

REFLECTION OF NATIONAL LITERATURE AND CULTURE IN “MEMORIES” S. AINI

The article deals with the reflection of national literature and culture in the “Memoirs” of Ayni’s ostoda. The author considers this work to be a particularly original literary work, since it addresses issues of literature and peculiarities of national culture: rites and customs, especially dialects and deeds, Tajik national life, national values and other vital historical and literary issues of life and lifestyle of Tajiks. The article notes that in Soviet times, the topic of the uniqueness of life of Tajiks, their cognitive-worldview searches, spiritual and traditional values were completely under the control of the ideology of that time, and all these issues were regulated by party directives and methodologies. However, Aini, especially in Memoirs, deeply penetrating into the essence of Tajik national identity, gives deep characteristics of Tajik morality, morality, spirituality, features of handicraft and craft industries and thus paints a complete picture of the civilization of that time. The article also analyzes the vivid images of this work - the father of the writer Sayyid Murohodhodzha, his mother - Zevaroy, Ustohodzha - a skilled carpenter, Sayidakbar - Parvardigorhodzha, a proud and

arrogant man, Kari Mahmoud, a funny scoffer and speaker, Lutfullo - guppon, local hero, Tutaposhoshno, keenly storyteller. All these images identify the wide panorama of Tajik life, their unity and cohesion. The storytelling was another side of the spiritual life of Tajiks, people were mainly brought up thanks to the beautiful and life-affirming tales of Tutaposhsho. This spiritually rich and brightly gifted woman made a deep impression on the author of “Memoirs”.

Key words: S. Aini, “Memories”, history, Tajik people, human standards, life issues, national culture, national personality, national civilization, literary genius, fiction, grace of life, local population.

Сведения об авторах: ***Шарифзода Лутфулло Абдулло*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** Республика Таджикистан,734025, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail:**sharifzodal@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-86-86-46**

Information about the authors: ***Sharifzoda Lutfullo Abdullo*** - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-86-86-46**

УДК: 891.550

НАЗАРИ ИҶТИМОИИ ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

Ҳайдарова С.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар радифи маъруфтарин шоирони садаи XYIII чун Мирзо Содиқи Муншӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Парии Ҳисорӣ, Маъдани Понғозӣ ва даҳҳои дигар дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари соҳибдевон ва соҳибистеъдод маъруфият пайдо кардааст. Мусаллам аст, ки ҷиҳати он ки ӯ фарзанди шоири маъруф Шайдои Хуҷандӣ маҳсуб мешавад, [7] метавон истеъдоди ӯро меросӣ ё ба иборати дигар модарзодӣ қаламдод кард. Зиндагӣ ва осори Шӯхии Хуҷандӣ аз ҷониби муҳаққиқоне чун Эргашалӣ Шодиев [6], Абдуманонни Насриддин [3; 4], Неъматзода Т. [5] мавриди омӯзиш қарор гирифта, то андозае Шӯхии Хуҷандӣ барои хонандаи имрӯз муаррифӣ гардидааст. Ахиран интишори мунтахаби ғазалиёти Шӯхии Хуҷандӣ аз ҷониби адабиётшинос Баҳром Раҳматов [9] бо сарсухани пурмуҳтаво саҳифаи тозаеро дар шинохти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва осори ӯ боз кард.

Қаблан, дар китоби “Тазкираи шуарои Хуҷанд” [4] мусаннифи он – Абдуманнони Насриддин намунае чанд аз осори Шӯхии Хуҷандӣ оварда, муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти Мирзо Шӯхии Хуҷандиро ба қалам оварда буд. Аз ҷумла, оид ба вазъи хонаводагии шоир, мероси адабии ӯ, ҳамчунин мавқеи даргузашти Шӯхӣ иттилооти мустанадро ба қалам додааст. Ҳамаи онҳое, ки дар мавриди зиндагӣ ва осори Шӯхии Хуҷандӣ назари тадқиқии хешро баён кардаанд, дар мавриди истеъдоди баланд, завқи салим ва ҳунари нотакрори шоирӣ доштани Шӯхии Хуҷандӣ бо ҳамдигар мувофиқ мебошанд. Воқеан, девони шоир, ки асосан аз ғазал иборат аст, Шӯхии Хуҷандиро ҳамчун суханвари соҳибистеъдод, мумтоз ва ширинсухан муаррифӣ мекунад. Ошноӣ бо ашъори Шӯхии Хуҷандӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ғазал дар ашъори ӯ як андоза аз доираи лирикаи комилан ишқӣ берун баромада, як андоза мазмуну муҳтавои иҷтимоиро касб кардааст. Агар дар ғазалҳои анъанавӣ қаҳрамонони лирикӣ бештар аз ишқ, фироқ ва висол изҳори дил кунанд, дар ғазалҳои Шӯхӣ ва аксари шоирони ин давр қаҳрамонони лирикӣ рӯҳияи иҷтимоӣ пайдо кардаанд. Ин вазъият заминаи воқеӣ дошта, ба воқеаҳои марбут ба даврони Шӯхии Хуҷандӣ иртибот дорад. Зеро, муҳити пурошӯби давр, авҷ гирифтани зулму ситам ба Шӯхӣ барин шоири пурэҳсос бетаъсир намемонд.

Мусаллам аст, ки дар ҳамаи давру замон шоирон набзи зиндагӣ ва айёмро аз дигарон бештар эҳсос мекарданд ва нисбати беадолатиҳои иҷтимоӣ, зуҳуроти номатлуби ҳаёт бетараф буда наметавонистанд. Маҳз ҳамин хусусият шоирро дар ҷомеа маҳбуб ва азиз медорад. Агар аз як ҷониб, ин шеваро мо рисолати шоирӣ номем, аз ҷониби дигар, ҳар як суханвар парвардаи даврони хеш аст ва ҳаргиз аз таъсири афкори ҷомеа осори иншонамудаи ӯ берун наметавонад.

Дар таърихи адабиёти тоҷик шеъри инъикосгари вазъи замон ва иҷтимоиёти мардум баробар бо таърихи мавҷудияти адабиёт мебошад. Ин мавзӯъ дар ҳар замон вобаста ба шиддатёбии ихтилофоти шоҳони давр, муносибати ҳокимон бо зердастон, сиёсати нодурусти соҳибдавлатон ба ранги хосси худ дар осори суханварон инъикос меёбад. Ҳамчунин, таъсири ин гуна осор ба нигоштаҳои суханварони сонӣ дар тӯли асрҳо боқӣ мемонад. Мутобиқи тадқиқоти суханшиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ [2] адабиёти асри XYII дар инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии давр ба авҷи аъло расида буд. Дар ин маврид ашъори Сайидо ва Соиб барин суханваронро метавон ёд кард, ки дар онҳо оҳангҳои эътирозӣ, шикоят аз замона, дурӣ ҷустан аз аҳли рикоб фаровон ба назар мерасад. Ин гуна осор ба Шӯхӣ барин шоире, ки аз ашъори гузаштагони хеш огоҳии комил дошт, бетаъсир намондааст. Шӯхии Хӯҷандӣ ҳарчанд дар сатҳи Сайидо ва Соиб

тасвири ин мавзӯъро ба авҷи аъло нарасонидааст, вале то ҳадде тавонистааст, ба он комёб шавад.

Дар осори суханварон, аз ҷумла, дар ашъори Шӯхӣ масъалаи иҷтимоиёт нахуст аз шикоят сар мезанад, ки ин анъанаи деринаро дорост. Ин аст, ки муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки шикоят аз замона асоситарин мавзӯоти ӯ мебошад [2]. Чунончи, Шӯхии Хуҷандӣ мегӯяд:

То сар зада аз шикваи толеъ сухани мо,
Чун хома сияҳ гашт забон дар даҳани мо.
Моро ба замин чархи ҷафокеш чунон зад,
Чун соя муяссар нашавад хостани мо [9, с.10].

Ё ҷойи дигар шоир хешро ба унвони “тирарӯзгор” ёд мекунад:

Биё ба кулбаи Шӯхӣ, ки аз ғамат умре
Зи по фитода яке тирарӯзгор ин ҷост [9, с.112].

Шӯхии Хуҷандӣ дар ғазалҳояш шикоят аз он мекунад, ки вуҷуди ӯ аз ғам нотавон гашта, аҷзои баданаш монои коғази таргаштаест, ки он қобили шероза нест ва шоми дарду ҳасрати ӯро субҳи саодат фаро намерасад:

Он қадар аз заъфи ғам шуд нотавон аъзои мо,
Мебарад ҳар дам париданҳои ранг аз ҷои мо.
Саҳфаи афсурдаи мо қобили шероза нест,
Сусттар аз қозаи таргашта аст аҷзои мо...
Дур аз он субҳи саодат он қадар афтодаем,
Медиҳад гардун ҳисоби нолаи шабҳои мо [9, с.85].

Дар идома шоир ҳамзамон шукр мекунад, ки ба ин вазъу ҳолат танҳо ӯ гирифтор нест:

Шукр, танҳо мо ба шаҳри бенишонӣ нестем,
Хонаи анқо бувад ҳамсоя бар маъвои мо [9, с.85].

Гузашта аз шикоят ва шиква аз замон, дар ашъори Шӯхии Хуҷандӣ ғояҳои дунёбезорӣ, дур будан аз алоқаи дунявӣ мавқеи муайян дорад. Шоир дунёро ба пиразоли мурда монанд мекунад ва таъкид месозад, ки инсон бояд аз сараш хаёли ишрати дунёи дунро дур кунад:

Дур кун аз дил хаёли ишрати дунёи дун,
Чанд гирӣ дар канор ин пиразоли мурдаро [9, с.10].

Ё ҷойи дигар бодаи айши дунёро омехтаи заҳри ғам медонад, дунёро сарои мотам меҳисобад ва қаноатмашрабиро дар ин ҷаҳони фонӣ афзал меҳисобад:

Бодаи айши ҷаҳон оғуштаи заҳри ғам аст,
Базмгоҳи олами фонӣ сарои мотам аст.
Нестам маҷнуни даврон аз қаноатмашрабӣ,
Соғари хун дар кафи махмури ман ҷоми Ҷам аст [9, с.147].

Дар идомаи ин ғазал дили инсонҳои соҳибдардро ба Каъба монанд мекунад ва чашми пурнами онҳоро ба Зам-зам ва ниҳоят афсӯс мехӯрад, ки бинобар олудагӣ бо ин дунё ӯ аз озодагӣ маҳрум гаштааст:

Ҳар диле, к-ӯ соҳиби дард аст, кам аз Каъба нест,
Чашми пурнамро тавон гуфтан, ки айни Замзам аст...
Гулшани таҷрид зинат дошт аз ман ин замон,
Шӯхӣ, аз бори тааллуқ сарви озодам хам аст [9, с.147].

Шӯхии Хуҷандӣ шоири нозукбаён ва суварнигорест, ки дар ифодаи фикр беҳамтост. Андешаҳои интиқодӣ ва шикоятии хешро Шӯхӣ ба тариқе баён мекунад, ки дар тасаввури хонанда он ҷилва мекунад ва бегумон, маҳз ҳамин шеваи ифодаи фикри ӯ ғазалашро таъсирнок намудааст. Чунончи, мегӯяд:

Пур шуд ҷаҳон зи дафтари сӯзу гудози мо,
Аз ҳад гузашт қиссаи дурударози мо...
Боди сабо зи дарди дили мо набурд пай,
Воқиф нагашт номабари мо зи рози мо [9, с.83].

Шӯхии Хуҷандӣ дар ғазалҳояш дар баробари шикоят кардан аз замон аз он шукр мекунад, ки як инсони қаландармашраб, шикастанафс мебошад ва аз алоиқи дунё дур буданро муҳтарам меҳисобад. Ӯ ҳаргиз ғаниву сарватманд ва соҳиби ҷоҳу ҷалол буданро орзу намекунад. Чунончи:

Орзуи бистари шоҳон надорад паҳлуям,
Бӯрё дар хонаи ошиқ кам аз санҷоб нест.
Ҳарду олам метавон бар қатраи ашкам харид,
Ин ҷавоҳирро нагӯ, эй муштарӣ, ноёб нест [9, с.149].

Дар идома шоир ин қадар зебо ба ҷуз ғаму дарду ҳасрат насиби ӯ набуданашро чунин баён мекунад:

Рӯ наёрад ғайри ғам бар синаи ошуфтагон,
Меҳмон вайронаи моро ба ҷуз селоб нест [9, с.149].

Дар ғазали дигар Шӯхӣ вазъи замонаро ба қалами тасвир мекашад. Шоир бо истифодаи мафҳумоти “даври сипеҳри дун”, “бодаи шароратасар”, “тоҷи оташи дунё”, “анбариндухон”, саҳнаеро тасвир мекунад, ки барои хонандаи имрӯз ҳам вазъи замона ва ҳам ҳолату бардошти Шӯхии Хуҷандӣ аён мегардад:

Чӣ фитнаҳо, ки ба даври сипеҳри дун барпост,
Чӣ бодаҳои шароратасар дар ин миност.
Ба боғи даҳр дурангӣ писанд шуд бо халқ,
Гувоҳи рост бар ин даъвиям гули раъност.
Чу шамъ то қадам омодаи гудохтан аст
Саре, ки дар гарави тоҷи оташи дунёст [9, с.150].

Ғазали мазкурро Шӯхии Хуҷандӣ бо як мисраи Қосими Анвор ҷамъбаст мекунад, ки он баёнгари вазъи воқеии замони шоир аст.

Ҷавоби он ғазали Қосим аст ин, Шӯхӣ
“Рафиқи софдарун дар замона кампайдост”.

Дар баъзе аз ғазалҳояш Шӯхӣ норозигии хешро аз замону зиндагӣ ва аз тирарӯзиҳое, ки ба сараш омадааст, кушоду равшан иброз медорад. Дар ғазали зерин вазъи ҳоли хеш, ҳолати рӯҳонӣ, бардошт аз зиндагӣ ва монанди инҳоро ба тариқи хулоса баён месозад:

Дар ҷаҳон он ки ба коре нарасидаст, манам
Гуле аз гулшани омол начидаст, манам.
Тирарӯзе, ки дар айёми ҳаёташ ба ҷаҳон
Ҳеч субҳе зи шаби ӯ надамидаст, манам...
Боғбоне, ки ба гулзори умедаш ҳаргиз
Қадами боди баҳоре нарасидаст, манам.
Он ки ҷон бохта сад бор, вале дар умраш
Ғайри дашном зи лаълат нашунидаст, манам.
Он ки аз дурии аҳбоб чу Шӯхӣ ҳар дам
Ҷигараш хун шуда, аз дида чакидаст, манам [9, с.150].

Шӯхии Хӯҷандӣ дар доираи танқиди замон ва вазъи иҷтимоии даврон хонандаро панд медиҳад, ки дар ин муҳити начандон содаву осон инсон набояд обрӯву эътибор ва қадру қиматашро ба хотири молу чизи дунё бирезонад.

Даст аз хони сипеҳри чархи бадкирдор дор,
Обрӯрезӣ набошад пеши хиссаткор кор.
Ғунчасон хун мехӯрам, Шӯхӣ чу гул бо хорҳо
Ёри ман азбаски шуд бо мардуми ағёр ёр [9, с.202].

Шӯхии Хуҷандӣ танҳо бо шикоят аз замон ва инъикоси ноҷӯрии даврон иктифо намеварзад. Ӯ ҳамчун инсони ҳамрозу дамсоз ба мардуме, ки соҳибдард ҳастанд ва дар зиндагӣ муҳтоҷу бенаво ҳастанд, ҳамдардии худро на танҳо изҳор мекунад, балки бо онҳо ҳамдарду ҳамнаво мегардад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир нисбати муҳити атроф, гирудори замон, нобасомониҳои рӯзгор, беадолатиҳо бетараф нест:

Зи ҳар кас бӯи дарде гар расад, ҳамроз мебошам
Зи ҳар дил сар занад афғон чу най дамсоз мебошам.
Ман он оинаи ҳиммат, ки дар дӯкони равшангар,
Кудуратдидатар аз миннати пардоз мебошам [9, с.217].

Аз ашъори Шӯхӣ, ки масъалаҳои иҷтимоиётро фаро гирифтааст ва оҳангҳои шикоят аз даври фалак ва вазъи замон дар он ба назар мерасад, метавон ба хулосае расид, ки Шӯхӣ на танҳо тавассути ин гуна нигоштаҳо ҳолати иҷтимоии худ ва замонашро баён кардааст, балки он нуқсону камбудиҳоро зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Ҳамзамон, дар баробари мафҳуми “шикоят” мафҳуми “шукр” низ дар ин гуна ғазалҳо нақши бориз дорад. Яъне, шоир озодагиву қаноатпешагӣ, дастнигару муҳтоҷи мардуми доро набуданро муҳимтарин фазилати инсонӣ ҳам барои худ ва ҳам барои дигарон медонад. Ҳамин тариқ, ашъори Шӯхии Хуҷандӣ инъикосгари вазъи рӯзгори шоир ва ҷаҳони ботиниву зоҳирии ӯст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулшани адаб. - Душанбе: Ирфон, 1980. - Ҷ.5. – С.23.
2. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX / Усмон Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. - С.15-19.
3. Насриддин Абдуманнон. Куллиёти осор / Абдуманнон Насриддин. - Хуҷанд: Ношир, 2013. - Ҷ.6.
4. Насриддин Абдуманнон. Тазкираи шуарои Хуҷанд / Абдуманнон Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2015.
5. Неъматзода Т. Шӯхии Хуҷандӣ / Т. Неъматзода // ЭСТ. - Душанбе, 1988. - Ҷ.8.
6. Шодиев Эргашалӣ. Тазкираи шоирони Хуҷанд / Эргашалӣ Шодиев. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1996. - С. 33.
7. Шайдои Хуҷандӣ. Девон / Шайдои Хуҷандӣ; тасҳеҳи Мавлуда Неъматова. – Хуҷанд: Ношир, 2015. - С. 72.
8. Шӯхии Хуҷандӣ. Девон / Нусхаи хаттии “Ганҷинаи дастхатҳои шарқии ба номи А.Мирзоев”-и ҶТ, шумораи 2313.
9. Шӯхии Хуҷандӣ. Мунтахаби ғазалиёт / Таҳия ва тавзеҳи Баҳром Раҳматов. - Хуҷанд: Ношир, 2016.

НАЗАРИ ИҶТИМОИИ ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

Дар таърихи адабиёти тоҷик шеъри инъикосгари вазъи замон ва иҷтимоиёти мардум баробар бо таърихи мавҷудияти адабиёт мебошад. Ин мавзӯъ дар ҳар замон вобаста ба шиддатёбии ихтилофоти шоҳони давр, муносибати ҳокимон бо зердастон, сиёсати нодурусти соҳибдавлатон ба ранги хосси худ дар осори суханварон инъикос меёбад. Ҳамчунин, таъсири ин гуна осор ба нигоштаҳои суханварони сонӣ дар тӯли асрҳо боқӣ мемонад. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар радифи маъруфтарин шоирони садаи XYIII чун Мирзо Содиқи Мунши, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Парии Ҳисорӣ, Маъдани Понғозӣ ва даҳҳои дигар дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари соҳибдевон ва соҳибистеъдод маъруфият пайдо кардааст.Дар осори суханварон, аз ҷумла, дар ашъори Шӯхӣ масъалаи иҷтимоиёт нахуст аз шикоят сар мезанад, ки ин анъанаи деринаро дорост. Ошноӣ бо ашъори Шӯхии Хуҷандӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ғазал дар ашъори ӯ як андоза аз доираи лирикаи комилан ишқӣ берун баромада, як андоза мазмуну муҳтавои иҷтимоиро касб кардааст. Агар дар ғазалҳои анъанавӣ қаҳрамонони лирикӣ бештар аз ишқ, фироқ ва висол изҳори дил кунанд, дар ғазалҳои Шӯхӣ ва аксари шоирони ин давр қаҳрамонони лирикӣ рӯҳияи иҷтимоӣ пайдо кардаанд. Ин вазъият заминаи воқеӣ дошта, ба воқеаҳои марбут ба даврони Шӯхии Хуҷандӣ иртибот дорад. Зеро, муҳити пурошӯби давр, авҷ гирифтани зулму ситам ба Шӯхӣ барин шоири пурэҳсос бетаъсир наметавонд.

Калидвожаҳо: Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, инъикоси вазъи замон ва иҷтимоиёт, беадолатиҳои иҷтимоӣ, рисолати шоирӣ, шуарои Хуҷандӣ, “Тазкираи шуарои Хуҷанд”,танқид, шикоят.

СОЦИАЛЬНЫЙ ВЗГЛЯД ШУХИ ХУДЖАНДИ

В истории литературы стих является отражателем состояния времени и социального положения народа на равне с историей существовани литературы. Данная тема во все времена в зависимости усиления противоречий правителей времени, их отношения с подчиненными, неправильной политики государственных вельмож отражается в произведениях писателей и поэтов. Также, влияние такого вида произведений оставляет свой след в произведениях последующих литераторов в течении веков. Мирзо Шухии Худжанди на равне с другими известными поэтами XYIII века как Мирзо Содик Мунши, Джунайдуллох Хозик, Парии Хисори, Маъдани Понгози и десятками других своих современниковоставили яркий свет в истории таджикской литературы как талантливые и одаренные литераторы. В наследии этих поэтов, а также в наследии Шухи социальные проблемы берут начало с жалобы, которая имеет давнюю традицию. Знакомство с наследиемМирзо Шухии Худжанди свидетельствует о том, что газель в его наследии в какой-то степени выходит за рамки любовной лирики и вобрал в себя социальную окраску. Если в традиционных газелях лирические герои в основном говорят о любви, разлуке и сближении, то в газелях Шухи и большинства поэтов того времени они вобрали в себя социальный оттенок. Данное обстоятельство имеет действительную основу и связана с событиями произошедшими в период жизни Шухии Худжанди. Так как, смутное время того периода, усиление тирании и гнета не оставило чуткого поэта равнодушным.

Ключевые слова: Мирзо Шухии Худжанди, отражение состояния времени и социального положения, социальная несправедливость, поэтическая миссия, Худжандские поэты и просветители, “Тазкире Худжандских поэтов”, жалоба, критика.

SOCIAL VIEW OF SHUHI HUJANDI

In the history of literature, a verse reflects the state of time and the social position of the people on a par with the history of the existence of literature. This topic at all times, depending on the intensification of the contradictions of the rulers of the time, their relationship with subordinates, the wrong policy of the great nobles is reflected in the works of writers and poets. Also, the influence of this type of work leaves its mark in the works of subsequent writers over the centuries. Mirzo Shuhii Khujandi, along with other famous poets of the XYIII century like Mirzo Sodik Munshi, Dzhunaydulloh Khozik, Pariah Hisori, Madani Pongosi and dozens of other contemporaries, put a bright light in the history of Tajik literature as talented and gifted writers. In the legacy of these poets, as well as in the legacy of Shuha, social problems stem from a complaint that has a long tradition. Acquaintance with the legacy of Mirzo Shuhii Khujandi indicates that the gazelle in his legacy, to some extent, goes beyond the scope of love lyrics and incorporates a social coloring. If in traditional gazelles the lyrical heroes mainly talk about love, separation and rapprochement, then in the gazelles of Shuha and most poets of that time, they absorbed a social connotation. This circumstance has a valid basis and is associated with events that occurred during the life of Shuhiya Khujandi. Since the troubled times of that period, the intensification of tyranny and oppression did not leave the sensitive poet indifferent.

Key words: Mirzo Shuhii Khujandi, reflection of the state of time and social status, social injustice, poetic mission, Khujand poets and enlighteners, “Tazkir of Khujand poets”, complaint, criticism.

Сведения об авторе: ***Хайдарова Саноат*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, соискатель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1

Information about the author: ***Khaidarova Sanoat*** - Khujand State University named after B. Gafurova, Applicant. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova, 1

УДК: 891.550

РӮЗГОРУ ОСОРИ ҶОҲИЗ

Ҳомидов С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хилофати бештар аз панҷсадсолаи Аббосӣ, бешак асри тиллоии илму адаби араб маҳсуб мешавад, зеро бо эҷоди фазои озоду мусоиди фарҳангӣ, дар ин давра тамоми соҳаҳои илм пешрафти бесобиқа карданд. Дар ин замон бузургоне ба мисли Ибни Муқаффаъ, Абдулҳамиди Котиб, Ибни Амид, ал-Ҷоҳиз ва даҳҳо дигарон ба камол расиданд.

Аз ҷумлаи шахсиятҳои барҷастаи адабу фарҳанг ва то андозае фалсафаи араб Абуусмон Амр бини Баҳр ал-Ҷоҳиз буд, ки ба гуфтаи Сомӣ ал-Каёлӣ "воқеан, арабҳо бо номи ӯ фахр мекунанд" [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.9]. Ал-Ҷоҳиз замоне ба дунё омадааст, ки аз як сӯ, вазъи сиёсии кишварро кашмакашҳои дохиливу тохтутозҳои хориҷӣ ва аз сӯйи дигар, рушду инкишофи илму фарҳанги араб дар шаклгириву заминасозии тамаддуни исломӣ нақши қобили мулоҳизае бозидааст.

Муҳимтарин сарчашмаҳо роҷеъ ба шарҳи ҳоли ал-Ҷоҳиз осори ал-Масъудӣ (Мураввақ-уз-заҳаб) [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, ҷ.8. С. 3-36], ал-Хатиб ал-Бағдодӣ (Таърих-ул-Бағдод) [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, ҷ. 12. С. 212-220], Ёқут ал-Ҳамавӣ (Муъҷам-ул-удабо) [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, ҷ. 6. С. 56-80] ва даҳҳо дигарон мебошанд. Бо вуҷуди ин ҳама, дар бораи санаи дурусти таваллуди ал-Ҷоҳиз андешаҳо яксон набуда, баъзеҳо онро соли 159 ҳ. (775 м.) донистаанд (Фахурӣ, Ҷабр Ҷамил, Муҳанно Абдулалӣ, Ёқут ал-Ҳамавӣ) ва баъзе соли 150 ҳ. (767 м.) гуфтаанд [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.25]. Мутобиқи ахбори сарчашмаҳо ва таҳқиқоти пажӯҳандагони зиёд метавон чунин хулоса намуд, ки зодгоҳи ӯ Басра будааст. Ҷойи зикр аст, ки ал-Ҷоҳиз бо сабаби мавҷудияти хонаводаҳои зиёди эронӣ дар Басраву Бағдод ва бархӯрд бо онҳо аз забон ва адаби форсӣ хуб огоҳӣ доштааст [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**].

Ибни Халликон (1211-1282) дар "Вафиёт-ул-аъён" номи пурраи ӯро Абуусмон Амр бини Баҳр бини Маҳбуб бини Фазораи Кинонии Лайсӣ [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, 470] гуфтааст, ки Ёқут ал-Ҳамавӣ дар "Муъҷам-ул-булдон" ва "Муъҷам-ул-удабо" низ онро тасдиқ карда, ба ал-Ҷоҳиз маъруф буданашро зикр кардааст **Ошибка! Источник ссылки не найден.**, 74].

Бештари таърихнигорон ба монанди Анборӣ, ибни Асокир, Ёқут, ибни Муртазо ал-Ҷоҳизро аз қабилаи Лайс (мансуб ба Лайс бини Бакр бини Кинона бини Ҳузайма) ва ба ривояте аз озодшудаи онҳо медонанд. Баъзеҳо ӯро араби холис ва баъзеҳо аз арабҳои африқоӣ гуфтаанд. Нақл мекунанд, ки бобои ӯ сиёҳпӯст буда, саиси Умар ибни Қалъа ал-Кинонӣ будааст [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.9]

Аз он ҷо ки чашмони Абуусмон бисёр калону барҷаста буданд, ба ӯ "Ҷоҳиз", яъне чашмбарҷаста лақаб гузоштаанд. Ба ин сабаб ӯро "ҳадақӣ" [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, 470] ва баъзан "маула" (соҳибихтиёр) низ мегуфтаанд. Ба ривояте аз лақаби "Ҷоҳиз" кароҳат дошта, кӯшиш мекардааст исми худро бештар Абуусмон муаррифӣ кунад. Вале чун ал-Ҷоҳиз шахси шӯхтабъу ҳазлкаше будааст, ҷо-ҷо худро бо ин лақаб (ал-Ҷоҳиз) муаррифӣ карда, дӯстону атрофиёнашро низ аз ин манъ намекардааст, ки минбаъд бо ин тахаллус шинохта мешавад. Баъдҳо ин лақабро удабову уламо ба худ тахаллус намуда, шуҳрат ёфтаанд, ба монанди Абузайди Балхӣ (ваф. 322ҳ.) – Ҷоҳизи Хуросонӣ, Ибн ал-Амид (ваф. 359) -Ҷоҳизи Сонӣ ва дигарон.

Ал-Ҷоҳиз дар хурдсолӣ аввал аз падар ва дере нагузашта, аз модар маҳрум мегардад, ки ин мусибати бузург сабабгори мушкилоти сангини ӯ гардид... Вале, бо вуҷуди ин ҳама мусибату мушкилот, ӯ аз пайи касби илм мешавад ва то охири умр аз он даст намекашад, ҳатто дукони китобфурӯшонро шабона кироя гирифта, то субҳ хоб накарда, машғули мутолиаи китобҳо мешудааст. Ӯ зеҳну хотираи фавқулодае доштааст, ки дар муддати кӯтоҳ Қуръонро ҳифз карда, аз хатибони араб илми балоғат, тафсиру таъвил меомӯзад.

Ӯ нахуст зери таъсири андешаи "муътазилиён", ки яке аз мактабҳои динӣ ва фалсафии ислом буд, қарор гирифта, ба дараҷаи талабаи сарвари ин гурӯҳ – Наззом мерасад. Оҳиста-оҳиста ӯ гурӯҳи ҳамақидаҳои худро гирди ҳам оварда, мактаби худро, ки баъдҳо бо номи "ал-Ҷоҳизия" шуҳрат меёбад, таъсис мекунад [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.61-62].

Дар он айём Басра шаҳри тараққикардаи тиҷоратӣ ва маркази бархӯрду убури савдогарону сайёҳони хориҷӣ ва, албатта, удабову уламо низ будааст. Ин гурӯҳи маърифатдӯст дар масҷидҳо ҷамъ омада, баҳсҳои илмӣ меоростанд, ки ал-Ҷоҳиз ҳам аз онҳо дур намемондааст. Ин маҳфилҳо он қадар шуҳрат ёфтанд, ки минбаъд ба онҳо "Масҷидиюн" мегуфтанд. Ал-Ҷоҳиз аз ин маҳфилҳо фоидаи бисёре касб карда, аз шеъру адаб, забон, ахбор, ҳикмату калом ва улуми динӣ баҳравар гардид.

Баъд аз муддате, ба яке аз марказҳои муҳимми илмии замон, ба Бағдод сафар мекунад ва бо бузургони илму адаби он ҷо пайваста, донишу маҳорати худро такмил медиҳад. Ӯ аз Абусаид Абдулмалик ал-Асмаӣ (740-828), Абӯубайд Муъаммар ибни ал-Мусанно (728-826), луғатнигори маъруф Абӯзайд ал-Ансорӣ (ваф. 830) ва ал-Ахфаш (ваф. 836), ки шогирдони ал-Халил ва Сибавайҳ буданд, илми забон ва наҳв, аз Солеҳ ибни Ҷиноҳ ал-Лахмӣ ҳикмату фалсафа ва аз Низом Иброҳим ибни Сайёри Балхӣ илми каломро омӯхтааст. Хусусан, дар маҷлисҳои илмии адибони маъруф Ибни Ваҳҳоб, Ибни Зайёт иштирок карда, аз онҳо моҳияти шеър, усулу услуби илми бадеъ ва китобатро меомӯзад [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**].

Ал-Ҷоҳиз чун донишу маърифати зиёд касб кард, ба таълифи осораш пардохт. Нахуст, ӯ барои ҷалби диққати хонандагон, асарҳои худро дар пайравӣ ва бо номи Ибни Муқаффаъ ё Саҳл ибни Ҳорун таълиф мекунад **Ошибка! Источник ссылки не найден.**, 12]. Вале баъдтар, яъне дар ибтидои асрҳои IX мелодӣ (III ҳичрӣ) ал-Ҷоҳиз дар байни олимону адибони ҳамзамони худ шуҳрат пайдо мекунад ва минбаъд китобу рисолаҳои зиёдеро пайи ҳам таълиф кардан мегирад.

Аз мутолиаи сафаҳоти марбут ба рӯзгору осори ал-Ҷоҳиз маълум мегардад, ӯ ба ҷамъоварии осору мутолиаи кутуб рағбати ниҳоят зиёд доштааст. То ҷое, ки бо вуҷуди маризӣ ва нотавонии ҷисмонӣ аз китобхонааш китоберо гирифта хондан мешавад, ки дар ин ҳол китобҳои зиёде аз раф афтода, ӯро ҳалок мекунанд [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, 19].

Мероси адабии ал-Ҷоҳиз басо фаровон буда, шумори онро ба 170 ва баъзан то 360 китобу рисолаҳои гуногунҳаҷм тахмин кардаанд. Осори ал-Ҷоҳиз, тибқи тақсимбандии мавзӯие, ки ал-Фахурӣ дар китоби “Таърихи адабиёти араб” намудааст, ба тариқи зайл аст:

Доир ба дин ва равияи Муътазила: «Китобу-л-иститоа ва хулқи-л-афъол» дар баёни мазҳаби Муътазила;

«Китобу-л-эътизол ва фазлиҳ» шояд ин ҳамон китоби «Фазилату-л-муътазила» бошад, ки Ибни Ровандӣ (827-911) дар ҷавоби он китоби «Фазиҳату-л-муътазила»-и худро навиштааст [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**].

«Китобу халқи-л-Қуръон», «Китобу ойи-л-Қуръон», «Китобу-л-эҳтиҷоҷ линазми-л-Қуръон», «Китобу вуҷуби-л-амона», «Китобу-р-радди ала-л-яҳуд», «Китобу-р-радди ала-л-мушаббаҳа» ва «Китобу-д-далоили ва-л-эътибор ала-л-халқи ва-т-тадбир».

Доир ба сиёсат ва иқтисод: «Китобу-л-истибдод ва-л-мушовара фи-л-ҳарб», «Рисола фи маноқиби-т-турки ва омати ҷунди-л-хилофа», «Рисола фи-л-хироҷ», «Китобу ақсоми фузули-с-синоати ва маротиби-т-тиҷорот», «Китобу-з-заръи ва-н-нахли ва-з-зайтуни ва-л-аъноб».

Доир ба ҷомеа ва ахлоқ: «Рисола фи илми-с-сакр», «Китобу ахлоқи-ш-шуттор», «Китобу ахлоқи-л-фитён ва фазоили аҳли-л-битола», «Китобу хусумати-л-ҳули ва-л-ъур».

Доир ба таърих, ҷуғрофия, табиат ва риёзиёт: «Китобу-л-ахбори ва кайфа тасиҳҳу», «Китобу-л-мулуки ва-л-умами-с-собиқа», «Китобу-л-амсор», «Рисола фи-л-кимиё», «Китобу-л-маодин», «Китобу нақзи-т-тибб», «Рисола фи-л-Қиён», «Китоб фи табақоти-л-муғаннин».

Доир ба қавмият ва таъсири муҳит: «Китобу-л-қаҳтонийяти ва-л-аднонийя», «Китобу-л-араб ва-л-аҷам», «Китобу-л-араб ва-л-маволӣ», «Рисола фи фахри-с-судони ала-л-байзон», «Китобу муфохирати-с-судони ва-л-ҳумрон».

Доир ба адаб, шеър ва илмҳои забонию адабӣ: «Китобу-л-баёни ва-т-табйин», «Китобу-л-маҳосини ва-л-аздоди ва-л-аҷоиби ва-л-ғароиб».

Доир ба мавзӯъҳои гуногун ба монанди дустӣ, адоват, ҳазлия ва ғайраҳо: «Рисолату-т-тарбиъ ва-т-тадвир», «Рисолату-л-ишқ фи-н-нисо», «Китобу-л-ихвон» [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**].

Ал-Ҷоҳиз, ҳамон гуна ки зикраш рафт, соҳиби китобу рисолаҳои хурду бузурги зиёде будааст ва он чи ки дар ин феҳристи мухтасар оварда шудааст, ба бовари ин ҷониб ҳанӯз ҳам комил нест ва интизори пажӯҳишҳои жарфтар аст.

Аз тааммул бар ишороти мувофиқону мухолифонаш, метавон ба ин натиҷа расид, ки ал-Ҷоҳиз шахсияти бисёр ростгӯ, ҳақҷӯ, адолатхоҳ, донову тавоно, ақлгарову боирода, муҳимтар аз ҳама нахустин мунаққиду назарияпардози тарҷумаи арабӣ [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.94-108] ва дар айни замон мармузе будааст. Забони осораш холӣ аз суханҳои киноӣ, рамзӣ ва ё ба таъбири дигар маҷозгӯӣ буда, хеле возеҳу равшан аст. Албатта, ин ба он маънӣ нест, ки ӯ аз ин услуб истифода накарда ва ё мухолифи он бошад. Баръакс, ӯ донандаи хуби илми баёну балоғати калом буда, яке аз охирин таълифоташ китоби машҳури ӯ «ал-Баён ва-т-табйин», ки аз аксари китобҳои дигараш аз назари ҳаҷм бузургтар аст, ба ин масъала бахшида шудааст.

Ин китоб фарогири баргузидаҳои илми адаб, оятҳои қуръонӣ, ҳадис, шеър, ҳикмат ва хутбаҳо буда, дар сохтору мавзӯву муҳтавои он ягонагӣ ё назми муайяне вуҷуд надорад.

Яъне, дар он масоили балоғию адабӣ, таърихию забонӣ, фонетикӣ, ҳусну қубҳи баёни хутбаҳо ва баъзе дигар мавзӯъҳо баён гардидааст.

Вале бо итминони комил метавон гуфт, ки “ал-Баён ва-т-табйин” аз ҳар ҷиҳат дорои арзиши баланди адабӣ ва фалсафӣ мебошад. Бахусус, корбурди васеи ибороту ҷумалоти сирф форсӣ ва вожаҳои форсии арабишуда (муарраб от), ки мавзӯи пажӯҳишҳои минбаъдаи мо хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ал-Фахури Х. История арабской литературы, ч. 2 / Х. Ал-Фахури. – М.: Иностр. лит-ры, 1961. – 483 с.
2. Германович А.В. Джахиз – первый теоретик перевода в арабской филологической традиции / А.В. Германович // Арабская филология. Вып. 3. – М., 2008. – 120 с.
3. Фильштинский И.М. Арабская классическая литература / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1965. – 310 с.
4. ابن‌المرتضى: طبقات المعتزله/ ابن‌المرتضى. – بيروت، ۱۳۸۰ ه / ۱۹۶۱ م.
5. ابن‌خلّكان: العباس شمسالدين احمد بن محمد بن ابى بكر بن خلكان. وفيات الأعيان. (تحقيق احسان عبّاس) / ابن‌خلّكان. – بيروت: دارصادر، ۱۳۹۷ ه / ۱۹۷۷ م. – ۴۰۸۶ ص.
6. البغدادى: الخطيب البغدادى. تاريخ البغداد. ج. ۱۲ / البغدادى. – القاهرة، ۱۹۳۱.
7. الكيالى: سامى الكيالى. النفس الا نسانية فى ادب الجاحظ / الكيالى. – المصر: دار المعارف، ۱۹۶۱.
8. بروكلمان: كارل بروكلمان. تاريخ الأد العربى، ج -۳ / بروكلمان. – ۳۷۶ ص.
9. جاحظ: عمرو بن بحر. البيان والتبيين (تحقيق عبدالسّلام محمّدهارون) / جاحظ. – قاهره، ۱۳۶۷ه / ۱۹۴۸م.
10. سندوبى: سندوبى حسن. أدب الجاحظ، طبع اول / سندوبى. – قاهره، ۱۳۵۰ه / ۱۹۳۱م.
11. طه حسين: الجاحظ، نوابغ الفكر العربى / حسين طه. – مصر: دار المعارف.
12. فاروق اسعد: مع بُخلاء الجاحظ، طبع سوّم / اسعد فاروق. – بيروت: دار الآفاق الجديدة، ۱۴۰۰ه / ۱۹۸۰ م.
13. مسعودى: مروّج الذهب، طبع پنجم / مسعودى. – بيروت، ۱۹۷۳ م.
14. ياقوت حموى: معجم الأدباء. ج. ۴ / حموى ياقوت. – حيدرآباد، ۱۳۳۰ ه.
15. Yaqut. Iršad al-arib ila ma’rifat al-adib. Ed. by D.S. margoliouth. Vol. 1-7 / Yaqut. – L., 1907-1931.
16. https://jpl.ut.ac.ir عمرو بن جاحظ ادیب فیلسوف. _ محسن جهانگیری .
17. https://ru.m.wikipedia.org/wiki/ابن_الراوندی 27/12/2018

РӮЗГОРУ ОСОРИ ҶОҲИЗ

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст рочеъ ба рӯзгору осори Абуусмон Амр бини Баҳр ал-Ҷоҳиз – яке аз бузургтарин андешамандони даврони хилофати Аббосӣ, ки тавонистааст дар тафаккури илмию фалсафии ояндагон таҳаввул падид оварад, маълумоти саҳеҳу мустанад ҷамъоварӣ гардад. Муаллифи мақола бо овардани санадҳои дақиқ аз сарчашмаҳои муътамад, тавонистааст натанҳо масири рӯзгору арзиши осори ал-Ҷоҳизро муаррифӣ кунад, инчунин ҷойгоҳи ӯро дар илми арабшиносӣ таъйин созад. Ба гуфтаи муаллифи мақола, ал-Ҷоҳиз шахси бисёр ростгӯ, ҳақҷӯ, адолатхоҳ, донову тавоно, ақлгарову боирода, муҳимтар аз ҳама нахустин мунаққиду назарияпардози тарҷумаи арабӣ будааст. Мероси адабиаш низ ба теъдод қобили мулоҳизае буда, шумори онро ба 170 ва баъзан то 360 китобу рисолаҳои гуногунҳаҷм тахмин кардаанд, ки аз он ҷумла, бо итминони комил “ал-Баён ва-т-табйин”-ро аз ҳар ҷиҳат дорои арзиши баланд медонад. Ин китоб фарогири баргузидаҳои илми адаб, оятҳои қуръонӣ, ҳадис, шеър, ҳикмат ва хутбаҳо буда, дар сохтору мавзӯву муҳтавои он ягонагӣ ё назми муайяне вуҷуд надорад. Яъне, дар он масоили балоғию адабӣ, таърихию забонӣ, фонетикӣ, ҳусну қубҳи баёни хутбаҳо ва баъзе дигар мавзӯъҳо баён гардидааст.

Калидвожаҳо: ал-Ҷоҳиз, Абуусмон, муътазила, ал-Ҷоҳизия, ал-Баён ва-т-табйин, забон, араб, муарраб.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО ДЖАХИЗА

В статье сделана попытка собрать точную и документальную информацию касательно жизни и произведений одного из величайших мыслителей времён халифата Аббасидов – Абуосман Амр ибн Бахр аль-Джахиза, который смог совершить эволюцию в научной и философской мысли. Приведя точные сведения из достоверных источников, автор статьи смог не только представить курс жизни и ценность произведения аль-Джахиза, но и определить его место в арабистике. По словам автора, аль-Джахиз являлся очень правильным, праведным, справедливым, умным и мудрым, разумным и решительным человеком, и важнее всего, первым литературным критиком и теоретиком арабского перевода. Его произведения достойны изучения, их количество составляет 170, а в некоторых источниках до 360 разнообъемных книг и сочинений, в том числе автор считает “аль-Баён ва-т-табйин” – а имеющим большую ценность. Данная книга включает в себя сборник литературы, аятов из Корана, хадисов, стихи, мудрости и хутбы.

Ключевые слова: аль-Джахиз, муътазила, аль-Джахизия, аль-Баён ва-т-табйин, язык, араб, арабизированный.

LIFE AND CREATION OF JAHIZ

In this article had been tried to pick up full information about Abuusmon Amr ibn Bahr Al-Jahiz’s life and creative who is the greatest wises of Abbosies dynasty that had been able to develop of futures scientific and philosophic mind. The author of the article had been able not only to bring exact document from faithful souce about the route of Al-Johiz’s life and his sourses cost also he had appointed his place in Arabistic science. As the author of the article had said, Al-Johiz was so truthful, chase, fairness, wise and powerful, mindful and the most important thing was that he was first abnormal minded of the translation of arabic/ his scientific interitance are reasonable and they are 170 and even till 350 books and differential theses that one of them is “Al-Bayan va-tabiyin” which is known has great cost from different sides. This book is inclusive selection of science and knowledge, Quran’s ayats, hadith, poem, wisdom and hutbas which they haven’t in his purposes and themes structure. It means that in this source had been told about mathematical issues, historic and linguistic phonetic, goodness and badness of hutbas and other themes.

Key words: Al-Johis, Abuusmon, mytazila, Al-Johiziya, Al-Bayan va-tabiyin, language, arab and muarrab.

Сведения об авторе: ***Хомидов Сабохиддин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Khomidov Sabokhiddin Khoshimovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК: 891.550(09)

МАВЗӮИ ШАХСПАРАСТӢ ВА МОҲИЯТИ ГИРУДОРҲОИ СОЛИ 1937 ДАР ОСОРИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Муродова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Ёддошт, хотира, нақл - жанри бадеии шифоҳӣ, ки дар асоси ҳодисаҳои мушаххаси ҳаёти воқеӣ эҷод мешаванд. Гӯянда ва ё ровӣ асосан дар бораи воқеаҳо ва рӯйдодҳое нақл мекунад, ки ӯ онҳоро бо чашми худ дидааст ва ё аз сараш гузаронидааст. Масалан, фолклойршиносон ёддоштҳоро дар мавзӯъҳои воқеаҳо ва рӯйдодҳои солҳои аввали Ҳокимияти Шӯроҳо, душвориҳои сохтмони колхозу совхозҳо, ҳуҷуми босмачиҳо ба шаҳру ноҳияҳо, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маҳви бесаводӣ, низоъҳои шаҳрвандӣ ва ғайра сабт намудаанд, дар саросари кишвар фаъол аст.

Асари охирини нависандаи номвари тоҷик, шодравон Ҷалол Икромӣ “Он чӣ аз саргузашт” асари муҳимми ёддоштӣ ба шумор рафта, ибтидои солҳои навадуми асри гузашта – дар охири умри нависанда ба риштаи таълиф кашида шуда, баъди фавти муаллиф дар маҷаллаи “Садои Шарқ” (шумораҳои 1-4, 2006) ва сипас чун китоби ҷудогона (2009) ба нашр расид. Дар ин асар нависанда ба сифати шоҳиди асосии воқеаҳои се давраи пурбори таърихӣ нақш бозидааст: аморати Бухоро, замони шӯравӣ, айёми оғозини истиқлолияти давлатии тоҷикон. Кӯдакӣ ва наврасиаш ба замони амирӣ, ҷавонӣ, сабзиш, рушду нуму, камолот, авҷи ҳунари эҷодиаш ба ҳукмронии шӯравӣ ва пириву барҷомондагиаш ба мушкилоти давраи аввали соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Ба ин маънӣ, нависанда умри дарозеро аз сар гузаронида, барои офаридани чунин асаре пурбор ва пурмуҳтаво дар жанри ёддошт имкони фаровон ва мувофиқе дарёфтааст. Нависанда асарро дар он марҳалаи зиндагиаш офарид, ки моҳияти воқеии рӯйдодҳои сахту вазнини ин се давраи таърихӣ дар тарозуи фикру андеша бо саликаву бардошти хоссе санҷида шуд. Ин давраест, ки сараву носара ва зебову зишти ҳодисот муайян гардид, манзараи аслии ҳодисот пеши назар омад. Табиист, ки бунёди асар дар заминаи воқеоти мухталифи рӯзгори нависанда ба қалам омада, рӯйдоди зиёди марбут ба Инқилоби Бухоро, сарнагун шудани аморат, барпо шудани Ҳукумати Шӯравӣ, пайдоиш ва сабзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва он ҳаводисеро, ки дар перомуни инҳо зуҳур кардаанд, дар бар мегирад.

Нависанда дар бораи зоҳиру ботини шахсиятҳои соҳибноми замон нақлҳои муфассал карда, дар зеҳни хонанда намову сурати мухталифи инсониву эҷодии онҳоро таҷаллӣ намудааст. Ба ин маънӣ, китоб як навъ фарогири он талхиву тундиест, ки нависанда нӯшу неши онро чашида, табу тоби зиндагиро пай бурдааст.

Асар аз сарсухани идораи маҷаллаи “Садои Шарқ”, пешгуфтори таҳиягар – фарзанди нависанда Ҷонон Икромӣ, як-ду сухани нависанда, шаш бахш ва охирсухан иборат аст. Дар бахши аввал – “Ман, падарам ва дигарон” дар бораи нависанда, падару модар, хешовандон, вазъи рӯзгор дар хонадони падар сухан меравад. Ин бахш ва бахшҳои баъдӣ роҷеъ ба шинохти саргузашти воқеии нависанда санадҳои муҳиммеро ҷой додааст ва барои фароҳам овардани зиндагиномаи комил ва дурусти нависанда маводи ҷолиб ва аввалиндараҷа медиҳад. Албатта, ин гуна ҳолнома дар замони шӯравӣ ҳам фароҳам омадааст, аммо асар дар роҳи дигар кардани қазовати рӯзгор ва таҷдиди назар ба моҳияти аслии рӯйдодҳои зиндагии нависанда арзиши баланде хоҳад дошт. Аҳаммияти ин навиштаҳо дар он аст, ки ҳар як нақли нависанда дар пай ягон санаде дорад.

Аввалин маълумоти тарҷумаиҳолӣ дар ин фасл марбут ба замони таваллуд шудани нависанда ва хусусан сабаби Ҷалол номгузорӣ шудани ӯ мебошад. Чунончи, дар ин маврид менависад: “Дар вақти таваллуди ман падарам хатми китоби Мулло Ҷалолро тӯй мекардаанд ва бинобар он, номи маро Ҷалол гузоштаанд. Маълум мешавад, ки он кас дар он дам дар мадраса мехондаанд ва китоби Мулло Ҷалол, ки яке аз китобҳои мушкил ва муҳимми мадраса ба шумор мерафт ва ҳар кас, ки онро хатм кунад, як маърака, як тӯе мекардааст. Падарам ҳам ба муносибати хатми китоби Мулло Ҷалол тӯй кардаанд ва чун ёдгории ҳамон рӯзи хушнудӣ номи маро Ҷалол гузоштаанд”.

Маълумоти муҳим дар бораи афроди хонадони падарии нависанда ин аст, ки Мулло Байзо (аслан аз мардуми Ховалинги Кӯлоб) аз зумраи муллоён ва мударрисони номии Бухоро буд. Се насли ӯ – Мулло Садриддин, мулло Бадриддин (бобои Ҷалол) ва мулло Бурҳониддин (амаки Ҷалол) мансаби қозикалонии шаҳри Бухороро дар уҳда доштанд. Қозигии мулло Бадриддин дар замони амир Аҳадхон ва қозигии Бурҳониддин дар давраи амир Олимхон сурат гирифтааст.

Маълум мегардад, ки падари Ҷалол Икромӣ Киромиддин Махсум низ дар яке аз минтақаҳои Бухоро қозӣ буда, шахсияти соҳибилм ва дорои хислатҳои хуби инсонӣ будааст. Нависанда хаёлан симои падарро бо чашмони сиёҳи калон, қабоқҳои бодомӣ, абрӯвони андак пайвасти сермӯ, бинии баандом, лабу даҳони базеб, бо саллаи начандон

калон, хушбасти сафед, мӯйлабҳои сиёҳи андак аз ду бари лаб овезон, риши кам фақат дар манаҳ тасвир менамояд.

Аз тарзи баёни нависанда услуби портретофарии устод Садриддин Айнӣ эҳсос мегардад, яъне Ҷалол Икромӣ ҳам мисли Айнӣ ҳар як ҷузъи симои падарро тасвир намуда, дар баробари ин, вобаста ба ин ё он воқеаи замони зиндагиаш образу характери падарро нишон медиҳад.

Ҷалол Икромӣ дар ин фасли асар чандин бор ба муносибатҳои гуногун такроран дар бораи модари меҳрубон ва модаркалони худ сухан меронад, таъкид мекунад, ки модари ӯ дар дусолагии нависанда вафот карда ва ба ин муносибат тарбияи ӯро модаркалонаш ба уҳда мегирад.

Ин фаслро нависанда бо зикри вафоти падар ба поён мерасонад ва ба ҷойи хулоса таҳти унвони "Қайд" чанд ҷумлаи дигар дар мавриди мақони хокҷойи падар илова мекунад, ки дар он оҳанги норизоӣ аз вазъи он давр ва сиёсати ноҷои ҳукуматдорони замон эҳсос мегардад:

"Пас аз чанд сол – дар соли 1929-1930 на пуштаҳои беруни дарвозаи мазор монд ва на гӯрхонаҳои мо! Ҳоло на гӯри падарам, на гӯри модарам ва на гӯри дигар хешовандонамон ҳаст. Ба ҷойи ҳамаи ин қабристонҳо пахта коштанд. Ҳамон рӯзҳо дар газетаи Бухоро як сурат чоп карданд: мардикоре сағонаеро вайрон мекард ва хишти онро мегирифт. Дар зери он сурат навишта буданд: Хишти қабр хеле сахт аст, аз ин хиштҳо иморатҳои нав месозем" [1, с.91].

Ин қайд бори дигар он ҳақиқати таърихро, ки солҳои сию ҳафтуми асри XX замони хароб кардани гузашта ва аз байн бурдани ёдгориҳои маданию моддӣ ва фарҳангӣ буд, ба исбот мерасонад. Хароб кардани қабри гузаштагон ва ба ҷойи он кишти пахта, ки дар осори насри мустанад бо ниҳояти сӯзиш ҳарф меравад, ҳақиқати талхест, ки сиёсати солҳои 30-юмро ба таври дақиқу мушаххас ва воқеӣ инъикос мекунад.

Таъсири воқеоти мудҳиши солҳои сию ҳафтум то дараҷаест, ки нависанда ҳатто аз марги падар як дараҷа хурсанд шуда ва мегӯяд, ки ҳарчанд ӯ ҷавон мурд, хуб шуд, ки умри дароз надид, зеро дар солҳои 37-ум ҳатман ӯро таҳти режими сталинӣ ба маҳкамаҳо мекашиданд ва дар он ҷо ба хорию зорӣ мурда мерафт. Ин факту далелҳо тавассути насри мустанад бо тасвири реалистона мақоми меҳварӣ пайдо кардааст.

Дар асар лаҳзаҳои ҷолиби таърихӣ, ки дар зиндагии нависанда дигаргунии ҷиддӣ ворид кардааст, зиёданд. Чунончи, ҳикоянависии аввалин ва пешниҳоди он ба устод Садриддин Айнӣ барои мутолиа ва мулоҳиза, ба ин восита ошноӣ бо устод ва дилбастагӣ ба қаламкашӣ чунин ба риштаи тасвир омадааст.

"Ҳикояе навиштам, ки номаш "Ширин" буд. Вай аз воқеаҳои босмачигарӣ ва истеҳкоми ҳокимияти шӯроӣ нақл мекард. Ҳикояро ба назди устод Айнӣ гирифта бурдам. Он кас он вақтҳо дар шуъбаи самарқандии Нашриёти давлатии Тоҷикистон муҳаррир шуда кор мекарданд. Ҳамроҳи устод Раҳим Ҳошим, Саидризо Ализода ва Ҳасан Ирфон кор мекарданд. Вақте ки ҳикояро бурдам, аввали рӯз айни кори устод Айнӣ буд. Он кас аз дасти ман ҳикояро гирифтанду гуфтанд, ки пас аз се рӯз дар соати яки рӯз дар вақти танаффуси нимрӯзӣ биёям... Ман пас аз се рӯз дар соати як омадам, ки Айнӣ чою нон хӯрда истода буданд. Маро дида истакону бӯлкаро ба як сӯ гузоштанд, аз қуттии столашон дастнависи маро баровардand ва сар карданд ба ҷанг кардани ман. Ҳо, чаро ин калимаро надониста кор фармудед? Чаро ҷумларо ғалат кардед? Чаро образ нотамом? Суст тасвир кардед!... Устод бисёр серҷазаба ва бадқаҳр буданд. Аз ҳайбат ва дӯғи он кас ҷигарҳо об мешуданд. Мани ҳикоянависи ноуҳдабаро ба ҳадафи тири ғазаби он кас дучор шуда будам. Ба обу арақ ғӯтида, дӯғу ғазаби он касро мешунидам" [1, с.132].

Дар ин порча симои устод Айнӣ аз диди нависандаи ҷавон ба тасвир омадааст, ки ҷанбаи қавии воқеанигорӣ дорад. Бахусус, бо хондани ин порча хонанда бо хислату характери устод Айнӣ, сахтгириаш нисбат ба қаламкашони ҷавон, чигунагии офариниши асар, эҳтиром нисбат ба забони модарӣ ва ҳамкорӣ бо қаламкашони муътабаре чун Р. Ҳошим, С. Ализода, Ҳ. Ирфон ошно мегардад.

Дар асари ёддоштии "Он чӣ аз сар гузашт" дар бораи шахсиятҳои дигаре, ки дар саҳнаи адабиёту санъат ва фарҳанги замон нақши носутурданӣ доранд, маълумоти ҷолиб омадааст. Аз ҷумла, пеши назар симои воқеии шахсияти Абдурауфи Фитрати Бухороӣ намудор мегардад: "Фитрат барои боло бардоштани савияи маданӣ ва маорифи халқи Бухоро хизматҳои шоёни тақдир кардааст. Фитрат ҳам шоири ширинсухан ва мумтоз, ҳам насрнависи зӯр ва ҳам драматурги аъло буд. Асарҳои ӯ дар вақташ таъсир ва нуфузи калон доштанд."

Ҷалол Икромӣ дар баробари сифатҳои неки Фитрат ҳамчунин баъзе ҷанбаҳои номатлуби фаъолияти ӯ, аз ҷумла пантуркист шуданашро воқеъбинона нишон медиҳад. Дӯстии Фитрат бо Файзулло Хоҷаев сабаб шудааст, ки муносибати устод Айнӣ бо Фитрат хуб набуд: "Бо Файзулло Хоҷаев ҳамдам, ҳамнишин ва дӯст буд. Устод Айнӣ бинобар ҳамин ӯро чандон дӯст намедоштанд. Лекин ба қобилият ва эъҷози ӯ тан дода буданд.

Афсӯс, ки Фитрат то як дараҷа пантуркист ҳам шуд, лекин пас аз инқилоб, пас аз фаҳмидани рафти ҳаёт аз ақидааш баргашт” [1, с.145].

Дар асар чеҳраҳои дигари адабиёти тоҷик Пайрав Сулаймонӣ, Бектош, симоҳои сиёсӣ Ф. Хоҷаев, А.Муҳиддинов, А. Алиев низ ба ягон муносибат зикр шудаанд. Андешаҳои Икромӣ хосса дар бораи Пайрав Сулаймонӣ ҷолиб аст ва мисли устод Айнӣ ӯро ба унвони саромади шеъри тоҷик арзёбӣ мекунад: “Пайрав Сулаймонӣ шоири олиҷаноби тоҷик, мумкин аст гуфт, яке аз саромадони шеъри пас аз инқилоби тоҷик аз Бухорост. Падару бобоҳояш туҷҷор буда, бою бадавлат буданд. Дар солҳои НЕП худи Пайрав ва бародараш Яҳёҷон дар растаи калони Бухоро магазини пойафзолфурӯшӣ доштанд. Пайрав фурӯшандагӣ намекард, лекин Яҳёҷон дар паси тахтаи дӯкон фурӯшандагӣ мекард. Пайрав бо сару либоси бисёр хуби урупоӣ, дар даст асои базеб, дар чашм айнак, гоҳо дар магазин ба болои стул нишаста, бо дӯстонаш суҳбат мекард. Вай ҷавони қадбаланд, лоғарандом, бо чашмони калон-калони бонуфуз, бо симои ҷолиб ва ҷозиб хушсару забон ва меҳрубон буд”.

Аз суханҳои Икромӣ маълум мегардад, ки Пайрав дар баробари шеърнависӣ ба тиҷорат шуғл дошт, вале баъдан аз Бухоро ба Самарқанд омада, дар охирҳои умр ба душворӣ зиндагиашро пеш бурда, дар поёни умр гирифтори беморӣ гардида, вафот мекунад. Икромӣ таъкид мекунад, ки агар Пайрав вафот намекард, бо он андешаҳои равшан ва шахсияти шинохта буданаш ҳатман дар даҳшати шахспарастӣ ба ҳабс меафтод ва бо сад азобу хорӣ мемурд: “Пайрав агар дар ҳамон соли 1932-33 намемурд, дар соли 1937, албатта, ҳабс мешуд, душмани халқ ном мегирифт ва дар чӣ азобу уқубат мурда мерафт. Баъд, албатта, сафед мекарданд (пас аз марги Сталин), лекин чандин сол ба номи бошарафи ӯ лакнати “душмани халқ” мечаспид”.

Дар китоби “Он чӣ аз сар гузашт” Ҷалол Икромӣ дар баробари тасвири рӯҳиву равонии вазъу ҳоли шоирону шахсиятҳои маъруф чун чеҳранигори моҳир кӯшиш ба харҷ додааст, ки симои қаҳрамонони худро бо тамоми ихтилофоташ равшан нишон диҳад. Ҳамин унсури тасвирро дар зикри яке аз симоҳои дигари машҳури фарҳангии садаи бистум Назруллои Бектош мушоҳида мекунем. Чунончи:

“Бектош ин тахаллуси вай аст, номаш Назрулло буд. Ин шахси самарқандӣ, донишманд, таҳсилкарда, дар Москав кадом мактаби олиро хатм карда, саводи куҳнаи пухта дошт. Худаш марди қадбаланд, каллакалони сермӯй, лоғарандом, бо бинии калони нӯгаш сурх, чашмони начандон калон, рӯяш дароз ва ҷозиб набуд...

Соли 1933 ӯро ҳабс карданд. Он сол бисёр касон ҳабс шуданд. Дар он қатор Бектош ҳам, Комилӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Мисбоҳ Бурҳонов ва боз намедонам киҳо ба чоҳи бетаги НКВД афтода ғарқ шуданд. Соли пурдаҳшат, соли гуруснагӣ буд он солҳо. Мо ҳама зиёиёни тоҷик ба воҳима афтода будем, ҳама хӯрокворӣ ба норма буда, мардум аз гуруснагӣ мемурданд.... [1, с.192].

Шахсиятҳои дар сиёсат маъруф, мутаассифона, дар таъмини ваҳдати дилҳои ҳамдигар коре карда натавонистанд. Ҷалол Икромӣ бо дарду алам ба ҳайати Ӯзбекистон гузаштани хоки Тоҷикистонро воқеъбинона ба қалам медиҳад: “Ман афсӯс мехӯрам, ки Ф. Хоҷаев, А. Муҳиддинов, Фитрат ва Аббос Алиев барин одамони боақл бо ҳам дӯстона, ба иттифоқ зиндагӣ карда натавонистанд. Агар иттифоқ мешуданд, шояд зиндагии халқи Бухоро беҳтар ва ҳуррамтар мегашт. Баъд ҷумҳурияти Ӯзбекистон ташкил шуд ва ҳамаи хоки Бухоро ба Ӯзбекистон мулҳақ гашт. Нагуфтанд, ки дар ин сарзамин тоҷикон аз қадим зиндагӣ доштанд, давлат доштанд, маданият доштанд, забон ва фарҳанг доштанд! Қисми калони ҳукуматдорони Бухоро бо сардории Ф. Хоҷаев ба Ӯзбекистон гузаштанд. Москва шояд маҷбур шуд, ки аввал Бухорои шарқиро, кӯҳистонро ҷумҳурияти мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон монад ва баъд, дид, ки намешавад (ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати сотсиологӣ) ва дар дарвозаи шарқи мазлум, дар сарҳади Ҳинду Афғону Ирон як давлати мустақил ҷумҳурияти мустақили Тоҷикистонро насозанд, хуб нест, Тоҷикистони имрӯзаро ба майдон оварданд, он аз марказҳои маданият ва таърихи худ ҷудо монд” [1, с.75-76].

Икромӣ чун фарзанди замон аз “табартақсим”-и суратгирифта огоҳ буд, аз ин рӯ, бо дарду андуҳ ин масъаларо ба ёд оварда, афсӯс хӯрдааст, ки дар он вақт роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҳам иттиҳод ва якдигарфаҳмиро ба хотири миллати тоҷик ба вуҷуд оварда натавонистанд.

Дар асар инчунин дар бораи шаҳри Бухоро ва атрофу акнофи он маълумоти пурқимат дода шудааст. Тасвирҳои Икромӣ дар зимни нишон додани шаҳри Бухоро бо тасвири манзараҳое, ки устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо” ба қалам овардааст, хеле шабоҳат дорад. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки Икромӣ ҳамчун шогирди устод Айнӣ дар заминаи тасвири мавзеъ ва макони таърихӣ низ маҳорати комил дорад. Аз ин тасвирҳо хонанда дар бораи шаҳри Бухоро ва атрофи он маълумоти хуб пайдо карда метавонад. Чунончи, барои мисол пораеро аз китоби Икромӣ, ки дар бораи Бухоро гуфта шудааст, зикр мекунем:

“Шаҳр бо қалъаи баланд ва мустаҳками таърихӣ иҳота шуда буд. Ин қалъаи мустаҳками таърихиро пас аз инқилоб, пас аз солҳои 1925 оҳиста-оҳиста вайрон карда, хокашро чун “порӯ” истифода бурданд ва ҳоло фақат як чанд сад метр ду тарафи дарвозаи

“Қарокӯл” боқӣ мондааст, ки он ҳам фатарот шуда рехта, нобуд шуда истодааст. Ин қалъа дар вақташ дувоздаҳ дарвоза доштааст, ки баъд яке аз ин дарвозаҳо масдуд ва баста шуда мондааст. Ёздаҳ дарвозаи боқимонда (дарвозаи Қавола-Қаршӣ, дарвозаи Самарқанд, дарвозаи Мазор, дарвозаи Талипоч, дарвозаи Қарокӯл, дарвозаи Шайх Ҷалол, дарвозаи Намозгоҳ, дарвозаи Ӯғлон, дарвозаи Салоҳхона) ҳама бурҷу бораҳо гулдастаҳо, қаровулхонаҳо дошта, аз чӯбҳои ғавс ва мисли оҳан мустаҳкаму вазнин сохта шуда буданд, ки ҳоло аз ин дарвозаҳои чӯбину таърихӣ ягонтааш ҳам боқӣ намондааст. Куҷо шуданд ин дарвозаҳо? Наход, ки ҳамин тавр ашёи таърихӣ ва мустаҳкамро сӯхта, ҳезум карда бошанд?

Ба Бухорои таърихӣ, ба Бухорои машҳур ва ободи Машриқзамин ворид гаштем. Пас аз се-чоррӯза сафари дашти Қароқум, пас аз азоби қаҷобанишинӣ, шаҳри Бухоро ба назари ман мисли Ҷаннат менамуд. Кӯчаҳои сангфарши он, растаю бозорҳо, баққолҳо, нонвойҳо, қассобҳо ва оҳангариҳо ва кӯчаҳои пур аз одам, пур аз суворао пиёда, пур аз овозҳои ҳархела ва ғайра ҳама зиндагӣ буданд, ҳама аз ҳаёт дарак медоданд...” [1, с.34].

Масъалаи муҳим, ки дар асари мавриди назар меҳварӣ буда, ба Бухоро алоқаи ногусастанӣ дорад, инқилоби Бухоро мебошад. Аз сабаби он, ки имрӯз нуқтаи назар нисбат ба инқилоби ибтидои асри бист мухталиф аст, баррасии нуқтаи назари нависанда Ҷалол Икромӣ, ки худ шоҳиди воқеии инқилоби Бухоро буд, хеле муҳим аст. Зеро Икромӣ дар навиштаҳояш, пеш аз ҳама, воқеоти таърихиро ҳақиқатнигорона, бидуни таҳриф ба қалам додааст. Ин ҷиҳати насри мустанад барои дарки воқеоти таърихии асар имкони мусоид фароҳам меоварад. Чунончи, пораеро аз андешаҳои Икромӣ дар бораи инқилоб зикр менамоем:

“Инқилоби Бухороро инқилоби пролетарӣ-сотсиалистӣ гуфтан нашояд. Ин инқилоб - инқилоби халқӣ - инқилоби буржуазию майда буд. Дар сари он дар баробари партияи коммунистии Бухоро, инчунин партияи ҷадидон меистоданд. Партияи ҷавонбухориён асосан аз намояндагони зиёӣ, буржуазияи майда, савдогарон, муллобачагони Бухоро иборат буд. Аксари ҷадидоне, ки ба сари ҳокимият омаданд, дар Туркия таҳсил карда буданд. Файзулло Хоҷаев, Абдуқодир Муҳиддинов, Оқчурин барин касон дар Москва тарбия ёфта буданд. Шояд барои он ки аксарияти ҷадидон ба таъсири пантуркистон монда буданд, ҳукумати нави Бухоро забони давлатиро дарҳол забони туркӣ эълон намуд. Газетаи "Бухоро ахбори" ба ду забон чоп мешуд. Ф. Хоҷаев ба забони туркӣ нависад, Абдуқодир Муҳиддинов ба забони тоҷикӣ мақола чоп мекард. Мактабҳо ҳама ба забони туркӣ, баъдтар ба забони ӯзбекӣ буданд. Ҳар кас, ки ба ҳукумат аризае навиштанӣ бошад, ба забони туркӣ менавишт, муомилоти расмии идораҳо туркӣ буданд.”

Ҳамин тавр, нависанда кӯшидааст, ки вазъи нобасомони он рӯзро дар робита ба муборизаҳои зиддитоҷикии туркгароён нишон диҳад. Ӯ бо ҳар васила талқин менамояд, ки ҳукумати Ҷумҳурии халқии Бухоро дар он ҳангом давлати туркиасос буд. Рӯю риёи замонаро исбот карданӣ мешавад, ки бунёдгузорони Бухоро дар хона ва кӯчаҳо бо забони тоҷикӣ гап мезаданд, туркиро фақат дар расмият нигоҳ медоштанд.

Дар баробари ин, он рӯзи Бухороро бо имрӯзи он пайванд дониста ва ҳушдор медиҳад, ки “ҳозир ҳам агар ба Бухоро равед, мебинед аксарияти мардум ба забони тоҷикӣ гап мезананд, ҳатто дар идораҳо, дар мактабҳо ва комитетҳои вилоятию шаҳрӣ мардум дар байни худ ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ доранд ва ҳамин, ки расмият шуд, забони ӯзбекӣ ба миён медарояд”.

Ин асари Икромӣ беҳтарин намунаи бозгӯи ноаҳлӣ, номуросоӣ ва носозишии пешвоёни миллат дар он замон мебошад ва муносибатҳои нохуби онҳоро ба сад далел рӯйи сафҳа меоварад: “Давлати туркии Ҷумҳурии халқии Бухоро то тақсими ҳудудҳои миллии ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна давом кард. Дар ин муддат ҷадидҳо, ҳукуматдорони ҷумҳурияти халқии Бухоро дар байни худ созиш карда натавонистанд. Файзулло Хоҷаев бо Абдуқодир Муҳиддинов, Усмон Хоҷа бо Аббос Алиев, Мирзо Иззатулло бо Порсо Хоҷа ва ҳоказо **ғурру пис** доштанд. Фитрат дар як тараф, Қорӣ Юлдош дар як тараф, Мукаммил Махсум дар як тараф, Оқчурин дар як тараф! Худи ҳамин кашмакашҳо ҳам то як дараҷа ба нест шудани Ҷумҳурии халқии Бухоро сабаб шуданд. Инчунин, иқтисодиёт, молиёти давлат ба дараҷае паст фуромад, ки якто нон ба панҷсад сӯм расид. Пули қоғазии Бухоро, ки дар матбаа ҷувол-ҷувол чоп карда мебаровардand, ҳеҷ қурбе надошт. Вақте ки червонс баромад ва фармон шуд, ки пулҳои Бухороро ба червонс иваз кунанд, мардум линга-линга, ҷувол-ҷувол “қоғазакча” меоварданд, кассирҳо нашумурда, бо тарозуҳо баркашида ба ҷояш як дона червонси даҳсӯма медоданд. Алҳақ, нархи червонс баланд буд, ба як тиллои панҷсӯма чор сӯм червонс медоданд. Ин пули ба қурбу манзалат “қоғазакча”-и Бухороро аз миён бурд ва дар бозор каме тартиб ҷорӣ шуд [1, с.75].

Асари ёддоштии “Он чӣ аз сар гузашт” мутааллиқ ба қалами нависандаи номии тоҷик Ҷалол Икромӣ, намунаи беҳтарини асари ёддоштии тоҷик аст, ки дар марҳалаи ҳассоси таърихи миллати тоҷик таълиф шуда, ба хонанда барои муҳокима ва муқоисаи чанд давраи пурмоҷаро ва сарнавиштсози таърихи навини тоҷикон асноди раднопазир медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов, А. Танҳоӣ / А. Абдуманнонов, Ф. Шаҳидӣ // Садои Шарқ. – 1990. – №4. – С. 92-112.

2. Бобоҷон, А. Адиби ноком / А. Бобоҷон // Адабиёт ва санъат. – 1993. – 13 август.
3. Ғулом, Зариф. Писари шоир / Зариф Ғулом // Садои Шарқ. – 2007. – С. 46-58.
4. Икромӣ, Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 327 с.
5. Кабилов, А. Жанр автобиографической повести в узбекской литературе: автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.02 / А. Кабилов. – Ташкент, 1972. – 25 с.
6. Камаров, А. Жанр автобиографической повести в литературах народов Средней Азии: автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.02 / А. Камаров. – Самарканд, 1970. – 25 с.
7. Каримов, Б. Қурбонии дузахма / Б. Каримов – Душанбе: Ориё, 1992. – 320 с.
8. Кенҷаев Сафаралӣ. Табаддулоти Тоҷикистон / Сафаралӣ Кенҷаев. Иборат аз 3 ҷ. - Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – Ҷ.1. - 384 с.
9. Насриддинов, Ҳ. Таркиш / Ҳ. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 302 с.
10. Отахонова, Х. Дил мехоҳад, ки гӯяму гирям / Х. Отахонова. –Душанбе: Ирфон, 2011. – 196 с.
11. Раҷабӣ, Д. Осмони хамида / Д. Раҷабӣ - Хуҷанд: Р. Ҷалил, 1998. – 158 с.
12. Расули, М. Исповедь / М. Расули. – Тошкент: Уқитувчи, 2000. – 123 с.
13. Салихов, Н.Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.02 / Н.Н. Салихов. – Душанбе, 2010. – 47 с.
14. Соҳибназаров, А. Субҳи ситоракуш / А. Соҳибназаров – Душанбе: Дониш, 1997. – 310 с.
15. Табаров, С. Тақдири фоҷеавии як шоири тоҷик / С. Табаров. - Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 100 с.
16. Ходжаева, М.Ю. Своеобразие автобиографического жанра в литературах народов Средней Азии (50-70 гг.): автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.02 / М.Ю. Ходжаева. – Москва, 1985. – 19 с.
17. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввулоти шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.
18. Юсупов, К. Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» / К. Юсупов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 120 с.

МАВЗӮИ ШАХСПАРАСТӢ ВА МОҲИЯТИ ГИРУДОРҲОИ СОЛИ 1937 ДАР ОСОРИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Асари ёддоштии “Он чӣ аз сар гузашт” мутааллиқ ба қалами нависандаи номии тоҷик Ҷалол Икромӣ, намунаи беҳтарини асари ёддоштии тоҷик аст, ки дар марҳалаи ҳассоси таърихи миллати тоҷик таълиф шуда, ба хонанда барои муҳокима ва муқоисаи чанд давраи пурмоҷаро ва сарнавиштсози таърихи навини тоҷикон асноди раднопазир медиҳад. Ин асари Икромӣ беҳтарин намунаи бозгӯи ноаҳлӣ, номуросоӣ ва носозишии пешвоёни миллат дар он замон мебошад ва муносибатҳои нохуби онҳоро ба сад далел рӯйи сафҳа меоварад. Нависанда кӯшидааст, ки вазъи нобасомони он рӯзро дар робита ба муборизаҳои зиддитоҷикии туркгароён нишон диҳад. Ӯ бо ҳар васила талқин менамояд, ки ҳукумати Ҷумҳурии халқии Бухоро дар он ҳангом давлати туркиасос буд. Рӯю риёи замонаро исбот карданӣ мешавад, ки бунёдгузорони Бухоро дар хона ва кӯчаҳо бо забони тоҷикӣ гап мезаданд, туркиро фақат дар расмият нигоҳ медоштанд.

Калидвожаҳо: мавзӯи шахспарастӣ, вазъи нобасомони Бухоро, Ҷалол Икромӣ, бунёдгузорони Бухоро, забони тоҷикӣ, таърихи навини тоҷикон,гирудорҳои соли 1937.

ТЕМА КУЛЬТА ЛИЧНОСТИ И СУЩНОСТЬ ОТРАЖЕНИЯ СОБЫТИЙ 1937 ГОДА В НАСЛЕДИИ ДЖАЛОЛА ИКРАМИ

Мемуарное произведение Джалола Икрами под названием “То что было пережито” является лучшим примером таджикского мемуарного произведения, который был написан в очень уязвимом периоде истории таджикского народа и представляет читателю неоспаримые факты для сравнения нескольких решающих и нелицеприятных периодов новейшей истории таджиков . Данное произведение Джалола Икрами является лучшим примером изложения недружелюбия, непримерения и несогласованности лидеров нации того периода и автор с сотнями доказательств раскрывает их неподабающее отношение на страницах данного произведения. Автор сделал попытку показать хаотическое состояние того периода в взаимосвязи с антитаджикскими противобарствами панктуркистов. Он различными средствами доказывает, что правительство Народной Республики Бухары в тот период истории был панктуркистским государством. Также он доказывает, что основатели Бухары дома и на улице разговаривали на таджикском языке, и тюркский язык считали официальным языком.

Ключевые слова: тема культа личности, неспокойное хаотическое положение в Бухаре, родоначальники Бухары, таджикский язык, новейшая история таджиков, схватки 1937 года.

PERSONAL CULT THEME AND ESSENCE OF REFLECTION OF EVENTS OF 1937 IN THE HERITAGE OF JALOL CAVIAR

The memorial work of Jalol Ikrami entitled “What was experienced” is the best example of a Tajik memoir that was written in a very vulnerable period in the history of the Tajik people and presents undeniable facts to the reader to compare several decisive and unpleasant periods of recent Tajik history. This work of Jalol Ikrami is the best example of the presentation of hostility, non-example and inconsistency of the leaders of the nation of that period and the author with hundreds of evidence reveals their inappropriate attitude on the pages of this work. The author made an attempt to show the chaotic state of that period in conjunction with the anti-Tajik confrontations of the Pankturkists. He proves by various means that the government of the People’s Republic of Bukhara at that time in history was a pan-Turkist state. He also argues that the founders of Bukhara at home and on the street spoke the Tajik language, and the Turkic language was considered the official language.

Key words: theme of personality cult, troubled chaotic situation in Bukhara, the founders of Bukhara, Tajik language, recent history of Tajiks, fights of 1937.

Сведения об авторе: ***Муродова Малика*** – Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1. Телефон: **(+992) 92-737-76-56**

Information about the author: ***Murodova Malika*** **-** Khujand State University named after B. Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer, Department of Contemporary Tajik Literature. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov pass, 1. Phone: **(+992) 92-737-76-56**

УДК: 891.550-1

АҲАММИЯТ ВА ҶОЙГОҲИ САНОӢ ДАР ҒАЗАЛИ ИРФОНӢ

Сайидтаслим Ковиён, Мирҳомид Хусрав Восифӣ
Донишгоҳи ал-Берунии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Ҳаким Саноӣ яке аз бузургони дунёи шеър ва ирфон аст, ки дар қолабҳои мутанаввеъ ба сурудани шеър пардохтааст. Ӯ аввалин касест, ки мазомини ирфониро дар ғазал ворид кард ва дар қасоидаш низ таҳаввули бузургеро дар мазомини фикрии шеъри он давра ба вуҷуд овард, ки то ҳудуде масири сабки хуросониро ба самти сабки ироқӣ тағйир дод ва ё ҳадди ақал, муқаддамоти онро фароҳам кард [10, с.7]. Ҷойгоҳи Саноӣ дар ворид кардани ирфон дар шеъри форсӣ ба қадре баланд аст, ки донишмандон ба гунаҳои мухталиф аз он ёд кардаанд. Ян Рипка дар бораи Саноӣ мегӯяд: «Нахустин ғазалсарои тасаввуф Саноӣ аст. Ӯ аввалин шоире аст, ки барои баёни андешаи ирфонӣ аз шакли ғазал истифода кард» [8, с.428]. Маликушшуаро Баҳор дар китоби «Сабкшиносӣ» перомуни ҷойгоҳи Саноӣ мегӯяд: «Хадамоти Саноӣ дар пешрафти шеъри ирфонӣ ва сӯфиёна бисёр азим аст ва бояд ӯро қофиласолори ин навъ аз шеър бидонем. Аввалин касе, ки таъбири ишқи ҳақиқӣ ва маҷозиро вориди шеъри форсӣ кард, Саноӣ буд» [2, с.187].

Сирус Шамисо дар китоби «Сабкшиносӣ» менависад: «Саноӣ нахустин шоири бузурге аст, ки ба таври васеъ ба ирфон пардохта ва китоби мустақиле дар ин боб ба номи «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ал-тариқа навиштааст» (Шамисо, 1382:212). Ҳамчунин, устод Фурӯзонфар гуфтааст: «Ирфон қабл аз Саноӣ низ дар мутуни адабӣ дида мешуд, вале Саноӣ касе буд, ки ба он ташаххуси сабкӣ дод (Фурӯзонфар, 1386: 191).

Саноӣ дар таърихи адабиёти мо нуқтаи атфе аст. Ба ҳамин сабаб шеърро ба даврони қабл аз Саноӣ ва баъд аз Саноӣ тақсим кардаанд, ки даврони баъд аз Саноӣ бо даврони қабл аз ӯ аслан қобили муқоиса нест. Ҳеҷ кадом аз қуллаҳои шеъри форсӣ ҳатто Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлоно чунин мақтаъ ва ҳаракатеро дар забони форсӣ эҷод накардаанд. Ӯ шоирест давронсоз. Ин вежагии ӯ барои муаррихони шеър ва ирфон аз аҳаммияти хосе бархӯрдор аст. Камтар шоиреро метавон ёфт, ки дар чандин замина қаҳрамон, давронсоз ва пешрав бошад. Бо тааммул дар ашъори Саноӣ инсон мутаваҷҷеҳи шаклгирӣ ва такомули чандин қолаб аз қаволиби адабӣ мешавад. «Ҳадиқат-ал-ҳақиқат»-и Саноӣ сароғози тозае аз маснавиароӣ аст ва қасоид ва ғазалҳояш низ аз ҳолу ҳавои хоссе бархӯрдоранд, ки мутафовит бо осори шоирони қабл аз ӯст.

Дар таърихи адабиёти форсӣ аз шеъри қабл аз Саноӣ ва баъд аз Саноӣ ёд гардидааст. Иллаташ ин аст, ки шеъри Саноӣ бар фарҳанг ва раванди шеъри насли баъд аз худаш таъсири ҷиддӣ гузошт ва адабиёти баъд аз худашро мутаҳаввил сохт ва оғозгари мактабе шуд, ки баъд аз он Аттор ва Мавлоно ва Ҳофиз онро ба авҷ расониданд. Чунонки Мавлоно дар ин маврид мегӯяд:

Тарки ҷӯшиш шарҳ кардам нимахом,
Аз Ҳакими Ғазнавӣ бишинав тамом (Дафтари савум: 570)

Ва дар ҷойи дигар мегӯяд:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноиву Аттор омадем.

Ба ин матлаб ҳам бояд ишора кард, ки ин таъсиргузории Саноӣ ва аҳаммияту азамати ӯ дар таърихи адабиёти форсӣ ва ирфон ва шеъри баъд аз таҳаввули дарунии ӯст, чун ӯ дар аввал шоири дарборӣ ва базлагӯ буд, ки бо як инқилоби дарунӣ адабиётро такон дод ва чизи ҷадидеро ба номи адабиёти ирфонӣ дар дафтари адабиёти ҷаҳон изофа кард. Барои табйини аҳаммияти Саноӣ дар адабиёти форсӣ ва ирфону тасаввуф ва ҷойгоҳи вай дар адабиёти ирфонӣ бояд ишорае ба ибдоот ва навовариҳои Саноӣ дар арсаи шеър дошта бошем.

Тарҳи масъала. Рӯйкарди фавқ бандаро бар он дошт, то зимни баррасӣ ва таҳлили мабонии ирфонии Саноӣ ба аҳаммият ва ҷойгоҳи ӯ дар ғазали ирфонӣ пардохта ва баҳси муҳтавоии мухтасаре рӯйи андешаҳои ирфонӣ ва наҳваи ворид кардани ин андешаҳо дар ғазали форсӣ-дарӣ дошта бошем.

Ҳадафи таҳқиқ. Ҳадафи таҳқиқ, баррасии андешаҳои ирфонӣ, дидгоҳҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ғазали Саноии Ғазнавӣ буда, то ҷойгоҳ ва эътибори ин гуна андарзҳо ва андешаҳо дар осори адабӣ мушаххас гардад. Чун вуҷуди ин андешаҳо ва дидгоҳҳои ирфонӣ дар ҳар ҷомеа, ки аз ибтидои зиндагии иҷтимоии башар матраҳ будааст, нишонаи пӯёӣ ва ҳаёти он ҷомеа мебошад. Бинобар ин, ин гуна андешаҳо, ки дар осори шоирон ва нависандагони бузург низ ошкор мешавад, нишондиҳандаи таваҷҷуҳи онҳо ба масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ва алоқамандии онҳо барои эҷоди як зиндагии солим мебошад. Бад-ин асос, мавзӯоте, ки дар ин мақола матраҳ шудааст, метавонад дар оянда роҳкушои алоқамандон ва бавежа донишҷӯён дар ҷиҳати дарки беҳтари мазомини ирфонӣ дар ғазали форсӣ-дарӣ ва андешаҳои баланди ирфонӣ ва ахлоқии Саноӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар ғазали ирфонӣ бошад.

Равиши кори таҳқиқ. Равиши кори таҳқиқ дар ин мақола равиши китобхонаӣ ва кайфӣ мебошад. Манобеъ ва матолиби лозим бо истифода аз манобеи аслӣ, маҷмӯаи мақолот, маҷаллаҳои илмӣ-пажӯҳишӣ, китобҳо ва осори мутааддид марбут ба мавзӯъ дар китобхонаҳо ёддоштбардорӣ шуда ва пас аз танзим ва тадвини ёддоштҳо, бинобар муҳтавои андешаҳо ва навовариҳои Саноӣ дар ирфон ва аз ҷумла ғазали ирфонӣ, мавриди баҳс ва пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Ғазали форсӣ ва ҷойгоҳи Саноӣ дар борвариии он. Ғазал яке аз қолабҳои шеъри форсӣ аст, ки дар давраи аввали шаклгирии шеър, яъне сабки хуросонӣ, ки давраи истилои бечунчарои қасида ва маснавӣ аст, мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор мегирифт ва ҳам дар давраи муосир, ки пас аз инқилоби адабии Нимо қолабҳои куҳан ба ҳошия ронда шуд, бо пӯёии тамом ба умри худ идома додааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ғазал қолабе барои тамоми замонҳост ва яке аз далоили пойдор будани он ин аст, ки ҳамчун зарфе метавонад таҷрибиёт ва ҳолоти комилан шахсии шоирро дар худ буғунҷонад. Ин қолаб дар бунёни асили худ барои шоирон дар ҳукми «утоқи хилвате» аст, ки бидуни дағдағаи ҳузури ғайр, хусуситарин аволими шахсии худро дар он баён мекунанд. Ҳарчанд ба лиҳози сохтори пӯёи худ метавонад соир мафоҳим, аз ҷумла мавзӯоти ирфонӣ-динӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайраро ба хештан бипазирд, агар дар қолабҳои монанди қасида, шоир бо ғайр (мамдӯҳ) ва дар маснавӣ барои ғайр (тӯдаи мардум ва муридон) сухан мегӯяд, дар ғазал бо хештани хеш ва ба қасди тахлияи ҳаяҷоноти рӯҳӣ ва равонӣ сухан мегӯяд. Ба ҳамин далел аст, ки ба истиснои Фирдавсӣ, камтар шоири барҷастае ҳаст, ки дар канори соир қолабҳои адабӣ ба сурудани ғазал низ напардохта бошанд [8, с.10].

Хусусӣ будани қолаби ғазал, боис шудааст шоирони муғлақгӯе, монанди Анварии Абевардӣ ва Хоқонии Шервонӣ низ, ки дар қасидасароӣ соҳиби сабки вежа ҳастанд ва забони сахт ва мутакаффилонае доранд, дар ғазалҳои худ ба содагӣ ва равонӣ, ҳолоти рӯҳӣ ва олами шахсии худро баён кунанд [4, с.44]. Ғазалҳои сода ва самимии Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Анварӣ ва дигарон оканда аз таҷрибиёити воқеӣ аз ишқҳои воқеӣ буд. Саноӣ ба унвони вориси ин суннат дар давраи аввали ҳаёти ҳунарии худ ин қолабро дар ҳамон масири баёни ҳолоти ошиқона ба кор гирифт. Мизони баҳрагирии ӯ аз суннати ғазалсароии пеш аз худ, яъне дар ҳавзаи ғазали ошиқонаи воқеӣ ва навоварии вай метавонад мавзӯи таҳқиқи ҷудогонае бошад. Аммо пас аз таҳаввули рӯҳӣ ва вуруд ба силки урафои баҳуш ва заковат, дарёфти ин қолаб дорои чунон зарфияти мунҳасир ба фарде аст, ки метавонад бори сангини интиқоли таҷрибиёт ва кашф ва шуҳудҳои ирфониро ба дӯш бикашад. Ҳамчунон ки ба фаросати дарёфти қолаби қасида истеъдод ва тавоноии ҳамли чунин бореро надорад. Бо ҳамин, қасидаро танҳо барои баёни андешаҳои ҳукмӣ, ахлоқӣ ва интиқодӣ ба хидмат гирифт ва шоирони баъд аз ӯ низ роҳи ӯро идома доданд. Ба ибораи дигар, Саноӣ дар қасоиди давраи дувуми зиндагии ҳунарӣ, мазомини зоҳидона ва андешаҳои ҳакимонаро ба ҳамроҳи дидгоҳҳои интиқодии сахтгирона матраҳ кард ва қолаби қасидаро ҳарчанд ба самт ва сӯйи тоза аз ҳайси муҳтаво ва дарунмоя савқ дод, онро барои сабти «лаҳзаҳои шоирона» ё «кашф ва шуҳудҳои орифона» ба хидмат нагирифт. Зеро, бар ин амр зоҳиран огоҳ буд, ки қолаби қасида барои баёни мазомини аз пеш андешидашуда муносибтар ва ба масобаи зарфӣ аст, ки ҳар шоире оро ва эътиқодоти худро огоҳона метавонад дар он бирезад ва ба дигарон бидиҳад. Аз ин рӯ, дар тӯли ҳама адвори шеъри форсӣ, шакли дарунии қасида тағйире накардааст ва танҳо дар ҳавзаи «муҳтаво ва мазмун» ба ҳамроҳи тағйироте дар шакли берунии он, яъне ин ки дорои ташбиб ва тағаззул бошад ё муқтазаб буда, бе муқаддима ба мавзӯи аслӣ бипардозад ва ё бо шарте ё бидуни он ба пайи он бирасад, дастхуши тағйир ва таҳаввул мегардидааст [2, с.143].

Бинобар ин, Саноӣ ҳавзаи корбурди қолаби ғазалро аз баёни сирф таҷрибиёт ва ҳолоти шахсии шоир, ки дар таомули вай бо маъшуқи заминӣ маъно пайдо мекард, ба сӯйи таҷрибаи тоза ва баёни таомули ориф бо Худованд савқ дод. Ӯ ғазали ирфониро бо андешаҳои баланд ва бо забони бисёр балиғ ва устувор ва гарм аз яқин ва самимияти отифӣ поягузорӣ кард ва таъсири баёни андешаашро бо таърихи шеъри классикии форсӣ ва саргузашт ва сарнавишти он то қарнҳо ҳамдам ва ҳамроҳ кард [4, с.86].

Ҷойгоҳи Саноӣ дар ғазали ирфонӣ. Саноӣ дар қолаби ғазал даст ба ибдооте зад, аз ҷумла ин ки шеъри тағаззулӣ то он замон ғарқ дар таҷрибаҳои заминӣ ва шахсӣ буд ва вожаҳо ва истилоҳот дар ҳамон маънои аввалии худ ба кор мерафтанд. Масалан, аз мева шароб, майхона ва зулф ва ғайра чизе ирода мешуд, ки урф аз он мефаҳмид ва агар маънои маҷозӣ ҳам мурод мегардид, аз ҳудуди урф берун набуд. Масалан, аз ишқ фақат иртиботи байни ду нафар ирода мешуд ва харобот ба ҳамон маънои қиморхона ва шаробхона ва ҷойи занони бадкора ба кор мерафт. Аммо Саноӣ қолаби ғазалро ба масири тозае ҳаракат дод ва онро мамлув аз авотифи динӣ ва ирфонӣ сохт ва мазомини қаландаронаро дар шеър ворид кард [10, с.31], ба вожаҳо маонии дигаре бахшид ва доираашро густурдатар кард ва ба ҳадде имтидод дод, ки ҳатто аз фаҳм ва тасаввур хориҷ аст. Ба унвони намуна ишқро аз инҳисори суварӣ ва иртибот байни ду нафар берун кард

ва ба он чунон маънои васеъ дод, ки ҳоло тамоми ҳастиро дар бар мегирад. Ба ин байтҳо нигоҳ кунед:

Маро ишқат бад-ин сон парварид эй ҷон,
Ки бо ёди ту дар дӯзах тавонам орамид эй ҷон [6, с.458].

Аз ин як навъ дилшодам, ки бо ишқи ту ҳамзодам,
Ки то ин дида бикшодам дилам ишқат гузид эй ҷон [6, с.458].

Аршу фарш аз ниҳоди ӯ ҳайрон бозгашта зи роҳ саргардон («Ҳадиқа»-и Саноӣ:358).

Ҳамчунин, ба ин байтҳо, ки Саноӣ маънои аслии хароботро тағйир дода ва хароботро ба маънои сӯфиёна овардааст, таваҷҷуҳ намоед:

Ҳар кӣ дар кӯйи харобот маро бор диҳад,
Ба камолу карамаш ҷони ман иқрор диҳад.
Эй хушо кӯйи харобот, ки пайваста дар ӯ,
Мар маро дӯст ҳаме ваъдаи дидор диҳад.
Ҳар кӣ ӯ ҳоли харобот бидонад ба дуруст,
Ҳарчи дорад, ҳама дарҳол ба бозор диҳад [6, с.399].

Харобот дар ин байтҳо ба маънои сӯфиёна ки ҳамон мақоми бехудии комил ва тарки тааюнот ва тааллуқот ва аз байн бурдани тамоми авсоф ва одот аст, ба кор рафтааст. Ҳарчанд вожаҳое чун хат, хол, зулф, абрӯ, чашм ва майхона дар рубоиҳо ва дубайтиҳои қарни панҷум дар ғайри маънои воқеияшон истифода шудаанд, аммо Саноӣ ин доираро вусъат бахшида ва аз онҳо ба таври огоҳона истифода кардааст:

Меҳроби ҷаҳон ҷамоли рухсораи туст,
Султони фалак асиру бечораи туст [6, с. 522].

Ин шеърҳо баёнгари қудрат, зарофат ва тезҳӯшии ӯянд. Аз ин шеърҳо равшан мегардад, ки ӯ ба маъбуди ҳақиқӣ чӣ гуна нигоҳ мекунад. Он алфозе, ки дар шеърҳои шоирони қабл аз ӯ фақат барои иртиботи байни ду нафар истифода мешуданд, дар шеърҳои Саноӣ чунон таҷаллӣ ёфтаанд, ки ҳар андоза диққат шаванд, ба ҳамон андоза амиқ мешаванд. Ӯ рухсори маҳбубашро меҳроби ҷаҳон гуфтааст, ки тамом олам ӯро мепарастанд ва инсон агар фалакро ҳам тасхир намояд, боз ҳам дар пешгоҳи маъбуди ҳақиқӣ сари таслим фуруд меоварад. Ё ин шеър:

То ҳушёрӣ, ба таъми мастӣ нарасӣ,
То тан надиҳӣ, ба ҷонпарастӣ нарасӣ.
То дар раҳи ишқи дӯст чун оташу об,
Аз худ нашави нест, ба ҳастӣ нарасӣ [6, с.521]

Дар ин ҷо чӣ қадар зебо ва бо зарофати хос ва ҳакимона таҷрибаашро барои мо интиқол додааст.

Ғазалиёти Саноӣ бо густара ва гуногунии фаровон намунаҳои олӣ барои шоирони даврaҳои баъдӣ буд. Ӯ илова бар ин ки дар ҳавзаи маъноии ғазал ва қасидаи форсӣ инқилобе эҷод кард, дар шакли дарунӣ низ ибтикороте дошт. Муҳимтар аз ҳама ин ки ғазали форсӣ-дариро, ки асли таҷрибимандиро ба як сӯ ниҳода буд, ба самт ва сӯйи асил баргардонид ва худ суннати навинро поягузорӣ кард. Зуҳури шоирони бузурге, монанди Аттор ва Мавлоно ва Ҳофиз ва дурахшиши ононро дар ғазалсароӣ бояд натиҷаи кӯшиш ва талоши ӯ донист. Ҳамчунон ки дар ҳавзаи маснависароии ирфонӣ низ, Саноӣ пешвои шоиста барои шоирони баъд аз худ буд ва шоҳкориҳое, монанди «Мантиқ-ут-тайр» ва «Маснавии маънавӣ» бо таъсирпазирӣ аз «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и вай офарида шуданд. Ӯ бо ғазалҳояш таҳаввули ҷадидеро дар осори ирфонӣ ворид кард ва ҳамчунин шеъри форсиро дар марҳалаи ҷадиде қарор дод.

Ҳамчунон, Саноӣ дар қасоиди иҷтимоӣ ва низ дар маснавиҳояш, бавежа дар «Корномаи Балх», ба интиқод пардохтааст ва бо ин кораш низ тағйироти бузургеро дар адабиёт ворид кардааст.

Саноӣ дар сурудани мазомини ирфонӣ дар ғазали форсии дарӣ устоди мусаллам ва беназир аст. Ӯ яке аз бузургони дунёи шеър ва ирфон аст, ки дар сурудани шеър дар қолабҳои мутанаввеъ, яке аз беҳтарин шоирони адабиёти суннатӣ ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки Саноӣ аввалин касест, ки мазомини ирфониро дар ғазал ворид кард, дар ҳоле ки назарияҳои ирфонӣ дар наср истифода мешуд ва дар ғазал ҷуз мазомини ғиноӣ ва ошиқона чизи дигаре роҳ надошт. Бинобар ин, дар адабиёти форсии дарӣ эътиқод бар ин аст, ки бо Саноии Ғазанавӣ шеъри форси дарӣ аз доираи танги ашрофият ва моддигароии ишратҷӯёнаи дарборҳо берун омад ва ба арсаҳои навини маърифатандешона қадам ниҳод ва бо тӯдаҳои мардум даромехт. Ба назар мерасад, ки нақши Саноии Ғазанавӣ дар канори эҷоди таҳаввули мазмунӣ ва тағйири рӯйкардҳои шеъри форсии дарӣ дар баргардондани муҳтавои ғазал низ қобили таваҷҷуҳ аст, чизе ки дар адабиёти мо камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Саноӣ илова бар эҷоди таҳаввули мазмун ва муҳтавои ғазал, онро ба сӯйи таҷрибамандӣ савқ дод ва ғазалиёте суруд, ки ҳомили олами кашф ва шуҳудҳои орифонааш буд ва аз ин назар роҳи такрор ва тақлидро бар ғазали форсӣ баст

ва пешгоми муваффақ барои шоирони бузурги баъд аз худ, монанди Аттор, Саъдӣ ва Ҳофиз шуд.

Дар ин мақола ҷойгоҳи Саноиро дар ғазали ирфонӣ баррасӣ намудем, то асолати шеър ва ғазали ирфонии ӯро дар ҳавзаи инсиҷоми сохторӣ ва ваҳдати маъноии абёт нишон диҳем, инсиҷоме, ки аз тариқи ҳифзи таҷрибаи шуҳудӣ ва бозсозии он дар забони шоирона эҷод шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис. – Теҳрон: Зарёб, 1380. – Ҷ. 3. Чопи аввал.
2. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Теҳрон: Завор, 1386. – Ҷ.2. Чопи 2.
3. Пурномдориён, Тақӣ. Дар сояи офтоб. – Теҳрон: Сухан, 1380. Чопи аввал.
4. Дабирсиёқӣ, Сайид Муҳаммад. Тақрироти устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Ҳуҷаста, 1386.
5. Дарӣ, Заҳро. Шарҳи душвориҳое аз «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ. – Теҳрон: Завор, 1387.
6. Девони Саноии Ғазнавӣ. Бо муқаддима, шарҳи зиндагӣ ва шеваи сухан гуфтани Саноӣ ба қалами Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Нигоҳ, 1388.
7. Рибко, Ян. Таърихи адабиёти Эрон. Тарҷумаи доктор Абулқосим Сарӣ. – Теҳрон: Сухан, 1383. – Ҷ.1. Чопи аввал.
8. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Теҳрон: Амир Кабир, 1385. Чопи ҳафтум.
9. Шафеӣ Кадканӣ, Муҳаммад Ризо. Тозиёнаҳои сулук. – Теҳрон: Огоҳ, 1390. Чопи ёздаҳум.
10. Дар иқлими рӯшноӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1373. Чопи аввал.
11. Заминаҳои иҷтимоии шеъри форсӣ. – Теҳрон: Ахтарон, 1386. Чопи аввал.
12. Шаҳидӣ, Сайидҷаъфар. Шарҳи маснавӣ, дафтари савум. – Теҳрон: интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1390. Чопи шашум.
13. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Шӯридае дар Ғазна. – Теҳрон: Сухан, 1385.

АҲАММИЯТ ВА ҶОЙГОҲИ САНОӢ ДАР ҒАЗАЛИ ИРФОНӢ

Саноӣ дар сурудани мазомини ирфонӣ дар ғазали форсии дарӣ устоди мусаллам ва беназир аст. Ӯ яке аз бузургони дунёи шеър ва ирфон аст, ки дар сурудани шеър дар қолабҳои мутанаввеъ, яке аз беҳтарин шоирони адабиёти суннатӣ ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки Саноӣ аввалин касест, ки мазомини ирфониро дар ғазал ворид кард, дар ҳоле ки назарияҳои ирфонӣ дар наср истифода мешуд ва дар ғазал ҷуз мазомини ғиноӣ ва ошиқона чизи дигаре роҳ надошт. Бинобар ин, дар адабиёти форсии дарӣ эътиқод бар ин аст, ки бо Саноии Ғазанавӣ шеъри форси дарӣ аз доираи танги ашрофият ва моддигароии ишратҷӯёнаи дарборҳо берун омад ва ба арсаҳои навини маърифатандешона қадам ниҳод ва бо тӯдаҳои мардум даромехт. Ба назар мерасад, ки нақши Саноии Ғазанавӣ дар канори эҷоди таҳаввули мазмунӣ ва тағйири рӯйкардҳои шеъри форсии дарӣ дар баргардондани муҳтавои ғазал низ қобили тавақҷуҳ аст, чизе ки дар адабиёти мо камтар мавриди тавақҷуҳ қарор гирифтааст.Дар ин мақола ҷойгоҳи Саноиро дар ғазали ирфонӣ баррасӣ намудем, то асолати шеър ва ғазали ирфонии ӯро дар ҳавзаи инсиҷоми сохторӣ ва ваҳдати маъноии абёт нишон диҳем, инсиҷоме, ки аз тариқи ҳифзи таҷрибаи шуҳудӣ ва бозсозии он дар забони шоирона эҷод шудааст.

Калидвожаҳо: Саноии Ғазанавӣ, ғазали ирфонӣ, ғазали форсии дарӣ.

САНАИ В МИСТИЧЕСКОЙ СОНЕТЕ

Санаи считается несравненным и изящным мастером в сочинении мистических газелей. Он является одним из зачинателей суфийской поэтической традиции, который обладает способностью сочинять стихи в разных поэтических формах, чтобы выразить философские, мистические и этические идеи суфизма, и это сделало его одним из лучших поэтов традиционной литературы. Он написал огромное количество мистических стихов,и одна из его работ считается первым персидским мистическим эпосом суфизма. Санаи занимает особое место в персидской суфийской поэзии. В произведениях Санаи выразились основные формы суфийской поэзии – дидактической поэмы с вставными рассказами - притчами и поэмы-аллегории. Он является создателем дидактического эпоса с обильным использованием в поэмах народных легенд и преданий, а также с введением в сюжетную канву философских теорий, до тех пор появлявшихся в персидской поэзии лишь в скрытом виде. Ноты социального протеста явственно звучат в самой крупной и прославленной из его поэм – дидактическом *Саде истин*, содержашем широкий круг проблем и иллюстрированных небольшими рассказами и подкрепленных моральными рассуждениями и наставлениями. Его последователями были Аттар, Саади и Хафиз.

Ключевые слова: Санаи Гезневи, мистическая поэзия, персидская поэзия,дидактический эпос.

SANAI IN THE MYTHICAL SONNET

Sanai is considered an incomparable and graceful master in the composition of mystical gazelles. He is one of the founders of the Sufi poetic tradition, which has the ability to compose poetry in various poetic forms to express the philosophical, mystical and ethical ideas of Sufism, and this made him one of the best poets of traditional literature. He wrote a huge number of mystical verses, and one of his works is considered the first Persian mystical epic of Sufism. Sanai has a special place in Persian Sufi poetry. In the works of Sanai expressed the main forms of Sufi poetry - a didactic poem with inserted stories - parables and allegory poems. He is the creator of a didactic epos with abundant use of folk legends and legends in poems, as well as with the introduction of philosophical theories into the storyline, which until then appeared in Persian poetry only in a hidden form. The notes of social protest are clearly heard in the largest and most famous of his poems - the didactic Garden of Truth, containing a wide range of problems and illustrated with short stories and reinforced by moral reasoning and instructions. His followers were Attar, Saadi and Hafiz.

Key words: Sanai Geznevi, mystical poetry, Persian poetry, didactic epic..

Сведения об авторах: ***Сайид Таслим Ковиён*** – Университет Аль-Беруни Исламской Республики Афганистан, старший преподаватель

Мирхомид Хусрав Восифи - Университет Аль-Беруни Исламской Республики Афганистан, докторант Ph.D

Information about the authors: ***Sayyid Taslim Koviyon*** - Al-Beruni University of the Islamic Republic of Afghanistan, Senior Lecturer

Mirhomid Khusraw Vosifi - Al-Beruni University of the Islamic Republic of Afghanistan, Ph.D.

УДК: 891.550

ҶӮШУ ХУРӮШИ МУРҒОН БАР ШОХСОР БИШНАВ

(дар асоси маводи «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ)

Табаров Х.Н.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Одамият дар умри дарозои хеш, аз пайдоиши аввали ҷаҳонбиниаш то ба имрӯз барои пешбурд ва беҳбудии зиндагӣ, баҳри муҳайё намудани ҷойи зисти худ аз хоку санг, дарахтон, умуман аз тамоми неъматҳои рӯйи олам истифода намудааст. Аз ҷумла, дар хонадон барои ром ва парастиш намудани ҳайвонот, даранда ва парандагон кӯшиш ба харҷ додааст. Мардум дар ҳар замон бештар ба парандагон ҳусни таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онҳоро парастиш менамуданд, ром мекарданд ва ҳамчун рамзи муҳофизати ҳаёт пос медоштанд. Мутафаккирону адибон дар симои парандагон шахсони озод ва нотарсро акс менамуданд ва ё дар симои баъзе парандагони шумхабар, ки ба инсон зарару зиёнашонро мерасонанд, образҳоеро офаридаанд, ки хислатҳояшон ба хислатҳои инсон монанд карда шудаанд.

Парандагон дар тасаввуроти одамон мақоми олиро касб карда буданд ва дар натиҷаи такмилу инкишофи ҷаҳонбинӣ ҳамчун фариштагону авлиёҳо, ҳамчун фоилони бо Худо алоқамандкунандаи табиат арзёбӣ мешуданд.

Бо тасвири симои парандагони гуногун орзуву омоли ниҳонии одамон нишон дода мешуд ва парвози паранда барояшон таҷассумгари парвози хаёл ва наздикшавӣ ба мақсади хеш буд.

Нуфуз ва аҳаммияти парандагон дар олитарин ва муқаддастарин намунаи фарҳанги динии инсон - Қуръони маҷид инъикос гардида, бо лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёт ва фаъолияти авлиёву анбиё робитаи ногусастанӣ дорад. Дар ояти 79-уми сураи Анбиё дар бораи илму ҳикмати Довуд ва шеваи доварии Сулаймон чунин гуфта шудааст: «Ва ин рафтори Сулаймонро мо таълим додем, ва ба ҳама хирад ва дониш ато кардем, ва кӯҳҳо ба Довуд тобеъ шуданд; онҳо бо парандагон тасбеҳ мегардонданд...» [4, с.167] ва монанди инҳо. Инчунин, дар китоби қадимаи мардуми ориёӣ «Авасто» тавассути симоҳои асотирии парандагон, ки шахсиятҳои мушаххасро таҷассум мекарданд, мардум орзуҳои баландпарвози худро иброз менамуданд. Парвози паранда дар баландкӯҳҳо ва наздики абрҳо барои инсон маънои эътиқод ва имони вайро ба бузургии Офаридгор дошт. Тадқиқи образҳои парандагон дар афкори инсон боиси бозтоб намудани манзараи воқеӣ ва сабабҳои пайдоиши рамзҳои асотирӣ дар асарҳои даврааҳои гуногун мегардад.

Яке аз шаклҳои қадимтарини дин ин *тотемизм* аст, ки то ҳол дар байни баъзе халқҳо вуҷуд дорад. Бунёди вожаи тотемизм аз решаи калимаи тотем сарчашма мегирад. Тотем дар луғати русӣ-тоҷикӣ чунин маънидод гардидааст: “Ҳайвон ё растание, ки баъзе халқҳои ақибмонда онро ҳомии қабилаи худ шуморида, парастиш мекунанд” [Луғати русӣ-тоҷикӣ. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. -М, Зери таҳрири М.С.Осимӣ «Русский язык», 1280 с., с.1111]. Тотемизм дар навбати худ мифология, афсонаҳои гуногуни ба растаниҳои аҷиб ва ҳайвоноту парандаҳои сеҳрангез бахшидашударо ба вуҷуд оварда.

Ривояту афсонаҳои зиёд перомуни парандаҳо, аз ҷумла, симурғ, ҳумо, андалеб, уқоб дар фолклори халқи тоҷик низ хеле машҳур аст. Ривояте вуҷуд дорад, ки дар он тоҷикбачае бо ёрии уқоби ҷонфидо бо иблис мубориза мебарад (таҷассуми неруи ҳурмуздӣ ва аҳриманӣ). Аз ин ривоят бармеояд, ки уқоб танҳо рамзи шуҷоату далерӣ набуда, ҳомиву наҷотбахш хеле азизу муқаддас аст (Х. Кабиров. Ҷойгоҳи уқоб ва ракси уқоб дар муҳити тоҷикони Чин. Паёми ДМТ, 4/3 [137], саҳ 120].

Дар “Осор-ул-боқия”-и Абӯрайҳони Берунӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Тасбеҳи туюр»-и Саноӣ, «Мантиқ-ут-тайр»-и Ҳоқонӣ, "Хусравнома», "Булбулнома"-и Аттор, маснавиҳои «Мантиқ-ут-тайр» ва "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ образҳои парандагон мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Дар “Осор-ул-боқия”-и Абӯрайҳони Берунӣ чунин порчаеро мушоҳида намудем: “...парасту бо минқори хеш қадре об оварду ба рӯйи Сулаймон пошид ва як рони малахро низ ҳадя овард” [13, с.64].

Тасвири симои парандагон дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ низ ба назар мерасад. Ҳоҷӣ Ҳусайн «яке аз ситораҳои дурахшони илму адаби нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тоҷик маҳсуб гашта, бо андешаҳои ҳакимона ва лаҳни ширини орифона дар байни аҳли қалам ва омма» [15, с.8] шуҳрат дошт ва дорад.

Таҳлили осори гаронбаҳои Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ собит месозад, ки образҳои парандагон - кафтару гунҷишк, шоҳину анқо, тӯтиву ҳудҳуд, булбули хушгуфтору қақраи кабки дарӣ ва ҳумои афсонавию симурғи умедбахш парвози рӯҳи инсони комилро ба дунёи ирфон таҷассум намудаанд. Парвози парандагон ба ҷойҳои хатарнок ва заминҳои дар назари аввал беҳосил натиҷаи дарку эҳсоси паранда ҳамчун мавҷудоти яздонӣ аст. Иваз гардидани қаҳрамонон, манзараҳо ва воқеот як воситаест, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии инсони комил ва наздик шудани ӯ ба орзуҳои ниҳонӣ нақши бузург мегузорад.

Ҳофӣ Ҳусайни Хатлонӣ ҳамчун олими нозукфаҳму борикбин бо дарки беҳад зиёди нозукиҳои забон ба он кӯшиши беандоза намудааст, ки афкори худро баъзе мавридҳо тавассути образи парандагон иброз намуда, тарзи баёну суханаш ифоданоку ҷозибанок, таъсирбахшу нишонрас бошад ва ҳар як хонандаи осораш мақсадашро бо тезӣ ва дуруст дарк карда тавонад.

Баъзе калимаҳое ҳастанд, ки дар алоҳидагӣ мафҳум ва маънои умумӣ дошта, дар дохили матн (ҳангоми ибораорой) ба кадом истилоҳи соҳавӣ тааллуқ доштанро муайян мегардонанд. Вожаи тоҷикии ***паранда*** پرنده аз ҷумлаи чунин калимаҳост. Барои шарҳи ин калима мо ба фарҳангномаҳо рӯ овардем. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи паранда чунин шарҳ дода шудааст: 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* паридан. 2. парвозкунанда, парвозӣ. 3. мурғи хонагӣ ва ҳавоӣ [с.68], Дар Фарҳанги форсии Амид ***паранда*** - сифати феълӣ (зистшиносӣ), (қадимӣ), 1. парвозкунанда, 2. (исм) ҳар ҷонваре, ки дар ҳаво парвоз мекунад, 3. ҳар ҷонваре аз хонаводаи парандагон аст. Дар Фарҳанги форсии доктор Муҳаммад Муъин ***паранда*** - форсӣ (паридан). Ҳар ҷонваре, ки мепарад, мурғ, тир, тоир; парандагон. Ногуфта намонад, ки яке аз роҳҳои пайдошавии муродифҳо (синоним) «...аз ҳисоби калимаҳое, ки аз забонҳои дигар иқтибос карда мешаванд» [26] мебошанд. Муродифи калимаи ***паранда*** вожаҳои ***тайр, тоир*** طیر, طائر//طای мебошад, ки аз ҷиҳати пайдоиш арабӣ буда маънои паранда, мурғ, парвозкунандаро дорост. Калимаҳои мазкур аз ҷиҳати мафҳум калимаҳои маънои умумидошта ба ҳисоб мераванд ва дар зимни онҳо ҳама гуна парандагон, аз ҷумла парандаи хонагӣ (мурғ) ва парвозкунандаи озод ифода меёбанд. Ҳофӣ Ҳусайн дар осори хеш калимаи ***тайр*** ва ***тоир***ро низ истифода намудааст:

Тайр:

Дар он саҳро яке фармонраво шуд,
Вуҳушу *тайр* бо ӯ ошно шуд [15, с.466]***.

Дар ин саҳро, ки *тайр*у ваҳшёнанд,
Ғазалхони баёзи ин забонанд [15, с.470].

Тоир:

Ба ҳар боре, ки номаш бар забон рафт,
Парафшон *тоири* ҳушаш ҳамон рафт [15, с.470].

Суоле пеш меояд, ки олами ҳайвоноту наботот, парандагону хазандагон чӣ гуна тавлид меёбанд? Асосан тавлиди онҳо аз рӯйи маълумоти илмӣ зоянда ва бо роҳи тухмгузорӣ мебошад. Парандагон аз тухм тавлид меёбанд. Тухм чӣ гуна калима ҳаст ва мавқеи истифодабарии ин вожа дар забон чӣ гуна мебошад? Чӣ тавре ки мову шумо огоҳӣ дорем, вожаи тухм дар забон истеъмоли васеъ дорад.

Тухм تخم вожаи тоҷикист ва ба маъноҳои 1. донаи наботот, ки кошта мешавад; 2. байзаи мокиён ва парандагони дигар; 3. маънои маҷозии асл, нажод истифода мешавад ва дар забони адабӣ сериствеъмол мебошад, аз ҷумла дар осори Ҳофӣ Ҳусайни Хатлонӣ. Инчунин Ҳофӣ Ҳусайн истифода аз калимаи ***тухм,*** исми ***кор*** ва пасванди- ӣ калимаи мураккаби ***тухмкори***ро сохта дар осораш як маротиба ба кор бурдааст. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи ***тухмикор*** ва ***тухмикорӣ***, ки маънои он ки тухм мепошад, деҳқон, барзгар маънидод гардидааст дида мешавад [Ҷ. 2 с. 375], аммо вожаи ***тухмкорӣ*** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ дарёфт нагардид. Инчунин бо истифода аз калимаи тухм ибораҳои маҷозии ***тухми ситам, тухми судраи тубӣ*** сохта шудааст, ки аз истеъдоди баланди калимасозӣ ва ибораороии ӯ дарак медиҳад:

Тӯдаи хокам тамошогоҳи он гулгунқабост,
Мекунад бе ***тухмкорӣ*** гулшани атвори гул [15, с.230].

Ҳар чӣ гардун магар аз ***тухми ситам*** мекорад,
Ҳамаро бар ҷигари хастаи ман миёрад [15, с.326].

Зи ***тухми судраи туби***и омол,
Зи айни файз дар фирдавси иқбол [15, с.459].

Аз эҷодиёти Ҳофӣ Ҳусайн ҳамрадифи калимаи тухм вожаи арабии **байза** بیضه дарёфт гардид, ки маъноҳои 1. тухм; тухми мурғ. 2. кулоҳи ҷангӣ, кулоххӯд, тоскулоҳро доро мебошад. Бо истифода аз ин калима шоири ширинкалом дар ашъораш аз ҳар ду маъно кор гирифтааст:

Мо асирон боли парвози халосӣ бастаем,
Байза гар бишкастаам, хамёза дорад домҳо [15, с.32].

Ба ибрат ***байзаи*** ҳафт ошён якбора бишкастам,
Нишони тоире гар аз пари анқо нашуд пайдо [15, с.35].

*** Ин ҷо ва минбаъд порчаҳои шеърӣ аз “Куллиёт”-и Ҳофӣ Ҳусайн оварда шудаанд.

Бало ин арсаро нагзорад обод,
Ниҳад ин ***байза***ро дар мушти фӯлод [15, с.448].

Доир ба вожаи ***мурғ***, дар сураи Бақара дар бораи пурсон шудани Иброҳим Халилуллоҳ аз Парвардигор, ки чӣ гуна мурдагон зинда мешаванд, аз Парвардигор садо мешавад, ки "Чаҳор мурғ бигиру сар бибур ва гӯшти онҳоро ба ҳам биёмез ва ҳар ҷузъе аз онҳоро ба кӯҳе бинеҳ. Пас онҳоро наздат бихон, онҳо шитобон назди ту меоянд ва бидон, ки Худованд пирӯзманд ва ҳаким аст" [///]. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бо ин каломи қуръонӣ тасвири чор мурғро чун бат - ҳирс, хурӯс - шаҳват, товус - ҷоҳ ва зоғ - маният тавсиф мекунад.

Вожаи мурғ مرغ тоҷикист ва дар осори Ҳофиз Ҳусайн 21 маротиба истифода шудааст ва маънои номи умумии парандаҳо, паранда, тайрро дорост. Мову шумо медонем, ки навъи мурғон гуногунанд. Аз ҷумла, **1. мурғи даштӣ//мурғи титав / тазарв**, ки дар байти: ***Тазарви судраи аршошёна, Биҳишт аз нақши пояш як нишона*** [15, с.с.406] истифода шудааст**; мурғи қу -** як навъ парандаи зебои калони обӣ; **мурғи марҷон -** мурғи калонҷуссаи хонагӣ аз ҷинси тазарв, ки дар гулӯ ва бехи нӯлаш гӯшти тоҷмонанди овезон дорад; **мурғи саққо -** мурғи дар об шинокунандаи калонҷуссаи минқорбоз, ки дар зери нӯлаш халтаи калони ҳалқум дорад; 2. мурғи хонагӣ; мокиён: **мурғи курк -** мокиёни аз тухммонда ва барои чӯҷабарорӣ ба тухм зер кардан моил; **мурғи бепар** а) мурғи парканда, яъне кушташуда барои гӯшт; б) киноя аз нотавон, оҷиз; ◊ **мурғи Исо (*ё* Исӣ)** *кит.* шабпарак, хаффош; **мурғи саҳар -** булбул; **мурғи ҳаво -** мурғи ғайриқафасӣ, парандаи озод; **мурғи ҳумо -** парандаи афсонавие, ки гӯё сояаш ба сари ҳар кас афтад, вай хушбахту комрон мешудааст.

Инчунин калимаи мурғ ба маъноҳои гуногун, аз ҷумла маънои маҷозӣ, дар мақолу зарбулмасалҳои халқӣ низ истифода мешавад. Масалан, **соли мурғ -** соли даҳум аз силсилаи дувоздаҳгонаи солшумории мучал; **мурғи посӯхта барин -** ошуфтаву беқарор, сахт ҳаросон; **мурғи дилро куштан -** бешавқу ҳавсала шудан; **мурғи давлат ба сари касе нишастан -** соҳибистиқлол шудан, хушбахт шудан; мақоли халқии **забони мурғонро мурғон медонанд -** ҳамҷинсон матлаби якдигарро ба осонӣ мефаҳманд; ва монанди инҳо. Мисолҳо аз ашъори Ҳофиз Ҳусайн:

Ҷӯшу хурӯши ***мурғон*** бар шохсор бишнав,
Ғавғои кабки тиҳу бар кӯҳсор бишнав [15, с.283].

Чун кор шуд аз даст, тапидан чӣ хиёл аст,
Мурғе, ки қафас шуд, чӣ кунад шӯхии рамро [15, с.21].

Ҳофиз натавон аз ғами ӯ ёфт халосӣ,
Мурғест диломӯз, ба дил ҷош бубастам [15, с.237].

Гулҳо чӣ менамоянд, яъне, баҳор фонист,
Мурғон чӣ менавоянд, яъне мадор фонист [15, с.284].

Дар байтҳои зерин Ҳофиз Ҳусайн ташбеҳи образноки фоили нутқ ***мурғи дил, мурғи ором, мурғи нафас, мурғи забун, мурғи тоқат, мурғи меҳр, мурғи суханҳон, мурғи фараҳбол, мурғи ҳиммат, мурғи харобро,*** ки дар онҳо аз аввал тавсифи эҳсосии ғаму андуҳ**,** яъсу ноумедӣ ниҳон аст, бо тасвири васеъ ва мушаххас пурра гардонидааст, ки ин тасвир тавсифдиҳии парандаро боз ҳам рангинтару пурмазмунтар менамояд:

Бо ***мурғи дил***ам шеваи шавқи ту чиҳо кард,
Пар зад ба ҳавои туву бигзошт ватанро [15, с.33].

Надорад сурфае ғайр аз тапидан ***мурғи ором***ам,
Чу бисмил набзи бетобист ҳар мӯ андар ин қолаб [15, с.47].

Ҳофиз ***мурғи хотир***и моро халосӣ мушкил аст,
Чун гирифтораш ба доми зулфи савдо кардаанд [15, с.120].

То ***мурғи нафас*** аз бути дил болфишон аст,
То маркаби тан маҳмили осоиши ҷон аст [15, с.126].

Парафшони ҳавояш тойири ранг,
Ки тайрон гашта бар ***мурғи нафас*** танг [15, с.469].

Ҳалқаи зулфи ту дилро ба ҷунун кард асир,
Донаи холи ту ин ***мурғи забун*** кард асир [15, с.175].

Хушо вақте ба ёдат ***мурғи тоқат*** мепарид аз ман,
Чу бисмил бол дар хуни ҳасрат метапид аз ман [15, с.263].

Ба номи он ки номаш ҷон-ҷон кард,
Ҷаҳонро ***мурғи меҳр***аш ошён кард [15, с.389].

Ҳумои қудсиву ***мурғи суханҳон***,
Забонаш ғунчаи тақрири Қуръон [15, с.407].

Чу бахти нек он ***мурғи фараҳбол***,
Чу фоли саъд он товуси иқбол [15, с.437].

Кунунам ***мурғи ҳиммат*** паргушой аст,
Кафи обилаам саъйозмой аст [15, с.459].

Ки умре аз тапиш бе хӯрду хобам,
Туро дар қайдаму ***мурғи хароб***ам [15, с.464].

Ба калимаи ***мурғ*** пасванди хурдиву навозиши ***-ак*** илова шуда, вожаи ***мурғак*** сохта шудааст, ки маънии хурд будани онро шарҳ медиҳад:

Чист гардун? Домгоҳе. Чист дунё? Донае,
Одамӣ чӣ? ***Мурғак***еву дев ӯро домбоз [15, с.179].

Ки созаш ваҳшиён дар банд карда,
Навои ***мурғак***он пайванд карда [15, с.470].

Вожаи арабии ***булбул*** بلبلмурғаки хурдҷуссаи хушовоз ва хушоҳанг, онро ҳазордастон, андалеб низ меноманд. Ва эшонро шабхезу саҳархон низ хонанд [90]. Аз эҷоди шоир 41 маротиба калимаи булбулро дарёфт намудем. Ҳангоми ибораороӣ бо калимаи булбул Ҳоҷӣ Ҳусайн тавонистааст мақсади худро рӯйи коғаз тасвир кунад: ***булбули дилфигор, булбули интизор, булбули шӯрида, булбули нолон, булбули боғ, булбули фикр.*** Баъзан вожаи булбул ҷузъи тобеъшаванда мегардад***: садои булбул, фасли булбул, шӯри булбул, чашми булбул, савти булбул, чаҳ-чаҳи булбул, нолаи булбул, дили булбул, навойи булбул, забони булбул, синаи булбул, боли булбул.***

Мурод аз истифодаи симои булбул ин таҷассуми орифони фонӣ аст, ки мудом ба зикри ҳақ ва дар фикри ӯ ҳастанд ва аз нафси аммора фориғ гашта ба ёди ҳақ таъоло машғуланд:

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъизор ку?
Ғунчаву гул қатор шуд, ***булбули дилфигор*** ку? [15, с.281].

Садои булбулаш ҳасратхурӯш аст,
Нигоҳи гул ҳама ҳайратфурӯш аст [15, с.440].

Ба васли гул расиву ***фасли булбул***,
Ки рангу лола якҷо мекунад гул [15, с.452].

Инчунин, Ҳоҷӣ Ҳусайн аз исми ***булбул*** ва вожаи ***сифат*** калимаи мураккаби ***булбулсифат***ро сохтааст, ки дар фарҳангномаҳо дарёфт нагардид.

Булбулсифат аз ғунчаи ту зоғу заған доғ,
Оё ки расида хабари ҳусни ту дар роғ [15, с.217].

Вожаи арабии ***андалеб***- عندليب муродифи калимаи булбул, ҳазордастон, ҳазорово мебошад ва дар маънои маҷозии сароянда, хушовоз; фиғону нолакунанда истифода мешавад. Мо вожаи мазкурро аз ашъори Ҳоҷи Ҳусайн дарёфт намудем, ки истифодаи васеъ дорад:

Аз гиребончокии гул то навойи ***андалеб***,
Равшан аст ин рамз, доғе бар ҷигар дорад баҳор [15, с.167];

Гар нагаштӣ лола хун дар домани саҳрои боғ,
Андалебонро куҷо будӣ хабар аз шони гул [15, с.227].

Дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик пасванди - **сон** чунин шарҳ дода шудааст: «Ин суффикс сермаҳсул буда, аз исмҳои конкрет зарфи монандӣ месозад» [Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷ. 1: Дониш, 1985, с. 276]. Истифода аз ин ду ҷузъ Ҳоҷӣ Ҳусайн аз исми ***андалеб*** ва пасванди -***сон*** зарфи ***андалибсон***ро сохтааст, ки дар фарҳангномаҳо дарёфт нагардид. Мисол аз эҷодиёти адиб: Бист қадоқ ҷою ду шиша равғани баласон расид ҳамчун гиёҳи сероб бо баргу наво ва чун баласон тарласон (тарлисон) гардида, ***андалибсон*** навохони дуо гардидем [15, с.507].

Вожаи **тӯтӣ** طوطی дар Фарҳанги забони тоҷикӣ маънои парандаи сабзранги минқоркачро, ки гуфтори одамиёнро тақлид мекунад, дорад. Дар Фарҳанги форсии доктор Муин бошад, “тӯтӣ парандае аст аз ростои тӯтиён, ки дорои парҳои сабз ва зарду қирмизии зебое аст ва дорои нутқи қавӣ ва минқори болоии бисёр хамида ва қирмизранг ду ангушт дар ҷилав ва ду ангушт дар ақиб дорад. Тӯтӣ дар Африқои ғарбӣ ва Ҳиндустон ва Ҳинду Чин фаровон аст ва ба сабаби забони узлонӣ, ки дорад, метавонад ба осонӣ овозро тақлид кунад” [Муин, с. 665].

Дар «Рисолат-ут-тайр»-и Наҷмиддини Розӣ, ба мисли дигар асарҳои дар ин равия офаридашуда, саҳнаи гирд омадани парандагон дар манзили ровии достон оғоз меёбад. Парандагони мазлум тӯтиро ҳамчун намояндаи худ интихоб намуда, мақсад мегузоранд,

ки вай мактубро бо шарҳи аҳволи туюр то Сулаймон расонад. Ва Ҳоҷӣ Ҳусайн низ чанд байтеро рӯйи коғаз овардааст, ки дорои ин мазмун мебошад:

Мапурс, эй ***тӯтӣ***, аз суроғам,
Магир аз қосиде маншури доғам [15, с.460];

Ки дар ин шуъба таъсир аст пайдо,
Забони нола чу ***тӯтӣ*** шакархо [15, с.402];

Ағёри туро хатти ғубор аст,
Бар дидаи мост **тӯтиё** хат [15, с.206].

Тӯтӣ, ки забони узлонӣ дорад, метавонад ба осонӣ овозро тақлид кунад ва ин маънӣ дар байти Ҳоҷӣ Ҳусайн ин зайл баён гардидааст:

Шакари лаъли ту ҳар талхдаҳон кай донад,
То чӣ **тӯтӣ** накунад машқи шакархоии ту [15, с.278].

Панде шунав, ки лаззати дунё шикастан аст
Бе кому лаб зи **тӯтии гӯёӣ** бӯрё [15, с.44]

Ҳоҷӣ Ҳусайн аз «алфози шакарини он тӯтии нотиқа» сухан карда, дар симои он аз ашхоси нутққунанда, ширинкалому ширинсухан будани он ёдовар мешавад:

Мутолиаи китоби фиристодаро карда, аз алфози шаккарини он **тӯтии нотиқа** шакархойӣ кард… [15, с.509].

Мурғи афсонавие, ки рамзи давлату бахт аст, **мурғи ҳумо(й) (همای)** мебошад. Шарҳи вожаи ҳ***умо*** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин аст: мурғи афсонавие, ки рамзи давлату бахт аст; мурғи Ҳумо мурғи бахт [///] Дар Фарҳанги форсии доктор Муҳаммад Муин ҳумо 1. фархунда, 2. паррандае аст аз ростаи шикориёни рӯзона. Парҳои фуқонӣ ва пушти он хокистарӣ моил ба сафед ва ранги сина зард моил ба ҳиноӣ аст ва дар болои сар чанд адад аз парҳо қадре баландтар ва аз ду тараф ташкил ду баромадагиро медиҳад ва дар зери минқораш низ қисмате аз парҳои рушди бештаре доранд, ки зебоии хос ба ин паранда медиҳад. Бо он ки дар табақабандӣ ҷузви парандагони шикорӣ аст, ғизои он фақат устухон аст. Ҳамон устухонҳоро аз замин рабуда ва аз боло ба рӯйи саҳроҳо раҳо мекунад ва пас аз қитъа-қитъа шудан мехӯрад. Ҳамон уқоби устухонхӯр. 3. Қадами ин мурғро муҷиби саодат медонистанд ва мепиндоштанд, ки сояаш бар сари ҳар касе афтад, ӯро хушбахт кунад [Фарҳанги форсии доктор Муин, с. 1208].

Ба қавли Саъдии бузургвор:

Ҳумой бар сари мурғон аз он шараф дорад,
Ки устухон хӯраду ҷонвар наёзорад [ФЗТ. с.758].

Ва ё аз Ҳоҷӣ Ҳусайн:

Халойиқ бар абас тақлиди вазъи якдигар доранд,
Нагардад саг **ҳумо** аз устухони сахтхойиҳо [15, с.26];

Зи маншури карамно он қадар болидааст фарқам,
Ки натвонад **ҳумо** умре расидан остонамро [15, с.25];

Чун **ҳумо** охир бибояд аз париданҳо гузашт,
То ба кай мағзе кашӣ аз устухони зиндагӣ [15, с.305];

Ҳавои ҷоҳ чунонам зи устухон рафта,
Ки шуд сафеду бар ӯ як даме **ҳумо** нанишаст [15, с.84].

Ҳумои саъям акнун паршикаста,
Ки ин ҷо Комдӣ танҳо нишаста[15, с.462].

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар радифи шоири ширинкалом, ширинсухан буданаш, дар калимасозӣ низ истеъдоди баланди шоирона дорад. Истифода аз калимаи **ҳумо** бо пасванди калимасози **-ӣ** ва вожаи **ҷӯй [ҷустан)** вожаи сохтаи ***ҳумоӣ*** (Кунад хосияти зилли ***ҳумойӣ***, Дигар чун нахли ҷаннат мевазойӣ [15, с.459]) ва калимаи мураккаби ***ҳумоҷӯӣ*** -ро истифода намудааст:

Бувад то кай ҳавои бахту иқбол,
Ҳумоҷӯйиву юмн аз сояи бол [15, с.457].

Баъзе ҳайвонот ва парандагон дар байни мардум муқаддас шуморида шуда, нақшҳои гуногуни ҷузъҳои ононро дар нақшбандҳои қадим мушоҳида намудан мумкин аст. То ҳатто, аз шоху устухон, нохун ва дигар ҷузъҳои парандагон дар хонадон истифода менамуданд, барои сиҳатии кӯдакон ва занон, барои тинҷу ором будани аҳли оила ҳар гуна дастбона, бозубандҳои ороишӣ месохтанд. Махсусан, пари парандагони кабӯтар, нохуни баъзе аз онҳо бештар истифода мешуд. Ороиши зебу зинат ба ҳаёт ва урфу одат ва ба зиндагию рӯзгори мардум алоқамандии қавӣ дорад. Гумон меравад ва шуморида мешавад, ки ороишоти аз парандагон сохташуда бахту саодат, барору комёбиҳо ба аҳли хонадон меоранд. Ороишоти сар, ки рамзҳои осмониро чун моҳу ситора, парандагону

қаноти онҳо ифода мекард, хеле муқаддас шуморида мешуд. Ин анъана, ки то ҳол идомаи насли гузашта аст, то ба мо имрӯз ба мо мерос мондааст. Аз ҷумла, барои бахту саодат арӯсон пари паранда-кабӯтарро барои ороиш ба сар мекунанд.

Кабӯтар **كبوتر** парандаи зебои гуногунхел аст, ки ба одам зуд ром мешавад, **кабӯтари номабар** дастомӯзе мебошад, ки мактуби ба пояш бастаро ба ҷое, ки лозим аст, мерасонад; истифодаи номи ин парандаи зебо дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн ба назар расид:

Ва ё бинӣ ба парвозе ***кабӯтар***,
Зи шавқи тезболӣ мезанад пар [15, с.452].

Дар Қуръони маҷид дар сураи Моида оятҳои 30-31 сухан дар боби робитаи инсон бо махлуқот рафта, аз мазмуни он бармеояд, ки вақте фарзандони Одаму Ҳаво Қобилу Ҳобил миёни ҳам низоъ мекунанд ва Қобил Ҳобилро мекушад ва дар фикри пинҳон намудани ҷасади ӯ мешавад, Худо калоғеро водошт, то заминро биковад ва ба ӯ биёмӯзад, ки чӣ гуна ҷасади бародарашро пинҳон созад.

Дар “Куллиёт”-и Ҳоҷӣ Ҳусайн вожаи тоҷикии ***калоғ*** **كلاغ** дар байти зерин пайдо гардид:

Қасре, ки дар пури Пашан буду Каю Ҷам,
Имрӯз нишеманкадаи чуғду ***калоғ*** аст [15, с.67].

Пас аз мутолиаи байт ва дарк намудани маънӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷойи гашту гузори ин паранда ҷойҳои ноободу харобазор мебошад. Аз ин рӯ, номи паранда маънои маҷозиро касб намудааст. Дар фарҳангномаҳо вожаи калоғ чунин маънидод гардидааст:

Калоғ дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ин номи парандаест бо минқори нисбатан баланду қавӣ, поҳо ва болҳои неруманд, дурпарвоз ва бо пару боли сиёҳ [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ.1, 568]. Дар Фарҳанги доктор Муин бошад, “калоғ парандае аст аз ростои сабукболон, ки дорои қадди мутавассит (тақрибан як мурғи хонагӣ), ки дорои парҳои сиёҳ (дар қисмати сару бол ва думу гардан) мебошад, вале дар ноҳияи пӯст ва шикам дорои парҳои хокистарӣ моил ба сафед аст. Пари бархе аз калоғҳо тамоман сиёҳ аст ва онҳоро калоғҳои сиёҳ ва зоғи сиёҳ мегӯянд. Минқори калоғ нисбатан тавил ва комилан қавӣ аст. Калоғ тақрибан ҳама чизро мехӯрад. Аз тухм ва донаву мева ва барги гиёҳон чӯча ва тухми парандагон ва моҳӣ ва қурбоқа ва мормулак ва гоҳе парастуҳоро низ шикор менамояд. Калоғҳои маъмулиро, ки дорои зери шикам ва пӯсти хокистарӣ ҳастанд, калоғи лоша низ мегӯянд; 2 парандаест сухангӯ; 3. Калоғ - парандае аст аз ростаи сабукболон, ки дорои парҳои ҳиноиранг ё хокистарӣ бо зери шиками сафед мебошад. Қадаш мутавассит (каме аз кабӯтар бузургтар) болои сараш дастаи паре ба шакли кокул дорад. Дар ҳудуди 20 гуна аз ин паранда вуҷуд дорад, ки буми Ҳиндустон ва ҷазоири Молезӣ мебошад [Фарҳанги Муин, ҷ. 2 саҳ. 1431].

Дар чанд ҷойи китоби муқаддаси «Авесто» доир ба парандагон сухан рафтааст. Нахуст аз Сенмурв (шакли паҳлавии «Саена») ном паранда ва ё дар боби 41-уми кардаи 15-уми «Авесто» ёдовар мешавад. Зардушт дигарбора ба тавсифи Баҳром, ки ба сурати мурғи умедбахш, яъне Симурғ - Саена намудор мегардад. Ин образ бори аввал дар «Авесто» дар қисмҳои Вендидод ва Яштҳо бо номи Сенамур тасвир ёфтааст. Аз ин далел бармеояд, ки парандаи Симурғ дар байни халқ садсолаҳо пештар аз эҷод шудани Авесто машҳур будааст.

Дар асари рамзиву фалсафӣ ва таърихиву ҳамосӣ «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин образ, яъне Симурғ - Саена ҷойгоҳи хоссае дорад.

Дар ин достон Фирдавсӣ дар баробари офаридани образи инсони аҷнабӣ симои парандаи гӯё - Симурғро ба қалам додааст ва ҷойи сукунати вайро Албурзкӯҳ, яъне ҷое, ки ба он ягон бор қадами инсон ва ҳайвонот нарасидааст, интихоб кардааст.

Муҳаққиқ Н.Ашӯрова дар китоби “Муқаддимаи зуҳури Рустам» доир ба мурғи афсонавии Симурғ низ хеле ривоятҳои ҷолиборо дарҷ намудааст. Аз ҷумла, чунин ривояте оварда шудааст: «Ҳангоме ки Сом аз кӯдак рӯй метобад, мефармояд, ки ӯро ба кӯҳи Албурз ниҳанду баргарданд. Дар қуллаи он кӯҳ мурғи афсонавии Симурғ лона дошт ва дар лонааш фарзанд парвариш мекард. Бо мақсади пайдо кардани қути лоямут аз лонааш парвоз мекунад ва дар домани кӯҳ бо кӯдаки бесоҳиб дучор мешавад. Худованд дар дили Симурғ меҳре падид меоварад, ки майли хӯрдан аз ӯ дур мешавад. Кӯдак-Золро ба лонаи худ мебарад ва ба ҷойи шири модар бо хуни ҳайвонот парвариш менамояд. Ба қавле Симурғ Золро ҳафт сол парвариш мекунад. Зол забони ӯро меомӯзад» [Муқаддимаи зуҳури Рустам, 26-27]. Дар «Шоҳнома», вақте сухан дар хусуси фарзанди паҳлавонзода Зол - Рустам ва корнамоиҳои ӯ меравад, ҳамеша Зол ба ҳамнишинӣ ва пайванд бо Симурғ тасаввур мешавад:

Чу ***Симурғро*** бачча шуд гурсина,
Ба парвоз- бар шуд баланд аз буна [5, с.212].

Ва ё дар «Калила ва Димна»-и Насруллоҳ Муншӣ [113] чунин ҷумларо дарёфт намудем: «Мурғон ҷумла ба наздики ***симурғ*** рафтанд».

Ҳоҷӣ Ҳусайн аз мурғи афсонавӣ, яъне Симурғ дар порчаҳои шеъриаш истифода намудааст. Мисолҳо:

Анқои хиёл аст дар ин Қоф нашиман,
Аз Қоф чу ***Симурғ*** ҳам осор намонад [15, с.310].

Симурғи ошёни Қофи тавфиқ,
Ғаввоси қулзуми заххори таҳқиқ [15, с.431].

Ҳама аҳли тамизи сурати ҳол,
Симурғи мардумиатро пару бол [15, с.437].

Ҳоҷӣ Ҳусайн номгӯйи зиёди парандагонро дар порчаҳои назмиву насрии худ истифода намудааст, аз ҷумла:

Анқо (*а.* عنقا 1., ки гӯё дар паси кӯҳи Қоф зиндагӣ мекардааст, мурғи номаш машҳури худаш номавҷуд. 2. дар маънои маҷозии чизи ноёфт):

Ба ибрат байзаи ҳафт ошён якбора бишкастам,
Нишони тойире гар аз пари ***анқо*** нашуд пайдо[15, с.35].

Товус (طاوس 1. мурғе, ки парҳои рангоранги зебо дорад. 2. дар маънои маҷозии одами зебо, хушрӯ; маҳбуба):

Гуландоме ба рақс омад, ки аз файзи тамошояш,
Ду олам чун пари ***товус*** гул дар доман аст имшаб [15, с.52].

Баҳорон баҳри истиқбол ҳангоми тамошояш,
Гирифта набзи сад гулзор, чун ***товуси маст*** ояд [15, с.134].

Фохта (فاخته як навъ кабӯтари ёбоӣ; куку):

Ҳамчунон ***фохта*** дар кӯйи ту ку-ку гӯён,
Ба таваллои ту сад нола чу булбул дорам [15, с.255].

Хурӯс (خروس мурғи нари хонагӣ):

Саҳаргаҳон, ки ба ҳам мерасад навои ***хурӯс,***
Барои ғафлатиён мезанад кафи афсӯс [15, с.182].

Ҳудҳуд (*а.* هدهد як навъ парандаи тоҷдор, шонасарак, пӯпишак):

Супоридаш ба пайки соҳибиқбол,
Нишони фатҳро ***ҳудҳуд*** ба ирсол[15, с.474];

…дар айни интизорӣ аз мазҳуби доранда ҳамчун ***ҳудҳуди фаррухфол*** аз санъои омол вуруд намуд, хотири пажмурдаро зарофати баҳорӣ дод ва хиёли носуда- ро фароғатдорӣ [15, с.507].

Чуғз//чуғд چغز//چغد 1. парандаест аз бум хурдтар ва бадовоз, ки онро маъмулан манҳус ва бехосият мешуморанд.

Баҳри саъйи дилхушӣ асбоби ҷамъият махоҳ,
Бе дафу най мекунад ***чуғдак*** ба кунҷи ғор рақс [15, с.204].

Шоҳин (شاهين, дар маънои маҷозии далер, диловар):

Нагардад нокас аз асбоби мурдан қобили коре,
Чӣ ҳосил мӯр агар ёбад зи ***шоҳин*** болу чанголаш [15, с.192];

Бо гирифторони золим ҷуз тамаллуқ чора нест,
Мекунад дар чанги ***шоҳин*** кабки хушрафтор рақс [15, с.204].

Бум (а بوم парандаи шабпаре, ки рӯзҳо дур парвоз карда наметавонад, дар байни халқ бо шумӣ ва нуҳусат машҳур аст, чуғз):

Офати ин ***бум*** дар чашми касон пӯшида нест,
Субҳу шоме ҳаст ин ҷо, нақшаи чашми аждаҳост[15, с.77];

Субҳро вақти ҷавонӣ гашт мӯйи сар сафед,
Ваҳшати ин ***бум*** кард ин ҷуғдро пайкар сафед[15, с.135].

Ватвот (*а.* وطواط кӯршапарак, хаффош):

Аз таънаи Булаҳаб чӣ нуқсат,
Маъзур зи меҳр чашми ***ватвот*** [15, с.362].

Кабк (کبک парандае аз оилаи тазарвҳо, каклик; **кабки дарӣ** яке аз ҷинсҳои кабк, ки дар дараҳо зиндагӣ мекунад ва овози хуб дорад):

Дар муҳаррам оҳу дарду нола то авҷи фалак,
Дар баҳорон қаҳқаҳи ***кабку*** навои садҳазор [15, с.378].

Ғавғои ***кабки*** тиҳу бар кӯҳсор бишнав,
Аз тарфи боғу бӯстон савти ҳазор бишнав [15, с.285].

Ҳамчун садои кабкон худ кӯҳсор фонист,
Фаҳме агар гуморӣ, ҷинси ҳуззор фонист [15, с.285].

Каргас (کرگس ҷинси парандаи калони чанголдори лошахӯр):

Ҷифаи дунё барои аҳли худ омодааст,
Мекашад ***каргас*** барои лоша аз кӯҳсор сар [15, с.165];

Ба ҷангал з-он муҳити бекарон нун,
Гирифтӣ ***каргасони*** Қофи гардун [15, с.479].

Куланг (كلنگ - турна):

Хиёли офият ин ҷост дар пари анқо,
Маҳоҳ, Ҳоҷӣ, дар ин бум ошёни **куланг** [15, с.221].

Қумрӣ (*а.* **قمری** парандаи хушовози хурдтар аз кабӯтар, ки дар гардан тавқ дорад):

Нест **қумрӣ**, ки саҳар магӯяд
Ба сари кӯйи ту куку, манамат [15, с.63].

То ки кам гашта маро сарви қадди дилҷӯят,
Ҳамчу қумрӣ кунам аз шӯриши дил кукуят [15, с.326].

Бо калимаи арабии ***қумрӣ*** **قمری** ва иловаи вожаи тоҷикии ***рав*** ва пасванди ***-иш*** Ҳоҷӣ Ҳусайн вожаи мураккаби ***қумриравиш***ро сохта ва истифода намудааст, ки дар фарҳангномаҳо дарёфт нагардид:

Аз манзари дида сарви ӯ гум кардам,
Қумриравишам, ба ҳар куҷо гӯям ку [15, с.332].

Хаффош خفاش кӯршапарак, муши паррон, шабпарак:

Кирост тобу тоқате, ки бинадат яке назар,
Назар зи тоби рӯйи ту шавад ***хаффош*** бе басар [15, с.37].

Забоне к-ӯ, ки гӯям ҳамди ӯ фош,
Ману ҳамду хуру маддоҳи ***хаффош*** [15, с.392].

Басомади номҳои парандагон ва калимасозии онҳо дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ

Т/р	***Номи парандагон***		***Дар назм***	***Дар наср***	***Калимасозӣ***	
1.	Тайр	6	6			
2.	Тоир	11	10	1		
3.	Мурғ	21	21		мурғ+ак	мурғак
4.	Булбул	41	41		булбул+сифат	булбулсифат
5.	Андалеб	2			андалеб+сон	андалебсон
6.	Анқо	24	24			
7.	Товус	12	12			
8.	Тӯтӣ	19	18	1		
9.	Фохта	1	1			
10.	Хурӯс	1	1			
11.	Шаҳбол	1	1			
12.	Ҳудҳуд	2	1	1		
13.	Ҳумой	12	12		ҳумой+ӣ ҳумо+ҷӯ+ӣ	ҳумойӣ ҳумоҷӯйӣ
14.	Чуғд	1	1			
15.	Шоҳин	5	5			
16.	Бум	8	8			
17.	Ватвот	1	1			
18.	Хаффош	3	3		хаффош+ӣ	хаффошӣ
19.	Кабк	13	13			
20.	Кабӯтар	1	1			
21.	Калоғ	1	1			
22.	Каргас	2	2			
23.	Куланг	1	1			
24.	Қумрӣ	8	8		қумрӣ+рав+иш	қумриравиш
25.	Симурғ	3	3			

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки офаридани симои парандагон дар ҷаҳонфаҳмии исломӣ хамчун мавҷудоти илоҳӣ, мавҷудоти пок арзёбӣ мегардад, ва, баъдан, қобилияти гуфтор дар парандагон нишондиҳандаи тасвири рафтору гуфтор, ақлу заковат ва хулқу атвори инсонӣ мебошад. Симои парандагон инчунин ифодагари хислатҳои мусбат ва манфии инсон мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авасто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Иборат аз 2 ҷилд. - Теҳрон: Интишороти Марворид, 1370. - 1195 с.
2. Аттор Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр / Ба эҳтимоми дуктур Аҳмади Ранҷбар. – Теҳрон, 1369. - 737 с.

3. Бертельс А.Е.Художественный образ в искусстве Ирана IЧ-ЧV веков (слово, изображение) / А.Е. Бертельс. - М.: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1997. - 422 с.
4. Девони Ҳоқонии Шервонӣ. Мутобики нусхаи хаттии 763-и ҳичрӣ (аз маҷмӯаи шахсӣ); бо муқаддимаи устод Бадеъуззамони Фурӯзонфар. - Теҳрон: Нигоҳ, 1375. - 762 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1973. - Ҷ.1.
6. Тақво Муҳаммадӣ. Ҳикоёти ҳайвонот дар адаби форсӣ. - Теҳрон: интишороти Равзана. - 418 с.
7. «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ. Матни комил ба замимаи достонҳои илҳоқӣ. Муқаддима ва шарҳи ҳол аз марҳум Муҳаммадъалии Фурӯғӣ. - Закоъ-ул-мулук. Созмони чоп ва интишороти Ҷовидон.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. - Москва: Нашриёти Советская энциклопедия, 1969.
9. Фарҳанги Амид. Таълифи Ҳасан Амид. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362.
10. Дуктур Муҳаммад Муъин. Бурҳони қотеъ; таълифи Муҳаммадҳусайн бинни Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон: бо эҳтимоми дуктур Муҳаммад Муъин. Ҷ.3. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362.
11. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири М.С.Осимӣ. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. – М: Русский язык, 1280. - С. 1111.
12. Большая советская энциклопедия. Вт. изд. – 1956. - Том. 43. – С. 67-68.
13. Ашурова Нодира. Муқаддимаи зуҳури Рустам / Нодира Ашурова. – Душанбе: Сино, 2014. – 140 с.
14. Х. Кабиров. Ҷойгоҳи уқоб ва рақси уқоб дар муҳити тоҷикони Чин / Кабиров Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2014. - №4/3 [137]. - С. 120-121.
15. Куллиёт. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ (тартибдиҳандагон ва виросторон К.Чиллазоди Теҳрай, Амирхуҷа Абдурраҳимӣ). – Душанбе: Ирфон, 1998. – 528 с.

ҶӮШУ ХУРӮШИ МУРҒОН БАР ШОХСОР БИШНАВ

(дар асоси маводи «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ)

Дар мақолаи мазкур муаллиф оиди тасвири паррандагон дар адабиёт дар асоси “Куллиёт”-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ фикрронӣ намудааст. Мардум дар ҳар замон бештар ба парандагон ҳусни таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онҳоро парастиш менамуданд, ром мекарданд ва ҳамчун рамзи муҳофизати ҳаёт пос медоштанд. Мутафаккирону адибон дар симои парандагон шахсони озод ва нотарсро акс менамуданд ва ё дар симои баъзе парандагони шумхабар, ки ба инсон зарару зиёнашонро мерасонанд, образҳоеро офаридаанд, ки хислатҳояшон ба хислатҳои инсон монанд карда шудаанд. Парандагон дар тасаввуроти одамон мақоми олиро касб карда буданд ва дар натиҷаи такмилу инкишофи ҷаҳонбинӣ ҳамчун фариштагону авлиёҳо, ҳамчун фоилони бо Худо алоқамандкунандаи табиат арзёбӣ мешуданд. Бо тасвири симои парандагони гуногун орзуву омоли ниҳонии одамон нишон дода мешуд ва парвози паранда барояшон таҷассумгари парвози хаёл ва наздикшавӣ ба мақсади ҳеш буд.

Калидвожаҳо: тасвири паррандагон дар адабиёт, “Куллиёт”-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, акси шахсони озод ва нотарс, такмилу инкишофи ҷаҳонбинӣ, орзуву омоли ниҳонии одамон.

УСЛЫШЬ ВОСПЕВАНИЕ ПТИЦ В КРОНЕ ДЕРЕВЬЕВ

(на основе материалов «Куллиёт» Ходжа Хусайна Хатлони)

Встатье рассматриваются проблемы формирования художественного образа птиц в поэзии средних веков и процессы восприятия его образа и символики в первоначальном миропонимании человека через призму литературных воззрений поэтов средневековья на примере материалов «Куллиёт» Ходжа Хусайна Хатлони. Исследование традиций создания художественного образа птиц в мистической поэзии ведет к постижению функции, роли, значения и задач олицетворения и сравнения. Создание художественного образа птиц в поэзии средневековья - это осознанная потребность современной национальной литературоведческой науки на пути к её гуманизации. В статье рассматривается изображение художественного образа птиц в призме национальной особенности изучаемой проблемы. Также рассматриваются теоретические проблемы становления специфики художественного образа птиц, а также образного художественною мышления поэтов, история создания и интерпретации поэтических символических образов.

Ключевые слова: изображение птиц в литературе, «Куллиёт» Ходжа Хусайна Хатлони, изображение смелых и бкесстрашных личностей, совершенствование и развитие мировлззрения, тайные чаяния людей.

HEAR THE CHANTING OF BIRDS IN THE CROWN OF TREES

(based on materials of “Kulliyet” by Khoja Husayn Khatloni)

The article discusses the problems of forming the artistic image of birds in the poetry of the Middle Ages and the processes of perceiving its image and symbolism in the initial understanding of man through the prism of literary views of poets of the Middle Ages on the example of the materials “Kulliyet” by Khoja Husayn Khatloni. The study of the traditions of creating an artistic image of birds in mystical poetry leads to an understanding of the functions, roles, meanings and tasks of personification and comparison. The creation of an artistic image of birds in medieval poetry is a recognized need for modern national literary science on the way to its humanization. The article considers the image of the artistic image of birds in the prism of the national features of the studied problem. Also considered are the theoretical problems of the formation of the specifics of the artistic image of birds, as well as the imaginative artistic thinking of poets, the history of the creation and interpretation of poetic symbolic images.

Key words: image of birds in literature, “Kulliyot” by Khoja Husayn Khatloni, image of courageous and fearless personalities, perfection and development of worldview, secret aspirations of people.

Сведения об авторе:*Табаров Х.Н.* – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30

Information about the author: ***Tabarov Kh.N***. - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzade 30

УДК: 891.550

БОЗҶӮИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНИ “ГАРДИШИ ДЕВБОД”- и А. САМАД

Ҳайдарова С.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нахустромани “Гардиши девбод”-и Абдулҳамид Самад бо бандубасти хосса дар ҳаҷми ду китоб таълиф гардидааст. Китоби якум соли 2007 аввал дар шумораҳои 8-9-и “Садои Шарқ” ва баъд чун асари алоҳида (Душанбе, “Адиб”, 2007, 568 саҳ.), китоби дуюм соли 2016 нахуст дар се шумораи маҷаллаи “Садои Шарқ”(№ 12.2016, №1 2017 ва №2 2017), баъдан дар шакли китоби алоҳида (Душанбе, “Адиб”, 2016, 400 саҳ.) нашр шуданд. Соли 2019 китобҳои якуму дуюми “Гардиши девбод” бо фармони вазири Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи ҶДММ “Мега принт” ба табъ расид. Роман тадқиқи бадеии воқеаву ҳодисаҳои якасраи таъриху рӯзгори халқи тоҷик ва сарнавишти мухталифи персонажҳои онро дар бар мегирад.

Романи “Гардиши девбод” ба ҳайси як падидаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик зуҳур карда, вазъи иҷтимоӣ, урфу одат ва хислату характери мардуми тоҷикро дар фазо ва замони гуногуни таърихӣ нишон медиҳад. Тасвири даврaҳои таърихӣ чи аз забони қаҳрамонони асар, чи аз забони нависанда – ноқил дар маҷмӯъ, ба хонанда ҳамчун манбаи иттилоот оид ба баъзе даврaҳои таърихии рӯзгори мардуми тоҷик арзишманд мебошад. Муҳимтарин дастоварди нависанда дар насри тоҷики давраи нав таҷдиди назар ба зиндагии мардум ва муносибатҳои иҷтимоии одамон аст. “Романи “Гардиши девбод” ҳамоса аст, – навиштааст Х. Шарифов, – ва аз рӯзгори мардуми тоҷик, махсусан, тоҷикони кӯҳистони Тоҷикистон дар замони пурпечутоб бо тағйиру дигаргунӣ ва динамикаи ҳаводис, бузургию норасоиҳои хислату кирдорҳо хабар медиҳад” [1].

Омӯзиши амиқи таърихи миллати тоҷик, расму русум, анъанаҳо, тақдири одамони гуногун, воқеаву ҳодисаҳои зиёд, истеъдоди хуби фитрӣ, тахайюлоти бойи нависандагӣ, билохира таҷрибаи ғанӣ ба адиб имкон доданд, ки нахустин романи худро бо мазмуну мундариҷаи олӣ ва сужаи беамсол эҷод намояд. М. Нарзиқул” [2, с.128-137] бандубасти романи “Гардиши девбод”- ро аз сойири асарҳои дигар фарқкунанда ҳисобида, аз ҷумла, навиштааст: “Нависандаи “Гардиши девбод” ба нақли ҳодисаи муайян напардохта ва ба сужасозии маҳз низ машғул нагардида, паёмади воқеаҳои мудҳишро дар маҷмӯъ ба андеша гирифта, дар он миён ба муҳимтарин омилҳои хатарзо ишора карда, ҳар кадомро ба муҳокима кашида ва дар ниҳоят натиҷагирӣ кардааст” [2, с.128].

Инъикоси муносибатҳои иҷтимоии одамон, махсусан, сокинони деҳаи Шикоргаҳ урфу одат, анъана ва расму оинҳо – додугирифт, муносибату муошарати ин мардуми одиву заҳматкаш дар роман барҷаста ба риштаи тасвир кашида шудааст. Ин мардуми қавиродаву заҳматдӯст дар рӯзҳои вазнини ба сарашон омада, дӯстона дасти ҳам гирифта, мушкилоташонро паси сар мекунанд.

Романи “Гардиши девбод” асарест, ки марҳалаҳои душвори зиндагии мардуми тоҷикро дар симои сокинони як деҳаи дури кӯҳистони тоҷик дар доираи як қарн инъикос мекунад. Кӯҳистониён маъмулан мардумеанд, ки табиату хислати ба худ хос доранд. Аксаран якрӯву якзабон, сабуру боғурур ва сахиву дилсофанд. Таъсири камоли ҳамнишинии кӯҳсорони бовиқор, чашмасорони мусаффову ҷӯшанда, ҳавои поку беғубори баландиҳост, ки табиати мардумаш дигаргунаву покиза ва мушкилписанданд.

Мардуми боинсофи ин деҳа мисли аъзоёни як оила зиндагӣ мекунанд. Мисли як оила дастёру мададгори ҳамдигаранд, мисли як оила саркалони худро доранд, мисли як оилаи тифоқ мудом дар фикри ҳамдигаранд. Зиндагии ин кӯҳзодҳо дар ҳалқаи манзараҳои зебои кӯҳистон, бо нӯши обҳои зулоли сарчашмаҳои кӯҳӣ паси сар мешавад. Ҳангоми мутолиаи асар хонанда бо сокинони он - персонажҳои роман ошно шуда, аз хислату тинати онҳо бохабар мегардад. Қаҳрамони асосии асар – Дилёб дар ҳалқаи ҳамдеҳагонаш – Комилбой, бобои Некном, Мирак, ҳолаи Сифат, Заъфарон, муаллими ҷавон Мирон ва дигарон аҳлона зиндагӣ мекунад. Ӯ бо вуҷуди аз шумори тамоми номбаршудагон чандин сол хурд буданаш ҳамеша бо онҳо ҳамсуҳбату ҳамкор ва мададрасону дастгирашон буд. Сарнавишти бераҳм Дилёби наврасро барвақт калонсол карда буд.

Зиндагонӣ дар кӯҳистон дар айёми гарміву нармӣ бо вуҷуди корҳои зиёди саҳрову хоҷагӣ роҳату кайфият дошта бошад ҳам, дар зимистон барои мардум мушкилиҳои сангин пеш меоварад. Боридани барфи зиёд, боришот, маҳкам шудани роҳҳо бар асари фуромадани тарма, канда шудани рафтуомади мардум ба маркази шаҳру ноҳияҳо ва аз ин сабаб камчин шудани маводи озуқаворӣ мардумро ба мушкилиҳо дучор мекард. Хусусан, дар замони мавриди назари нависанда – гардиши девбодҳо (ҳаводиси сиёсӣ дар назар аст – Ҳ.С.) зиндагии мардум лаҳза ба лаҳза вазнинтар мешуд. Дар деҳа оилае набуд, ки гардиши девбод – доси аҷал, ба қавли бобои Некном, дар он доғи ҷангу бадбахтӣ намонда бошад. Қариб ҳамаи онҳо аз касофати салоти аҷнабии Армияи Сурх, аз ҷанги Гирмон, аз

таъқиботи сталинчиён ва ахиран, аз ҷанги шаҳрвандии тоҷикон дар дил доғ доранд. Ба қавли мардум “зоғи бедоғ набуд”.

Тасвири рӯзгори бадбахтонаи мардум рӯҳи романро вазнин мекунад, қалби хонандаро ғами миллати азияткашида мефишорад. “Майдони ҷанг дур буду гапу калоча ва ташвишу азоби равонии одамон беинтиҳо. Бори зиндагӣ рӯз ба рӯз гаронтар мешуд ва дар нигоҳ ва умқи чашмони ҳама андуҳу биме бештар менуҳуфт. Мардум ба хотири ҳимояи ҷони фарзандони ҷанговар тамоми дорӣ, балки наволаи даҳони худро бароварда медод, ки душман зудтар саркӯб шаваду ҷавонмардон сиҳату саломат баргарданд. Лек чун овозаи марги аскаре ба гӯш мерасид, дар дили падару модарон, занону фарзандон алов мерехт. Дигар занҳо бе ашки сӯзон, мардон бе оҳи ҳасрат аз ҷигарбандони раҳдуру зиндаҷудои худ лаб намекушоданд...” [3, с.80].

Барои рафъи ин ҳолати ногувор нависанда тасвири воқеаҳои фараҳбахшеро пешкаш мекунад, ки табъи касро болидаву рӯҳашро сабук ва дилгирияшро рафъ месозад. Масалан, дар китоби якум (бобу фасл надорад) чунин омадааст: “Гиряву нолаи модарони ҷигарбирёне, ки писаронашон дар ҷанг буданд, аз ҷумла Сифат – писари ӯ Зариф аз нахустинҳо шуда ба сафи фронт сафарбар шуда буд – ҷонхарошу ҷигарсӯз буд”. Пас аз тасвири муфассали аламу раҳпоиҳои Сифати дилфигор нависанда орзуҳои занро хеле зебо ва дилхушона рӯйи қоғаз мерезад. “Сифат дилаш аз дидани дидори писар бозигару бехуд, худро ба оғӯши вай мепартояд... Дигар дар дили Сифат ормоне наmemонад, ба ҷуз он ки тамоми дороияшро сарф бикунаду арӯс фарорад. Ҳм, он вақт боз хурду калони деҳа ба ҳавлӣ мерезад; одам дар пойи одам мепечад, ҳеҷ гап не... Паси девору кӯчаҳои аз ҳаёҳуй ва даводави кӯдакон пур, ҳавлӣ, боғу суфаи таги чанор, лаби чашма ҳам аз сурудаҳои “Шаҳ муборак бошад”, “Устои ланги сартарош”, “Ёр-ёр” – у “Шаҳи мо омад” ва “Барор-барор хушрӯта”, “Гула овардаме...” шукӯҳу ҷон мегирад. Баногоҳ Мирак аз байни издиҳом ба майдон ҷаҳида, бари ҷелаки нимдошти тикаш дар камарбанд андармон, чашмакони нимкофаш масту махмур, дигар чашми кӯрашро аз чашми сиҳаташ фарқ намекунӣ, нӯги саллаи сурхаш болои сар шабеҳи тоҷи хурӯс ҷунбон-ҷунбон, худро гоҳе дарҳам кашида, дастонашро болсон кушода, пеш-пеши шаҳу арӯси аспсавор печутобхӯрон пойкӯбиву дастафшонӣ мекунад. Дар ин маврид хурӯшу фарёде аз зану мард мебарояд: “э аз тоҷаш гардаме-е, бол бизан, хурӯси кулангӣ! Базма каси ҳунарманд ободу гарм мекунаду ҳусн мебахшад. Шоҳ бош!” Ва Мирак дар ҳавои кафкӯбӣ, бале-бале ва оҳу воҳи одамон хурӯсвор гардан ёзонда, зиракона ба чапу рост нигариста, гӯё тоҷ меҷунбонаду бол меафшонад, сипас хушомадгӯёна сари таъзим фуруд оварда, бол кушода, гирди мокиёнаш Заъфарон қанотак мезанад. Ин ҳаракатҳои ӯ мардумро ба хурӯш меоранд. Мирак аз ин бештар ба ваҷд меояд ва мисли хурӯс ҷеғзанон, ангуштонашро минқорвор пеши бинӣ ниҳода, рӯ ба рӯйи аспи шаҳу арӯс ҳаракатҳои ҷангу пархош ва нӯлзаниро намоиш медиҳад...” [3, с.80-81].

Дар мобайни нақли ғамгиниву маҳзунии мардум дар фироқи азизони ба ҷанг рафтаашон ин лаҳзаи хушҳолонаву фараҳбахш-тасвири рақси Мираки хушдил дар тӯйи Зарифи Сифат (дар хаёлоти Сифат) рӯҳи вазнини хонандаро сабук, табъашро хуш мегардонад. Мақсади нависанда аз офаридани ин лаҳзаи ҷолиб, аз як тараф, хуш сохтани ҳолати рӯҳии хонанда бошад, аз тарафи дигар, тасвири лаҳзаяке аз маъракаи тӯйи тоҷикист; хурду калон хушҳолу хурсанд дар хурсандии ҳамдеҳагон шариканд. Ин лаҳзаи тасвири нависанда расму таомулҳои миллии мардуми тоҷикро дар ҷашнҳои арӯсӣ басо равшан ифода намудааст. Мардумшинос Р. Ҷумъаев оид ба лаҳзаи ба хонаи арӯс рафтани домод мегӯяд: “Пеш аз ба роҳ баромадан ягон мӯйсафед, маъмулан падари домод, фотиҳаи нек медиҳад ва баъд корвон ҷониби хонаи арӯс роҳ мегирад. Корвони домодро тамоми роҳ хунёгарону раққосҳо ва масхарабозон ҳамсафар буданд. Раққосону сурудхонҳо, масхарабозону шӯхҳо пешопеши корвон мерафтанд. Дар роҳ асосан сурудҳое суруда мешуданд, ки мазмунашон аз таърифу тавсифи домод иборат буд” [4, с.47].

“Зиндагиро маҷмӯаи бешу камӣ...” гуфтаанд, он аз тазодҳо ба ҳам омадааст. Нависанда аз он ки дар роман мушкилиҳои миллатро матраҳ мекунад, лозим донистааст, ки манзараи тӯйи домодиву арӯсиро, ки яке аз ҷашнҳои муҳим дар ҳаёти инсон аст, дар ҷойи муносиб дар хаёлоти Сифат тасвир кунад. Тантанаи хушҳоливу хушбахтии инсонро дар ҳалқаи наздикону пайвандон, таҷассуми анъанаҳои миллӣ, расму оини маъракадорӣ дар ин порча бо ҳақиқатнигории хосси муаллиф ба тасвир омадааст. Дар китоби дуюм, ки даҳшати ҷанги шаҳрвандии тоҷиконро дар бар гирифтааст, адиб тасвири чунин лаҳзаҳоро, ҳатто дар хаёли образҳо ҳам салоҳ намедонад, акнун тазоди тӯй – маъракаи мотамро нишон медиҳад. Модар ба чеҳраи “сарду бепарвои” писари шаҳидаш, “ки болои абрӯҳои пайвандии мушксон сиёҳаш захмҳо ҳувайдоанд, дида дӯхта медид, ки бо вуҷуди кашидани дарду азияти ҷонкоҳ, лабони аз сустии манаҳбанд нимвои маит ба табассум моиланд...” ва бо наҷвое базӯр шунаво гила оғозид: «Ба ҳамин умед калонат кардам? Фикри зану фарзанд, андешаи ҷигари сӯхтаву гӯру чӯби мани хокбасара накардӣ? Моро дар ними роҳ ноумед, зану фарзандота зору ҳайрон мондӣ… Чашм бикшову ин рӯзи маҳшара бин: хонаат мисли рӯзи тӯят аз шиносу ношинос пур аст…» [5, с.168].

Ҳамсари ҷавони майит, фарзандони ҳайронмондааш аз марги азизашон бехуду гаранг буданд. “Арӯс, ки тифлаки ширмак дар канор, пеши ҷасади сарду бепарвои шавҳар дар назари дигарон карахт, аммо дар гирдоби ғам ғӯтавар нишаста буд, якбора сари овози хушдоман гирифт:

Ситораи равшанма куҷо кардӣ, фалак?
Субҳа аз миёни шаб ҷудо кардӣ, фалак.
Моро бо фалак то қиёмат гилае,
Аз ёри ширинум ҷудо кардӣ, фалак” [5, с.170].

Бояд гуфт, ки дар маросими мотам хондани суруд, махсусан, рубоиҳои пурсӯзу гудоз дар байни минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ҷанбаи амиқи миллӣ дорад ва вобаста ба синну сол, ҷинси марҳум мундариҷаи сурудҳо тағйир меёбад, ки аз тарафи наздикон ва одамони махсус хонда мешавад. «В верхнем и среднем Каратегине, бассейне р. Хингоу и Дарвазе, – гуфта шудааст дар ҷилди 3 рисолаи «Таджики Каратегина и Дарваза», – в оплакивании принимали участие специалные плакальщицы – нолакунҳо (Каратегин), ҳайдареғхонҳо (Дарвоз), которые, помимо, имровизированных причитаний, во время оплакивания пели различные грустные четверостишия» [6, с.125].

Риояи қонунҳои нонавиштаи зиндагӣ, махсусан, барои сокинони деҳот ҳатмӣ ҳисобида мешаванд. Масалан, дар лаҳзаҳои душворӣ дасти ҳамдигарро гирифтан, дар шодиву ғами якдигар ҳамроҳ будан, оини одамигариро пос доштан. Дар китоби аввал нависанда ҳамин ҷиҳати мардуми кӯҳистонро, ки як рукни асосии зиндагии онҳост, барҷаста нишон медиҳад. “Дар кӯҳистон, ки аз танги тирамоҳ то оғози баҳор роҳҳо аз боридани барфи зиёд ва пай дар пай омадани тарма маҳкам мешаванд, бе захираи ғаллаву равған зистан номумкин аст. Дар зимистон вақте дасти одамон аз нодорӣ, ба қавле, зери санг мемонад, ба Раҳмати Борон муроҷиат мекунанд. Вай – марди кушодчеҳраи кулӯтариш ва ширинзабон, шӯхиомез мепурсад:

– Э мард, нона бебаркаш хӯрдӣ ё захираат кам буд?

– Бехабар мондем бобо. Якбора орд дар хамбаи куливу ғалла дар чоҳ намонд, – хиҷолатманд посух медиҳад шахси муҳтоҷ.

– Боке не... – нарм ҷавоб медиҳад Борон ва мефармояд даҳони чоҳеро кушоянд ва меафзуд: – Бигир... Ҳам барои рӯзгору ҳам барои коштан... Лекин шудгор кардану коштана аз ёд набарор. Худо ба вақти ғалладарав расонад, каму зиёд не, ҳамин миқдор ғалларо бармегардонӣ...” [2, с.115]. Шахси корафтода аз ин некиву саховатмандии ҳамдеҳааш сипосгузору қаноатманд мегашт. Бо ҳамин хислатҳои сахигиву карамашон онҳоро мардум азиз медонистанд, зеро дар рӯзи сахтӣ мададрасону муттакояшон буданд. Дасти корафтодае, муҳтоҷеро гирифтан яке аз хислатҳои неки инсонӣ ва оини ҷавонмардист. Ин амали ҳамида аз азал тавсифу тарафдорӣ ёфта, дар осори адибони куҳан то кунун мавриди талқин қарор гирифтааст.

Мардуми софдилу саховатпешаи деҳот ин насиҳатҳои пирони суханро риояву ичро мекарданд, дасти дӯст мегирифтанду ёру мададгори ҳам буданд. Чунки маҳз ҳамин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тафриқаи инсон аз ҳайвон аст, ҳамин аст, ки инсонро инсон мекунад.

Марду зан ҳангоми дарави гандум ва ҷамъовариву захира кардани ҳосили пухтарасида дастҷамъона ба саҳро баромада, барои беталаф ҷамъ кардани ҳосил ва барабас нарафтани меҳнати деҳқонон заҳмат мекашиданд. Ҳатто кӯдакони хурдсолро оварда, дар нигоҳубини котиби ҷавон – Дилёб, ки пас аз ба ҷанг рафтани мардони саводнок, ягона каси хатхон ё саводдор буд, гузошта, ба дарав часпида буданд. Дар фасли гармо ҳангоми дарав барои рафъи хастагӣ овоз мехонанд:

Сӯхтай ҷигарам, косаи об мебояде,
Э, ман доғам ё дӯст...
Дилхаста манам, кори савоб мебояде,
Э, ман доғам ё дӯст...
Ва ҳама сари овоз мегирифтанд:
Ман доғам ё дӯст...

Бояд гуфт, ки суруди маросимии “Ман доғ” ба минтақаҳои алоҳидаи тоҷикон хос буда, ифодакунандаи фаъолияти деҳқонии халқ мебошад. Ба гуфти фолклоршинос Рӯзӣ Аҳмадов: “Ин сурудро ҳангоми дарав бештар мардумони Кӯлоб, Ғарму Дарвоз ва баъзе деҳқononи водии Ҳисор ичро менамуданд... Агар мандоггӯй ҷавон бошад, сурудро бо рубоёти ишқиву ошиқӣ зинат дода, ба ҳасби ҳоли худ мувофиқ месохт. Мандоггӯй куҳансол бошад, кӯшиш ба харҷ медод, ки рубоёти пандуахлоқӣ, бевафоии умр, рӯзгори сангин ва шикоят аз замонаро сарояд” [7, с.149]. Суруди “Ман доғ” дар “Гардиши девбод” аз номи бобои Ҷонак садо медиҳад ва вобаста ба синну соли мандоггӯ оҳанги шикоятӣ ва пандуахлоқӣ дорад.

Дар тасвири нависанда занҳо ҳам дар баробари мардони дар ақибгоҳ монда – пирону маъюбон ва ҷавонони то синни балоғат барои пеш бурдани зиндагӣ ранҷу заҳматҳои зиёдро таҳаммул мекунанд. “Чун тамоми мардонро ба ҷанг бурданд, бори гарони рӯзгор

якбора ба дӯши занони муштипар афтод...” [3, с.151]. Занҳои мушкилнописанди кӯҳистон низ дар ҷамъовариву ҷобаҷокунии ҳосил, захираи зимистон, андоваю коҳгил кардани бомҳо баробари мардон рост заҳмат мекашиданд.

Онҳо, ки бештар анҷоми кору бори хона ва сарфаи сари оташдонро бар уҳда доштанд, кӯшиш мекарданд, ки аз захираи ширу маскаи хурмаи худ зимистон барои ҳамдеҳагон хӯроки миллии қадимӣ – қурутоби таърифие омода созанд, зеро беҳуда нагуфтаанд, ки “сарфаи сари оташдон савдогарии Ҳиндустон”.

Маъракаи қурутобпазӣ дар зимистон як анъанаи маъмулии деҳотиён мебошад, ки онро ҳатман дар зимистон айёми сармо ва боридани барф ба анҷом мерасониданд. Омода кардани хӯроки мазкур қоидаҳои махсуси худро дорад. Бо сабаби аз маводҳои миҷозашон гарм омода кардан онро дар фасли зимистон тайёр мекарданд, то тану ҷони истеъмолкунанда аз зарари сармои қаҳратуни куҳистон эмин бошад. Манзараи қурутобпазии занон дар роман хеле мароқангез тасвир шудааст.

Тамоми ҷузъиёти қурутобтайёркунии занҳоро нависанда як ба як тасвир мекунад. Сароғоз навбат аз кампири Нурбахш – “зани боақлу фаросат ва порсову бонамаки” деҳа аст. Кампири Нурбахш мададрасону корбудкуни деҳа буду ҳам табибу момодоя. Занҳои ҳунарманди деҳа ё ба қавли дигар, кадбонуҳои таърифӣ бо даъвати кампири Нурбахш ҷамъ омада, шаб то субҳ хушҳолона орд бехта, дар карсонҳои калон хамирҳои гуногуни кулча, таҳмол, чаппотӣ, гирдаву фатир тайёр мекарданд. Кампири Нурбахш зуд-зуд таъкид мекард, ки ҳушёр бошед, вақти ҳунарнамоитон расид, “нонҳои хомсӯзу пуштпарто, рӯяш сурху пушташ сухтаи сиёҳ ё шӯру камнамак, гулзадаву качу килеб бипазеду ба носазову маломати мардҳо гирифтор шавед, аловкова дар сари бонуи нонпаз мешиканам. Коре нашавад, ки пеши мардум фақат нонҳои хомпазу мурғакӣ (нони ҳанӯз нопухтаи дар танӯр афтида – Ҳ. С.) монем... [3, с.117]. Нависанда аз хелидану омода кардани хамир то пеши меҳмонон – ҳамдеҳагон гузоштани табақи қурутоб, чак-чаки хушҳолонаи занон дар сари танӯрро тавсиф мекунад. “Рӯйи хонҳои густурда аз танӯр бо навбат нонҳои тунуки сап-сафед, ки ҳазору як қубба зебашон медиҳад, гирдаву фатири арғувонӣ, кулчаҳои мисли гули торон рангобаранг, сурхосафеди хурду бузурги ширмол, парвозкунону печутобхӯрон менишинанд. Занони кадбону рухсораҳо аз ҳарорат ва тобиши лахчаҳои мавҷзану ҷӯшу хурӯши кор шабеҳи лолабарг, нигоҳҳо шарарпошу рахшон, аз ин манзара ҳаловат мебаранд” [3, с.117].

Ҳамин тавр, ҳанӯз чашми рӯз нокафида, “вақте ки хурду бузург дар кулбаҳои хеш гирди сандалӣ ба кӯрпа печида хобанд...” “нону фатиру кулчаву чапотиҳо пухта шуда”, “қурутҳои бармаҳал дар оби ҷӯш таркарда” каф зада шуда, пиёз реза ва омода, курпачаву дарстархонҳо ороста мунтазири қурутобхӯрон буданд. Мавсими қурутобхӯрӣ ҳанӯз ҳам дар минтақаҳои кӯҳистон риоя мешавад.

Мардуми саховатманду дастбахайр бо ҳар роҳу восита ба ниёзмандон дасти кӯмак дароз мекарданду ба қавле бо мақсади охирати хешро обод кардан бо дасти худ хайр мекарданду дилеро шод. Баҳорон замоне, ки чорво аз зимистони қаҳратуни кӯҳистон сиҳату саломат мебаромад, Муъминбою Салимбой ном сарватдорон мардумро ба насибагирӣ аз рамаи худ даъват мекарданд.

– Мардум, боз нагӯед, ки бехабар мондем! Таъйин карданд, ки омада насиба гиред. Рама аз дараи Аспон гузарад, аз худатон гиламанд шавед [3, с.121]. Ва ҳар кӣ мехост, аз ин амали нек соҳиби чорпое шавад.

Дастҷамъона ҷамъоварии ҳосили ғалладона, меваву сабзавот ва барои зимистони сахти кӯҳистон захира кардани ону то тутпазак расидан, дар ғаму шодӣ – тӯю мотами ҳамдигар баробари ҳам рост истодан, дар вақти муҳоҷӣ ба якдигар дасти ёриву бародархондагӣ дароз кардан, бо ҳам қурутовпазиву қурутовхӯрӣ кардан, инҳо маҷмӯи амалҳои солҳои сол қабулшудаву шаклгирифтаи рӯзгори мардуми деҳот аст. “Расму оинҳо дар тӯли таърих ҳамеша дар байни мардум иҷро мешаванд, мардум ба онҳо бовар дорад, зиндагии худро ба онҳо пайванд медонад. Баробари расидани ҳар фасли сол, ҳар ҷашну ид, бо дучор шудан ба ин ё он мушкилоти равонӣ, ё ҳангоми иҷрои боварҳои суннатӣ ва ё динӣ, мардум маросимҳои дар рӯзгори худ побарҷоро ҳамчун эътиқод дар амал иҷро менамоянд” [8, с.88].

Ҳамин тавр, романи “Гардиши девбод” дар баробари тадқиқи бадеии воқеаҳои таърихии якасра вазъи иҷтимоӣ, садоқат ба ватану диёр, ба ёр, меҳнати ҳалол, васфу ҳифзи манзараҳои дилбари табиати ватан, маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳоро низ ба маърази таҳлил мегузорад. Инъикоси муносибатҳои иҷтимоии одамон, ки дар маҷмӯъ миллати тоҷикро ифода мекунанд, дар шароитҳои гуногуни таърихӣ ва вазъиятҳои мухталиф дар роман барҷаста ба назар мерасад. Самимият дар муносиботи иҷтимоӣ симои иҷтимоии инсонро нишон медиҳад, ки он аз чунин арзишҳои маънавӣ – виҷдон, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида, интизомнокӣ ва садоқат вобастааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Шарифов Х. Даври печопеч / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. - Душанбе, 2009. - С. 446-461.

2. Нарзиқул М. Ғамномаи нависандаи миллӣ (Нигоҳе ба романи “Гардиши девбод” – и Абдулҳамиди Самад) / М.Нарзиқул // Садои Шарқ, 2018. - №2. - С.128-137.
3. Самад А. Гардиши девбод. (Китоби 1) / А.Самад. – Душанб: Адиб, 2007. - 568 с.
4. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон / Р.Ҷумъаев. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 212 с.
5. Самад А. Гардиши девбод (Китоби 2) / А.Самад. – Душанбе: Адиб, 2016. – 400 с.
6. Таджики Каратегина и Дарваза / Под редаксией Н.А. Кислякова, Р.К. Писарчик. Вып.3. – Душанбе: Дониш, 1976. – 240 с.
7. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ / Р.Аҳмадов. – Душанбе, 2007. – 446 с.
8. Раҳмонӣ Р. Наврӯзи ориёии тоҷикон / Р.Раҳмонӣ. – Душанбе, 2013. – 145 с.

БОЗҶӮИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНИ “ГАРДИШИ ДЕВБОД”- и А. САМАД

Мақолаи мазкур ба бозҷӯи масоили иҷтимоӣ дар романи “Девбод”-и Абдулҳамид Самад бахшида шудааст. Романи “Гардиши девбод” ба ҳайси як падидаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик зуҳур карда, вазъи иҷтимоӣ, урфу одат ва хислату характери мардуми тоҷикро дар фазо ва замони гуногуни таърихӣ нишон медиҳад. Тасвири давраҳои таърихӣ чи аз забони қаҳрамонони асар, чи аз забони нависанда – ноқил дар маҷмӯъ, ба хонанда ҳамчун манбаи иттилоот оид ба баъзе давраҳои таърихии рӯзгори мардуми тоҷик арзишманд мебошад. Муҳимтарин дастоварди нависанда дар насри тоҷики давраи нав таҷдиди назар ба зиндагии мардум ва муносибатҳои иҷтимоии одамон аст. Романи “Гардиши девбод” дар баробари тадқиқи бадеии воқеаҳои таърихии якасра вазъи иҷтимоӣ, садоқат ба ватану диёр, ба ёр, меҳнати ҳалол, васфу ҳифзи манзараҳои дилбари табиати ватан, маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳоро низ ба маърази таҳлил мегузорад. Инъикоси муносибатҳои иҷтимоии одамон, ки дар маҷмӯъ миллати тоҷикро ифода мекунанд, дар шароитҳои гуногуни таърихӣ ва вазъиятҳои мухталиф дар роман барҷаста ба назар мерасад. Самимият дар муносиботи иҷтимоӣ симои иҷтимоии инсонро нишон медиҳад, ки он аз чунин арзишҳои маънавӣ – виҷдон, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида, интизомнокӣ ва садоқат вобастааст.

Калидвожаҳо: романи “Девбод”-и Абдулҳамид Самад, бозҷӯи масоили иҷтимоӣ, урфу одат ва хислату характери мардуми тоҷик, муносибатҳои иҷтимоии одамон, тадқиқи бадеии воқеаҳои таърихии якасра

ИССЛЕДОВАНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ В РОМАНЕ“ВИХРЕВАЯ ВОРОНКА” А. САМАДА

В статье исследуются социальные проблемы общества на примере романа “Вихревая воронка” современного таджикского писталя и публициста Абдулхамида Самада. Роман “Вихревая воронка” проявил себя как художественное событие в современной таджикской литературе и показаало социальное положение, обычаи и традиции, а также нравы и характер таджикского народа в различных пространствах и различных исторических периодах. Изображение исторических периодов и с языка героя романа и с языка самого автора –рассказчика в общих деталях является очень ценным как источник информации относительно некоторых исторических периодов. Важнейшим достижением писателя в таджикской прозе является новое время переосмысления взглядов на жизнь народа и их социального положения. В романе “Вихревая воронка” на равне с художественным исследованием исторических событий одного столетия анализируются социальное состояние, верность родине и краю, спутнику жизни, самоотверженный труд, ворспевание красивых природных пейзажей, а также комплекс взаимоотношений между людьми. Социальные отношения людей, которые в общем являются выразителем чаяний таджикской нации в различных исторических периодах и различных ситуациях, изображены очень ярко и правдиво. Искренность в социальных отношениях показывает социальное лицо человека, которое зависит от таких духовных ценностей – совесть, трудолюбие, высокая нравственность, порядочность, и верность.

Ключевфые слова: роман “Вихревая воронка” Абдулхамид Самада, исследование социальных проблем, традиции и характер таджикского народа, социальные отношения людей, художественное исследование исторических событий одного столетия.

RESEARCH OF SOCIAL PROBLEMS IN THE NOVEL “Vortex Funnel” A. SAMADA

The article explores the social problems of society on the example of the novel "The Whirlpool Funnel" of a modern Tajik pistol and publicist Abdulhamid Samad. The novel “Whirlpool funnel” proved to be an artistic event in modern Tajik literature and showed the social status, customs and traditions, as well as the mores and character of the Tajik people in different spaces and different historical periods. The depiction of historical periods both from the language of the hero of the novel and from the language of the storyteller himself in general is very valuable as a source of information regarding some historical periods. The most important achievement of the writer in Tajik prose is a new time for rethinking the views on the life of the people and their social status. In the novel “The Whirlwind Funnel”, along with an artistic study of the historical events of one century, social status, loyalty to the motherland and the land, life partner, selfless work, rasping of beautiful natural landscapes, as well as a complex of relationships between people are analyzed. The social relations of people, who in general are an expression of the aspirations of the Tajik nation in various historical periods and various situations, are depicted very vividly and truthfully. Sincerity in social relations shows a person's social face, which depends on such spiritual values - conscience, hard work, high morality, decency, and loyalty.

Key words: Abdulhamid Samad’s novel “Vortex Funnel”, study of social problems, traditions and character of the Tajik people, social relations of people, artistic research of historical events of one century.

Сведения об авторе: ***Хайдарова Сурайё Абдурозиковна*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 931-74-74-55**

Information about the author: ***Khaidarova Surayo Abdurozikovna*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17. Tel .: **(+992) 931-74-74-55**

УДК: 891.550-1

МУҲАББАТ АЗ НИГОҲИ ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ ДАР РИСОЛАИ «МУҲАББАТНОМА»

Шарипова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ, ориф нависандаи бо завқу тавоност. Аз вай осори мутааддиде дар бахши ирфон ва тасаввуф мерос монда, ки ҳамагӣ аз таҷрибаҳои ирфонии вай ҳикоят дорад. Яке аз ин осор рисолаи камҳаҷми «Муҳаббатнома» аст.

Пири Ҳирот дар ин рисола ба муаррафии яке аз истилоҳоти ирфонӣ, яъне муҳаббат мепардозад. Нигоҳе ба ин асари Хоҷа нишон медиҳад, ки ӯ ба ин мавзӯъ аз манзари хоссе нигариста ва аз мафоҳиме, ки метавонад таҳлил кунад, истифода кардааст.

Тааммул бар ин рисола на танҳо аз огоҳии бисёри Хоҷа дар боби масоили ирфонӣ хабар медиҳад, балки аз рӯйи розу рамзҳои каломи зебоӣ аст, шарҳу тавзеҳ медиҳад. Хоҷа барои интиқоли маъно аз забони мантиқӣ бархе аз ҳунари бадеӣ истифода ва бадин тартиб миёни маъно ва забон таомули шоиста барқарор мекунад.

Хоҷа пеш аз он ки аз душвории баёни бархе аз дарёфтаҳояш сухан гӯяд, мавзӯи рисоларо кӯшиш мекунад дуруст барои мухотабон тавзеҳ диҳад. Аммо дарк мекунад, ки забони сӯфиёна қодир ба гузориши тамоми таҷрибаҳои вай нест ва ногузир бояд аз забони оммӣ кӯмак бигирад. Бинобар ин, ӯ забони отифиро на барои оростани калом, балки барои интиқоли беҳтари маъно ва андеша, истихдом кардааст.

Тарзи баёни орифон дар натиҷаи таҷрибаҳои бисёрсолина ба даст меояд, таҷрибаҳо ҳар қадар ки зиёд шавад, ҳамон қадар жарфтар ва усули хосро пайдо мекунад. Бинобар ин, баёнашон душвортар аст. Ба ҳамин минвол дар байни таҷриба ва баён ихтилофе мавҷуд аст. Аммо «зоти забон падидоргаро аст, забон ҷаҳонро дар тамоми куллият ва ҷузъияташ барои мо гузориш мекунад ва «ҷаҳон» яъне доираи тамом бахшандаи он чи ҳаст ва будааст ва тавонад буд» [2, с. 8].

Аз ин ҷо, ки «зоти забон падидоргаро аст», агар таҷрибае ба даст ояд, бояд аз ташаккули забон хабар диҳад. Аммо забони орифон забони мушкил аст. Барои фаҳм кардани он бояд дониши амиқ дошта бошад.

Маҳз ҳамин гуна забони хосро дар рисолаи «Муҳаббатнома»-и Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ мебинем.

Муҳаббат, ба ҳисоби яке аз истилоҳоти бунёдии ирфонӣ буда, он дар рисолаи мазкур бо услуби хоссаи худи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ омадааст. Зеро ӯ «дар соли 438 ҳ., вақте ки ба зиндони Пушанг мефарояд ба мақоми муҳаббат мепардозад ва ин воқеа бар ӯ таъсир меоварад, ки дар тадриси тафсир ба зуҳур мерасад» (Боркуюӣ, 218: 1387). Аммо ба ҳар рӯ барои он ки ин сабки вай, он гуна ки ӯ дарёфта, қабул ёбад, бояд онро дар қолаби забони илмӣ бирезад. Ин забон «илова бар он ки низоме аз суратҳост, низоме аз мафоҳим ҳам ҳаст. Назме аз нишонаҳои қарордодӣ, ки ба ҷаҳон низом мебахшанд» [10, с.80]. Бинобар ин муҳаббатнома, тасвире аз дунёи Пири Ҳирот аст. Аз он ҷиҳат, ки Хоҷа дар ин матн аз манзари хоссе ба мавзӯи ом нигариста, ногузир аз забоне, ки метавонад ин дидро гузориш кунад, истифода кардааст. Бо осоре аз ин даст аст, ки «забони ҳақиқӣ таҷрибаи ирфонӣ зода мешавад. Забоне, ки бо он чӣ сӯфӣ дар он зистааст, яке мешавад» [11, с.9].

Аз он ҷо ки матн бо дархости касоне навишта шуда [2, с.339], ки дар ниҳоят аз зумраи осори таълимии ирфонӣ ба шумор меояд. Ба ҳамин далел аст, ки пири Ҳирот забони адабиро барои баёни андешааш муносибтар медонад. Агарчи бо таваҷҷуҳ ба мавзӯъ, забони сӯфиёнаро интихоб кунад, аз марзҳои одӣ ва калимаи забон убур мекунад ва мекӯшад вожаҳоеро ба кор барад, ки на танҳо олами ғариби хешро баён кунад, балки беш аз он бар кашфи авомили тоза даст ёбад ва таҷрибаҳои тозаёфтаро бо забони отифӣ гузориш намояд [9, с.243].

Ба ин минвол миёни мавзӯи ирфонӣ ва забони мантиқӣ шакл мегирад. Хоҷа худ дар оғози матн, ба ин таоруз ишора кардааст. Аммо бар хилофи орифони дигар, ки дар чунин мавриди забон ишоротро ба забони иборат тарҷеҳ медиҳанд, роҳи савуми баргузида ва забони иборат ва ишоратро барои гузориши дарёфтаҳояш аз мавзӯъ, нотавон медонад ва мегӯяд: «Бидон, ки он чӣ иборат аст, ишорат аст, он тафриқаву ҳикоят аст ва он чӣ ҷамъ аст варои нутқ ва самъ аст» [2, с.370]. Зеро муҳаббат, он гуна ки ӯ дарёфта, ношуниданӣ, ки чашиданӣ асту гуфтан онро табоҳ мекунад: «Гуфтори ту офати туст» [2, с.370].

Аммо ба ҳар бобат дар ин матн, ки аз бисёре ҷиҳатҳо шабеҳи «Сад майдон» аст, миёни таҷрибаи Хоҷа аз муҳаббат ва забоне, ки ин таҷрибаро гузориш мекунад, таомул барқарор аст. «Агар бихоҳем диалектикаи забон ва таҷрибаро дар осори сӯфия эҳсос кунем, муқоисаи таҳлилӣ, ки Ансорӣ аз «Мақомот» ва «Манозил» карда ва миёни он чӣ дар қарни шашум (ҳудуди беш аз як қарн пас аз ӯ-М.Ш.) дар ҳамин замина Рӯзбаҳонӣ анҷом додааст, метавонад роҳнамоии хубе барои нишон додани таъсири забон дар кашфи

таҷрибаҳо аз самте ба дастёбӣ ба таҷрибаҳо дар забони халқӣ ва корбурди он аз сӯйи дигар бошад» (Кадканӣ, 254).

Сол	Шумораи нашрияҳо	Тиражи якдафъаина млн. нусха	Тиражи солона млрд. нусха
	Матбуоти шаҳрӣ		
1989	490	14,8	2,9
2000	1689	28,6	2,0
2001	1229	23,9	1,8
2003	2318	68,5	3,8
2004	2354	76,4	3,5
	Матбуоти ноҳиявӣ		
1989	1620	9,4	1,5
2000	1436	4,6	0,5
2001	1541	12,9	0,9
2003	1731	8,0	0,7
2004	1667	7,1	0,5

“... Иқлими мусоиди иқтисодии шаҳрҳо дар пешрафти матбуот такони ҷиддӣ мебахшад. Матбуоти шаҳрӣ дар Русия қисмати бузурги матбуоти кишварро ташкил медиҳад ва аз нисф зиёди онҳо ҳафтанома мебошанд” [10, с.61].

Аз ҷадвали боло бармеояд, ки дар замони шӯравӣ шумораву номгӯи матбуоти шаҳрӣ дар Русия кам будааст. То соли 2005 қариб панҷ маротиба афзудани номгӯи нашрияҳо далели аз нигоҳи иқтисодӣ пеш рафтани шаҳрҳост. Ҳамзамон қиёси солҳои шӯравӣ ва Русияи мустақили имрӯза нишон медиҳад, ки шумораи нашрияҳои ноҳиявӣ рӯ ба камшавӣ доранд. Пас, имрӯз месазад гӯем, ки неруи матбуоти шаҳрӣ дар қиёс бо ноҳиявӣ бештар мебошад. Ин маънои

онро надорад, ки матбуоти ноҳиявӣ дар майдони рақобатҳо ноустувор аст. Тавре маълум аст, шаҳрҳо ҳамчун марказҳои саноативу тиҷоратӣ дар самти тиҷоратии нашрияҳо мусоидат менамоянд. Дар фазои иттилоотии Русия дар маҷмӯъ неруманд гаштани матбуоти маҳаллӣ бештар падидор аст. Ин дар ҳолест, ки аксарият гумон мекарданд, ки матбуоти маҳаллӣ дар шароити нави бозаргонӣ ҳама нуфузу неруи худро ба зудӣ аз даст медиҳад: «Чанд даҳсола қабл, дар оғози бозсозии сохти нав бисёриҳо аз марги қарибулвуқӯи матбуоти маҳаллӣ ҳарф мезаданд. Чунин андешае матраҳ буд, ки ин навъи матбуот ба шароити муносибатҳои бозорӣ тоб оварда наметавонад» [10, с.62]. Аммо раванди инкишофу таҳаввул нишон медиҳад, ки ин навъи матбуот неруи аз дастрафтаи худро барқарор кардан низ мехоҳад. Аллакай, мутобиқ шудани ин навъи матбуотро дар шароити нави муносибатҳои бозорӣ ҳамагон воқифанд. Ҳарчанд дар ин масъала кишвари мо дар ҳолати гузариш қарор дорад, аммо дар Русияву Қазоқистон барин ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ ҳолати хуб ва ҳатто неруи чашмраси матбуоти маҳаллӣ мушоҳида мешавад. Матбуоти маҳаллии ин кишварҳо бо матбуоти марказӣ дар бархӯрду рақобат қарор гирифта истодаанд. Матбуоти маҳаллии мо ҷойи инкор нест, ки рисолати ахбории худро аз даст додааст. Табиист, ки ин ҷиҳат эътибору нуфузи рӯзномаҳои маҳаллиро коста менамояд. Аммо рӯзномаҳои маҳаллии мо имрӯз аз матолиби ғайрииттилоотии таҳлилие истифода мебаранд, ки хусусияти таблиғиву ташвиқиро бештар соҳибанд. Манзур публитсистикаи матбуотист, ки имрӯз истифодаи он дар саҳифаҳои ин навъ матбуот доманаи васеъ дорад. Публитсистика бошад, ҳеҷ гоҳ барои матбуот бегона нест, балки онро ҳатто силоҳи журналистика меноманд: “дар баробари ин, барои фаъолияти сиёсӣ журналистика дар ихтиёри худ силоҳи муқтадир дорад, ки он публитсистика мебошад” [3, с.158].

Ташаккулу пешрафти матбуоти маҳаллӣ дар шароити мубориза барои вақти холии аудитория ба чанд омил вобастагии зич дорад. Аз ҷумла:

1. Шароити пешрафтаи иқтисодии шаҳр, ноҳия, маҳал.
2. Аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ таъмин (соҳибсармоя).
3. Фарҳанг ва маънавиёти баланди мардуми як минтақа сарфи назар аз имконоти иқтисодӣ.
4. Рӯҳияи баланди иҷтимоиву интиқодии матолиби нашрияи як маҳал.
5. Ба марказҳои бузурги иқтисодӣ наздик будани маҳал, ноҳия ва шаҳр.
6. Ба назар гирифтани анъанаву урфу одати як маҳал аз ҷониби муҳаррир ва ҳайати эҷодии рӯзнома.

Нуқтаҳои боло худ таҷаммӯи неруи матбуоти маҳаллӣ ба шумор мераванд. Нишон додани ҷузъиёти дигари таҷаммӯи ин нерӯ баҳси тӯлонӣ хоҳад буд. Тавре маълум гардид, дар нерӯманд гаштани ин матбуот шароиту авзои хос мусоидат карда метавонад. Гузашти вақт ва паси сар кардани зинаҳои маълум неруи аз дастдодаи матбуоти маҳаллиро эҳё карда метавонад. Он чиз хушоянд аст, ки матбуоти кишвар матбуоти маҳаллии мо аз рӯйи теъдоди номгӯй мавқеи чандон бадро соҳиб нест. Мавҷудияти ҳудуди сад номгӯи ин типи нашрияҳо дар ҷумҳурӣ бозгӯи неруву иқтидори маълуми чунин матбуот аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик. Дастури таълимӣ / А.Азимов. – Душанбе, 1998. – 91 с.
2. Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 1. / С. Айнӣ. – Душанбе, 1977. – С.308.
3. Ворошилов В.В. Журналистика. Базовый курс. Учебник / В.В. Ворошилов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А. 2004. –700 с.
4. Горкий М. О печати: Сборник статей / М. Горький. - М.: Госполитиздать, 1962. – 367 с.
5. А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. Журналистикаи советии тоҷик. Васоити таълимӣ / А. Нуралиев. – Душанбе, 1989. - 174 с.
6. Муродов, М.Б. Аз се шохаи як илм / М.Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2014. – 232 с.
7. Мӯсоев А. Вахш, эй сарчашмаи илҳоми ман. Ҷашннома./ А.Мӯсоев. – Душанбе: Бухоро, 2017. – 167 с.
8. Набзи қалам - набзи Файзобод. – Душанбе, 2013. – 294 с.
9. Садуллаев А. Горизонты публицистики / А.Садуллаев. – Душанбе, 2009. – 306 с.
10. Типология периодической печати / М.Е.Аникина, В.В. Баранов и др.: под редакцией доктора филогических наук, профессора М.В.Шкондина, кандидата филогических наук, доцента Л.Л.Реснянской. Учеб. пособие. - М.: АСПЕКТ ПРЕСС, 2009. – 236 с.

ИМКОН ВА НЕРУИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Дар ин мақола дар бораи имкон ва неруи матбуоти маҳаллӣ дар қиёс бо дигар шаклҳои васоити ахбор сухан меравад ва чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки ҳар як нашрия доираи эътибору таъсири махсуси худро соҳиб мебошад. Таъйиноти идеологӣ, илмиву фарҳангӣ, сиёсиву иҷтимоӣ, адабиву маънавӣ ва ҳизбиву соҳавии ҳар як нашрия муайянкунандаи марзу ҳудудҳо ва муҳиту фазои ҳамон нашрия ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ имкону иқтидори ҳамон нашрия аст. Нашрияи маҳаллӣ низ доираи имкону иқтидори хосро соҳиб аст. Матбуоти маҳалии мо дар тӯли наздик ба навад соли мавҷудият вазифаҳои хосси худро мушаххас кардааст, ки мо онро имрӯз ба сифати неруву иқтидори он баҳогузорӣ карда метавонем. Яке аз вазифаҳои матбуоти маҳаллӣ созандаву таҳкимбахшандаи арзишҳои фарҳангӣ будани он аст. Матбуоти маҳаллӣ низ манбаи азбар кардани донишҳову ҷаҳонбиниҳо мебошад. Матбуоти маҳаллӣ афкори умуми як маҳалро дар алоҳидагӣ самт бахшида метавонад. Қонунияти дигаре вуҷуд дорад, ки матбуоти маҳаллӣ имкону қудрат дорад, ки дар сурати барҳам задани навоқиси техникиву молӣ вазифаи матбуоти марказиро ичро намояд. Имкони дигари матбуоти маҳаллӣ дастрасттар, маҳбубтар ва боэътимодтар будани он мебошад. Матбуоти маҳаллӣ аз оғоз чунин як хосиятеро соҳиб аст, ки формати мавзӯии худро дар як қолаб нигоҳ медорад. Ғайрифаврӣ будани матолиб, доиман ором ва якмаром нишон додани ҳаёти маҳал, рӯҳияи ками рухдодӣ дар маводҳо, ҳазар аз нашри маводи интиқодии шадид, истифода накардан аз усулҳои

замонавии пешниҳод (ҳангома ва шӯр) ва дигар омилҳо низ неруи махсуси он аст. Имкону иқтидори матбуоти маҳаллӣ дар шароити мубориза барои вақти холии аудитория ба шароити пешрафтаи иқтисодии маҳал (шаҳр, ноҳия, вилоят), шароити иқтисодии мардуми маҳал, фарҳангу маънавиёти мардуми маҳал, рӯҳияи баланди иҷтимоиву интиқодии матолиб, ба назар гирифтани анъанаву урфу одати як маҳал аз ҷониби муҳаррир ва ҳайати эҷодии рӯзнома вобастагии амиқ дорад.

Калидвожаҳо: иқтидор, рӯзнома, таъсир, ташаккул, ҳокимият, бунёдкорӣ, маҳаллӣ, таъйинот, таблиғ, анъана, мафкура, иттилоот, таҳлил.

ВОЗМОЖНОСТИ И СИЛА МЕСТНОЙ ПРЕССЫ

В статье рассматриваются возможности и сила местной прессы в сравнении с другими видами СМИ. Отмечается, что каждая газета в зависимости от своего авторитета по-разному оказывает влияние на идеологию своей аудитории. Роль и место каждой газеты и каждого журнала определяются их идеологическим, научно-культурным, политическим, социальным, отраслевым и духовным направлением, что обусловливает их место и роль в обществе. Местная пресса обладает определенным влиянием и силой в любом обществе. Автор доказывает, что местная периодическая печать последние 90 лет выполняла определенную функцию, что сегодня является определяющим фактором ее влияния в информационном обществе. Главной функцией местной прессы является укрепление и создание культурных и социальных ценностей в обществе, где она функционирует. Выясняется, что местная периодическая печать в информационном обществе способствует развитию политической и социальной культуры общества, и, тем самым, побуждает его к определенным действиям. Местная пресса не только отражает события, происходящие на конкретной территории, но и, в случае технического или финансового кризиса республиканских СМИ, может стать основным источником информации для населения страны. Специфика местной прессы также заключается в том, что она является доступным и достоверным источником информации для населения. Для местной периодической печати характерны спокойный тон, отсутствие сильного критического материала, всесторонний анализ культурной, социальной и политической жизни общества, отказ от публикации материалов, имеющих дезинформационный характер и ориентированный на манипулирование общественным мнением. Возможности и влияние местной прессы также проявляются в борьбе за информационный вакуум, создание хороших условий для населения города, провинции, области, развития социальной жизни местного населения, а также их культуры, образования, сохранения обычаев, традиций и культуры своего общества. Все это проявляется в каждой публикации местных журналистов, которые, в свою очередь, являются носителями культуры своего общества.

Ключевые слова: сила, местная пресса, общественное мнение, областное правительство, социальная культура, создание гражданского общества, пропаганда, культура, идеология, информация.

THE LOCAL PRESS: POWER AND OPPORTUNITY

Given article discusses the power and the opportunity of local press in comparison to other sorts of Mass Media. There is drawn a conclusion that each newspaper has its own peculiar area of influence. The ideological, cultural, scientific, political, social, literature, ethical, party and sectoral destinations of every paper define its boundaries and limits. Mentioned destinations have been considered the power and opportunity of specific newspaper. The local newspaper as well holds the specific power and peculiar opportunity. Within ninety years of existence our local press has specified once objectives and today we are able to appraise them as “local press’s power and opportunity”. One of the main objectives of local press is to construct and consolidate the cultural values. The local press also can serve as the source of gaining knowledge and widening world outlook. The local press can individually direct the mass consciousness of a region. Other regularity is that in case of technical and material elimination the local press can perform the function of central press. Another issue is that the local press is more available, more appreciative, and more confidential. Initially the local press had a temper of keeping the theme format in a specific frame. Showing the life of a region constantly in a peaceful and monotonous manner, avoiding from publishing intense critical articles, not using the modern method of presentation (sensation and disarray) and other factors are as well the significant vigor of the local press. In the conditions of struggle for audiences’ free time the possibility of the local press depends on the economically developed condition of a region (city, district, region), economical condition of the region’s residents, civilization and moral of a region residents, the social and economical elation of an article. While covering an issue by the editor and editorial staff taking into consideration the customs and traditions of the specific region is important.

Key words: power, newspaper, influence, formation, authority, creation, local, destination, agitation, tradition, ideology, information, analysis.

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, Associate Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 07+891.550+327(575.3)

БАРРАСИИ ҲАВОДИСИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАШРИЯҲОИ АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ

Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пӯшида нест, ки дар раванди ҷаҳонишавии ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаи муосир тарзи ҳаёти ҷадиде зуҳур менамояд, ки бар иттилоот асос ёфтааст. Бо густариши воситаҳои муосири иттилоърасонӣ ва шаклгирии ҷомеаи иттилоотӣ ҷойгоҳ ва таъсири ВАО дар ҷаҳони муосир қавӣ гардидааст. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки

давлатҳои абардқудрат фаъолияти ВАО-ро на фақат барои қонеъ гардонидани ҷомеа бо иттилоот, балки ҳамчун аслиҳа ҷиҳати таблиғ ва татбиқ намудани ҳадафҳои хеш истифода мебаранд. Аз ин рӯ, дар шароити рақобати иттилоотӣ, ки тамоми давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои худ устувор бошанд, ВАО барои таҳти таъсир қарор додани ҷомеа (аудиторияи васеъ) нақшу нуфузи боз ҳам бештар пайдо мекунад. Имрӯз рушди техника ва технологияи васоити ахбори оммаи электронӣ, аз ҷумла сомонаҳои интернетии нашрияҳои даврӣ барои ба таври фаврӣ расонидани ахбори рӯйдоду воқеаҳои ҷаҳон ба мардум имконияту шароитҳои васеъ фароҳам овардааст. Ба таъбири муҳаққиқ Самиева С.: “технологияҳои иттилоотӣ махсусан ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки онҳо хоҳ ба таври кушод ва ё хоҳ ба таври пинҳонӣ муносибатҳои худро нисбат ба масъалаҳои сиёсӣ ва воқеаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайян созанд” [7, с.133].

Солҳои охир нақши ВАО-и ҷаҳонӣ, аз ҷумла кишварҳои араб, ба таври назаррас хеле боло рафтааст ва қариб ки ягона василаи таъсиррасонии сиёсӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Махсусан, баъди ноором шудани вазъи давлатҳои Шарқи Наздик ВАО-и кишварҳои араб мақом ва нақши хосро касб карданд. Имрӯз шабакаҳои иттилоотии арабии “Алҷазира” (Қатар), “Аларабия” (АМА) ва “Алихбория” (Саудӣ) дар фазои иттилоотии ҷаҳон бо шабакаҳои бонуфузи ҷаҳони муосир дар рақобатанд. Қобили тазаккур аст, ки гарчанде мавзӯи нақши матбуоти давлатҳои араб дар раванди ҷаҳонишавии ҷомеа ва таъсири он ба инъикоси воқеаҳои рӯйдода аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик ҳанӯз мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифта бошад ҳам, дар журналистикаи рус ин самт то андозае аз ҷониби муҳаққиқон Ахмадулин Е.В. [3], Байрамова Э.К. [4], Орлова В.В. [6], Сухова Е.Ф. [9], Авад Ахмед Мохамед [1], Амар Ноха Ахмед [2] ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, якчанд рисола ва таҳқиқоти илмӣ низ нашр шудааст.

Имрӯз ВАО-и араб бо шароите, ки дорад, ҳам аз ҷиҳати сармоягузорӣ, иқтидори иқтисодӣ ва ҳам манфиатҳои сиёсӣ аз ҳама бештар соҳаи тараққикардаистода ба шумор меравад. Айни ҳол забони арабӣ забони давлатии 22 кишвари қитъаҳои Осиё ва Африқои шимолӣ аст. Байни кишварҳои араб ҳам давлатҳои шакли (сохт) давлатдориашон ҷумҳуриявӣ ва ҳам монархиявӣ мавҷуд аст. Аммо ҳамаи онҳоро як забон, як таърих ва як дин – Ислом муттаҳид месозад. Мутаассифона, имрӯз вазъи сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои араб (ба истиснои кишварҳои халиҷи Форс) ноором боқӣ мемонад. Мавриди зикр аст, ки вобастагии баъзе кишварҳои араб аз давлатҳои Аврупо, хусусан аз Англия, Франсия ва ШМА дар матолиби матбуоти давлатҳои араб низ таъсир мерасонад. Зеро, асосан рӯзноманигорони агентиҳои иттилоотии араб омодагӣ (тайёрӣ) ва коромӯзии худро дар ин кишварҳо мегузаранд, ки ин, албатта, дар партави сиёсати ин давлатҳо ба баъзе воқеаҳои ҷаҳон нигоҳ ва тафаккури ғарбӣ дар онҳо шакл мегирад. Ғайр аз ин, матбуоти даврӣ дар баъзе давлатҳои ақибмондаи (рушднаёфта) араб, ба мисли Ҷибутӣ, Яман ва Урдун аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ маблағгузорӣ мешавад, ки онҳо дар интихоби мавод (матолиб) шартҳои худро мегузоранд. Хулоса, ба таъбири муҳаққиқ “амалан дар ҳамаи давлатҳои араб ВАО ҳамчун олати ташкилкунандаи афкори омма, ки дар навбати худ ба ҳолати (вазъ) дохилии сиёсӣ ва идеологии онҳо таъсир мерасонад ва фазои риояи қонун ва ҳамдигарфаҳмиро ҷонибдорӣ мекунад” [5, с.163].

Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлолӣ ва барқарор кардани муносибатҳои гуногунҷабҳа бо олами араб мавриди таваҷҷуҳи ВАО-и ин кишварҳо қарор гирифтааст. Дар мақола инъикос ва баррасии рӯйдоду воқеаҳои Тоҷикистонро аз нигоҳи сомонаҳои интернетии нашрияҳои АМА, аз ҷумла, “Ал-Иттиҳод”(الاتحاد), “Ал-Баён” (البيان), “Ал-Халиҷ” (الخليج), “Ал-Айн” (العين) ва “Ал-Иморотулявма” (الإمارات اليوم) дар давоми се соли охир (2016-2018) мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) 18-уми декабри соли 1995 муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда, аз соли 2011 инҷониб сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА фаъолият мекунад. Президенти Тоҷикистон дар давоми соҳибистиқлолӣ се маротиба (16-18-уми декабри соли 1995; 9-13-уми апрели соли 2007 ва 16-17-уми марти соли 2016) ба АМА сафари расмӣ анҷом додааст, ки зимни боздидҳо 16 созишномаи (санад) муҳимми ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ба имзо расидааст, ки онҳо дурнамои муносибатҳои кишварҳои дӯсту бародарро муайян месозанд [8, с.78].

Маълумоти мухтасар дар бораи нашрияҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта:

Нашрияи “Ал-Иттиҳод” аввалин рӯзномаи расмӣ-давлатии Аморот буда, бори аввал соли 1969 дар Аморати Абӯ Дабӣ ҳафтае як маротиба ва аз соли 1976 ҳар рӯз ба табъ расида, ба таври ройгон ба муассисаҳо паҳн карда мешавад ва ҳамчунин дар фурӯш низ ҳаст.

Нашрияи расмии “Ал-Баён” дар Аморати Дубай аз моҳи майи соли 1980 ба нашр мерасад ва дуюмин рӯзномаи бонуфузи АМА ба шумор меравад.

Нашрияи хусусии “Ал-Халиҷ”, ки ба марҳум бародарон Тарим Умрон Тарим (تريم عمران تريم) ва доктор Абдуллоҳ Умрон Тарим (عبدالله عمران تريم) тааллуқ дорад, аз 19-уми соли 1970 фаъолият дорад.

Нашрияи хабарии “Ал-Айн” аз ҷониби соҳаи журналистика ("المجال للإعلام" تصدر عن) нашр мешавад, ки қароргоҳи асосиаш дар Аморати Абӯ Дабӣ ҷойгир буда, дар шаҳрҳои олами араб ба мисли Дубай, Ар-Риёз, Уммон, Қоҳира, Марокаш ва Тароблус намояндагиҳо дорад. Айни ҳол ҳайати таҳрирро доктор Алӣ ибн Рошид Ан-Наъимӣ роҳбарӣ мекунад, ки ҳамзамон вазифаи Ректори донишгоҳи АМА-ро иҷро мекунад.

Нашрияи “Ал-Иморотулявма” (الإمارات اليوم) бошад, шумораи якумаш 19-уми сентябри 2005 аз ҷониби муассисаи иттилоотии Дубай ба табъ мерасад.

Нашрияҳои мазкур дар баробари пахши ахбори расмӣ, инчунин ба инъикоси ҳаводису рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ карда, мардуми хешро иттилоъ додаанд. Масалан, нашрияи “Ал-Айн” рӯзи 29-уми декабри соли 2018 хабаре бо номи “Омадани аввалин гурӯҳи сайёҳӣ аз Тоҷикистон ба Шарму Шайх” нашр кардааст, ки дар он гуфта мешавад: “Гурӯҳи 187 нафараи сайёҳони тоҷик тавассути ширкати ҳавопаймои “Сомон Эйр” аз Душанбе ба фурудгоҳи Шарму Шайх расиданд”. Нашрия дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар Миср-Хусрав Нозирӣ хабар медиҳад, ки ширкат то баҳори соли 2019 ҳафтае як маротиба хатсайрро анҷом хоҳад дод. Ҳамчунин, сафир изҳори умедворӣ намуд, ки дар оянда бо талаби сайёҳони тоҷик, ки мехоҳанд аз Шарму Шайх дидан кунанд, хатсайрҳо зиёд хоҳад шуд. Сафир ишора кард, ки имсол наздики ҳазор сайёҳи тоҷик тариқи ширкатҳои ҳавопаймои қазоқӣ Мисрро зиёрат карданд [10].

Бояд қайд кард, ки нашрияҳо воқеаҳои рӯйдодаи Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои худ ба таври гуногун шарҳу эзоҳ ва маънидод мекунанд. Чунончи, соли 2018 яке аз сабабҳои дар сархати тамоми матбуоти ВАО-и хориҷӣ, аз ҷумла нашрияҳои АМА, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани Тоҷикистон ин ҳуҷум ба сайёҳони хориҷӣ ва ошӯб дар зиндони Хуҷанд мебошад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки инъикоси ин ахбор дар Агентии иттилоотии расмии Аморот ба назар намерасад. Ин аз он далолат мекунад, ки агентии расмии Аморот ба ин масъалаҳо (ҳаводису рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон) таваҷҷуҳ надорад. Аммо сомонаҳои интернетии нашрияҳои АМА ҷиҳати расонидани ахбори воқеаву рӯйдодҳои Тоҷикистон ба мардумашон фаъоланд.

Чунончи, нашрияҳои мазкур рӯзҳои 8-ум ва 9-уми ноябр вобаста ба ҳодисаи саркӯби ошӯб дар зиндони Хуҷанд ахбор нашр кардаанд, ки баъзе мавод объективона ва баъзеи дигарашон муғризона арзёбӣ шудааст. Чунончи, нашрияи «Ал-Иттиҳод» рӯзи 8.11.2018 аввалин шуда дар хусуси ин ҳодиса хабаре бо номи «26 кушта ҳангоми исёни дохили зиндон дар Тоҷикистон» пахш кардааст. Нашрия дар такя ба сарчашмаҳои амниятӣ хабар медиҳад, ки ҳангоми ошӯб дар дохили зиндони шаҳри Хуҷанд 24 нафар зиндонӣ ва ду посбон кушта шуда, шаш посбони дигар маҷруҳ шудаанд. Дар хабари мазкур гуфта мешавад, ки қаблан аз кушта шудани 20 зиндонӣ ва ду посбон хабар дода буданд. Дар зиндони шаҳри Хуҷанд, ки дар дурии 200 км аз шимолу шарқи пойтахт ҷойгир аст, чораҳои амниятӣ пурзӯр карда шудааст. Нашрия менависад, ки маҳбусони ин зиндон барои содир кардани ҷиноятҳои хатарнок, аз қабили куштор ва террор, аз ҷумла барои гаравидан ба ташкилоти террористии Давлати Исломӣ (ДИ) (ДОИШ, ИГИЛ – Қ.С.), ба муддати тӯлонӣ маҳкум шудаанд. Илова бар ин, нашрия дар такя ба «сарчашмаи амниятии дуюм» хабар медиҳад, ки дар занозанӣ даҳҳо зиндониён иштирок карда, аз шаби чоршанбе то рӯзи панҷшанбе давом кардааст. Маҳбусон бо олатҳои оҳанин аз сехи зиндон мусаллаҳ буданд. Ҳукумат баъди ба вуқӯъ омадани аъмоли занозанӣ дар зиндон чизеро тасдиқ накардааст. Дар хотимаи хабар омадааст: «Дар гузашта дар ин зиндон кӯшишҳои гурехтан буд. Соли 2016 ҳангоми кӯшиши фирори се нафар маҳбус як посбон ва ду зиндонӣ кушта шуд. Вазири ВКД таъкид кард, ки онҳо мехостанд баъди фирорашон аз зиндон ба сафи ташкилоти экстремистии ДИ бипайванданд» [11].

Худи ҳамон рӯз, яъне 8.11.2018 нашрияи «Ал-Айн» вобаста ба ин воқеа таҳти унвони «22 қурбонӣ (кушта) дар ҳодисаи занозанӣ дар зиндони Тоҷикистон» хабари кӯтоҳе чоп кардааст, ки дар он дар такя ба сарчашмаҳои амниятии Тоҷикистон менависад: «Панҷшанбе қувваҳои амниятӣ дар зиндони низомаш сахти шаҳри Хуҷанд, шимоли кишвар, ҳадди ақал 22 зиндониро куштанд. Воқеа шаби чоршанбе баъди сар задани ҳодисаҳои занозанӣ рӯй додааст. Ҳокимияти маҳаллӣ ҳодисаро тасдиқ кард, аммо маълумоти зиёд надод. Масъули ВКД гуфт, ки ҳодиса баъди ҳуҷуми зиндониён ба яке аз посбонон оғоз ёфт. Ҳокимият мегӯяд, ки зиндониён аъзои ташкилоти террористии ДОИШ ҳастанд». Ҳамчунин нашрия таъкид мекунад, ки Тоҷикистон мунтазам аз боздошт (ҳабс) ва маҳкум кардани тундравон рӯирост мегӯяд (эълон мекунад) ва моҳи июли гузашта ташкилоти террористии ДИ масъулияти ҳуҷумеро, ки чор сайёҳи ғарбӣ дар Тоҷикистон кушта шуд, ба дӯш гирифт» [12].

Ҳамчунин, вобаста ба ин воқеа нашрияҳои «Ал-Баён» ва «Ал-Халиҷ» низ бо сарлавҳаҳои шаклан ва мазмунан якхела, чунончи, «26 кушта дар ошӯби зиндони Тоҷикистон» ва «26 кушта дар ошӯби дохили зиндон дар Тоҷикистон» хабарҳои кӯтоҳ нашр кардаанд, ки ҳамаашон аз як сарчашма маншаъ мегиранд. Қобили зикр аст, ки аз омӯзиш ва таҳқиқи ахбори нашркардаи нашрияҳои АМА роҷеъ ба ин ҳодиса бармеояд, ки онҳо маҳбусони тарафдори ташкилоти террористии ДИ-ро сабабгори асосии ошӯб дар

зиндони Хуҷанд муаррифӣ кардаанд. Сарчашмаи ахборро аз Агентиҳои иттилоотии «Франс-Пресс» ва «Рейтерс» ишора кардаанд.

Роҷеъ ба ҳодисаи ошӯби зиндон дар Хуҷанд вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин рӯзи 22.11.2018 зимни нишасти матбуотӣ дар Брюссел иттилоъ дод, ки гурӯҳи ошӯбгарон, ки дар миёни онҳо асосан маҳкумшудаҳо барои узвият дар созмонҳои ифротӣ ва мамнуъ ба мисли гурӯҳи "Давлати исломӣ" мебошанд, мехостанд аз зиндон фирор кунанд. Дар натиҷаи ошӯб 21 нафар ошӯбгар ва ду корманди муассиса ба ҳалокат расида, панҷ нафар зиндонбонон низ ҷароҳатҳои вазнин бардоштанд. Вазир илова кардааст, ки 12 нафар аз ошӯбгарон ба ҳайси узви ДОИШ дар ҷангҳои Ироқу Сурия, се нафар узви гуруҳҳои ифротиву террористии "Ансоруллоҳ", ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва Ҷундуллоҳ ва шаш нафари боқимонда маҳкум ба ҷиноятҳои вазнине ба мисли роҳзаниву куштор ва қочоқи маводи мухаддир буданд". Ба қавли вазири корҳои хориҷӣ маъмурони зиндон дар аввал хостанд, ки ошӯбгаронро ба муколама даъват кунанд, вале онҳо ба муқовимати худ идома дода, хостанд, аз маҳбас фирор намоянд [13]. Айни ҳол дар муассисаи ислоҳии мазкур тафтишот идома дорад. Ин изҳорот нахустин шарҳи расмии мақомоти Тоҷикистон дар бораи ошӯби шаби 7-ум ба 8-уми ноябри 2018 дар муассисаи ислоҳии № 3/3-и Хуҷанд мебошад. Қаблан манобеи иттилоотии ғайрирасмӣ теъдоди кушташудаҳоро то панҷоҳ нафар ҳисоб карда буданд ва бархе расонаҳои мустақил бо такя ба наздикони зиндониҳо мегӯянд, ки бераҳмиву латукӯби маҳбусон аз ҷониби зиндонбонҳо, сабаби сар задани ошӯб шудааст.

Таҳқиқи маводи нашрияҳо вобаста ба ҳодисаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳое, ки дар задухӯрдҳои давлатҳои Сурияву Ироқ ширкат карда, майл ба гурӯҳҳои ифротгароию экстремистӣ доштанд, ҳатто дар зиндонҳо низ ором нестанд ва даст ба ҳадафҳои ғаразнок ва аъмоли террористӣ мезананд. Мақсад аз чунин корҳои душманона бадном сохтани давлати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ба қавли коршиносони масоили амниятӣ оид ба Осиёи Миёна "агар дар камераи (хона) 30 нафараи ҷиноятқорон як ё ду нафар аз "ҷиҳодӣ"-ро ҷой кунӣ, баъди якчанд моҳ 80%-и онҳо тарафдорашон мешаванд. Ҳатто баъзе гумоштагони (намояндагон) гурӯҳҳои террористӣ қасдан ҷиноятҳои сабук содир мекунанд, то ки дар зиндонҳо ба корҳои тарғиботӣ машғул шаванд" [14].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки хуб мешуд, агар Ҳукумати Тоҷикистон нафароне, ки бо гуноҳи аъмоли террористӣ ва майл доштан бо ташкилотҳои динӣ, ифротгароӣ ва иртиҷоиро аз дигар маҳбусон ҷудо нигоҳ медоштанд. Ҳамин низом дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон фаъолият дорад.

Воқеаи дигаре, ки соли 2018 сабабгори дар сархати расонаҳои кишварҳои араб, аз ҷумла АМА қарор гирифтани номи Тоҷикистон гашт, ин ҳуҷум ба сайёҳони хориҷӣ буд. Роҷеъ ба ин ҳодиса ҳамаи нашрияҳои мавриди омӯзиш қароргирифта вобаста ба манфиатҳои худ ахбор нашр кардаанд. Масалан, рӯзи 30.08.2018 хабари аввалро нашрияи "Ал-Иттиҳод" дар такя ба сарчашмаҳои иттилоотии ҷаҳон таҳти сарлавҳаи "ДОИШ ҳуҷум бар сайёҳон дар Тоҷикистонро ба зимма гирифт" чоп кардааст, ки дар он зикр мешавад: "Ташкилоти давлати исломӣ рӯзи душанбе масъулияти кушта шудани чор сайёҳи ғарбие, ки тариқи мошин дар Тоҷикистон пахш (қатл) шуданд, ба уҳда гирифт. Ҳокимият низ дирӯз сайёҳони кушташуда аз кишварҳои Амрико, Шветсария, Нидерландия ва маҷруҳ шудани се нафарро тасдиқ кард". Ҳамчунин нашрия дар такя ба сабти радиои Аврупои озод (راديو أوروبا الحرة) дар бораи инъикоси раванди ҳодиса менависад, ки мошине дар манзараи тахминие аз пас (пушт) баъди пахши гурӯҳи велосипедронон дар кӯчаи танг давр зада, аз болои чанде аз он онҳо такроран рафту омад кард". Сипас, маълумот медиҳад, гумонбаршудагон аз 18 то 21-сола ва Сафорати Амрико воқеаро тасдиқ кардааст [15].

Сомонаи интернетии нашрияи "Ал-Айн" рӯзҳои 30-юм ва 31-уми июли 2018 дар такя ба Агентиҳои иттилоотии ҷаҳон, асосан "Франс-Пресс" ва "Рейтерс" вобаста ба ин ҳодиса се матолиб бо сарлавҳаҳои "Силоҳбадастон дар паси куштори чор сайёҳи хориҷӣ дар Тоҷикистон", "Қотили сайёҳон дар Эрон машқ кардааст" ва "ДОИШ масъулияти ҳуҷум дар Тоҷикистонро ба дӯш мегирад" нашр кардааст. Чунончи дар хабари якум аз номи вазири корҳои дохилии Тоҷикистон менависад, ки "гумонбаршудагон корд ва силоҳҳои оташфишон (أسلحة نارية) доштанд" ва ҳангоми гузаронидани амалиёти махсуси милитсия як гумонбаршуда дастгир ва ду нафари дигараш кушта шуданд. Дар хабар аз ҳалокати чор нафар сайёҳ ва ду маҷрӯҳ хабар додааст, дар ҳоле ки сомонаҳои "Ал-Иттиҳод"ва "Ал-Халиҷ" се нафар маҷрӯҳ навиштаанд. Дар хабар гуфта мешавад, ки қаблан воқеаро ҳодисаи нақлиётӣ эълон карда буданд [16]. Хабар ҳангомаҷӯёна аст, зеро воқеият ин аст, ки аввалан гумонбаршудагон бо яроқи оташфишон мусаллаҳ набуданд ва дуюм вазири ВКД-и Тоҷикистон низ ин суханро тасдиқ накардааст.

Сомонаи нашрияи "Ал-Халиҷ" бошад, баъди ду рӯзи ҳодиса рӯзи 31.07.2018 хабаре бо номи "Тоҷикистон: куштори чор сайёҳ бо мошин ... ва "ДОИШ" ба зимма гирифт" чоп кардааст, ки илова ба ахбори пешин дар такя ба суханони вазири ВКД менависад:

“ҳангоми таъқиби ҷинояткорон аз тарафи қувваҳои амниятӣ чор нафар кушта ва панҷумаш боздошт шуд. Мо ҳамаи фарзияҳоро – садамаи нақлиётӣ, дуздӣ аз ҷумла амали террористиро низ меомӯзем”. Аз номи намояндаи сафорати Амрико дар Тоҷикистон менависад, ки номи қурбоншудагонро эълон карда наметавонад, аммо воқеияти ҳодисаро тасдиқ мекунад. Ҳамзамон дар изҳороти сафорат ваҳшонияти ҳуҷумгарон сахт маҳкум мегардад ва ба қавли онҳо ин ҳодиса дар ягон шакл меҳмондӯстиву некигаромои халқи тоҷикро ифода карда наметавонад [17]. Аммо дар баъзе ҷузъиёти алоҳидаи ин хабар мавқеи ғаразҷӯёнаву иғвоангезӣ ба назар мерасад. Ба таври намуна онҳо аз бархӯрдҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум ёдовар гашта, аз мухолифати ҳукумат ва неруҳои ифротӣ ишора менамоянд.

Оиди макони ҳодиса нашрияҳо ба хонандагон маълумоти гуногун пахш кардаанд. Чунончи, нашрияи “Ал-Айн” менависад, ки ҳодиса дар масофаи 150 км канортар аз ҷануби пойтахт ба вуқӯъ омадааст. Нашрияи “Ал-Халиҷ” бошад дар ду хабар ин мавзӯъро зикр менамояд. Дар хабари аввал минтақаи деҳнишин 90 км ҷанубу шарқи пойтахт ва дар дуюмӣ 70 км ҷанубу ғарби Тоҷикистонро таъкид карда мешавад.

Нашрияи “Албаён” баъди се рӯзи ҳодиса, яъне 1.08.2018 бо сарлавҳаи ҳангомавӣ “Тоҷикистон: роҳбари ҳуҷум алайҳи сайёҳон дар Эрон машқ кардааст” хабар ба нашр расонида, дар такя ба суханони Вазири ВКД Рамазон Ҳамро Раҳимзода менависад, ки роҳбари гурӯҳе, ки ҳуҷумро амалӣ сохт, дар Эрон тамрин кардааст. Қаблан ин воқеаро ҳодисаи нақлиётӣ эълон карда буданд. Ҳамчунин, нашрия таъкид месозад, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар пушти ин воқеа, ки чор нафар сайёҳ аз Амрико, Шведсария ва Нидерландия ба ҳалокат расиданд, ҳизби манъшударо (ҲНИТ- Қ.С) гунаҳгор медонад. Нашрия дар такя ба изҳороти вазорати дохилӣ менависад, ки гӯё чор нафари дигарро боздошт кардаанд ва ҳизби наҳзати Тоҷикистонро барои ҳуҷум муҷрим донистанд. Мувофиқи маълумоти боздошташудагон онҳо мехостанд баъди ҳуҷум ба Афғонистон фирор кунанд [18].

Мувофиқи маълумоти расмии Тоҷикистон ҳангоми таъқиби ҷинояткорон роҳбари гурӯҳ – Ҳусайн Абдусамадов боздошт ва чор ҳамроҳонаш кушта шуданд.

Бояд зикр кард, ки соли 2017 дар пайи ҳуҷум ба сайёҳони хориҷӣ муносибатҳои Тоҷикистон ва Эрон дар сархати расонаҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар нашрияҳои АМА мавриди таваҷҷуҳи бештар қарор гирифтааст. Дар пасманзари сардии ин равобит нашрияҳои АМА вобаста ба манфиатҳои худ ахбор ба нашр расонидаанд. Чунончи, нашрияи “Ал-Баён” рӯзи 13.07.2017 вобаста ба муносибати Тоҷикистону Эрон гузориши муфассале бо номи “Тоҷикистон: баста шудани идораҳои эронӣ ва манъи осори Ҳумайнӣ” ба табъ расонидааст, ки дар он иттилоъ медиҳад, ки тайи ҳафтаи гузашта сафорати Эрон дар Тоҷикистон идораҳои намояндагии тиҷоративу фарҳангии худро дар шаҳри Хуҷанд шимоли кишвар баст. Ҳамчунин, ҳокимияти Тоҷикистон фурӯши осори асосгузори низоми Эрон - Руҳулло Ҳумайнӣ ва дигар намояндагони машҳури динии эрониро манъ кард. Дар такя ба хабари радиои Тоҷикистон менависад, ки дар шаҳри Хуҷанд маркази машҳур бо номи “Эрониён”, ки нависандагони маҳаллиро дастгирӣ мекард, китобҳояшонро ба табъ мерасонид ва сафарҳои илмии ҷавонони тоҷик ба Эронро анҷом медод (ташкил мекард), баста шуд. Нашрия сабаби баста шудани чунин намояндагиҳоро аз номи ҳокимият бо таъбири “ҳоҷати фаъолияти ин идораҳоро зарур намешуморем” таъкид сохтааст. Ҳамзамон нашрия ёдовар мешавад, ки ҳокимияти Тоҷикистон давоми ду соли охир “Ҷамъияти имдоди имом Ҳумайнӣ”, “Идораи фарҳанги эронӣ” ва “Беморхонаи муштараки ташкилоти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистону Эрон” дар шаҳри Душанберо баст. Нашрия зикр мекунад: “Робитаҳои Тоҷикистону Эрон соли 2015 баъди он сард шуд, ки мақомоти Эрон раиси Ҳизби мамнуи наҳзати исломӣ-Муҳиддин Кабириро барои иштирок дар конфронси “Ваҳдати исломӣ” моҳи декабр ба Теҳрон даъват кард ва Кабирӣ ҳамчун “меҳмони хос” иштирок ва бо роҳбари Эрон Алӣ Хумайнӣ вохӯрӣ гузаронид. Тоҷикистон талаб мекунад, ки Эрон ҲНИТ-ро ҳамчун ҷамоати террористӣ эътироф кунад”. Нашрия илова мекунад, ки сардии муносибати ҳарду кишвар дар рӯзномаҳои русӣ низ мавриди инъикос қарор гирифтааст. Чунончи, рӯзномаи “Известия” дар такя ба сухани яке аз аъзоёни ҳайати Россия дар конфронси шаҳри Остана-пойтахти Қазоқистон менависад: “Сабаби напазируфтани узвияти Эрон ба Созмони ҳамкории Шанхай Тоҷикистон буд. Дар ҳоле ки Эрон узви нозир дар созмон аст, аммо Тоҷикистон узви муассиси он аст. Сабаби мухолифати Тоҷикистон барои узвияти Эрон дар Созмони ҳамкории Шанхай мулоқоти роҳбарияти воломақоми Эрон бо роҳбари оппозитсиони тоҷик буд”. Дар анҷоми гузориш таъкид мешавад, ки Эрон Бобаки Занҷониро дар дуздии миллиардҳо доллар аз фурӯши нефт, ки ба хазинаи давлат барнагардондааст, гунаҳгор медонад. Вазорати нафти Эрон мегӯяд, ки Занҷонӣ бештари маблағро дар бонкҳои Тоҷикистон гузоштааст, аммо Душанбе онро инкор мекунад” [19].

Аз ахбори шабакаҳои иттилоотии Тоҷикистон бармеояд, ки муносибаташ бо Эрон ба ҳадде тира шуд, ки ҳукумати Тоҷикистон ин кишварро ошкоро барои барангехтани низоъ дар ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳимоят аз терроризм муттаҳам кард. Нашрияи мазкур оид ба ин

мавзӯъ рӯзи 10.08.2017 дар такя ба пахши филми мустанад дар телевизиони давлатии Тоҷикистон, ки дар он Эронро ба мудохила дар даврони ҷанги дохилии Тоҷикистон муттаҳам мекунад, хабар нашр кардааст. Дар хабар омадааст, ки се нафар аз шаҳрвандони Тоҷикистон иҷрои куштори сиёсатмадорон ва шахсиятҳои номдори кишварро эътироф карданд ва солҳои 1994-2000 ба базаи ҳарбии Россия ҳуҷумҳо анҷом додаанд. Ҳамчунин онҳо мегӯянд, ки ҳам тамрини низомӣ ва ҳам сармоя дар Эрон гирифтаанд. Нашрия илова кардааст, ки ин аввалин эътирофоти ошкорои Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба дахолати Эрон дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 аст. Дар хотимаи хабар гуфта мешавад, ки "Равобити ду кишвар аз замоне, ки роҳбари ҳизби дар Тоҷикистон мамнуи наҳзати исломӣ дар конфронси Теҳрон (декабри 2015) иштирок кард ва аз ҷониби раҳбарияти Эрон пуштибонӣ дид, рӯ ба харобӣ овард" [20].

Дар нашрияи "Ал-Халиҷ" низ роҷеъ ба ин масъала ду матолиб бо сарлавҳаҳои "Тоҷикистон Эронро дар ҳамлаи ногаҳонӣ ба сайёҳони ғарбӣ муттаҳам мекунад" ва "Тоҷикистон Эронро ба дахолат дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум гунаҳгор медонад" чоп кардааст. Матолиби якум рӯзи 1.08.2018 дар асоси изҳороти ВКД-и Тоҷикистон навишта шуда, зикр мекунад: "Ҳусайн Абдусамадов, шахсе, ки ба ҳуҷуми сайёҳони хориҷӣ роҳбарӣ кард, дар Эрон омодагии ҳарбӣ ва идеологӣ гирифта, узви ҳизби мамнуи наҳзати исломӣ аст". Қайд кардан бамаврид аст, ки нашрия бо дарназардошти манфиатҳои ғаразноки хеш ҳизби мамнуи наҳзати исломиро ҳамчун ҳизби "муътадил, таҳаммулпазир" арзёбӣ кардааст. Чунончи: "Ташкилоти ДОИШ масъулияти ҳуҷуме, ки дар минтақаи Данғара ба вуқӯъ омад, ба дӯши худ гирифт, аммо ВКД-и Тоҷикистон инро инкор кард (напазируфт) ва ҳизби наҳзати исломиро, ки то манъ шуданаш дар соли 2015 "муътадил" ба ҳисоб мерафт, гунаҳгор донист". Ҳамчунин дар анҷоми хабар таъкид мешавад, ки намояндаи Эрон ин ҳама иттиҳомоти (даъвоҳо) Тоҷикистонро беасос номидааст [21].

Дар матолиби дуюм, ки рӯзи 10.08.2017 чоп шудааст, нашрия менависад: "Тоҷикистон аввалин бор Эронро ба дахолат дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ошкоро гунаҳгор мекунад" [22]. Ин хабар низ дар асоси пахши барномаи телевизиони давлатӣ навишта шудааст.

Нашрияи "Ал-Айн" низ рӯзи 9.08.2017 дар такя ба ахбори пешини нашрияҳои дигари Аморот роҷеъ ба муносибати Тоҷикистону Эрон ҳисоботе бо номи "Тоҷикистон Эронро расман дар алангаи ҷанги шаҳрвандӣ гунаҳгор мекунад" ба табъ расонидааст. Ин ҳисобот низ дар асоси филми мустанаде, ки телевизиони ҳукуматӣ намоиш дод, нашр шудааст. Нашрия менависад, ки се шаҳрванди Тоҷикистон як силсила кушторҳои сиёсатмадорон ва шахсиятҳои маъруфи кишварро эътироф карда, мегуфтанд, ки онҳо тамрин ва сармоягузориро дар Эрон гирифтаанд. Нашрия таъкид мекунад, ки эътирофот аввалин айбдоркунии ошкорои (рӯирост) Тоҷикистон нисбати Эрон дар дахолаташ дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 аст. Қобили тазаккур аст, ки нашрия Тоҷикистону Эронро ҳамчун давлатҳои форсизабон муаррифӣ кардааст: "Муносибат байни ҳарду кишвари форсизабон аз ҳузури ошкорои раиси Ҳизби мамнуи наҳзати исломӣ-Муҳиддин Кабирӣ дар конфронси моҳи декабри соли 2015 дар Теҳрон тезутунд шуд" [23].

Дар ҳамин ҳол, аз омӯзиши матолиби чопшудаи нашрияҳои Аморот вобаста ба муносибати Тоҷикистону Эрон бармеояд, ки хеле мутаваҷҷеҳи ин мавзӯанд. Нашрияҳои Аморот нисбати сиёсати ҳозираи Эрон некбин нестанд ва онро ҳамчун кишвари ҳимоятгари гурӯҳҳои ифротӣ муаррифӣ кардаанд. Бояд зикр кард, ки оид ба муносибатҳо Сироҷиддини Мухриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 12-уми феврали соли 2019 зимни нишасти хабарии ин ниҳод гуфт, ки дар равобити сиёсӣ миёни Душанбе ва Теҳрон як мушкили сиёсии кучак боқӣ мондааст ва умедворӣ намуд, ки муносибатҳо хуб хоҳанд шуд. Ба гуфтаи вазир дар равобити ду кишвар то сентябри соли 2015 мушкиле вуҷуд надошт. Аммо ба гуфтаи вай, мушкилоти сиёсӣ баъд аз он ба миён омад, ки бархе аз гурӯҳҳои сиёсиву молӣ дар Эрон аз ҲНИТ ҳимоят намуданд [24]. Дар маҷмӯъ, вокуниши мақомоти эронӣ ба ин қазия хеле эҳтиёткорона аст ва расонаҳои он кишвар бо нашри посухи сафорати Эрон, ки ҷавоби расмии он кишвар ба иттиҳомоти Душанбе аст, иктифо кардаанд.

Бояд зикр кард, ки солҳои охир дар сомонаҳои интернетии нашрияҳои гуногуни кишварҳои араб як маъракаи муғризонаи зидди Тоҷикистон идома дорад. Баъзе ҳодисаю воқеаҳои дар кишварамон рӯйдода аз тарафи нашрияҳои мазкур нодуруст тавзеҳ ва ташреҳ дода мешаванд. Чунончи, нашрияҳои "Ал-Иттиҳод" ва "Ал-Халиҷ" рӯзҳои 3-юм ва 4-уми ноябри 2017 дар такя ба агентии иттилоотии "Франс-Пресс" хабари шаклан ва мазмунан якхелаи ҳангомавӣ зери унвони "Тоҷикистон имомоне, ки дар хориҷа таълим гирифтаанд, меронад" чоп кардаанд. Нашрия аз номи "яке аз аъзоёни кумитаи дини назди ҳукумат" менависад: "Кумита иҷрои озод кардани ҳамаи имомонеро, ки дар хориҷи кишвар таълим гирифтанд, сар (оғоз) кард. Ӯ илова намуд, ки ҳамаи имомони таҳсилкардаи хориҷи кишвар барканор хоҳанд шуд ва ба ҷойи онҳо нафароне, ки дар кишвар таҳсил кардаанд, таъйин мешаванд". Ҳамчунин дар анҷоми хабар менависад, ки солҳои охир Тоҷикистон 20 (бист) нафар имомони таҳсилкардаи хориҷи кишварро бо

ҷурми рабт доштан бо фаъолияти ифротӣ маҳкум ба зиндон кард. Мардҳоро ба тарошидани риш маҷбур кард ва занонро аз пӯшидани ҳиҷоб, махсусан ранги сиёҳ манъ кард [25]. Матлаб ҳангомаҷӯёна, дурӯғ ва ғаразнок аст, чунки мувофиқи маълумоти Кумитаи дин дар ҳақиқат байни имомхатибоне, ки аз вазифа озод шуданд фақат ду ва ё се нафарашон хатмкунандагони мадрасаҳои хориҷи кишвар ҳастанду халос. Баъдан, Тоҷикистон кишвари соҳибистиқлол аст ва барои нигоҳ доштани фарҳанги миллӣ ва амнияти кишвар аз гурӯҳҳои манфиатдори ифротӣ чораҳо меандешад.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати мустақил ҷойгоҳи махсуси худро дар арсаи байналхалқӣ соҳиб мебошад. Рӯ овардан ба масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он аз ҷониби расонаҳои арабӣ ин далели дар минтақа нуфуз доштани кишвари мо ба шумор меравад. Сарфи назар аз чигунагии муҳтавои хабарҳо, баррасии номи кишваре чун Тоҷикистон ин як навъ муаррифии он мебошад.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзишҳо нисбат ба мақсади пешгузошта ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Нашрияҳои (Расона) арабӣ дар баррасии ҳаводису рӯйдодҳои Тоҷикистон чандон фаврияти баланд надоранд.
2. Ахбори таҳияшудаи расонаҳо бештар аз саҳифаҳои ВАО-и ғарбӣ гирифта мешавад, ки бозгӯи бевоситаи мавқеи онҳо намебошад.
3. Таҳрифи ахбор ба назар расида, муқоисаи факту рақамҳо нишон медиҳад, ки бештари онҳо пояи воқеӣ надоранд.
4. Дар баъзе хабарҳо рӯҳияи ҳангомаангезӣ ба мушоҳида расида, ҷанбаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст шарҳу тавзеҳ намеёбад.
5. Расонаҳои арабӣ бештар аз қолаби “нақли қавлгӯӣ” истифода кардаанд, ки рӯҳияи ғарбгароёна доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Авад Ахмед Мохамед. Особенности развития СМИ арабских стран в условиях глобализации на рубеже XX - XXI вв.: дис. ... канд. филол. наук. - Москва, 2003. - 167 с.
2. Амар Ноха Ахмед. Особенности СМИ в арабских странах и тенденции их трансформации, 80 - 90-е годы XX века. - Москва, 1998. - 161 с.
3. Ахмадулин Е.В. Система арабской журналистики (XIX-начало XXI вв.). Монография / Е.В.Ахмадулин, Вара Тарек Бассам. - Южный федеральный университет. г. Ростов-на-Дону: Изд: Lulu Press, Inc., Raleigh, North Carolina, 2016. - 190 с.
4. Байрамова Э.К. Функционирование СМИ арабских стран в условиях различных политических систем: на примере Иордании, Ливана и Сирии: диссертация ... кандидата политических наук / Э.К. Байрамова. - Санкт-Петербург, 2010. - 205 с.
5. Вара Тарек Бассам. Роль и функции арабской журналистики в мировом информационном пространстве / Тарек Бассам Вара // Известия Южного Федерального Университета. Филологические науки. - № 3. - 2010 г. - С. 161-166.
6. Орлова В.В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке / В.В.Орлова. - М.: «РИП-холдинг», 2003.
7. Самиева С.З. Таъсири васоити ахбори омма ба равандҳои сиёсии ҷомеа / С.З.Самиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Душанбе: Сино, 2013. - №3/6 (121). - С. 132-135.
8. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият / Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 320 с.
9. Сухова Е.Ф. Влияние правительства на деятельность арабских СМИ / Е.Ф. Сухова // Вестник Нижегородский университета им. Н.И.Лобачевского. - 2008. - № 1. - С. 190-193.
10. https://al-ain.com وصول أول فوج سياحي من طاجيكستان إلى شرم الشيخ، السبت 03:38 2018.12.29 مساء بتوقيت أبوظبي
11. 11. https://www.alittihad.ae/article/82668/2018/% 26 قتيلاً خلال تمرّد داخل سجن في طاجيكستان، 8نوفمبر 2018- 09:29
12. https://al-ain.com 22 قتيلا في أحداث شغب سجن بطاجيكستان، الخميس 04:31 2018.11.8 مساء بتوقيت أبوظبي، رويترز
13. http://www.cccp.tj/tj/siyosat/item/5481-sirojiddin-muhriddin-dar-oshubi-zindoni-hujand-21-nafar-bezarar-gardonida-shud.html Ҷумъа, Нояб 23 2018.
14. https://www.fergananews.com/tajikistan Александр Рыбин. Почему убивает спецназ, а ответственность берет на себя ИГИЛ. 12.11.2018 17:13 msk.
15. https://www.alittihad.ae داعش" يتبنى هجوما على سياح في طاجيكستان"30 يوليو 2018 - 11:53
16. https://al-ain.com مسلحون وراء مقتل 4 سياح أجانب في طاجيكستان، الإثنين 01:14 2018.7.30 مساء
17. http://www.alkhaleej.ae طاجيكستان: مقتل أربعة سائحين بسيارة... و«داعش» يتبنى، تاريخ النشر: 2018/07/31
18. https://www.albayan.ae طاجيكستان: قائد الهجوم على السياح تدرّب في إيران، التاريخ 01 أغسطس 2018
19. https://www.albayan.ae طاجيكستان.. إغلاق مكاتب إيرانية ومنع مؤلفات الخميني، التاريخ 13 يوليو 2017
20. https://www.albayan.ae/editors-choice/varity/2018-09-09-1.3353044 اعترافات: طاجيكستان: إيران أرسلت قتلة ومخرّبين لدعم متطرفين، 10 أغسطس 2017
21. http://www.alkhaleej.ae/page/ff9d4562-8abd- طاجيكستان تتهم إيران بالضلوع في اعتداء على سياح غربيين، تاريخ النشر: 2018/08/01
22. http://www.alkhaleej.ae/alkhaleej/page/2d4ba6d6-3420-4e36-ac1f- طاجيكستان تتهم إيران بالتدخل في حرب أهلية في التسعينات، تاريخ النشر: 2017/08/10
23. https://al-ain.com طاجيكستان تتهم إيران رسميا بإشعال الحرب الأهلية، الأربعاء 07:05 2017.8.9 مساء رويترز
24. http://mfa.tj/ 12.02.2019
25. https://www.alittihad.ae/article/82668/2018/% طاجيكستان تطرد الأئمة الذين درسوا في الخارج، دوشانبي (أ ف ب 3نوفمبر 2017

БАРРАСИИ ҲАВОДИСИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАШРИЯҲОИ АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ

Дар мақола инъикос ва баррасии баъзе ҳодисаву рӯйдодҳои Тоҷикистон дар сомонаҳои интернетии нашрияҳои давлати Амороти Муттаҳидаи Араб аз ҷумла, “Ал-Иттиҳод”(الاتحاد), “Ал-Баён” (البيان), “Ал-Халиҷ”

(الخليج), “Ал-Айн” (العين) ва “Ал-Иморотулявма” (الإمارات اليوم) дар давоми се соли охир (2016-2018) мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз омӯзиш ва таҳқиқи матолиби нашрияҳои мазкур бармеояд, ки дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб мавқеи хос доранд. Маводи нашрияҳо баёнгари он аст, ки ба ҳаводису воқеаҳои рӯйдодаи Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи махсус менигаранд. Нашрияҳои мазкур дар баробари пахши ахбори расмӣ инчунин ба инъикоси ҳаводису рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ карда, мардуми хешро иттилоъ додаанд. Ба назари муаллиф нашрияҳо воқеаҳои рӯйдодаи Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои худ ба таври гуногун гоҳе холисона ва гоҳе боғаразона шарҳу эзоҳ ва маънидод кардаанд. Муаллиф дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши матолиби нашрияҳои мазкур ба чунин хулоса омадааст: нашрияҳои АМА дар баррасии ҳаводису рӯйдодҳои Тоҷикистон чандон фаврияти баланд надоранд; Ахбори таҳияшудаи расонаҳо бештар аз саҳифаҳои ВАО-и ғарбӣ (Франс-Пресс, Рейтерс, Русия-Алявма) гирифта мешавад, ки бозгӯи бевоситаи мавқеи онҳо намебошад; таҳрифи ахбор ба назар расида, муқоисаи факту рақамҳо нишон медиҳад, ки бештари онҳо пояи воқеӣ надоранд; Дар баъзе хабарҳо руҳияи ҳангомаангезӣ ба мушоҳида расида, ҷанбаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст шарҳу тавзеҳ намеёбад.

Калидвожаҳо: хабар, нашрия, АМА, воқеа, рӯйдод, Тоҷикистон, таҳриф ...

ОСВЕЩЕНИЕ СОБЫТИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ИЗДАНИЯХ ОБЪЕДИНЁННЫХ АРАБСКИХ ЭМИРАТОВ

В статье рассматриваются вопросы отражения происходящих событий в Таджикистане интернет-сайтами изданий ОАЭ, в том числе “Ал-Иттиход”(الاتحاد), “Ал-Баян” (البيان), “Ал-Халидж” (الخليج), “Ал-Айн” (العين) ва “Ал-Иморотулявма” (الإمارات اليوم) на протяжении трёх последних лет. Результаты анализа материалов показывают, что данные издания играют важную роль в представлении Таджикистана в арабском мире. Материалы изданий говорят о том, что они смотрят на события Таджикистана с особым вниманием. Наряду с изданием официальных новостей данные издания также знакомят свой народ с событиями социально-политической жизни Таджикистана. С точки зрения автора, названные издания не всегда объективны в освещении событий Таджикистана. В результате анализа и изучения материалов изданий автор приходит к выводу: издания ОАЭ при освещении событий Таджикистана не обладают особой оперативностью; основная часть печатаемой информации данных изданий заимствуется из западных СМИ (Франц-Пресс, Рейтерс, Россия-Алявма), и, соответственно, не могут отображать их позицию; наблюдаются случаи искажений информации, сравнительный анализ фактов показывает, что большая их часть не имеют реальной основы; в некоторых новостях наблюдается сенсационный дух, который мешает правдиво отображать стратегию Правительства Республики Таджикистан.

Ключевые слова: новость, издание, ОАЭ, событие, Таджикистан, искажение.

CONSIDERATION OF TAJIKISTAN EVENTS IN THE UNITED ARABIC EMIRATES PUBLICATIONS

This article analyses attraction and consideration some Tajikistan events and social trial which printed during last three years (2016-2019) in the United Arabic Emirates countries’ state internet publications, such as “Al-Ittihod”, “Al-Bayen”, “Al- Khalij”, “Al- Ain”, “Al- Imoratulyvma”. Having studied and analyzed abovementioned publications’ materials, the author came into conclusion, that Arabic world has a special position. Publications’ materials shows, that they glance with particular attention to the event which occurred in Tajikistan. These publications in the course of broadcasting of official news, they informed their nations with the paying particular attention to the reflection of occurred events of political and social life of Tajikistan. In accordance to the author’s view point publication gave the reason with a glance to their benefits in the different ways, sometimes openly and sometimes objectively. The author during research came to such conclusion: the UAE’s publications in consideration of Tajikistan events are not so urgency; The preparation news of mediums is often takes from the western mass media’s pages (France-Press, Reuters, Russia – Alyavma) which do not answer to their position. Sometimes it seems shortening of news and some of them are not unreal; In some news you can feel spirit of provocation and the nature of Tajik government do not express correctly.

Key words: news, publication, United Arabic Emirates, events, Tajikistan, shortening.

Сведения об авторе: ***Каландаров Сарабек Давлатёрович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov Sarabek Davlatyorovich*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 811.161.1

ОИД БА ГЕМЕРОНИМИЯИ ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Амирбекзода Н.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Васоити ахбори омма ҷанбаи бузурги маърифатӣ дошта, дар ташаккули афкори солими ҷомеа нақши назаррас дорад. Ташаккули расонаҳои иттилоотӣ таърихи дурударозеро тай намудааст. Давраи аввали инкишофи расонаҳои иттилоотиро давраи то рӯзнома меномиданд, давраи дуюм давраест, ки рӯзномаҳо пайдо шуданд ва соҳиби номҳои хосси худ гардиданд. Дар ҷаҳони муосир расонаҳои иттилоотӣ абзори таъсиррасонӣ ба афкори одамон маҳсуб гардида, воситаи муҳимми муборизаи сиёсии доираҳои муайяне ба шумор мераванд ва шаклҳои гуногуни нашру пахш доранд. Ҳазорҳо номгӯй расонаҳои чопӣ (матбуот), овозӣ (радио), тасвирӣ (телевизион), нашрияҳои электронӣ ба пахши маводи иттилоотӣ ва таблиғотӣ машғуланд.

Номҳои воситаҳои ахбори омма (ВАО) яке аз бахшҳои луғати номшиносӣ буда, дар осори илмӣ тавассути истилоҳи махсус – ***гемероним*** (юн. *gemer «рӯз», «шабонарӯз», onim*

«ном») ифода меёбанд. Муаллифи «Фарҳанги истилоҳоти номшиносӣ» Н.В. Подольская гемеронимияро чун «номҳои хосси мақомоти матбуоти даврӣ, варақаҳои иттилоотӣ» шарҳ додааст [7, с.16].

Номшиноси маъруфи рус А.В. Суперанская дар доираи васеи номҳои хос номи ВАО-ро чунин тавсиф намудааст: «Исмҳои хосси марбут ба мақомоти матбуоти даврӣ, шабакаҳои телевизионӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радио ба унвони идораю муассисаҳо наздиканд, зеро таҳти чунин номҳо гурӯҳи одамон, ки дар асоси ҳадаф, ғоя ва муқаррароти муайян муттаҳид шуда, матолиби чопиро нашр ва барномаҳои телевизиониро пахш мекунанд» [8, с.246].

Бархе аз муаллифон номҳои хосси марбути ВАО-ро ба қатори ***идеонимҳо*** дохил намудаанд. Идеоним хелҳои гуногуни исмҳои хосро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти мафкуравӣ, ақидатӣ ва эҷодии инсон алоқаманданд. Аз ин ҷиҳат, номҳои ВАО бо маъно ва моҳияти худ ба афкору ҷаҳонбинӣ ва ақидаю назари инсонҳо робитаи зич доранд ва як гурӯҳе аз идеонимҳо мебошанд.

Номшиноси рус И.В.Крюкова номҳои хосси ВАО-ро дар дораи номҳои рекламавӣ баррасӣ намудааст. Ӯ гемеронимҳоро дар баробари дигар номҳои рекламавӣ: эргонимҳо (номҳои хосси муассисаҳои тиҷоратӣ, марказҳои тиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҳамшарикӣ, муассисаҳои ҷамъиятию сиёсӣ, созмонҳои варзишӣ, ташкилотҳои бонкӣ, ҷамоаҳои эҷодӣ), парагматонимҳо (номҳои хосси молу маҳсулотҳои корхонаҳои муайян), порейонимҳо (номҳои хосси тамғаи нақлиёт, қатора, тайёра ва ғайра), георотонимҳо (номҳои хосси чорабиниҳои эҷодӣ мисли ҷашнвораҳо, озмунҳо, сабқатҳо, тазоҳуроти сиёсӣ ва ғ.) мавриди омӯзиш қарор додааст [4, с.18].

Номҳои ВАО дар байни соири исмхои хос мавқеъ ва нақши махсус доранд, зеро ВАО дорои аломату моҳияти ягона мебошад, маводеро нашру пахш мекунад, ки дорои ҳадафҳо, мавзӯъҳо ва ҳам ғояҳои ягона буда, мунтазам дар истеъмол ҷорӣ мебошанд. Номҳои хосси марбути ВАО тибқи муқаррароти қонунгузорӣ сабти ном гардида, аз назари ҳуқуқӣ ҳифз мешаванд [2, с.4-7].

Пайдоиши исмҳои хоссе, ки номҳои ВАО-ро ифода менамоянд, ба давраи муайяни инкишофи таркиби луғавии забон рост меояд, ки зарурати номгузории соҳаи мазкур ба миён омадааст. Лозим ба ёдоварист, ки гемеронимия на танҳо номи рӯзномаю маҷалла, шабакаи телевизионию радиоӣ, балки унвони барномаҳои радио ва телевизион, унвони филмномаҳои гуногуни иттилоотӣ, номҳои оҷонсиҳои хабарӣ ва сомонаҳои интернетиро низ дар бар мегирад. Бахши мазкури исмҳои хос қонуниятҳои пайдоиши худро дорад ва дар доираи қонунмандиҳои гузариши исмҳои ом ба исмҳои хос арзи вуҷуд менамояд. Аз исмҳои аппелятивӣ таркиб ёфтани гемеронимҳо дорои қонуниятҳои муайяне мебошад, ки ба тобиши маъно, дарки маънии исми ҷинс дар шуури забонии соҳибзабонон ва ҷиҳатҳои ҷозибанокӣ ва муассирии вожаҳои аппелятивӣ иртиботи зич дорад. Гемеронимия ба мақулаҳои канонии ономастикӣ дохил мешавад, зеро аз рӯйи пайдоиш нисбат ба дигар намуди номҳои хос дертар пайдо мешавад. Бунёди чунин номҳои хосро ба ғайр аз исмҳои хосси муқаррарӣ, инчунин вожаҳои аппелятивӣ ташкил додаанд.

Раванди номгузории ВАО ба фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни эҷодӣ вобастагӣ дорад. Лозим ба ёдоварист, ки гемеронимияи фазои иттилоотии Тоҷикистон низ таърихи худро дошта, ба пайдоиш ва рушди расонаҳои иттилоотӣ дар мамлакат робитаи зич дорад. Аз ин рӯ, гемеронимияи тоҷикро ба ду давра метавон ҷудо кард: а) давраи Шӯравӣ; б) давраи истиқлолият. Интихоби номҳо дар ин ду давра аз ҳамдигар тафовут дорад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ аксари рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо тамоюли идеологӣ доштанд, дар давраи пасошӯравӣ рӯзномаҳо, оҷонсиҳои иттилоотӣ, радиоҳо шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳои иттилоотӣ ва дигар расонаҳои мустақилу ғайридавлатии ахбор таъсис ёфтанд. Ҳадаф ва муҳтавои мундариҷаю мазмуни ВАО низ тағйир ёфт.

Раванди номгузории гемеронимҳо ҳадафмандона, ғайритабиӣ ва дақиқан эҷодшуда сурат мегирад. Номҳои ВАО ба омилҳои ғайризабонӣ робитаи зич дошта, мероси фарҳангӣ – таърихӣ, вазъи сиёсию идеологӣ ва моҳияти асноди қонунгузориро инъикос мекунад. ВАО воситаи муҳимми таъсиррасон ба афкору рӯҳияи ҷамъият мебошад. Бинобар ин, интихоби ном барои расонаҳо бо тарзу усулҳои гуногун сурат мегирад.

Номҳои гемеронимӣ дар забони тоҷикӣ то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Номҳои ВАО дар забони тоҷик шаклу қолабҳои гуногунро дар бар мегиранд ва ин гурӯҳи номҳоро метавон аз чанд дидгоҳ мавриди баррасӣ қарор дод:

- аз назари ғайри забоншиносӣ, ки ду ҷанба дорад: таърихӣ ва мафкуравӣ (идеологӣ);
- аз назари забоншиносӣ (вижагиҳои маънои когнитивӣ (маърифатӣ).

Гемеронимҳо дар заминаи қонуниятҳои таҳаввули маъноию луғавӣ, қолабҳои калимасозӣ ва наҳвии забон ба вуҷуд меоянд. Агар аз ҳамин нукта ба номгузории ВАО дар забони тоҷикӣ назар андозем, мебинем, ки номҳо дар давраи аввали рушди расонаҳои ахбор дар Тоҷикистон аз номҳои давраи дуюм тафовут доранд.

Азбаски гемеронимия қабати тағйирёбанда дар фазои ономастикӣ маҳсуб меёбад, иддае аз муҳаққиқон ба раванди номгузории расонаҳои ахбор машғул шуда, усул ва

тарзҳои номгузориро дар гемеронимия мавриди омӯзиш қарор додаанд [6, с.108-111; 10, с.104-110].

Дар номгузории онимҳои номенклатурӣ аз назари луғавӣ тарзу усулҳои зерин муайян карда шудааст:

- калимасозӣ;
- семантикӣ (иқтибос, гузариш аз як услуб ба услуби дигар);
- фонетикӣ (баҳамоии овозҳои алоҳида дар ҳамоишҳои нав);
- комплексӣ (истифодаи тарзҳои гуногун) [5, с.26].

Тарзҳои номбаршудаи номгузорӣ дар номгузории ВАО низ татбиқи худро меёбад. Таҳти мафҳуми тарзҳои номгузорӣ «қолабҳои махсуси ономасологӣ, ки дар асоси ҷанбаю аломатҳои умумии ба назар намоёни ашёҳои якхела ба вуҷуд омадаанд», дар назар дошта мешаванд [1, с.12].

Барои ВАО тарзҳои зерини номгузорӣ муайян гардидааст: [3, с.169-170].

- мушаххассозанда, мушаххаскунанда;
- шартӣ – рамзӣ;
- рамзӣ.

Таҳлилу баррасии вижагиҳои номгузории ВАО – и Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тарзҳои номбаршуда дар гемеронимия татбиқи худро меёбад.

Ба номҳои мушаххассозанда гемеронимҳое дохил мешаванд, ки дорои чунин аломатҳо мебошанд:

- ғояҳои асосӣ ё мавзӯи нашрия, шабакаҳои телевизионӣ, барномаҳои радиоӣ ва телевизиониро инъикос мекунанд;
- макони нашру пахши ВАО-ро нишон медиҳанд;
- ишора ба ашхосе ё қишри мардуме, ки расона барои онҳо пешниҳод мешавад;
- ишора ба таъсискунандагон, бунёдгузорон, барандагон, муаллифон, маблағгузорони ВАО.

Дар мавридҳои алоҳида ду ва ё зиёда аломат метавонад дар номгузории як расонаи хабарӣ ба эътибор гирифта шавад. Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки принсипи мушаххаскунанда дар гемеронимияи тоҷикӣ нақши асосӣ доштааст. Аз назари мушаххассозӣ, моҳият ва мазмуни нашрия гемеронимҳоро метавон чунин тасниф кард:

А. Гурӯҳи муайяни гемеронимҳо ба мавзӯъ ва самти нашрия далолат мекунанд. Ин гурӯҳи номҳо ба тарзи луғавӣ – наҳвӣ ва луғавӣ - маъноӣ таркиб ёфтаанд, ки дар қолаби таркибҳои ҷуфт, ибораҳои изофӣ ва як вожаи алоҳида шакл гирифтаанд (*Боҷу хироҷ, Адабиёт ва санъат, Ҷаҳони паём, Паёми андоз).*

Бархе аз гемеронимҳои мушаххассоз бо роҳи луғавӣ – семантикӣ таркиб ёфтаанд. Дар натиҷаи гузариши исмҳои ом ба исмҳои хос воҳидҳои нави ономастикӣ пайдо шудаанд. Истилоҳоти бахшҳои гуногун, вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои номенклатурӣ, техникӣ ба самти нашрия далолат мекунанд (*Омӯзгор, Даво, Оила, Нақлиёт, Бинокорон).*

Б. Гемеронимҳое, ки ба макони нашр ва самту мавзӯи нашрия далолат мекунанд, бештар дар қолаби ибораҳои изофӣ бо роҳи луғавӣ – синтаксисӣ шакл гирифтаанд (*Ҷавонони Тоҷикистон, Бонувони Тоҷикистон, Маърифати Шуғнон, Пайғоми Рушон, Ҳақиқати Ҷиликӯл, Навиди Балх, Бешкент, Набзи Бохтар).*

Дар номҳои нашрияҳои ахбор вожаҳои махсуси ифодакунандаи расонаҳо ва далолат ба вазифаҳои онҳо мавриди истифода қарор мегиранд (барнома, паём, навид, ҳақиқат, ахбор ва ғ.). Ин калимаҳо ба сифати истилоҳоти номенклатурӣ ба кор нарафта, ба сифати ифодаи мафҳумҳои алоқаманд ба нашриҳо ба кор бурда мешаванд. Дар таркиби гемеронимҳо вожаҳои мазкур вазифаи мушаххассозӣ ва таъйинсозиро иҷро мекунанд. Ин қабил номҳо бештар аз исму исм ва исму сифат таркиб ёфта, ҷузъи дуюм ба макон, ба касбу машғулият, макону замон ва шахс, соҳиби нашрия далолат менамоянд. Тарзи луғавӣ – маъноии номсозӣ дар ин қабил гемероним истифода шудааст. Ба номҳои мушаххассозӣ инчунин гемеронимҳои кӯтоҳкардашуда дохил мешаван. Масалан: *ТВС, ТВБ* ва ғайра.

В. Гемеронимҳое, ки барои қишри муайяни одамони касбу кори гуногун таъйин шуда, ба унвони самти муайяни иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Ин бахш номи нашрияҳоеро ифода мекунад, ки ба доираи муайяни иҷтимоӣ пешниҳод мешаванд. Бештар ба тарзи луғавӣ – наҳвӣ дар қолаби ибораҳои изофии дуҷузъа ва таркибҳои ҷуфт шакл гирифтаанд (*Ҳомии омӯзгор, Минбари халқ, Садои мардум, Газетаи муаллимон).*

Ин гуна номҳои нашрияҳо байни номҳои мушаххассоз ва номҳои шартӣ - рамзӣ мавқеи мобайнӣ доранд. Бо исмҳои гуногуни шахси ифодакунандаи касбу ихтисос номи нашрия ифода ёфтааст ё номи хосси маъмулии занона, номи хосси мардона, исмҳои хосси ситора ва монанди инҳо ба сифати номи рӯзнома ва маҷалла омадаанд (*Фирӯза, Мушфиқӣ, Пайрав, Парвин, Камоли Хуҷандӣ ва ғ.*).

Г. Гемеронимҳое, ки ба ҷиҳатҳои замонии нашру пахши нашрия далолат мекунанд ва бештар бо тарзи луғавӣ – наҳвӣ шакл гирифтаанд ва чунин паҳлуҳоро инъикос мекунанд:

- даври нашри расонаро таъкид мекунанд (*Имрӯз, Ҳафта, Имрӯз(радио), Вақт).*

• замони нашри барнома, нашрияро нишон медиҳад: *Шоми Душанбе, Вчёрка(ба забони русӣ),Субҳи Шаҳритуз).*

• муҳлати идомаи барномаро таъкид мекунанд, бо роҳи луғавӣ – маъноӣ шакли гирифтаанд (*Субҳ, Бомдод).*

Д. Гемеронимҳое, ки дар робита ба номи таъсисдиҳандагони рӯзномаю маҷалла, радио, телевизион ва дастандаркорони барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ бо роҳи луғавӣ - семантикӣ номгузорӣ шудаанд. Корбурди ин гуна номҳо бештар ба омилҳои ғайризабонӣ иртибот гирифта, нақши таъсисдиҳанда, муаллиф, барандаи намоишҳо дар шаклгирии чунин гемеронимҳо назаррас аст.

Гемеронимҳои рамзӣ – шартӣ, чунин номҳое мебошанд, ки моҳияти воқеии хусусияти ин ё он нашрияро ифода накарда, бавосита (ё шартан) бо маънои маҷозӣ ифода мекунанд [3, с.169] ва бо роҳи таҳаввулоти семантикии исмҳои хоссу ҷинс таркиб ёфтаанд *(Оила, Ваҳдат, Гулистон, Гулзор, Зангӯла, Фараж).*

Инчунин, дар натиҷаи пайваст шудани вандҳои гуногуни калимасоз чунин гемеронимҳо шакл мегиранд ва дар ин маврид яке аз ҷузъҳо ба мавзӯъ ва самти нашрия далолат мекунад. Бахши дигари гемеронимҳои шартӣ – рамзӣ ба воситаи ҷумлаҳои хитобӣ, вожаҳои кӯдакона, нидоҳо ва ҷонишинҳои шахсӣ таркиб меёбанд (*Ману ту, Офтобак, Помир*).

Номҳои рамзӣ бо маънои умумии мусбат бо объекти номгирифта ягон робита надоранд. Ин бахши номҳои гемеронимӣ бо роҳи луғавӣ – маъноӣ сурат мегиранд *(Самак, Анбоз, Фараж, Навниҳол, Чашма, Ахтарон, Ҷайҳун, Кушониён).*

Дар таркиби бахши мазкур вожаҳо ба маънии бунёдии «садо», «оташ» ва ғ. ба кор бурда мешаванд*(Машъал, Гулхани Восеъ, Овози тоҷик).*

Аз назари дастурӣ баррасӣ намудани гемеронимҳо барои муайян намудани мавқеи ҳиссаҳои нутқ дар номгузории нашрияҳои иттилоотӣ аҳаммияти амалию назариявӣ дошта, равандҳои ба исми хос табдил ёфтани қолабҳои гуногуни грамматикиро муайян мекунад. Дар аксари маворид хелҳои гуногуни исм ба сифати номи расонаҳо истифода бурда мешаванд. Зеро исмҳо мафҳуми ашёро ифода карда, мушахас месозанд. Моҳиятнокии ашё ва номи он вижагии барҷастаи исми хос мебошад. Аз ин рӯ, исм асоси номҳои хосро ташкил медиҳад ва ҳиссаҳои дигаре, ки номи хосро ифода мекунанд, вижагии исмиро соҳиб мешаванд. Инчунин, ҳатто ибораҳои алоҳидаи ифодагари номҳои хос аломатҳои исмиро доро мешаванд [8, с.109].

Аз соири аҷзои дастурии сухан зарфҳо, сифатҳо, феъл, нидо, воҳидҳои хулосакунанда низ дар номсозӣ нақше дошта метавонанд.

Дар номсозии нашрияҳо қолабҳои гуногуни ибора нақши муҳим доранд. Қолаби серистеъмол ибораҳои қолаби исму исм мебошанд. Номи хосси расонаҳо дар қолаби ибора дар адабиёти илмӣ таҳти унвони ситаксема ёдоварӣ шудаанд. Ёдоварӣ намудан бамаврид аст, ки дар замони Шӯравӣ гемеронимияи қолаби исму сифат корбурди васеъ доштанд (*Тоҷикистони сурх, Шарқи сурх, Бадахшони сурх).* Инчунин, ибораҳои қолаби исму исм низ корбурди васеъ доштанд *(Раҳбари дониш, Шуълаи инқилоб ва ғ.).*

Синтаксема воҳиди хурд ва ҷудонашавандаи наҳвии яклухтмаънои забон мебошад, ки дорои маънои бунёдӣ дар сохторҳои мураккаби наҳвӣ буда, вазифаҳои муайяни наҳвиро бар дӯш дорад [2, с.4]. Лозим ба ёдоварист, ки синтаксема метавонад аз ибораҳои озоди наҳвӣ таркиб ёбад, ё дар шакли ибораҳои устувори фразеологӣ бошад. Дар таркиби гемеронимия маъмулан синтаксемаҳои озод ба кор бурда мешаванд.

Бад-ин тартиб дар гемеронимияи тоҷикӣ метавон навъҳои гуногуни синтаксемаҳоро аз рӯйи ифодаи маънои умумӣ, маънои ҷузъҳо, робитаи маъноии ҷузъҳо ҷудо намуд. Синтаксемаҳо, аз як тараф, агар ба мазмуну маънои ибораҳо дар нутқи муқаррарӣ дар таркиби ҷумла мутобиқат намоянд, аз тарафи дигар, соҳиби моҳияти нави ономасиологӣ шуда, тобишҳои нави маъноиро пайдо мекунанд:

1) Инъикоси ҳадаф ва амал, нишон додани ҳадафи кору пайкор: *Барои адабиёти сотсиалистӣ, Бо роҳи колхозӣ (*чунин гурӯҳи гемеронимия ба замони Иттиҳоди Шӯравӣ хос буд*), Паёми дӯстӣ, Навиди дӯстӣ.*

2) Ифодаи самт ва амали иҷрои ҳадафҳо, муқаррарот, супоришот ва дурнамои муайян: *Ба қуллаҳои дониш, Сарзамин, Тадқиқоти журналист, Шуғл ва муҳоҷират, 03-Ёрии таъҷилӣ.*

3) Ифодаи макони тавлиди иттилоот ва макони абстрактии нашру пахши иттилоотӣ аз тариқи радио, телевизион, филмҳо ва монанди инҳо: *Субҳи Боми ҷаҳон, Театр дар назди микрофон, Гулзор.*

4) Ифодаи саҳму ибтикор ва кору пайкори мушоҳидачӣ ва иштирокчии ин ё он ҷанбаи ҳаёту фаъолият: *Инсон ва табиат,Зан ва оила.*

5) Тавассути воситаҳои муассир таъсиррасонӣ ба дарку амали тафаккур ва сухан: *Хорпуштак, Аз даст ба даст, Вичдон.*

6) Ифодаи амал ва мафҳум мутобиқи самти идеологӣ: *Бо роҳи коммунизм, Коммунисти Шуғнон, Коммунисти Тоҷикистон.*

7) Ифодаи шахсе, ки нашрия барои ӯ пешниҳод мешаванд: *Мард ва зан, Маърифати омӯзгор, Зан ва оила, Омӯзгор.*

8) Ифодаи «шахс – ширкаткунандаи амал»: *Инсон ва қонун, Оила ва мактаб.*

9) Ифодаи мафҳуми замон дар ному мундариҷаи нашрия, барнома ва ғайра: *Зиндагӣ, Аср, Баҳори Ачам, Субҳи умед.*

Баррасии мавод оид ба номҳои ВАО имкон медиҳад, ки аз назари вазифаҳои прагматикии гемеронимҳо метавон чунин вижагии номҳоро қайд кард:

- номҳо – шиорҳо, рамзи самти идеологии ҷомеаи шӯравиро инъикос мекунанд, ғояи муборизаи умумиро барои идеалҳои коммунистӣ нишон медиҳанд, ин гуна гемеронимҳо хосси он давра буда, ҳоло чунин номҳо ба назар намерасанд;
- номҳо – даъват, даъват барои иҷрои амалу муқаррароти муайян;
- номҳо - бо нишон додани макон, маконе, ки воқеа он ҷо мегузарад ё моҳиятан ба маконе тааллуқ дорад;
- тасаввуроти ҳиссӣ оид ба мубодилаи наздики афкор.

Ҳамин тариқ, аз назари вижагиҳои сарфӣ гемеронимияи тоҷикӣ аз исм, сифат, ҷонишин иборат буда, қисми зиёдашон ба сурати ибора номгузорӣ шудаанд. Ибораҳо – гемеронимҳо аз назари ифодаи маъно ва равобити байни ҷузъҳо ба намудҳои гуногун ҷудо мешаванд.

Аз назари вазоифи прагматикӣ гемеронимҳо се гурӯҳро ташкил медиҳанд (номҳо – шиорҳо, номҳо – муқаррарот, номҳо – макон).

Номҳо – шиорҳо ба гурӯҳи номҳои архаистӣ дохил шуда, номҳои гурӯҳҳои дигар набзи замони имрӯзаро инъикос карда, тавассути қолабҳои махсус интихобшудаи номҳои ВАО ба хонанда, шунаванда, бинанда таъсиргузории ноаёнро таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, номҳои хосси марбути ВАО дар забони тоҷикӣ дорои низоми муайяни сохторию маъноӣ буда, таҳқиқу баррасии ин қабати номӣ метавонад ба масоили номгузории табиӣ ва маснуӣ дар забони тоҷикӣ, ба раванди рушди ВАО ва таҳаввулоту густариши фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Голев Н.Д. О некоторых общих особенностях принципов номинации в диалектной лексики флоры и фауны / Н.Д.Голев // Русские говоры Сибири. – Томск: Изд-во Томского ун-ва, 1981. – С.12-20.
2. Голомидова М.В. Искусственная номинация в русской ономастике / М.В.Голомидова.- Е катеринбург, 1998. - С.4-7.
3. Золотова Г.А. Синтаксический словарь:Репуртуар элементарных единиц русского синтаксиса / Г.А. Золотова. - М.: Едитиориал УРСС, 2006. - 440 с.
4. Крюкова И.В. Основные номинационные процессы в перефирийной зоне ономастического пространства / И.В. Крюкова // Ономастика Поволжья: Материалы У11 конференции по ономастике Поволжье. – М.: 1997. – С 168-172.
5. Крюкова И.В. Рекламное имя: от изобратения до прцендности / И.В. Крюкова. – Волгоград: Перемена, 2004. - 156 с.
6. Лейчик В.М. Люди и слова / В.М. Лейчик. - М.: Наука, 1982. – 289 с.
7. Мухамедзиянова Л.Р. Гемеронимы ономастического медиопространства Республики Таджикистан / Л.Р. Мухамедзиянова // Филология и культура. - 2018. - №1(51). – С.108-111.
8. Подольская Н.В. Словарь русской ономастической терминологии / Н.В. Подольская. - М.: Наука, 1988. - 168 с.
9. Суперанская А.В. Общая теория имени собственного / А.В. Суперанская - М.: Наука, 1973. – 368 с.
10. Трифонова Е.А. Названия деловых объектов: семантика, прагматика, поэтика (на материале русских и английских эрегонимов): автореф. дис. канд.фил. наук / Е.А.Трифонова. – Волгоград, 2006. – 24 с.
11. Федосова О.И. Принципы и способы номинации Российских средств массовой информации / О.И.Федосова // Lingua mobilis. - 2009. - №3(17). - С.104-109.
12. Федосова О.И. Лингвистический статус гемеронима (на материале российских и британских названий СМИ) / О.И.Федосова // Известия ВГПИ.2010 - №5(49). - С.76-80.

ОИД БА ГЕМЕРОНИМИЯИ ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳлили вижагиҳои сохторӣ – дастурӣ, семантикӣ ва прагматикӣ гемеронимия - яке аз навъҳои номи хоссе, ки дар мавқеи канории фазои ономастикӣ қарор доранд, бахшида шудааст. Дар заминаи таҳлили номҳои хоссу рӯзномаю маҷаллаҳо ва дигар васоити иттилооти Тоҷикистон қолабҳои сохтории номҳо муайян карда шуда, таҳаввули маъноии онҳо нишон дода шудааст. Муайян гардид, ки аксари номҳои ВАО якҷузъа ва дуҷузъа дар қолиби ибораҳои изофӣ ва дигар намудҳои ибораҳо шакл гирифтаанд. Аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ гемеронимҳо ба мушаххассоз, шартӣ – рамзӣ ва рамзӣ ҷудо шудаанд. Инчунин, дар мақола номҳои васоити ахбори гуногун аз назари роҳу усулҳои номгузорӣ дар чор гурӯҳ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Илова бар ин, гемеронимҳо аз назари прагматикию функционалӣ таҳлил шуда, нӯҳ типи қолабҳои сохторию семантикӣ ва чор типи прагматикӣ: номҳо – шиорҳо, рамзи самти идеологии ҷомеаи шӯравиро инъикос мекунанд, ғояи муборизаи умумиро барои идеалҳои коммунистӣ нишон медиҳанд, ин гуна гемеронимҳо хосси он давра буда, ҳоло чунин номҳо ба назар намерасанд, номҳо – даъват, даъват барои иҷрои амалу муқаррароти муайян, номҳо - бо нишон додани макон, маконе, ки воқеа он ҷо мегузарад ё моҳиятан ба маконе тааллуқ дорад, номҳое, ки тасаввуроти ҳиссӣ оид ба мубодилаи наздики афкорро муайян менамоянд.

Калидвожаҳо: гемероним, ВАО, синтаксема, семантика, вазифаи прагматикӣ, таъсиррасонӣ.

К ВОПРОСУ О ГЕМЕРОНИМИИ ОНОМАСТИЧЕСКОГО МЕДИАПРОСТРАНСТВА ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена предварительному анализу структурно – грамматического, семантического и прагматического анализа гемеронимии – класса онимов находящихся на переферии ономастического пространства. На основе анализа названий газет. журналов и других средств массовой информации Таджикистана определены структурные конструкции и их семантические изменения при номинации СМИ. В наименовании таджикских СМИ, главным образом, встречаются однословные и двухсловные гемеронимы в форме изафетных словосочетаний и других типов конструкций. По семантическим преобразованиям выделены идентификационные, условно – символические и символические гемеронимы. В статье также рассматриваются способы номинации гемеронимии, среди которых выделены четыре группы. Кроме того, гемеронимы анализированы по функционально – прагматическим свойствам, которые составляют следующие прагматические типы: названия – лозунги, которые отражали идеологические ориентиры советского общества и общую борьбу за коммунистические идеалы, в настоящее время вышли из употребления; названия – призывы к совершению конкретного действия или указания; названия – указывающие на местность, регион, страну и т.п.; названия – оказывающие скрытное эмоциональные воздействие.

Ключевые слова: гемероним, СМИ, синтаксема, семантика, прагматическая функция, воздействие.

ON THE ISSUE OF HEMERONYMY OF ONOMASTIC MEDIA SPACE OF TAJIKISTAN

The Article is devoted to the preliminary analysis of structural-grammatical, semantic and pragmatic analysis of hemeronymy – a class of onyms located on the periphery of onomastic space. Based on the analysis of newspaper titles. magazines and other media in Tajikistan identified structural design and semantic changes in the nomination of the media. In the name of the Tajik media, there are mainly one-word and two-word hemeronyms in the form of isafet phrases and other types of structures. Semantic transformation ID is allocated, conditionally – symbolic and symbolic generosity. The article also discusses how the nomination of gamemonkey, among which we identified the four groups. Additionally, generosity analyzed at the functional – pragmatic properties that make up the nine types and the pragmatic following types: names, slogans, which reflected the ideological guidelines of the Soviet society and the fight for Communist ideals, now out of use; the names, calls to action or ocasey; names indicating the locality, region, country, etc.; the names – providing secretive imagining emotional impact.

Key words: hemeronim, media, syntaxeme, semantics, pragmatic function, effect giprotranstei.

Сведения об авторе: ***Амирбекзода Н.*** - Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева, соискатель.
Адрес: Республика Таджикистан, г.Хорог, ул. Ленина, 12. E-mail: **nazira.amirbek73@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 934-10-00-44**

Information about the autor: Amirbekzoda N. - Khorog State Universitet named after M. Nazarshoev, the degree aplikant.
Adress: Republic of Tajikistan, Khorog, Str. Lenin, 12. E-mail: **nazira.amirbek73@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 934-10-00-44**

УДК: 070(575.3)

ПУБЛИТСИСТИКАИ МАҚОСИДИ ОЛӢ

Ҳайдаров С., Бобоев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фаҳмидан ва дарк кардани он чизе ки дар ҳаёти рӯзмарра моро иҳота кардааст, онро мушкилот (проблема) мегӯянд. Дар рӯзнома ва маҷалла нагуфтан ва ё дар сабтҳои гуфторҳои радиоӣ пахш нанамудан, махсусан дар навори телевизионӣ, ки дар кишвари мо расонаи ҳамагонӣ аст, ба тарзи синамои телевизионии ҳуҷҷатӣ пешниҳод накардан, аниқу дақиқ нагуфтан тамошобинро аз телевизонҳои давлатӣ-миллӣ дур менамояд. Ин равианд дар ҳолати зиёд будани майдонҳои хабарӣ, махсусан телевизионҳои гуногуне, ки шунавандагон ва бинандагони тоҷикистонӣ аз забони онон бархӯрдоранд, рӯз аз рӯз шумораи тамошобинонро кам менамояд. Ва ин дар ҳоле, ки имрӯз қисми зиёди ҷавонон ба интернет рӯй оварда, баъзеи онҳо аз ВАО-и маъмулӣ бо сабабҳои гуногун канорагарӣ мекунанд. Барои дарёфти чизи даркорӣ ба расонаи иҷтимоӣ рӯй меоранд. Бо вуҷуди ин гуфтан мумкин, ки рӯй овардан ба таҷрибаи иҷтимоӣ, дар телевизионҳои давлатӣ рӯз аз рӯз кам коҳиш меёбад, то ҳоло ифодакунандаи кандашавӣ аз меъёр ё аниқтараш маҳаки зебоии ба шакли муайян даровардани сатҳи назари воқеънома (ҳамзамон онро метавонем солнома низ бигӯем), гузориш дар синамои иҷтимоии ҳуҷҷатии телевизионӣ вуҷуд дорад. Дар чунин филмҳо ва барномаҳои телевизионӣ «шавқ, рағбат, ҳавас, завқ ва ахиран мақсад ба ҳаёти воқеӣ, даркшавандагӣ, ҳатто шумораи воқеаву ҳаводис бартарӣ ва раху хат надорад». Чунки таърихи ҳуҷҷатнигорӣ ба ин амал иҷозат намедиҳад ва ин гуна барномаҳо ва синамоҳои ҳуҷҷатӣ, пеш аз ҳама, ҳуҷҷат ба ҳисоб мераванд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар аввал ҳуҷҷатнигорон чун қоида аз пайи ҷустуҷӯи мушкилот (проблема) буданд ва ин амал, аллакай, дар рӯзномаҳои даврӣ аз аввали фаъолияти онҳо маълум ва машҳур гашта, баъд аз он ки телевизион пайдо гашт дар шакли зиндаи мавҷи мустақим пахш ва маъқул дониста шуда буд. Ин амал ба тарзи нишон додани хонаи нимвайронаи партофтарафта, кашоварз дар филми ҳуҷҷатии «Яғноб», суҳбату гузоришҳои якнавохт ва якхела дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, заводу фабрикаҳо бо кашоварзон ва коргарон, зиёиён ва ғайра сурат гирифта, аз филм ба филм ба гуфтае «кӯч» мебастанд. Яке аз чунин тасмаҳо (лента) аз ҷониби Кузин ба навор бардошта шуда, дар бораи муаллимаи забони русӣ -

иқоматкунандаи ноҳияи Ғончии собиқ вилояти Ленинобод, ҳоло Суғд аст, ки аз набудани русҳои дигар дар ин марзу бум нигаронӣ менамояд. Ӯ хонаи худро ба фурӯш мондааст. Дар зерматнҳои ин филм аслан танҳо мондани муаллима не, балки ҳисси миллии нисбат ба миллати худ доштаи ин зани рус, аз байн рафтани анъанаҳои русӣ ба назар мерасад. Он бинандаи закиро ба андеша меоварад, ки коргардони филм чаро филмро «Хона фурӯхта мешавад» номгузорӣ намудааст. Ва аз ҳама аҷиб он аст, ки зан, аллакай, ба синни нафақа расидааст ва тамоми умр бо мардуми таҳҷоии ин диёр зиндагӣ намуда, ба марди тоҷике хонадор шуда, соҳиби фарзандҳои зиёде гаштаанд. Ин филм ҳангоме рӯйи навор омад, ки забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тоҷикӣ шуда буд ва он бемамоният дар Телевизиони Тоҷикистон нишон дода шуда буд. Нависандагони ин сатрҳо, ҳатто дар муҳокимаи он филм чун як журналисти расонаи нашрӣ иштирок дошта, дар расонаи хабарии «Чархи гардун» мақолаи танқидие низ нашр намуда буданд. Пас, имрӯз месазад, ки дар бораи расонаҳои даврии гузашта бо муқоиса бо расонаҳои даврии ҳозира андеша намуд ва ё хайр?! Дар ин ҳолат дар синамосозии ҳуҷҷатӣ бояд як нуктаро дар назар гирифт, ки расму русуми замона муддати дарозе ба феҳрасти комёбшавӣ ва ноил гаштан ба бинанда таъсири бештар расонида метавонад ва фаҳмидану сарфаҳм рафтани сабаби норасоиҳо дар ҷомеа намегардад, балки нишон додани он камбудиву норасоиҳо боиси ислоҳ гаштани ҷомеа ва пешравиҳои он мегардад, ки дар навори болоии Кузин ба назар намерасад. Аз ин рӯ, филм яктарафа ва барои мардумони бумӣ ва ғайрибумии Тоҷикистон нофаҳмо буда, саволҳои зиёдеро рӯйи кор меоварад ва ин саволҳо аксаран ба фоидаи ҳеҷ яке аз миллатҳои сокини кишвар нест. Ин гуна филмҳои ҳуҷҷатӣ дар ҳоли имрӯз низ дар синамо ва телевизионҳои мо ҷой доранд.

Аз ҳамин сабаб дар телевизион жанри нав-филми ҳисоботии публитсистӣ ба вуҷуд омад. Дар ин гуна филмҳо ҷой намудани таҳлили аналитикӣ ва тасвириву шарҳӣ-хулосавӣ зарур гашт, ки воқеан андешаи ба ҳам муқобилистии таҳлили аналитикӣ ва тасвириву шарҳӣ-хулосавиро ба вуҷуд овард. Ин бинандаро ба андеша намудан водор месозад: «Филм пеши рӯйи шумо мелағжид, вақте муаллифон кӯшиш намекунанд, ки чӣ тавр, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ қадар, кадом ихтилофу зиддияти калон пайдо мегардад? Ин ва ё он муқобилистии нуктаи назар, қувва, орзу, саъю кӯшиш, шавқу рағбат ва ё зарурати иҷтимоӣ лузум ва воҷиби шарт мондан шуда метавонад, ки ҳуҷҷатнигорон ва коршиносонро манфиатдор ва ҳавасманд гардонад»[1, с.35].

Роҳи дигари гурез аз таҳлилу таҷзия (зарур нест он чӣ шумо пешниҳод менамоед, беаҳаммият ва ё аҳаммияти кам дошта бошад ва ё аз рӯйи «ноқобили»-и шумо рӯйи кор омада бошад), ист намудан ба ҷойи зоҳир шудани тасвири беназир, беҳамтову ягонаи таҷриба, ки ба шакли озмоиш пешкаш мегардад ва он коршиносон, публитсистон, ҳуҷҷатнигоронро, ки аслан ташаббускори ин раванд ҳастанд, нигарон ва ба фикр водор менамояд, ки дар телевизион, махсусан дар филми мустанад, тавассути як намо нишон додан мумкин аст. Ҳамин гуна наморо мо дар сайти «Хабар»-и Эрон дар филми мустанади «Маҷлис» дидем, як сайре ба риш, сатр ва дасторҳои калони аъзоёни парлумон, намояндаҳои халқ нигаронида шуда буд ва аз авзоъ маълум мегардад, ки он чӣ, ки дар ин ҷо баррасӣ мегардад, ҳеҷ касеро, ки дар ин маҷлис иштирок дорад ба ташвиш намеоварад, аммо бинанда ин лаҳзаро дида хулосаи худро мебарорад, ки тақдираш дар дасти киҳо аст, ин аст бурди ҳуҷҷатнигор дар сохтани ин филм ва асос ин аст ва онро дар синамои қаблии шӯравӣ «инсиаторӣ» ва дар филмҳои ҳуҷҷатии қаблии тоҷик ташаббус ва ташаббускорӣ меномиданд, ки, мутаассифона, ин раванд аз синамо ва синамои ҳуҷҷатии телевизионӣ пас аз Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар расонаҳои электронии мо дигар ба назар намерасанд.

Эҳсоси фавқулодаю ғайриодӣ аз дохили кадри ба навор гирифта маълум мегардад. Масалан: гармхонаи пур аз гул, утоқи тиббии дурахшон ва озода дар маҳалла, ҷойи кор, гармхона дар хонаҳои ҳозиразамони баландошёна - будани чунин намоҳоро қариб аз аввал то охир дар ҳамаи кадрҳо ҷой намудан мумкин аст, ки онҳо аз нигоҳи санъат диққатҷалбкунанда буда, инсонро дар рӯҳияи зебоипарастӣ тарбия менамоянд. Аммо ин ҷо саволи дигаре пайдо мегардад: «барои чӣ ташкили хидмати тиббии касбӣ, ки дар намои сохтмонӣ нишон дода шуд, онро тамошобин бояд чун як чизи аз силсила берун қабул намояд»? Оё ба ҷои ин гуна чизҳо ва амалҳо барои он ки ба ҳар навъу тарз диққати бинандаро ҷалб намоем, таъкид намудан лозим аст, ки корхонаи амалкунанда ғайриодӣ ва фарққунанда аст ва ба тарзи муқаррарӣ амал менамояд? Бо ин шакли ғайриодӣ кор намуданро як тараф монда, корхонаҳои дигарро водор намудан беҳтар аст, ки ба ин тарз меҳнат кардан бад нест. Ин намуди амалро ба шахсиятҳои соҳибмансаб низ бояд ҳангоми дар бораи онҳо филми мустанад сохтан дар муқоиса нишон дод, ки ҳамкешони онҳо дар ин ё он давлати ба мо ҳамсоя ва ё дур чӣ гуна кореро, сиёсатеро сомон додаанд, ки ба муваффақияти корхона ва касбӣ шудани он кумак карда, муваффақ гаштаанд. Дар ин ҳолат интернет пур аз мавод аст ва бо нишон додани сайти интернетӣ филми ҳуҷҷатии худро пурра намудан мумкин аст ва ҳеҷ касе пеши роҳи мустанадофар-публитсистро нагирифтааст. Дар филми мустанади тоҷик то ба ҳол чун дар замонҳои пайдо гаштани ин намуди публитсистика оғози онҳо чунин сурат мегирад: «Нақли мо дар бораи касест, ки бе

муҳобо гуфтанамон мумкин аст, ки вай донандаи касби худ аст». Чунин шинос намудан махсусан дар филми мустанади замони имрӯз, аллакай, ба дарди касе намехӯрад ва мо бо овардани лаҳзаи бе матни мустанадсозони эронӣ ин назарро баён намудем. Ин ҷо боз як чизи дигарро илова намудан зарур аст, ки саволи маъмулии мустанадсозони тоҷик ин аст, ки ин раванд дар тамоми барномаҳои телевизионӣ ба назар мерасад: «Чӣ шуморо бештар ба ташвиш меорад?», Ҳол он ки пешниҳоди ин пурсиш тавассути намо хубтар ва беҳтар ба бинанда таъсир мерасонад. Ин амал як равандест, ки гӯё ифодакунандаи воқеаву ҳодисаи гузашта аст, ки қаҳрамони муаллиф дар корхона ва ё дар рӯзгори касбӣ ва шахсиаш аз сар гузаронидааст. Ин ҷузъҳо аслан ифодагари махсусияти корхона ва шахс буда, имрӯз диққати бинанда, шунаванда ва ҳатто хонандаро ба рӯзнома ва радио ҷалб карда наметавонад. Журналистони касбии ВАО аз ин раванд хеле хуб бохабар буда, ҳангоми омода намудани чунин мавод «деворҳои сунъие» аз ҷониби мусоҳибон гузоштаро мешикананд, ки ин ҳам бурди худашон ва ҳам бурди аудиторияи онҳо мегардад. Ин лаҳзаи филми мустанад дар телевизион ва навиштаи нашриётӣ «лаҳзаи калидӣ» ном дошта, коршинос ва публитсистро маҷбур менамояд, ки дар бораи «шикастани кадом деворҳо» сухан меравадро андеша намояд? Оё он «девор»-ҳо дар бораи он аст, ки натанҳо мусоҳибро, балки тамошобин ва хонандаро низ ба ташвиш меоварад? Ин амалро на танҳо бо нишон додани як корхона, балки дар умум нишон додан даркор аст, ки шикофҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дар ҷомеа вуҷуд доштаро, бинанда дар намо бинад ва дар навишта хонад. Дар ин ҳолат оҳангнокии тавлиди мушаббеҳи ин гуна таълифоти наворӣ (лента) нисбат ба тасмаҳои якрангу якнавохти дилгиркунанда беинтиҳо ва муассиркунанда, буда, аз муаллиф каму беш маҳорати офарандагӣ ва ҳамзамон ҷасоратро талаб менамояд. Дар кинопублитсистика ин гуна коргардонҳоро «гирифторшудагони зоҳидии касб» мегӯянд, ки дар баробари «роҳиб» будани худ ин гуна ҳолатро дар касбияти хеш бо кадом роҳе набошад ҷой дода, он «деворҳои сунъие», ки пеши онҳо гузошта мешавад убур менамоянд. Бо ин роҳ бинандаи худро ба экрани телевизион ҷалб намуда, ба боварии бинанда ворид гашта, шикофӣ ба вуҷуд омадаро пур менамоянд, ки онро дар журналистикаи умумӣ, махсусан дар публитсистика «рахна зада як ба як баромадан» низ мегӯянд. Ин раванд дар замони шӯравӣ дар байни на танҳо синамопублитсистон, балки дар байни публитсистони навишторӣ ва гуфторӣ низ маълум ва машҳур буд, ки ба созандагӣ ва соҳиби андешаи махсуси худ будани ин гуна муаллифон вобаста буд. Аммо «роҳиб»-и касби худ будан воқеан аз созандаи ин гуна филмҳо ва ҳатто дар журналистикаи умумӣ, табиати хос, феълу хӯ ва тинати махсусро мехоҳад ва ин тинат ба зиндагии ҳаррӯзаи мардум бастагӣ дошта, танҳо ба гурӯҳи публитсистон ба тарзи истисно даст медиҳад. Ҳама ба ин амал қодир нест, чунки аз рӯйи нишондоди равоншиносон созандагӣ дар батни ҳамаи инсонҳо баробар буда наметавонад ва камбудиро низ ҳама дарк ва дида наметавонад. Дида тавонистан ва дарк кардани публитсист ӯро чун коршинос ба ҷомеа муаррифӣ менамояд ва намегузорад, ки вай дар андешаи худ, дар коре, ки ба ҷомеаи инсонӣ пешниҳод менамояд, андешаҳои ба муқобили инсоният равона мешударо ҷой диҳад. Дар ин радиф, бо як ҷумла гуфтан ҷоиз аст, ки: «ҳар як корхона, дорои пешбаранда, яъне, «зоҳид»-и худ буда метавонад» ва аммо «зоҳид» на зоҳиди гурбамонанде, ки дар адабиёти классикии форс-тоҷик образи манфӣ аст, буда бошад ва он бояд дар назди мардум ҳам зоҳид ва берун аз он, яъне «дар хилват» низ зоҳид бошад ва «чун ба хилват мераванд в-он кори дигар мекунанд»-и Хоҷа Ҳофиз дар мафкура ва андешаи ӯ набояд бошад… Бояд гуфт, ки асоси «хориҷ намудани умқи таҳлилу таҷзия» (ин ҷо маҷоз аст ва худатон андеша намоед ва таҳлилу таҷзия кунед) ба ҳар як бинанда ва созандагии маводи рӯзмарраи публитсистӣ вобаста аст. Ин моро маҷбур менамояд андеша намоем, ки: «барои кӣ меофарем, барои чӣ менависем, оқибати навиштаамон, офаридаамон ба ҷомеа чӣ дода метавонад ва ҷомеа аз он чӣ манфиате мебардорад?» [10, с.60].

Иқтисоддон Г. Лисичкин ҳамин гуна филмҳоро таҳлил намуда, ҳуҷҷатнигоронро даъват намудааст, ки дар «кӯли обаш гандидашуда»-и арзон оббозӣ намудан нашояд ва ба ин восита қаҳрамони худро пешниҳод намудан ба бинанда «монанд ба он аст, ки «соҳибон»-и худро мисли қаҳрамонҳои тахайюлии устуравӣ, ки худро аз ҳама доно ва боло медонанд муаррифӣ кардан аст. Ин «соҳиб-қаҳрамон»-ҳо ва ё ба гуфтаи тоҷикони Афғонистон «ватандор-соҳиб»-он «қобил» ва «моҳир» дар тағйирнопазирӣ, ҳавобаландӣ, аз худ рафтан дар шароити имрӯза худро «худои зинда» эълон намуда, дар сохтори ҷамъиятӣ гӯё, ки «муъҷизаи иқтисодӣ» нишон доданӣ мешаванд ва ин дар ҳоле ки ҳамагон чун дар назди шамъ монанди парвона мегарданд ва оқибат сӯхта хокистар мегарданд». Аз ин рӯ, мавҷудияти ин гуна мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои инсонӣ набояд ба эҷоди публитсистӣ ва сифати он, ба таъсири омилҳои субъективӣ халале ворид намояд Ҳамин аст, ки ин донишманди рус аз публитсистони экранӣ ба «шифобахшӣ»-и ҷомеа диққат доданро тақозо намудааст. Аз онҳо дархост намудааст, ки аз содагӣ, содадилӣ ва содалавҳӣ канорачӯйӣ намоянд.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки на хусусияти низоию ихтилофӣ (конфликт) ва на сохтори низоиву ихтилофӣ худ ба худ эҷоди публитсистиро сохта наметавонад ва инро мо чун як

журналисти навишторӣ ба шумо арза медорем. Андешаи дувум: «сохтори низоиву ихтилофӣ худ ба худ эҷоди публитсистиро сохта наметавонад» ин фикр вақте ба вуҷуд меояд, ки ҳуҷҷатнигор кӯшиш намояд, ки ба қишри воқеа нуфуз дохил гардад ва моро бо нуктаҳои алтернативии биниш ворид созад. На ба тарзи пинҳонӣ иваз карда шудани андешаи тайёр ва на ба тарзи дурӯғини пешкаш намудани он, қарор қабул кунад. Ин гуна ихтилоф ва зиддиятро ба вуҷуд оварданаш дар ҷомеаҳои кунунии пас аз шӯравӣ мумкин аст. Дар ин ҳолат, ҳуҷҷатнигорон метавонанд ин нуктаро бозгӯ намоянд «мо дар назди худ ин гуна вазифа нагузошта будем. Бигзор дар бобати чӣ андеша доштани «соҳиб ва ё хӯҷаин» коршиносон фикрҳои худро баён намоянд. Мақсади мо хоксорона ва фурӯтанона шинос намудани аудитория бо натиҷаи таҷрибаю малака ва маҳорат ва мадад кардан ба созандагон, яъне офарандагон аст» [7, с.18]. Аммо шинос шудан бо натиҷаи таҷриба барои бинанда ва хонандаву шунаванда аз таҷрибаву малака ва маҳорат фоиданоктар аст. Ин раванд дар аксари расонаҳои хабарие, ки худро эҳтиром менамоянд, роиҷ аст. Ин гуна барномаҳо бинандаи зиёдеро ба худ ҷалб намуда метавонад, ки онҳо оқибати таҷрибаро донистан ва фаҳмидану шинохтан мехоҳанд.

Барои таҳияву таълиф чизи ҷолиб доред, ҳам матну ҳам навор ва ҳам андешаву назар, аммо шумо онро наметавонед бо сабабҳои гуногун амалӣ намоед. Барои ин шуморо зарур меояд ба синамосужаи навидӣ (ахборӣ)-и расонаҳои хабарии машҳури дунё: «СИ-ЭН-ЭН», «БИ-БИ-СИ», «Россия-1», «Хабар», «Ал-Ҷазира», «Дожд», «РБК» ва ғайра рӯ оварда, матолиби дастурӣ пайдо намоед. Аз навиштаҳои муҳаққиқони эронӣ ва рус бармеояд, ки муаллифони гуногуне, ки ба шабакаҳо баъди нишон додани синамосюжаҳои мисли тасмаҳои таърифиву тавсифӣ аз муаллифони чунин мустанадҳо талаб менамуданд, ки суроғаи он корхонае, ки онҳо дар бораи он мустанад бардоштаанд бароямон бифиристанд, то ки онҳо бо ин гуна роҳбар ва «қаҳрамон» шинос гарданд. Бинандагони ин мустанадҳо дар номаҳои худ на дар бораи истифодаи тартибу низоме, ки дар он коргоҳ ҷорист навиштаанд, балки дар бораи он навишта буданд, ки «чӣ гуна ба он ҷо раванд, ки дар он ҷо, аллакай, бе ёрдами онҳо мушарраф ба ин амал гаштаанд» [6, с.102]. Мутаассифона, дар ҷумҳурии мо ин гуна филмҳо ба навор бардошта намешаванд, ки мардумро ба таҳрик биёрад. Хусусияти сухани экранӣ дар ин ҳолат хислати пуставӣ (почта) мегирад. Ҳамаи ин публитсистро маҷбур менамояд дар бораи мустанад ва навиштааш андеша намояд: «Мушкилоти филм (агар дар рӯзнома ва маҷалла бошад, навишта) дар чист, ки бинанда ва хонанда пас аз ба эфир рафтан ва нашр шудани чунин мавод ба ӯ ин гуна нома навиштааст»?

Филми мустанад бардоштан, кор кардан барои сохтани мустанад дар асл барои сенариянавис ва коргардони муваффақ ин ҷамъи саволҳое аст, ки онҳо ҷавоби онро аз ҳаёт ва бевосита аз худашон меҷӯянд. Дар рафти банаворгирӣ ба саволҳои гузоштаи худ аз ҳаёт ҷавоб ҷустан вазифаи журналисти муваффақ мебошад ва инро ҳар як коргардони муваффақи телевизион ва синамои мустанад медонад. Дар ин ҳолат танҳо хусусияту хислати савол иҷоза медиҳад, ки дар бораи ҷанбаи иҷтимоии андешаи журналист ҳадс занем ва дараҷаи фаҳмиши иҷтимоии журналистро муайян намоем.

Бархӯрдан бо воқеаю ҳодисаҳои ба назар нонамоёни ҳаёт ва дар онҳо самти кори худро ҷустани созандаи синамои мустанад ва телевизион ва ҳатто навишторӣ ин амали нав нест. Дар ин ҳолат ҳуҷҷатнигори синамо ва телевизион, ки ба мустанад сару кор мегирад, бояд ба камера сару кор нагирифта донад, ки ба қаҳрамони интихобкардааш кадом саволро медиҳад. Ҳатто ҳуҷҷатнигори телевизион ва синамои мустанад дар ҳолати зарурӣ метавонанд ин суханҳоро қабл аз намоиш ба бинандаи худ пешкаш намуда, «Ин намоҳоро тамошо кунед, ки онҳо таҳаммулнопазиранд, кӯшиш намоед, ки чашм аз он барнаканед, аз шумо барои сифати пасти намоҳо узр мехоҳем, аммо бе онҳо мо натавонистем, ки барномаро ба шумо пешкаш намоем», пас намоишро оғоз намоянд, ки ин имрӯз як кори маъмулии коргарони ин расонаҳо гаштааст. Чунин тасмаҳо қаблан дар даврони шӯравӣ дар тамоми ҷумҳуриҳо вуҷуд дошт ва имрӯз ҳам метавонад диққати бинандаро ҷалб намояд. Масалан, масъалаи репититорӣ дар бораи будан ва ё набудани он, моро аз поён рафтани сатҳи касбии устоди ин ва ё он фан огоҳ менамояд. Магар ин мавзӯи доғи рӯз шуда наметавонад? Ин намуди барномаҳоро тавассути синамо-анкета низ пешкаш намудан мумкин аст. Ва анкетае, ки шумо пешниҳод менамоед, метавонад ба қишрҳои гуногуни ҷомеаи имрӯза нигаронида шуда аз як то сад саволро дар бар гирад, ки бевосита ба ҳамин мавзӯъ дахл дошта бошад. Магар мавзӯи талаботи маънавӣ дар шаҳрҳо ва деҳот дар ин самт мавзӯъ буда наметавонад?, ва ё нақлиёти ҷамъиятии шаҳр мавзӯъ нест магар ва ғайра. Ҳамаи инро дар шаклҳои гуногуни мустанадсозӣ ба тарзе ва намуде ба воситаи экрани телевизион додан мумкин аст, ки онро дар мустанадсозӣ «баҳс, мунозира ва мусоҳиба то ҷузъи солнома, воқеънома- мушоҳида муоина, таҳқиқ» низ ном мебаранд. Ҳамаи он чизҳои зикршуда, мушкилот буда, метавонад аз ҷониби мустанадсоз таҳлил гардад. Бубинед, дар ҳолате, ки Вазорати маориф вуҷуд дорад, мактаб ҳаст, он фан дар он ҷо омӯхта мешавад, ба ғайр аз андоз, ки падару модар ба давлат месупоранд ва маоши муаллим аз он пул муайян мешавад, дар айни ҳол ба ғайр аз маош ҳамаи

муаллимон аз синфи якум то синфи 11-ум ҳар моҳ аз падару модар на камтар аз 30-сомонӣ мегиранд ва бар замми ин барои фарзандашон репититор гирифта ӯро барои дохил шудан ба мактаби олӣ омода месозанд. Пас, нақши муаллим дар мактаб чӣ аст. Оё ин мавзӯъ буда наметавонад? Ҳамин гуна мавзӯъро нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, заводу фабрикаҳое, ки аз ҷониби нафароне харида шудааст ва мардум бекор аст низ пешкаш намудан мумкин аст. Чаро деҳқони тоҷикистонӣ имрӯз аз замин мегурезад. Чаро завод ё фабрикаи харидаи ин ва ё он нафар аз кор монд ва ё фаъолияташро тағйир дод, дар натиҷа сафи бекорон дар ҷомеа афзуд? Мустанадсозони телевизионҳои тоҷик имрӯз бояд ба ин мушкилот рӯй оваранд, ки он муайянкунандаи иҷтимоиёт аст. Агар ин мавзӯъҳо мушкилӣ орад, кинопублитсист метавонад ба мавзӯъҳои оилавӣ даст занад, дар асоси он ба иҷтимоиёт ва иқтисодиёт рӯй оварда бурду бохти зиндагии иҷтимоиро нишон бидиҳад. Беморие, ки имрӯз дар байни оилаҳои ҷавони тоҷик роиҷ гаштааст, ин муборизаи зану шавҳари ҷавон барои «дар хона, ки сарвар» будан аст: «Ки сарвари оилаи шумо аст?» ё «Сомон+Нигина»-ро рӯйи кор оварда, дар асоси он саволҳои: дар замони имрӯз соҳиби чанд фарзанд шудан мумкин аст, оё сеюм фарзандро ба дунё овардан зарур аст, магар дар чунин рӯзгори сахт он зиёдатӣ нест; масоили дигар ба калонсолон дахл дошта метавонад, бо номи «бибиҳо, бобоҳо, манзур кампиракон ва мӯйсафедон, чӣ гуна зиндагӣ мекунанд»?, низ ба иқтисод ва иҷтимоиёт мутааллиқ аст, ки метавонад диққати мустанадсоз ва тамошобини зиёдро ҷалб намояд. Чун имрӯз бинандаҳои телевизион аксаран инсонҳои калонсол мебошанд. Аз ин рӯ, таҳлили экранӣ бояд ҳамеша ба ҷониби иҷтимоиёт ва натиҷаи ниҳоии он нигаронида шавад. Ҳамин гуна мустанадҳоро на тавассути як-ду қаҳрамон, балки бо занҷираи қаҳрамонҳои гуногун сохтан мумкин аст ва ҳатто дар он пас аз нишон додан чӣ гуна қабул намудани тамошобинонро тавассути саволҳои зинда, анкета ва ё мактуб низ пешкаш карда, мустанадро пурра карданамон мумкин аст. Инро дар мустанадсозии ҷаҳонӣ «аксуламали занҷиравӣ», ҳамзамон «филми таҳқиқи занҷиравӣ» [3, с.146] мегӯянд, ки дар телевизионҳои давлатҳои демократӣ ва кори онҳо маъмул аст.

Дар сухангӯии оҳангаш зарб надошта ва ҳатто беравбт, дар нигоҳи аввал саволҳои рӯзмарраи тарзи зист, ки рӯзгор ва ҳаёти воқеӣ аст, метавонем мушкилтарин масоили иҷтимоӣ-демографиро дар шакли баҳамбархӯрии назарҳои гуногун, қувваҳо, орзу, иштиёқ, шавқу рағбат ҳатто саъю кӯшиш ва мақсад пешниҳоди бинанда гардонем, муваффақ шавем. Ин нишон медиҳад, ки мустанадсоз ба филмҳои мустанади занҷиравӣ рӯй орад, ки он силсилаи филмҳо метавонанд дар як мавзӯъ, аммо бо қаҳрамонҳои гуногун бошанд. Ин амалро махсусан тавассути муассирсозӣ бо тариқи мусоҳиба ва суҳбат дар экрани телевизион ба роҳ андохтан мумкин аст. Дар ин ҳолат тамошобин худро як қисми дахлдор ва ё аниқтараш алоқадори мавзӯи матраҳмешуда ва ҳамзамон «муаллифи мустанад» ҳис менамояд.

Филми телевизионӣ аслан навъи эҷоди стратегӣ мебошад. Чунин ба назар намо кардани хосияти мутақобилаи ин қисмати моли эфирӣ дар намоишҳои барномаҳои телевизионии ҳаррӯза шарт ва зарур аст. Агар дар ин ҳолат мо ба истилоҳоти ҳарбӣ назар афканем, мегӯяд С. Муратов дар мустанадсозӣ хусусияти ташвиқотро чун «ҳуҷум» ва муҳиммияти воқеияти филми телевизиониро, ки ба барномаҳои телевизион дохил гардидааст, «қушуни пиёдагард» гуфтанамон мумкин мешавад Аммо чунин амалкард дар филми мустанади телевизионӣ ва ҳатто ба барномаҳои фарогири ин гуна мушкилот кори бемаъние беш нест. Чунки ҳуҷум ва бомб андохтани артиллерия ин тайёр намудани қушунӣ пиёдагард ба ҳуҷум мебошад, агар баъди бомбпартоии артиллерия қушуни пиёдагард ба ҳуҷум нагузарад, ростӣ ин бомбпартоӣ маънии худро гум менамояд ва сарфи беҳудаи бомб низ мегардад. Дар ин ҳолат филмҳои мустанад бояд дороӣ «натиҷа»-и идомадор бошанд ва барои барномаҳои телевизионӣ баҳона, ваҷҳ, асос, сабаб дода, ахиран баҳсро дар экрани телевизион ба вуҷуд оварда тавонанд ва он мавод барои андеша, мунозира ва мубоҳиса бигардад, ки ин худ аз будани мустанад ва ё барнома дар ҷомеа бозгӯӣ менамояд. Мутаассифона, ин гуна андешаҳои публитсистон ва коргардонҳо чун орзуву майл ва хоҳишу таманно дар телевизионҳои кунунии Тоҷикистон аз чӣ сабабе амалӣ намегарданд ва ҳатто гуфтан мумкин аст, ки таъсиру нуфуз надоранд.

Дар солҳои қаблӣ, аниқтараш ба гуфтае «тоталитарӣ» рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ: «Маориф ва маданият», «Тоҷикистони Советӣ», «Совет Тожикистони», «Комсомоли Тоҷикистон», «Комсомолец Таджикистана», маҷаллаҳои «Садои Шарқ», «Помир» ва ҳатто «Занони Тоҷикистон», пас аз он ки рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба ду рӯзномаи алоҳида: «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор», тақсим шуд ва ҳамзамон рӯзномаи парлумон «Садои мардум» нашр гашт, дар саҳифаҳои худ доир ба публитсистика баҳсҳо меоростанд. Дар ҳоли имрӯз соле як маротиба дар Иттифоқи нависандагон гурӯҳе бо номи аҳли эҷод ҷамъ мешаванд ва нафаре дар бораи публитсистикаи давр маълумот медиҳад ва танҳо хабари кӯтоҳ ва ё хабари васее дар рӯзномаҳо нашр ва дар радиоҳою телевизионҳо садо медиҳад, ки чунин чорабинӣ шуда гузашт, баҳсе ба назар наменамояд. Дар ҳолати баҳс набудан маълум мегардад, ки публитсистикае, ки имрӯз ҷомеаро фаро гирифтааст қолабӣ буда, он кирои баҳс намекунад-хулоса мебарорад хонанда ва бинандаву шунаванда.

Баъдан дар «Хонаи кино», студияи телевизиони давлатии «Тоҷикистон» бо нишон додани ин ва ё он мустанад бо ҳамроҳии мунаққидони ин соҳа ва коршиносону аудитория барномаҳо пешкаш мегашт ва ин низ аз байн рафтааст. Имрӯз «Хонаи кино» дар дурдасттарин гӯшаи Душанбе «Кинотеатри Зебуниссо» ҷой гирифтааст, ки агар чорабиниe баргузор гардад, ҳам аз тарси набудани нақлиёт, дер мондан, касе он ҷо намеравад ва агар равад ҳам шумораи ками мутахассисон иштирок менамоянд ва қисми асосии онҳо на журналистон ва коршиносон, балки коргардонҳое ҳастанд, ки бевосита ба он сару кор мегиранд. Дар баробари ин, мо ду телевизионе дорем, ки бевосита ба фарҳангу ҳунар бояд сару кор бигиранд. Ин телевизиони давлатии «Сафина» ва Телевизиони давлатии «Синамо» мебошад, ки дар онҳо низ чунин гуфтумонҳоро касе намебинад ва ҳатто мумкин аст дар нақшаи кориашон чунин барнома вуҷуд надорад. Дар ин ҷо мо бояд дар бораи телевизиони русии «Культура» назари худро баён намоем, ки он телевизион воқеан тамоми бурду бохти ҳам театр ва ҳам кино, адабиёт, ҳунар, санъати русиро фаро мегирад ва гузашта аз ин, дар бораи санъат, ҳунар, фарҳанг, адабиёти ҷаҳонӣ, равандҳои иҷтимоии ба ин сохтор бахшида ба бинандагони худ маълумот медиҳад. Дар ҳоле, ки вазифаи аслии ҳам телевизиони «Сафина» ва ҳам «Синамо» бевосита ҳамон коре аст, ки телевизиони русии «Культура» ба ҷо меорад. Аммо мо ғайр аз тортпазии ин ё он хонуми ҳунарманд, ошпазии нафаре аз ҳунармандон, он ҳам бошад аслан ҳофизҳо, гаҳворасозиву, табақи чӯбиву думбра, рақс, садуқсозӣ дигар қариб чизеро намебинем. Дар ин раванд рӯзномаҳо, аниқтараш ҳафтаворҳои ғайридавлатии мо «Азия плюс», «Фараж», «Озодагон» фаъолтар буда, гоҳ гоҳе дар саҳфаҳои худ доир ба ин мавзӯъҳо баҳсҳо меороянд, ки ба дарди хонандаи рӯз мехӯрад.

А Д А Б И Ё Т

1. Арватов Б.К. Киноплатформа / Б.К. Арватов // Новый «ЛЕФ». - 1928. - №3. - С. 48.
2. Арватов Б.К. Киноплатформа / Б.К. Арватов // Новый «ЛЕФ». 1928. - №3. - С. 48.
3. Безклубенко С.Д. Телевизионное кино: Очерк теории / С.Д. Безклубенко. – Киев, 1975. - С. 280.
4. Вильчек В.М. Под знаком ТВ / В.М. Вильчек. - М., 1987. - С. 240.
5. Кузнецов Г.В. Журналист на экране / Г.В. Кузнецов. - М., 1985. - С. 208.
6. Леонтьев А.А. Психология общения / А.А. Леонтьев - М., 2007. - Изд.4.. - С. 368.
7. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография / С.А. Муратов. - М.: ВК, 2009. – 363 с.
8. Прохоров Е. Искусство публицистики: Размышления и разговоры / Е. Прохоров. - М., 1984. - С. 360.
9. Ромм М. Поглядим на работу / М.Ромм // Искусство кино. - 1959. - №11. - С. 120.
10. Ученова В.В. Публицистика и политика / В.В. Ученова. - М., 1979. - С. 60.
11. Юровский А.Я. Телевидение – поиск и решения / А.Я. Юровский. 2-е изд., доп. - М., 1983. - С.215.

ПУБЛИТСИСТИКАИ МАҚОСИДИ ОЛӢ

Дар мақола масъалаҳои назариявии публитсистикаи муосир мавриди баҳс қарор мегиранд. Муаллиф ба чунин назар аст, ки фаҳмидан ва дарк кардани он чизе, ки дар ҳаёти рӯзмарра моро иҳота кардааст ва онро мушкилот (проблема) мегӯянд, дар рӯзнома ва маҷалла нагуфтан ва ё дар сабтҳои гуфторҳои радиоӣ пахш нанамудан ва махсусан дар навори телевизионӣ, ки дар кишвари мо расонаи ҳамагонӣ аст, ба тарзи синамои телевизионии ҳуҷҷатӣ надодан ва нагуфтан аниқу дақиқ, тамошобинро аз телевизонҳои давлатӣ-миллӣ дур менамояд ва ҳамзамон чун воқеият ба тағйири амали мавзӯӣ меоварад, ки ин раванд дар ҳолати зиёд будани майдонҳои хабарӣ, махсусан телевизионҳои гуногуне, ки шунавандагон ва бинандагони тоҷикистонӣ аз забони онон бархӯрдоранд, рӯз аз рӯз шумораи тамошобинонро кам менамояд. Ҳамин гуна тарзи муносибат ба иттилоъ боис мегардад, ки дар телевизион жанри нав- филми ҳисоботии публитсистӣ ба вуҷуд ояд ва дар ин гуна филмҳо ҷой намудани таҳлили аналитикӣ ва тасвириву шарҳӣ-хулосавӣ зарур мегардад. Филми мустанад бардоштан, кор кардан барои сохтани мустанад дар асл барои сенариянавис ва коргардони муваффақ ин ҷамъи саволҳое аст, ки онҳо ҷавоби онро аз ҳаёт ва бевосита аз худашон меҷӯянд. Дар рафти ба наворгирӣ ба саволҳои гузоштаи худ ва ҳаёт ҷавоб ҷустан вазифаи журналисти муваффақ мебошад ва инро ҳар як коргардони муваффақи телевизион ва синамои мустанад медонад. Дар ин ҳолат танҳо хусусияту хислати савол иҷоза медиҳад, ки дар бораи ҷанбаи иҷтимоии андешаи журналист ҳадс занем ва дараҷаи фаҳмиши иҷтимоии журналистро муайян намоем.

Калидвожаҳо: жанр, иттилоъ, публитсистика, филми телевизионӣ, филми мустанад, ҷанбаи иҷтимоӣ.

ПУБЛИЦИСТИКА ВЫСШИХ ЦЕЛЕЙ

В статье рассматриваются теоретические вопросы современной публицистики. Автор придерживается мнения, что проблемы ежедневной жизни, не раскрытые в средствах массовой информации, особенно через телевидение, отдаляют зрителей от самых распространенных и достоверных средств массовой информации. Нужно, чтобы самые важные проблемы ежедневной жизни представлялись посредством документальных фильмов. К тому же явное изменение реальности в то время, когда потребители информации ее получают из разных источников, день за днем уменьшает количество зрителей государственного телевизионного канала. Подобный подход к передаче информации приведет к тому, что на телевидении появится новый жанр – телевизионный фильм-отчет, где необходимым элементом становятся аналитический обзор и вывод-комментарией. Создать документальный фильм для сценариста и режиссера - это найти ответ на вопросы, которые ставит сама жизнь. В процессе снятия фильма найти ответы на те вопросам, которые поставлены им самим и самой жизнью. В данном случае это нам дает возможность понять социальную идею журналиста, разрешенные вопросы в данном фильме, нахождение ответа на поставленные вопросы нам даст возможность анализировать позиции журналиста.

Ключевые слова: жанр, информация, публицистика, телевизионный фильм, социальный аспект.

The article polemics the theoretical issues of modern publicism. The author is of the opinion that, cognizing and feeling the problems of daily life, but not revealing it through the media, especially through television, separates the audience from the most common and reliable media. It is necessary that the most important problems of daily life are presented through documentaries. In addition, a clear change in reality at a time when consumers of information receive it from various sources, day by day reduces the number of viewers of the state television channel. Such an approach to the transmission of information will lead to the fact that a new genre appears in television - the television film-report, which becomes an essential element of the analytical review and output-commentary. Making a documentary for a screenwriter and director is finding answers to questions that have answers in life. In the process of making a film, find the answers to the questions posed by him and life itself. In this case, it gives us the opportunity to talk about the social idea of a journalist, the resolved questions in this film, the ways of finding an answer to the questions posed to us gives us the opportunity to analyze the positions of the journalist.

Key words: genre, information, journalism, television film, social aspect.

Сведения об авторе: ***Бобоев Д.*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры телевидения и радиовещания. **Адрес:** 737025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17
Хайдаров С. - Таджикский национальный университет, доцент кафедры телевидения и радиовещания. **Адрес:** 737025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-507-07-16**

Information about the authors: ***Boboev D.*** - Tajik National University, Associate Professor, Department of Television and Radio Hanging. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Khaidarov S. - Tajik National University, Associate Professor, Department of Television and Radio Hanging. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+ 992) 93-507-07-16**

УДК: 070(575.3)

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ҶОМЕА ДАР РӮЗНОМАҲОИ ҲИЗБӢ

(дар мисоли рӯзномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон “Минбари халқ”)

Бобоева Б.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Яке аз нишонаҳои муҳимми ҷамъияти воқеан демократӣ озодии сухан, мавҷудияти матбуоти оппозитсионӣ, бемамониат фаъолият намудани ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мебошад. Ҳамаи ин дар Тоҷикистони имрӯза вуҷуд дорад ва касе онро инкор карда наметавонад.

Зеро инъикоси воқеаву рӯйдодҳои мамлакат, минтақа ва олам фаъолияти рӯзмарраи расонаҳои хабарӣ маҳсуб меёбад, вале матбуоти ҳизбӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ва интихоботӣ чун обу ҳаво зарур аст.

Дар матбуоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон рӯзномаи “Минбари халқ”, маҷаллаҳои “Меҳвар”, “Зани муосир” ва дигар воситаҳои хабарии қонунӣ мавҷуданд, ки манфиатҳою идеяҳои худро ҳимоя карда, интишор дода истодаанд, ки дар айни замон фаҳмо, одӣ, равшан ва таъсирбахш мебошад.

Дар айни ҳол Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон нашрияи марказӣ “Минбари халқ” ва панҷ рӯзномаи вилоятию шаҳрӣ ва ноҳиявӣ: “Мароми пойтахт” (шаҳри Душанбе), “Сухани халқ” (вилояти Суғд), “Ҳамрози халқ” (вилояти Хатлон), “Ҳидоят” (шаҳри Турсунзода), “Овози халқ” (Шӯробод) ва қариб дар ҳамаи вилоятҳою шаҳри Душанбе сомонаҳои интернетию нашрияҳои ҷамъиятӣ дорад. Ба воситаи ин расонаҳо ғояҳои созандаи ҲХДТ ҳамаҷониба таблиғ карда мешаванд.

Самти асосии фаъолияти ҳафтаномаи “Минбари халқ” тарғиби Барномаи ҳизб, инъикоси сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, нақши Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон инъикоси воқеии фаъолияти ҳизб, мавқеи он дар ҷомеа ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии ҲХДТ чун неруи пешбарандаи ҷомеаи кишвар дар маркази диққати кормандони нашрия қарор дорад.

Маводҳои матбуоти даврӣ, расонаҳои хабарӣ ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба сиёсати давлат ва фаъолияти ҳизб, инчунин дигар ахбори ҷаҳонӣ мунтазам таҳлил карда мешаванд. Бо мақсади тарғибу ташвиқи ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин аз сомонаҳои интернетӣ ва матбуоти даврӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Нашрияи “Минбари халқ” инъикосгари фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, масоили ҷавонону занон буда, дар мавриди рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсил ва фаъолияти онҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, тарбияи ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонун дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат саҳми арзанда дорад.

Ҳадафу ормонҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо сиёсати умумии давлат оид ба ҳифзи истиқлолият ва таъмин намудани рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, имконияту захираҳои воқеӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ва тибқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ муҳимтарин самти кори нашрияи “Минбари халқ”, ҷавҳари аслии муҳтавои маводи он мебошад.

Тавре ки роҳбари кунунии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби “**Бист қадами созанда”-**и худ қайд кардаанд: **“Вазифаи меҳварӣ ва асосии давлату ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамзамон Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муттаҳид намудани тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишвар дар атрофи ғояи “Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол-Ватани маҳбуби ҳамаи мо” чун нуқтаи пайванд ва ҳалқаи баҳамоварандаи тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ, чун василаи муассиртарини ҳифзи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлоли мо мебошад” [1, с.1].**

Бояд гуфт, ки дар ин замина ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он хусусан дар шароити пуртазоду печидаи солҳои охир, рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ муҳим буда, самтҳои асосии фаъолияти нашрияи “Минбари халқ”-ро ташкил медиҳад.

Омӯзиш ва таҳқиқи рӯзномаҳои ҳизбӣ аз муҳимтарин масъалаҳои илми журналистикаи тоҷик мебошад. Зеро дар ин гуна рӯзномаҳо, ки, пеш аз ҳама, ташвиқи сиёсати ҳизби худиро дар мадди аввал мегузоранд ва муҳимтарин матолиби он вобаста ба фаъолияти ҳизби муассис аст, яке аз рӯзномаҳои ҳизбии серхонандаи муосир “Минбари халқ” мебошад. Муассисаи “Минбари халқ” КИМ Ҳизби Халқии Демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки он шурӯъ аз моҳи декабри соли 1994 ба фаъолият оғоз карда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 309 ба қайд гирифта шудааст.

Рӯзнома аз нигоҳи сохтор ба дигар рӯзномаҳо шабоҳат дошта, бо андозаи А3 бо тиражи 49190 нусха аз чоп мебарояд.

Маводи рӯзнома зери гӯшаҳои “Ҳафтаи Президент”, “Мулоҳиза”, “Нақшдодҳои олам” “Иҷтимоиёт”, “Маънавиёт”, “Ислоҳот”, “Нишасти матбуотӣ”, “Тандурустӣ”, “Ҳаёти ҳизб”,, “Ҳамкорӣ”, “Ватандорӣ”, “Ҷавонон ва ҷомеа”, “Дарси хештаншиносӣ” “Иқтисодиёт”, “Танзим”, “Мусоҳиба”, “Фарҳанг”, “Варзиш”ва амсоли ин нашр мешавад [4].

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти нашрияи «Минбари халқ» инъикоси масоили сиёсии кишвар маҳсуб меёбад. Рӯзномаи мазкур дар инъикоси масоили сиёсии кишвар мавқеи назаррас дошта, аҳолиро бо иттилооти гуногуни сиёсӣ таъмин менамояд. «Минбари халқ» чун нашрияи ҳизби ҳоким бешубҳа аз сиёсати кунунии Президент ва Ҳукумат пуштибонӣ мекунад. Сафарҳои дохилӣ ва мулоқот бо аҳолӣ, ҷамъомадҳо, маҷлисҳо ва ҷашнҳо бо ҳузури Роҳбари давлат, шарҳи қонуну қарорҳои нави ҳукумат, сиёсати созандагию бунёдкорӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, тавзеҳи ҳадафҳои стратегӣ, истиқлолият, арзишҳои миллӣ, ойини ватандӯстӣ, ҳамзистии мусолиматомез, роҳҳои ҳифз ва тақвияти ваҳдати миллӣ, фаъолияти парламент, вазъи экологӣ, пайомадҳои тағйирёбии иқлим, ҷойгоҳи ҷавонон, нақши занон, вазъи соҳаи кишоварзӣ, пешрафтҳо ва мушкилоти иқтисодиёт, саноат, технология, ислоҳоти соҳаи маориф, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, самтҳои муҳофизат, ҳифзи ҳуқуқи муҳофизирон, вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва амсоли ин дар пешорӯйи вазифаи кормандони рӯзнома қарор дорад.

Матолиби рӯзномаи мазкур дар мавзӯъҳои вобаста ба ҳаёти ҳизб, паёмҳои Сарвари давлат, ҳамкориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, қонунҳо ва вазъи амалишавии онҳо дар ҷомеа, нақшаҳои ояндаи ҳизб ва ғайра дарҷ мешаванд. Гузашта аз ин, ҷоиз ба зикр аст, ки дар нашрияи мазкур бо вуҷуди ҳизбӣ буданаш баъзан матолиби гуногун вобаста ба ҳаёти варзиш, иқтисодиёт, мушкилот низ ба табъ мерасад.

Бештари ҳолатҳо дар саҳифаҳои якум ва дуюм гузоришу хабарҳо вобаста ба ҷаласаҳои Сарвари давлат, аъзои парлумон, сафарҳои кории сарварони ҳизб ва ғайра дарҷ мешаванд. Дар саҳифаҳои минбаъда матолиби мухталиф вобаста ба муҳиммият ва аҳаммият ҷой дода мешаванд.

Ҳамчунин, дар ин нашрия зери гӯшаи “Авзои ҷаҳон” хабару мақолаҳои вобаста ба вазъи ҷаҳон дарҷ мешаванд. Маводи ин гӯша бевосита ва ё бавосита ба Тоҷикистон иртибот дорад, ё ин ки он маълумот ба муносибатҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ягон ҷанбаи тавъам дорад. Аз ин лиҳоз, баъзе аз чунин маводҳо хусусияти сиёсӣ доранд. Ин нашрия як воситаи асоситарин барои ташвиқи идеологияи ҳизби сиёсӣ ва дар баробари ин,

василаи муҳимми бархӯрдоркунандаи аудитория аз ҳаёти ҳизби зикргардида маҳсуб меёбад.

Тавре қайд кардем, ҳафтаномаи “Минбари халқ” нашрияи КИМ Ҳизби Халқии Демократи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва бо назардошти ин, маводи нашрия аз нигоҳи мундариҷа ва фарогирии мавзӯъ махсусиятҳои ба худ хос дорад. Ин вежагиҳои хос тафовути рӯзномаро аз рӯзномаҳои дигар таъмин менамояд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки жанри хабар яке аз жанрҳои серистеъмол дар нашрия ба шумор меравад, зеро қариб дар саҳифаҳои аввали ҳар як шумораи он дар қолаби ин жанр мавод нашр мешавад. Хабарҳои рӯзнома аз нигоҳи аҳаммияти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарогирии мавзӯъ ҷой дода мешаванд ва дар ин бобат бояд қайд кард, ки хабарҳои сиёсӣ дар сутунҳои болои саҳифа ҷой мегиранд [7].

Ҳафтанома дар инъикоси сиёсати кишварҳои хориҷӣ низ пайваста талош намуда, таҳлилгарон барои инъикоси масоили сиёсии давлатҳои абарқудрат кӯшиш мекунанд, ки бевосита ба Тоҷикистон таъсир доранд. Дар ин авохир даргириҳое, ки дар минтақаҳои алоҳидаи Ховари Миёна рӯй дода истодааст, на танҳо аҳолии кишварҳои ҷангзада, балки Тоҷикистонро низ ба таҳлука овардааст. Кишварҳои Ховари Миёна ба Тоҷикистон ва сулҳу суботи кишвари мо таъсири бевосита доранд.

Дар шумораи №1 (1033) –и ҳафтаномаи “Минбари халқ” мавод таҳти унвони “Хашми Арабистону Эрон чӣ пайомад хоҳад дошт?” зери гӯшаи “Нигоҳ аз Душанбе” нашр гардидааст. Маводи мазкур аз нигоҳи жанрӣ дар қолаби жанри таҳлилӣ, аниқтараш мақола таълиф гардидааст, ки муаллифаш С.Юсуфов мебошад. “Кушта шудани 1 рӯҳонии шиа дар қатори 46 нафари дигари муттаҳам ба терроризм дар Арабистони Саъудӣ шиамазҳабони дунёро ба шӯр овард”. Муаллифи мавод сабабҳои асосии кушта шудани як рӯҳонии шиамазҳабро дар Арабистони Саъудӣ беасос маънидод намуда, қайд кардааст, ки ин метавонад дар оянда сабаби зуҳури эътирозҳои нав байни шиамазҳабон ва суннимазҳабон гардад. Ҳамчунин, муаллиф аз интиқоди ҳукумати Эрон нисбат ба ин пайомад ёдовар шуда, оқибатҳои чунин шакл гирифтани ҳодисаро нохуш маънидод кардааст. Аҳаммияти маводи мазкур дар он аст, ки дар ин авохир бинобар даргириҳои шадиди динию мазҳабӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳлука афтодааст. Маҳз ҳамин мушкилот дар маводи мазкур мавриди инъикос қарор гирифтааст. Аз сабаби он ки фисади зиёди аҳолии кишвари моро мусалмонон ташкил медиҳанд, онҳо доир ба ҳаёти ҳамарӯзаи мардуми мусалмони дунё донистан мехоҳанд. Мавриди зикр аст, ки нооромиҳо дар кишварҳои араб аз ҷиҳати иқтисодӣ низ ба Тоҷикистон таъсиргузор аст. Аз сабаби он ки кишварҳои Араб манбаи асосии таъминкунандаи кишварҳои зиёд бо маҳсулоти нафт ба шумор меравад, онҳо метавонанд дар баланд ва ё паст шудани нархи нафт дар миқёси бозори ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда бозанд. Маҳз ҳамин нукта дар маводи мазкур хеле хуб шарҳ ёфтааст: “То ҳол гуфта мешуд, ки Арабистон бо маслиҳати кишварҳои ғарбӣ ва бо мақсади зарари бештар ворид кардан ба иқтисоди Русия нархи нафтро ба таври сунъӣ поён мебарад”. Азбаски Тоҷикистон аз кишварҳои қабулкунандаи нафт аз дигар давлатҳо мебошад, аз ин рӯ, барои он вазъи кишварҳои истихроҷкунандаи нафт басо муҳим аст. Барои Тоҷикистон кишваре, ки ҳам бо Эрон ва ҳам бо кишварҳои Араб равобити хуб дорад, низову муноқишаҳои ду тараф фоидаовар нест.

Бо вуҷуди ин ки бо ҳар кадоме аз ин кишварҳо робита ва ҳамкориҳои иқтисодии мо дар сатҳи миёна аст, вале тирагии муносибати Арабистон ва Эрон ба муносибатҳои дуҷониба бетаъсир нест. Маводи мазкурро аз нигоҳи тарзи пешниҳод, услубҳои таҳлил ва меъёрҳои таҳқиқи масъала мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷае расидем, ки мавод дар баробари аҳаммият аз камбудиҳо низ орӣ нест. Зеро дар он фикру назарҳои коршиносон, масоили сиёсӣ ва андешаҳои фарзиямонанди низоъшинсон ба назар намерасад, ки метавонист ба ояндаи тираи муносибатҳои байни кишварҳои Араб ва Эрон рӯшание андозад. Зеро андешаи як нафар наметавонад, ба сифати андешаву тафаккури умум баромад кунад. Ин дар ҳолест, ки талаботи асосии маводи таҳлилӣ дар матбуот овардани фикру андешаҳои коршиносону мутахассисони гуногун барои кушода додани моҳияти аслии масъала мебошад.

Зери гӯшаи “Нигоҳ аз Душанбе” дар шумораи № 11 (1043) маводи Солеҳ Юсуфовро таҳти унвони“Туркияро дигаргуниҳо дар пеш аст?” ба табъ расонидааст. “Аз амали террористии шаби якшанбеи гузашта (13 март) дар пойтахти Туркия ба ҷузъ 37 нафар қурбонӣ садҳо нафар ҷароҳат бардоштанд.” Баҳонаи таълифи маводи мазкур ҳодисаи таркиш дар шаҳри Анқараи Туркия буда, муаллиф бо овардани чанд ҳолати таркиш дар ин кишвар доир ба вазъи давлати Туркия изҳори назар кардааст. Маводи мазкур фарогири таҳлилҳои асосноки муаллиф дар атрофи масъалаи мавриди назар буда, нигоранда бо овардани фактҳои асосӣ ва далелҳои пуркунанда моҳияти аслии масъаларо мавриди инъикос қарор додааст. Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ ин масъаларо хуб омӯхта, дар раванди таснифи мавод аз санадҳои амиқ, изҳорот ва суханрониҳои намояндагони мақомотҳои қудратии Туркия ва фикру назарҳои коршиносон ба таври комил истифода кардааст. Ҳадафи асосии муаллиф бо овардани якчанд ҳолатҳои таркиш

ва ноором гаштани вазъи осоиштаи ин кишвар танҳо расонидани иттилоот дар ин бора набуда, инчунин таъсири вазъи нооромии Туркия ба Тоҷикистон низ аз муҳимтарин мақсадҳои муаллиф ба шумор меравад. Дар рӯзномаи мазкур таълифи чунин мавод, аз як ҷиҳат, барои ташаккули тафаккури иҷтимоиву сиёсии хонанда мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои ба вуҷуд овардани афкори асоснок байни ҷомеа таъсир мерасонад. Зеро маҳз таҳлил, баррасӣ ва баҳсҳо метавонад, боиси тавлиди ҳақиқат гардад. Яке аз заъфҳои журналистикаи кишвари мо дар он аст, ки дар ВАО-и чи давлативу чи хусусӣ таҳлилҳои объективонаи таҳлилгарон перомуни муносибатҳои геосиёсии кишварҳо ва вазъи кишварҳои минтақаҳои алоҳида кам андар кам ва ё ба таври сатҳӣ мавриди инъикос қарор мегиранд.

Нашрияи мазкур новобаста аз он ки ба гурӯҳи нашрияҳои ҳизбӣ шомил аст ва рисолати асосиаш инъикоси ҳамаҷонибаи ҳаёти ҳизб аст, дар баробари ин, дар инъикоси мавзӯъҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти хоҷагии халқи мамлакат нақши муассир дорад. Тавре ки дар боло ёдовар шудем, дар баробари масоили сиёсӣ, инчунин дар шумораҳои нашрия перомуни масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва ғайра маводи зиёд ба нашр расидааст.

Дар маҷмӯъ метавон чунин натиҷа гирифт, ки рӯзномаи “Минбари халқ” фарогири муҳимтарин мавзӯъ ва масъалаҳои дохиливу хориҷӣ буда, бо инъикос ва баррасии муҳимтарин матлабҳо дар рушди матбуоти ҳизбии тоҷик саҳми намоён доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. - С.15.
2. Газетные жанры [Текст]. – М., 1971. – 184 с.
3. Горохов, В.В. Методы журналистского творчество [Текст] / В.В. Горохов, Е.П. Прохоров. – М., 1982. – 151 с.
4. Усмонов, И. Таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1997. – 160 с.
5. Усмонов, И.К. Журналистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2008. – Қ.3. – 448 с.
6. Салихов, Н.Н. История таджикской журналистики [Текст] / Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2014. – 136 с.
7. Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродов. – Душанбе: Сино, 1998. – 60 с.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ҶОМЕА ДАР РӮЗНОМАҲОИ ҲИЗБӢ

(дар мисоли рӯзномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон “Минбари халқ”)

Дар мақолаи мазкур баррасии инъикоси масъалаҳои муҳимми ҷомеа дар рӯзномаи ҳизбӣ дар мисоли рӯзномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон “Минбари халқ”мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Яке аз нишонаҳои муҳимми ҷамъияти воқеан демократӣ озодии сухан, мавҷудияти матбуоти оппозитсионӣ, бемамониат фаъолият намудани ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мебошад. Ҳамаи ин дар Тоҷикистони имрӯза вуҷуд дорад ва касе онро инкор карда наметавонад. Зеро инъикоси воқеаву рӯйдодҳои мамлакат, минтақа ва олам фаъолияти рӯзмарраи расонаҳои хабарӣ маҳсуб меёбад, вале матбуоти ҳизбӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ва интихоботӣ чун обу ҳаво зарур аст. Дар матбуоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон рӯзномаи “Минбари халқ”, маҷаллаҳои “Меҳвар”, “Зани муосир” ва дигар воситаҳои хабарии қонунӣ мавҷуданд, ки манфиатҳою идеяҳои худро ҳимоя карда, интишор дода истодаанд, ки дар айни замон фаҳмо, одӣ, равшан ва таъсирбахш мебошад.

Калидвожаҳо: инъикоси масъалаҳои муҳимми ҷомеа, рӯзномаи ҳизбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон “Минбари халқ”, инъикоси воқеаву рӯйдодҳои мамлакат, фаъолияти рӯзмарраи расонаҳои хабарӣ

ОТРАЖЕНИЕ НАСУЩНЫХ ВОПРОСОВ ОБЩЕСТВА В ПАРТИЙНЫХ ГАЗЕТАХ

(на примере газеты “Минбари халк” Народно-демократической партии Таджикистана)

В статье рассмотрены процессы отражения насущных вопросов общества в партийной газете на примере газеты Народно-демократической партии Таджикистана “Минбари халк”. Одними из важных признаков демократического общества являются свобода слова, существование оппозиционной периодики и беспрепятственная деятельность различных олитических партий. Все это действует в современном Таджикистане, и никто не сможет опровергнуть данное высказывание. Так как отражение событий и явлений происходящих в стране является каждодневной работой информационных агентств, но партийная периодика очень важна в период политических и избирательных мероприятий. При Народно-демократической партии Таджикистана на законодательной основе ведут свою деятельность редакции газеты “Минбари халк”, журналов “Мехвар”, “Зани муосир” и другие информационные средства, которые защищают свои интересы и идеи, которые доступны для каждого и очень воздейственны.

Ключевые слова: отражение насущных вопросов общества, партийная газета Народно-демократической партии Таджикистана “Минбари халк”, отражение событий и явлений страны, ежедневный труд информационных средств.

REFLECTION OF SOCIETY ISSUES OF THE COMPANY IN PARTY NEWSPAPERS

(on the example of the newspaper “Minbari Hulk” of the People's Democratic Party of Tajikistan)

The article discusses the processes of reflection of pressing issues of society in the party newspaper on the example of the newspaper of the People's Democratic Party of Tajikistan “Minbari Halk”. One of the important features of a democratic society is freedom of speech, the existence of opposition periodicals and the unhindered activity of various political parties. All this works in modern Tajikistan, and no one can refute this statement. Since the reflection of events and phenomena taking place in the country is the daily work of news agencies, but party periodicals are very important during political and election events. Under the People’s Democratic Party of Tajikistan, the editorial offices of the Minbari

Halk newspaper, the Mehvar, Zani Muosir and other information media that protect their interests and ideas, which are accessible to everyone and are very influential, conduct their activities on a legislative basis.

Key words: reflection of pressing issues of society, the party newspaper of the People's Democratic Party of Tajikistan “Minbari Halk”, reflection of the events and phenomena of the country, daily work of information media.

Сведения об авторе: ***Бобоева Барно Раufовна*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, аспирант кафедры журналистика и теории перевода. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **Furkatdzhon.babayev.80@bk.ru**. Телефон: **(+992) 927-01-13-55**

Information about the author: Boboeva Barno Raufovna - Khujand State University named after B. Gafurova, graduate student of the Department of Journalism and Translation Theory. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1. E-mail: **Furkatdzhon.babayev.80@bk.ru. Phone: (+992) 927-01-13-55**

УДК: 070+050 (575.3)

МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ ДАР МУҲИТ ВА ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти маҳаллӣ муҳити хосси худро дошта, дар заминаи он муносибати гуногуншеваи ҳайати эҷодии нашрия нисбат ба омма ва умуман фазои иттилоотӣ ба миён меояд. Муҳити мазкур як чизи худрӯ нест ва он дар асоси қонуниятҳои объективии мавҷуда ба миён меояд. Дар зери таъсири ин муҳит бошад, корманди он нашрия ҳатман сиёсати маълуму мавҷудаи муассисро дарк менамояд ва як навъ самти фаъолияти худро мушаххас карда метавонад. Ин далелҳо бозгӯи онанд, ки матбуоти маҳаллӣ бо муҳити худ натанҳо мавҷудияташро нигоҳ медорад, балки имкон дорад дар оянда ба як воситаи неруманди фазосоз низ табдил ёбад. Табиат, талабот ва хусусияти аудиторияи маҳал низ муҳити матбуоти маҳаллиро ба вуҷуд меорад. Ҳамчунин мардуми маҳал дар шаклгирии муҳити тамоми навъи васоити ахбор таъсири рӯзмарра дошта метавонанд. Дар шароити имрӯза хонандаи матбуоти маҳаллиро бештар омӯзгорони деҳот, кормандони алоҳидаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия, нафақахӯрону бознишастаҳо ташкил медиҳанд, ки ба ҳар сурат иқтидори муайяни аудиторияи ин матбуотро ифода менамоянд. Аз ин сифатҳо чунин бардошти дигар низ ба вуҷуд меояд, ки муҳити матбуоти маҳаллӣ ҷузъиёти маҳдуд низ нест: **«...ҳар нашрия бояд фаромӯш насозад, ки газетааш нахуст барои мардуми маҳал ва баъдан барои хонандаи берун аст. Чунонки Ҷин Роберт мегӯяд, журналистика бо маҳлули ахбор маҳалро ба ҷаҳон мепайвандад»** [9, с.63]. Албатта, дар ин ҷо масъалаи сиёсати иттилоотии васоити ахбор ба миён меояд, ки дорои қонуниятҳои маълуми худ буда, ҳамчун як ришгаи пайвандӣ бо омма зарурати мавҷудияти онро таъкид кардаанд. Сиёсати иттилоотии ВАО ин захираи стратегиии инкишофи минтақаҳо мебошад, ки натанҳо дар намуди зоҳирии шаҳру ноҳия таъсир мерасонад, балки дар шаклгирии афкори умуми шаҳрҳо, ноҳияҳо ва маҳалҳои алоҳида нақш дошта метавонад. Раванди мазкур дар ба вуҷуд омадани майдони иттилоотии мусбати мувофиқ, дар баланд гаштани рейтинги як маҳал дар минтақа, баробарҳуқуқии аҳолӣ, баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ ва дар суръат гирифтани пешрафти анъанаҳову тамаддуни мардуми як маҳал таъсири амиқ мегузорад. Дар робита ба ин хосиятҳо, аз рӯйи ақидаи В.Ворошилов **“...аз рӯйи хислат ва доираи муайяни як ҳудуд як навъи матбуот бо номҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ шакл пайдо менамояд”** [2, с.163]. Яъне, хислат ва доираи як ҳудуд муҳитсоз мебошад ва дар ин замина муҳити матбуоти маҳаллиро як чизи ҷузъиву сода гумоштану пазируфтан чандон саҳеҳ нест. Муҳити матбуот неруи таҳрикдиҳандаи инкишофи васоити ахбор ба шумор меравад. Муҳити матбуот иқтидори рӯзномаро муайян менамояд ва пойдории ин муҳит кафили бақову афзудани шумораи аудитория ба ҳисоб меравад. Ҳолати баръакси онро феълан дар кишвари мо дидан мумкин аст, ки ҷой надоштани муҳити хосси матбуоти маҳаллӣ эътибори ин матбуотро аз байн бурда истодааст.

Ташхиси фазову муҳити матбуоти маҳаллӣ дар Русия нисбатан осонтар аст. Дар Русия матбуоти маҳаллӣ яке аз бахшҳои муқтадири матбуоти ин кишвар аст, ки бо муҳити хосси худ аз ҷиҳати дар бар гирифтани шумораи аудитория дар фазои пасошӯравӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Қариб 2000 рӯзнома дар руйхати федеролӣ ба қайд гирифта шудааст. Ба ақидаи С.М.Гуреевич ҳудуд муҳитсоз аст ва хислату хусусияти ҳудуди паҳншавии рӯзнома имрӯз дар Русия муайянкунандаи шаклҳо ва типҳои рӯзномаҳо ба ҳисоб мераванд: **«...вобаста ба хусусияти ҳудуд рӯзномаҳои мо ба умумироссиягӣ, минтақавӣ-ҷумҳуриявӣ, кишварӣ, вилоятӣ, округӣ, байниминтақавӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва рӯзномаи ҷамъиятӣ тақсим мешаванд»** [3, с.69]. Бо назардошти ин таснифот матбуоти шаҳриву ноҳиявӣ дар ин кишвар бо мавзӯоти баланд ва универсалӣ дар доираи ҳаёти иҷтимоӣ доман густурда аст. Дар як давлату як кишвар метавонад, ки оҳанги баёни матбуоти як маҳал аз маҳалли дигар тафовути ҳатмӣ дошта бошад. Ин хосият ҳатто дар замони пуршиддати идеологии шӯравӣ ҳам ба назар мерасид, ки сензураи шадид ҳукмронӣ дошту ҳар як ифода дар

тавозуни хос баён мегардид. Маҳз ин сифат муайянкунандаи марзу доираи муҳиту фазои иттилоотии маҳал ба ҳисоб меравад.

Матбуоти ноҳияву шаҳр бо мавзӯъ ва масъалагузории худ фарқ дорад. Ин фарқ дар фарогирии амиқтар ва мавзӯъҳои гуногуни барои хонандаи он маҳал шавқовар дида мешавад. Инкишофу пешрафти давлат ба зинаҳои поёнии ҳокимият дар маҳалҳо вобастагии амиқтар дорад. Ҳокимияту давлат медонад, ки **«...инчунин матбуот таҳрикдиҳандаи афкори оммаи маҳал»** [4, с.47] аст ва тавассути матбуоти маҳаллӣ имкон пайдо менамояд, ки ҷузъиёти маҳдуд аз назар дур намонад. Мункир наметавон гашт, ки матбуоти милливу марказӣ бинобар минбари баланду васеъ будан имкон надорад, ки ин ҷузъиётро бинад. Тағйироту таҳаввулоти маҳалро васоити ахбори маҳаллӣ бештар ва фарогиртар инъикос карда метавонад. Ҳарчанд дар ин самт **«матбуоти маҳаллӣ ҳам аз ҷиҳати фарогирии мавзӯот, ҳам аз ҷиҳати ҳудуди пахш ва ҳам аз ҷиҳати доираи хонандагон то андозае маҳдуд аст»** [7, с.40]. Ба андешаи инҷониб, ақидаи боло марбут ба ҳамон муҳит ва фазои иттилоотии маҳал аст, ки баъзе маҳдудиятҳо дошта бошад ҳам, аммо молики истиқлоли махсус аст. Ин истиқлол, пеш аз ҳама, мушоҳида кардани ҷузъиёти воқеаву ҳаводис дар маҳал бидуни масофа мебошад, ки дарки он тавассути матбуоти марказиву миллӣ осон нест.

Гузашта аз ин, ВАО-и маҳаллӣ бештар ва пештар аз матбуоти марказӣ фазои иттилоотиро шакл мебахшад, ки дар асоси таҷаммӯи ин фазоҳо фазои ягонаи иттилоотӣ ба миён меояд. Ҳамагуна матбуоти маҳаллӣ дар роҳи сохтани муҳити худ дар як шакли робита ба маҳалли ҳамсоя қарор дорад. Қонунияте аз замони шӯравӣ маълум буд, ки бо назардошти фазои музофоту минтақаҳо **«аксаран матбуоти маҳаллии як минтақа ба ҳам хеле монанд мешаванд»** [8, с.67]. Ин монандиҳо ба чигунагии хусусиятҳои фарҳангӣ, сохти иқтисодӣ ва ҳатто хусусияти сиёсиву иҷтимоии маҳалҳо алоқаманд аст. Дар замони шӯравӣ дар заминаи мусобиқаҳои сотсиалистӣ як ноҳия бо ноҳияи дигар дар рақобати манфиатбахш қарор мегирифтанд ва аз таҷрибаи якдигар тавассути инъикоси дастовардҳо огаҳ мешуданд. Ҳам муҳити иттилоотии монанд ва ҳам мутафовутро раванди мусобиқаҳои сотсиалистӣ ба миён меоварданд.

Имрӯз бошад дар коркард ва интихоби маводи ахборӣ журналисти матбуоти маҳаллӣ соҳиби ҷаҳонбинӣ ва донишҳои хос аст. Ногузир донишҳои замонавии кор бо интернет ташаккул меёбад. Ҷараёнҳои иттилоотиро дарк менамояд ва мутобиқу мувофиқ бо ҳамоҳангӣ ба табъу завқи аудитория чизе тартиб додан мехоҳад. Сохтори жанрии дигаршударо ташхис ва махсусан дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ усул ва услуби навиштаву маводҳоро чун як эҷодкор дарк карда метавонад. Табиист, ки муҳити иттилоотии феълии матбуоти маҳаллӣ бо назардошти омилҳои фазои иттилоотӣ ташаккулу таҳаввул ва ҳам таназзул дидааст. Маълум аст, ки имрӯз дар фазои иттилоотии маҳалҳо бо ҷараёни заиф ҳам бошад, сомонаҳои алоҳида ташаккул ёфта истодаанд. Феълан доираи фаъолияти ҷуғрофии расонаҳо ба ҳамагуна воситаҳои иттилоотӣ дахл дошта метавонад. Ин омил ҳатто дар шароити феълӣ хосси сомонаҳо низ ҳаст: **«сомонаҳои маҳдуд (маҳаллӣ), ки танҳо дар доираи маҳалли ҷойгиршавияшон дастрасанд»** [5, с.109]. Аз ин бармеояд, ки ташаккули муҳити иттилоотии маҳал равандҳои хоссеро паси сар намуда, воситаҳои нав ба нави иттилоотиро молик мешавад. Махсусиятҳои журналистикаи чандрасонаӣ дар ин роҳ нақши амиқ дорад. Ташхиси хусусиятҳои муҳити матбуоти маҳаллӣ нишон медиҳад, ки ин навъи матбуот дар заминаи таъйиноти хосси идеологиву фарҳангиву иҷтимоӣ ташаккул меёбад ва дар ин замина чунин ҷузъиётро фарогир буда метавонад: **«Ҳар як рӯзномаи маҳаллӣ симои худро дорад, ки он аз чигунагии аудитория, махсусияти мардуми маҳал, сиёсату касбияту неруи эҷодии редаксия ва муносибати он ба сохтори ҳокимият пайдо мешавад»** [8, с.67]. Дар ҳамин самт матбуоти маҳаллӣ замоне бо муҳити хосси худ мактаби тарбия ва такомули касбӣ ба ҳисоб мерафт ва ин омил шояд имрӯз низ то ҳадде вуҷуд дошта бошад. Бо вуҷуди сарҳадҳову монеаҳо ин рӯзнома журналистро навиштан меомӯхт, мухбирони маҳаллиро ҷалб мекард, хонандаву донишҷӯи маҳалро ба навиштан водор мекард, доираҳои хурди адабии маҳалро ба вуҷуд меовард. Нависандаву публитсисти маҳаллиро ба дараҷаи камол мерасонид, ҳаққи қалам медоду ҳавасмандиро як андоза иҷро мекард. Барои хонандаи деҳотӣ нашрияи маҳаллии ӯ хонданитару маҳбубтар буд. Аз нигоҳи таърихӣ даргоҳи матбуоти маҳаллиро бо ин гуна муҳит баҳои арзанда додан мумкин аст. Ин даргоҳ муҳитеро соҳиб буд, ки дар камол бахшидани рӯзноманигорон, публитсистон ва адибону соҳибқаламони сатҳи васеътар нақш мебозид. Ба тарбиятдидагони ин даргоҳ бовару эътимод вуҷуд дошт. Аз миёни онҳо роҳбарони онвақтаи ноҳияву шаҳрҳоро интихоб менамуданд. Ин бовариву эътимод бошад, аз сарчашмаи дигар низ маншаъ мегирад, ки робитаи амиқи матбуоти марказиву маҳаллиро нишон дода, аз зери таъсир ва таҳти назорат қарор доштани ин муҳиту фазо дарак медиҳад. Маълум мешавад, ки рӯзномаҳои марказӣ барои рӯзномаҳои маҳаллӣ муҳаррирону кормандонро низ омода менамуданд: **«Сулаймон Зоҳирӣ яке аз собиқ муҳаррирони рӯзномаи «КТ» мегӯяд: «…сафҳои мухбирони мо нафақат меафзояд, балки байни онҳо даҳҳо нафар журналистони ҷавон ва шоирони ҳаваскор тарбия ёфта,**

тайёр шуда баромада истодаанд. Масалан: Мухбири пештараи «К.Т» Ғафур Юлдошев-ҳоло муҳаррири газетаи райони Шаҳринав, мухбири колхозии «К.Т» Ҷӯра Назарӣ-котиби газетаи райони Конибодом, мухбири фаъоли мо Усмонҷон Зоҳиров курси кӯтоҳмуддати муҳаррирони газетаи райониро тамом карда, котиби масъули газетаи «Бадахшони сурх» аст» [1, с.32]. Мафҳуми "курси кутоҳмуддати муҳаррирони газетаи районӣ» ба мо аз бисёр ҷанбаҳои дигар ҳикоят менамояд. Пеш аз ҳама, бозгӯи бунёди муҳиту фазои хосси иттилоотии маҳалро нишон дода, хусусиятҳои умдаи фаъолиятро дар ин навъи матбуот бозгӯ менамояд. Рӯҳия ва муҳити хосси сиёсиву иҷтимоии маҳал дар назар дошта мешавад, ки онро месохтанд. Ин тамоюл низ хосси замони шӯравӣ мебошад ва феълан чунин раванду муҳиту ҳолат қариб, ки вуҷуд надорад. Акнун даҳсолаи сеюм аст, ки матбуоти маҳаллии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар қолабу чаҳорчӯбаи маълуми дигар инкишофу таҳаввули худро ёфта истодааст. Дигарбора ба вуҷуд овардани муҳити собиқ ғайриимкон аст. Ақидаи дигаре роиҷ аст, ки дар бораи муҳити ояндаи матбуоти маҳаллӣ чизе гуфтан як навъ душвориву ҳаросро низ ба миён меорад. Яъне, тавсифи муҳити матбуоти маҳаллӣ танҳо дар заминаи фаҳмишҳои таърихӣ ба амал меояд: **«Рӯзномаҳо низ чун одамон, ҳамроҳ бо хонандагони худ пир мешаванд. Ингуна нашрияҳо аз ҳама беш дар матбуоти маҳаллӣ мебошад»** [8, с.69]. Пиршавии матбуоти маҳаллӣ аз рӯйи мушоҳидаҳо чандон фикри носаҳеҳ намебошад. Таҳқиқу омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари нашрияҳои маҳаллии мо ҳамон ҷузъиёти аз муҳити шӯравӣ меросмонда ҳукмронӣ дорад. Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик низ **«анъана ва хусусияти дигари матбуоти маҳаллӣ он аст, ки дар он собиқадортаринҳо кор мекунанд»** [7, с.72]. Албатта, пурра гуфтан ҷоиз нест, ки дар матбуоти маҳаллии феълии мо танҳо пиронсолон кор мекунанд. Ҳузури ҷавонон истисно намебошад, аммо эҳсос кардан мумкин аст, ки ин муҳит бидуни муҳити собиқ вуҷуд дошта наметавонад. Ба ибораи дигар, ҳанӯз ҷавонон муҳити нави матбуоти маҳаллиро шакл набахшидаанд. Ба ин раванди ҳанӯз ташаккулнаёфта чанд ҷиҳат сабаб шуда метавонад. Дар мадди аввал завқи коҳидаи аудиторияи маҳаллӣ нақш дорад. Сониян рӯҳи заифи идеологии матбуоти маҳаллӣ наметавонад, ки самтҳои инкишофи ин навъи матбуотро пурра ба вуҷуд оварад. Агар дар замони сотсиализм ин навъи матбуот бо муҳити хосси худ ҳамчун таҳрикбахшандаи афкори мардуми маҳал танҳо дар як самти мушаххас вуҷуд дошта бошад, пас имрӯз фаъолияти худро бо назардошти қонуниятҳои бозори иттилоотӣ ба роҳ мегузорад: **«Матбуоти маҳаллӣ танҳо бо назардошти шароити маҳал ва талаботи хонандаи худ амал накарда, шакли хосси фаъолияти худро дар роҳи чӣ гуна пешниҳод кардани мавод ба роҳ мегузорад»** [8, с.67].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ тафаккури ҷомеа доиман дар зери таъсири омилҳои тиҷорӣ қарор дорад. Он ҳар лаҳза дигар шуда метавонад. Яъне, оммаро наметавон зери фаҳмиши ягона тарбияву муътақид намуд. Танҳо рӯзномаву маҷаллаҳои оммавӣ маҳаллӣ намешаванд, балки матбуоти илмӣ низ вобаста ба хосиятҳои илмиву зеҳнии як минтақа метавонанд, ки илмӣ, фарҳангӣ, этникӣ, экологӣ, расмӣ ва махсусу рекламавӣ шавад.

Муҳитсозӣ дар матбуоти маҳаллӣ имрӯзҳо бо усулҳои классикӣ сурат мегирад. Ба таври мисол, дар самти ҷалби аудитория ҳокимиятҳои маҳаллӣ обунаҳои иҷбориро низ ба роҳ мегузоранд, ки бо вуҷуди паҳлуҳои манфӣ ҷанбаҳои мусбатро низ фаро мегиранд. Яке аз он ҷанбаҳои мусбат нигоҳ доштани алоқаву робитаи хонанда ба матбуоти маҳаллӣ мебошад, ки гусаста гардидани ин алоқа ҳолати ногувореро дар фазои иттилоотии маҳал ба миён меорад. Қонуният маълум аст, ки даромади муқимони шаҳр аз ноҳияҳо баландтар аст. Ин ҳолат бештар хосияти матбуоти расмӣ-давлатӣ дар маҳалҳо мебошад. Ба роҳ гузоштани обуна ва дар асоси маблағҳои муайян фаъолият доштани он муҳити қолабиву обшустаи матбуоти маҳаллиро барқарор нигоҳ медорад. Ин гуна сифату хосият аз назари муҳаққиқон чунин баррасӣ мегардад: **«Чигунагии шакли рӯзномаро бештар аз ҳама муносибати он бо ҳокимият муайян мекунад. Кифоя аст, ки ба саҳифаҳои чунин рӯзнома назар андозем: ана раиси шаҳр ё ноҳия дар утоқи худ нишастааст; ана ӯ бо роҳбарони кадом як корхона суҳбату мулоқот дорад…»** [8, с.70]. Яъне, вобастагиву дастнигарии матбуоти маҳаллӣ намегузорад, ки муҳити шахшуда аз марзу сарҳадҳои муайян берун барояд.

Ҳар як маҳал доираи хос ва услуби хосси зиндагии худро дорад. Сокини як маҳал дар ин маврид табъу завқи хосси қабули матолибро соҳиб мебошад. Бо маънавиёту фарҳанги худ як маҳал метавонад, ки барои маҳалли дигар як навъ намуна бошад. Ҳамин аст, ки баъзан матбуот, радиову телевизион ва оҷонсии хабарии як минтақаву маҳал марзҳои худро убур намуда, моҳияти сартосарӣ низ пайдо менамоянд, ки ин ҷиҳатро феълан дар журналистикаи мамолики пешрафтаи ҷаҳонӣ дида метавонем. Чунин ҳолат гувоҳи он аст, ки фазои шоиставу мутафовути маҳал ба сифати мавод ва умуман маҳсули воситаи ахбор таъсир мерасонад. Албатта, васоити ахбори як маҳал ба таври ҳамеша, дар сатҳу дараҷаи гуногун чун як қисмати фазои иттилоотӣ боқӣ мемонад.

Бо муқаррароту нишондоду фишор имрӯз рӯзномаи маҳаллиро бонуфуз гардонидан амали саҳлу сода нест. Ин услуб дар замони шӯравӣ ҷой дошт, ки системаи ягонаи тарғибу ташвиқ дар доираву сарҳадҳои мушаххас самти фаъолияти нашрияи маҳаллиро дақиқ

месохт. Аммо дар шароити интихоби васеъ ин усул фарсуда аст ва ҳатто ба кор низ намеояд. Ҳарчанд ба таври сунъӣ тираж зиёд карда шавад, фаврият баланд бардошта шавад ва сифати рӯзнома беҳтар гардонида шавад ҳам, аммо майдони рақобат бо таъсири худ метавонад он ҳамаро барҳам занад. Нақши хабарии рӯзномаи маҳаллӣ дар сатҳи ночиз қарор дошта бошад ҳам, вале хосияти маълумотномагии он яке аз омилҳои мавҷудияти имрӯзаи он аст. Бовариву эътимоди бештари аудиторияи он ба ҳамин ҷабҳа вобастагӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Атовулло Х. Пайванди пайкараҳо: Дастури таълимӣ / Х.Атовулло. - Душанбе, 2000. – 107 с.
2. Ворошилов В.В. Журналистика. Базовый курс: Учебник / В.В.Ворошилов. - СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2004. – 700 с.
3. Гуревич С.М. Газета: Вчера,сегодня, завтра: Учебное пособие для вузов / С.М.Гуревич. - М.: Аспект Пресс, 2004. – 228 с.
4. Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). - Душанбе, 2018. – 94 с.
5. Муқим Ҷ. Журналистикаи мултимедиявӣ: Дастури таълимӣ / Ҷ.Муқим. - Душанбе, 2016. – 127 с.
6. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ / М.Муродов. - Душанбе, 2011. - 143 с.
7. Муродов М.Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М.Б. Муродов. - Душанбе: Аржанг, 2017. – 224 с.
8. Типология периодической печати / Под редакцией доктора филогических наук, профессора М.В.Шкондина, кандидата филогических наук, доцента Л.Л.Реснянской. Учеб. пособие. - М.: АСПЕКТ ПРЕСС, 2009. – 236 с.
9. Саъдуллоев А. Нақвои наҷотофарин (маҷмӯаи мақолаҳо) / А.Саъдуллоев. - Душанбе, 2008. – 112 с.
10. Фомичева И.Д. Журналистика и аудитория.(теоритические проблемы и опыт изучениея городскои СМИ и пропаганды) : Учебное пособие / И.Д.Фомичева. - М.: Идательство Московского университета, 1976. – 158 с.

МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ ДАР МУҲИТ ВА ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ

Дар ин мақола дар бораи мавқеи матбуоти маҳаллӣ дар муҳиту фазои иттилоотӣ сухан меравад. Рақобатҳо ва интихоби васеъ собит намудааст, ки дар баробари як ҷузъи фазои иттилоотии умумӣ будан, матбуоти маҳаллӣ муҳити хосси худро низ дошта метавонад. Маҳз дар заминаи он муносибати гуногуншеваи ҳайати эҷодии нашрия нисбат ба омма ва умуман фазои иттилоотӣ шакл мегирад. Бо таъсири ин муҳит корманди нашрия ҳатман сиёсати маълуму мавҷудаи муассисро дарк менамояд ва як навъ самти фаъолияти худро мушаххас карда метавонад. Матбуоти маҳаллӣ бо муҳити худ натанҳо мавҷудияташро нигоҳ медорад, балки имкон дорад ба як воситаи неруманди фазосоз низ табдил ёбад. Табиат, талабот ва хусусияти аудиторияи маҳал низ муҳити матбуоти маҳаллиро ба вуҷуд меорад. Аз оғоз хонандаи матбуоти маҳаллиро бештар омӯзгорони деҳот, кормандони алоҳидаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия, нафақахӯрону бознишастаҳо ташкил медиҳанд, ки баёнгари муҳиту фазои мутафовут мебошад. Дар ҳақиқат, **ҳар нашрия бояд фаромӯш насозад, ки газетааш нахуст барои мардуми маҳал ва баъдан барои хонандаи берун аст.** Муҳити матбуот иқтидори рӯзномаро муайян менамояд. Оҳанги баёни матбуоти як маҳал аз маҳалли дигар тафовути ҳатмӣ дошта метавонад. Ин сифат муайянкунандаи марзу доираи матбуоти маҳаллӣ дар муҳиту фазои иттилоотии маҳал ва кишварҳо ба ҳисоб меравад. Ин **матбуот таҳрикдиҳандаи афкори оммаи маҳал мебошад** ва тавассути матбуоти маҳаллӣ имкон пайдо ҳаст, ки ҷузъиёти маҳдуд аз назар дур намонад. Ин имконро матбуоти милливу марказӣ ба таври доимӣ надорад. Дар маҷмӯъ ВАО-и маҳаллӣ бештар ва пештар аз матбуоти марказӣ фазои иттилоотиро шакл мебахшад, ки дар асоси таҷаммӯи ин фазоҳо фазои ягонаи иттилоотӣ ба миён меояд. Имрӯз ин муҳиту фазо дар заминаи донишҳои замонавии кор бо интернет ташаккул меёбанд. Ҷараёнҳои иттилоотӣ дарк карда мешаванд ва ҳамоҳангии хоссе ба вуҷуд меояд.

Калидвожаҳо: муҳит, фазо, доира, фаъолият, матбуот, иқтидор, вазифа, таблиғ, ҷараён, марказӣ.

МЕСТНАЯ ПЕЧАТЬ В ИНФОРМАЦИОННОМ СРЕДЕ И ПРОСТРАНСТВЕ

